**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

***Ба истиқболи 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Ravshanfikr.tj

ДУШАНБЕ
2016

ББК88.38+74 (2Тадж)

**Ҳайати таҳририя:**
***Абулҳаев Р., Акрамӣ З.И., Ғафуров А.М.,***
***Масов Р., Олимов К., Раҳимӣ Ф.Қ., Ҳотамов Н.***

***Зери назари доктори илмҳои таърих,***
***Акрамӣ З.И.***

***Муҳаррири масъул:***
***номзади илмҳои таърих,***
***дотсент Ғафуров А.М.***

**Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол.** – Душанбе, «Дониш», 2016, 463 саҳ.

ISBN ---------

© Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А. Дониши
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ПЕШГУФТОР

Соли 2016 мардуми шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон 25солагии истиқлолияти давлатии кишвари худро ҷашн мегиранд. Замони истиқлолияти давлатӣ, ки барои миллати тоҷик давраи нави давлатдорӣ маҳсуб меёбад, замони санҷишҳои ниҳоят гарон ва бунёди сохти нави давлатдорӣ буд.

Маълум аст, ки бо сабабҳои гуногун истиқлолияти миллии мо дар шароити тезутунди муборизаҳои сиёсӣ шакл гирифта, вазъи нооромии сиёсӣ рушди кишвари моро нисбат ба дигар ҷамоҳири собиқи шӯравӣ ба солҳо қафо партофт.

Хушбахтона, ақлу заковати халқи бофарҳанг ва кӯшишҳои ҷоннисоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, ки миллати мо сари вақт аз хатоиҳои содиршуда хулоса барорад ва роҳи осоиштаи инкишофи минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли хешро интихоб намояд.

Имрӯз, бо гузашти 25 соли истиқлолияти миллӣ бамаврид аст, ки роҳи тайнамудаи давлати соҳибистиқлоламонро тули ин давраи бурду бохтҳо пеши назар биёрем.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ба мустақил шудани ҷамоҳири ҳайати он мусоидат намуд, мо ба давраи нави давлатдории хеш - давраи соҳибихтиёрӣ оғоз намудем.

Бисту панҷ соли истиқлолияти миллиро мо метавонем ба ду давра тақсим намоем. Давраи аввал аз соли 1991 то соли 1997 - давраи мушкилот ва муборизаҳои сиёсӣ, паст рафтани иқтисодиёт, фарҳанг ва сатҳи иҷтимоии ҷомеа ва аз соли 1997 то имрӯз - давраи осоишта ва дарёфти дастовардҳои назаррас дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, давраи рушди демократия ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, давраи амалисозии лоиҳаҳои калон дар

соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, фарҳангу маориф, тандурустиву ободонии кишвар.

Дар давраи аввал мардуми Тоҷикистон тавонистанд зери сарварии роҳбари оқил – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар шароити душвори сиёсиву иқтисодӣ ба бунёди давлати навистиқлол заминаи мустаҳкам гузоранд ва дар ҷомеа сулҳу оромиро таъмин намоянд. Маҳз он қонуну қарорҳое, ки пас аз Иҷлосияи XV1 таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон қабул гардиданд ва бори аввал аз тарафи шаҳрвандони кишвар қабул шудани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкон доданд, ки давлати тозаистиқлоли мо таҳкурсии давлати хешро мустаҳкам намояд.

Барои давлати Тоҷикистон солҳои фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ (1997-2000) давраи имтиҳони ҷиддӣ дар роҳи сохтмони давлати демократӣ буд ва мардуми Тоҷикистон аз ин имтиҳон бо сарбаландӣ баромад. Вазифаи асосии Комиссия амалӣ сохтани шартҳои Созишнома буд. Ин шартҳо иборат буданд аз баргардондани муҳоҷирони иҷборӣ, тағйир додани қонунҳои мавҷуда доир ба азҳоби сиёсӣ, ҳаракатҳо ва васоити ахбори омма, ворид намудани тағйирот ба Конститутсияи ҷумҳурӣ ва ба муҳокимаи умумихалқӣ баровардани онҳо,ба қайд гирифтан ва бо кор таъмин намудани ҷангиёни мухолифин (6 ҳазор нафар), ба ҳайати мақомоти давлатӣ ворид сохтани намояндагони мухолифин (30%), ки то 1 апрели соли 2000 пурра ба иҷро расиданд. Дар ин давра тамоми ихтилофоте, ки байни Ҳукумати Тоҷикистон бо мухолифини сиёсӣ ҷой ҳалли худро ёфт ва Тоҷикистон ба давраи осоиштаи тараққиёти худ ворид шуд.

Сулҳу ваҳдат ва оромиву осоиштагӣ дар ҷомеа имкон фароҳам оварданд, ки дар Тоҷикистон раванди гузариш

ба бозори иқтисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва барномаҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар ин соҳа пурра амалӣ шаванд. Барномаҳои Ҳукумати Тоҷикистон, ки аз се ҳадафи стратегӣ: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ иборат аст, пайваста амалӣ мешавад. Имрӯз мо шоҳиди онем, ки дар мамлакат шоҳроҳҳо пурра таъмир гашта ҷавобгӯи стандартҳои байналхалқӣ шудаанд, нақбҳои калон бунёд ёфтанд, ки барои муомилоти иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни навоҳии кишвар шароити мусоид фароҳам овардаанд. Сохмони нерӯгоҳҳои хурду калон, бунёди корхонаҳои нави замонавӣ, ривоҷи соҳаи кишоварзӣ ҳама натиҷаи сулҳу ваҳдати миллӣ мебошанд.

Дар замони истиқлолият фарҳанги Тоҷикистон симои нав ба бар кард. Ҳукумати кишвар барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги ниёгон иқдомҳои наҷибро амалӣ намуд. Ҳамасола иншооти нави фарҳангӣ, мактабу боғчаҳои баччагона, марказҳои варзишӣ ба истифода дода мешаванд.

Дар асари дастаҷамъии мазкур, ки бо кӯшиши кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш омода шудааст, саҳифаҳои нисбатан муҳими замони истиқлолият ба қалам дода шудаанд.

Вазъи сиёсии кишвар дар ибтидои истиқлолият, ки бо мунокишаҳои сиёсӣ оғоз шуд, дар китоб баррасӣ шуда, олимон дар хусуси гуфтушуниди байни тоҷикон барои ба даст овардани сулҳу ваҳдат дар ҷомеа, ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, ки бо амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ рӯ ба инкишоф ниҳод, дар хусуси рушди фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ дар замони истиқлолияти давлатии мамлакат маълумот медиҳанд.

Дар асар нақши Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки таърихи ислоҳоти сохтори давлатӣ, ҳуқуқӣ, сиёсати хориҷӣ, иқтисодӣ, системаи бонкӣ ва молия, фарҳанг бо назардошти манфиати давлатдории соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва арзишҳои миллӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирад.

Ҳангоми омода намудани ин китоб муаллифон кӯшиш ба харҷ доданд, ки мазмуни он барои ноил шудан ба ягонагии миллӣ, волоияти арзишҳои таърихиву фарҳангии миллат мусоидат намояд.

# ТОҶИКИСТОН ДАР РОҲИ ҲИФЗИ ИСТИКЛОЛИЯТ

Бозсозии ҷомеаи шӯравӣ, ки дар нимаи дуюми солҳои 80-ум оғоз гардид, ҳаёти ором ва якранги замони шӯравиро халалдор сохт. Дар Тоҷикистон мисли дигар ҷумҳуриҳо талошҳо аввал дар масъалаҳои фарҳангӣ, пеш аз ҳама масъалаи забони тоҷикӣ, сурат гирифта, нерӯҳои сиёсие ба зуҳур омаданд, ки ба заволи давлати шӯравӣ сабаб шуданд.

Дар ибтидои солҳои 90-ми асри XX, дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС давлатҳои нави мустақил ба вуҷуд омаданд. Ба даст овардани истиқлолият дар назди давлатҳо як чанд вазифаҳои тақдирсозро гузошт. Ин пеш аз ҳама мустаҳкам намудани мустақилият ва дар асоси намунаҳои тамаддуни муосир таъсис ва дуруст ба роҳ мондани таҳкурсии сиёсати дохилӣ ва хориҷии онҳо буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қатори ин давлатҳои мустақил дохил буд дар наздаш вазифаҳои мустақилона муайян намудани сохторҳои нави сохтмони давлати миллӣ ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ меистод.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-ми асри 20 дар натиҷаи сиёсати бозсозӣ дар ҳаёти ҷомеаи кишвар аломатҳои гуногунақидагӣ, ошкорбаёнӣ, таъсиси созмону ҳизбҳои нав ва демократия ба ҷомеа ворид шуданд. Зиёиёни тоҷик исроркорона қабули Қонуни Забонро талаб менамуданд ва 22 июли соли 1989 Қонун доир ба мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ қабул гардид.

Аз моҳи феврали соли 1989 дар ҷумҳурӣ мавҷи гирдиҳамоии зиёиён шиддат гирифт. Нахустин гуруҳи нави сиёсӣ «Рӯ ба рӯ» дар ҷумҳурӣ бо ташаббуси КМ ИҶКЛ (ЛКСМ) Тоҷикистон таъсис дода шуд. Маркази сиёсии ин гуруҳ дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе ҷойгир буд. Дар ин марказ ҳисоботи ходимони давлатӣ ва ҳизбӣ муҳокима карда мешуд. Аъзоёни гуруҳи «Рӯ ба рӯ» баромадҳои намояндагони ҳизб ва ходимони давла-

тиро ошкорона таҳлил карда фикру мулоҳизаҳои худро дар матбуоти даврӣ ифода мекараданд.

Дар зери таъсири гуруҳи мазкур дар солҳои 1989-1990 дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъятии «Ошкоро», «Эҳёи Хуҷанд», «Дирафши Ковиён», ҳаракат ва ҷамъятҳои «Бохтар», «Самарқанд», «Куруши Кабир», «Суғдиён», «Ваҳдат», «Пайванд» ва ғайра ба вуҷуд омаданд.[1]

Ба ин ташкилотҳои ҷамъятӣ муаллимони мактабҳои олӣ, миёна ва миёнаи махсус, кормандони соҳаи фарҳанг, матбуот, адабиёт, соҳаи савдо ва хизматрасонӣ аъзо мешуданд. Иттиҳоди «Ошкоро» аз ҳама бештар майли сиёсӣ дошт. Дар муқоиса бо Ҳизби Коммунистӣ ин иттиҳод тарафдори гуногунақидагии сиёсӣ, бисёрҳизбӣ, адолати иҷтимоӣ буд. Яке аз талаботи ин ҳизб аз ҳукумати он давра он буд, ки ҳангоми иштирок дар идоракунии давлат ҳуқуқҳои минтақаҳои гуногуни кишвар ба инобат гирифта шавад.[2]

Дар ин солҳо ташкилотҳои гуногун ба монанди: «Лаъли Бадахшон», «Ҳисори Шодмон», «Меҳри Хатлон», «Зарафшон», «Истаравшан», «Ватан», «Самарқанд», «Хуҷандиен», «Ҳамдилон», «Носири Хисрав» ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Аксарияти ин ташкилотҳо дар муҳити ноором ва мухолифати ақидавӣ дар ҷомеа пайдо шуда буданд, ки ҳамаи ин сабаби тайёршавии замина барои ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Мақсади асосии ташкилшавии ин гуна ташкилотҳо – ҳимояи манфиатҳои аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар дар шароити ноором будани вазъи сиёсии ҷомеа дар пойтахти кишвар буд. Аммо ин далели он буд, ки дар Тоҷикистон маҳалгароӣ авҷ гирифт, ки манфиатҳои маҳалро аз манфиатҳои ҷомеа болотар медонист.[3]

---

[1] Бунёди давлатдории навин. – Москва: Радуница, 2002. – С. 286.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 286-287.
[3] Ҳамон ҷо.– С. 288.

Дар давоми ин солҳо боз як чанд ҷамоатҳо ва марказҳои мадании миллатҳои хурд, ки дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекарданд, ташкил шуда буданд. Аз ҷумла, ҷамъияти «Ҳоверим» (яҳудиҳо), созмони арманиҳо, ассосиатсияи кореягиҳои Тоҷикистон ва ғайра.

Нақши асосиро дар ташаккули тафаккур, малакаи сиёсӣ ва маҳорати ифода намудани мавқеи аъзоёни ташкилотҳо гуруҳи сиёсии «Рӯ ба рӯ» мебозид. Аммо дар оғози соли 1990 ин ташкилот тадриҷан мавқеи худро аз даст дода аз байн меравад ва ба ҷои ӯ ташкилоти нави сиёсӣ бо номи «Растохез» пайдо мешавад. «Растохез» хеле фаъол буд ва фикру мулоҳизаҳои ҷомеаро мувофиқи талаботи гуногунақидагӣ ифода менамуд. Табиист, ки обрӯи ин ташкилот дар байни зиёиёни тоҷик баланд мешуд.

Пайдошавии ин гуна ташкилотҳо талаботи замони нави сиёсии Тоҷикистон буд, ки раванди дигаргуниҳои дар ҷомеа ба вуҷуд омадаро инъикос менамуданд.

Дар пешрафти демократия ва гуногунақидагӣ дар Тоҷикистон нақши асосиро воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 бозида буданд. Аз 11 то 17 моҳи феврал дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоӣ доир гардид, оқибати он ғорат ва дигар намудҳои мухолифати сиёсӣ шуд. Эътирозчиён талаб мекарданд, ки роҳбарони се шохаи асосии ҳокимият – Ҳизби Коммунистӣ, Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон ба истеъфо раванд.

Воқеаи февралӣ нишон дод, ки Ҳизби коммунист ва Ҳукумати Тоҷикистон натавонист худро ҳимоя кунад. Котиби якуми КМ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва Раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон санади истеъфоро имзо гузоштанд.

Муқобилати сиёсии соли 1990 бо шикасти қуввaҳои демократӣ анҷом ёфт. Новобаста аз ин, натиҷаи интихоботи соли 1990 нишон дод, ки қариб чоряки намояндагони халқии Шӯрои Олии мамлакатро намояндагони блоки динӣ-демократӣ ташкил доданд.

Соли 1991 ҳамчун давраи авҷи воқеаҳои сиёсӣ, оғози гирдиҳамоии сиёсӣ дар майдонҳо, гуруснанишинии сиёсӣ, иҷозат барои фаъолияти ҳизбҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Ҳизби демократии Тоҷикистон (21 июни соли 1991) ва Ҳизби наҳзати Исломи Тоҷикистон (октябри соли 1991) расман ба қайд гирифта шуданд.

Эълон гардидани истиқлолияти давлатӣ барои рушди демократия ва ошкорбаёнӣ роҳи васеъ кушода буд.

24 августи соли 1990 сессияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати 12-ум) Эъломияро оиди ба даст овардани мустақилият аз ҷониби Республикаи Шӯравии Сотсиалстии Тоҷикистон қабул намуд.[1] Лекин ин мустақилият дар ҳайати ИҶШС буд. Ба ҳар ҳол, ин Эъломия нахустин ҳуҷҷате буд, ки аз ба наздик омадани истиқлолияти ҳақиқӣ ишора мекард. Дар ин ҳуҷҷат ғояҳои яклухт будани мамлакат ва масъунияти он, ба даст овардани сарвати миллӣ, эълон намудани замин ва сарватҳои зеризаминӣ ва дигар намуди захираҳои табиӣ моликияти хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои сохтори нави бонкӣ ва мустақилона муайян намудани сиёсати молиявӣ бардошта шуда буд, ки ин аз ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ воридшавии арзишҳои нав шаҳодат медод.

Азбаски ҳадафи ниҳоии Эъломия аз сохтани давлати демократӣ ва конститутсионӣ иборат буд, дар он мафҳумҳои «ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ» (моддаи 3) акси худро ёфта буданд. Баробарҳуқуқии ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои оммавӣ, ки дар чорчӯбаи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 8) фаъолият менамоянд, эълон карда шуда буд. Эъломия «эҳёи миллӣ ва мадании халқи тоҷик, анъана, урфу одатро таъмин намуда» дар баробари ин ба

---

[1] Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан» Маҷ мӯ аи қонунҳои Ҷ умҳурии Тоҷ икистон. - Ҷ .1. – С.10-11.

ҳамаи миллатҳои дар ҷумҳурӣ зиндагонӣ мекарда ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иктисодӣ ва рушди озодии миллӣ, маданиро кафолат медод (моддаи 14).[1]

Эъломия бо назардошти хусусиятҳои хос, яъне вуҷудияти ИҶШС-ро ба инобат гирифта, истиқлолияти Тоҷикистонро муайян намуда як чанд талаботҳои вобаста бо ҳуқуқҳои инсон, ки бе кафолати он сохтани давлатӣ демократӣ ғайри имкон мебошад пешкаш намуд.

Пас аз шикасти исёни августи соли 1991 ҷумҳуриҳои дар ҳайти иттиҳод буда дар ба даст овардан ва аз моҳияти истиқлолияти хеш ба шубҳа афтоданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур донист, ки дар Эъломияи соли 1990 якчанд таъғирот ва илова ворид намояд. Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри соли 1991 эълон шуд.

Мувофиқи Эъломия аз 24 августи соли 1990 доир ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои Олӣ истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон намуд. Ин изҳорот Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун як субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ дошта муарррифӣ менамуд.

Ин изҳорот сабаб шуд, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорро «Доир ба эълон намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул намуда, матни Эъломияи Шӯрои Олиро доир ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарафдорӣ намояд.[2]

Расман шинохтани Тоҷикистон ҳамчун давлати озод ва мустақил, эътироф намудани тамоми субъектҳои давлатӣ ва моликияти муассисаҳои давлатӣ, идораҳои дар тобеияти иттиҳод буда, воситаҳои истеҳсоли асосӣ ва ғайри асосӣ, фондҳои давр ва дигар моликият, системаи

---

[1] Основа новейшей государственности. - Москва: Радуница, 2002. – С. 293.
[2] Основы новейшей государственности. – С.295

алоқаи дохилӣ, нақлиёт, энергетикаи ҷумҳурӣ ва ғайра ҳамчун сифати сарвати миллӣ, роҳи тараққиёти мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷомеаи ҷаҳон боз кард.

Дар ин рӯзи таърихӣ - 9 сентябри соли 1991 таъғиротҳои лозима ва иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд.

Ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин пеш аз ҳама хизмати халқи тоҷик буд. Мутаассифона, дар қатори ин дастовардҳо падидаҳои ҷанги шаҳрвандӣ пайдо шуданд, ки мақсад аз он иваз намудани ҳокимият ва сохти давлатдорӣ буд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки дар Тоҷикистон раванди ташаккулёбии сохтори нави сиёсӣ бо як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ хеле душвор мегузашт. Тоҷикистон ҳамчун рамзи ноустуворӣ ва «нуқтаи сӯзон» дар қаламрави собиқ шӯравӣ ба ҳисоб мерафт.

Имрӯз вақте расидааст, ки сабабҳои асосии пайдошавии ҷанг муайян ва таҳлил карда шавад. Нақши ихтилофҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, динӣ ва омилҳои этникӣ, нобаробарӣ дар рушди минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, маҳалгароӣ қайд карда шаванд. Албата нақши шахсони алоҳида, ки дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990 дар соҳаҳои гуногун роҳбар буданд, таҳлил мехоҳад. Таҳлили воқеаҳои моҳи феврали соли 1990, бесарусомиҳо дар шаҳри Душанбе, вазъият дар Тоҷикистон пас аз шикасти исёни моҳи августи соли 1991 дар шаҳри Москва бениҳоят муҳим мебошад.

Пас аз шикасти исён дар шаҳри Москва, ки Президенти Тоҷикистон Қ. Махкамов онро дастгирӣ карда буд, зери фишори гирдиҳамоии ҳизби демократии Тоҷикистон, ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, ҳаракати ҷамъятии «Растохез» ва дигар гуруҳҳои мухолифин Қ.Махкамов маҷбур шуд ки ба истеъфо равад. Пас аз гузаштани як моҳи истиқлолият, зери фишори гирдиҳамоии

14 рӯза дар шаҳри Душанбе, ки дар он зиёда аз 10 ҳазор кас иштирок намуд, моҳи ноябри соли 1991 интихобот гузаронида шуд ва дар натиҷа Раҳмон Набиев Президенти кишвар интихоб гардид. Номзад аз ҷониби мухолифин Давлат Худоназаров соҳиби 30% овоз гардид, лекин аксарияти мухолифин натиҷаи интихоботро напазируфтанд. Президент Раҳмон Набиев кушиш намуд, ки нуфузи онҳоро кам намояд. Ҳангоми танқиди телевизионии вазири корҳои дохилӣ М.Навджувонов аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ Сафарали Кенджаев, барои намояндагони мухолифин боз як баҳона барои гузаронидани гирдиҳамоии бемуҳлат пайдо шуд. Ин сабаби ба вуҷуд омадани гирдиҳамоии 52 рӯза дар майдони Шаҳидон дар назди бинои КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон гардид.

7 апрели соли 1992 маҷлиси якҷоягии Президиуми Шӯрои Олӣ ва Президиуми Кабинети вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он вазъияти сиёсӣ хусусан дар пойтахт ба вуҷуд омада, таҳлил карда шуд. Президенти кишвар изҳор дошт, ки: «бо ин вазъияте, ки ҷумҳуриро ба хати хавфнок тела мекунад розӣ шудан мумкин нест».[1] Роҳҳои ҳалли ташаннуҷ дида баромада шуд.

Ҳамон рӯз иштирокчиёни гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Набиев талабҳои худро равона карданд, ки дар он талаби ба истеъфо рафтани ҳайати парлумон, тезонидани қабули Сарқонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ намудани таъқиби тарафдорони демократия ва иштирокчиёни гирдиҳамоӣ, бекор кардани қонунҳои зидди демократӣ талаб карда шуд. 30 март вохӯрии Президенти кишвар бо намояндагони гирдиҳамоӣ баргузор гардид, ам-

---

[1] Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: история независимости. –Т. 2. – С. 112.

мо ягон натиҷаи дилхоҳ надод. Гирдиҳамоӣ давом ёфт. Ҷонишини раиси ҳизби демократии Тоҷикистон Раҳим Мусулмонқулов ҳангоми мусоҳиба бо рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» чунин гуфт: «дар ҳолати иҷро накардани талаботҳои иштирокчиёни гирдиҳамоӣ онҳо тайёр ҳастанд ки аслиҳаро истифода намоянд».[1]

2 апрели соли 1992 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Набиев бо роҳбарони иттиҳодияҳои эҷодӣ, олимони барҷастаи АИ ва мактабҳои олӣ вохӯрда масъалаи роҳҳои баромадан аз бӯҳрони сиёсӣ-иқтисодиро баррасӣ намуд.

20-22 апрел иҷлосияи 13-и Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар рафти он масъалаҳо доир ба ворид намудани таъғирот ва иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар ва талаботҳои иштирокчиёни гирдиҳамоӣ дида баромад шуд. 22 апрел пас аз гуфтушуниди тӯлонӣ байни роҳбарони ҷумҳурӣ ва намояндагони мухолифин Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ С.Кенҷаев ба истеъфо рафт. Ҷонишини ӯ А.Искандаров иҷрокунандаи муваққатии вазифа таъин гардид.

Раванди кори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи оинаи нилгун пешкаши тамошобинон гардид. Сокинони ҷумҳурӣ кори ҳаррӯзаи иҷлосияро тамошо мекарданд. Гирдиҳамоиҳои пай дар пай, гаштугузори иштирокчиёни гирдиҳамоӣ дар кӯчаҳои маркази пойтахт, талаби истеъфои С. Кенҷаев, дағалона рафтор намудан нисбат ба намояндагони халқ (гаравгонгирӣ), баромади нописандонаи қозии мусульмонони ҷумҳурӣ Х.А.Тураҷонзода дар рафти иҷлосия норозигии сокинони кишварро ба вуҷуд овард. Ҷабҳаи нави муқовиматӣ таъсис дода шуд, ки аз тарафдорони боқимондани ҳокимияти дунявӣ иборат буд.

---

[1] Чавонони Тоикистон. – 1992. – 31 марта.

Шоми 24 апрел дар назди бинои Шӯрои Олӣ (майдони Озодӣ) автобусҳо аз вилояти Кӯлоб омаданд (тақрибан 2 ҳазор нафар). Ин нишонаи он буд, ки акнун тарафдорони ҳукумати конститутсионӣ гирдиҳамоии худро бар зидди гурухи мухолифин ташкил менамоянд. Бояд қайд намуд, ки намояндагони мухолифин бештар аз минтиқаи Қаротегин (Рашт), водии Вахё ва ВМБК буданд. Рӯзи дигар дар майдони Озоди аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ тарафдорони ҳукумати қонунӣ ҷамъ омаданд. Талаботи онҳо чунин буд: ба вазифаи спикери парлумон баргардонидани С.Кенҷаев, аз ҳайати Президиуми Шӯрои Олӣ баровардани намояндагони мухолифин, истеъфои қозии мусулмонони Тоҷикистон, роҳ надодан ба фундаментализми динӣ ва нигоҳ доштани сохтори давлати дунявӣ.

Ҳамон рӯз ба майдони «Шаҳидон» намояндагони мухолифин баргаштанд. Яке аз роҳбарони мухолифин Саид Қиймиддин Ғозӣ изҳор дошт: «Мо гуруҳҳои мусаллаҳ дорем. Ҳозир дар рӯйхат 27 ҳазор кас мебошад. Бояд қайд кард, ки ин кор, яъне ташаккули ин гуна тафаккур имрӯз пайдо нашуд. Бо ин кор мо 15 сол боз машғул ҳастем, аз лаҳзаи ташаккулёбии ҳизби наҳзати Ислом то имрӯз».[1]

26 апрел иштирокчиёни гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» ба мардуми Тоҷикистон мурочиатнома қабул намуданд, ки дар он талаботи онҳо ба ҳукумати ҷумҳурӣ аз 11 пункт иборат буд. Талаби асосӣ бекор намудани қарорҳои охирини ҷаласаи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ буд.

Аз 29 апрел то 5 майи соли 1992 дар шаҳри Душанбе иҷлосияи 14 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Натиҷаи иҷлосия чунин буд: дар ҷумҳурӣ бояд шакли идоракунии президентӣ ба роҳ монда шавад, Шӯрои Президентӣ иборат аз 27 кас таъсис дода шавад, ки ҳайати он бояд аз шахсони вазифадор, кормандони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони ҳизбҳои гуногун

---

[1] Садои мардум. – 1992. – 25 апреля. №83.

иборат бошад.

Дар охири моҳи апрел ва аввали моҳи майи соли 1992 вазъият дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон муташаниҷ гардид, хусусан дар минтақаи Панҷ. Як қисми аҳолии ноҳияҳои ҷануб бо мақсади пайдо намудани аслиҳа аз сарҳад ғайриқонунӣ мегузаштанд.

Дар пойтахт вазъият зуд тезутунд мешуд. Эҳсосоти мардумро нотиқони моҳир бедор мекарданд. Дар ин вазъияти ногувор кормандони вазорати корҳои дохилӣ мавқеи бетарафиро гирифтанд. Вазири корҳои дохилӣ М.Навҷувонов эълон намуд, ки кормандони корҳои дохила мавқеи бетарафиро ишғол менамоянд.

Сабабҳое, ки мардумро дар соли 1992 ба майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон» баровардаанд диққати махсусро талаб мекунанд. Одамон бо чашми худ тезутундшавии вазъиятро медиданд. Низоъ характери динӣ ва маҳаллиро дар бар мегирифт. Тамоми кӯшишҳо доир ба оштӣ додани қувваҳои бо якдигар муқобил натиҷа надод.

1 майи соли 1992 бо мақсади хотима додани гирдиҳамоии мухолифин Президенти кишвар Р.Набиев ба тарафдорони худ дар майдони «Озодӣ» яроқ тақсим карда, фармонро «Оид ба баталёни алоҳида дар ҳайти Бригадаи таъминоти махсус» имзо кард.

Дар рӯзҳои аввали моҳи май дар нуқтаҳои гуногуни пойтахт ва атрофи он задухӯрдҳо сурат гирифта, авалин қурбоншудагон ба қайд гирифта шуданд. 5 май дар қаламрави шаҳраки Оли Совети ноҳия Ленин (Рудакӣ), дар роҳи самти Ёвон як гуруҳ одамони мусаллаҳ ба сӯи автобусҳое, ки аз Кӯлоб ба Душанбе меомаданд оташ кушоданд.Дар натиҷа 3 кас кушта ва як чанд каси дигар ярадор шуданд. Инҳо нахустин қурбоншудагони муқобилати сиёсии Тоҷикистон буданд. Дар ҳамон рӯз дар бинои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони номаълум намояндаи халқии Тоҷикистон, сардабири рӯзномаи «Садои мардум», журналисти машҳур Муро-

дулло Шералиев ва иштирокчии гирдиҳамоӣ дар майдони «Озодӣ» Холиқ Ҷурабоев кушта шуда буданд. Шоми ҳамон рӯз бо қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави шаҳри Душанбе вазъияти фавқулода ва соати комендантӣ эълон карда шуд. Шаби ҳамон рӯз мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мудофиа, бехатарии миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, генерал-майор Баҳром Раҳмонов ҳангоми баромадаш дар майдони «Шаҳидон» эълон кард, ки ӯ ба тарафи мухолифин гузашт. Ҳайати шахсии Бригадаи таъиноти махсус худ пароканда шуд, техникаи ҳарбӣ, аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ – 4 БТР, 450 автомати Калашников ва 26 000 тир ба дасти мухолифин гузашт. Вазъияти ногувор бо воситаи дивизияи 201-ми Россия устувор гардид.

Ҳамин тавр, 5 май ҳамчун рӯзи оғози саршавии ҷанги бародаркуш, кушта шудани ҳазорҳо одамон ва фоҷиаи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи ин низоъҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Набиев маҷбур шуд, ки ба таъсис додани «Ҳукумати муросои миллӣ» иҷозад диҳад. 7 май байни Президент, Кабинети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Санади Созишнома ба имзо расид ва ҳуҷҷат қабул карда шуд, ки мувофиқи он принсипҳои иҷроиши санад ба инобат гирифта шуда буданд.[1]

9 май Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсиси Ҳукумати муросои миллии ҶТ» фармон баровард. Ба ин нигоҳ накарда гирдиҳамоӣ дар майдони «Шаҳидон» давом мекард. 10 май гуруҳи калони иштирокчиёни гирдиҳамоии «Шаҳидон» бо сардории «генерали халқӣ» Қорӣ Муҳаммадҷон ба назди бинои Кумитаи амнияти миллӣ омада талаб намуданд, ки бо Президенти

---

[1] Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: история независимости. –Т. 2. – С. 154.

ҶТ, ки дар он бино паноҳ бурда буд, вохӯрӣ намоянд. Дар рӯзномаҳои ҳамон давра қайд карда шудааст, ки: «дар дасти баъзе аз онҳо автомат, милтиқ, калтак дида мешуд. Дар байни онҳо мошинаи ҳарбии БТР низ буд. Ҳангоми наздикшавии ин гуруҳи мухолифин ба бинои Кумитаи амнияти миллӣ ба сӯи онҳо оташ кушода шуд – 9 каси онҳо кушта шуданд, 24 кас ярадор, 2 БТР бо воситаи гранатаҳои дастӣ нобуд карда шуд».

Дар рафти ҷанг бо хоҳиши афсарҳои амният, ки наздиконашон чанд рӯз боз дар бинои кумитаи амният паноҳ мебурданд, фармондеҳи дивизия 201, ки ба артиши ИДМ дохил буданд, якчанд танкро барои кучонидани оилаҳои кормандони амният ба шаҳраки ҳарбии дивизия равона карданд. Бо омадани танкҳо гуруҳи мухолифин дар кӯчаҳои наздик пароканда шуд. Омадани танкҳоро намояндагони мухолифин ба худ ҳамчун ҳуҷум қабул намуданд.

Пас аз ин задухӯрд раиси ҳизби демократ Ш.Юсуф изҳор намуд, ки: «агар дар оянда низ армияи ИДМ ба корҳои дохилии ҷумҳурӣ дахолаташро давом диҳад муроҷиати мо ба Афғонистону Ирон барои кӯмак аз эҳтимол дур нест». Ҳамзамон ӯ огоҳ кард, ки аҳолии русзабони шаҳри Душанбе ҳамчун гаравгон ба ҳисоб меравад. Ин суханҳои Ш.Юсуф шоми ҳамон рӯз дар телевизиони ҷумҳурӣ нишон дода шуд. Пас аз ин раванди хуруҷи аҳолии русзабон аз ҷумҳурӣ авҷ гирифт.

Ба ҳайати Ҳукумати нави таъсисдодашуда намояндагони мухолифин ворид шуда, тақрибан сеяки ҳайатро ишғол намуданд. Ғалабаи намояндагони мухолифин дар шаҳри Душанбе давраи якуми ҷанги шаҳрвандиро ифода менамуд, ки аз моҳи май то моҳи декабри соли 1992 тӯл кашида буд.

Яке аз омилҳои тезутунд гардидани вазъият он буд, ки вилоятҳои Ленинобод (Суғд) ва Кӯлоб ҳайати нави Ҳукуматро эътироф ва итоат намекарданд, намояндагони

мухолифин роҳи самти Кӯлобро ба муҳосира гирифтанд.

Тарафдорони ҳукумат мухлисони худро барои пайвастшавӣ ба «Ҷабҳаи халқӣ» даъват менамуданд. Дар моҳи июн задухурдҳои кушод байни гуруҳҳои бо якдигар зид оғоз гардид. Аз ҳамин давра то охири сол задухурдҳо асосан дар қаламрави Қурғонтеппа мегузаштанд.

26-27 июл соли 1992 зиёда аз 80 сиёстмадорони бонуфузи ҳукумат ва мухолифин, роҳбарони ғайрирасмӣ, руҳониён бо иштироки Президенти кишвар, дар шаҳри Хоруғ гуфтушунид намуда масъалаи оташбаст ва яроқпартоии гуруҳҳои мусаллаҳро ба имзо расониданд.[1] Лекин дере нагузашта дар водии Вахш задухурдҳо сар шуданд. Дар ноҳия Бохтар задухурдҳои шадид байни тарафдорони ҳукумати конститутсионӣ ва дастаҳои мухолифин ба қайд гирифта шуд, ки дар рафти он бисёр одамон кушта ва ба гарав бурда шуданд.

Дар охири моҳи августи ҳамон сол вазъият дар пойтахти ҷумҳурӣ боз тезутунд шуд. 31 август як гуруҳ ҷавонон тарафдорои мухолифин ба ном «ҷавонони шаҳри Душанбе» дар назди бинои ҳукумат дар майдони «Шаҳидон» ҷамъ омада талаб карданд, ки Президенти ҶТ Р.Набиев ба назди онҳо баромада ба охир расидани ҷанги шаҳрвандиро фаҳмонда диҳад. Пас аз он, ки Президент ба назди онҳо набаромад, ин гуруҳ ба дохили бинои ҳукумат ворид шуда 30 корманди дастгоҳи иҷроияи Президент ва Ҳукуматро ба муддати се рӯз ҳамчун гаравгон дар назди худ нигоҳ медоштанд.[2] Бояд қайд кард, ки дар ин рӯзҳои тақдирсоз сохторҳои қудратии кишвар мавқеи бетарафӣ ва интизориро ишғол намуданд, ки ин албатта ба манфиати тарафдорони бесуботӣ буд.

Рафти ҷанги шаҳрвандӣ (солномаи низоъ) хеле

---

[1] Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: история независимости. –Т. 2. – С. 271.

[2] Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: история независимости. –Т. 2.. – С. 330.

муфассал дар матбуоти давр сабт шуда буд. Бояд қайд кард, ки задухурдҳои тарафайн хеле бераҳмона буданд.

Танҳо дар соли аввали ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар аз 20 то 60 ҳазор одам кушта шуда буд. Бештари қурбоншудагон – тақрибан 50 ҳазор ба моҳи май – декабри соли 1992 рост меояд.[1] Мувофиқи маълумоти комиссари олии СММ оид ба кори гурезагон – 600 ҳазор, яъне даҳяки аҳолӣ маҷбур шуд, ки ҷойҳои истиқоматии худро тарк кунад. 80 ҳазор кас маҷбур шуданд, ки дар хоки бегона хусусан дар Афғонистон паноҳ ёбанд.

Дар ҳамаи ҷангҳои шаҳрвандӣ ғолибу мағлуб нест, ҳама ҷабрдида мебошанд. Дар ин ҷанг низ талафоти асосиро халқи тоҷик ба дӯш гирифта буд. Нуқтаи асосии ин ҷангро дар як воқеае, ки дар моҳи ноябри соли 1992 ба вуҷуд омада буд ифода кардан мумкин аст. Дар ҳамин давраи тақдирсоз дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XV1-и ғайринавбатии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ҷамъ омад ва дар он доир ба интихоби роҳбарияти нави кишвар қарор қабул карда шуд.

Дар ҳамин гуна вазъияти мураккаби дар кишвар ба вуҷудомада, иҷлосияи XV1-ми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Оғози иҷлосия ба 16-ми ноябри соли 1992 рост омад. Дар кушодашавии иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 230 вакили халқӣ 193 нафар ҳузур дошт. Аз 37 вакили ғоиб 4-нафар як рӯз пас ҳозир шуданд, 3 нафар дар қайди ҳаёт набуд. 30 намояндаи халқ бе сабабҳои узрнок дар кори Иҷлосия иштирок накарданд.

Дар рӯзи якуми кори Иҷлосия Комиссияи оштиҷӯӣ таъсис дода шуд, ки ба вай тайёр намудани лоиҳаи рӯзномаро супориданд. Дар ҳамон рӯз аризаи Раиси Шӯрои Олии ҶТ А.Искандаров оид ба истеъфо рафтанаш

[1] Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия //Аккорд. – Вып. 10. – С. 18

муҳокима гардида буд. Як гуруҳ намояндагони халқ масъалаи ба кори Иҷлосия ҷалб намудани ҳамаи раисони комитетҳои иҷроияро пешниҳод намуд. Дар натиҷа рӯзи якуми Иҷлосия бе қабули ягон қарор гузашт.[1]

Рӯзи дуюми кори Иҷлосия аз гузаронидани маҷлиси машваратӣ бо иштироки намояндагони халқ, олимон, адибон, намояндагони ҳизб, муассисаҳо, ҷамъиятҳо ва рӯзноманигорон гузаронида шуд.

Дар ин маҷлиси машваратӣ бо таҳлили вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар пас аз як соли ба даст овардани истиқлолият Раиси Шӯрои Олии ҶТ А.Искандаров баромад намуд. Ӯ қайд кард, ки дар натиҷаи задухӯрдҳои байни гуруҳҳои гуногун, ки майли ба сари қудрат омаданд доштанд, ҶТ дар лаби нестӣ омад. Дар кишвар аксарияти мақомотҳои конститутсионӣ фаъолияти худро аз даст дода буд.

Дар ҷумҳурӣ садҳо ҳазор гурезаҳо пайдо шуда буд. Бо таҳлил ва пешниҳоди мутахассион, сиёсатмадорон агар рафти ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон идома медод ин кишвар аз харитаи сиёсии ҷаҳон аз байн мерафт. А.Искандаров баҳри беҳтар намудани вазъи кишвар як чанд пешниҳодҳо намуд. Аниқ гардид, ки агар мухолифин, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳараркатҳои халқӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба хотири нигоҳдоштани ваҳдати Тоҷикистон бо якдигар муросо накунанд ягонагии кишварро ягон кас кафолат дода наметавонад.

Дар рафти кори ҷаласа оид ба муросии миллӣ, устувор намудани кори мақомотҳои ҳизби ҳуқуқ, ҷоннок намудани фаъолияти мақомоти суд ва прокуратура, ба минтақаҳои нотинҷ ворид намудани қувваҳои нируҳҳои сулҳхоҳи кишварҳои ИДМ барои имзо аҳднома пешниҳод карда шуд.

Дар маҷлиси машваратӣ аз номи як қисми аҳолии

[1] Основа новейшей государственности. – С.307.

ҷумҳурӣ эълон карда шуд, ки фаъолияти Ҳукумат ғайри қонунӣ ҳисоб карда шавад, Ҳукумат ва Президиуми Шӯрои Олӣ ба истеъфо дода шавад ва масъалаи таъсиси сохтори нави мақомоти ҳокимият ва идоракунӣ аз нав дида баромада шавад.

Дар маҷлиси машваратӣ ректори институти тибби Тоҷикистон профессор Ю.Исҳоқӣ, ҷонишини Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон Ш.Қашаев, Раиси колхози «Ленинград»-и ноҳияи Шаҳринав И.Меликмуродов, ветерани ҷанг ва меҳнат Н.Зарипова, ректори университети давлатии Қурғонтеппа Н.Салимов, шоири халқӣ Мумин Қаноат, Раиси кумитаи иҷроияи намояндагони халқии вилояти Кӯлоб Э.Ш.Раҳмонов ва дигарон доир ба воқеаҳои фоҷиавии он рӯзҳои сиёҳ, ки ба сари аҳолии кишвар омадааст ва роҳҳои баромад аз ин бӯҳрон дарди дил намуданд.

Маҷлиси машваратӣ кори Иҷлосияро дар роҳи муътадил ва самаранок ба роҳ монд.

18 ноябри соли 1992 барои муҳокима дар назди депутатҳо лоиҳаи рӯзномаи Иҷлосия пешниҳод гардид, ки дар он чунин масъалаҳо акс ёфта буданд: муроҷиати Шӯрои Олии ҶТ ба кишварҳои ИДМ дар масъалаи даровардан ба хоки Тоҷикистон неруҳои сулҳхоҳ, дар бораи муроҷиати Президент Р.Набиев, дар бораи муваққатан қатъ намудани сохтори идоракунии президентӣ дар кишвар, дар бораи Раис ва Президиуми Шӯро Олӣ, дар бораи аъзоёни Ҳукумат, дар бораи ба охир расидани эътимоднокии баъзе депутатҳои ҶТ, дар бораи озод намудан аз вазифаи ҷонишини Раиси Шӯрои Олӣ В.И.Приписнов, дар бораи Раиси Шӯрои Вазирони ҶТ, дар бораи ворид намудани тайғирот дар Қонуни ҶТ «Оид ба статуси депутатҳои халқии ҶТ», дар бораи Прокурори Генералии ҶТ, дар бораи Парчам ва Нишони ҶТ, дар бораи авфи умумӣ, дар бораи Қонуни ҶТ «Оид ба гурезаҳо» ва масъалаҳо ҷорӣ.


www.ravshanfikr.tj

Дар рафти кори Иҷлосия дар рӯзномаи корӣ боз масъалаҳои дигар низ ворид карда шуда буданд: аз баъзе минтақаҳо бардошта шудани муҳосираи иқтисодӣ, ворид намудани тайғирот дар Қонуни ҶТ «Оид ба андоз» ва «Оид ба гумрук» ва ғайра.

19 ноябри соли 1992 Иҷлосия масъалаи бозхости Раиси Шӯрои Олиро дида баромад. Ҳисоботи фаъолияти думоҳаи А.Искандаровро шунида ва вазъияти ба вуҷуд омадаро ба инобат гирифта, Шӯрои Олии ҶТ қарор қабул кард, ки А.Искандаров аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии ҶТ бозхост карда шавад.[1]

Зарурияти интихоби роҳбари нави давлат ба вуҷуд омад. Вакили халқӣ А.Мирзоев (ҳавзаи интихоботии № 47 ноҳияи Ҳисор) аз номи намояндагони шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисор ва Шаҳринав номзадии вакили халқӣ Э.Ш.Раҳмоновро пешниҳод намуд. Дигар номзадҳо низ пешҳод шуда буданд.

Дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ доир ба интихоби Раиси Шӯрои Олии ҶТ аз 197 депутат 186 намояндаи халқ номзадии Э.Ш.Раҳмоновро дастгирӣ намуд. Раиси Шӯрои Олии ҶТ дар шароити муваққатан мавқуф гузоштани идоракунии президентӣ, ҳамчун роҳбари давлат ба ҳисоб мерафт.

Дар он шароити тақдирсоз интихоби вакили халқӣ Э.Ш.Раҳмонов ҳамчун роҳбари давлат аҳамияти бузург дошт. Гап дар сари он меравад, ки дар он рӯзҳои фоҷиа тамоми тоҷикони ҷумҳурӣ ва ҷаҳон бо як чашми умед ба рафти кори Иҷлосияи XV1-ум назар мекарданд. Ходимони давлатӣ, сиёсатмадорони ҷаҳон, ки бо чашми худ оқибати ин гуна фоҷиаро дида ё шунида буданд, боварӣ надоштанд, ки иштирокчиёни иҷлосия забон меёбанд. Бисёр сиёсатмадорон дар он ақида буданд, ки дар ин вазъияти ба амал омада пайдо шудани роҳбари лаёқат-

---

[1] Основа новейшей государственности. – С.311

манди дурандеши сулҳпарвар, ки тавонад оташи низои миллиро хомуш карда, кишварро аз оғуши ҷанги бародаркуши барорад аз эҳтимол дур буд. Барои миллати тоҷик хушбахтона ба майдони сиёсӣ шахси хирадманд, пешвои миллат – ЭмомалИ Раҳмон ворид шуд. Аз оғози Иҷлосия XV1-уми Шӯрои Олии ҶТ 24 сол сипарӣ шуд ва вақт исбот кард, ки овоздиҳии депутатҳои Парламенти тоҷик хато набуд.

Ҳангоми савганд дар Иҷлосия Э. Раҳмон ба вакилони халқ ва мардуми тоҷик чунин ваъда дод: «…фаъолияти худро ман аз барпо намудани сулҳ оғоз менамоям…».[1] Ӯ ба ваъдаи хеш вафо кард. Э. Раҳмон дар ҳақиқат фаъолияти худро аз барпо намудани сулҳ дар сарзамини қадимаи тоҷикон оғоз намуд. Ӯ ба тамоми ҷаҳон исбот кард, ки мушкилтарин масъалаҳоро бо роҳи сулҳ метавон ҳал намуд. Ба ин хотир бо роҳи осоишта ҳал намудани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон на фақат аҳамияти минтақавӣ, балки таҷрибаи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад.

«Имрӯз ин воқеаи таърихиро қайд намуда менависад вакили Иҷлосияи XV1-ми Шӯрои Олии ҶТ Малик Қурбонов – ба ҳар як шахси хирадманд маълум аст, ки маҳз бо туфайли ҷаҳду талоши Эмомали Шарипович Раҳмонов Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат наҷот ёфт. Ин муболиға не, балки таҳлили вазъи даҳсолаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо мебошад. Ин ҳамон ҳақиқате мебошад, ки онро тамоми ҷаҳон ва аксарияти ташкилотҳои байналмилалӣ эътироф мекунанд».[2]

Дар рафти кори Иҷлосия раисони кумита ва комиссияи Шӯрои Олӣ аз нав интихоб карда шуданд. Инчунин Раиси Шӯрои Вазирон ва дигар аъзоёни Ҳукумат низ интихоб гардиданд.

Яке аз ҷанбаи муҳими ҳуқуқӣ ки дар Иҷлосия қабул

---

[1] Стенограмма XVI Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан
[2] Садои мардум. -2002. - 10 янв.

гардида буд – Қонуни ҶТ «Оид ба гурезаҳо» мебошад. Ин Қонун дар асоси тадқиқи умқи ҳаёти гурезаҳо офарида шуд. Пеш аз оғози кори Иҷлосия як гуруҳ намояндагони халқ ба назди гурезаҳо, ки дар баъзе ноҳияҳо ҷойгир шуда буданд фиристода шуданд. Пас аз омухтани шароити зисти онҳо дар Қонун як чанд ислоҳот ворид карда шуд. Мувофиқи Қонун барои гурезаҳо бозгашти ройгон ба ҷойи истиқомат, барои барқарор намудани хонаҳои зарардида ва харидани мол додани қарзҳои имтиёзнок пешбинӣ шуд. Боз якчанд қонунҳои нав қабул карда шуданд: «Оид ба даровардани тайғирот да Қонуни ҶТ», «Андоз аз даромад аз шаҳвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе табаият», «Оид ба озод намудан аз андози даромад роххати ба шифохона-курорт ва лагерҳои истироҳатии маҳаллӣ», «Оид ба тарифи гумрук».[1]

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме ки таҳкурсии давлат ва идоракунии онро мустаҳкам намуда, аҳолии кишварро муттаҳид месозад «Қонуни қабули рамзҳои давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол» буд.

Дар атрофи ин Қонун мубоҳисаҳои зиёд мерафт. Аз ҷумла доир ба симои шер дар Нишон ва шумораи ҷойгиршавии ситораҳо. Пас аз мубоҳисаҳои тӯлонӣ Қонун доир ба Парчам ва Нишонаи давлатии Тоҷикистони мустақил қабул гардид.

Иштирокчиёни Иҷлосия Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тайғирот ва иловаҳо дар Сарқонуни ҶТ» қабул намуданд. Мувофиқи ин Қонун ваколати Президент ба зиммаи Президиуми Шурои Олӣ ва Шӯрои Вазирон гузошта шуд. Раиси Шӯрои Олии ҶТ дар баробари ин Роҳбари Давлат эълон карда шуд.

Дар ҳамон вақт дар Сарқонун тайғирот ва иловаҳо таллуқ ба Парчам ва Нишон ворид карда шуд.[2]

---

[1] Основа новейшей государственности. – С.313-314.
[2] Ҳамон ҷо. – С.314.

Ба ғайр аз ин, дар рафти кори Иҷлосия якчанд қонуну қарор баҳри тасбити вазъият дар кишвар қабул карда шуд. Масалан Қонуни ҶТ «Оид ба озод намудани шахсони аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои низоъҳои ҳарбӣ бударо аз масъулияти ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ», Қарордоди Шӯрои Олии ҶТ «Оид ба ҳифзи иҷтомоии шахсони дар рафти низоъҳои ҳарбӣ дар минтақаҳои гуногун зарар дида» қабул шуданд.

Иҷлосия Созишномаи оид ба амнияти дастҷамъии кишварҳои ИМД, ки моҳи майи соли 1992 дар шаҳри Тошкент ба имзо расида буда, тасдиқ намуд.

Иҷлосияи XV1-ми Шӯрои Олии ҶТ (даъвати 12-ум) бо муваффақият вазифаи таърихии худро ба охир расонида, самтҳои асосии рушди ҷамъияти демократии халқи тоҷикро дарояндаи наздик муайян кард. Иҷлосия бӯҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ-маданӣ ва оштӣ намудани гуруҳҳои мухолифинро муҳокима намуда қарорҳои лозима қабул намуд.

Иҷлосия Роҳбари давлат, Раиси Шӯрои Олии ҶТ, Президиуми Шӯрои Олии ҶТ, Шӯрои Вазирони ҶТ-ро интихоб намуда, роҳҳои зина ба зина такмил додани ҷамъияти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро муайян намуд.

Аз давраи гузаронидани Иҷлосияи XV1-уми Шӯрои Олии ҶТ 24 сол сипарӣ гашт. Дар давоми ин солҳо муваффақиятҳои бузург дар рушди иқтисоди бозоргонӣ, сиёсат, дипломатия, соҳаи иҷтимоиёти халқ, пешрафти маданият ва дигар соҳаҳои хоҷагии кишвар назаррас мебошад.

Дар ҳамаи ин муваффақиятҳо саҳми бузурги Роҳбари интихобшудаи давлати мустақил Э. Раҳмон дида мешавад. Роҳбари давлат мунтазам қонун ва қарордодҳои дар Иҷлосия қабулшударо дар ҳаёти ҷомеа мубаддал кард.

Имрӯз мо метавонем ба таърихи дирӯза нигоҳ карда рафти кори Иҷлосияи XV1-ми Шӯрои Олии ҶТ (даъвати 12-ум)-ро муфассал таҳлил намоем, ки он дар таърихи

навтарини халқи тоҷик нишони хоси худро боқӣ гузошт.

Бешубҳа ҷанги шаҳрвандӣ хавфи дар харитаи сиёси ҷаҳон аз байн бурдани давлати ҷавони тоҷиконро дошт. Президенти аз ҷониби халқ интихоб гардида Р.Набиев аз идоракунии давлат иҷборан дур карда шуд ва ягон қуввае надошт, ки ба рафти раванди воқеаҳои хунин таъсири мусбӣ расонда тавонад. Муассисаҳои давлатӣ, хусуан сохторҳои қудратӣ бераф будани худро эълон карда буданд. Ягона сохтори давлатие, ки фалаҷ нагардида буд – Иҷлосия XV1-ми Шӯрои Олии ҶТ буд.

Аҳамияти таърихии Иҷлосия дар он мебошад, ки дар мураккабтарин лаҳзаҳо сарвари давлат роҳи наҷотро муайян, истиқолияти давлатро ҳифз намуд, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва қонунии ҷомеаро мустаҳкам кард.

Даъвати Иҷлосия дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ иқдоми бохирадона буд. Дар ин ҷо дар муҳити ором, бе фишороварии мухолифин намояндагони халқ тавонистанд оромона кор карда ба қонуну қарордодҳо тайғирот ва иловаҳо ворид намоянд. Вакили халқӣ Малик Қурбонов ба ёд меорад ки: «Мо имконияти дар болои ҳар як ҳуҷҷат оромона фикру таҳлил карданро доштем то, ки дар кори мо саросемагӣ ва хатогӣ роҳ дода нашавад».[1]

Ҳар як ҳуҷҷат сараввал бодиққат дар комитет ва комиссияҳои Шӯрои Олӣ бо иштироки коршиносониботаҷриба, сиёсатмадорон, олимон, шахсони дорои таҷрибаи калон, мутахассисон ва ғайра омӯхта ва муҳокима карда мешуд. Пас аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ҳамаҷиҳата омӯхтани ҳар як ҳуҷҷат ва розигии мутахассисон, онро ба муҳокима ва тасдиқи ҳамаи депутатҳо пешниҳод менамуданд.

Рафти кори Иҷлосия ва рафтори оқилонаи иштирокчиёни он исбот кард, ки дар байни депутатҳо шахсоне

---

[1] Садои мардум. -2002. - 10 янв.

буданд, ки ғамхори халқ ва ватан буданд. Маҳз ҳамин гуна намояндагони халқ пеши роҳи ҳар гуна моҷаруҷуёнро гирифта Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат – пошхӯрӣ ва тақсимшавӣ наҷот доданд. Иҷлосияи Шӯрои Олӣ ба худсарӣ, якравии баъзе депутатҳо нигоҳ накарда, тавонистанд дар Тоҷикистон як ҷамъияти дорои майли демократӣ таъсис диҳанд.

Иҷлосияи XV1-ми Шӯрои Олӣ нахустин бор дар таърихи халқи тоҷик таҳкурсии муносибатҳои дипломатиро байни давлати мустақили Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон ниҳода, истиқлолияти Тоҷикистонро ҶИЭ, Федератсияи Россия, ИМА, Олмон, Фаронса, Хитой, Япония, Канада ва дигар давлатҳои ҷаҳон эътироф намуданд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз 160 кишвари ҷаҳон дорои муносибатҳои димломатӣ мебошад. Дар шаҳри Душанбе сафоратхонаҳои хориҷӣ сол аз сол зиёд мешаванд.

Нақши Иҷлосияи XV1-ум дар ба вуҷуд овардани сохторҳои нави давлатӣ бузург мебошад. Маҳз пас аз гузаронидани Иҷлосияи мазкур Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати мудофиаи Тоҷикистон ва як қатор вазорат ва кумитаҳои комилҳуқуқ таъсис дода шуданд.

Таъсиси Артиши Миллӣ ва Нерӯҳои сарҳадии кишвар сарчашмаи худро аз Иҷлосия XV1-ум пайдо мекунанд.

Иҷлосия XV1-ми Шӯрои Олии ҶТ муваффақ шуд, ки манфиатҳои халқро аз манфиатҳои шахсӣ ва маҳаллии гуруҳҳои алоҳида авлотар донад. Ин буд мақсади асосии фаъолияти аксарияти иштирокчиёни Иҷлосия. Депутатҳо аз паи ҷустуҷуи роҳҳои ба даст овардани сулҳ, оштии тарафайн ва қатъ намудани ҷанги шаҳрвандӣ буданд. Ва хушбахтона дар сарзамини тоҷикон сулҳ барқарор гарид.

Ба туфайли мунтазам ба ҷараёни ҳаёти ҷомеа ворид намудани қонун ва қарордодҳои қабулкардаи Иҷлосияи XV1-уми Шӯрои Олии ҶТ, кишвари мо тавонист аз раванди вайроншавии мамлакат халосӣ ёфта тадриҷан

роҳи созандагиро пеш гирад. Ба ватан бозгаштани охирон гуреза ва мӯҳоҷирони маҷбурӣ, ҷойгиршавии онҳо, барқарор намудани деҳотҳои дар вақти рафти ҷанги шаҳрвандӣ вайронгашта ҳамчун мисоли равшани ин сиёсати созандагӣ мебошад.

Дар ҳаёти кишвар татбиқ гардонидани қарорҳои Иҷлосияи XV1-уми Шӯрои Олӣ сол аз сол сатҳи моддии аҳолиро беҳтар мегардонад. Ба ғайр аз ин барномаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ тартиб дода шудааст, ки дар зери назорати доимии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад.

Хуллас, Иҷлосияи XV1-ми Шӯрои Олии ҶТ вазифаи таърихии худро сарбаландона иҷро намуда, самтҳои асосии рушди ҷомеаро дар оянда муайян кард.

Вазъияти Тоҷикистон дар иҷлосияи Шӯрои машваратӣ оид ба бехатарӣ ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ки дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ дар шаҳри Стокголм аз 14 то 15 декабри соли 1992 гузашта буд, таҳлил шуд. Дар он қайд карда шуд ки: «тарафҳои мухолиф муборизаи зидди якдигарро боз дошта гуфтушуниди созандаро пеш гиранд, ки он асоси ягонаи ба даст овардани танзими сиёсӣ мебошад».[1]

Раиси Шӯрои Олӣ Э.Ш.Раҳмонов 20 декабри соли 1992 ба номи котиби генералии СММ ҷаноби Бутрос Бутрос-Ғолӣ мактуб ирсол намуд, ки дар он хоҳиш карда шуд, ки бо мақсади ором гардонидани низоъи дохилӣ ба Тоҷикистон намояндагони нозирони СММ фиристода шаванд. Гуруҳи хурди кормандони СММ моҳи январи соли 1993 ба Тоҷикистон ташриф оварданд ва дар шаҳри Душанбе намояндагии Сафорат ифтитоҳ гардид. Дар давоми фаъолияти худ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ ҲНСММТ дар ба танзим даровардани гуфтушунидҳои

[1] Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: история независимости. – Т. 2. – С. 482.

сиёсии байни тоҷикон, дастрас гардонидани кӯмакҳои башардӯстона, бахри бозгашти гурезаҳо мусоидат намуд ва дар охири фаъолияти худ дар коркарди лоиҳа оид ба барқароркунии баъдиҷангӣ, ободӣ ва рушди кишвар саҳми худро гузошт.[1]

4 январи соли 1993 дар рафти сафари расмии Раиси Шӯрои Олии ҶТ Э.Раҳмонов ба ш.Тошканд шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ёрӣ ва якдигарфаҳмии байни ҶТ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расида буд.[2]

6 январи соли 1993 Вазорати корҳои хориҷии ҶТ маърӯзаи Ҳукумати ҶТ дар бораи вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ ва оқибати ҷанги шаҳрвандиро нашр намуд, ки дар он омадааст: «Муқовимати мусаллаҳонаи гуруҳҳои гуногуни сиёсӣ, ки зиёда аз 10 моҳ тӯл кашида буд ба яку якбора бад шудани вазъи иқитисодӣ дар ҷумҳурӣ оварда расонд. Дар натиҷаи муҳосираи роҳи оҳан ва роҳҳои автомобилгард, набудани сӯзишворӣ ва захираҳои моддӣ-техникӣ, тезшавии раванди муҳоҷират иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҳолати фалаҷ қарор гирифт. Зарари умумии иқтисодӣ зиёда аз 90 млрд. рублро дар бар гирифт».[3]

Прокуратураи Генералии ҷумҳурӣ роҳбарони гуруҳҳои мухолифинро гунаҳгор ҳисобид, ки аксарияташон фирор карда буданд. Зери роҳбарии сарвари Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон Саид Абдулло Нурӣ дар Афғонистон тобистони соли 1993 Ҳаракати Ҳизби Наҳзати Ислом Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки вазифааш аз мувофиқакунонии фаъолияти ҳарбӣ ва сиёсии мухолифин иборат буд.

Моҳи марти соли 1993 нерӯҳои ҳарбии Қирғизистон ва

---

[1] Назаров Т.Н. Асари номбурда. – С.153.

[2] Назриев Д., Саттаров И. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Год 1993-й. – Т.Ш. – С.7.

[3] Назриев Д., Саттаров И. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Год 1993-й. – Т.Ш. – С.14.

Ӯзбекистон бо нерӯҳои сулҳпарвари Россия ва Қазоқистон, ки дар ҷумҳурӣ буданд ҳамроҳ гардиданд. Ҳангоми рафти задухӯрдҳо гуфтушуниди тоҷикон дар зери сарпарастии конфронси Дартмунт бо 7 намояндаи гуногуни мухолифин музокироти худро оғоз намуд.

30 марти соли 1993 дар ҳолати муаммо ду фармондеҳи машҳури Тоҷикистон – сарвари Ҷабҳаи халқӣ С.Сафаров ва сардори бригадаи таъиноти махсуси ВКД ҶТ Ф.Саидов кушта шуданд.[1]

Моҳи апрели соли 1993 нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин амалиёти ҳарбии худро дар ҷануби сарҳади Тоҷикистон оғоз намуданд. Дар ҳамин давра дар Тоҷикистон фаъолияти худро ташкилоти оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) сар кард.

Моҳи майи ҳамон сол шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва муносибати якдигар байни Тоҷикистон ва Россия ба имзо расид, ки он дар устувор гардидани Ҳукамати нав нақши муҳимро бозид. Ба ғайр аз ин, тарафайн боз 7 қарор оид ба масъалаҳои ҳарбӣ низ тасдиқ намуданд.

Дар ҳамин асно ташкилоти авфи байналхалқӣ «Ҷабҳаи халқӣ» ва Ҳукуматро дар вайрон кардани ҳуқуқи инсон дар ҷануби Тоҷикистон гунаҳгор донистанд.

Дар моҳҳои июн-июли соли 1993 задухӯрдҳо дар Тавилдара идома доштанд. Дар ҳамин давра дар натиҷаи ҳуҷуми гуруҳҳои мухолифин аз қаламрави Афғонистон ба дастаи назди сарҳадии россиягӣ аскарони рус кушта шуданд. Дар қатори дастаҳои мухолифин «фармондеҳони дастаҳои афғонӣ, қисми ҳарбии №55-и дивизияи вазорати мудофиаи ҶИА ба деҳаи назди сарҳадии Сариғори ноҳияи Шӯробод ҳуҷум намуданд».[2] Президиуми Шӯрои Олии ҶТ дар изҳороти худ бар зидди ин ҳамла эътироз баён намуда, огоҳ намуд, ки ин гуна рафтор ба муноси-

[1] Ҳамон ҷ о. – С. 170.
[2] Народная газета. – 1993. – 17 июл.

бати ҳамсоягии ду давлат зарбаи ҳалокатовар мезанад.[1]

21 июл Россия ба СММ хабар дод, ки ҳангоми ҳуҷум ба Тоҷикистон аз хоки Афғонистон тайёр аст, ки ба ҳукумати расмии Тоҷикистон кӯмак намояд. Дар ҳамин асно котиби Генералии СММ Бутрос Бутрос Ғолӣ изҳор дошт, ки қисмҳои ҳарбии СММ дар ҳалли мусолиматомези низоъ истифода бурда мешаванд.

Моҳи августи соли 1993 ҳангоми, ки Россия ва СММ кӯшиш менамуданд, ки байни ҳукумати Тоҷикистон ва намояндагони мухолифин гуфтушунидро ташкил намояд, бо ташаббуси майли ҷудошавидоштаи як гуруҳ сарварони Ленинобод купруки автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд тарконида шуд. Роҳбарони ҳамонвақтаи вилояти Ленинобод эълон намудан, ки қаламрави вилоят ҳамчун минтақаи озоди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқ дорад, ки шартномаҳои байналхалқиро ба имзо расонад. Дар он вақт ба гуфти Фармондеҳи гуруҳи нерӯҳои назди сарҳадии ФР дар ҶТ генерал-майор А.Т.Чечулин «вазъият дар марзи Тоҷикистону Афғонистон яку якбора душвор гашт. Сарварони гуногуни қувваҳои зидди ҳукуматӣ, ки дар Афғонистон ҳузур доштанд, дар зери сарпарастии ҲНИ муттаҳид шуда, «ҳукумати Тоҷикистони дар бадарға бударо» таъсис додан».[2]

Аз рӯи ахбороти Вазорати мудофиаи ҶТ «1 август қисмҳои ҳарбӣ дар асоси итоат накардан ба Қарори Президиуми Шӯрои Олии ҶТ аз 18 декабри соли 1992 «Оид ба ихтиёрӣ супоридан ва мусодира кардани яроқи оташфишон ва лавозимоти ҷангӣ» маҷбур шудан, ки бар зидди гуруҳҳои авбошони силоҳбадаст, ки дар ноҳияи Тавилдара дер боз ҷойгир буданд амалиёти ҳарбӣ гузаронанд».[3] Пеш аз ин аз тарафи Дашти Шера мавқеи нерӯхои ҳарбии ҳукуматӣ зери тирборони гуруҳҳои му-

[1] Народная газета. – 1993. – 17 июл.
[2] Народная газета. – 1993. – 17 июл.
[3] Народная газета. – 1993. – 5 авг.


www.ravshanfikr.tj

холифин гардида буд ва дар натиҷа 4 хизматчии ҳарбии ҳукуматӣ кушта шуда буданд. Танҳо дар моҳи июли соли 1993 дар ноҳия Тавилдара ҳаррӯз амалиётҳои ҳарбӣ ба қайд гирифта мешуд.

Дар моҳи сентябр пас он, ки УВКБ СММ 20 ҳазор гурезаҳоро аз Афғонистон ба хоки Тоҷикистон баргардонид, 15 бозгаштагон дар шаҳри Қурғонтеппа кушта шуданд, вазъият боз мураккаб гардида буд. 9 сентябри соли 1993 вазири корҳои хориҷии Россия А.Козирев эълон намуд, ки ҳузури ҳарбии Россия дар Тоҷикистон боз бояд мустаҳкамтар шавад ва ҳукумати Тоҷикистонро ба гуфтушунид бо мухолифин даъват намуд.

ИМА дар навбати худ изҳор дошт, ки ҳангоми гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва риоя намудани ҳуқуқҳои инсонӣ ба ҳукумати Тоҷикистон ёрии башардӯстона ва иқтисодӣ дода мешавад.

Дар моҳи октябри соли 1993 ташкилотҳои ҳарбии Россия ва Осиёи Марказӣ, ки дар Тоҷикистон ҷойгир буданд, расман ба нерӯҳои коллективии ИДМ муттаҳид карда шуданд. Ҳамзамон дар Москва «Маркази мувофиқакунонии қувваҳои демократии Тоҷикистон дар ИДМ» таъсис дода шуд.

Дар ин маврид мо бояд он вазъияте, ки дар Афғонистон ва марзи Тоҷикистону Афғонистон, ки бо воситаи он гуруҳҳои экстремистӣ ба хоки кишварамон ворид мешуданд ба назар гирем.

Бо гуфти Президенти Ҷумҳурӣ Э.Ш.Раҳмонов «мубориза барои ҳокимият, кӯшиши бо роҳи ғайри қонунӣ, зӯроварӣ, ғайри демократӣ ба сари қудрат омадан ҷомеаро тақсим намуда ба ҷанги беъмании бародаркуш оварда расонд.[1] Аз рӯи баъзе маълумотҳо дар натиҷаи ҷанги бемаънии бародаркуш аз тарси ҷон зиёда аз 500 ҳазор одамон бештар заҳматкашони ноҳияҳо марказӣ ва ҷанубии

---

[1] Рахмонов Э.Ш. Политика мира и созидания. Выступления и речи. - Душанбе: Ирфон, 2001. - С. 9.

Тоҷикистон ба муҳоҷирони иҷборӣ табдил ёфтанд. Зарари умумии аз ин ҷанг ба вуҷуд омада зиёда аз 7 млрд. долл. ИМА-ро дар бар мегирад. Зиёда аз 150 ҳазор сокинони Тоҷикистон кушта шуданд, 55 ҳазор кӯдакон сағир монданд, 25 ҳазор зан бева монд. Бисёр хонаву мактаб, купрукҳо вайрон карда шуданд. Ҳамаи ин талафот иқтисодии ҷумҳуриро ба чандин солҳо қафо партофта сатҳи зиндагонии мардумро хеле заиф гардонид.

Дар шароити муқовимати шаҳравандии солҳои 1993-97 Ҳукумати Тоҷикистон дар вазъи мураккаб буд. Аз як тараф кушиш менамуд, ки ислоҳоти замонаталаби иқтисодӣ гузаронида шавад, аз дигар тараф мубориза бар зидди мухолифини муттаҳид гардидаи тоҷик, ки бо роҳи силоҳ бар зидди ҳукумати расмӣ мубориза мебурд давом мекард.

Аз соли 1994 то соли 1997 байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Мухолифини Муттаҳидшудаи Тоҷик 8 давраи гуфтушуниди байни тоҷикон ва боз як чанд воҳуриҳо дар сатҳи баланд байни Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ва роҳбари ММТ Саид Абдуллои Нурӣ гузаронида шуд. Ин гуфтушунидҳо дар зери парчами СММ бо иштироки кишварҳои-кафолатдиҳанда: Россия, Ирон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Покистон ва Туркменистон гузаронида мешуд. Ин давлатҳо дар роҳи ба даст овардани сулҳ дар Тоҷикистон саҳми босазои худро гузоштаанд.

Ба имзо расидани Созишномаи оид ба Неруи Дастаҷамъии Ҳомии Сулҳи кишварҳои ИДМ барои мустаҳкам намудани марзи Тоҷикистон ва Афғонистон ва дар оянда ба танзим даровардани низоъи байни тоҷикон ва бозгашти гурезаҳо саҳми асосиро бозидааст.

Вазифаи асосии Нерӯҳои Дастаҷамъии Ҳомии Сулҳ иборат буд аз: тасбити вазъият дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон ва тамоми вазъи дохилии кишвар, ташкили шароит барои гуфтушуниди байни тарафайн ва ҷустуҷуи роҳҳои сиёсии ҳалли масъалаи низоъ; таъмини дастрас ва

тақсимоти ёрдами башардӯстона ва фавқулодавӣ, ташкили шароити бехатарии бозгашти гурезагон ба ҷойҳои истиқоматии доимии худ, муҳофизаи инфрасохтори хоҷагии халқӣ ва дигар намуд объктҳои зарурӣ.

Се солу се моҳ лозим шуд, ки созишномаи байни ҳукумати Тоҷикстон ва ММТ ба имзо расад. Дар давоми ин вақт дар давлатҳои гуногун зиёда аз 20 вохӯрии расмӣ байни намояндагони ҳукумати қонунӣ ва намояндагони ММТ гузаронида шуда буд. Бояд қайд кард, ки дар рафти ин вохӯриҳо тарафайн як дигарро маломат менамуданд, лекин дар охир бадбинӣ ва нобоварӣ аз байн рафт. Охируламр, пас аз як соли гуфтушунидҳои пешакӣ, нахустин раунди музокироти байни тоҷикон дар шаҳри Москва аз 5 то 19 апрели соли 1994 гузаронида шуд.

Дар муддати ду ҳафта дар шаҳри Москва аз 5 то 19 апрел соли 1994 бо миёнарвии СММ ва Россия тарафайн – ҳайати ҳукуматӣ ва ММТ кушиш намуданд, ки нуқтаи якдигарфаҳмиро пайдо намоянд. Ва дар натиҷа ҳамин тавр ҳам шуд – комиссияи якҷоягӣ оид ба масъалаҳои гурезаҳо таъсис дода шуд.

Нахусти музокирот дар вазъи мураккаби ҳарбӣ-сиёсӣ гузаронида шуд. Аксарияти қувваҳои ҳарбии мухолифин дар ӯрдугоҳи шаҳрҳои Афғонистон – Қундуз, Толиқон, Ҳоҷағор ва Файзобод ҷойгир буданд.

Дар давоми марзи Тоҷикистону Афғонистон аз тарафи мухолифин ҷабҳаҳо таъсис дода шуда буданд: ҷабҳаи Шаҳритусу – Қубодиён (Ҳазрати Алӣ), Панҷ, Кӯлоб, ва Бадахшон. Дар ҳайати ин ҷабҳаҳо зиёда аз 10 ҳазор боевикҳои тоҷик ва муҷоҳидони афғон меҷангиданд.[1]

Дар ноҳияҳои Ғарм шумораи ҷаногварони мухолифин аз тобистони соли 1993 то апрели соли 1994 се маротиба зиёд гардида ба 3 ҳазор одам расид. Миқдори нерӯҳои

---

[1] Хайдаров Г.Х. История таджикского народа XX век. - Худжанд, 2001. – С. 386.

ҳарбии мухолифини «дохилӣ» ба 5 ҳазор расид. Дар ҳайати дастаҳои мухолифин қариб 500 зархариди хориҷӣ фаъолият мекард. Ҷанговарони мухолифин бо яроқи оташфишон, миномёт, системаи зидди ҳавопаймоии сайёр муҷҷаҳаз карда шуда буданд.[1]

Дар давоми январ-апрели соли 1994 дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва сарҳади Афғонистон задухӯрди нерӯҳои ҳукуматӣ бо гуруҳҳои мухолифин ба вуҷуд омад. 10 марти соли 1994 дар ҳавлии худ аз ҷониби шахсони номаълум ҷонишини Раиси Шӯроии Вазирони ҶТ М.Назаршоев кушта шуд.[2]

Мувофиқи ахбороти Депортаменти ахборотии ВКХ ҶТ «6 апрел бо воситаи Пункти Назоратии Панҷи Поён аз Афғонистон ба ватан 677 гурезаи тоҷик баргашт. Бештар сокинони ноҳияҳои Вахш, Қумсангир ва Бохтар. Мувофиқи ахборотҳо ин раванд дар самти Қундуз характери доимиро гирфтааст ва хоҳишмандоне, ки мехоҳанд аз Афғонистон ба ватан баргарданд зиёд шуда истодааст».[3]

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар изҳороти якҷоягии музокироти якуми байни тоҷикон аз 19 апрели соли 1994 иштирокчиёни гуфтугӯ тарафдории гуфтушунидди сиёсро ҳамчун роҳи ягонаи ба даст овардани муросои миллӣ тасдиқ намуданд.

Таҳлили ҳуҷҷатҳои дар музокироти якум тасдиқшуда нишон медиҳанд, ки тарафайн тавонист масъалаҳои мавриди муҳокимабударо дақиқ муайян намуда, комиссияи якҷоягии оид ба гурезаҳо таъсис дода,ва тайёр будан ба гуфтушунидҳои сиёсӣ дар оянда нишон диҳад. Дар қатори ин тарафайн ҳуҷҷатҳои оид ба нигоҳ доштани оташбас имзо накард, фишоровариии ҳарбӣ барои манфиатҳои хеш вуҷуд дошт.[4]

---

[1] Хайдаров Г.Х. Асари номбурда. – С. 386-387.
[2] Вечерний Душанбе. – 1994. – 11 март.
[3] Вечерний Душанбе. – 1994. – 8апреВ.
[4] Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулирова-

Бо дарки масъулияти баланди таърихӣ, пас аз таҳлили воқеии ҳақиқати дар мамлакат ба вуҷуд омада, бо дарназардошти он, ки дар Тоҷикистон барои таъсиси давлати парлумонӣ ҳануз шароити мувофиқ фароҳам наомадааст, ба муҳокимаи умум лоиҳае пешниҳод шуд, ки шакли идоракунии президентии ҷумҳурӣ дар назар дошта шуда буд.

6 ноябри соли 1994 лоиҳаи Конститутсия, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ матраҳ гардид, қабул шуд. Натиҷаҳои райъпурсии умумихалқӣ бисёр қонеъкунанда буд, зеро бештар аз 87%-и иштирокчиён лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намуданд.

Эътирофи халқ ба сифати сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ аҳамияти махсус дорад ва зуҳури иродаи халқ, дар навбати аввал ба интихоби раъйдиҳандагон вобастагӣ дорад. Дар асоси ин муқаррароти Конститутсия шаҳрвандони кишвар бидуни ягон маҳдудият ҳуқуқи дар ҳаёти сиёсии кишвар ширкат варзидан ва ошкоро изҳор доштани ақидаи худро доранд. Фарқияти байни конститутсияи нави ҷумҳуриву Конститутсияҳои пештараи давраи Иттиҳоди Шӯравӣ, ки бар арзишҳои синфӣ пойдор буданд, маҳз аз ҳамин иборат аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои тақсими ҳокимиятро ҳамчун асоси давлати ҳуқуқбунёд возеҳ муайян мекунад: «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад». Илм дар бораи давлатдорӣ баъд аз омӯзишу баррасии ғояи ҳокимияти иҷтимоӣ исбот кард, ки ҳокимият яклухту якпорча буда, ягона сарчашмаи он халқ маҳсуб меёбад. Конститутсияи Тоҷикистон низоми «ҷилавгирӣ ва муқовимат»-ро асоси таҷзияи ҳокимият дар Тоҷикистон эътироф мекунад.

Нахустин бор дар таърихи навини кишвар Конститут-

---

нию межтаджикского конфликта (1993-1997гг.). – Душанбе, 1999. – С. 10.

www.ravshanfikr.tj

сия имконияти рушди ҳаёти иҷтимоиро дар асоси плюрализми сиёсиву идеологӣ эълон кард ва ҳуқуқи шаҳрвандонро дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои касбӣ дигар иттиҳодияҳои иҷтимоӣ ва иштирокро дар фаъолияти онҳо қонунӣ намуд.

Бо назардошти муқаррароти м. 22 Санади байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандиву сиёсӣ, қ. 5 м. 8 Конститутсия «таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсиеро, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарқиб мекунанд ва ё ба сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват намоянд, манъ аст».

Конститутсияи Тоҷикистон шакли президентии идоракунии ҷумҳуриро таҳким бахшид. Президенти ҷумҳурӣ ба сифати Сардори давлат ва Раиси Ҳукумат эътироф шуд.

Конститутсия Тоҷикистонро давлати тақсимнашаванда ва дахлнопазир эълон кард. Дар робита ба ин, хусусиятҳои ташкилии маъмуриву минтақавӣ ва таносуби давлат бо қисмҳои таркибии худ муайян шуданд. Вобаста ба ин, қисмҳои таркибии давлат аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳот иборат дониста шуданд. Бо мақсади таъмини тамомияти арзии давлат Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаргуна таблиғ ва ё амалеро, ки ба ҷудоиандозӣ равона шудааст, манъ намуд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти қонунгузориву иҷроия, мақомоти судӣ, прокуратура ва ҳокимияти маҳаллӣ баён ёфтаанд. Дар он инчунин асосҳои танзими ҳуқуқии як қатор падидаҳои муҳимтарини сиёсӣ, ба монанди интихобот, тартиби ворид кардани тағйирот ба Конститутсия инъикос ёфтаанд. Муқаррароти м. 100 Конститутсия, ки тибқи он «тамомияти арзӣ, минтақавӣ,

моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд» аз моҳияти демократии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Бояд зикр кард, ки Конститутсияе, ки аз ҷониби мардуми Тоҷикистон қабул карда шудааст ба хусусиятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, миллӣ, суннатӣ, динӣ ва таърихии кишвар такя мекунад. Таҳияву қабули Конститутсия яке аз рӯйдодҳои бузург дар таърихи Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ба зуҳури навтарин ислоҳот дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад. Қабули Конститутсия саҳифаи нави таърихи сиёсии Тоҷикистонро кушод ва манбаи низоми миллии давлатдорӣ гардид. Моҳияти фалсафии Конститутсия аз афкор дар бораи адолат, озодӣ, истиқлолият ва баробарҳуқуқии башарият иборат аст.

Конститутсия санадест, ки шароити мушаххаси ҷомеаро ба назар мегирад ва дар асоси он таҳия гардида, наметавонад берун аз муҳити мавҷуда амал кунад. Конститутсия санадест, ки тағйироту такмилро талаб мекунад ва он бояд ба воқеияти мавчуда ҷавобгӯ бошад, чунки дар акси ҳол хусусиятҳои меъёриву ҳуқуқии худро аз даст медиҳад.

Барои дарки ин воқеият ва баҳри таъмини ваҳдати миллӣ, идомаи давлатдории тоҷикон роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар ҷараёни гуфтушуниди байни тоҷикон дар бораи зарурияти ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мувофиқа омаданд.

Мутобиқи Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Комиссияи оштии миллӣ мақомоте буд, ки иҷрошавии ин меъёрҳоро таъмин менамуд. Дар баробари дигар масъалаҳое, ки ҳалли онҳо ба зиммаи Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) вогузор шуда буд, ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи кишвар низ ба зиммаи ин комиссия гузошта шуда буд. Беш

аз як сол Комиссияи оштии миллӣ ба таҳияву баррасии мулоҳизот оид ба пешниҳоди тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул буд. Билохира, бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов, ба КОМ таҳия ва пешниҳоди лоиҳа ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мулоҳизоти худро оид ба тағйироту иловаҳо ба Конститутсия ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард. Маҷлиси Олӣ қарорро «Дар бораи гузаронидани раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид кардани тагйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки тибқи он санаи гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ, яъне 26 сентябри соли 1999 муайян гардид ва дар натиҷаи он ба Конститутсияи кишвар тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Нахустин бор дар таърихи сиёсии Тоҷикистон парлумони дупалатагии мунтазам амалкунанда (Маҷлиси Олӣ) фаъолияташро шурӯъ кард, ки барои рушди парламентаризми миллӣ ва амалияи демократикунонии давлат мусоидат мекард. Ду палатаи мустақил – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба кор оғоз намуданд.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита, бо овоздиҳии махфӣ интихоб мешавад. Ҳамаи ин асоси низоми интихоботи демократӣ ва ҷомеаи демократиро ташкил медиҳад.

Таҷрибаи бархе аз кишварҳои ҷаҳонро ба назар гирифта, аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои муштараки вакилони мардумии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (мушта-


www.ravshanfikr.tj

рак) ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ бо роҳи ғайримустақим интихоб мешаванд.Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мекунад. Нахустин бор дар таърихи рушди парламентаризм бо дарки масъулияти сиёсӣ, бо назардошти арзишҳои маънавии инсонӣ ва ба унвони эҳтиром гузоштан нисбат ба хизматҳои махсуси сиёсатмадорони собиқи сатҳи олии ҷумҳуриявӣ, ки комилан ба тасаввуроти баланди маънавии миллатамон мутобиқ аст, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи узви якумраи Маҷлиси миллӣ буданро вогузор мекунад, дар ҳоле ки агар ӯ худаш аз истифодаи ин ҳуқуқ даст накашад.

Бо мақсади таъмини шароити меҳнатии лозима ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон ба аъзои Ҳукумат, судяҳо, коркунони мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, низомиён ва дигар ашхоси аз ҷониби қонуни конститутсионӣ муайяншуда Конститутсия иҷозат намедиҳад, ки ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шаванд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми доимамалкунанда ва касбӣ мебошад, бо мақсади таъмини мустақилияти вакилон аз ҷониби Конститутсия маҳдудияти мутобиқ ба меъёри давлатдории муосир, аз ҷумла ғайриимкон будани интихоби онҳо ба мақомоти намояндагии дигар, вазифаи дигарро ишғол кардан, бо соҳибкорӣ машғул шуданро дар назар гирифтааст. Истисноӣ ин қоидаҳо ба фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шудан мебошад. Дар баробари масоили зикргардида дигар асосҳои конститутсионии парламентаризм, аз ҷумла масунияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тасаллути ваколатнома ҳаққи баёни ошкори афкор ва назарҳо, овоздиҳӣ бо иродаи хеш, уҳдадориҳо дар давраи тамоми муҳлати интихоб, ба истисноӣ фурсатҳое, ки аз ҷониби

қонун, салоҳияти маҷлисҳо, тартиби қабули қонунҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Муҳимтарин навигарие, ки бо роҳи қабули тағйироту иловаҳо ба Конститутсия ворид карда шудааст, ин қабули қонунҳо дар бораи буҷаи давлатӣ ва авфи умумии фақат аз ҷониби Маҷлиси намояндагон мебошад. Ин таҷриба хоси давлатҳои муосири пешрафта буда, баёнгари моҳияти демократии ҷомеа ва худи Конститутсия мебошад. Маҳз ҳамин меъёри Конститутсия ба намояндагони миллат, ки бевосита аз ҷониби халқ интихоб шудаанд, чунин ҳуқуқро вогузор мекунад ва онҳо ҳамоно масъулини иқтисодиёти кишвар мешаванд.

Тағйироту иловаҳо дар қисмати ҳокимияти иҷроия асосан ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут мебошанд. Баъди қабули онҳо муҳлати салоҳияти Президент аз 5 то ба 7 сол афзуда. ба ӯ ҳуқуқи мустақилонаи таъсису аз миён бурдани вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, пешниҳоди масъалаҳо, аз ҷумла тағйироту иловаҳо ба Конститутсия, таъйини раъйдиҳӣ, таъйину озод кардани намояндагони ваколатдори Тоҷикистон (сафирон) ва ғайра вогузор шудааст.

Падидаи комилан нави конститутсионӣ таъсиси Шӯрои адлия гардид, ки номзадии судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳову ноҳияҳо, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанберо барои таъйину озод кардан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Таҳияву қабули аввалин Конститутсияи давлати мустақили Тоҷикистон ва ворид кардани тағйироту иловаҳо ба он дар замони барои Тоҷикистон бисёр душвору махсус гузаронида шуд.

Конститутсия воқеияти замонро инъикос намуда, барои таъсиси низоми нави сиёсӣ, ки дар асл аз низоми сиёсии ҶШС Тоҷикистон тавофут дорад, асос гузоштанд.

Бинобар он, ки фаъолияти ҳизбҳо хусусияти сиёсӣ до-

шта, аз асосҳои интихоби ғояҳои иҷтимоии гуногунро ташкил медиҳад, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» узвияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, прокуратура, адлия ва низомиён дар ҳизбҳои сиёсӣ манъ шудааст. Ин талабот комилан одилона мебошад, чунки фаъолияти асосии (хизмати) мақомоти зикршуда аз таъмини амният ва субот дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, новобаста аз ҳар гуна тамоюлот, аз ҷумла тамоюлоти сиёсӣ, иборат аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзу услуби фаъолияти созмонҳо, мустақилияти онҳоро дар иҷрои ҳадафҳову вазифаҳои оинномавӣ муқаррар менамояд. Имрӯз ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба сифати унсури низоми сиёсӣ мустақил ҳастанд. Вале онҳо ҳуқуқи ба фаъолияти давлат дахолат карданро надоранд ва намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ тибқи Конститутсияву қонунҳои Тоҷикистон ҳуқуқи иштирок кардан дар интихобот, доштани номзадҳои худро дар мақомоти интихоботӣ доранд, вале ҳуқуқи тамоми дастгоҳи давлатиро таҳти таъсири ҳизбашон қарор доданро надоранд.

Яке аз муҳимтарин унсурҳои низоми сиёсии Тоҷикистон фаъолияти созмонҳои иҷтимоӣ мебошад, ки баҳри ба даст овардани ҳусни тафоҳум ва ваҳдати неруҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии кишвар саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар робита ба ин, нақш ва мавқеи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд қайд намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов таъсиси Шӯроро «бо таъмини мунтазами муколамаи неруҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсӣ баҳри ба даст овардани тавозуни манфиатҳову ғояҳо, ҷустуҷӯ ва татбиқи шаклҳои нави ҳамкорӣ марбут دониста, қайд мекард: «Мавҷудияти мақомоти ваколатдори машваративу ҳамоҳангӣ дар Шӯро ба намояндагони ҳизбҳо, созмонҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имконияти ироаи пешниҳодо-

ти худро роҷеъ ба масоили ҳаёти иҷтимоӣ ва давлатӣ, табодули назар ва додани тавсияҳо дар роҳҳои амаликунонии ин пешниҳодот медиҳад.[1]

Таҷрибаи сулҳхоҳонаи тоҷикон нишон дод, ки дар ҳалли чунин ихтилофҳо омилҳои дигар низ таъсири худро гузоштаанд. Масалан, дар муттаҳид сохтани аҳлҳои солими ҷамъият Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Ба таъсиси он Қарордоди ризоияти ҷамъиятии Тоҷикистон, ки 9 марти соли 1996 дар байни 30 ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида, асос шуда буд.

Мақсади асосии Қарордод ва таъсиси Шӯро ба даст овардани сулҳу ризоияти миллӣ буд, ки он дар амал татбиқ карда шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов 11 марти соли 2002 дар ҷаласаи навбатии Шӯрои ҷамъиятӣ суханронӣ намуда, қайд намуд: «Мо хизматҳои шоёни ширкаткунандагони Қарордод оид ба ризояи миллии Тоҷикистон – аъзои Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ноил шудан ба сулҳу оштӣ фаромӯш намекунем. Тавсияҳо, пешниҳодот ва муроҷиатҳои мушаххаси онҳо ба раванди мақсадноки музокироти байни тоҷикон мусоидат намуданд».

Шӯрои ҷамъиятӣ имрӯз низ яке аз қувваҳои бузурги сиёсӣ ба шумор меравад, ки дар атрофи худ тамоми ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбу ҳаракатҳои собиқ оппозитсионӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, касбӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятии бонуфузро муттаҳид сохтааст. Иқтидори бузурги Шӯроро баҳри ба даст овардани мақсадҳои олӣ- таъмини сулҳу ризоияти миллӣ, мустаҳкам намудани сохти давлатдорӣ ва рушди иҷти-

---

[1] Шарифзода А., Ғафуров А. Наҷотбахши миллат. – Душанбе, 2012. – С. 35-36.

мой-иқтисодӣ ба назар гирифта, аъзои Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон дар бораи бемӯҳлат дароз кардани фаъолияти Қарордод оид ба ризоияти ҷамъиятӣ санад ба тасвиб расонид.

Фаъолияти озоди 8 ҳизби сиёсӣ, 2700 иттиҳодияи ҷамъиятии ғайридавлатӣ, 262 рӯзнома, 81 маҷалла, 22 студияи ғайридавлатии телевизион ва радио ва 9 агентии иттилоотӣ баёнгари возеҳи риоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, плюрализм, фаъолияти озоди васоити ахбори омма ва идомаи роҳи устувори интихобкардаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон мебошад.

Дар асоси Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оид ба таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ қарор қабул карда шуд. 4 июли соли 1997 Президент Эмомалӣ Раҳмонов дар бораи таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ дар ҳайати 26 нафар фармон баровард. Раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ ба вазифаи Раисии Комиссия оштии миллӣ таъйин карда шуд. Ба ҳайати КОМ мансабдорони намоёни давлатӣ ва олимон, ҳамчунин намояндагони ИМТ шомил гардиданд. Вазифаву уҳдадориҳои КОМ дар Созишномае, ки байни Президенти Тоҷикистон ва сардори ИМТ дар ҷамъбасти музокирот ба имзо расида буд, муайян мегардид. Дар Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ дарҷ гардида буд: «Иҷрои он қарорҳое, ки аз ҷониби Президент ва Комиссияи оштии миллӣ қабул карда шудаанд, барои мақомоти ҳокимият ҳатмӣ мебошад».[1]

Комиссияи оштии миллӣ дар роҳи устувории сулҳ ва таъмини шароитҳои ризоияти умумӣ ҳалқаи васлкунанда маҳсуб мешуд. Комиссия кори худро 15 сентябри соли

---

[1] Усмонов И.К. Мирный процесс в Таджикистане //Вестник актуальных прогнозов. – С. 14-15.

1997 дар шаҳри Душанбе оғоз намуда, вазифаҳои худро муваффақона пеш бурд, баҳри суботи умумӣ ва мусолиҳаи миллӣ дар Тоҷикистон саҳми босазое гузошт. КОМ дар замони фаъолияти худ вазифаҳои зеринро амалӣ сохт:

- барои иҷрои Созишномаи умумӣ дар ҳамкории муштарак бо дигар мақомоти бо ҳамин мақсад таъсисёфта, механизм ва роҳандозии назоратро таҳия намуд;
- баҳри бехатарӣ ва сазовор баргардонидани гурезаҳо, ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷалб намудани онҳо, дар барқарории хонаҳои истиқоматии онҳо, иншоотҳои кишоварзӣ, ки дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ хароб гардида буданд, мусоидат намуд ва тадбирҳои заруриро андешид;
- оид ба ворид намудани тағйирот ба қонунҳои амалкунанда дар бораи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва васоити ахбори омма пешниҳодҳо тартиб дод;
- оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Сарқонуни ҷорӣ ва референдуми умумии мардумӣ мусоидат кард;
-ҳайати Комиссияи Марказии интихобот ва раъйпурсиро (бо ворид намудани 25% намояндагони ИМТба онҳо) дар давраи гузариш муайян кард;
- зиёда аз 6 ҳазор ҷанговар ва 2 ҳазор адад силоҳро ба қайд гирифт;
- ИМТ-ро аз кишвари Афғонистон ба Тоҷикистон бозгардонид;
- раванди бозгардонии пурраи гурезаҳои тоҷикро аз Афғонистон назорат карда, оид ба ҷалб намудани онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишвар кор бурд;
- номзадии намояндагони ИМТ-ро мутобиқи квотаи 30% ба вазифаҳои сохторҳои давлатии ҳокимияи иҷроия, аз ҷумла вазоратҳо, идораҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ пешбарӣ намуд.

3 августи соли 1999 роҳбарияти ИМТ оид ба инҳилоли

дастаҳои мусаллаҳи худ, ки гувоҳи ба итмом расидани марҳилаи дуюми протокол оид ба масоили ҳарбӣ гардиданд, изҳорот дод.

1 апрели соли 2000 Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро расман қатъ намуд. Замони осоиштаву рушди беолоиш фаро расид.

Солҳои 1997-2000 ҳамзамон бо КОМ Гурӯҳи тамос, ки ба он намояндаи СММ сарварӣ мекард, фаъолият дошт. Гурӯҳ кишварҳо ва созмонҳои кафили сулҳи тоҷиконро, ки иҷрои шартҳои Созишномаи умумиро назорат мекарданд, муттаҳид сохт. Баъди гузаронидани интихоботи порлумонӣ дар соли 2000-ум Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро қатъ кард. Ҳамчунин созмони низомӣ-сиёсӣ, яъне ИМТ низ мунҳал карда шуд.

Рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумӣ, яъне 27 июни соли 1997 бо Фармони Президенти Тоҷикистон рӯзи иди умумихалқӣ эълон гардид. Ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии кишвар оҳиста-оҳиста ба эътидол меомад. Барои тоҷикистониён замони осоишта ва меҳнати бунёдкорона оғоз гардид.

Дар замони гузариш муҳимтарин воқеаҳо - дар соли 1999 гузаронидани интихоботи президентӣ ва дар соли 2000 интихоботи парлумонӣ буданд.

27 июни соли 2012 мардуми тоҷик 15-солагии ба имзо расидани Созишномаи тақдирсози сулҳу ризояти умумимиллиро ботантана ҷашн гирифт. Президенти Тоҷикистон ҳангоми таҷлили ин санаи муҳим дар маърӯзаи худ қайд намуд: «Понздаҳ соли эҳёи миллӣ, понздаҳ соли баҳамоӣ, понздаҳ соли худсозӣ ва худшиносиву худогоҳӣ, понздаҳ соли сулҳу субот ва оромӣ ва муҳимтар аз ҳама, понздаҳ қадами устувор дар роҳи эъмори ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, ки дар таърихи навини давлатдории мо бо ҳарфҳои заррин сабт мегарданд.

Ба шарофати ин санади ҳаётан муҳим мо тавонистем, ки ба муноқишаҳои дохилӣ ва муқовимати мусаллаҳона

хотима бахшида, марҳалаи нав, яъне гузоштани пойдевори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ ва дар ин асос ба эътидол овардани фаъолияти соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварамон ва рушди онҳоро оғоз намоем.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун омили муттаҳидсозандаи миллати тоҷик имкон фароҳам овард, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шуд ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардид.

Дар воқеъ, тоҷикон, бинобар матонату садоқат ба Ватан ва фарҳанги инсондӯстии худ чандин маротиба истиқлолияти худро аз гирдоби ҳалокатовари бозиҳои сиёсӣ ва ҷангҳои харобкорона раҳо карда, дар мубориза бар зидди ҳама гуна истилогарони аҷнабӣ ғолиб омадаанд.

# РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ ВА ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, давлатҳои аз лиҳози сохтори сиёсӣ куллан мустақил ба вуҷуд омаданд, ки дар назди онҳо вазифаҳои ниҳоят муҳиму тақдирсоз, яъне, ҳамаҷониба мустаҳкам ва қавӣ гардонидани истиқлолияти бадастоварда меистод ва дар қатори мамолики мутамаддини имрӯза сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро дар асоси принсипҳои байналхалқӣ ба миён гузоштан буд. Тоҷикистон, низ, аз зумраи чунин мамлакатҳои мустақил маҳсуб меёбад. Дар назди Тоҷикистон ҳам имрӯз вазифаҳои қавӣ гардонидани истиқлолияти бадастоварда, муайян намудани сохтори нави давлатдории миллӣ ва муайян кардани асосҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ меистанд. Аммо, таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки дар ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни ташаккулёбии сохти нави сиёсӣ бо якчанд сабабҳои объективию субъективӣ ниҳоят пуразоб ва аламнок сурат гирифт.

Воқеае, ки тирамоҳи соли 1991 дар Тоҷикистон сар зад, ба чандин сабабҳо ҳамбастагӣ дошт. Ин ҷараён қабл аз ҳама ба вазъияти ногувору душвори баамаломадаи иқтисодии он замон ва фалокати экологӣ (яъне натиҷаи ҷорӣ кардани сиёсати якказироатии пахта), ҷаҳонбинии танги қавмию авлодӣ вобастагии зич дошт. Ин омилҳо, дар натиҷа, ба муборизаи тезу тунди қавмиу авлодии байни мавзеъҳои аз лиҳози саноатӣ нисбатан тараққикардаи қисми шимолӣ ва сусттараққикардаи ноҳияҳои ҷанубу маркази Тоҷикистон оварда расонид. Сабаби дигари сар задани душвориҳо, ба дину мазҳаб сахт эътиқод доштани аҳолӣ ва вобаста ба ин инкишофи босуръати ҳизбҳои исломӣ ва ҳаракатҳое, ки барои ба даст даровардани ҳокимияти сиёсӣ кӯшишу талошҳои зиёде ба харҷ медоданд, маҳсуб меёбад. Ба ғайр аз ин,

муборизаҳои оштинопазири байни собиқ сарварони коммунистон ва қувваҳои миллӣ-демокративу исломӣ низ ба душвориҳои ибтидои солҳои 90-уми асри XX сабаб гардиданд.

Воқеаҳои ба ҳамагон маълуми моҳи августи соли 1991, ки дар қаламрави Русия сар заданд, ба қувваҳои мухолифин имконияти мувофиқе фароҳам оварданд, то бо дастгирии гурӯҳҳои манфиатдори қавмиву қабилаӣ ва вобастагӣ ба сохторҳои исломӣ, дар зери байрақи мубориза баҳри ба даст овардани демократия, мақсадҳои асосии дар пеш истодаи хеш, яъне, соҳиби ҳокимияти сиёсӣ шуданро амалӣ созанд.

Ҷанги шаҳрвандие, ки соли 1992 дар қаламрави ҷумҳурии Тоҷикистон сар зад, яке аз воқеаҳои калон ва хуношуб дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб меёфт. Ин воқеа ба оқибатҳои сангини иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ оварда расонид. Ба ғайр аз он, ин ҷанги бемаънӣ сабаби ҳалокати ҳазорҳо шаҳрвандони Тоҷикистон шуда буд ва ба амалӣ кардани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол монеаи ҷиддӣ расонид.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ашхоси ба майдони сиёсӣ ворид гардида, ба хотири ҳарчи зудтар ба даст овардани ҳокимият бо мадади «душманони дохилӣ ва берунӣ», дар кишвари мо сабабгори сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва гуреза гаштани даҳҳо ҳазор мардуми осоиштаи ҷумҳурӣ гардиданд. Президенти ҷумҳурӣ, ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон 27-уми июни соли 2007 ба ифтихори 10-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ чунин ибрози ақида намуд: «Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки яке аз сабабҳои асосии ҷанги дохилии мо мансабталошӣ буд ва аз ҷониби дигар мубориза барои дигаргун сохтани низоми давлатии дунявӣ ба сохти давлатдории динӣ

ҳарчи ошкортар мегашт».[1]

Бо баъзе маълумотҳо бар асари сар задани ҷанги бемаънӣ ва бародаркуш, аз тарсу ваҳми зиёд ва ҳарчи тезтар аз ин гирудорҳои нобаҳангом халос кардани ҷони хеш, зиёда аз якуним миллион одамон бо аҳли оила, қабл аз ҳама аз ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистгон, ба гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ табдил ёфтанд. Ба ғайр аз ин, зарари умумие, ки бар асари ин ҷанг ба вуҷуд омад, ба 7 миллиард доллари амрикоӣ баробар буд ва ба болои он зиёда аз 150 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон, ки қисми асосиашонро ҷавонони қувваи корӣ дошта ташкил мекарданд, қурбони гирудорҳои бемаънӣ ва талошҳои мансабталошиву ҳокимиятталабӣ гардиданд. Дар натиҷа, қариб 60 ҳазор кӯдакон бепарастор монданд, 25 ҳазор занони ҷавон бешавҳар шуданд. Ба болои чунин шикасту рехти сангин бисёр биноҳои истиқоматӣ, таълимӣ, муассисаҳои мадани-маърифатӣ, купруку роҳгузарҳо, ки бо заҳмати чандинсолаи меҳнаткашон барои беҳбудии зиндагии омма бунёд карда шуда буданд, дар як муддати кӯтоҳ аз ҷониби ғоратгарону ҳангоматалабон сӯзондаву хароб гардиданд.

Вобаста ба ҳамаи он чи гуфта шуд, бояд қайд кард, ки ба тезутунд шудани задухӯрду ихтилофҳои байни ҳокимияти қонунӣ ва мухолифин дар Тоҷикистон яроқу аслиҳаи зиёде, ки артиши шӯравӣ баъди баромадан аз қаламрави Афғонистон дар ин ҷо монда буд, сабаб гардид. Пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон амалан беназорат монд, ки он барои ба ҷумҳурии мо ба таври қочоқ гузаронидани яроқу аслиҳаи ҷангӣ мусоидат кард. Чунин вазъияти баамаломада, бегуфтугӯ, сабаби боз ҳам тезу

[1] http://www.president.tj/node/197; Комиссияи Оштии Миллӣ – вазифа ва салоҳиятҳои он. Нашри ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон (ХНСММТ). Ноябри 1998. – С. 56.

тунд гардидани вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ, дар шароити сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, маҳсуб меёбад.

Воқеаи сарзадаи соли 1992 ба инкишофи минбаъдаи муносибатҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бо мамолики дуру наздик ниҳоят душвор шуд ва ҳамкориву пайванди ҷумҳурӣ бо онҳо амалан қатъ гардид. Чунин вазъияти ба вуқуъ омада, бегуфтугӯ, баҳри ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои муҳимму воҷиб дар шароити авҷи ҷанги шаҳрвандӣ ва минҷумла ҳалли масоили гурезагону муҳоҷирони иҷборӣ таъсири манфӣ расонид.

Тезу тунд шудани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон метавонист ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ хатари таркишноке оварад ва минбаъд сабаби дахолати қувваҳои беруна, қабл аз ҳама баъзе шаҳрвандони Афғонистону Эрон гардад.

Ҳолатҳои ба сӯи Тоҷикистон барангезонидани ҷангиёни саропо мусаллаҳ, ки аз ҷониби муҷоҳидони афғон махсус тайёр карда мешуданд дида мешуд. Масалан, танҳо дар муддати моҳҳои июл ва августи соли 1992 садҳо ҷангиён кӯшиши ба сарҳади Тоҷикистон гузаштанро карда, зиёда аз 400 нафари онҳо бо ҳар роҳ мусаллаҳ ба ҳудуди ҷумҳурии мо ворид гардиданд. Ба сарҳадбонон лозим меомад, ки зуд-зуд бо дастаҳои мусаллаҳи сарҳадшикан рӯ ба рӯ шаванд. Дар шароити сар задани ҷанги гражданӣ авҷ гирифтани қочоқи маводи мухаддир, ки асосан ба қаламрави Русия ва дигар мамолики муштаракулманофеъ ворид мегардид, бонги хатари ҷиддиро ба амал овард.

Амалиётҳои ҳарбии гурӯҳҳои ба ҳам муқобил асосан дар ҳудуди вилояти онвақтаи Қурғонтеппа сурат мегирифтанд. Дар низоъу ихтилофҳои дар он ҷо ба амал меомада, асосан гурӯҳҳои ташкил шудаи Кӯлоб ба муқобили зодагони водии Қаротегин меистоданд. Задухӯрдҳои мусаллаҳона дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ба вуқуъ пайвастанд. Баъди он, ки аз маҳкамаҳо

маҳбӯсони мусаллаҳ озод карда шуданд, вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ боз ҳам муташанниҷ шуд. Авҷ гирифтани ҷинояткориро дар Душанбе чунин далел шоҳид аст, ки дар шаҳр гордҳои мусаллаҳи ғайриқонунии тақрибан 2-3 ҳазор ҷанговар дошта амал мекарданд. Барои ба даст даровардани аслиҳа ва техникаи пуриқтидори ҳарбӣ амалиётҳои ба қисмҳои ҳарбӣ ҳуҷуми ногаҳонӣ кардан идома меёфт. Ҳатто воқеаи ба муқобили аҳолии осоишта истифода бурдани техникаи зиреҳпӯш ҷой дошт.

Роҳу самти нави ҳукумати қонунӣ, ки асоси онро қарорҳои таърихии Сессияи XV ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хуҷанд, ноябри соли 1992) гузошт, натиҷаи зарурияти объективӣ буд. Шароите, ки ин ҷаласа кори худро идома медод, ниҳоят душвор ва фазояш гуногунақида буд. Махсусан, оқибатҳои ҷанги гражданӣ ва ҳанӯз мавҷуд будани муқобилияти ду тараф ба мубоҳисаҳои доманадор оварда мерасонид.[1]

Дар он сессияи таърихӣ дар қатори бисёр масоили ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ, инчунин, роҳҳо ва шаклу воситаҳои минбаъда ба Ватан баргардонидан, барқарор кардани хоҷагиҳои вайронгаштаи гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Гурезагон ба муҳоҷирони иҷбории давраи ҷанги шаҳрвандиро ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кардан ҷоиз аст, ки ҳар кадоми он хусусиятҳои махсуси худро соҳибанд.

Ба гурӯҳи якум он муҳоҷирони иҷборие дохил мешуданд, ки пас аз ғорати моҳи феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе ҷумҳуриро тарк кардан гирифтанд. Ин ҷараён асосан то тирамоҳи соли 1992, вақте гурӯҳҳои ба ҳам муқобил рӯирост барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ муборизаи ошкорои мусаллаҳ оғоз карданд, давом кард.

---

[1] Махонина С. Военно-политическое содружество между Россией и Таджикистаном в 1993-1999гг. – Душанбе, 1999. – С. 73-74.

Гурӯҳи дуввум шомили муҳоҷирони дохили ҷумҳурӣ аст. Ба ин гурӯҳ он деҳқононе дохил мешаванд, ки дар солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бо мақсади азхуд ва тахту ҳамвор кардани ҳазорҳо гектар заминҳои асрҳои аср бекорхобидаи водии Вахш муҳоҷир карда шуда буданд. Ин ҷараён ниммаи аввали соли 1992, ҳангоми аз ҷониби тарафҳои ба ҳам муқобил дар пойтахти ҷумҳурӣ, дар майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ», ташкил кардани намоишҳо, сурат гирифт. Баъд аз он ки гирдиҳамомадагон ба ноҳияҳо баргаштанд, дар ҳама ҷо зиддиятҳои маҳалгароиву авлодӣ тезу тунд грдид. Чунин зиддиятҳои бемаънӣ моҳҳои июн-сентябри соли 1992 ба арши аъло расид. Дар натиҷа ҷараёни муҳоҷирати иҷбории дохилиҷумҳурӣ оғоз гардид, ки қисми асосии онро бошандагони вилояти онвақтаи Кӯлоб ташкил мекард.

Ба гурӯҳи саввумро гурезагоне ташкил мекарданд, ки дар ҷараёни тезу тунди оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакати ҳамсояи Афғонистон барои худ паногоҳ ҷустанд. Зеро, маҳз дар ҳамин вақт байни артиши ҳукумати қонунӣ, ҷабҳаи халқӣ ва қисми муайяни сокинони Ҷумҳурии Узбекистон задухӯрдҳои шадид рух дода буд. Таркиби иҷтимоии чунин гурезагонро асосан намояндагону истеҳсолкунандагони хоҷагии кишоварзӣ, саноат, маорифи халқу маданият ташкил мекарданд. Ҷараёни ба мамлакати ҳамсоя кӯч бастани гурезагон аз соли 1992 то ибтидои соли 1993 давом кард. Ин давраи аз ҳама харобиовари оқибатҳои ҷанг буд, ки он дар охири қарни XX-ум дар таърихи халқи тоҷик, чун талошҳои бародаркушона бахри ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ абадан боқӣ хоҳад монд. Агар, қисми асосии муҳоҷирони иҷбории дохили ҷумҳуриро аҳолии собиқ вилояти Кӯлоб ташкил карда бошад, миқдори умумии ба Афғонистон гурезашудагонро аҳолии баромадашон аз водии Қаротегину вилояти Бадахшони Кӯҳӣ ташкил мекард.

Гурӯҳи чаҳорум ва охиринро ба гурезагони сиёсӣ, ки

дар Афғонистону дигар мамолики Шарқи Миёна ва нимҷазираи Арабистон паноҳ ёфтаанд, нисбат додан ҷоиз аст. Ба ҳайати чунин гурӯҳи гурезагон роҳбарони дастаҳои мусаллаҳи мухолифин, роҳбарону идеологҳои онҳо ва дигар қувваҳои зидди давлатӣ дохил буданд. Чунин, ба ном қувваҳои мухолифин, пас аз дар Тоҷикистон сар кардани ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ, ки оқибатҳои харобиовари моддӣ-техникӣ, талафоти ниҳоят зиёди ҷониро ба бор овард, баъди аз ҷониби қувваҳои давлатӣ ва ҳуҷуми марговари Ҷабҳаи халқӣ маҷбур шуданд муваққатан дар мамолики хориҷӣ ҷой гиранд.

Дар назди ҳукумати қонунии ҷумҳурӣ вазифаҳои ниҳоят мушкил ва сангини ҳарбӣ-сиёсӣ истода буд. Қабл аз ҳама бо роҳи гуфтушуниди сулҳомезона, ба даст овардани ризоияту созиши умумият, хотима ва қатъ кардани ҷангу талошҳои бемаъниву бемақсад ва ба вуҷуд овардани шароити муътадил барои ба даст овардани давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, инчунин ҳарчи зудтар хотима додани оқибатҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт.

Дар баробари ҳаллу васл кардани масоили номбурда, ҳукумати ҷумҳурӣ дар назди хеш вазифаи давра ба давра ва дар асоси ихтиёран ҳал кардани чунин масъалаи ниҳоят муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, яъне ба Ватан бозгардондани гурезагон, ҷо ба ҷо кардани муҳоҷирони иҷборӣ дар ҷову макони қаблиашон гузошта буд. Ҳалли мусбат ва саривақтии ин масъалаи муҳим барои муътадил гардонидани вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ ва барқарор кардани хоҷагии халқ аҳамияти бузург дошт. Зеро, танҳо зарар ва хисороте, ки ин ҷанги дохилӣ ба дӯши меҳнаткашони Тоҷикистон овард, 7 миллиард доллари ШМА-ро ташкил мекард.

Низоъу задухурдҳои калони мусаллаҳона махсусан дар давраи тезу тунди он, яъне солҳои 1992 ва 1993, ҳаётии зиёда аз 20 ҳазор мардуми тамоман бегуноҳро рабурд.

Ин талафоти ҷонӣ нисбати фавти мардуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки солҳои 1987 то 1991 рух дода буд, хеле зиёд аст. Бар асари чунин ҷанги бародаркушу бемаънӣ 1,5 миллион одамон ҷову манзил, молу амволи хешро партофта, баҳри халос кардани ҷони худ ба гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ табдил ёфтанд.

Муҳоҷирони иҷбории дохилиҷумҳурӣ дар ноҳияҳои нисбатан бехавф парешон шуданд, аз ҷумла зиёда аз 90 ҳазор одамон дар мавзеи Кӯлоб макон гирифтанд. Дар ҳамин мавриди ниҳоят сангин қувваҳои мусаллаҳи мухолифин, дидаву донистa, чанд моҳ аҳолии вилояти Кӯлобро дар ҳалқаи муҳосираи иқтисодӣ гирифтанд. То ин дам, муҷоҳиддин дар қаламрави водии Вахш нисбати гурезагон бераҳмиҳои бемислро раво донистанд, ки дар натиҷаи бесаранҷомии одамон ба таври оммавӣ ҷараёни беихтиёри ба дигар мавзеъҳо иҷборан муҳоҷиршавӣ сурат гирифт.

Қисми дигари гурезагон, аз қаламрави Тоҷикистон баромада, ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва махсусан ба Федератсияи Русия рафта, ҷову макон карданд. Бояд изҳор кард, ки дар ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ вақт масъалаи низоъи байни миллатҳо ба вуҷуд наомадааст, ки он сабаби ба таври оммавӣ ин ҷоро тарк кардани намояндагони дигар миллатҳо шуда бошанд. Онҳо Тоҷикистонро аз рӯи тарсу ваҳм ва норасоии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити ҷангӣ тарк карда, худро ба ҷову макони тинҷу осоишта гирифтанд. Бояд изҳор кард, ки бо сабабҳои номбурда бисёртар худи тоҷикон аз ҷумҳурӣ ба Федератсияи Русия ва мамолики хориҷи дур низ рафтанд.[1]

Барои ҳамин, ба тамоми қатъият бояд изҳор кард, ки ҷараёни муҳоҷирати давраи ҷанги шаҳрвандӣ аз рӯи за-

---

[1] Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. – Душанбе, 2001. – С. 277.

рурат ва маҷбуран сурат гирифт.

Давраи аввали ҷараёни гурезагону муҳоҷирони иҷборӣ бе чунучаро ба вазъи ноустувору ногувори ҳарбӣ-сиёсии Тоҷикистон зич алоқаманд буда, асосан аз нимаи дуввуми соли 1992 ва соли 1993-ро дарбар мегирад. Ин давраро давраи таркишу авҷи муҳоҷират бояд номид, зеро, мамлакатро намояндагони миллатҳои гуногун, ки иқтидори бузурги ақливу маънавӣ ва истеҳсолиро ташкил медоданд, ноилоҷ тарк карданд. Аз ҷумҳурӣ рафтани ин қисми лозимаи аҳолӣ, ба таври ҷиддӣ иқтидори сохтор ва касбии аҳолиро дар ҷабҳаи хоҷагии кишоварзӣ ва саноат ба куллӣ тағйир дода, сабаби паст рафтани истеҳсолот гардид. Ҳамаи ин омилҳо сабаби костагӣ ва вайронии иқтисодиёт, паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва нарасидани кадрҳои баландихтисос дар хоҷагии халқ шуд. Чунин омилҳо сабаби зиёд шудани мавҷи ҳаракати муҳоҷират дар ниммаи дуввуми соли 1993, соли 1994 ва солҳои минбаъда гардид.[1]

Дар давоми ин солҳо аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати корҳои хориҷӣ роҳу воситаҳои зиёде, аз ҷумла ба роҳ мондани сиёсати байналхалқӣ, кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки ҳарчи зудтар даҳҳо ҳазор гурезагони иҷбориро аз мамолики хориҷӣ бозоварда, дар ҷову макони пешинаашон ҷойгир кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон 9 феврали соли 1993 бо намояндагии Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрда, оид ба роҳу воситаҳои ба Ватан баргардонидани гурезагон гуфтушуниди махсусро доир намуд. Аз рӯи маълумоти комиссияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаигурезагон, дар ин муддат, дар қаламрави Афғонистон зиёда аз 30 ҳазор нафар муҳоҷирони иҷборӣ

---

[1] Қахоров Г. Миграционные процессы ва Таджикистане // Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. – № 3 – 4. – 1996. – С. 30.

муваққатан ҳаёт ба сар мебурданд.[1]

Бояд ҳаминро изҳор намуд, ки ҳалли қатъии чунин масъалаи муҳим ба минбаъд мустаҳкам кардани марзи Тоҷикистону Афғонистон ва муътадил гардидани вазъи ҳарбӣ-сиёсии ҷумҳурӣ зич алоқаманд буд. Барои ҳалли ин ва дигар масоили тақдирсоз, минҷумла масъалаи ба Ватан бозовардани гурезагон ва ҷо ба ҷо намудани онҳо дар макони пешина, масъалаи қавӣ гардонидани сарҳади Тоҷикистону Афғистон мавқеи асосиро ишғол мекард. Аммо, танҳо бо қувваи ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли чунин масъалаи мураккаб аз имкон берун буд. Аз ҷониби дигар баҳри мустаҳкам кардани сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳод ва махсусан Федератсияи Русия низ манфиатдор буданд. Соли 1993-ум тезу тунд гардидани низоъи байни тоҷикон ва вазъи ниҳоят ногувор дар марзи Тоҷикистону Афғонистон байни мамлакати муштаракулманофеъ ташвиши ниҳоят ҷиддиро ба миён овард. Барои паст кардани шиддати вазъияти сарҳади ин ду мамлакати ҳамсоя, ҳамзабону ҳамфарҳанг аз ҷониби мамолики муштараккулманофеъ оид ба масъалаи ба Тоҷикистон ворид кардани қувваҳои башардӯстона қарори ниҳоят муҳимму саривақтӣ қабул карда шуд. Аммо, чунин вазъият ба зери назорати қувваҳои дастаҷамъӣ оид ба нигоҳ доштани сулҳу салоҳ гирифта нашуд. Ниҳоят, аз ҷониби мамолики муштаракулманофеъ оид ба Қувваҳои Дастаҷамъии Сулҳҷӯй ва онҳоро аз лиҳози моддӣ-техникӣ таъмин кардан ва Мавқеи Сарфармондеҳи Муттаҳида аз 24 сентябри соли 1993 гуфтушунид ба имзо расид.[2]

Ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва барпо кардани Қувваҳои Дастаҷамъии Сулҳҷӯй байни мамолики муштаракулманофеъ барои қавӣ ва бехавф гардонидани

[1] Дубовицкий В. Око тайфуна. – Душанбе, 1999. – С.70.
[2] Махонина С. Асари номбурда. – С. 64.


www.ravshanfikr.tj

сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон аҳамияти ҳалкунанда дошт, ва барои минбаъд паст кардани шиддати низоъи байни тоҷикон ва ба Ватан баргардонидани муҳоҷирону гурезагон мусоидат мекард. Масалан, дар банди якуми ин созишнома оид ба Қувваҳои Дастаҷамъии Сулҳҷӯй изҳор шудааст, ки ин ташкилот қувваҳои ҳарбии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Тоҷикистон ва Федератсияи Русияро бо аслиҳаи ҳарбӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин мегардонад.

Қувваҳои дастаҷамъии сулҳҷӯй чунин вазифаҳоро муайян карда буданд: бо мақсади мӯътадил гардонидани вазъи сарҳади тоҷику афғон ва умуман таъмин кардани устувории мамлакат ва барпо кардани шароити гуфтугӯ бо ҳамаи тарафҳо барои бо роҳи сиёсӣ бартараф кардани ихтилофҳо; таъмини ба даст овардан ва тақсим кардани ёрии фавқулодда ва дигар шаклҳои мадади башардӯстона; таъмин кардани шароити мусоид дар манзили пешинаашон ҳангоми ба Ватан баргаштани гурезаҳо ва таъмин кардани бехатарии инфраструктураи хоҷагии халқ ва дигар иншоотҳои ҳаётан муҳим.

Ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон нисбатан дуру дароз идома ёфт ва ҷумҳурӣ хисороти ниҳоят зиёди моддӣ ва маънавӣ дид. Иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба душвории ниҳоят сангин дучор шуд. Дар ноҳияҳое, ки зери муҳосираи қувваҳои даргир монда буданд, гуруснагӣ дида мешуд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки роҳи ба даст овардани сулҳ дар Тоҷикистон кори соддаву оддӣ набуда, баръакс, ниҳоят печ дар печ ва душвор буд. Расо се солу се моҳ фурсат лозим шуд, то гуфтушуниди сулҳи деринтизор байни ҳукумати қонунӣ ва иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) баста шавад. Дар ин муддат, дар чандин мамолики хориҷӣ зиёда аз бист вохӯриҳои расмӣ байни намояндагони ҳукумати қонунӣ ва ИМТ доир гардид. Бояд махсус изҳор кард, ки ягон вохӯрие набуд, ки бе

таънаву маломати тарафайн ба вукуъ пайваста бошад. Аммо, дар охир ҳамаи он адовату хусумати байни тарафҳо дар ҷараёни гуфтугӯҳо бартараф гардид. Дар охир, баъд аз як соли робитаи пешакии тарафҳо дар шаҳри Москва (6-9 моҳи апрели соли 1994) давраи аввали гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ доир шуд. Дар ин вохӯрии муҳими таърихӣ ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ш. Зуҳуров роҳбарӣ кард. Вазифаи сардори ҳайати мухолифини тоҷикро раиси Кумитаи координатсионии нерӯҳои демократии Тоҷикистон дар мамолики Иттиҳоди давлатҳои муттаҳид (ИДМ) О. Латифӣ ба ӯҳда дошт. Сарварони ИМТ А. Тӯраҷонзода ва М. Ҳимматзода бошанд баъди ба анҷом расидани гуфтушунид ба Масков омаданд.

Ба сифати мушоҳид ва миёнарав вазири корҳои хориҷии Русия А. Козирев ва фиристодаи махсуси котиби Генералии СММ Перес-Баллон (аз Уругвай) ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин гуфтушуниди тоҷикон намояндагони Русия, Афғонистон, Эрон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Покистон ба сифати мамлакатҳои мушоҳид баромад карданд.

Дар изҳороти муштараки намояндаи махсуси Муншии умумии СММ оид ба Тоҷикистон сафир Рамиро Перес Баллон ва иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ аз 11 апрели соли 1994 қайд карда шуда буд, ки бо мақсади ба пешравӣ ноил шудан, бо дарназардошти эҳтимолияти бархӯрдҳои мусаллаҳона ё дигар амалиёти душманона, ки метавонанд раванди музокиротро душвор кунанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва неруҳои мухолифини тоҷикро даъват менамоянд, аз ҳама гуна иқдоме, ки ҷараёни оғозёфтаи музокиротро ба душворӣ мувозеҳ карда метавонанд,

худдорӣ кунанд.[1]

Дар ҷараёни гуфтушунид 12 апрели соли 1994 рӯзномаи минбаъдаи салоҳияти байни тоҷикон оид ба мусолиҳаи миллӣ баррасӣ шуд ва ниҳоят тасдиқ гардид, ки дар асоси пешниҳоди ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик тартиб дода шуда буд.

Чунин рӯзнома дар муддати тамоми ҷараёни гуфтушунид се масъалаи ниҳоят муҳим, ки минбаъд самараи мусолиҳаи миллиро муайян мекарданд, дарбар мегирифт. Ин масъалаҳо иборат буданд аз: чорабиниҳои минбаъдаи ба роҳ мондани вазъи сиёсӣ дар Тоҷикистон; ҳалли масоили гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ; масоили аслии сохтори конститутсионӣ ва муттаҳидии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон.[2]

Дар бахши якуми масъалаи «Чорабиниҳои ба роҳ мондани вазъи сиёсӣ дар Тоҷикистон» ба назар гирифта шуда буд, ки минбаъд кор карда баромадани чораҳои ба даст овардани гуфтушуниди оташбас амалӣ карда шавад. Пеши роҳи амалиётҳои иғвогарона дар ноҳияҳои муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт гирифта шавад. Ба чорабиниҳои зерин инчунин масъалаи аз ҷониби шаҳрвандон нигоҳ доштани яроқу аслиҳа, ҷорӣ ва қавигардонидани назорати қатъӣ аз болои фаъолияти қувваҳои мусаллаҳи ҳукуматӣ ва қувваҳои бехатарӣ дохил мешуданд. Ба ғайр аз ин, муҳокимаи чунин масъалаҳо ба монанди мавқеи Қувваҳои коллективии сулҳ дар Тоҷикистон, мавқеи эътимодии СММ оид ба назорат аз болои иҷрои амалии чораҳои дар боло нишондода. Ба ғайр аз масъалаҳои зикргардида, инчунин муайян кардани чораҳои боварӣ дар соҳаи сиёсат пешбинӣ шуда буд. Аз ҷумла масъалаҳои парвандаҳои ҷиноятие, ки дар натиҷаи

---

[1]Роҳи сулҳ (ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон). – Душанбе – 1997. – С. 6.

[2] Дорога мира… (Документы межтаджикских переговоров). – Душанбе – 1997. – С. 120-122.

даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги гражданӣ, рӯйкушодии ҳизбҳо ва ҳаракатҳои манъшуда, басанда кардани амалиётҳои диверсионӣ-террористӣ, ҳамроҳ кардани ВАУ ба раванди мусолиҳаи миллӣ низ, ба чунин чорабиниҳо дохил мешуданд.[1]

Дар бахши дуввуми масъалаҳо «Ҳалли масоили гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ» пешбинӣ шуда буд, ки шумораи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ муайян карда шавад, инчунин сабабҳои иқтисодии гурезашудагон аниқ карда шуда, кафолати бехатарии ба Ватан баргаштани онҳо таъмин гардад. Ба ғайр аз ин, мавқеъи қувваҳои Коллективии байналхалқӣ дар Тоҷикистон, макони Комиссари Олӣ доир ба корҳои гурезагон ва дигар механизми назорати эҳтимолии байналхалқӣ оид ба амалӣ гардонидани вазифаҳои номбаркардашуда муайян карда мешуд. Дар рӯзнома инчунин масъалаҳо оид ба расонидани ёрии башардӯстона ва кафолати иҷтимоии гурезагону муҳоҷирони иҷбории ба Ватан баргардонида, ҷалб кардани онҳо ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон баррасӣ шуда буданд.[2]

Дар бахши саввуми масъалаҳо «Масоили фундаменталии сохтори конститутсионӣ ва консолидатсияи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон» коркарда баромадани таклифу дархостҳо оид ба конститутсияи нав ва роҳу воситаҳои тамоми табақаҳои ҷамъиятии Тоҷикистон дар ҷараёни конститутсионӣ, доир ба қонуни нави интихобот ва иштироки тамоми табақаҳои аҳолии ҷумҳурӣ ба он ҷалб кардан сухан меравад. Ғайр аз ин, ширкати ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҷараёни иқтисодӣ, оид ба ташкил кардани интихоботҳои демократӣ, имконпазирии мавқеи СММ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ барои дар ҳаёт татбиқ кардани баъзе масоили дар боло номбурда

[1] Дорога мира… – С.120-121.
[2] Дорога мира… – С.120-121.

баррасӣ шудааст.[1]

Ҳуҷҷати муҳими дигари давраи аввали гуфтушуниди байни тоҷикон протокол дар хусуси ташкили Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории Тоҷикистон аст. Иштироккунандагони гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ таҳти сарпарастии СММ ба хулосае омаданд, ки аз 19 апрели соли 1997 сар карда, дар асоси баробар Комиссияи муштарак оид ба масъалаҳои гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории Тоҷикистонро (минбаъд «комиссияи муштарак») таъсис диҳанд, ки ба он намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони мухолифин дохил мешаванд. Комиссии муштарак дар раванди гуфтушунид фаъолият менамояд ва кори худро бо Идораи Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо, хадамоти муҳоҷирон ва соири идораҳои марбути давлатҳое, ки дар онҳо гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории Тоҷикистон ҳастанд, мутобиқ мекунад. Дар вақти зарурӣ Комиссияи муштарак гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад, ки ба он коршиносон, низ, ҷалб карда мешаванд. Инчунин, дар протокол нишон дода шуда буд, ки иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ ба СММ бо хоҳиш муроҷиат менамоянд, ки ба комиссияи муштарак кӯмаки моддӣ расонад.[2]

Ин вохӯрии аввал ва ниҳоят душвори тарафҳо ба ҳисоб мерафт, – ба хотир меоварад собиқ вазири меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ш. Зуҳуров. Зеро, аз рафти самараноки он маълум мешуд, ки минбаъд ба муқобили якдигар истодан хотима дода мешавад ва ё муқобилат нишон додан идома меёбад.[3]

Ҳамин тавр, дар муддати ду ҳафта аз 5 то 19 апрели

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 122.
[2]Роҳи сулҳ… – С. 9.
[3] Азия плюс. 2005. - 23 июн.

соли 1994, бо миёнаравии СММ ва Русия тарафҳо, яъне намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон ва ИМТ кӯшиш ба харҷ доданд, ки нуқтаи ҳамраъйиро дарёб намоянд. Яъне, комиссияи муштарак оид ба гурезаҳо таъсис дода шуд.

Баъдтар собиқ вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон, академик Талбак Назаров аз вохӯрии нахустини тарафҳо ёдовар шуда, зикр кард, ки – намояндагони мухолифин низ майлу хоҳиши гуфтушуниди ҷиддӣ дошта, аз ҳаёти берун аз Ватан дилбазан шудаанд. Гарчанде, дар қиёфаи онҳо баъзан эҳтиёткориву ҳушёрӣ дида мешуд, аммо, ҳис мекарданд, ки дер ва ё наздик сулҳи байни тоҷикон баста хоҳад шуд.[1]

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки вохӯрии аввали гуфтушуниди тоҷикон дар шароити бағоят душвори ҳарбӣ-сиёсӣ доир гардид. Зеро, қувваҳои асосии мухолифин дар наздикии шаҳрҳои Қундуз, Талукан, Ҳазагар ва Файзободи Афғонистон гирд оварда шуда буданд, ки ҳар вақт метавонистанд ба хоки Тоҷикистон гузаранд.

Дар хатти сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон ба ном чунин ҷабҳаҳо: Шаҳритусу Қубодиён, Панҷу Кӯлоб ва Бадахшон барпо карда шуда буданд, ки дар онҳо зиёда аз 10 ҳазор ҷанговарони мухолифин ва муҷоҳидони афғон амал мекарданд.[2]

Шумораи қувваҳои мухолифин дар гурӯҳи ноҳияи Ғарм аз тобистони соли 1993 то моҳи апрели соли 1994 зиёда аз се маротиба афзуда, ба 3 ҳазор кас расид ва шумораи дастаҳои мусаллаҳи мухолифини «дохилӣ» ба зиёда аз 5 ҳазор кас расид. Дар ҳайати дастаҳои мухолифин наздики 500 нафар хориҷиёни зархарид ширкат меварзиданд. Отрядҳои ҷангии мухолифин бо яроқу аслиҳаи за-

[1] Азия плюс. – 2005. - 23 июн.
[2] Ҳайдаров Г.Х. История таджикского народа XX века. - Худжанд, 2001. – С. 386.

монавӣ мусаллаҳ буданд.[1]

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар комиссияи муштарак дар бораи ҷамъбасти давраи аввали гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ аз 19 моҳи апрели соли 1994 иштирокчиёни ҷамъомад майлу хоҳиши хешро барои бо роҳи гуфтугӯ ҳамчун воситаи асосии ба даст овардани мусолиҳаи миллӣ изҳор карданд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳои дар давраи аввали гуфтушуниди байни тарафҳо қабулшуда аниқу равшан нишон медиҳанд, ки ба гурӯҳҳо муяссар шуд, то якчанд масоили муҳимро барои муҳокимаи вохӯриҳои минбаъда баррасӣ намуда, комиссияи муштарак оид ба гурезаҳо таъсис дода ва ба гуфтугӯи сиёсӣ тайёр будани хешро аниқ кунанд. Аммо, ҳамаи ин кӯшишҳо дар рафти гуфтугӯи аввал амалӣ карда нашуданд. Тарафҳо барои имзо кардани ҳуҷҷатҳои оташбас ҳанӯз ба таври бояду шояд тайёр набуданд. Ба декларатсияи қабулкардашуда чун воситаи қатъии таъсир ба душман нигоҳ намекарданд, зеро, зӯроварии ҳарбӣ ҳам аз ҷониби Ҳукумати қонунӣ ва ҳам аз ҷониби мухолифин ҳоло давом мекард.[2]

Намояндагии махсуси муншии умумии СММ дар Тоҷикистон дар зарфи 7 солу 4 моҳ вазифаи сулҳу оштии миллиоварро адо кард. Ин ташкилоти байналхалқӣ пас аз муроҷиати Эмомалӣ Раҳмон, аз моҳи декабри соли 1992, ба унвони котиби Генералии СММ, дар рӯзҳои аввали ба итмом расидани кори Сессияи XYI ғайринавбатии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ,фаъолияти хешро дар Тоҷикистон дар вақти ниҳоят душвор ва тақдирсоз оғоз кард.

Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 20 декабри соли 1992 ба унвони Котиби Генералии СММ, ҷаноби Бутрос Бутрос Ғоли, мактуб фиристод ва хоҳиш кард, ки

---

[1] Ҳайдаров Ғ.Ҳ. Асари номбурда. – С. 386-387.

[2] Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993-1997гг). – Душанбе, 1999. – С. 10.

ба Тоҷикистон намояндаи нозири СММ-ро бо мақсади ҳамкорӣ ва аз байн бурдани ихтилофи байни гурӯҳҳои ба ҳам зид равона кунад. Гурӯҳи авали нозирон дар айни авҷи ҷанги шаҳрвандӣ ба ҷумҳурӣ омад.

Моҳи январи соли 1993 гурӯҳи начандон калони коркунони СММ ба Тоҷикистон омад ва дар шаҳри Душанбе намояндагии ин ташкилоти байналхалқӣ кори худро оғоз кард. Дар давраи фаъолияти хеш дар Тоҷикистон Намояндагии Нозирони СММ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ на танҳо доир ба танзим овардани низоъи сиёсии байни тоҷикон, инчунин, ба баҳо додани вазъияти гуманитарӣ, баргардонидани гурезаҳо ва баъди ба анҷом расидани воқеаҳои сиёсӣ дар кор карда баромадани лоиҳаи барқароркунии хоҷагии халқ ва инкишофи сохтори мамлакат, корҳои назаррасро ба сомон расонид.[1]

Ҳамин тавр, давраи аввали гуфтугӯ, ки хишти аввали таҳкурсии сулҳ ва устувориро дар Тоҷикистон гузошт, дар шароити ниҳоят душвору тақдирсози ҳарбӣ-сиёсӣ кори худро ба сомон расонд.

Қувваҳои зиёди мухолифин, ки ба муқобили ҳукумати қонунӣ ва халқ равона карда шуда буд, дар наздикии шаҳрҳои Кундуз, Талукан, Хоҷагар ва Файзободи Афғонистон ғун шуда буданд. Барои ҳамин, дар комюникеи муштарак дар бораи ҷамъбасти давраи аввали гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ аз ҷумла изҳор карда шуд, ки тарафҳо зарурати ба вуҷуд овардани авзои боварии дутарафаро дарк карда, дар шурӯъи музокироти байни тоҷикон якҷоя бо намояндаи Махсуси Муншии умумии СММ изҳороти муштаракро тайёр ва имзо карда, «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва неруҳои оппозитсияи тоҷикро даъват менамоянд, аз ҳама гуна иқдоме, ки раванди оғозёфтаи музокиротро ба душворӣ мувозеҳ

[1] Назаров Т.Н. Асари номбурда. – С.153.

карда метавонанд, худдорӣ кунанд».[1]

Давраи дуввуми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ таҳти сарпарастии СММ ва бо иштироки нозирон аз Афғонистон, Қазоқистон, Ҷумҳрии Исломии Эрон, Покистон, Федератсияи Русия, Шӯрои амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз 18 то 28 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор шуд. Ҳайати намояндагони ҳукумати қонунӣ ва мухолифин такроран дар ин давра ҳам ширкат варзиданд. Намояндаи Махсуси Муншии умумии СММ сафир Р. Перес Баллон дар гуфтушунид миёнаравӣ кард. Гуфтушуниди давраи дуввум ошкоро ва рӯирост кори худро идома дода, масъалаҳои муҳими оштии миллиро мавриди муҳокима қарор дод. Дар ин гуфтушунид таваҷҷуҳ ба он равона карда шуда буд, ки дар масъалаи оташбас ва қатъи амалиёти дигари душманона мувофиқакарда шавад.

Дар ҷараёни кор иштирокчиёни гуфтушунид бо миёнравии намояндаи махсуси Муншии умумии СММ дар баррасии проблемаҳои мушкилтарини ҳалли низоъи тоҷикон корҳои бисёр муҳимеро ба сомон расониданд. Тарафҳо мафҳуми оташбас ва дигар амалиёти бемавқеъ ва душманонаро ҳамаҷониба муайян ва мувофиқа карданд, ки он, аз ҷумла, масоили зеринро дар бар мегирад: аз ҳар ду ҷониб қатъ кардани амалиёти ҷангӣ, ба шумули ҳар гуна сарҳадвайронкунӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, амалиёти ҳуҷумоварӣ дар дохили мамлакат, зери тирборон қарор додан аз самти дигари ҳудуд, ташкили ҳар навъ машқи ҳарбӣ, ҷойгардон кардани сохторҳои доимӣ ва муваққатии ҳарбӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва Афғонистон, ки боиси ихлол дар ин шартнома мешавад; аз ҳар ду ҷониб қатъ кардани амалиёти террористӣ ва вайронкорӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон; роҳ надодани ҳар ду ҷониб ба куштор, га-

[1]Роҳи сулҳ… – С. 11.

www.ravshanfikr.tj

равгонгирӣ, ҳабсу нигоҳдории ғайриқонунӣ, ғорати аҳолии осоишта ва ҳарбиён дар ҷумҳурӣ ва мамолики дигар; роҳ надодан ба муҳосираи мавзеъи аҳолинишин, иншооти хоҷагии халқ ва ҳарбӣ; воситаҳои алоқа ва ахбори оммаро дар вайрон кардани раванди мусолиҳаи миллӣ истифода бурдан; дин ва эҳсосоти мазҳабии муъминон, ҳама гуна идеологияро бо мақсадҳои душманӣ истифода бурдан.[1]

Дар ҷараёни гуфтушунид ва муҳокимаҳои доманадор, тарафҳо ҳамчунин дар бораи нишонаҳои замони амали он (барои давраи гуфтушунид то 1 октябри соли 1994) мувофиқа ҳосил намуданд, изофатан масъалаи марбут ба таъсиси механизми амиқи назорат ба оташбаси муваққатӣ ва дигар амалиёти душманона баррасӣ шуданд.

Ҳамзамон ба ин, ҳангоми музокирот муайян шуд, ки дар мавриди тарзи амалӣ гардидани Созишнома муносибати тарафҳо ҳамсон бошад. Ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқрор дошт, ки оташбас ва қатъи дигар амалиёти душманона баробари ба имзо расидани Созишнома қатъ шавад, ӯҳдадор мешуд, ки дар давраи оташбас ва қатъи дигар амалиёти душманона шартҳои пешниҳод кардаи мухолифинро иҷро менамояд. Ҳайати мухолифини тоҷик дар навбати худ бо исрор талаб мекард, ки Созишнома дар бораи оташбас ва қатъи дигар амалиёти душманона ва аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон иҷро гардидани талаботи зерини вай ҳамзамон татбиқ шаванд: ҳамзамон бо озод шудани ашхоси гирифтор, ҳабс ба маҳкумшуда қатъ кардани ҳамаи парвандаҳои ҷиноӣ, ки бо сабаби муқобилияти сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ шурӯъ шудаанд, манъи ҳукм дар бораи лағви аҳзоб ва ҳаракатҳои сиёсӣ, ҳамчунон эҳёи фаъолияти воситаҳои ахбо-

---

[1]Роҳи сулҳ… – С.13-14.

ри оммаи манъшуда.[1]

Созишнома тақрибан мувофиқа шуда буд, тарафҳо софдилона ва хайрхоҳона ба ҳамдигар гузаштҳо карданд, аммо, барои имзои созишнома консенсус ҳосил карда натавонистанд. Тарафҳо мувофиқа ҳосил карданд, ки давраи минбаъдаи гуфтушунидро дар Исломобод доир кунанд ва ба намояндаи махсуси Муншии умумии СММ супориш доданд, ки барои муайян кардани вақти давраи саввум маслиҳатро идома диҳад.

Дар рафти давраи дуввуми гуфтушунид мухолифин ҳаракат мекард, ки талабҳои аз будаш зиёдро коре карда бар дӯши ҳукумати қонунӣ бор кунад. Зеро, мухолифин ба қувваи худ, ки нисбат ба довари хеш бартарӣ дошт ва тарафҳои иртиҷоӣ дастгирӣ мекарданд, такя мекард. Аммо, алакай тобистони соли 1994 мухолифин чунин бартариро аз даст дода буданд. Гуфтушунид инчунин аниқу равшан нишон дод, ки мухолифин бо мавқеи ғайриреалистӣ баромад, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар ҷараёни гуфтушунид бартарии хориҷиёнро ба фоидаи хеш истифода баранд. Машварати Теҳрон дар заминаи фаъол шудани амалиётҳои ҳарбии мухолифин дар ноҳияҳои назди Помир ва Ғарм, ки дар он ҷо қувваҳои зиёди мухолифини яроқнок ҷамъ шуда буданд, мегузашт. Қисмҳои артиши ҳукуматӣ қариб, ки ҳар рӯз бо гурӯҳҳои комилан мусаллаҳ ва зудҳаракати ҷангии мухолифин дар задухӯрд буданд.[2] Масалан, дар нимаи аввали соли 1994 дар марзи тоҷику афғон 129 кӯшиши даромадани сарҳадшиканони мусаллаҳ ҷой дошт.[3]

Дар ин давраи тақдирсоз намояндагони Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти тезонидани корҳоро оид ба бастани шартномаи муносибатҳои байнидавлатӣ, ки бояд асоси ҳуқуқии ҳамкории ҳамаҷонибаи

---

[1]Роҳи сулҳ… – С. 14.
[2] Белов Е.В. Асари номбурда. – С.12.
[3] Красная звезда. – 1994. 4 август.

байни ду давлат шавад, эътироф карданд.

17 июли соли 1992 сафири якуми Русия дар Тоҷикистон М. Сенкевич варақаи эътиборномаро ба роҳбарияти Тоҷикистон супурд ва бо ҳамин сафорати Русия ба фаъолияти хеш шурӯъ кард.

Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кушодани сафорати Русия бо қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «бо мақсади ҳамаҷониба ривоҷ додани алоқаи дӯстона бо Русия» 18 декабри соли 1993 қабул карда шуд. Аз моҳи апрели соли 1992 то апрели соли 1993 намояндагони Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз болои ҳуҷҷатҳои асосӣ ва умда оид ба инкишофи муносибатҳои тарафайн, фаъолона кор карданд.

Воқеаи бузурге, ки дар ҳаёти сиёсии ду мамлакат рух дод ин моҳи маи соли 1993 ба Русия сафар кардани роҳбари давлати Тоҷикистон буд. Гуфтушуниди байни намояндагони Тоҷикистону Русия дар Москва дар муносибатҳои дӯстонаи ин ду мамлакатсаҳифаи навро оғоз намуд. Ба имзо расидани шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ, инчунин чандин дигар ҳуҷҷатҳои муҳим, ки дар муддати чандин солҳо мазмуну мундариҷаи ҳамкории ҳарбӣ-сиёсии ин ду мамлакатро муайян мекунанд, дар байни меҳнаткашони ҷумҳурӣ як рӯҳбаландиро ба вуҷуд овард.[1]

Дар зарфи моҳҳои август ва сентябри соли 1994 бо иштироки фаъолонаи роҳбарони Федератсияи Русия вохӯрӣ ва машваратҳои доимӣ барои ба танзим даровардани муносибати байни тоҷикон, чи дар сатҳи мамлакатҳои муштаракулманофеъ ва чи бо роҳи СММ ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), гузаронида шуданд.

Миёнаҳои сентябри соли 1994 қуввҳои ҳарбии ҳукуматӣ дар ноҳияи Тавилдара ба муқобили дастаҳои му-

[1] Махонина С. Асари номбурда. – С. 77.

саллаҳи мухолифин ҷанги беамон мебурданд. Дар айни замон, ҳукуматдорони расмӣ барои ба танзим даровардани низоъи байни тоҷикон изҳор карданд, ки дараҷаи намояндагони ҳукумат дар вохӯриҳои минбаъда баланд бардошта шавад. Нисбати ашхосе, ки дар воқеаҳои вазнин ва хунини соли 1992 ширкат варзида буданд, авфи умумӣ бароварда шавад ва барои паст кардани шиддати вазъияти ногувор якчанд чорабинӣ андешида шавад. Дар ин самт қадамҳои нахустин гузошта шуданд. Парламент барои авфи сиёсӣ қарор баровард, ки мувофиони ҳукумат дигар аз паси дигарандешон таъқиб ва дунболагирӣ карда наметавонист. Чунин иқдомро роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити фаъолияти тезу тунди ҷангиёни мухолифин дар дохили мамлакат ва сарҳад, дар арафаи давраи саввуми гуфтушунид дар Исломобод қабул кард.[1]

Дар шаҳри Теҳрон аз 12 то 17 сентябри соли 1994 вохӯрии байни ҷонишини аввали раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Абдумаҷид Достиев ва яке аз сарварони мухолифин Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода доир шуд. Онҳо тавонистанд ба як қарори умумӣ оянд, ки натиҷаи он созишномаи оташбас ва манъ кардани дигар амалиётҳои душманона дар марзи тоҷику афғон ва дохили мамлакат буд. Ин яке аз қадамҳои ҷиддӣ дар роҳи гуфтушунид буд.

Дар ин машварат махсус созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунид муҳокима ва ба имзо расид. Дар ин созишнома изҳор карда мешуд, ки ҳайати роҳбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик (минбаъд тарафҳо) ҳангоме, ки аз 12 то 17 сентябри соли 1994 дар Теҳрон таҳти сарпарастии СММ машварат доштанд, созиш ҳосил намуданд, ки татбиқи масоили дар зер номбаршаванда қадами муҳиме дар роҳи ҳалли умумии сиё-

[1] Красная звезда. – 1994. – 9 сентябр.

www.ravshanfikr.tj

сии низоъ, оштии миллӣ, масъалаи гурезаҳо, сохтори конститутсионӣ ва ваҳдату истиқлолият ва истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд: Мувақатан амалиёти душманона дар минтақаҳои сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон ва дохили мамлакат қатъ карда шавад; аз ҳар ду ҷониб қатъ кардани амалиёти ҷангӣ, ба шумули ҳар гуна сарҳадвайронкунӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, амалиёти ҳуҷумоварӣ дар дохили мамлакат ва ғайра боиси ихлол дар ин Созишнома мешавад; аз ҷониби ҳар ду тараф қатъ кардани амалиёти террористӣ ва вайронкорӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон, дохили ҷумҳурӣ ва мамолики дигар; роҳ надодан ва муҳосираи мавзеи аҳолинишин, иншоотҳои хоҷагии халқ ва ҳарбӣ, ҳамчунон ҳар навъи воситаҳои иртибот ва ғайра.[1]

Ба ҳайси чораҳои эътимод тарафайн мувофиқа ҳосил намуданд, ки дар тӯли як моҳи баъди имзои ин созишнома корҳои зерин анҷом дода шаванд: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи рӯйхати пешниҳодшуда маҳбӯсон ва дастгиршудагонро озод менамояд; мухолифини тоҷик тибқи рӯйхат асиронро озод менамояд. Бо нияти пурсамар татбиқ кардани ҳамин Созишнома тарафайн тасмим гирифтанд, ки Комиссияи муштаракро иборат аз намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик таъсис диҳанд. Тарафайн инчунин аз Шӯрои амнияти СММ хоҳиш мекунад, ки ба фаъолияти Комиссия бо роҳи ҳамкории сиёсии миёнаравӣ ва ба минтақаи доғ нозирони ҳарбии СММ-ро фиристонидан ёрӣ расонад.[2] Ин ҳуҷҷати муҳим ва тақдирсоз 17 сентябри соли 1994 дар пойтахти Эрон ба имзо расид ва ба ҳукми қонун даромад ва баробари дар Тоҷикистон ҷойгиршавии нозирони СММ бояд ба амал медаромад.

Рӯзи 17 сентябри соли 1994 тарафҳо комюникеи мушт-

---

[1]Роҳи сулҳ… – С. 16-17.
[2] Ҳамон ҷо. – С.17.

арак дар бораи ҷамъбасти машварати баландпояи тоҷикон оид ба оштии миллӣ қабул карданд. Дар ин ҳуҷҷати ҷамъбастӣ бо ифтихор зикр гардид, ки машварат дар муҳити кушоддилӣ ва корӣ ҷараён дошт, ин далели он буд, ки тарафҳо мехостанд масъалаҳои дар миён бударо дар рӯҳи конструктивӣ ҳал кунанд. Ин барояшон имкон дод, ки Созишномаро дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунид, барои давраи то референдум оид ба лоиҳаи Конститутсияи нав ва интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо кунанд. Ва ин бо дарназардошти он, ки танҳо аввалин қадам дар роҳи ҳосили оштии миллӣ ва ҳамаи масъалаҳои дар рӯзномаи музокирот зикршуда мебошад. Тарафҳо бори дигар изҳор намуданд, ки ҷиддан тарафдори бо васоили сиёсӣ ҳал кардани моҷаро мебошанд. Бо ин ният онҳо розӣ шуданд, ки давраи ояндаи гуфтушунидро дар нимаи аввали моҳи октябр дар Исломобод баргузор намуда, дар он барои ҳосили оштии миллӣ, ҳалли ҳамаи масъалаҳои дар рӯзномаи гуфтушунид зикршуда ҷидду ҷаҳди худро ба кор баранд.[1]

Намояндаи махсуси Муншии умумии СММ ҷаноби Р. Перес-Баллон тарафҳоро даъват намуд, ки дар давраи аз рӯзи имзои Созишнома то амалӣ шудани он пуртоқатӣ зоҳир намоянд.

Аммо, барқароршавии амалиётҳои ҷангӣ дар сарҳад не, дар дохили ҷумҳурӣ, як омили ташвишоваре ба ҳисоб мерафт, ки давраи даҳшатноки ҷанги гражданӣ маҳсуб буд. Ба ақидаи рӯзномаи «Красная звезда» сабаби асосии тезу тунд шудани задухурди тарафҳо бесамар ба анҷом расидани гуфтушунид дар Теҳрон аст. Сарварони мухолифин аз рӯи маълумоти ин рӯзнома, дар бораи давраи гузариш ва таъсис додани ҳукумати муваққатӣ бо иштироки ҳамаи тарафҳои «манфиатдор», бас кардани

[1]Роҳи сулҳ… – С. 18.

фаъолияти парламент, барҳам ва беяроқ кардани дастаҳои мусаллаҳи амалкунанда ақидаи хешро изҳор намуданд. Ба ғайр аз ин мухолифин бо баҳонаи он, ки гӯё ним миллион (дар асл 200 ҳазор) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз мамлакат қарор доранд интихоби президент ғайриимкон аст.[1]

Давраи саввуми гуфтушуниди тарафҳо аз 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар Исломобод бо иштироки ҳайати намояндагие, ки дар Теҳрон кору амал мекард, доир гардид. Дар ин давраи гуфтушунид тарафҳо протоколи таъсис ёфтани комиссияи муштарак оид ба татбиқи Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишварро ба имзо расониданд.

Дар протокол зикр шудааст: Комиссияи муштарак, ки тибқи банди 5-и Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи музокирот (минбаъд Комиссияи муштарак) таъсис ёфтааст, мақоми аслие мебошад, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик ба он вазифаи назорати иҷрои Созишнома дода шудааст.

Мувофиқи ин ҳуҷҷати расмӣ ҳайати Комиссияи муштарак ба таври зайл таъйин карда шудааст: Комиссияи муштарак дар асоси баробарӣ ташкил мешавад ва ба он панҷ нафарӣ намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик дохил мешаванд. Як нафарӣ намояндаи тарафҳо ҳамраиси Комиссияи муштарак мебошанд.[2]

Мувофиқи протоколи ба имзорасида Комиссияи муштарак чунин ваколат дошт. Ин Комиссия ҳақ дошт шартҳои Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишварро шарҳ диҳад, ҳам-

---

[1] Ҳайдаров Ғ.Ҳ. Асари номбурда. – С. 387-388.
[2] Роҳи сулҳ… – С. 20.

чунон ҳодисаҳои эҳтимолии аз ҷониби тарафҳо вайрон карда шудани Созишномаи мазкурро таҳқиқ кунад; Комиссияи муштарак аз ҷониби тарафҳо иҷро шудани Созишномаро дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар назорат мекунад; Ҳодисаҳои бо гуноҳи тарафҳо вайрон шудани Созишномаро таҳқиқ менамояд ва дар асоси ахбори саҳеҳ, ки ҳангоми таҳқиқ ҳосил шудааст ба ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухолифини тоҷик, СММ ва намояндагони мамолики нозир дар гуфтушуниди байни тоҷикон таклиф пешниҳод мекунад, ки чунин вайронкориро чи хел ҳал ва вайроншавиҳои минбаъдаро чи гуна пешгирӣ кардан мумкин аст.

1 ноябри соли 1994 А. Достиев – роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва А. Тӯраҷонзода – роҳбари ҳайати мухолифини тоҷик Комюникеи муштарак «Оид ба натиҷаҳои давраи саввуми гуфтушуниди байни тоҷикон барои оштии миллӣ»-ро ба имзо расониданд. Дар ҳуҷҷат қайд шуда буд, ки гуфтушунидҳо хислати кории ошкоро доштанд. Ҳар ду тараф саъй намуданд, ки масоили мураккаби доир ба авзоъи Тоҷикистонро дар рӯҳи конструктивӣ ҳал кунанд. Байни онҳо дар бораи то 6 феврали соли 1995 тамдид кардани давраи амали Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амали душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар мувофиқа ҳосил шуд ва Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба татбиқи Созишнома ба имзо расид.[1]

Дар Коммюникеи муштарак тарафҳо садоқаташонро ба рӯҳи Созишномаи Теҳрон таъкид намуданд. Ба ин муносибат онҳо ба зарурати таъмини кафолатҳои иловагии амнияти аҳолии осоиштаи водии Қаротегин, аз ҷумла бо

---

[1]Роҳи сулҳ… – С.23.

роҳи ба он ҷо фиристодани нозирони низомии СММ фаъолтар кардани амали созмони байналхалқии ҳифзи ҳуқуқ диққатро ҷалб намуданд.

Тарафҳо бори дигар алоқамандиашонро ба ҳалли сиёсии моҷаро изҳор намуданд. Ба ин сабаб, онҳо тибқи асли ротатсия қарор доданд, ки давраи навбатии гуфтушунид дар шаҳри Москва авоили декабр баргузор гардад ва онҳо кӯшишашонро ба харҷ хоҳанд дод, ки ба ризоияти миллӣ ва ҳалли ҳамаи масъалаҳои дар рӯзномаи гуфтушунид омада ҳосил шавад.[1]

Дар ин ҷамъомад тарафҳо бори дигар бо роҳи сиёсӣ ҳаллу фасл карда тавонистани низоъро қатъиян тасдиқ карданд. Ба ин васила онҳо ба хулосае омаданд, ки зуд давраи навбатии вохӯриро ибтидои моҳи декабри соли 1994 дар шаҳри Москва баргузор кунанд.

Дар интихоботи моҳи ноябри соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид. Мухолифин оид ба ин интихобот бо изҳороти А. Тӯраҷонзода ба радиостансияи «Садои Тоҷикистони озод» диққат ҷалб карда, баён намуданд, ки мухолифин андеша доранд минбаъд ба муқобили тартиботи имрӯзаи Душанбе амалиётҳои ҳарбиро вусъат диҳанд.

Дар ин давра дар минтақаҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон ҷараёни ғуншавии ҷанговарони мухолифин бо мақсади ба қаламрави ВАБК гузаштан мушоҳида карда мешуд.[2] Дар ибтидои моҳи декабри соли 1994 ҷанговарони мухолифин ба колоннаи сарҳадбонони Русия дар роҳҳои байни Қалъаи Хумббу Хоруғ, дар минтақаи 6-уми посбонгоҳи отряди сарҳадии Қалъаи Хумб ҳуҷум карданд. Тирандозӣ ҳам аз тарафи Афғонистон ва ҳам Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст. Қатъи назар аз он, ки байни тарафҳо гуфтушунид оид ба оташ-

[1]Ҳамон ҷо. – С.24.
[2] Красная звезда. – 1994. – 7 декабр.

баси муваққатӣ доир гардида буд, ҳуҷуми мухолифин дида мешуд. Дар минтақаи ин отряди сарҳадӣ, яъне, дар қаламрави Афғонистон то 400 ҷанговар, аз ҷумла зархариду инструкторҳо оид ба корҳои минатарконӣ аз Арабистони Саудӣ гирд омада буданд.[1]

Ҳамин тавр, дар зарфи соли 1994 се даври вохӯрӣ ва якчанд машварат байни намояндагони ҳайати ҶТ ва мухолифин доир гардид. Тавредар боло зикр карда шуд, натиҷаи ин вохӯриҳо ба имзо расидани гуфтушунидҳо оид ба оташбаси муваққатӣ ва дигар амалиётҳои душманона дар сарҳади тоҷику афғон ва дохили Тоҷикистон аст. Аммо, таҷриба нишон дод, ки ҳамаи ин гуфтушунидҳо бенатиҷа мемонданд, зеро, дар сарҳади тоҷику афғон ҳолатҳову амалиётҳои мусаллаҳонаи мухолифин, ки ҷараёни гуфтушунидро муташанниҷ мекард, ҷараён дошт.

Роҳбарони мухолифини тоҷик дар ибтидои соли 1995 якчанд шартҳои беасосу дағали пешакӣ пешниҳод намуданд, ки онҳо сабаби борҳо ба қафо партофтани ҷараёни гуфтушуниди байни тоҷикон гардид. Дар ин давра мухолифин аз ҳукумати ҶТ бо қатъият талаб карданд, ки муҳосираи роҳҳои Қалъаи Хумбу Хоруғ аз байн бардошта шавад. Вазъияти тезу тунди ҳарбӣ-сиёсиро ба эътибор гирифта, 25 январи соли 1995 президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба унвони котиби Генералии СММ мактуб равон кард, ки дар он бори дигар мавқеи принсипиалиаш барои бо ҳар роҳу восита идома додани гуфтушунид изҳор карда шуд. Ӯ изҳор дошт, ки гуфтушунид оид ба оташбаси муваққатӣ ва дигар амалиётҳои душманонаи дохили мамлакат ва воқеаҳои рухдода дар сарҳади тоҷику афғон, аз 17 сентябри соли 1994, нуқтаи муҳим барои идомаи гуфтушунид аст. Ва изҳор кард, ки бе ягон шарту шароити иловагӣ дар кадом муҳлате набошад,

[1] Ҳамон ҷо. – 14декабр.

ҳукумат тайёр аст ин чараёнро давом диҳад.

Пас аз ду рӯз, яъне 27 январи ҳамон сол, А. Тӯраҷонзода ба унвони котиби Генералии СММ аз номи роҳбарияти мухолифини тоҷик мактуб равон кард. Ва дар ин ҳуҷҷат ӯ мавқеи принсипиалии мухолифинро оид ба зарурияти бо роҳи сиёсӣ давом додани муҳлат ва шарту шароити созишномаи қабулкардашуда, оид ба ҳалли низоъ аниқу возеҳ нишон дод. Ба ғайр аз ин, дар ин ҳуҷҷат гуфта шуда буд, ки мӯҳлати оташбаси муваққатӣ то 6 марти соли 1995 ба муносибати иди муқаддаси Рамазон дароз карда шавад. Ӯ изҳори ақида кард, ки чунин амал имконият фароҳам меоварад, ки гуфтушуниди байни тоҷикон баҳри ба даст овардани прогресс оид ба ҳалли масоили дар рӯзнома буда ва инчунин проблемаҳои муҳим ва фундаменталии сиёсӣ, босамар ба анҷом расад.[1]

Дар роҳи паст кардани вазъияти ҳарбӣ-сиёсии ҶТ мустаҳкам кардани ҳамкории мамолики муштаракулманофеъ ва махсусан Федератсияи Русия бо Тоҷикистон аҳамияти муҳим дошт. 10 феврали соли 1995 дар шаҳри

Алма-ато машварати шӯрои сарварони давлатҳои муштаракулманофеъ баргузор гардид. Дар ин машварат намояндагони Русияву Тоҷикистон ширкат дошта, ба имзо расидани чунин ҳуҷҷати муҳим «Номаи Дипломатӣ (Меморандум) оид ба дастгирии сулҳ ва устуворӣ дар мамолики муштаракулманофеъ, мавқеи асосиро ишғол мекард. Инчунин пешравии муайян дар ҳалли масоили ҳамкорӣ оид ба соҳаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, барпо кардани системаи бехатарии дастаҷамъӣ, ба даст оварда шуд.

Иштирокчиёни вохурӣ Муроҷиатномаи президентҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Узбекистонро ба Раиси Шӯрои Бехатарии СММ барои дар ҶТ дар зери ҳимояи СММ гузаронидани амалиёти ҳақиқатан ҳам башардӯстона ҳаматарафа тарафдорӣ намуданд. Ин

[1] Белов Е.В. Асари номбурда. – С. 17.

қарор маънии онро дошт, ки ташаббуси Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба қувваҳои мамолики муштаракулманофеъ додани статуси (вазъият, ҳолат) «қувваҳои башардӯстона дар зери сарпарастии СММ», ки 30 моҳи сентябри соли 1994 дар Ассамблеяи Генералии СММ изҳор дошт, дастгирӣ карда шавад.

Дар нимаи дуввуми моҳи апрели соли 1995 машварати ҳукумати ҶТ ва мухолифин оид ба вақт ва ҷои гузаронидани давраи дуввуми вохӯрии тарафҳо ба нақша гирифта шуда буд. Аммо, чунин машваратҳо доир нагардиданд, зеро, раиси мухолифини тоҷик А.Тӯраҷонзода баромади вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия А. Козиревро дар вохӯрӣ бо намояндагони Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон ва Тоҷикистон, чун дашном ва пастзании кори тарафҳо ҳисобид.

Чунин рафтори яке аз сарварони мухолифини тоҷик ба он шаҳодат медод, ки мухолифин на он қадар тарафдори ба таври ҷиддӣ муҳокима намудани масоили ба танзим даровардани низоъ бо роҳи гуфтушунид мебошад.[1]

Дар чунин вазъият 25 апрели соли 1995 вақти гуфтушунид оид ба оташбас ба охир расид. Ҳукумати қонунӣ тарафдори давом додани муҳлати оташбас буд, вале мухолифин оид ба ин масъала ҳатто фикру андеша ҳам надошт. Дар чунин вазъияти барои ҷумҳурӣ ногувор ҷанговарони мухолифин ҳаракат мекарданд, ки аз болои ВАБК назорати пурраро ҷорӣ карда, аз ин ҷо ба Тавилдара ва ба воситаи гурӯҳи ноҳияҳои Ғарм ба маркази мамлакат – шаҳри Душанбе ворид шаванд.[2]

Аз 19 то 26 апрели соли 1995 дар шаҳри Москва, қариб баъд аз ним соли танаффус, таҳти сарпарастии СММ бо иштироки нозирон аз Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Покистон, Федератсияи Русия ва Узбекистон вохӯрии

---

[1] Красная звезда. – 1995. – 21 апреВ.
[2] Красная звезда. – 1995.. – 11 апреВ.

ҳайати вакилони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии М. Убайдуллоев ва мухолифини тоҷик (бо ҳайати пешина), дар сатҳи баланд баргузор шуд. Тарафҳо ба сарнавишти халқи тоҷик масъулияти амиқ дарк карда, изҳор намуданд, ки танҳо ба василаи сулҳ, воситаҳои сиёсӣ ва гузашти дутарафа ва созишҳо моҷароро ҳаллу фасл карда, оштии миллиро ба даст овардан муяссар мешавад.

Тарафҳо дар бораи ба рӯзномаи машварат дохил кардани ду масъалаи зер мувофиқа ҳосил карданд:

1. Дар бораи вазъият ва чораҳои таъхирнопазир оид ба иҷрои босамари Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар, муайян кардани роҳҳо ва василаҳои пешгирии риоя намудани Созишнома ва тамдиди он.

2. Дар бораи рӯзнома, ҷой ва вақти даъвати давраи чоруми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва конститутсионӣ, ки дар давраи аввали музокирот маъқул шудааст.[1]

Тарафҳо инчунин изҳор доштанд, ки нақши Комиссияи муштаракро чун мақоми муҳимтарине, ки ба иҷрои Созишнома назорат менамояд, мустаҳкам менамояд. Бо ин ният онҳо қарор доданд ҳайати Комиссияро ба 14 нафар расонанд (аз ҳар тараф 7 нафарӣ). Инчунин тарафҳо ризоияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини тоҷик Абдулло Нуриро барои гузаронидани вохӯрӣ дар сатҳи олӣ маъқул меҳисобанд ва умед мекунанд, ки ин мулоқот то оғози давраи чорум барпо хоҳад шуд.[2]

Ҳаминро бояд зикр кард, ки машварат ниҳоят душвор мегузашт ва ҳатто қариб буд, ки барпо нашавад. Намо-

[1]Роҳи сулҳ… – С. 26-27.
[2]Роҳи сулҳ… – С. 27-28.


www.ravshanfikr.tj

яндагони мухолифин диққати асосиро ба он равона мекарданд, ки 350 нафар ҳарбиёни қувваҳои ҳукуматӣ ба ВАБК равона карда шуда буданд. Аммо, онҳо ба беист аз дараи Панҷ ба сарҳади Тоҷикистон зада даромадани сарбозонашон, ки дар байни сарҳадбонон қурбониҳои зиёдеро оварда буд, чашм мепӯшиданд.

Ҳукумати қонунӣ, барои пеши роҳи амалиётҳои ҳарбии мухолифинро боз доштан, қисмҳои иловагии ҳарбиро ба сарҳад фиристод. Дар натиҷаи мубоҳисаҳои беаҳамият аз ҳалли масоили асосӣ дур рафта, ба таънакунии тарафайн гузаштани намояндагони машварат, ба кори он мамониат мерасонд. Танҳо бо кӯшиши дипломатҳои (фиристодагони) Русия, намояндагони Афғонистону Эрон дар охир изҳороти муштарак қабул карда шуд.

Сарвари мухолифини муттаҳидаи тоҷик А. Тӯраҷонзода бе ягон рӯйпушкунӣ ва рафтори дипломатӣ ба воситаи рӯзномаи «Правда» нуқтаи назари хешро чунин изҳор кард: «Мо ба воситаи қувва ғалаба ба даст намеорем ва ба он такя кардан камоли нофаҳмӣ аст. Аммо, қувва ин воситаи фишор овардан ва он ба хотир меоварад, ки мо амал мекунем ва проблемаҳоямонро иҷро менамоем. Мо намехоҳем чун се авлоди тоҷикон дар мусофират бошем, мехоҳем ба Ватан баргашта, барои ҳуқуқи хеш мубориза барем. Тарафдорони мо имрӯз чи қадаранд органҳои бехатарӣ медонанд, омма бошад дар вақти интихобот мефаҳмад. Аммо, агар дар пушти мо қувваҳое намебуданд, агар мо камшумора мебудем дар он ҳолат моро на СММ, на Русия ва душманонамон эътироф намекарданд. Бо мо ҳам гуфтушунид доир намегардид».[1]

Ҳайати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик ба он ризоият доданд, ки давраи чоруми

[1] Правда. – 1995. – 28 апреВ.

музокироти байни тоҷикон 22 маи соли 1995 дар шаҳри Алма-ато шурӯъ шавад. Ва дар он тавре, ки дар давраи аввали гуфтушунид, дар моҳи апрели соли 1994, дар шаҳри Москва эълон шуда буд, масоили аслии сохтори конститутсионӣ ва муттаҳидии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррассӣ шавад.[1]

Дар таърихи 17 то 19 моҳи маи соли 1995 дар шаҳри Кобул вохӯрӣ дар сатҳи олӣ барпо гардид, ки дар он Президенти Давлати Исломии Афғонистон, Бурҳониддин Раббонӣ, намояндаи махсуси Муншии умумии СММ Р. Перес Баллон, ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон иборат аз 8 нафар бо сардории Президент Эмомалӣ Раҳмон, раиси ҳаракати наҳзати исломӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ширкат варзиданд.

Баъд аз машварату муҳокимаҳои тӯлонӣ ва баҳсу мунозираҳо байни ҳайатҳои намояндагӣ атрофи масоили оштии миллӣ ва дар Тоҷикистони офатзада барқарор кардани сулҳу салоҳ изҳорот қабул карда шуд. Изҳорот, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси ҳаракати наҳзати исломӣ Саид Абудуллоҳи Нурӣ 19-ми маи соли 1995 ба имзо расид, дар қатори дигар масоили мубрам, масъалаи бозовардани гурезагон ва муҳоҷирони иҷбориро низ фаро гирифта буд. Ҳангоми мулоқот ҳарду ҷониб омодагии худро ба ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини кишвар – роҳ надодан ба мунокишаи беохири миёни тоҷикон ва ноил шудан ба ҳусни тафоҳуми комили онон, таъмини оташбас алҳол барои се моҳ, бозгашти ҳамаи муҳоҷирон ба ҷойҳои муқимии зист, эътидоли пурраи вазъияти сиёсии Тоҷикистон собит карданд.[2]

Дар изҳорот инчунин гуфта шуд, ки айни замон бояд

---

[1]Роҳи сулҳ… – С.28.

[2] Абулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2009. – С.414—415.

воқеъбинона кушоду равшан баён дорем: миёни мо роҷеъ ба баъзе масъалаҳои усулӣ то ҳол ихтилофи назар боқӣ монд. Вале, мо аҳд кардем, ки дар мавриди ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои барои Тоҷикистон тақдирофарин намояндагони ваколатдорамон муколамаро идома хоҳанд дод.[1]

Аз рӯзи 22 май то 1 июни соли 1995 дар шаҳри Алмаато таҳти сарпарастии СММ ва бо иштироки нозирон аз Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Покистон, Федератсияи Русия, Узбекистон, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲЕ) ва созмони Конфронси Исломӣ давраи чоруми гуфтушуниди байни тоҷикон баргузор гардид. Ба ҳайати хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев – муовини аввали Сарвазири Тоҷикистон ва ба ҳайати мухолифин – муовини аввали раиси ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон А. Тӯраҷонзода роҳбарӣ карданд. Ҳангоми гуфтушунид сафир Р. ПересБалон намояндаи махсуси муншии умумии СММ миёнравӣ кард. Гуфтушунид дар муҳити озоди корӣ гузашт.

Мутобиқ ба рӯзномае, ки ҳангоми машварати байни тоҷикон моҳи маи соли 1995 дар Москва муайян карда шуда буд, тарафҳо масъалаи дар давраи аввали гуфтушунид дар моҳи апрели соли 1994 дар Москва эълоншуда – Масоили аслии сохтори конститутсионӣ ва муттаҳидии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амиқ баррасӣ карданд. Азбаски масъалаи тарҳшуда ниҳоят мураккаб буд, мутаассифона тарафҳо натавонистанд ба натиҷае расанд, ки қобили қабули ҳамдигар бошад. Ҳамзамон ба ин тарафҳо омодагии худро дар мавриди суроғи ҳалли амалии масъалаҳои мазкур эълон доштанд.[2]

Роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни гуфтугӯ бо мухолифин изҳор кард, ки ӯ ба дархости му-

---

[1]Роҳи сулҳ… – С. 30.
[2]Ҳамон ҷо. – С.31-32.

холифин дар бораи барпо кардани Шӯрои наҷоти миллӣ ва ба конститутсияи амалкунанда дохил кардани дигаргуниҳо муқобил аст. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идомаи гуфтушунид бо мухолифин оид ба бемуҳлат бозгаштани гурезагони тоҷик, ки дар қаламрави Афғонистони ҳамсоя қарор доштанд ва имконпазирии фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳо дар қаламрави Тоҷикистон тайёр аст. Аммо, фаъолияти ҳизбу созмонҳои мухолифин дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он шарте иҷозат дода мешуд, ки агар онҳо дар барномаҳои хеш «рӯҳ ва моҳияту характери демократия»-ро риоя карда тавонанд.

Тавре, ки ҳуҷҷатҳо аниқу возеҳ нишон медиҳанд, дар оғози гуфтушунид намояндагони мухолифин боисрор амал карда, баъдтар рафтори хешро тағйир доданд. Сарварони мухолифин изҳор карданд, ки онҳо тайёранд якчанд дархостҳояшон, аз ҷумла оид ба зуд ба истеъфо баромадани Эмомалӣ Раҳмонро бозгиранд ва беэътибор ҳисобанд. Аммо, онҳо чун пештара боисрор талаб мекарданд, ки Шӯрои назорати миллӣ барпо карда шавад ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваҳои башардӯстонаи СММ ворид шаванд, то ки онҳо тарафҳои муқобилро беяроқ гардонанд. Ба ақида ва баҳои кормандони рӯзномаи «Красная звезда» сабаби дар як ҷой бенатиҷа истодани он дар гуфтушунид иштирок накардани шахсони боломақом ва ба якдигар гузашт накардани иштирокчиёни ин ҷаласа маҳсуб аст.[1]

Дар изҳороти муштарак бо қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки ҳангоми мулоқоти сатҳи олӣ, ки 17-19 маи соли 1995 дар Кобул баргузор гардид, Созишномаи Теҳрон то 26 августи соли ҷорӣ дароз карда шуд. Дар асоси принсипҳои инсондӯстиву инсонпарварӣ намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабул кардани чораҳои зарурӣ оид ба боздоштани ҷазои олӣ, ки аз ҷониби

[1] Красная звезда. -1995. - 31 май.

тарафдорони мухолифин пешниҳод шуда буд, розигии хешро изҳор карданд.

Дар изҳороти муштарак баъд аз мубоҳисаҳои тӯлонӣ тарафҳо мувофиқа ҳосил намуданд барои ба ҷои истиқоматии доимияшон ихтиёран, бехатар ва бошараф баргаштани ҳамаи гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ саъйу кӯшиш намоянд. Онҳо ҳамчунин аз СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲЕ) Идораи Комиссияи Олии СММ оид ба гурезагон (ИКОГ) эҳтиромона хоҳиш менамоянд, то барои бехатар бозгаштани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ҳамкорӣ кунанд, инчунин барои ҳифзи амният, шарафу номуси гурезаҳо дар ҷои зисти онҳо фаъолтар кор баранд.[1]

Дар ҳамин давра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор мешавад, ки ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ дохил шудани (реинтегратсия) гурезаҳои бозгашта, ба онҳо ёрии башардӯстона ва молӣ расонидан, бо кор таъмин кардан, ҷои зист ёфтан, ҳамаи ҳуқуқҳое, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд (аз ҷумла ба онҳо баргардонидани манзил ва боигариашон, риояи собиқаи корашон) таъмин намояд, ҳамчунин гуреза ва муҳоҷирони иҷбории бозгаштаро тибқи қонунҳои ҷории Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашад. [2]

26 моҳи маи соли 1995 дар шаҳри Минск маҷлиси навбатии Шӯрои сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои мамолики муштаракулманофеъ доир гардид. Дар ин Шӯрои босалоҳият ба ғайр аз масъалаҳои рӯзмарра, инчунин проблемаҳое, ки ба равиши перспективаҳои оянда алоқа доранд мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки мавриди муҳокима қарор дошт, нуқтаи назар оид ба ҳифзи сарҳади давлатҳои муштаракулманофеъ ва давлатҳое, ки ба чунин иттиҳод ҳамроҳ

---

[1]Роҳи сулҳ… – С.32.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 33.

нестанд, маҳсуб буд. Ба ғайр аз ин, масъалаи ба эътидол овардани ихтилофҳои дар Тоҷикистон вуҷуд дошта дида баромада шуд. Оид ба дароз кардани муҳлати дар Тоҷикистон фаъолият доштани қувваҳои сулҳҷӯёнаи мамлакатҳои муштаракулманофеъ ва нақшаи минбаъд устувор кардани шароити муътадил дар марзи байни Афғонистону Тоҷикистон қарор қабул карда шуд.[1]

16 июни соли 1995 дар ҷаласаи Шӯрои Бехатарии СММ баромади наояндаи Федератсияи Русия В. Сидоров оид ба вазъияти Тоҷикистон шунида шуд. Ӯ дар баромади хеш зарурияти давом додани ваколати нозирони низомии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок кард. Бори дигар ӯ диққати ҳозиронро оид ба зарурияти зиёд кардани шумораи нозирони низомии СММ ҷалб кард. Ғайр аз ин, намояндаи Федератсияи Русия изҳор кард, ки ба хоҳишу дархости чандинбораи роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қувваҳои коллективии сулҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бояд дар ин ҷо амалиёти ҳарбии васеи СММ гузаронида швад.[2]

Ҳамкории зичи Русияву Тоҷикистон дар СММ аз мусоҳибаи намояндаи Русия дар Тоҷикистон М. Сенкевич дар рӯзномаи «Садои мардум» аниқу равшан акс ёфтааст. Намояндаи корпуси дипломатии Русия бо тамоми масъулият ва боварӣ изҳор кард, ки минбаъд Русияву Тоҷикистон оид ба муносибатҳои сиёсӣ, ҳамфикриву боварии тарафайнро идома дода, гуфтугӯи самараноки байни якдигарро дар сатҳи гуногун хоҳанд гузаронд. Онҳо тарафдор ва моил будани худро ба мақсаду принсипҳои СММ тасдиқ карда, зарурияти гузаронидани ислоҳот, ки ба принсипҳои демократӣ ҷавобгӯ бошад, изҳор карданд. Ба ғайр аз ин, намояндагони мамолики тараққикунанда ба сифати аъзои Шӯрои Бехатарии

[1] Дипломатический вестник. – 1995. – № 7. – С. 30.
[2] Дипломатический вестник. – 1995. – № 7. – С. 59.

СММ ба таври ратсионалӣ муайян карда шуданд.[1]

Тобистони соли 1995 вазъият як дараҷа дар Вилояти Бадахшони кӯҳӣ муътадил гардид. Кӯшиши ба воситаи сарҳад ба Тоҷикистон гузаштани қувваҳои иртиҷоӣ кам шуд. Сабаби оромии нисбиро сарфармондеҳи қувваҳои сарҳадии Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон П. Тарасенко шарҳу эзоҳ дода, гуфт, ки сарбозон аз ҷангу задухӯрдҳо хаста шуданд ва ба натиҷаи гуфтушуниди Президент Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари мухолифини тоҷик А. Нурӣ умед мебастанд. Задухӯрдҳои сарҳадӣ дар байни сарбозони мухолифин талафоти зиёде оварда буд.

Бо вуҷуди ин, дар пойтахт ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳаракатҳои пинҳонӣ авҷ мегирифт. Масалан, танҳо дар зарфи ду ҳафтаи моҳи июли соли 1995-ум 8 суиқасд ба амал омад, ки дар натиҷа 20 сарбоз ва ходимони ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 нафар ҳавопаймои ҳарбии полки чархболҳои Комиссияи қувваҳои сулҳпарвар ва сарҳадбонони Русия қурбон шуданд. Дар ҷавоб қувваҳои ҳарбии ҷумҳурӣ дар ноҳияи Ғарм амалиёти самараноконаи ҳарбӣ гузаронида, бисёр ашхосро беяроқ карданд.[2]

Аммо, дар ноҳияҳои наздисарҳадии Афғонистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъият номуътадил буд. Қувваҳои ҳарбии мухолифин чун пештара дар муқобили мавзеъи ҚалъаиХумб, ки якчанд дастаҳои ҳарбӣ ҷой доштанд ғун мешуданд. Дар самти Шӯробод бошад, гурӯҳҳои зарбазанандаи Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар як ҷой ғун мешуданд, ки онҳо аз ҳисоби зархаридони хориҷӣ пурқувват мегардиданд. Дар Бадахшони кӯҳӣ, дар барои задухӯрдҳои ҳарбӣ ва пас аз хомӯш шудани он анборҳои махфии лавозимоти ҷангӣ, хурокворӣ ва доруворӣ сохта шуданд.

Доир ба масъалаҳои сиёсӣ, бошад, гуфтушуниди та-

---

[1] Садои мардум. – 1995. – 10 июн.
[2] Красная звезда. – 1995. – 20 июн.

рафҳо ба кӯчаи сарбаста даромада, масъалаҳои тақдирсози сиёсӣ баррасӣ карда нашуд. Барои аз ин кӯчаи сарбаста баромадан Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифин Абдулло Нурӣ 19 моҳи июли соли 1995 аз нав дар шаҳри Теҳрон мулоқот карданд.

Президент ва роҳбари мухолифин бо таъкиди ҳусни ният пешниҳодҳои тозаро ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мавриди ихтилоф ба якдигар ироа намуданд. Минҷумла, дар мавриди даъвати Анҷумани машваратии халқҳои Тоҷикистон бо иштироки баробари намояндагони ду ҷониб ҷиҳати пайдо намудани роҳи ҳалли буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар тавофуқ ҳосил шуд.

Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ва роҳбари мухолифин аҳамияти нақшаи созандаи СММ ва кӯшишҳои пайваста ва беғаразонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар кишварҳои нозирро дар ҳалли қазияи Тоҷикистон муҷаддадан баланд арзёбӣ намуданд. Дар охири изҳороти тарафайн тавофуқ намуданд, ки музокироти даври панҷум дар даҳаи аввали моҳи августи соли 1995 дар маҳалли мавриди мувофиқаи тарафайн баргузор шавад.[1]

Дар таърихи барқарор кардани сулҳи пойдор ва мусолиҳаи миллӣ дар Тоҷикистон мавқеи калонро ба ном мулоқоти ғоибона бо иштироки Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон, сарвари мухолифин Абдулло Нурӣ ва бо миёнаравии намояндаи махсуси Муншии умумии созмони Миллали Муттаҳид Р. Перес – Баллон, ки дар шаҳрҳои Душанбе-Кобул доир гардид, бозӣ мекард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари мухолифин Абдулло Нурӣ барои риояи таъмини манфиатҳои олии халқи тоҷик нияти ҷиддӣ дошта таъкид мекунанд, ки музокира ва ҳамкорӣ василаи зарурии дастрасӣ ба сулҳи устувор дар кишвар мебошад. Дар

---

[1]Роҳи сулҳ… – С.35-36.

протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон таъкид шудааст, ки ҳукумат ӯҳдадор мешавад аз чунон амалҳое худдорӣ намояд, ки мухолифи муҳтавои протоколҳои имзошаванда бошад ва аз қабили чунон қонунҳо ва чораҳо худдорӣ менамояд, ки бо ин протокол мувофиқат намекарда бошанд. Мухолифини тоҷик дар навбати худ тааҳуд мекунад, ки муборизаи сиёсиро танҳо ба василаи мусолиҳатомез, дар асоси қонунҳои ҷорӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи шарту шароит ва кафолатҳои дар Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвар анҷом диҳад.

Бо ин мақсад, дар протоколи тарафайн изҳор шудааст, ки аз 18 сентябри соли 1995 сар карда, бо мақсади ҳарчи зудтар ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон давраи бетанаффуси музокирот ташкил карда шавад. Бо миёнравии намояндаи махсуси Муншии умумии СММ ҷои гуфтушунид бо тарафайн муайян карда мешавад.[1]

Созишномаи умумии зикршуда,– таъкид шудааст дар протокол – чунин проблемаҳоро дарбар мегирад: проблемаҳои сиёсӣ, фаъолияти ҳамаи аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳои сиёсӣ ва иштироки намояндаҳои онҳо дар идораи ҳокимият, ҳамчунин амиқтар кардани раванди демократикаунонии ҷомеаи тоҷик; проблемаҳои ҳарбӣ; ба шумули ислоҳотӣ сохторҳои ҳукумат, барҳам додан, халъи силоҳ ва реинтегратсияи сохторҳои мусаллаҳи мухолифин бо қувваҳои мусаллаҳи ҳукумат ё соҳаи мулкии кишвар дар асоси графике, ки ҳангоми музокирот муайян шудааст.

Тарафҳо рӯҳи ҳамин Протоколро ба ҳисоб гирифта, амал карда ва бо нияти давоми гуфтушунид шароити за-

[1]Роҳи сулҳ… – С. 37.

www.ravshanfikr.tj

рурӣ сохтан розӣ шуданд, ки амали Созишномаро дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар ба шаш моҳи дарпешистода то 26 моҳи феврали соли 1996 тамдид кунанд, то табдили матнҳои ин ҳуҷҷати таърихӣ, ки Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Абдуллои Нурӣ – роҳбари мухолифини тоҷик имзо карданд, 17 августи соли 1995 бо миёнаравии намояндаи махсуси Муншии умумии СММ Перес-Баллон баргузор шуд.[1]

Нимаи дуввуми моҳи октябри соли 1995 дар шаҳри Москва маҷлиси бошукӯҳи шӯроҳои сарварони давлатҳои муштаракулманофеъ доир гардид. Дар он намояндагони расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзиданд. Дар байни масоили муҳокимашаванда чунин масъалаҳо – давраи додани муҳлати дар Тоҷикистон боз мондани Комиссияи Қувваҳои сулҳпарвар ва муҳлати фаъолияти қарори Шӯрои давлатҳо «Оид ба чорабиниҳои муътадил гардонидани вазъи сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон» буданд.[2]

Охири моҳи октябри соли 1995 дар натиҷаи гуфтушуниди чандинкарата ва аз ҷониби ташкилотҳои байналминалӣ ва давлатҳои нозир ҳукумати Туркманистон мухолифини тоҷикро бо мақсади машварати сиёсӣ ба Ашхободдаъват намуд. Бо ин мақсад ҷонишини сарвари ҳайати мухолифини тоҷик А. Тӯраҷонзода ва намояндагони он аз 30 моҳи октябр то 2 ноябри ҳамон сол дар шаҳри Ашқободбуданд. Баъд аз гуфтушунид бо Президенти Туркманистон Сапармурод Ниёзов, ки дар ин вохӯрӣ ҷонишини намояндаи махсуси СММ ширкат дошт, мухолифини тоҷик ба он розигӣ кард, ки ҷои минбаъдаи гуфтушуниди тарафҳо шаҳри Ашхободқарор ги-

---

[1]Ҳамон ҷо. – С. 37-38.
[2] Информационный бюллетень МИД РТ. - 1995. – № 8. – С. 11.


www.ravshanfikr.tj

рад. Ва тарафҳо барои 30 ноябр оғоз шудани гуфтушунид розӣ шуданд.

Дар давраи каме мавқуф доштани гуфтушунидҳои тарафайн ва оғози он задухӯрдҳои яроқнок дар Бадахшони кӯҳӣ ва ноҳияҳои Ғарму Тавилдара тезу тунд гаштанд. Ба ғайр аз ин, низоъи байни ду бригадаҳои ҳарбии тоҷик сарчашмаи ноороми дар ноҳияи Қурғонтеппа гардид.

Қисмҳои якум ва ёздаҳуми бригадаи артиши Тоҷикистон дар ноҳияҳои Ғарму Тавилдара ҷойгир карда шуданд. Аммо, охири моҳи октябри соли 1995 дар ноҳияи Тавилдара задухӯрдҳои ҳарбӣ ба вуқуъ пайваст. Ин задухӯрдҳо байни қувваҳои ҳукумати Тоҷикистон ва қувваҳои тарафдорони мухолифин, ки ба онҳо ҷангиён аз Бадахшони Кӯҳӣ дохил буданд, тезутунд шуданд. Дар ҷараёни амалиётҳои ҳарбӣ, ки бо маълумоти мушоҳидони СММ ҳукумат авиатсия ва артилерияро ба кор бурд, 54 нафар сарбози ҳарбии ҳукуматӣ асир гирифта шуданд.[1]

Тирамоҳи соли 1995-ум бо маълумот ва баҳои бисёр мутахассисон, ҷараёни гуфтугӯи тарафҳо ба кӯчаи сарбаста ворид шуд. Мухолифин дар ҳамин вазъият амалиётҳои ҳарбиро фаъол гардонда, ба ноҳияҳои дохилии Тоҷикистон ворид шуд. Ин вазъият Федератсияи Россияро бетараф гузошта наметавонист. Моҳи ноябр ба ҷумҳурӣ ёрдамчии Президенти Федератсияи Россия оид ба корҳои байналхалқӣ Д. Рюриков, бо мақсади додани маслиҳату машварат барои аз вазъияти душвори ба амал омада баромадан, ба ҷумҳурӣ ташриф овард.

Ба ғайр аз ин, дар ҳамин давра вазъият дар сарҳад ҳанӯз ниҳоят вазнин буд. Қариб ҳар рӯз амалиётҳои тирборонкунӣ ва убур аз сарҳад дида мешуд. Дар аввали сол сарҳадбонон 90 маротиба ба тирборон дучор шуданд, онҳо 20 маротиба бо душманон рӯ ба рӯ шуда, ҷангид-

[1] Белов Е.В. Асари номбурда. – С. 244-245.

анд. 150 маротиба кӯшиши аз сарҳад ба қаламрави Тоҷикистон зада даромадани қувваҳои мухолифин дида мешуд. Баробари ин, мухолифин маълумотҳои бардурӯғ паҳн мекарданд, ки гӯё бисёр воқеаҳои ба амал омада аз ҷониби сарҳадбинони Русия содир карда мешуд.[1]

Дар ҳамин шароити вазнини ҳарбӣ-сиёсии дохилӣ ва берунӣ давраи панҷуми гуфтушуниди байни тоҷикон дар шаҳри Ашқобод, 30 ноябри соли 1995, кори хешро оғоз кард. Аммо, як рӯз пеш аз оғози форум дар қисми шимолу шарқи Тавилдара байни қувваҳои ҳукуматӣ амалиётҳои ҳарбӣ дар Миёнарав ва Арганкӯл бо қувваи мухолифин дар Лайрон сурат гирифт. Баъдтар қувваҳои мухолифин аз Бадахшони кухӣ мадади ҳарбӣ гирифтанд. 6-уми моҳи декабри ҳамон сол қувваҳои ҳарбии ҳукуматӣ ба музофоти Лайрон наздик шуданд. Дар ин муддат сарбозони мухолифин чандин маротиба ба нуқтаҳои сарҳадии ноҳияи Москва ҳуҷум карданд. Дар натиҷаи чунин амалиётҳои душманона аввалин мазмуни пленарии коргарӣ, ки дар Ашқобод бояд доир мегардид, каме ба таъхир афтода, танҳо 7 моҳи декабри соли 1995 кори худро оғоз намуд.[2]

Гуфтушуниди давраи панҷуми байни тоҷикон дар шаҳрҳои Ашқобод дар се марҳила кори худро гузаронид. Дар давраи аввал роҳбари ҳайати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро М. Убайдуллоев ба ӯҳда дошт. А. Тӯраҷонзода бошад роҳбари ҳайати Иттиҳоди мухолифин буд. Марҳилаи дуввум ва саввуми гуфтушунидро чун намояндаи ҳукумат Вазири Корҳои Дохилии ҶТ Т. Назаров ва аз ҷониби мухолифин А. Тӯраҷонзода ба ҳайатҳояшон роҳбарӣ мекарданд. Дар тамоми марҳилаҳои давраи панҷуми гуфтушунид хизмати миёнаравиро Р.

[1] Правда. - 1995. - 8 ноябр.

[2] Доклад Генералного секретаря ООН «О положении в Таджикистане», 22 марта 1996 г. // Белов Е.В. – С. 252-253.

Перес-Баллон – намояндаи махсуси Муншии умумии СММ ва намояндаи махсуси котиби Генералии СММ адо мекарданд. Дар ҷараёни гуфтушунид нозирон аз давлати Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Туркманистон, Федератсияи Русия, Узбекистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲЕ) ширкат варзиданд.

Дар марҳилаи аввали давраи панҷуми гуфтушунид, 13 декабри соли 1995, тарафҳо баёнияи муштарак қабул карданд. Дар он бо қаноатмандӣ изҳор карда шуда буд, ки ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба дастрасии натиҷаи мушаххас дар гуфтушуниди бетанаффуси байни тоҷикон дар Ашқобод умедвор шуда, тибқи Протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризояти миллӣ амал карда, аз рӯзи 18.08.1995 то имрӯз ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани Созишномаи Теҳронро маҳкум менамоянд.

Тарафҳо ба Комиссияи муштарак супориш доданд, ки якҷоя бо нозирони низомии СММ, воқеаҳои охирини дар самтҳои Тавилдара ва Шӯробод рӯйдодаро таҳқиқ кунанд.[1]

Ғайр аз ин, дар ҳуҷҷати номбурда тарафҳо изҳор карда ӯҳдадор шуданд, ки минбаъд ҳам нуқтаҳои созишномаи зикршударо эҳтиром ва бечуну чаро риоя намоянд. Ҳамчунон аз МНООНТ хоҳиш карданд, ки бо мақсади назорат ва ҳосил кардани ахбори аниқ аз ҷойҳои дигар нуқтаҳои назоратии худро ба ин ноҳия кӯчонад.[2]

Дар маҷлиси умумии (пленарии) рӯзи 22 декабри соли 1995, марҳилаи якуми давраи панҷуми гуфтушунид дар изҳороти раиси он омадааст, ки давраи бетанаффуси гуфтушуниди байни тоҷикон дар Ашқобод 30 ноябри соли номбурда оғоз ёфт. Қалб аз ҳама, – гуфта мешавад дар

[1]Роҳи сулҳ… – С. 39.
[2]Ҳамон ҷо. – С. 39-40.

изҳорот,– ман мехоҳам аз номи Созмони Миллали Муттаҳид, боварӣ дорам зид нахоҳанд буд, аз номи ҳардуи ҳайъат дар гуфтушуниди байни тоҷикон, мамлакатҳои нозир ва созмонҳои байналмиллалӣ ба Президенти Туркманистон ва Ҳукумати Туркманистон барои дастгирии доимӣ ва меҳмоннавозиашон, инчунин баҳри шароити олиҷанобе, ки Ҳукумати Туркманистон ба кори мо фароҳам сохтанд, миннатдории самимӣ изҳор намоям.

Ба шарофати,– гуфта шудааст дар изҳорот,– кӯшиши тарафҳо ва дастгирии мамолики мушоҳид, бо мақсади оғози гуфтушунидҳои муфид зарурати мубрами оташбас таъкид шуд.[1]

Дар идомаи Изҳорот изҳор карда мешуд, ки вазифаи мо аз он иборат аст, ки кори минбаъдаамонро дар заминаи он пешравие, ки дар Ашқобод ҳосил шуд, ба роҳ андозем, давраи бетанаффусро ба марҳилаи нави ҳамаҷониба шудани музокираи байни ҳайати ҳукматӣ ва мухолифин барорем. Азбаски мо аллакай бештар аз се ҳафта бетанаффус кор кардем, бо тарафҳо маслиҳат карда ба хулосае омадем, ки танаффуси кӯтоҳе эълон кардан даркор аст. Идомаи давраи бетанаффус рӯзи 15 январи соли 1996 дар Ашқобод шурӯъ мегардад. Ман тарафҳоро боисрор даъват кардан мехоҳам, ки дар бораи мубоҳисаи рӯзҳои охир амиқ ва конструктивӣ биандешанд.[2]

Охири моҳи декабри соли 1995 дар ҷараёни маҷлиси охирини умумии давраи панҷуми марҳилаи якуми гуфтушуниди Ашқобод намояндагони мухолифин ногаҳон, дар бораи зарурият надоштани барқарор кардани марҳилаи минбаъдаи гуфтушунид, то дами аз ҷониби сарварони давлатҳои муштаракулманофеъ дар вақти муайяншудаи вохӯриашон миёнаҳои моҳи январи соли 1996 аниқ накардани мавқеашон оид ба муътадил гардониданивазъи сиёсии Тоҷикистон ва онро бо амалиётҳои му-

[1]Роҳи сулҳ… – С. 40.
[2]Ҳамон ҷо.– С. 41.


www.ravshanfikr.tj

шаххас мустаҳкам накунанд, ақидаи хешро оид ба ба ин масъалаи муҳим муайян карданд. Ин шарту шароити пешгузоштаи мухолифин оид ба барқарор кардани гуфтушуниди тарафҳо, ки 15 моҳи январи соли 1995 таъйин шуда буд, монеаи ҷиддӣ шуд. Пас, кӯшишҳои дутарафаи аз ҷониби фиристодаи махсуси СММ ва ҳукуматҳои манфиатдор, махсусан ҳукумати Туркманистон гуфтушунид аз рӯзи таъйиншуда 11 рӯз пас кори худро оғоз кард.

Сипас, дар шаҳри Ашқобод аз 26 январ то 19 феврали соли 1996 марҳилаи дуввуми гуфтушуниди бетанаффуси байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ зери сарпарастии СММ баргузор гардид. Роҳбари ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров – вазири корҳои хориҷӣ, роҳбари ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода – муовини аввали раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон буданд. Дар ҷараёни гуфтушунид сафир Рамиро Перес-Баллон – намояндаи махсуси Муншии умумии СММ миёнаравӣ кард.

Дар ин машварат Декларатсияи Ашқобод дар бораи ҷамъбасти марҳалаи дуввуми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ зери сарпарастии СММ қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷати таърихӣ изҳор карда шуда буд, ки тарафҳо дар вақти гуфтушунид омодагии худро барои тамдиди Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар изҳор намуданд. Вале, ба иллати ихтилофоти ҷиддӣ дар масъалаи ҳалли ин мавзӯъ мувофиқат ҳосил намуд ва тарафҳо аҳд карданд, ки гуфтушунидро дар ин бобат идома диҳанд.

Тарафҳорозӣ шуданд, ки дар вақти муайянкардаи намояндаи махсуси Муншии умумии СММ дар Ашқобод

гуфтушунидро идома медиҳанд.[1]

Пас аз марҳилаи дуввуми давраи панҷуми гуфтушуниди байни тоҷикон дар шаҳри Ашқобод аз 11-12 моҳи марти соли 1996 дар Душанбе иҷлосияи махсуси маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он гузориш «Оид ба фаъолияти Комиссияи Ҳукуматӣ дар гуфтушуниди байни тоҷикон» шунида шуд. Дар ин иҷлосия намояндагони ҳукумати қонунӣ рафти гуфтушуниди байни тоҷиконро ба таври объективӣ таҳлил ва баҳо доданд. Мавқеи Котиби Махсуси Генералии СММ ва дигар намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ ва мамолики нозир дар кори ҳаматарафа муътадил гардонидани вазъи ҳарбӣ-сиёсӣ ва ба даст овардани сулҳу оромӣ дар Тоҷикистон, низ, хелое дуруст арзёбӣ карда шудааст.

Дар ин ҷаласа Президенти Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон бо маърӯзаи пурмуҳтаво баромад карда, нишон дод, ки тамоми низоъҳо бо роҳи гуфтушуниди тарафайн ва сулҳ ҳал карда мешавад. Ӯ таклиф гузошт, ки тирпарронӣ абадан бас карда шуда, давраи минбаъдаи гуфтушуниди тоҷикон дар ҳудуди Тоҷикистон доир гардад.

Дар қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рафти гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба созиши миллӣ таҳти сарпарастии созмони Миллали муттаҳид» гуфта шудааст, ки гуфтушуниди байни тоҷикон, ки қариб ду сол пеш бо миёнравии СММ оғоз шуд, марҳалаи муҳиме дар ҳалли проблемаҳои мавҷудаи сиёсӣ гардид.

Дар ин гуфтушунид роҳҳои беҳтари фароорасии сулҳ дар ҷумҳурӣ, ба ҳам наздик кардани мавқеъҳо мавриди арзёбӣ қарор гирифт, аввалин муваффақиятҳои дуҷониба ба даст омаданд, ки онҳо на танҳо боиси дастгирӣ дар

---

[1]Декларатсияи Ашқобод дар бораи ҷамъбасти марҳалаи дуввуми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ зери сарпарастии СММ. Аз 18 моҳи феврали соли 1996. // Роҳи сулҳ… – С. 43.

кишвар, балки боиси дилгармии аҳли башар низ гардиданд; аммо, дар ҳалли умдатарин масъалаҳои гуфтугӯ, душвориҳои муайяне пеш омаданд, ки онҳо аслан тасодуфӣ не, балки ифодагари воқеии мавқеъҳо ва вазъи сиёсӣ дар Ҷумҳурӣ мебошанд.[1]

Марҳилаи саввуми давраи панҷуми гуфтушуниди тоҷикон аз 8 то 21 моҳи июни соли 1996 дар шаҳри Ашқобод доир гардид.

Пас аз муҳокима ва баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ гирду атрофи проблемаҳои мухталиф 19 моҳи июл тарафҳо изҳороти муштарак дар бораи қатъи амалиёти ҷангӣ ва риояи Созишномаи Теҳронро қабул карданд. Ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар гуфтушуниди байни тоҷикон бо мақсади ба эътидол овардани вазъи кишвар, пешгирии қурбонӣ ва азияти одамон, пешгирии вайроншавии инфраструктура ва нобуд гардидани арзишҳои моддӣ, ҳамчунин барои бомуваффақият анҷом додани гуфтушунидҳо ва дастрасӣ бо сулҳу оштии миллӣ дар Тоҷикистон шароити зарурӣ фароҳам овардан дар масъалаҳои зерин мувофиқа ҳосил намуданд: барои риояи Созишномаи Теҳрон оид ба оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар амалиёти ҷангӣ ва дигар кирдори душманона дар дохили мамлакат, махсусан дар минтақаи Тавилдара ва дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон бас карда шавад; нерӯҳои мусаллаҳи тарафҳо дар мавқее мемонданд, ки рӯзи имзои ҳамин изҳорот ишғол намудаанд; баъди имзои Изҳороти муштарак дар муддати се рӯз намояндагии нозирони СММ дар Тоҷикистон (МНООНТ) дар ҳар ду тараф хатти бархӯрд дар минтақаи Тавилдара ду гурӯҳи нозирони ҳарбияшро ҷой медиҳад; нозирони

[1]Роҳи сулҳ… – С. 59-60.

www.ravshanfikr.tj

ҳарбии СММ бо мақсади таъсиси назорати иҷрои Созишномаи Теҳрон пешгирии эҳтимолияти поймол шудани он дар минтақаи Тавилдара ба қумандонҳои саҳроии дастаҳои мусаллаҳи мухолифин ва фармондеҳони қисмҳои ҳарбии нерӯҳои мусаллаҳи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаи мустақили телефонӣ барқарор мекунанд; нозирони ҳарбии СММ ва Комиссияи муштарак шикояти эҳтимолии тарафҳоро дар бораи риоя намудани Созишномаи Теҳрон меомӯзад ва аз натиҷаи тафтиш МНООНТ ва тарафҳоро огоҳ мекунад; тарафҳо амали Созишномаи Теҳронро ба муддати то 31 декабри соли 1996 дароз мекунанд.[1]

Тарафҳо барои озодона ҳаракат кардани аъзои комиссияи Муштарак ва нозирони ҳарбии СММ кафолат доданд. Ба ғайр аз ин, тарафҳо оид ба иҷрои амали башардӯстона роҷеъ ба табдили асирони ҳарбӣ ва маҳбусон протокол ба имзо расониданд. Мувофиқи рӯйхате, ки тарафҳо то тамомшавии ин давраи гуфтушуниди байни тоҷикон дар Ашқобод ба Комитети байналмиллалии Салиби сурх (КБСС) супориданд, то 20 августи соли 1996 дар шаҳри Хоруғ ба миқдори баробар асирони ҳарбӣ ва маҳбӯсон давра ба давра иваз карда шаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон руйхати асирони ҳарбӣ, Иттиҳоди мухолифии тоҷик рӯихати маҳбӯсонро пешниҳод карданд.

Тарафҳо пас аз анҷоми гуфтушунид дар бораи ҷамъбасти марҳалаи гуфтушуниди байни тоҷикон дар Ашқобод изҳороти муштарак қабул карданд. Дар ин ҳуҷҷат қайд карда шуда буд, ки гуфтушунид дар фазои корӣ ва озод ҷараён гирифт. Ин имкон дод, ки дар бораи қатъи амалиёти ҷангӣ ва риояи Созишномаи Теҳрон изҳороти муштарак ба имзо расад. Бо нияти фоиданокии

[1] Изҳороти муштарак – дар бораи қатъи амалиёти ҷангӣ ва риояи Созишномаи Теҳрон аз 19 моҳи июли с. 1996. // Роҳи сулҳ… – С. 61-63.

таъсири Созишномаро тақвият додан, барои пурратар кардани назорат ва аз ҷониби тарафҳо риоя шудани он, чораҳои иловагӣ андешида шуд. Ҳамчунин, дар хусуси ба муҳлати то охири декабри соли 1996 тамдид кардани амали Созишномаи Теҳрон ризоят ҳосил гардид.

Дар асоси андешаҳои инсонпарварона тарафҳо дар хусуси то 20 августи ҳамин сол анҷом додани амали башардӯстона оид ба табодули теъдоди баробари асирони ҳарбӣ ва маҳбӯсон протоколро ба имзо расониданд. Тарафҳо аз Кумитаи байналмиллалии Салиби Сурх хоҳиш карданд, ки дар иҷрои ин амали башардӯстона ёрӣ диҳад.

Тарафҳо садоқати хешро ба ҳалли сиёсии моҷаро тасдиқ карданд. Инчунин, онҳо ӯҳдадор шуданд, ки барои баррасии бахши масъалаҳои сиёсӣ дар вақтҳои наздиктарин гуфтушунидро давом медиҳанд.

Аъзои комиссия Муштарак аз ҷониби мухолифин охири моҳи июни 1996, баъди аз ҷониби ҳукумати қонунӣ гирифтани кафолати бехатарӣ, ба шаҳри Душанбе баргаштанд. Якуми моҳи июли ҳамин сол комиссияи Муштарак маҷлиси нахустини худро гузаронд. МНООТ бошад фаъолияти комиссияи Муштаракро ҷонибдорӣ кард. Аз ҷумла, он ба комиссия дар моҳи август ташкил кардани вохӯрӣ байни командирони мухолифин ва намояндагони ҳокимияти маҳаллии Ғарм дар шароити вазнин мусоидат кард. Дар натиҷа, вазъияти тезу тунди байни ҳокимияти маҳаллӣ ва мухолифин хеле беҳтар шуд. Ин барои як дараҷа ба эътидол овардани вазъи барқарории алоқаи роҳу нақлиёт байни Душанбеву Ғарм ва ноҳияҳои нисбатан дурдаст гардид.

Баробари ин, бояд қайд кард, ки созишномаи дар Ашқобод ба даст омада, ки барои оташбас заминаҳои боэътимод ба бор оварда буд, иҷро нашуд. Масалан, ба ғайр аз задухӯрдҳои вазнин, ки дар Тавилдара рух медоданд, амалиётҳои ҳарбӣ дар води Қаротегин (ҳоло ноҳияи Рашт) вазнинтар мешуданд. Дар ин давра вазъи-

www.ravshanfikr.tj

яти муташанниҷ дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон мушоҳида карда мешуд.

Дар чунин вазъияти ниҳоят мушкил ибтидои моҳи декабри соли 1996 Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар гузориши хеш ба рӯзномаи «Независимая газета» изҳор кард, ки аз ҷониби ҳукумат доимо ва пай дар пай оиди ба низом даровардани низоъи байни тоҷикон, қадамҳои чобуконаву матин гузошта шуданд ва оид ба масоили ниҳоят тезу тунд ва тақдирсоз низ гузаштҳо карда шуданд. Душвории гуфтушуниди тарафҳо аз он иборат буд, ки ба ақидаи сарвари давлат, роҳбари мухолифин дар мақсаду дархостҳои хеш аслан ҷонибдори дигар кардани сохти конститутсионӣ бо роҳи онро аз нав дида баромадан буд, ҳол он ки ин қонуни асосӣ дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда буд. Дигар масъалаи муҳиме, ки Президент изҳор кард, ин масъалаи оташбас ба ҳисоб меравад. Дар ҳама давраҳои гуфтушунид ҷониби ҳукумати қонунӣ на ба масъалаи муваққатан, балки ба таври доимӣ қатъи оташфишониро чун асос ва шарти муҳими гузаронидани гуфтушунид масъалагузорӣ мекард. Аммо, мухолифин афсус, ки чун ҳарвақта, ба ин масъалаи тақдирсоз ба таври манфӣ назар афканда, танҳо оид ба давом додани оташбас дар муддати се ва ё шаш моҳ розигӣ баён менамуду бас.[1]

Баъдан Президент дар изҳороти хеш рӯирост қайд кард, ки мо барои иштироки мухолифин ба сохтори идоракунии ҳамадараҷа, яъне аз деҳот сар карда то дастгоҳи болоии давлатӣ имкониятҳоро фароҳам меоварем. Маълум, ки чунин нуқтаи назар дар ҳуҷҷатҳои қабулкардаи пешина, дар рафти гуфтушуниди тоҷикон, аз ҷумла дар протоколи машҳури барқарории сулҳусалоҳ, аз 17 моҳи августи соли 1995, таҷассум ёфтааст.[2] Давраи авва-

[1] Независимая газета. – 1996. – 3 дек.
[2] Ҳамон ҷо.


www.ravshanfikr.tj

ли гуфтушуниди байни тоҷикон дар замони амалан ҷараён доштанизадухӯрдҳои ҳарбӣ мегузашт. Дар ин муддат ҳар кадом аз тарафҳои муқобил кӯшиш ба харҷ медод, ки таъсири зиёди сиёсӣ ба рафти гуфтушунид расонад.

Маълум, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳайати ИМТ, чун ташкилоти сиёсӣ якранг набуда, аз тарафи чандин мамолики исломӣ ва ташкилотҳои байналхалқии исломӣ ҳамагуна ҷонибдорӣ мегардид. Ин масъала чун ҳуҷуми васеъи ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷии диндорони маҷороҷӯи дар тамоми қаламрави ҷумҳуриҳои Осиёи Марказии узви СНГ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҷой дошт. Чунин вазъияти ногувори ба амал омада роҳбарияти Русия ва дигар мамолики муштаракулманофеъ, қабл аз ҳама ҳамсоягони Тоҷикистонро водор кард, ки ба вайрон кардани шароити муътадили кишвар ва бо роҳи зӯрӣ барҳам додани давлатҳои қонуниро пешгирӣ кунанд.

Фарқияти гуфтушуниди тоҷикон аз дигар гуфтушунидҳоаз он иборат аст, ки он байни худи тоҷикон, ки як гурӯҳи этникӣ буда, ба як дин (ислом) маҳсубанд, ба вуқӯъ пайваст. Ҳукумати қонунӣ мақсади барпо кардани давлати дунявиро дошт, аммо, мухолифин ҷонибдори давлати исломӣ буданд.

Таҷрибаи таърихӣ бармало нишон дод, ки ҳар ду ҷониби ба гуфтушунид нишаста дар раванди суҳбати нисбатан дурру дароз барои ба якдигар фишори ҳарбӣ овардан умед мебастанд. Аввалин созишнома дар бораи оташбас танҳо дар миёнаҳои моҳи сентябри соли 1994, яъне пас аз панҷ моҳи оғози гуфтушуниди тарафҳо ба имзо расида буд. Дар натиҷа ба ин созишнома доимо муддат дароз карда мешуд ва мунтазам аз ҳарду ҷониб, алахусус аз тарафи мухолифин, вайрон карда мешуд. Амалаиётҳои ҷангӣ то охири соли 1996 давом кард. Мухолифин чунин шаклҳои фишор овардан ба монанди диверсия ва тераризм, гаравгон гирифтан, ба унвони комиссияи мусолиҳои миллӣ ва сарҳадбонони Россия иснод овар-

данро васеъ истифода мебурданд. Баробари ин, гузаронидани ҷараёни гуфтушунид дар шароити задухӯрдҳои беисти яроқнок ва дар заминаи изҳороти доимии намояндагони ҳукумат ва мухолифин бо роҳи ҳарбӣ ҳал кардани низоъи байни тоҷикон ғайри имкон буда, танҳо онро бо роҳи сиёсӣ ҳаллу фасл кардан имкон дорад.

Хусусияти махсуси давраи аввали гуфтушуниди байни тоҷикон аз он иборат буд, ки дар ҷараёни гуфтушунид вақти зиёд ба масоили дуввумдараҷа, аз ҷумла муайян кардани ҷои гузаронидани давраи навбатии гуфтушунид, масъалаи озод кардани мухолифин, ки аз ҷониби ҳукумат ба содир кардани амалиётҳои зидди қонунӣ айбдор карда шудаанд, сарф карда шуд.

Давраи нав ва марҳалаи охирини гуфтушуниди тоҷикон аз моҳи декабри соли 1996 оғоз гардид. Тарафҳо акнун барои ҳал кардани масъалаҳои тақдирсози сиёсӣ камар бастанд. Ва бори нахуст дар муддати гуфтушуниди тарафҳо асосан масъалаи созишномаи байни гурӯҳҳои бо ҳам зид амалӣ гардид.

Ҳукумати Тоҷикистон ва ИМТ ибтидои моҳи декабри соли 1996 дар гуфтугӯи байни якдигар ба муваффақиятҳо ноил гаштанд. Масалан, 10 ва 11 моҳи декабри ҳамин сол президент Эмомалӣ Раҳмон ва Абдуллои Нурӣ дар шаҳри Хосдеҳи шимоли Афғонистон вохӯрии пешакӣ доир карда, ба вохӯрии дар пеш истодаи сатҳи боло, ки бояд дар шаҳри Москва баргузор мешуд, замина гузоштанд. Дар ин вохӯрӣ, инчунин, президенти Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ ва намояндаи махсуси котиби Генералии СМИ дар Тоҷикистон ҷаноби Герд Меррем (Германия) ширкат варзиданд. Дар ин ҷо пас аз мубоҳисаи тӯлонӣ ду ҳуҷҷат ба имзо расид: Протокол ва изҳороти муштараки президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ Саидабдулои Нурӣ. Онҳо овзои ҳарбию сиёсии минтақаҳои Қаротегину Тавилдараро, ки вақтҳои охир тезу тунд шудааст, баррасӣ намуда, дар арафаи мулоқоташон

дар Москва таслим гирифтанд: аз соати 00 таърихи 12 декабри соли 1996 то имзои созишнома дар Москва ҳамагуна амалиёти ҷангӣ қатъ карда шавад; барои таъмини эътимоди ИМТ хизматчиёни артиши ҳукуматро, ки бар асари воқеаҳои охир дар Тавилдара, Комсомолобод, Ғарм, Тоҷикобод ва Ҷиргатол гирифтор шуданд, озод мекунанд; фаъолияти мақомҳои чунин ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди ноҳияҳои Тавилдара, Комсомолобод, Ғарм, Тоҷикобод ва Ҷиргатол барқарор карда шаванд; назорати иҷрои ин протокол бар дӯши комиссияи муштарак гузашта, аз намояндагии СММ дар ҶТ хоҳиш карда шуд, ки дар ин бобат ҳамкорӣ намояд.[1]

Дар изҳороти муштараки дар шимоли Афғонистон қабул кардаи тарафҳо қайд карда шуда буд, ки мақсад аз ин вохӯрӣ он аст, ки масъалаҳои мубрами сарнавишти тоҷиконро бо роҳи гуфтушунид, бо роҳи мусолиҳатомез ҳал кунем, то ки халқи азияткашидаи хешро аз гирдоби душвориҳои ба миёномада наҷот диҳем ва ваҳдати миллиро дар кишварамон таъмин намоем. Ба ин хотир созишномаеро ба имзо расонем, ки дар он таъсиси Комиссияи оштии миллӣ эълон мешавад. Зимнан ният дорем барои тамоми давраи гуфтушуниди байни тоҷикон оташбас эълон намоем.[2]

Дар ин давра сиёсатмадорони Русия кӯшиши хешро оид ба наздик шудани мавқеи ҳукумат ва мухолифин дар гуфтушунидҳо идома медоданд. Вақте, ки моҳи декабри соли 1996 котиби шӯрои бехатарии Федератсияи Русия Ю. Батурин барои вохӯрӣ бо Президент Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Душанбе омада изҳор кард, ки бояд тамоми кӯшишу ғайрат баҳри амалӣ гардонидани шарту шароити протокол барои ба низом даровардани вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар ҷойҳои бархӯрди қувваҳои ба ҳам муқобил ва иҷро кардани оташбас равона карда шавад.

---

[1]Роҳи сулҳ… – С. 70-71.
[2]Роҳи сулҳ… – С. 72.

Ва ӯ изҳори умедворӣ кард, ки гурӯҳҳои ба ҳам муқобил набояд пеши роҳи вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон ва Саидабдуллои Нуриро дар шаҳри Москва бигиранд.[1]

Аммо, ба шартномаи Хосдеҳ нигоҳ накарда, 17 декабри соли 1996 дар пункти назоратии Новдонак, 160 км дуртар аз шаҳри Душанбе байни низомиёни давлатӣ ва мухолифин задухӯрдҳои ҳарбӣ рух доданд. Вазъият дар минтақаи Лабиҷар ниҳоят муташанниҷ ба назар мерасид. Бо баъзе маълумотҳо, шартнома оид ба оташбас дар самти Тавилдара аз ҷониби мухолифин дағалона вайрон карда мешуд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон ва Саидабдуллои Нурӣ матни лоиаҳои созишномаи вохӯрии Хосдеҳро, ки мебоист дар вохӯрии расмии шаҳри Москва ба ҳукми қонун медаромад, пешакӣ ба имзо расониданд. Мазмуни асосӣ ва аз он иборат буд, ки то 1 моҳи июли соли 1997 мухолифати мусаллаҳона бояд ба охир мерасид, яъне гуфтугуи байни тоҷикон дар зарфи 12-13 моҳ ба анҷом расида, сулҳи пойдор баста мешуд; дар давраи гузариш ташакулёбии комиссия оид ба оштии миллӣ дар таҳти роҳбарии намояндагии СММ; амалӣ кардани авфи умумӣ; пурра иваз кардани асирони ҳарбӣ ва маҳбӯсон, дар давоми паҳн кардани шартнома оид ба оташбас дар тамоми давраи гуфтушуниди байни тоҷикон.

Аз 13 то 19 декабри соли 1996 дар Москва байни президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари ИМТ Саидабдуллои Нурӣ гуфтушунид доир гардид. Дар ибтидо гумон мерафт, ки натиҷаи гуфтушунид 19 декабр ба имзо мерасад. Аммо, дар арафаи имзокунӣ ИМТ изҳор намуд, ки ба матни лоиҳаи созишнома иловаҳо ҳамроҳ кардан ҷоиз аст. Аз рӯи гуфтушуниди дар Афғонистон доир гашта, мебоист ба муайян кардани вазифа ва ҳайати Комиссияи оштии миллӣ аз шумори намояндагони тарафҳо дар

[1] Независимаи газета. - 1996. – 24 дек.

давраи минбаъдаи гуфтушунид машғул мешуданд. Намояндагони ИМТ талаб карданд, ки масъала маҳз дар шаҳри Москва дида баромада шавад. Ба ақидаи ИМТ, Комиссияе, ки барпо карда мешуд, мебоист якчанд супорише аз ҷониби намояндагоне, ки аз тарафи ташкилотҳои болоии ҷумҳурӣ, аз ҷумла президент ва парламент таъйин карда шуда буданд, бигирад. Аз ҷумла, сухан дар бораи ташкил ёфтани давлати дастҷамъӣ дар давраи гузариш мерафт. Ҳукумати Ҷмуҳурии Тоҷикистон мехост ба Комиссияи оштии миллӣ танҳо вазифаи маслиҳатгарро диҳад ва махсусан муқобили ба он додани ҳуқуқи баробарӣ дар ташаккул ёфтани ҳукумат баромада буд. [1]

Бояд изҳор кард, ки гуфтушуниди Москва моҳи декабри соли 1996 хеле бо душворӣ гузашт. Намояндагони мухолифин аз ҳуҷҷатҳои имзокардаи қалбӣ рӯ гардонида, талабҳои нав ба навро пешкаш мекарданд.

Дар чунин шароит тарафи Русия намунаи созишкоронаи ҳуҷҷатҳои муҳокимашавандаро, аз рӯи таклифҳои ҳуҷҷатҳои пешакӣ муҳокимашудаи тарафҳо пешниҳод кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ Саидабдуллоҳи Нурӣ бо дарки натиҷаи ҳалокатовари муқовимати ҳарбию сиёсӣ, эҳсоси баланди ояндаи халқу давлати тоҷик 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Москва во хӯрда, ба созиши зерин расиданд: дар тӯли 12-18 моҳи баъди имзои Созишномаи мазкур бояд гуфтушуниди байни тоҷикон ва татбиқи созишномаҳо, ки дар рафти он имзо мешаванд ба анҷом расонида шавад, бо дарназардошти он ки бо имзои ҳамин созишнома дар роҳи сулҳ ва ризоияти миллӣ марҳалаи сифатан наверо боз мекунад, қарори сиёсӣ қабул карданд, ки барои ин давраи гузариш Комиссияи оштии миллӣ таъсис намоянд. Раиси ин Комиссия намояндаи ИМТ таъин мешавад.

---

[1] Независимаи газета. – 1996. – 25 дек.

Ба ҳайатҳо дар гуфтушуниди байни тоҷикон, ки рӯзи 5 январи соли 1997 дар Теҳрон оғоз меёбад, супорида мешавад, ки миқдор ва ному насаби ҳайати комиссия, вазифаҳои мушаххас ва ваколатҳои онро муайян намоянд.

Аз лаҳзаи имзои ҳамин созишнома дар муддати тамоми давраи гуфтушуниди байни тоҷикон оташбаси доимӣ ва қатъи ҳамаи амалиёти душманона эълон карда шавад.[1]

Бегоҳии 23 моҳи декабри соли 1996 бо иштироки раиси Шӯрои вазирони Федератсияи Россия В. Черномирдин протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ва Саидабдуллои Нурӣ имзо карда шуд. Дар ин ҳуҷҷати таърихӣ зикр карда шуда буд, ки бо назардошти он ки дар истиқрори сулҳ ва ризояти миллии Тоҷикистон марҳалаи сифатан наве оғоз ёфтааст, тарафҳо Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари ИМТ Саидабдуллои Нуриро ба асос гирифта, қарор доданд барои давраи гузариш Комиссияи оштии миллӣ таъсис диҳанд.

Вазифаҳои асосии Комиссия иборатанд аз таҳсили оштии миллӣ бо роҳи амалӣ кардани созишномаҳои дар ҷараёни гуфтушунид ҳосил шуда, фароҳам сохтани муҳити боварӣ ва бахшидани гунаҳҳои ҳамдигар, таъмини музокироти неруҳои мухталифи сиёсии кишвар барои истиқрор ва таҳкими ризоияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон.

Дар ҳуҷҷат бо ин мақсад Комиссия вазифадор карда шуда буд: ҳамроҳи мақомҳои дигари бо ин мақсад таъсисёфта муқаррар намудани усули назорат ва ҳамчунон татбиқи назорати он ки тарафҳо созишномаро оид ба истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ чи гуна иҷро мекунанд; андешидани чораҳое, ки бехавфу хатар ва сарбаландона ба бозгаштани гурезаҳо мусоидат мекунад; ба

[1]Роҳи сулҳ… – С. 73-74.


www.ravshanfikr.tj

ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат фаъолона пайвастани гурезагон; бо мақсади барқарор кардани манзилҳо, иншоотҳои саноатӣ ва зироатии бар асари ҷанг харобшуда таъмин намудани гурезагон бо ҷои кор.[1]

Дар Протоколи номбурда зикр карда шуда буд, ки Президент ва Комиссияи оташии миллӣ дар давраи гузариш вазифаҳо ва ваколатҳои зеринро татбиқ менамояд: бо раъйдиҳии умумӣ пешниҳод намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсияи амалкунанда; омода сохтан ва ба тасдиқи Парламон, агар зарур шавад ба раъйдиҳии умумихалқӣ пешниҳод намудани қонуни нав дар бораи интихоботи Парламент ва мақомҳои ҳокимияти маҳаллӣ; дар давраи гузариш ташкил намудани Комиссияи марказии интихобот ва раъйдиҳӣ; ислоҳоти ҳукумат; роҳбарӣ ва назорат ба барҳам додан, халъи силоҳ кардан ва интегратсияи дастаҳои мусаллаҳи мухолифин, амалӣ сохтани тадбирҳои ислоҳоти мақомҳои қудратдор ва прократура; назорати пурраи иваз кардани асирони ҳарбӣ, маҳбӯсон ва озод намудани шахсоне, ки зӯран нигаҳ дошта мешаванд ва ғайра.[2]

Баъд аз муҳокима ва қабули ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршуда, инчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сардори ИМТ Саидабдулло Нурӣ ба ҳамватанон муроҷиат намуданд, ки он ҳам дар роҳи оштии миллӣ ва таҳкими сулҳу салоҳ дар он солҳо мавқеи худро низ бозид. Дар ин ҳуҷҷати тақдирсоз, аз ҷумла, чунин изҳор карда шуда буд: «Мо-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари ИМТ Саидабдуллои Нурӣ дарду машақат ва орзуву омоли шуморо бо ҳам дида, масъулияти хешро дар назди шумо ва наслҳои оянда дарк карда, ибтикори роҳбарии Русия ва намояндагии СММ дар Тоҷикистонро пазируфта, расман

---

[1]Роҳи сулҳ… – С. 74-75
[2] Ҳамон ҷо.

www.ravshanfikr.tj

дар Москва во хӯрдем. Дар ин шаҳр ҳанӯз моҳи апрели соли 1994 музокироти байни тоҷикон дар роҳи сулҳ ва оштии миллӣ оғоз ёфта буд ва имрӯз бо қабули Созишнома ва протокол ин кори хайр анҷом ёфт. Мо тасмими сиёсӣ гирифта, Комиссияи мусолиҳаи миллӣ таъсис намудем. Ният дорем якҷоя чунон ислоҳоту дигаргуниҳои демократиро амалӣ созем, ки онҳо муқовимати низомиро пурра аз байн баранд ва гуногунақидагии сиёсӣ меъёри умумии иҷтимоӣ гардад.»[1]

Моҳияти таърихии ҳуҷҷатҳои имзошудаи Москва аз он иборат аст, ки онҳо натанҳо вазъи оташбасро дар тамоми муддати гузаронидани гуфтушуниди тоҷикон идома доданд, балки бори нахуст муҳлат ва мазмуни давраи гузариш аз ҷанг ба сулҳ ва механизми ба даст овардани мусолиҳаи миллиро дар Тоҷикистон муайян намуданд.

Шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо ва маводҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бе миёнаравии Эрон, Афғонистон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Туркманистон, СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲГ) ва махсусан Федератсияи Русия гуфтугӯи тоҷикон дар шаҳри Москва ва дигар шаҳру мамолики гуногун, мумкин буд, ки бенатиҷа анҷом ёбад. Мисоли созиши Москва, кадоме аз миёнаравон-экспертони Вазорати Корҳои Хориҷии Федератсияи Русия баромад карда, таклиф гузошта буд, ки масъалаи оид ба ваколати Комиссияи оштии миллӣ чун санги мамониат дар гуфтушунид буда, дар ҳуҷҷати алоҳида дарҷ гардида шавад. Дар натиҷа матни гуфтушунид, кинисбатан пештар, 11 декабр, тасдиқ карда шуда буд, бетағйир монда, таклифҳои ИМТ оид ба иловаҳо пас аз муҳокимаву ба як фикру ақида бо шахсони расмии Душанбе омада, ба як ҳуҷҷати алоҳида ба низом дароварда шуда буд.[2]

[1]Роҳи сулҳ… – С. 76-77.
[2] Независимая газета. – 1996. – 24 дек.

Ба ақидаи сарварони ИМТ, мувафақияте, ки дар ҷараёни вохӯрии Москва ба даст дароварда шуд, дар бисёр ҳолат ба фаъолияти ҷонишини вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия Б. Пастухов вобастагии зич дошт.

Мароқовар ин аст, ки маҳз дар ҳамин вақт намояндагони Федератсияи Россия бо роҳбарони Эрон бо мақсади ба даст овардани қадамҳои боварибахш оид ба эътидол овардани гуфтушуниди тоҷикон фаъолона маслиҳату машварат оростанд. Дар асоси хулосаҳои сафари Е. Примаков ба Эрон изҳороти муштараки ду сарвари муассисаи хориҷӣ қабул карда шуд. Дар ин изҳорот изҳори ақида карда шуд, ки ба эътидол овардани низоъи байни тоҷикон ва ба даст овардани сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо роҳи гуфтушунид ҳал карда хоҳад шуд.

Дар ин хусус дар мурожиатномаи тарафҳо ба халқи тоҷик, ки моҳи декабри соли 1996 қабул ва дарҷ карда шуда буд, чунин изҳор карда шудааст: «Имрӯз баъди имзои Созишнома ба Шумо эълон медорем; мо ҷангу муқовимати мусаллаҳонаро ҳамчун василаи барҳам хӯрдани якпорчагии кишвар ва пароканда шудани миллати тоҷик маҳкум мекунем. Боварӣ ҳосил кардем, ки барои ба мақсад расидан ҷангро истифода бурдан гуноҳ аст. Аз ҳамин рӯз умед дорем, ки оштии миллӣ тадриҷан дар амал татбиқ мегардад. Бо умеди осоиштагии мардум ва шукуфоии Ватан ва бо мақсади наҷиби зудудани кинаву адоват аз синаҳо бояд сидқан бикӯшем, ки ҳамагуна мухолифатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бо роҳи мусолиҳатомези сиёсӣ ба амал бароварда шаванд.»[1]

Дар ин мурожиатнома бо эҳсосоту меҳру шафқат гуфта шудааст, ки Ватан-Модар якто – Тоҷикистон – якто. Онро наметавон қисмат намуд. Онро бояд дӯст дошт ва обод кард! Аз ин рӯ, ҳамаи Шуморо даъват менамоем, ки ба Ватан бозгардед. Мамлакат, манзил, хешу ақрабо ва во-

[1]Роҳи сулҳ… – С.77.

www.ravshanfikr.tj

лидайну фарзанд, ҳамаи аҳли диёр нигарони баргаштани шумо мебошанд.

Аммо, вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ ҳоло дар Тоҷикистон номуташанниҷ буд. Зеро, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ низоъу нобоварии байни тарафҳои ба ҳам муқобил тезу тунд гашта, онҳо аксаран ҷонибдори давом додани задухӯрдҳои ҳарбӣ буданд.

Дар ин шароити номӯътадили ҳарбӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳайатҳои тарафҳо рӯзҳои 5-19 январи соли 1997 бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари ИМТ Саидабдуллоҳи Нурӣ дар шаҳри Теҳрон таҳти сарпарастии СММ дар бобати масъалаҳое, ки дар созишнома ва Протоколи рӯзи 23 декабри соли 1996 дар Москва имзокардаашон зикр шудаанд, музокира намуданд. Роҳбари ҳайати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазири корҳои хориҷӣ Т. Назаров, ҳайати иттиҳоди мухолифини Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода буданд. Намояндаи махсуси Муншии умумии СММ Герд Дитрих Меррем дар гуфтушунид миёнаравӣ кард. Дар музокирот нозирон аз давлати Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Федератсияи Русия, Туркманистон, Узбекистон, САҲЕ ва созмони конфронси исломӣ иштирок намуданд.

Тибқи мувофиқаи ҳосилшуда тарафҳо масъалаи марбут ба миқдор ва ҳайати Комиссияи оштии миллӣ, вазифа ва ваколатҳои мушаххаси онро амиқ баррасӣ карданд. Дар ин чорчӯб онҳо лоиҳаи Протоколи масъалаи сиёсиро, ки созишнома ва Протоколи 23 декабри соли 1996 дар Москва имзошуда қисми таркибии он мебошад, арзёбӣ намуданд.

Тарафҳо лоиҳаи низомномаи Комиссияи миллиро муҳокима карда, таркиб, миқдори ҳайати Комиссия – 27 нафар, вазифа ва ваколатҳои мушаххаси онро муайян намуданд. Дар бораи идома додани масъалаҳои марбут ба квота дар Комиссия ва кафолати амнияти аъзои он


www.ravshanfikr.tj

мувофиқа ҳосил шуд. Дар вақти гуфтушунид барои муайян кардани хислати Протокол оид ба масъалаи сиёсӣ кори зиёде анҷом дода шуд. Аз чор масъалаи усули сиёсӣ дар сетоаш мувофиқа ҳосил шуд: дар бораи процедураи қабули амали ҳамдигарбахшӣ ва қонун дар бораи авф; дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва райпурсӣ дар давраи гузариш ва квотаи намояндагии Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар ҳайати он; дар бораи ислоҳоти ҳукумат ва механизми ҳамроҳшавии намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба структураҳои ҳукуматӣ аз рӯи квота.[1]

Бо нияти ислоҳи натиҷаҳои ҷанги гражданӣ, ҳосили сулҳ ва оштии миллӣ тарафҳо оид ба масъалаи гурезаҳо Протокол имзо карданд, ки он қисми таркибии Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ дар кишвар мебошад. Дар Протокол параметрҳои ҳуқуқиву сиёсии бозгашти бехатарона, ихтиёрӣ ва башаронаи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба зодгоҳашон, пайвастани онҳо ба ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар, ҳамчунон эҳёи ҳуқуқҳои шаҳвандӣ, молӣ ва таъмини амният муайян шудааст.[2]

Дар асоси Протоколи қабулкарда оид ба масъалаҳои гурезаҳо, аз таърихи 13 моҳи январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон ӯҳдадор шуда буд, ки барои ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ворид шудани (реинтеграция) гурезаҳои бозгашта мусоидат кунад, ба онҳо ёрии башардӯстона ва молӣ расонад, бо кор ва ҷои зист таъмин кунад, бо ҳамаи ҳуқуқҳое, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, аз ҷумла ба онҳо бозгардонидани манзил ва боигариашон, риояи собиқаи корашон таъмин намояд, ҳумчунон гуреза ва муҳоҷирони

---

[1] Изҳороти муштараки ҳайати Ҳукумати ҶТ ва ҳайати ИМТ дар бораи натиҷаи гуфтушуниди рӯзҳои 5-19 январи соли 1997 дар Теҳрон //Роҳи Сулҳ… – С. 81-82.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 82.

иҷбории бозгаштаро тибқи қонунҳои ҷории Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашанд. Тарафҳо инчунин қарор доданд ба Комиссияи муштарак оид ба кори гурезаҳо супориш диҳанд, ки тибқи ҳамин протокол бо иштироки намояндагони ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ИМТ аз лагерҳои гурезаҳо дар Давлати Исломии Афғонистон, ҷои зисти онҳо дар давлатҳои ИДМ, ҳамчунин аз он навоҳии Тоҷикистон, ки ба он ҷо гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ бозгаштанианд аз рӯи нақшаи махсус мунтазам дидан кунанд. Инчунин, боздиди Комиссияи муштарак аз мавзеи истиқоматии муташаккили муҳоҷирони изборӣ низ ташкил карда шавад. Нақшаи зикршударо Комиссияи муштарак дар зарфи як моҳи баъди имзои ин протокол мувофиқа менамояд. Тарафҳо инчунин ҳукуматҳои давлатҳои ИДМ-ро даъват намуданд, ки масъалаи ба гурезаҳои тоҷикистонӣ додани шаҳодатномаи муваққатиро арзёбӣ кунанд, ҳамчунин якҷоя бо УВКБ барои таъмини амният ва ҳимояи шарафу номуси онҳо чораҳои иловагӣ биандешанд.[1]

Бо сабаби он ки дар раванди гуфтушунид душвориҳо пеш омаданд, бо мақсаде, ки Комиссияи оштии миллӣ ҳар чи зудтар ба кор оғоз намояд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдулло Нурӣ дар шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон 20-21 феврали соли 1997 во хӯрда, Протоколи иловагиро ба Протокол «Дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» қабул карданд: Дар Протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ, ки 23 декабри соли 1996 имзо шудааст, аз банде, ки ба ислоҳоти ҳукумат таалуқ мегирад, (охири саҳ.1) ибораи «ба миқдори баробарӣ намояндаҳои тарафҳо дар комиссияи

[1] Протокол оид ба масъалаи гурезаҳо аз 13 январи соли 1997 ш. Теҳрон //Роҳи сулҳ. – С. 80.

оштии миллӣ» бароварда шавад. Бо намояндагони мухолифин (ИМТ) дар сохторҳои ҳокимияти иҷроия ва шумули вазоратҳо, идораҳо, мақомҳои ҳокимияти маҳаллӣ, мақомҳои суд ва прокуратура бо назардошти усули минтақавӣ фоизи ҷойҳо ҷудо карда шавад.[1]

Ғайр аз ин ҳуҷҷатҳо, тарафҳо моҳи феврали соли 1997 дар шаҳри Машҳади Эрон Низомномаи Комиссияи оштии миллиро мавриди муҳокима қарор дода, онро қабул карданд. Дар ин ҳуҷҷат аз ҷумла изҳор карда шуд, ки вазифаи Комиссия, ҳалли маҷмӯи проблемаҳои вобаста ба оштии миллӣ мебошад. Комиссия бояд муоҳидаҳоеро амалӣ созад, ки дар ҷараёни музокироти тоҷикон ба даст омадаанд. Комиссия аз шумораи баробари намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик ташкил карда шавад. Вай аз чор зеркомиссия иборат хоҳад гашт: роҷеъ ба масъалаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, гурезаҳо ва масъалаҳои ҳуқуқ. Ба комиссия ҳуқуқ дода шуда буд, ки дар мавриди зарурат зеркомиссияҳои дигар ташкил намояд.

Ба ғайр аз ин, дар шаҳри Машҳад изҳороти муштараки тарафҳо муҳокима ва қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷат аз ҷумла оварда шудааст: «Имрӯз бори дигар ба аҳли башар, ба халқи худ муроҷиат менамоем ва изҳор мекунем, ки Ҳукумати Тоҷикитсон ва Иттиҳодияи нерӯҳои апазитсиони тоҷик амалиёти терористӣ, гаравгангирӣ ва вайронкориро дар ҳар шакле, ки зоҳир мешавад, маҳкум менамоянд ва тамоми кӯшишу имконияти худро барои он сафарбар мекунанд, ки пеши роҳи чунин корҳо ва ҳар гуна кӯшиши садди роҳи мусолиҳаи миллӣ шуданро қотеъона гиранд.[2]

Инчунин дар изҳороти муштарак иброз дошта шуда

---

[1] Протоколи иловагӣ ба протокол «Дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссия оштии миллӣ» // Роҳи сулҳ… – С. 81.

[2] Изҳороти муштарак. – Машҳад, 21 феврали соли 1997 //Роҳи сулҳ… – С.89.

буд, ки мо ба муқобили ҳама гуна қувваҳое, ки раванди сулҳро дар кишвар халалдор карданӣ мешаванд, якҷоя мубориза мебарем. Умед ба он дорем, ки Комиссияи оштии миллӣ дар ҳамбастӣ бо Президент ва ҳамаи мақомоти давлатии Тоҷикистон ба зудӣ дар мамлакат шароити беҳтари кору созандагиро ба вуҷуд меоранд ва Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, чун кишвари сулҳ шуҳрат меёбад.[1]

Дар низомномаи Комиссияи оштии миллӣ инчунин зикр шуда буд, ки аъзои комиссия статуси дахлнопазирӣ дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳоди мухолифини тоҷик ба таъмини амният ва дахлнопазирии аъзои комиссия зимни иҷрои вазифаҳояшон ва фориғ аз кор кафолат медиҳанд. Аъзои комиссияро барои фаъолияти то узви комиссия интихоб шуданашон, ҳамчунин барои фаъолияти ҳамчун узви комиссия дастгир кардан, ҳабс намудан ва ба суд додан мумкин нест. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даxолатнопазирии биноҳои расмӣ ва истиқоматие, ки дар онҳо аъзои комиссия ва аҳли оилаҳои онҳо кору зиндагӣ мекунанд, кафолат медиҳад.

Баъдан гуфта шуда буд, ки ҳукумат дар таркиби вазорати амният барои таъмини амнияти аъзои комиссия ва оилаҳои онҳо аз ҷумлаи шумораи баробари намояндагони ҳукумат ва иттиҳоди мухолифин иборат аз 80 нафар дастаи махсус ташкил медиҳад. Шаҳри Душанбе ҷои кори Комиссия таъйин гардида буд.

Мувофиқи протоколи 23 декабри соли 1996 дар Москва имзокардаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифин фаъолияти комиссия дар ҳамкории ҳамаҷониба бо гурӯҳи нозирони СММ ва Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон ба роҳ монда шуда буд. Намояндаи хосси муншии умумии

[1]Роҳи сулҳ… – С. 89-90.


www.ravshanfikr.tj

СММ ва гурӯҳи нозирони СММ дар Тоҷикистон ба комиссия барои ба роҳ мондани фаъолияти он машварат дода, ҳамагуна чи тавре дар ваколатҳоиояндаи он пешбинӣ карда мешавад, ба комиссия кӯмакҳои дахлдор мерасонанд. Қарорҳои комиссия дар масъалаҳои марбут ба фаъолияти гурӯҳи нозирони СММ дар Тоҷикистон ҳамроҳи намояндаи хосси муншии умумии СММ қабул карда мешавад.

Диққатҷалбкунанда ин аст, ки маҳз дар ҳамин вақт намояндагони Федератсияи Русия бо роҳбарияти давлати Эрон бо мақсади ба даст овардани гуфтушуниди ҳақиқии байни тоҷикон хеле фаъолона гуфтушунид барпо намуданд. Аз рӯи натиҷаи сафари Е. Примаков ба Эрон изҳороти муштараки ду намояндаи вазирони корҳои хориҷӣ қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷат изҳор карда шуда буд, ки ба низом даровардани фоҷеаи байни тоҷикон ва ба даст овардани сулҳу салоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба роҳи гуфтушунид ва дар асоси баҳисоб гирифтани манфиати тамоми қувваҳои сиёсӣ, мавзеъҳои Тоҷикистон, инчунин гузашти байни якдигар амалӣ карда хоҳад шуд.[1]

Аз 26 моҳи феврал то 8 моҳи марти соли 1997 дар шаҳри Москва давраи ҳафтуми гуфтушуниди байни тоҷикон доир шуд. Ҷонишини вазири корҳои хориҷии Русия И. Иванов ба ин муносибат изҳор кард, ки вазифаи муҳимтарини гуфтушунид ин «қавигардонидани тартибот ва шарту шароити оташбас, таъсис додани комиссияи оштии миллӣ ва ибтидои фаъолияти он, ба роҳ мондани гуфтугӯи қувваҳои мухталифи сиёсии мамлакат ба манфиати мустаҳкам кардани ҳамбастагии шаҳрвандӣ маҳсуб аст.»[2]

27 моҳи феврали ҳамин сол маҷлиси аввали кори

---

[1] Независимая газета. – 1996. – 25 дек.
[2] Интерфакс. – 1997. – 26 февр.

www.ravshanfikr.tj

намояндагони ҳукумат ва иттиҳоди мухолифини тоҷик кори худро оғоз кард. Тарафҳо мебоис шумораи қисмҳои мусаллаҳ ва қувваи ҳардуҷонибаро муайян мекарданд. Мавқеи иттиҳоди неруҳои мухолифин аз он иборат буд, ки якҷоя кардани қисмҳои худ ба қувваҳои ҳукуматӣ бо тарҳрезии взвод, рота ва баталион ва бо чунин шакл ба ҳайати армияи миллӣ дохил намоянд. Ва ба ҳамин роҳ мехостанд, ки аз лиҳози равонӣ собиқ мухолифонро бо ҳам омезанд. Дар давоми як сол иттиҳоди мухолифини тоҷик тайёр буданд, ки қисмҳои ба ҳайати артиши миллӣ якҷояшудани худро дар муддати як сол таъмин менамояд. Аммо, дар ин ҳолат бар души ҳукумат вазифаи онҳоро бо яроқу аслиҳа, либосу хӯрокворӣ таъмин кардан меафтод. Мавқеи ҳукумат бошад қувваҳои мухолифинро ба куллӣ бе яроқ кардан буд, то баъд ҳамчун гурезаҳо 5-10 касӣ бо қувваҳои ҳукуматӣ якҷоя кунад ва минбаъд онҳо пурра аз ҷиҳати иҷтимоиву яроқу аслиҳа таъмин созад.[1] Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Т. Назаров дар ин ҳолат изҳори ақида кард, ки таклифи мухолифин ба он оварда мерасонад, ки «дар дар дохили як давлат дуввумин армияи миллӣ ба вҷуд меояд, ки ин аз имкон берун аст»[2]

Дар ҷараёни гуфтушунид мухолифин даъво мекарданд, ки шумораи иттиҳоди нерӯҳои мухолифин дар ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 % зиёд нест. Т. Назаров изҳор кард, ки «дар қисмҳои муттаҳидаи мусаллаҳ ягон нишондоди фоизии тарафҳо пешбинӣ карда нашудааст. Ашхоси сину солаш ба даъвати қувваҳои мусаллаҳ мувофиқ шуда аз ҳар ду ҷониб дар муддати ду сол хизмати Ватан-модарро адо карда, бояд ба кори осоишта баргардад. Қисми дигари онҳо мувофиқи таҷрибаи корӣ ва хоҳиши хеш метавонанд хизматро дар вазорати

---

[1] Белов Е.В. Асари номбурда. – С. 62.
[2] Интерфакс. – 1997. – 28 февр.

корҳои дохилӣ, вазорати бехатарӣ, артиш ва ё қисмҳои сарҳаддӣ идома диҳанд»[1]

Дар ибтидои моҳи март дар ҷараёни гуфтушунид аз нав масаълаҳои ҳалталаб ба миён омаданд ва бино бар ин танафус эълон карда шуд. Ба ин сабаб он шуд, ки 24 феврал дар шаҳри Душанбе панҷ нафар тарафдорони сарбози саҳроӣ К. Исматов ба муқобили ҳарбиёни Русия ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон сӯиқасд содир карда буданд. Баъди якдигарро айбдор кардан, тарафҳо боз ба сари мизи гуфтушунид нишастанд. Давраи навбатии гуфтушуниди байни тоҷикон 8 марти соли 1997 бо қабули протоколи масъалаҳои низомӣ хотима ёфт, ки онро намояндагони СММ кор карда баромада буданд.

Ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар гуфтушунид бо мақсади истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ ва таъсиси артиши воҳид дар асоси Протоколи 17 августи соли 1995 дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, Созишнома ва Протоколи 23 декабри соли 1996 дар Москва ба имзо расида ва Низомномаи комиссияи оштии миллӣ, ки 2 феврали соли 1997 тасвиб шудааст, дар масъалаҳои зерини проблемаҳои интизомӣ мувофиқа ҳосил намуданд.

Реинтегратсия, халъи силоҳ ва барҳам додани дастаҳои мусаллаҳи ИМТ давра ба давра мебоист сурат бигирад.

Дар давраи аввал ИМТ дастаҳои мусаллаҳи худро дар ҷойҳои пешбинишуда, ки ҳарду тараф мувофиқанд, ҷамъ меорад, ки он ҳудуди ноҳияи Ванҷ, Ғарм, Ҷиргатол, Комсомолобод, Кофарниҳон, Рӯшон, Тавилдара, Тоҷикобод, шаҳри Хоруғ, деҳаи Мағмуруди ноҳияи Ленин ва дар ин ҷойҳо ба қайд ва ба ҳисоб гирифта мешаванд ва аз назорати тиббӣ мегузаранд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ яроқ, тех-

[1] Интерфакс. – 1997. – 26 февр.

www.ravshanfikr.tj

никаи ҳарбӣ ва муҳимоти ҳарбӣ ба ҳисоб гирифта мешавад ва дар ҷои алоҳидаи ҷиддӣ муҳофизатшаванда ҷамъ мешаванд. Ин давра дар давоми ду моҳ аз рӯи оғози фоъолияти Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) амалӣ мегардад.

Дар ҳамин давра дастаҳои мусаллаҳи ИМТ, ки дар ҳудуди Давлати Исломии Афғонистон ҷой гирифтаанд давра ба давра ба пунктҳои қаблан муайяншуда тавассути гузаргоҳҳои Ишкошим ва Панҷи поён фиристода мешаванд. Бо ризоияти ҳукумати Афғонистон зеркомиссияи КОМ оид ба масъалаҳои низомӣ ва Миссияи намояндагони СММ дар Тоҷикистон (МНООНТ) ба ДИА рафта, силоҳҳо ва муҳимоти супоридашударо ба рестер дохил мекунанд. Дастаҳои мусаллаҳи ИМТ сарҳадро бе ярок ва муҳимот убур мекунанд. Лагерҳо ва марказҳои тайёр кардани дастаҳои мусаллаҳи ИМТ, ки берун аз хоки Тоҷикистон ҷойгиранд, ҳамзамон ба пайвасткунии дастаҳои мусаллаҳи зикршуда ба пунктҳои ҷамъшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пароканда ва баста мешаванд.[1]

Дар давраи дуввум, дар зарфи на дертар аз як моҳи баъди ба анҷом расонидани ҷамъшавии дастаҳои мусаллаҳи ИМТ дар ҷойҳои таъйиншуда, аз ҳисоби онҳо ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи доимии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд. Онҳо савганди ҳарбӣ ёд мекунанд, либоси зарурии низомӣ мепӯшанд, ба қисмҳои дахлдори сохторҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҷузъу томҳои алоҳида сабт мешаванд ва ба сифати гурӯҳҳои хос ба шакли амудӣ (вертикалӣ) ба қумандонҳо тобеъ мешаванд.

Роҳбарияти ИМТ ба таври расмӣ барҳам дода шудани дастаҳои мусаллаҳи худро эълон мекунанд.

Дар давраи саввум комиссияи муштараки аттестатсионӣ ҳайати шахсии қисмҳои реинтегратсияшудаи ИМТ-

---

[1] Белов Е.В. Асари номбурда. – С. 65-66.

ро атестатсия мекунанд, ба шакли алоҳида масъалаҳои мувофиқати онҳоро барои минбаъда идома додани хизмати низомӣ ва хислати ин хизмат муайян мекунад, ҳамчунон барои таъмин ба вазифаҳои фармондиҳӣ тавсия менамояд. Ашхосе, ки хизмат кардан намехоҳанд, аз нигоҳи саломатӣ ба хизмат лоиқ нестанд, қобилият надоранд, ё то моҳи майи соли 1992 суд шудаанд, аз хизмат ҷавоб дода шуда, ба кори мулкӣ мегузаранд.

Дар давраи чоруми реинтегратсия якҷояшавии пурраи ҷузъу томҳои собиқи ИМТ бо сохторҳои низомии ҳукуматӣ ба амал меояд. Ин раванд бояд то анҷоми давраи гузариш 1 июли соли 1998 ба охир расонида шавад.

Ҷузъу томҳои реинтегратсияшудаи ИМТ ба ҷойҳои доимии хизматашон фиристода мешаванд ва дар казармаҳои алоҳида ҷой мегиранд. Қисми алоҳидае, ки миқдорашонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ муайян мекунанд, дар шаҳри Душанбе як ҳафта қабл аз оғози кори КОМ ҷойгир карда мешаванд.[1]

Тарафҳо пас аз музокираҳо ва баҳсу суҳбатҳои тулонӣ вохӯриро ҷамъбаст намуда, 8 моҳи марти соли 1997 дар шаҳри Москва изҳороти муштарак қабул карданд, ки аз ҷумла дар он чунин омадааст: Проблемаҳои низомӣ марбут ба реинтегратсия, ҳалъи силоҳ ва барҳам додани дастаҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Мухолифини тоҷик, ҳамчунон ислоҳоти сохторҳои қудратдори Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуданд. Арзёбии ин бахши масъалаҳои печида, ки барои пешрафти раванди мусолиҳаи миллӣ аҳамияти ҳаётан муҳим доранд, дар тақвияти боварии тарафайн иқдоми муҳимме гардид. Имзо шудани Протокол оид ба проблемаҳои низомӣ дар роҳи ҳатми мувафақиятноки музокираи сиёсии байни тоҷикон қадами нави муҳимме мебошад.[2]

Ҳамин тавр, давраи ҳафтуми вохӯрии тарафҳо бо имзо

---

[1]Роҳи сулҳ… – С.93-94.
[2]Роҳи сулҳ… – С. 96.

кардани Протоколи масъалаҳои низомӣ анҷом ёфт, ки ҳадафи он минбаъд вазъи ҳарбӣ-сиёсии ҷумҳуриро ба эътидол овардан буд. Аз ин вохӯрӣ нозирон ва сиёсатшиносон ба хулосае омаданд, ки он муваффақияти дипломатияи Русия мебошад. Масалан, ба ақидаи вазири онвақтаи корҳои хориҷии Федератсияи Русия Е. Примаков, ҳуҷҷати имзошуда, метавонад роҳи «пурра ва бегуфтугӯи ба тарзи сулҳ ҳал кардани проблемаҳои тоҷикон бошад.» Ба ақидаи дипломати Русия ва вазири корҳои хориҷӣ ин мамлакат барои дар ҳаёт тадбиқ кардани ин ҳуҷҷат бегуфтугӯ ширкат варзида, тамоми имкониятҳои ба он вобастаро истифода мебарад, то ки ин созишнома сари вақт ба таври реалӣ иҷро карда шавад.[1]

8 апрели соли 1997 дар шаҳри Теҳрон давраи ҳаштуми гуфтушуниди байни тоҷикон кори худро оғоз кард. Дар маросими ифтитоҳи ин вохӯрӣ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон А. Вилоятӣ, роҳбари намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИМТ дар шахси вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Т. Назаров ва ҷонишини аввали роҳбари иттиҳоди мухолифини тоҷик А. Тураҷонзода, инчунин, намояндаи махсуси котиби генералии СММ дар Тоҷикистон ҷаноби Герд Меррем баромад карданд. Дар ҷараёни гуфтушунид ҳамаи онҳо ба як овоз моҳияти муҳими ин давраи вохӯриро барои ҳалли масоили зиёд зикр карданд. Ва изҳор карданд, ки ин вохӯрии ҷамъбасткунанда дар роҳи имзо кардани сулҳи умумимиллӣ ва оғози кори комиссияи оштии миллӣ қадами нек ва умедбахш мебошад. Дар маҷлис, инчунин, намояндагони мамлакатҳои зерин чун нозир ва ташкилотчӣ ба монанди Давлати исломии Афғонистон, Ҷумҳурии исломии Эрон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии исломии Покистон, Федератсияи Русия, Туркманистон, Ҷумҳурии Узбекистон, СЕҲЕ, СКИ ширкат варзиданд .

[1] Интерфакс. – 1997. – 26 февр.

Аз 9 апрел сар карда, тарафҳо дар Теҳрон барои гузаронидани гуфтушунид во хӯрданд. Дар ин вохӯрӣ ду ҳуҷҷат, яъне протокол доир ба масоили сиёсӣ ва протокол оид ба кафолат додан дар бораи ҳаётӣ кардани созиши умумии барқарории сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон мавриди мубоҳиса гардид. Аммо, қариб аз саршавии гуфтушунид боз намояндагони мухолифин садди роҳи давом додани ин вохӯрӣ шуданд.

Бо кӯшишҳои фаъолонаи намояндаи махсуси СММ ҷаноби Герд Меррем, мамлакатҳои ташкилотчӣ, ки ба сифати нозир амал мекарданд нигоҳ накрда, гуфтушунид қатъ гардид ва 16 апрел тарафҳо Теҳронро тарк карда, аҳд карданд, ки давраи ҳаштумро дар ҳамин шаҳр миёнаҳои моҳи майи соли 1997 барқарор хоҳанд кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ бо нияти амиқ баррасӣ кардани масоиле, ки чорчӯби музокироти байни тоҷикон арзёбӣ мешавад, 16-18 майи соли 1997 дар пойтахти Ҷумҳурии Қирғизистон, шаҳри Бишкек во хӯрданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки ба манфиати олии миллии халқи тоҷик содиқанд, дар он маврид ҳамфикр буданд, ки раванди қаблии гуфтушунид ва созишномаҳое, ки бар асари онҳо ба даст омад, барои ба сатҳи мусолиҳатомези созандагӣ расонидани авзои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи кофиро ташкил медиҳад. Дар ин чорчӯб барои ҳалли проблемаҳое, ки дар рӯзномаи гуфтушунид қарор доранд қадами ҷиддии навбатӣ гузошта шуд. Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ба имзо расид, ки он ҳовии мувофиқатро роҷеъ ба проблемаҳои усулӣ оид ба ҳамдигарбахшӣ ва Қонун дар бораи авф; ба ҳайати Комиссияи марказӣ оид ба интихобот ва райпурсӣ дар давраи гузариш дохил шудани 25 фоиз намояндагони ИМТ; ислоҳоти ҳукумат бо роҳи ба он аз рӯи квота до-

хил кардани намояндагони ИМТ, баъди ба анҷом расидани татбиқи марҳалаи дуввуми Протокол оид ба проблемаҳои низомӣ боздоштани манъҳои фаъолияти аҳзоб ва ҳаракатҳои сиёсии ҷузъи ИМТ ва воситаҳои ахбори омма мебошад.

Дар меморандуми қабул кардашуда инчунин зикр карда шуда буд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ тасмим гирифтанд, ки масъалаи ивази асирони ҳарбӣ ва маҳбӯсон ҳамаҷониба ҳангоми гуфтушунидҳои минбаъда дар Теҳрон ва Москва баррасӣ шуда, барои татбиқашон механизми мувафақе тайёр карда шавад.[1]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ зикр карданд, ки дар натиҷаи вохӯрии Бишкек монеаҳое, ки вақтҳои охир дар раванди музокирот пеш омада буданд, бартараф гардиданд, барои идомаи муваффақияти онҳо замина гузошта шуд. Онҳо мувофиқа ҳосил карданд, ки баробари имзои созишномаи умумӣ оид ба сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон Комиссияи оштии миллӣ ба кор оғоз менамояд.

Дар давраи ҳаштуми гуфтушуниди Теҳрон, ки муваққатан канда шуда буд, аз 22 май барқарор шуда, 28 маи соли 1997 тарафҳо протокол оид ба ҷорӣ кардани кафолатҳои созиши умумӣ дар бораи ҷорӣ кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон қабул намуданд.

Дар ин ҳуҷҷат изҳор карда шуда буд, ки ба СММ ба хоҳише муроҷиат карда шавад, ки барои иҷрои Созишномаи умумӣ бо роҳи эҳтимолан аз тарафи Шӯрои Амнияти СММ, таъйин кардани ваколати нави Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (МНООНТ), ки он хотима ёфтани гуфтушуниди байни тоҷиконро ба назар мегирифта бошад ва аҷаб не, назоратро ба раванди иҷрои Созишномаи умумӣ аз ҷониби тарафҳо назорат мекарда бошад, дар ҳама марҳалаҳои он кӯмаки машваратии экс-

[1]Роҳи сулҳ... – С. 98-99.


www.ravshanfikr.tj

пертӣ ва хизматӣ холисона куна два вазифаи эҳтимолии дигар дошта бошад, кафолат диҳад.

Ба ғайр аз Протокол 28 маи соли 1997 дар давраи ҳаштуми гуфтушунид, дар шаҳри Теҳрон, тарафҳо инчунин ҳуҷҷати таърихии дигар, яъне бо номи «Дикларатсияи Теҳрон»-ро муҳокима ва қабул карданд. Дар ин ҳуҷҷат таъкид шуда буд, ки дар давоми ду марҳалаи давраи хотимавии музокирот дар Теҳрон пешрафти назаррасе ҳосил шуд: оид ба аксарияти мавзӯъҳои Протоколи сиёсӣ, ки дар вақти вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ Саидабдуллои Нурӣ 18 маи соли ҷорӣ дар Бишкек ба имзо расид, мувофиқа ҳосил шуд, ҳамчунон Протоколи Кафилони татбиқи Созишномаи умумӣ дар бораи барқарорими сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон тайёр ва ба имзо расид.

Протокол дар бораи кафилон мувофиқаи муҳими баёни давлатҳои нозири музокироти тоҷиконро дар хусуси ба ҳайси кафили сиёсӣ ва маънавии иҷрои маҷмӯӣ ва софдилонаи Созишномаи умумӣ дар бар мегирад. Ба ҳамин мақсад тарафҳо хостори он шуданд, ки дар Душанбе мулоқотҳои вазирони корҳои хориҷӣ гузаронида шаванд, мувофиқа ҳосил карданд, ки дар Протокол мафҳуме афзуда шавад, ки дар шаҳри Душанбе гурӯҳи робита таъсис ёбад, ки он аз сафирони дар он ҷо аккредитатсияшуда ё намояндагони махсус таъйиншудаи кишварҳои нозир, ҳамчунон намояндаи махсуси Муншии умумии СММ дар Тоҷикистон, роҳбарии намояндагии САҲЕ дар Тоҷикстон ва намояндаи Созмони Конфронси Исломӣ иборатхоҳад буд. Дар Протокол дар бораи кафилон накши муҳими СММ ва САҲЕ дар раванди татбиқи Созишномаи умумӣ пешбинӣ шуда буд, ки ин кафолати ҷиддии иҷрои пурраи он маҳсуб мешвад.[1]

[1]Роҳи сулҳ… – С.104.

Ногуфта намонад, ки боз як масъалаи муҳими вохӯрии тарафҳо дар ҳуҷҷати номбурда зикр ёфтааст, ки он аз аҳмияти таърихӣ ва минбаъд боз ҳам мустаҳкам ва густариш ёфтани муносибатҳои ҳамаҷонибаи байни Тоҷикистону Эрон холӣ нахоҳад буд. Дар он гуфта шудааст, ки ба муносибати анҷоми муваффақиятноки раванди гуфтушуниди байни тоҷикон ҳайатҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ИМТ ва намояндаи махсуси муншии умумии СММ бо шукри беҳад ва миннатдории амиқ зикр менамояд, ки дар пойтахти меҳмоннавози Эрон аз моҳи июни соли 1997 сар карда, чор давраи гуфтушуниди байни тоҷикон, ду давраи пурраи машварати ҳайатҳо бо иштироки намояндаи махсуси Муншии умумии СММ барпо шуданд. Ҳамчунон аҳамияти ду вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ Саидабдуллои Нурӣ, ки моҳи июли соли 1995 дар Теҳрон ва феврали 1997 дар Машҳад доир шуданд, дар раванди сулҳ бебаҳост.[1]

Ҳукумат ва ИМТ дар бораи барқарории сулҳ ва мушоҳидаи миллӣ дар Тоҷикистон гуфтугӯ карданд, ки моҳи июни соли 1997 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ Саидабдуллои Нурӣ дар Москва созиши умумиро имзо хоҳанд кард.

Оташбас байни ҳукумати Тоҷикистон ва ИМТ асосан риоя карда мешуд. Тарафҳо қувваҳои хешро барои риоя кардани протокол оид ба масоили ҳарбӣ равона карда, намояндагони худро барои дида баромадани мавқеи сарбозони саҳроии ҳарду ҷониб ба води Қаротегин, мавзеи Тавилдара ва Теппаи Самарқандӣ фиристониданд.

Ибтидои моҳи апрели соли 1997 Шӯрои сарварони давлатҳои муштаракулманофеъ дар бораи Тоҷикистон изҳороти муштарак дарҷ карданд. Дар он сарони давлатҳо боварии худро оид ба бароҳ мондани низоъи байни тоҷикон, танҳо имконпазирии он ба роҳи сиёсӣ ва ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи қувваҳои сиёсӣ

[1]Роҳи сулҳ.. – С. 104-105.

ва кулли сокинони Тоҷикистон иброз карданд. Дар изҳорот инчунин дар бораи зарурият ва мунтазам аз ҷониби тарафҳо иҷро кардани ҳамаи гуфтушунид, ки ба мақсади ҳар чи тезтар ба даст овардани мусолиҳаи миллӣ дар Тоҷикистон равона карда шуда буд, сухан мерафт.[1]

5 моҳи апрели соли 1997 дар шаҳри Душанбе вохӯрии маслиҳатомези вазирони корҳои хориҷии мамолики Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Русия доир гардид. Иштирокчиёни он оид ба масоили мухталифи бо роҳи сиёсӣ ба эътидол овардани шароити душвори Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаронӣ карданд. Ва изҳори ақида карданд, ки гуфтушуниди байни тоҷикон самараҳои умедбахш ба бор оварда истодаанд. Баробари ин иштирокчиёни вохӯрӣ ба тезутунд шудани муносибатҳои байни қувваҳои ба ҳам зид дар Афғонистон ва хавфи минбаъ авҷ гирифтани низоъ дар ташвиш монда, давлатҳои манфиатдорро даъват намуданд, ки дар роҳи баэътидол овардани вазъи сиёсии Давлати исломии Афғонистон фаъолона ширкат варзанд.[2]

24 моҳи июни соли 1997 ду нафар намояндагони Тоҷикистон яке бо сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва дигари бо роҳбарии ИМТ Саидабдуллои Нурӣ бо мақсади ба имзо расонидани Созиши умумӣ оид ба барқарор кардани сулҳ ва мусолиҳаи миллӣ дар Тоҷикистон ҷамъ омада буданд. Ҳарчанд, ки лоиҳаи созиши умумӣ, сохти вай, дар байни тарафҳо пешакӣ маслиҳад шуда бошад ҳам, аммо ИМТ бо сиёсати хеш содиқ монда, ҳаракатҳои зӯроварӣ ва талабҳои таҳдидомезро бакор мебурданд. Яке аз шартҳои асосии ба имзо расонидани ҳуҷҷате, ки дар тӯли солҳои дароз бо роҳи гуфтушунид ба даст оварда шуда буд, талаб пешниҳод кара шуд, ки се нафар тарафдорони ИМТ, ки бо бисёр амалиётҳои терористӣ, ки бар асари он дар шаҳри Душанбе чандин ашхоси бегуноҳ ба қатл расонида шуда буданд,

[1] Народная газета. – 1997. – 4 апр.
[2] Дипломатический вестник. – 1997. – № 5.

ба озодӣ бароварда шаванд.

Дар асл тақдири миллионҳо шаҳрвандони тоҷик гӯё дар дасти се шахсе, ки ба ҳаёти бисёр одамон зомин буданд гӯё вобастагӣ дошта бошад.[1]

Дар арафаи дар Москва ба имзо расидани созиши умумӣ доир ба сулҳ Эмомалӣ Раҳмон (26 июни соли 1997) бо собиқ вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия Е. Примаков суҳбат ороста, ӯро бо вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос кард. Дар рафти суҳбат инчунин ба масоили вазъи кишвар ва вазъият дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон дахл карда шуд. Оид ба мустаҳкам кардани муносибати байни Росияву Тоҷикистон мубодилаи афкор доир гардид.[2]

27 июни соли 1997 Президент Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саидабдуллои Нурӣ ва намояндаи махсуси Муншии умумии СММ дар Тоҷикистон Герд Меррем созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва изҳороти Москва ба имзо расониданд. Президент Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ Саидабдуллои Нурӣ дар ҳузури Герд Мерри, вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия Е. Примаков ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон Алӣ Акбари Вилоятӣ Протоколро низ ба имзо расониданд.

Дар созишномаи умумӣ зикр шудааст, ки бо мақсади дастрасӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва барҳам додани оқибати ҷанги шаҳрвандӣ аз 5 апрели соли 1994 сар карда то ҳамин рӯз зери сарпарастии СММ гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ давом кард. Ҳангоми ҳашт давраи гуфтушуниди байни ҳайатҳои хукуматӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ), ки минбаъд тарафҳо номида мешаванд ва дар Алма-ато, Ашхобод , Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад (Эрон), Москва, Теҳрон ва Хо-

---

[1] Белов Е.В. Асари номбурда. – С.76.
[2] Инфорационный бюллетень МИД РТ. – 1997. – № 9. – С. 56.


www.ravshanfikr.tj

сдеҳ (Афғонистон) баргузор шуданд, шаш мулоқоти Президенти ҶТ ва Роҳбари ИМТ, ҳамчунон, се машварати тарафҳо, прокол ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар маҷмӯъ созишномаи умумиро дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (Созишномаи умумӣ) ба миён меоранд, мувофиқа ва имзо шуданд.[1] Ин созишнома ҳовии асноди зерин аст:

Протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, аз 17 августи соли 1995; Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ аз 18 маи 1997 Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ оид ба ҷамъбасти вохӯриашон дар Москва 23 декабри соли 1996, ки ҷузъи он мебошад; Протокол «Дар бораи вазифа ва ваколатҳои асосии Комиссися оштии миллӣ» аз 23 декабри соли 1996; Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ аз 21 феврали с. 1997; Протоколи иловагӣ ба Протокол «Дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» аз 21 феврали соли 1997; Протоколи масъалаҳои низомӣ; Протокол оид ба масъалаҳои гурезаҳо аз 13 январи соли 1997; Протокол бар бораи кафилони татбиқи Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 28 маи соли 1997.[2]

Дар мавриди ба имзо расидани созишномаи Умумӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор кард, ки «Таҷрибаи талхи мо ба таври раднопазир исбот кард, ки танҳо бо роҳи сулҳ оромиву якдигарфаҳмиро дар мамлакат ба даст овардан имконпазир аст. Роҳи тайкардаи мо ба суи сулҳу салоҳ роҳи осон набуд. Барои онки ин воқеаи тақдирсозро тайёр кунем ба мо лозим омад, ки баёзан қувваи аз будаш зиёдтар бакор бурда, иродаи қавӣ ва худидоракуниро бакор барем. Баробари ин мо қадам ба қдам баъзан ба ноумедиҳо дучор

---

[1]Роҳи сулҳ… – С.106-107.
[2]Роҳи сулҳ… – С. 107.

шуда, ба якдигарфаҳмӣ омада мерасидем.»[1]

Дар созишномаи умумӣ, ки 27 моҳи июни соли 1997 дар шаҳри Москва дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон қабул карда шуда буд зикр меоварад, ки бо мақсади дастрасӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва барҳам додани оқибати ҷанги шаҳрвандон аз 5 апрели 1994 сар карда то ҳамин рӯз зери сарпарастии СММ гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ давом кард. Ҳангоми ҳашт давраи гуфтушуниди байни ҳайатҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) дар шаҳрҳои Алма-ато, ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад (Эрон), Москва, Теҳрон ва Хӯсдеҳ (Афғонистон) баргузор шуданд, шаш мулоқоти Президенти ҶТ ва Роҳбари ИМТ, ҳамчунон се машварати тарафҳо протокол ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар маҷмӯъ Созишномаи умумиро дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (Созишномаи умумӣ) ба миён меорад, мувофиқа ва имзо шуданд.[2]

Баъдан дар ин ҳуҷҷати тақдирсоз зикр шуда буд, ки Президенти ҶТ ва Роҳбари ИМТ мувофиқа ҳосил намуданд, ки бо имзои ҳамин Созишномаи умумӣ марҳалае шурӯъ мешавад, ки Созишномаҳои ҳосилшуда ба таври умумӣ ва алоқамандӣ бо ҳам иҷро мешаванд, ки ин ба моҷарои бародаркушӣ дар Тоҷикистон ба таври абадӣ хотима мегузорад, ҳамдигарбахшӣ ва авфро таъмин мекунад, гурезаҳоро ба зодгоҳашон бозмегардонад, барои инкишофи демократии ҷомеа, гузаронидани интихоботи озод ва барқарор кардани кишвар, ки аз моҷарои бисёрсола хароб шудааст, шароит фароҳам месозад. Нишонаи олии миллии кишвар сулҳ ва ваҳдати миллии ҳамаи тоҷикистониҳо, сарфи назар аз миллият, диди сиёсӣ, эътиқоди динӣ ва мансубияти маҳаллӣ хоҳад буд.[3]

Дар изҳороти дар Москва қабул кардашуда бо қано-

---

[1] Белов Е. В. Асари номбурда. – С.77.
[2]Роҳи сулҳ… – С.106-107.
[3]Ҳамон ҷо. – С. 107.

атмандӣ гуфта шуда буд, ки гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ бомуваффақият ба анҷом расид. Пас аз панҷ соли муқовимати шаҳрвандон, ки дар таърихи бисёрасрии кишвар яке аз саҳифаҳои фоҷианоктарин мебошад, рӯзи умед, бовари ба ақл, ки солҳо интизораш будем, фаро расид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба Созмони Миллали Муттаҳид, ки таҳти сарпарастӣ ва миёнаравии он се сол гуфтушуниди байни тоҷикон давом дошт, миннатдории амиқ изҳор менамояд, ки СММ дар татбиқи созишномаҳои ҳосилшуда низ ба Тоҷикистон ёрӣ мерасонад.

Ба ғайр аз фикру мулоҳизаҳои дар боло зикр шуда, дар ҷараёни гуфтушунид Протокол оид ба ҳамдигарфаҳмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ бо мақсади такмили раванди оштии миллӣ дар Тоҷикистон рӯзи 27 июни соли 1997 дар Москва, дар вохӯрии хоссе ба имзо расид,ки масъалаҳои марбут ба мустаҳкам кардани ҳисси боварии тарафайнро ба миён гузошт.

Дар натиҷаи он вохӯрӣ мувофиқаи зерин ҳосил гардид: маҷлиси аввали Комиссияи оштии миллӣ бо мақсади баррасӣ ва ба парламенти Тоҷикистон пешниҳод кардани Қонун дар бораи авфи умумӣ дар Москва то 7 июли соли 1997 даъват карда шавад; бо нияти татбиқи он қисмати Меморандуми Бишкек аз 18 маи соли 1997, ки ба масъалаи табдили асирони ҳарбӣ ва маҳбӯсон бахшида шудааст, чун рамзи ҳисси эҳтиром то 15 июли соли 1997 50 нафари асирон ва маҳбӯсон, аз ҷумла ҳамаи онҳое, ки пас аз феврали соли 1997 бандӣ шудаанд, озод карда шаванд.[1]

Ҳамин тавр, гуфтушуниди тоҷикон, ки аз соли 1994 дар зери ҳимояи СММ гузаронида мешуд, моҳи июни соли 1997 бо қабул кардани Созишномаи умумӣ бомуваф-

---

[1]Роҳи сулҳ…- С. 110-111.

www.ravshanfikr.tj

фақият ба анҷом расид. Ва ин сулҳи деринтизор ба хонаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон офтоби бахту саодатро шӯълабор кард.

# ДИГАРГУНСОЗИҲОИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 1991-2016)

## Вазъи саноат ва энергетика

**Хусусигардонӣ дар соҳаи саноат.** Хусусигардонӣ сиёсатест, ки барои ба моликияти хусусӣ табдил додани моликияти давлатӣ нигаронида шудааст. Ҳанӯз дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ дар мамлакат сиёсати ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатиро пеш гирифта буданд. Чунончӣ, 26 майи соли 1990 консепсияи ҳукуматии гузариши Иттиҳоди Шӯравӣ (ИҶШС-СССР) ба иқтисодиёти бозорӣ эълон гардид. Мувофиқи он иқтисодиёти мамлакат дар муддати солҳои 1990-1995 бояд ба иқтисодиёти бозорӣ гузаронида мешуд. Ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ барои амалисозии ин консепсия барои худ қонунҳои махсус қабул карданд. Аз ҷумла, 21 феврали соли 1991 иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ»-ро қабул намуд. Маҳз ҳамин қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хусусигардонии моликияти давалатӣ ибтидо гузошт. Минбаъд ба ин қонун (аз ҷумла18 июни соли 1997) тағйироту иловаҳо дохил гардид.

Яке аз мақсадҳои асосии хусусигардонӣ дар соҳаи саноат он буд, ки бо чунин роҳ мехостанд аз корхонаҳои зараровар халос шаванд. Баъди барҳам додани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол, аз ҷумла Тоҷикистон, дар алоҳидагӣ роҳи худро барои гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ муайян карданд.

Мувофиқи гуфтаи раиси Кумитаи давлатӣ оид ба мулкҳои ғайриманқули Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар рӯйхат 102.268 иншооти давлатӣ мавҷуд буд, ки аз он мебоист 70.375 иншоот хусусӣ гардонида мешуд, 2.893 иншоот

хусусӣ гардонида намешуд, 1. 519 иншоот фақат бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли дигари моликият гузаронида мешуд. Нархи умумии амволи давлатӣ 50 миллиард доллари амрикоӣ муайян карда шуда буд.[1] Аз ҷумла арзиши танҳо нерӯгоҳи обии барқии Норак 1.250млн доллари амрикоӣ; заводи арзизи тоҷик – 900 млн доллари амрикоӣ ва заводи электрохимиявии Ёвон – 425 млн доллари амрикоиро ташкил медод. Яъне, танҳо се иншооти охирин, ки якҷоя комплекси ҳудудӣ – истеҳсолии Ҷануби Тоҷикистонро ташкил менамоянд, ҳамагӣ – 2.575 млн. доллари амрикоӣ арзиш дошта,аз ҳисоби буҷаи Иттифоқ сохта шудаанд.[1]

Барои амалӣ намудани сиёсати хусусигардонии моликияти давлатӣ як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, соли 1991 ҳуҷҷатҳо «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 1992 «Дар бораи маблағгузории (инвеститсияи) хориҷӣ», «Дар бораи муфлисшавӣ» ва ғайра қабул шуданд. Аммо, то соли 1995 суръати хусусигардонӣ дар ҷумҳурӣ хеле суст буд. Дар ин сол ҳанӯз моликияти давлатӣ 97,7%-ро ташкил медод. Албатта барои хусусигардонии моликияти давлатӣ шароити нисбатан мувофиқ баъди имзои созишномаи сулҳи тоҷикон (27 июни соли 1997) ба амал омад.

Ҳанӯз 18 июни соли 1997 қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиботи ба ҷамъияти саҳомӣ табдил додани корхонаҳои давлатӣ» баромад, ки мувофиқи он тамоми корхонаҳои давалтӣ ба се шакл тақсим карда шуданд:

1) Корхонаҳои давлатие, ки микдори коргаронашон

---

[1] Давлатов М.С. Хусусигардонии моликият ва ташаккули иқтисодиёти бисёрҷабҳаи давраи гузариш //Иқтисодиёти Тоҷикистон: Стратегияи тараккиёт – .2001. – № 3. – С.73-74.

[1] Умаров Х., Маҳмадшоев Д.Т.Трансформационные процессы в экономике Таджикистана //Центральная Азия и Кавказ. - 2001. - № 2 (14). – С. 177.


www.ravshanfikr.tj

аз 200 нафар зиёд буд, ҳатман саҳомӣ карда мешуданд;

2) Корхонаҳое, ки коргаронашон аз 100 то 199 нафар буд, мувофиқи қарори ҳукумати маҳаллӣ саҳомӣ карда мешуданд;

3) Корхонаҳое, ки коргаронашон аз 100 нафар кам буд, фурӯхта мешуданд.[1]

Мувофиқи ҳуҷҷатҳое, ки кумитаи давлатӣ оид ба мулкҳои ғайриманқули давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Тартиби ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул намуд, барои харидорон дар ин соҳа боз баъзе сабукиҳои иловагӣ пешниҳод намуд. Аз ҷумла, мувофиқи ин ҳуҷҷат, агар коллективи меҳнатӣ ҳамон мулкро харидорӣ кунад, нархаш то 30%, агар шахси ҳуқукӣ ё худ воқеӣ харидорӣ намояд то 10% арзон карда мешуд. Чуноне маълум аст, ин ҳуҷҷат ба коллективҳои меҳнатие, ки мақсади моликияти давлатиро харидорӣ карданро доранд, сабукиҳои зиёд медод.

Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусигардонии амволи давлатӣ бо суръати гуногун мегузашт. Агар соли 1992 – ба миқдори умуми 657 адад амволи давлатӣ ғайридавлатӣ (339 адад ба моликияти шахсӣ ва 318 адад ба моликияти коллективӣ) гардонида шуда бошанд, пас соли 1993 ҳамагӣ – 124 адад ва соли 1994 – 331 адад амволи давлатӣ хусусӣ гардонида шуд, ки сабабаш ҷанги шаҳрвандӣ ва ноустувории вазъи ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ аст. Аз соли 1997 ин суръат боз боло гирифт. Чунончӣ: соли 1997-696 адад, соли 1998-1264 адад ва соли 1999-1537 адад амволи давлатӣ хусусӣ гардонида шуданд. Аз ҷумла, аз амволи хусусигардонидашуда: соли 1992-1215 ададаш ба моликияти хусусӣ ва 49 ададаш ба ҷамъияти саҳомӣ; соли 1999 – 1512 ададаш ба

---

[1] Ҳотамов Н.Б. Социоально-экономические переобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006гг.). – Душанбе, 2008. – С. 21-22.

моликияти хусусӣ ва 25 ададаш ба ҷамъияти саҳомӣ табдил дода шуданд.[1] Натиҷаи хусусигардонии амволи давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се давраҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

***Давраи якум.*** Дар ин давр амволи давлатӣ бевосита ба кормандони худи корхона фурӯхта шуданд. Ба ин фурӯхтани корхонаҳои хурди соҳаи тиҷорат, хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ мисол шуда метавонад. Дар натиҷа, аз аввали давраи хусусигардонӣ то соли 1997, аз миқдори умумии амволи хурди давлатие, ки бояд хусусӣ гардонида мешуданд, қариб 37% хусусӣ гардонида шуданд. Ба ғайр аз ин дар ҳамин давра, дар баробари иншооти хурди давлатӣ, инчунин як миқдор иншооти миёна (шумораи коргаронашон 100-199 нафар) ва калон шумораи коргаронашон аз 200 нафар зиёд низ ба кормандонашон фурӯхта шуданд;

***Давраи дуюм*** аз дохил намудани тағйироту иловаҳо ба Қонун «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» оғоз гардид. Мувофиқи таҳрири охирини ин қонун ҳамчун шакли асосии фурӯши амвол, барои ҳар як корхона, дар алоҳидагӣ шакли фурӯши музояда (аукционӣ) ва тендерӣ муайян гардид. Чунин тағйиротҳо суръати хусусигардонии корхонаҳои хурдро тезонид ва дар натиҷа хусусигардонӣ дар ин соҳа соли 1998 асосан ба анҷом расид. То аввали соли 2002 дар ҷумҳурӣ 96% иншоотхои хизматрасонии маишӣ, 90% – и соҳаи тиҷорат ва 85% – и соҳаи хӯроки умумӣ хусусӣ гардонида шуданд;

***Давраи сеюм*** бо хусусигардонии корхонахои калон ва миёна оғоз гардид. Маҳз барои дар ҳамин соҳа тезониданни суръати хусусигардонӣ солҳои 1997 – 1998 аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор ҳуҷҷатҳои зарурӣ қабул гардид. Моҳи марти соли 1998 аввалин музоядаи чекӣ оиди

---

[1] Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. «Становление и развитие частного сектора в РТ». - 2004. – В. 24.

фурӯши пакети саҳмияҳои давлатӣ барпо гардид. Бо ҳамин музояда амалан давраи хусусигардонии корхонаҳои калон ва миёна оғоз шуд. Минбаъд бо тарзи музояда фурӯхтани амволи давлатӣ ба ҳукми анъана даромад. Дар натиҷа, танҳо дар солҳои 1998-2001, бо ҳамин усули аукцион, аз 900 корхонае, ки бояд ҳатман фурӯхта мешуд, пакети саҳмияҳои зиёда аз 300 корхона фурӯхта шуд.[1]

Умуман, дар муддати солҳои 1998-2001 дар натиҷаи 252 музояда ва тендерҳо 417 корхона фурӯхта шуд, ки аз он 342 адад корхонаҳои хурд ва 72 адад корхонаи миёнаюкалон буданд. Миқдори умумии корхонаҳои хусусигардонидашуда аз оғози хусусигардонӣ то соли 2001 ба 6609 адад расид, ки ин 40%-и моликияти давлатии барои хусусигардонӣ муайяншударо ташкил медод. Ин шумора соли 2003 ба 7 081 адад, ё худ 45% расид.[2]

То моҳи июли соли 2002 дар ҷумҳурӣ хусусигардонии корхонаҳои хурду миёна асосан ба итмом расид ва ин маънои онро дошт, ки дар мамлакати мо давраи «хусусигардонии хурд» ба охир расида, давраи нав «хусусигардонии калон» сар шудааст.

Маъракаи хусусигардонии амволи давлатӣ минбаъд ҳам давом кард. Агар ба миқдори умумӣ соли 2004 – 536 корхонаҳо хусусӣ гардонида шуда бошанд, пас соли 2005 – 670 адад корхонаҳо хусусӣ гардонида шуданд. Соли 2005 миқдори умумии корхонаҳои хусусигардонидашуда ба 8708 адад расид.[3]

Аз моҳи феврали соли 1991 то 1 апрели соли 2009 дар ҷумҳурӣ 10 ҳазору 748 иншоот хусусӣ гардонида шуд. Аз

---

[1] Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. «Становление и развитие частного сектора в РТ».- 2004. – В. 24.

[2] Итоги развития национальной экономики за 2001 год. //Иқтисодиёти Тоҷикистон. Стратегияи тараккиёт. - 2002. - № 1. – С. 162.

[3] Тоҷикистон: 15 соли истиқлолияти давлатӣ. Маълумоти оморӣ. – Душанбе, 2006. – С. 222.

ҷумлаи онҳо 9485 адад иншооти хурд ва 1263 адад корхонаҳои миёнаву калон мебошанд.

Аммо натиҷаҳои хусусигардонии амволи давлатӣ чандон хурсандибахш нест. Ҳол он ки дар ҷумҳурӣ хусусигардонии корхонаҳои хурду миёна асосан ба итмом расидааст. Дар оғози сиёсати хусусигардонӣ умед буд, ки: 1) Бо оғози хусусигардонӣ ба мамлакат сармояи хориҷӣ зиёдтар дохил мешавад. Аммо дар амал ин тавр нашуд. Ба ҷумҳурӣ дохил шудани сармояи хориҷӣ ва рағбати онҳо барои харидани мулк дар ҷумҳурӣ хеле суст аст, ки баъдтар дар ин бора хоҳем истод; 2) Умед буд, ки бо хусусигардонӣ хазинаи давлат ғанитар мегардад. Вале ин ҳам нашуд. Зеро, аз як тараф сатҳи баланди беқурбшавии пул маблағи фурӯши корхонаро баъди чанд сол ночиз мекард, аз тарафи дигар, ҳамон маблағи ночиз ҳам пурра ба буҷа дохил нашуд. Ҳол он, ки дар дигар мамлакатҳо, дар чунин ҳолат, як ҳиссаи маблағи аз фурӯши корхона ба даст омада, барои пешравӣ, ба ихтиёри корхонаи хусусигардонидашуда гузошта мешуд; 3) Дар давраи аввали маъракаи хусусигардонӣ ба камбудиҳои зиёд роҳ дода шуд. Аз як тараф беқурбшавии пулро ба инобат нагирифта, корхонаҳоро ба маблағи хеле ночиз фурӯхтанд. Дар натиҷа, аксари мардум, ки бечораю қашшоқ буданд, аз ин чорабиниҳо дар канор монданд ва як тӯдаи муайяне соҳибони чунин мулкҳо гардиданд.

Натиҷаи хусусигардонии амволи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакат «хусусигардонии хурд» дар давраи ноором, дар давре, ки ҳанӯз силоҳбадастон амал мекарданд ва дар ҳалли масъалаҳо нуфузи зиёд доштанд, гузаронида шуд. Таҷрибаи имрӯзаи мамлакати мо гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳолати вазнини солҳои 90-ӯми асри XX ва ҳатто аввали асри XX1, бояд аз фурӯхтани амволи давлатӣ худдорӣ намуда, дар даври аввал бо ба шакли дигар – саҳомӣ гардонидани онҳо қаноат мекарданд.

***Соҳибкорӣ***. Соҳибкорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияи нави иқтисодӣ буда, маҳсули ислоҳотҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Барои ташаккулёбии соҳибкорӣ дар ҷумхурии мо қонуни дар боло ишорашуда – «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» (21 феврали соли 1991) ибтидо гузоштааст. Соҳибкорӣ тамоми соҳаҳои иқтисодӣ – саноат, кишоварзӣ, тиҷорат, хизмати маишӣ, хӯроки умумӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳар касе, ки бо соҳибкорӣ машғул мешавад, шаҳодатнома ё худ патент мегирад. Бинобар ин шумораи соҳибкоронро аз рӯи ҳамин ҳуҷҷатҳои расмӣ муайян менамоянд.

Шахсоне, ки дар ҷӯмҳурӣ бо соҳибкорӣ машғул шудаанд, дар солҳои ҷудогона ба ин миқдор будаанд: Соли 1991 – 8, 1 ҳазор нафар; соли 1998 – 116 ҳазор нафар; соли 1999 – 50, 7 ҳазор нафар; соли 2004 – 100, 8 ҳазор нафар; соли 2005 – 88, 6 ҳазор нафар, соли 2007 – 117,0 ҳаз. нафар; соли 2009 – 137,7 ҳаз. нафар; соли 210 – 94,3 ҳаз. нафар; соли 2011 – 183, 13 ҳаз. нафар; соли 2012 – 197,0 ҳаз. нафар. Аз ин миқдор, қисми зиёдашон дар соҳаи тиҷорат ва хӯроки умумӣ фаъолият мекарданд. Онҳо масалан дар соли 1997 – 84,6 %; соли 2000 – 77%; соли 2005 – 62, 4 %; соли 2008 – 60,1% ва соли 2012 – 45% – ро ташкил намуданд.

Соҳибкор – ин сохибмулк аст. Дар кадом соҳае, ки соҳибкор фаъолият накунад, вай дар рақобат аст. Бинобар ин фаъолияти мусбати соҳибкор, пеш аз ҳама аз дараҷаи донишу малака, кӯшишу ғайрати худаш бештар вобастагӣ дорад. Қисми дигари фаъолияти соҳибкор аз шароите, ки давлат барои ӯ муҳайё намудааст сахт вобаста аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба танзим даровардани соҳибкорон, дар муддати нисбатан кӯтоҳ як қатор қонуну қарорҳои дахлдор қабул карда шуд. Аз ҷумла 23 декабри соли 1991 Қонун «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; 8 апрели соли 1996 Қонун «Дар бораи ҳимояи давлатии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 14 августи соли 1997 «Дар бораи ташкил намудани Агентии оид ва инкишофи соҳибкории хурд дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайраҳо мисол шуда метавонад.

Аммо далелҳои мавҷуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҷумҳурии мо ҳанӯз барои фаъолияти озоди соҳибкорӣ на ҳамаи шароитҳо муҳайёст. Аз ҳамин сабаб на ҳамаи соҳибкороне, ки дар рӯйхат ҳастанд, яъне шаҳодатнома ё худ патент гирифтаанд, фаъолият мекунанд. Масалан, соли 1996 соҳибкорони дар рӯйхат буда 3673 нафар буданд ва аз ин миқдор 3084 нафарашон фаъолият мекарданд. Соли 1997 бошад миқдори соҳибкорон дар рӯйхат ба 4039 нафар расид, аммо дар охири он сол ҳамагӣ 2 187 нафарашон фаъолият мекарданду халос. Ё худ, соли 2002 миқдори соҳибкорон ба 6379 нафар расид. Вале дар охири сол аз ин миқдор 1215 адад фаъолият мекарданд, ки ин ҳамагӣ 19% – ро ташкил мекунад.[1] Солҳои 2003-2005 шумораи соҳибкорони фаъолияткунанда нисбатан кам – кам зиёд шуд.

Агар соҳибкорони фаъол соли 1996 ҳамагӣ 32, 9 ҳазор нафарро бо кор таъмин карда бошанд, пас соли 2000 – ум то 12, 6 ҳазор нафар, соли 2001 – 11,7 ҳазор нафар, соли 2002 – 13,7 ҳазор нафарро бо кор таъмин карда тавонистанду халос. Аммо моҳонаи онҳо ҳамагӣ аз 2,1 сомонии соли 1996 то 42, 39 сомонии соли 2002 зиёд шудааст.[2] Ҳеҷ ҷойи шӯбҳа нест, ки дар он давр миқдори одамони аз тарафи соҳибкорон бо кор таъмин гардида ваҳаҷми маоши онҳо хеле ночиз буд. Минбаъд вазъият нисбатан беҳтар гардид.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон 14 октябри соли 2014 ҳангоми вохӯрии навбатӣ бо соҳибкорон ва сармоягузорон таъкид намуд, ки «миқдори умумии ҷойҳои нави кории муҳаёшуда ва барқароргардида дар панҷ со-

[1] Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. - 2004. – В. 47.
[2] Ҳамон ҷо. – В. 47.

ли охир зиёда аз 870 ҳазор, аз ҷумла танҳо дар соли 2013 беш аз 185 ҳазорро ташкил кард, ки ин ба беҳтар гардидлани вазъи бозори меҳнат ва сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуд».[1]

Маълумотҳои дар боло овардашуда шаҳодат медиҳанд, ки шумораи соҳибкорон сол аз сол зиёд гардад ҳам, шумораи соҳибкороне, ки дар амал фаъолият мекарданд, баръакс кам шудааст. Ҳатто соҳибкореро дучор шудан мумкин аст, ки вай ҳамчун соҳибкор дар ҷумҳурии мо дар қайд ҳаст, вале берун аз ҷумҳурӣ фаъолият мекунад. Чунин далел шаҳодати он мебошад, ки дар ҷумҳурии мо сабабҳои фаъолияти соҳибкоронро халалдоркунанда нисбатан зиёдтар будаанд.

Яке аз сабабҳое, ки дар солҳои 90-уми асри XX барои инкишофи соҳибкорӣ халал мерасонид ин тафтишҳои зиёд аз тарафи ташкилотҳои гуногуни маъмурию қудратӣ ба ҳисоб мерафт. Бо мақсади бартараф намудани чунин ҳолат, дар асоси фармони Президенти ҷумҳурӣ, аз 28 марти соли 2001, Китоби қайди субъектҳои хоҷагиҳои тафтишкунанда ҷорӣ карда шуд. Аммо то аввали соли 2006 як қисми соҳибкорон чунин китобҳоро ҳанӯз ҳам надоштанд.

Дар ҷумҳурии мо то соли 2006 сабабҳое мавҷуд буданд, ки ба инкишофи мӯътадили соҳибкорӣ халал мерасониданд:

***Якӯм:*** Мавҷуд набудани максади ягонаи иқтисодӣ байни соҳибкорон ва давлат. Чунин ҳолат дар он зоҳир мегардад, ки гарчанде давлат оиди муҳайё намудани шароит барои соҳибкорон баъзе тадбирҳоро андешад ҳам, вале, аз тарафи дигар бо мақсади ғанӣ гардонидани буҷа аз ҳисоби андоз мекӯшад. Масалан, аз 17 намуди андозҳои он давра мавҷуд буда, андоз аз даромади изофа 20

---

[1] Раҳмон Э. Соҳибкорону сармоягузорон қувваи бузурги пешбарандаи иқтисодиёти кишвар ва нерӯи созандаву ободкорони Ватан мебошанд //Садои мардум. - 2014. - 16 окт.

% – ро ташкил мекунад, ки чунин ҳолат бароидавраи гузариш мувофиқ нест, яъне бори хелегарон аст.[1]

***Дуюм:*** Номувофиқатии сиёсати молиявию қарзӣ барои соҳибкорон. Мантиқан, бо қарзи имтиёзнок таъмин намудани соҳибкорон яке аз вазифаҳои асосиибонкҳоитиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, аммо дарамал чунин ҳолат вуҷуд надорад. Бонкҳобарои қарз кафолати зиёди молу мулкро талабмекунанд, кинархашон аз ҳаҷми қарзкамаш се баробар зиёд бошад. Ба ғайр аз ин фоизе, ки бонкҳо барои қарз аз соҳибкорон талаб мекарданд (30 – 35% – солона) хеле вазнин буд.

***Сеюм:*** Мувофиқи андешаиакадемик Н.Қ. Қаюмовдар ҷумҳурӣ ҳолати иқтисодӣ ва қонунҳое, ки вуҷуд доранд, барои ташаккули амалиёти фаъоли соҳибкорӣ дар замони танзими иқтисодиётибозорӣ имконият намедиҳанд. Механизмҳои хоҷагидорӣ инкишофи соҳибкории хурду миёнаро ҳавасманд намекунанд. Зеро, аз яктараф қисми бузурги майдони фаъолиятисоҳибкоронро элементҳои криминалӣ азони худнамудаанд, аз тарафи дигар, онҳо гирифтори ҳар гунахудсариҳои амалдорон мебошанд. Натиҷаичунин ҳолат он гардид, ки ҳамин соҳа, яънесоҳибкории хурду миёна, дармамалакат мунтаззам инкишоф наёфт, буҷаи мамлакат бошад, аз даромади зиёд маҳрум монд.[2]

Дар ҷумҳурии мо аз тарафи Корпоратсияи молиявии байналхалқӣ, ду маротиба, яънесолҳои 2003 ва 2006 ҳолати «фазои тиҷоратӣ»тадқиқотгузаронида шуд. Ҳангоми омӯзиши аввала оиди муносибат ба соҳибкорони хурду миёна чунин норасоиҳо ошкор гардид: тафтишҳои ғай-

---

[1]Қаюмов Н.Қ. Еще раз о необходимости ускорения темпов экономического роста //Иқтисодиёти Точикистон: Стратегияи тараккиёт. - 2006. - № 2. – С .70.

[2]Қаюмов Н.Қ. Необходимость и экономические механизмы ускорения темпов экономического роста в Таджикистане //Иқтисодиёти Тоҷикистон: Стратегияи тараккиёт. - 2004. - № 3. – С. 21.


www.ravshanfikr.tj

риқонунии субъектҳои хоҷагидорӣ аз тарафи органҳои назоратӣ;ҷой доштани низомӣ порагирӣ; масъалаҳо вобаста ба стандартизатсия ва сертификатсия ва ғайраҳо. То соли 2006 баъзе аз ин камбудиҳо ҳарчанд бартараф карда шуданд, вале ҳанӯз ҳам,дарҷумҳурӣ вазъи солим барои инкишофисоҳибкории хурду миёна вуҷуд надошт. Бинобарин нишондоди соҳа аз соли 2003 то соли 2005 ҳамагӣ 3,5% зиёд шудаасту халос. Дар ҷумхурӣ бахши хусусӣ ҳамагӣ 25% аҳолии қобилияти кории мамлакатробо кортаъмин менамояду халос, ки ин аз таҷрибаичаҳонӣхеле паст ба хисоб меравад. Гарчанде нисбат ба соли2003барои соҳибкорони хурдумиёна, дар низоми қарзи бонкӣ баъзебеҳбудиҳо эҳсос гардад ҳам, аммо низоми коррупсияҳанӯз халал мерасонад.[1]

Барои инкишофи соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна, Қонун«Дар бораитафтишифаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ», ки 28 июли соли 2006 қабул гардид, аҳамияти махсус дошт. Ин Қонун тафтишисубъектҳои хоҷагидориро аз тарафи ҳар гуна мақомотҳо, ба ғайр аз намояндагониандоз,ба мӯҳлати дар ду сол як маротиба (ба ғайр аз иншоотҳое, ки фаъолияташон ба саломатӣ вазиндагии одамон хавфнок бошад), маҳдуд намуд. Бе гуфтугӯ амалӣ гардиданӣ ин Қонун бароисоҳибкоронманфиатнок аст. 25 июли соли 2008 фармони Президенти ҷумҳурӣ дар бораи ба мӯхлати боз ду соли дигар (то охири моҳи июли соли 2010) эълон намудани мораторияба ҳама намуди санҷиши иншооти хурду миёна ба имзо расид.

Аз 1 июли соли 2009 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Равзанаи ягона» ҷорӣ гардид. Он мушкилоти соҳибкоронро бояд хеле осон намояд. Зеро, агар пештар як соҳибкор барои аз қайд гузаштан ба зиёда аз 10 мақомот

---

[1]Қаюмов А. Таджикский бизнес: Куда идем (Деловая среда в Таджикистане глазами представителей малого и среднего бизеса) // Азия – Плюс. – 2006. 6 июля.

муроҷиат мекард ва қариб 50 рӯз дар ба дари мақомотҳо медавид, ҳоло бояд дар муддати то панҷ рӯз ба қайд гирифта шавад.

***ВАЗЪИ САНОАТ***. Пӯшида нест, ки дар даҳсолаҳоиохири мавҷудияти замони шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз ҷумхуриҳои саноатӣ – аграрии Иттифоқ табдил ёфт. Дарин давра маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳиссаимаҳсулоти саноатӣ нисбат бамаҳсулотикишоварзӣ хеле зиёд буд. Аз ҷумла, аз рӯи дараҷаиинкишофи саноат дар байни 15 ҷумҳуриииттифоқ Тоҷикистон ҷойи 10-умро ишғол мекард.[1] Миқдорикорхонаҳоисаноатӣ ҳам дар ҷумҳурӣ кам набуд. Соли 1991шумораи умумии онҳо ба 2.308 адад мерасид. Шумораи кормандони онҳо 215,4 ҳазор нафар буда, танҳо миқдори коргарони корхонаҳо 188, 2 ҳазор нафар буданд.[2] Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатииҷумҳурӣ425 адад корхонаҳоинисбатан калон буда, 207 корхонаҳои соҳаи вазнин ва 119 адад корхонаҳои соҳаи сабук буданд.[3]

Баробари амалӣ намудани Қонун «Дар бораиғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» дар ҷумҳурии мо давраи низоми ягонаи давлатӣ дар соҳаи саноат баитмом расид. Минбаъд, ба ҷои ин низоми ягона корхонаҳои шакли нави моликият: моликияти коллективӣ, корхонаҳоимуштарак, корхонаҳои хусусӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд омаданд. Ба ғайр аз ин, баъзе корхонаҳои нисбатан калон ба қисмҳо тақсим карда шуданд ва дарҷои онҳо якчанд корхонаҳои хурди ғайридавлатӣ пайдо шуданд. Дар натиҷа, дар ҷумҳурӣ миқдори корхонаҳоидавлатӣсол аз сол кам шуда, корхонаҳоиғайри-

---

[1] Умаров Х., Маҳмадшоев Дж. Трансформационные процессы в экономике Таджикистана //Центральная Азия и Кавказ. – 2001. – № 2. – С. 177.

[2]Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. 2001. – В.11.

[3] Народное хозяйство Таджикской ССР в 1989г. /Стат. сб. – Душанбе, 1991. – С. 172-173.

давлатӣ меафзуд. Масалан, соли 2000 корхонаҳоидавлатӣ – 13,5%, корхонаҳои ғайридавлатӣ – 66,6%, корхонаҳои коллективӣ – 0, 3% ва корхонахоимуштарак – 3,6% – ро ташкил менамуданд.[1] Агар аз рӯи шумора ба корхонаҳоисаноатӣ назар намоем, пас соли 2004 онҳо 1048ададро ташкил медоданд. Аз ин миқдор – 289 адад корхонаҳои давлатӣ, 83 адад корхонаҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ, 23 адад корхонаҳои муштарак ва 759 адад корхонаҳои бахши ғайридавлатӣ ташкил менамоянд.[2] Албатта ба қисми охирин аксар корхонаҳои хурду миёна шомиланд.

Бешубҳа, ҷанги шаҳрвандӣ ба фаъолияти саноати ҷумҳурӣ нақши манфӣ гузошт. Корхонаҳоисаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон азсоли 1996 инҷониб зараровар ҳисобида мешуданд. Зеро, аз ин сол сар карда ба ҷумҳурӣ дохил гардидани молҳои саноатии хориҷӣ хеле афзуд. Дарнатиҷа аз як тараф аксарияти корхонаҳои саноатӣ фаъолият намекарданд,аз тарафи дигар, он корхонаҳое, ки фаъолият мекарданд,маҳсулоташон бо молҳои ба ҷумҳурӣ дохил шуда рақобат карданаметавонист. Ин ҳама ба он оварда расонид, ки маҳсулоти ватанӣ бехаридор мемонд. Соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 32,3% – и дараҷаи соли 1990 – ро ташкил дод.[3]

Бо сабабҳои дар боло ишора ёфта, корхонаҳои нисбатан бузурги саноатӣ, ки гӯё фаъолият карда истодаанд, сол аз сол маҳсулотихудрокаммекарданд. Масалан, чунин ҳолатро аз вазъи соҳаҳои гуногуни истеҳсолот дида метавонем. Чунончӣ:

***Матоъҳои пахтагӣ***, соли 1991 дар ҳаҷми 102.422 ҳаз. м.[2] истеҳсол карда шуда буд. Соли 2000 ҳамагӣ – 11.485

---

[1]Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. 2001г. – В. 20.
[2] Промышленность Республики Таджикистан. /Стат. сб. – Душанбе, 2005. – С. 112.
[3]Каюмов Н.К. Необходимость и экономическое механизмы ускорение темпов экономического роста в Таджикистане //Иқтисодиёти Точикистон.: Стратегияи тараққиёт. - 2004. - № 3. – С. 15-16.

ҳаз.м.$^2$; соли 2004-19.377 ҳаз.м$^2$; газворҳои тайёри пахтагӣ: соли 2009 – 36,6 млн. м$^2$; соли 2010 – 25,6 млн. м$^2$; соли 2011 – 21,4 млн. м$^2$; соли 2012 – 22,6млн. м$^2$; соли 2013 – 18,1 млн. м$^2$ ва соли 2014 – 18,2 млн. м$^2$ истеҳсол карда шуду халос. Яъне, истеҳсолиматоҳои пахтагӣ дар ҷумҳурӣ соли 2014 нисбат басоли 1991 зиёда аз 5 баробар кам буд. Ҳол он, ки дар ин даврҳеҷ гоҳ талабот ба матоҳои пахтагӣ, чӣ дарбозори дохилӣ ва чӣ хориҷӣ кам нашудааст.

***Қолинҳо ва маҳсулоти қолинӣ*** соли 1991 дарҳаҷми 7. 595 ҳаз.м.$^2$ истеҳсол шуда буд. Истеҳсоли ин намуди маҳсулот соли 2000 ҳамагӣ – 3423 ҳаз.м.$^2$; соли 2004 – 449,7 ҳаз. м.$^2$; соли 2009 – 0,5 млн. м$^2$; соли 2010 – 0,6 млн. м$^2$; соли 2011 – 0,7 млн. м$^2$; соли 2012 – 0,9 млн. м$^2$; соли 2013 – 1,4 млн. м$^2$ ва соли 2014 – 1,8 млн. м$^2$-ро ташкил доду халос. Ҳол он, ки дар замони Шӯравӣ қолинҳо ва маҳсулоти қолинии комбинати қалинбарории Қайроқум, на танҳо ба тамомиҷумхуриҳои итифоқӣ, балкӣ ба хориҷа ҳам паҳн мегардид. Яъне, истеҳсоли ин намудимаҳсулот дарҷумҳурӣ зиёда аз 4 баробар кам шуд.

***Заводи яхдони«Помир»*** солҳои 80 – уми асри XX дар бисёр ҷумҳуриҳо шӯҳрат дошт. Соли 1991 заводи яхдонбарорӣ ба миқдори 145.193 адад яхдони «Помир» истеҳсол намуд. Аммо, истеҳсоли чунин яхдонҳо соли 1998 – ҳамагӣ 900 адад, соли 2000 – 1.677 адад, соли2003 – – 594 адад ва соли 2004 – 1.870 адад яхдон истеҳсол намуду халос. Минбаъд фаъолияти заводи яхдонбарорӣ пурра қатъ гардид.[1]

***Заводи трансформаторбарории шаҳри Кӯрғонтеппа*** соли 1991 – 4205 адад трансформаторҳои баландшиддат истеҳсол карда буд. Соли 2000 бошад, ҳамагӣ 89 адад, яъне зиёда аз 46 баробар кам истеҳсол карда шуд. Трансформаторҳои барқӣ ба миқдори: соли 2009 – 19,0 ҳазор кВт;

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2013. – С. 258-259.

соли 2010 – 14,0 ҳаз. кВт; соли 2011 – 11,2 ҳаз. кВт; соли 2012 – 9,3 ҳаз. кВт; соли 2013 – 1,8 ҳаз. кВт ва соли 2014 – 11,2 ҳаз. кВт истеҳсол карда шуду халос.[1]

Далелҳои овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳаҳое, ки дар замони шӯравӣ шӯҳратдоштанд, имрӯз дар ҳолати ногувор қарор доранд.Мувофиқидалелҳои дигар, дар ҷумҳурӣ аз соли 1996 дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ ҷоннокшавӣ сар шудааст. Яъне, агар маҳсулоти саноатии соли 1995 23, 8 млн. сомониро ташкил намояд, пас соли 1996 ба 79,3 млн. сомонӣ, соли 1997 – ба 114,0 млн. сомонӣ; соли1998 – ба 206,1 млн. сомонӣ ва соли 1999 – ба 291,6 млн. сомонӣ расидааст. Вале ин гуна афзоиш бароимуқоиса бо соли 1990-1991 хеле ночиз аст. Танҳо азсоли 2000-ӯм пешравӣ дар соҳаи саноат то андозаеназаррас мебошад. Чунончӣ,истеҳсоли маҳсулоти саноатӣсоли 2000 – ум ба 529, 3 млн. сомонӣ ва соли 2005 ба 1.637,5 млн сомонӣ расид.[2]

Ё худ маълумотҳои солҳои охирро бо сомонӣ ҳисоб кунем, пас маълум мешавад, ки агар соли 2013 маҳсулоти саноатӣ дар ҳаҷми 9.951.793,4 ҳаз. сомонӣ истеҳсол гардида бошад, пас соли 2014 дар ҳаҷми 10.534.968,0 ҳаз. сомонӣ истеҳсол шудааст, ки ин нисбат ба соли 2013 – 105,0%-ро ташкил мекунад. Афзоишро аз ҷумла дар истеҳсоли пойафзоли чармӣ дида метавонем: соли 2009 30,8 ҳаз. ҷуфт: соли 2010 – 34,8 ҳаз. ҷуфт; соли 2011 – 65,9 ҳаз. ҷуфт; соли 2012 – 61,9 ҳаз. ҷуфт; соли 2013 – 85,7 ҳаз. ҷуфт ва соли 2014 – 97,9 ҳаз. ҷуфт истеҳсол карда шудааст.[3]

Ба ғайр аз ин, новобаста аз он, ки шумораи корхонаҳои давлатӣ сол аз сол каммешуданд,ҳиссаи маҳсулоти онҳо нисбат ба корхонаҳои ғайридавлатӣ ҳанӯз хеле зиёд буд. Масалан, соли 2004 корхонаҳоибахши давлатӣ, гар-

---

[1] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – Душанбе, 2015 – С. 87-88

[2] Таджикистан: 15 лет государственной независимости. /Стат. сборник. – С. 211.

[3] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С. 82, 89.

чанде аз ҷиҳати шумора аз 1048 ҳамагӣ 289 ададро ташкил кунанд ҳам, дар ҳаҷми 2.299.223ҳаз.сомони маҳсулотистеҳсол намудаанд. Ҳол он, китамоми дигар корхонаҳои ғайридавлатӣ(759 адад) дар ҳаҷми 1.653.107 ҳаз. сомонӣ махсулот истеҳсол намудаанду халос.[1]

Чуноне дар боло ишора рафт, гарчанде корхонаҳои саноатии ватанӣ бо душвориҳои зиёд маҳсулот истеҳсолнамоянд ҳам, вале бо сабабимавҷуд будани рақобати баланд, маҳсулоти онҳо бе харидор мемонд. Масалан, 1 январи соли 2002 маҳсулоти саноатие, ки бе харидор монд ба 62,3 млн. сомонӣ расид.

Сабабҳои бехаридор монданимаҳсулотисаноатии ватанӣ инҳоанд: 1) мавҷуд набуданитехнологияи нави истеҳсолӣ; 2) мавҷуд набудани бозори фурӯш, зеро бозорҳои ҷумҳурии моромолҳои нисбатан арзони хориҷӣ забт намуданд; 3) нарасидани маблағ; 4) нарасидани қувваи барқ, газ ва ғайра. Масалан, бо сабаби нарасидани қувваи барқбисёр корхонаҳо фаслҳои тирамоҳу зимистонмаҷбур мешуданд, ки фаъолияташонро қатъ намоянд; 5) баланд будани фоизи қарзи бонкӣ, киба 30-35% – исолона мерасид.

Бисёре азкорхонаҳои асосии саноатии мо маҳсулоти нимтайёр мебароранд. Яъне, маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо то нуқтаи охир – маҳсулот барои харидор расониданамешавад. Аз ҷумла, мувофиқи маълумоти соли 2003, иқтидори саноатибофандагии ҷумҳурӣ коркарди 65 ҳаз. тонна нахи пахта мебошад. Ё худ, агар бо тарзи дигар гӯем, дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 12,4% – и пахтаи ватанӣ дар ҳудудимамлакат кор карда мешуду халос. Яъне, қисми зиёди нахи пахтаба хориҷа фурӯхта мешуд.

Илова ба мушкилиҳои мавҷуда, баъзан амалдорони ҳукуматӣ дидаю дониста ба зарарикорхонаҳои бо-

---

[1] Промышленность Республики Таджикистан. – Душанбе, 2005. – С. 112.


www.ravshanfikr.tj

фандагии ватанӣ кор мекарданд. Барои мисол, моҳи январи соли 2005 амалдоронивазоратҳоикишоварзӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ усулифурӯши нахи пахтаро кор карда, пешниҳод намуданд, ки мувофики он корхонаҳои бофандагии дохилӣ нахи пахтаронисбат ба хориҷиён, барои як тоннааш, 128 доллари амрикоӣ зиёдтар мехариданд. Бо дахолати Ҳукумат ва Президентиҷумҳуриӣин усулбекор карда шуд. Аммо 29 марти соли 2006 боз усули нави фурӯши нахи пахта, боз аз тарафи вазоратҳои номбурда – иқтисодӣ вакишоварзӣ, бо якҷоягии агентии давлатии муқобили сиёсати монополии назди Президенти ҷумҳурӣпешниҳод гардид. Акнун нархи нахи пахта барои саноатчиёни бофандагии дохилӣ, аз усули аввалакамтар, яъне 109 доллари амрикоӣ қимматар нисбат ба харидоронихориҷӣ пешниҳод гардид. Мувофиқи инусулагар хоричиён як тонна нахи пахтаи моро дардоираи 948 доллари амрикоӣ харидорӣ кунанд, пассаноатчиёни дохилӣ ҳамин миқдор нахи пахтаромаҷбур буданд, ки ба 1056 доллари амрикоӣ харидорӣ намоянд. Ҷавобан ба ин усул, ҳамчун эътироз, 17 майи соли 2006 яке аз калонтарин корхонаҳоивилояти Суғд, корхонаи муштараки Тоҷикистону Корея «Кабоол – Таджик – Тесктайлз» эълонкард, ки фаъолияти худро қатъшамуда, коргаронро ба рухсатии бе мӯҳлатмефиристад.[1]

Сиёсати пешгирифтаи сеташкилотибонуфузи ҷумҳурӣ аз тарафи бисёри олимон вамутахассисон маҳкум гардид. Ниҳоят, 19 июни соли 2006 Ҳукумати Ҷумхурӣ, усулихариду фурӯши нахи пахтаро, ки 29 марти соли2006 аз тарафи сеташкилоти бонуфузи номбурдаи ҷумхурӣ пешниҳод гардида буд, бекор кард.

Далелҳои овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки саноатчиёни ватанӣ бадастгириибевоситаи давлатӣ ниёз до-

---

[1] Ғафуров Д., Кожевникова Е. Экономика обсурда //Азия – Плюс. - 2006. 25 мая.

ранд. Боядманфиатионҳо ҳама вақт аз тарафи ташкилотҳоиҳукуматӣ дастгирӣ ёбад. Дар ҳақиқат дарин ҷода аз тарафи Ҳукумати ҷумхурӣ кӯшишҳоизиёде шуда истодааст. Корхонаҳои нави бофандагӣ, қисман бо таҷҳизотинавтарин, дар нуқтаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадаанд. Зеро, ният доштанд, кито соли 2015 тамоми пахтаи истеҳсолиҷумҳуриро дар дохили мамлакат коркард намоянд. Чунин ҳолат на танҳоиқтидорисаноатӣ ва умуман иқтисоди ҷумҳуриро баланд мебардорад, балки миқдори зиёди мардумро бо кор таъмин менамояд. Масалан, дар ҷумҳурӣ истеҳсоли нахи пахта, вобаста ба истеҳсоли пахта ба миқдори зерин тайёр карда шудааст: соли 2007 – 153 ҳазор тонна; соли 2010 – 95 ҳазор тонна; соли 2011 – 103 ҳазор тонна; соли 2012 – 135 ҳазор тонна ва соли 2013 – 112 ҳазор тонна. Аммо дар ҳамин солҳо газворҳои пахтагӣ, чуноне дар боро қайд гардид:соли 2007 – 25,2 млн $м^2$ ва соли 2013 – 18,1 млн $м^2$, ё худ дар ҳамин давр дар ҷумҳурӣ ҷӯроб ва пайпоқ истеҳсол карда шудаанд: соли 2007 – 6,2 млн ҷуфт; соли 2010 – 5,7млн ҷуфт; соли 2011 – 6,1 млн ҷуфт; соли 2012 – 1,0 млн ҷуфт ва соли 2013 – 1,0 млн ҷуфт.[1] Яъне, чуноне аз ин далелҳо ошкор мегардад, дар ҷумҳурӣ истеҳсоли ҷӯроб ва пайпоқ соли 2013 нисбат ба соли 2007 зиёда аз 6 баробар кам шудааст. Ҳал он, ки дар ин давра талабот на ба ҷӯробу пайпоқ ва ба газворҳои пахтагӣ кам нашудааст. Яке аз сабабҳои асосии чунин ҳолат ин рақобатпазир набудани маҳсулоте, ки корхонаҳои мо истеҳсол мекунанд, ба ҳисоб меравад.

Дар дигар соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ хам вазъият чандон хурсандибахш нест. Масалан корхонаҳоимуштараки «Апрелевка» ва«Зарафшон», дар байни корхонаҳоикӯҳии ҷумҳурӣ машҳур мебошанд ва ба коркардитилло машғуланд. Бо сабабидар миқёси бозориҷаҳонӣпаст шу-

---

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014. – С. 266.

дани нархитиллодар инкорхонаҳо коркарди тилло то соли 2004 зараровар буд. Аз соли 2005, бо сабаби баланд шудани нархи тилло дар бозори ҷаҳонӣ вазъи он корхонаҳо ҳам беҳтар гардид. Ба ғайраз ин дар замони истиқлолият дарҷумҳурӣ заводикоркардитилло (аффинажный завод) ба кор даромад, ки дар натиҷа, дар дохили мамлакат тилло пурра коркард шуда, пас ба фурӯш баровар да мешавад.

***Заводи арзизи тоҷик.*** Заводи арзизи тоҷик дарзамони истиқлолиятбарои ҷумҳурӣ асоситарин манбаи ба даст даровардани асъори хориҷӣ ба ҳисоб мерафт. Ба ивази инасъор ғалла ва таҷҳизоти зарурӣ харида шуд.

Заводи арзии тоҷик яке аз корхонаҳоиасосии комплекси истеҳсолӣ – ҳудудии Ҷануби Тоҷикистонба ҳисоб меравад. Барои завод нуқтаи баландтарини истеҳсолот соли 1989 буд. Вале минбаъд, махсусан дар натиҷаи муқовимати шаҳрвандӣ, завод дар ҳолати хеле ногувормонд. Махсусан соли 1996 завод дар арафаи қатъ намуданифаъолият буд.Сабаби асосии чунин ҳолат – қатъ гардидани воридоти ашёи хом – хокаи арзизаздавлатҳои ҳамсоя мебошад. Дар натиҷа моҳҳои январ – июли он сол ба хориҷа 90,2ҳазор тонна алюминий фурӯхтанду халос.

Аз соли 1997 сар карда истеҳсоли маҳсулоти заводи арзиз зиёд шуд. Масалан, агар он сол дарҳаҷми 180.050 тонна алюминий истеҳсол карда шуда бошад, пас соли 2000 – 270.226 тонна, соли 2003 – 230.870 тонна ва соли 2005 – 381.751 тонна алюминий истеҳсолкарда шуд. Дар натиҷа,соли 2005 завод ба 95,4% қобилияти истеҳсолии худ, ба дараҷаиистеҳсолии соли 1989 расид.[1]

Новобаста аз бӯҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 2008 – 2009 дар ин солҳо вазъи заводи арзизи тоҷик чандон душвор набуд. Аз ҷумла, соли 2011 дар завод 349 ҳаз.

[1] ТадАЗ: новое руководство – новые успехи //Азия-Плюс. – 2006. - 13 июл.

тонна алюминийистеҳсол карда шуд. Соли 2012 бошад истеҳсоли он то 272,5 ҳаз. тонна кам шуд. Сабаб, аз як тараф, нархи алюминий дар бозори ҷаҳонӣякбора барои як тонна аз 2688 ҳаз. доллар то 2025 ҳаз. доллари амрикоӣ, яъне 663 доллар паст фаромад; аз тарафи дигар, аз тарафи Ҷумҳурии Ӯзбекистон воридоти гази табиӣ қатъ гардид. Ҳол он, ки ҶумҳурииТоҷикистон соли 2011 аз фурӯши 349 ҳаз.тонна алюминий 629,2 млн доллар бо даст даровардa буд. Соли 2013 истеҳсоли алюминий 216,4 ҳаз. тоннаро ташкил дод, ки ин аз соли 2012 ҳам 20,6% кам аст ва экспорти он ҳамагӣ 197 ҳаз. тоннаро ташкил дод. Нархи алюминий соли 2013 то ба 1830 доллари амрикоӣ фаромад, ки ин нисбат ба охири соли 2012-186 доллар кам аст. Яъне истеҳсоли алюминий дар заводи арзизи тоҷик соли 2013 нисбат ба иқтидораш зиёда аз ду баробар кам шуд. Дар натиҷа дар ҷаҳон ҳам истеҳсоли алюминий хеле кам гардид. Баъзе заводҳои арзизи давлатҳоигуногун фаъолияти худро қатъ намуданд.[1]

Заводи арзиз ҳангоми пурра фаъолият карданаш 32% қувваи барқи ҷумҳуриростифодамебурд ва ин 70%-и даромади «Барқи тоҷик» – роташкилмедод. Барои нигоҳ доштанирақобатнокиимаҳсулоти он бисёр таҷҳизоти он, ки зиёда аз 40 сол бозфаъолият доранд, мӯҳтоҷи иваз намудан мебошанд.

***Энергетика.*** Дар шароити имрӯза энергетика асоси пешравии иқтисодиёти ҳар як давлат баҳисоб меравад. Дараҷаи инкишофи он аз мавҷудияти захираҳои энергетикӣ – нефт, газ, ангишт ванерӯгоҳи обии барқӣ сахт вобастагӣ доранд. Ҷумҳурии моаз ин захираҳо танҳо имконияти зиёдисохтани нерӯгоҳҳоиобии барқӣ ва захираҳои зиёди ангиштро дорад. Аз ҷумла имконияти захираҳои

---

[1]Эргашева З. Экспорт алюминия сократился из за спада цены на металл. //Азия-Плюс. 2012. 29 ноября. – С. А/12; Её же: Производства алюминия сократилась! //Азияи-Плюс. - 2013. -31 янв.; Её же: Таджикистан сокращает производство //Азия-Плюс. – 2014. - 13 февр.

гидроэнергетикии мамлакати мо ба 527 млрд кВт мерасад.Аз ин 220,6 млрд кВт имкониятиистифодабарӣ шуда метавонад. Аммо имрӯзҳо ҷумҳурии мо аз ин имкониятҳо ҳамагӣ 6,5% – роистифода мебараду халос. То солҳои 2005 истеҳсолинерӯи барқ дар як сол, ба ҳисоби миёна ба14 млрд кВтмерасад, ки ин талаботирӯзафзуни мамлакатро қонеъ гардонида наметавонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон то истиқлолияти давлатӣ, дар доираи Иттиҳоди Шӯравӣ, талаботи дохилии худро дар ҳаҷми то 48 – 49% бо захираҳои энергетикии худаш таъминмекарду халос. Қисми боқимонда, яъне зиёда аз 50% аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ворид мегардид. То аввали асри XXI ба ҷумҳурии мо воридшавии энергияибарқӣ – 32,5%, гази табии – 72%,маҳсулоти нафтӣ – 88,5%, ангишт – зиёда аз 95% кам шуд.[1]Ҳамаи ин ба иқтисодиёти ҷумхурӣ ва дараҷаинекуаҳволиишаҳрвандони он бе таъсир намонд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи асосии истеҳсоли қувваи барқнерӯгоҳҳои обии барқӣ баҳисоб меравганд. Аммо дараҷаи истеҳсолии онҳо азпастубаландшавии сатҳи обанборҳо сахт вобастагӣ дорад. Масалан, солҳои 1991-1994 солҳоисеробӣ буданд васатҳиоби обанборҳо хеле баланд шуданд. Аммосолҳои 1995 – 2001 солҳои камобӣбуда, сатҳи обиобанборҳо хеле паст шуданд. Бо сабаби хеле тӯлонӣомадани зимистони соли 2006-2007 сатҳи оби баҳри Норак то 60м. яъне, то ба ҳадди ақал пастфаромад. Ё худ, дар ҷумҳурӣ, агар дар соли серобии 1991 нерӯгоҳҳои обии барқӣ 16,4 млрд кВт соат барқ истеҳсолкарда бошанд, пассоли камобии 1997 ҳамагӣ 13,7 млрд. кВт соат барқ истеҳсол карданду халос. Солҳои 2006 – 2013 дар ҷумҳурӣ истеҳсоли барқ хеле беҳтар гардид. Чунончӣ, солҳои 2006 – 16. 935 млн. кВт, 2007 – 17. 494

---

[1] Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. 2003. – В. 51, 55.

млн кВт,соли 2008 – 16. 147 млн. кВт, 2009-16.117 млн. кВт, 2010 – 16. 435 кВт, соли 2011 – 16. 238 млн кВт, 2012 – 16 974 млн. кВт ва соли 2013 – 17. 115 млн кВтқувваи барқ истеҳсол карда шуд. Албатта, барои зиёд гардидани қуввaибарқ дар ин солҳо сохтмони нерӯгоҳҳои обии барқии Сангтӯда – 1 ва Сангтӯда – 2 мақоми бузурге бозидаанд. Дар байни солҳои номбурда махсусан соли 2007 ва соли 2013 бештар қувваи барқи истеҳсол гардид.

Бо сабаби он, ки истеҳсоли қувваи барқ дарнеругоҳҳи обии барқӣ азсатҳи об сахтвобастагӣ дорад, бинобар ин, дар ин нерӯгоҳҳо фаслҳои баҳор ва тобистонсатҳи об боло гардида, истеҳсоли неруи барқ низ зиёд мешавад, валетирамоҳузимистон сатҳи об паст шуда, истеҳсоли барқ низ кам мешавад. Аз ин сабаб, ҷумҳурии мо баҳору тобистон қисманқувваи барқро ба ҷумҳуиҳои ҳамсоя фурӯхта, фасли тирамоҳу зимистон қисми норасоии зарурии барқро аз ин давлатҳо, азҷумла аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон мехарид. Ҳаҷми харидинеруи барқ дар як солто 1,4 – 1,6 млрд кВт соатро ташкилменамуд.

Таъминоти ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ бо неруи барқ беҳтар буд. Зеро, аксари нерӯгоҳҳоиобии барқии ҷумҳурӣ – Норак, Бойғозӣ, Сангтӯда – 1, Сангтӯда-2, Шар-Шар, Сарбанд, Варзоб ва ғайра дар ҳамин минтақа ҷойгиранд. Дар ноҳияҳои шимоли ҷумҳурӣ ҳоло танҳо Нерӯгоҳи обии барқии Қайроқум ҷойгир аст, ки он ҳамагӣ 17-17,5% талаботи ин минтақаро бо барқ таъмин карда метавонаду халос. То ин, ки минбаъд таъминоти ин минтақа аз нерӯи барқ беҳтар гардад, дар муддати солҳои 2006-2009 хатти баландшиддати барқии «Ҷануб – Шимол», дарозиаш350 км. кашида шуд.

Вазъи ноҳияҳои вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон оиди таъминоти неруи барқ боз ҳам бадтар буд. Зеро, то истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ дар нуқтаҳои гуногуни ин вилояти мухторӣ зиёда аз 60 истгоҳҳои барқии дизелӣ кор мекарданд. Минбаъд, бо сабаби гаронии нар-

хи маҳсулоти сӯхт, қариб ҳамаи он истгоҳҳо аз кор боз монданд. Бо назардошти ҳамаи ин, на танҳо дар ин гӯшаи дурдаст, балки умуман дар ноҳияҳои кӯҳии ҷумхурӣ бештар нерӯгоҳҳои хурдиобии барқи сохтаба истифода доданд.

3 августи соли 2002 дар асоси қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ «Консепсияи инкишофи комплекси соҳаи гармию энергетикииҶумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015» қабул гардид. Мувофиқи он, барои беҳтар таъмин намудан талаботи ҷумҳурӣ бо гармӣ ва барқ, пешниҳод мегардад, ки ҳар чӣ бештар ба сохтани нерӯгоҳҳои обии хурду бузурги барқӣ диққати махсус диҳанд. Аз ин нуқтаи назар ҷумҳурӣ, сараввал баитмом расонидани нерӯгоҳҳои обии барқии нотамоми замони шӯравӣ, ба монанди Роғун ва Сангтударо ҳаётан зарур ҳисобида, ба сохтмони онҳо аз нав шурӯъ намуд.

***Нерӯгоҳи обии барқии Роғун***, ки 27 сентябри соли 1976 басохтмонаш оғоз намуда буданд, яке аз сохтмонҳои азими Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт ва мебоист пурра аз ҳисоби буҷаи иттифоқ сохта мешуд. Иқтидори солонаи ин неругоҳ аз Нерӯгоҳи обии барқии Норак ҳам зиёдтар аст. НОБ-и Роғун мувофиқи лоиҳа аз 6 агрегати иқтидори ҳар кадомаш 600 ҳаз. кВт. иборат буда, ҷамъ ба 3600 ҳазор кВт соат баробар мебошад. Дар як сол 13,1 млрд. кВт қувваи барқ истеҳсол мекунад. Баландии сарбанди он, мувофиқи нақша 335 метр муайян шуда буд. Обанбори ин нерӯгоҳ (ғунҷоишаш 10,3 – 13,3 млрд $м^3$) имконият медиҳад, ки 360 ҳазор га заминҳои нав аз худ карда шавад ва объёрии 4-5 млн. га заминҳои минтақа беҳтар гардад. Он дар муддати 16 сол, аз ҳисоби ҳиссаи (квотаи) Тоҷикистон пур карда мешавад. Мӯҳлати истифодаи НОБ-и Роғун 115 – 200 сол мебошад. Мувофиқи лоиҳа арзиши сохтмони НОБ-и Роғун соли 1980 ҳамагӣ 1 миллиарду 347 млн. сӯми ҳамонвақта муайян шуда буд.

Охирҳои солҳои 80-уми асри XX аллакай баландии

сарбанди сохташудаи ин неругоҳ ба 40 метр расид. Аммо ҳамон вақт, аз озодандешии горбачёвӣ истифода бурда, дар ҷумҳурӣ ба муқобили ин сохтмони азими давр (аниқтараш ба муқобили хеле баланд будани сарбанд, ба зери обанбор мондани деҳаҳою кабристонҳои бобоӣ) ҳаракате ба вуҷуд омад. Дар натиҷаи таъсири ин ҳаракат, бо қарори Ҳукумати Шӯравӣ сохтмони ин неругоҳ муваққатан, барои бозомӯзӣ боздошта шуд. Экспертизаи навбатӣ ҳам лоиҳаи аввaларо маъқул шуморид. Аммо, акнун барои амалии пурраи ин лоиҳа дер шуда буд.Зеро, Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафт ва бо он манбаи маблағгузории ин сохтмон ҳам намонд. Аз нуқтаи назари имрӯза, агар кӯтоҳандешии баъзе шахсони мутасаддии ҳаракати номбурда намешуд, нерӯгоҳи Роғун ақалан қисман аввали солҳои 90-уми асри XX бакор медаромад ва аҳволи ҷӯмҳуриро нисбати таъмини неруи барқ хелебеҳтар мекард. Мутаассифона, илова ба ҳамаи ин зарарҳо, шаби аз 7 ба 8 майи соли 1993 дар натиҷаиселоби зиёд сарбанди 40 метра ҳам хароб шуд.

Оиди сохтаниНерӯгоҳи обии барқии Роғун гарчанде соли 2005 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Русский алюминий» («Русал»)-и Федератсияи Русия ҳатто шартномае имзо гардид, вале он амалӣ нагардид. 4-декабри соли 2006 сарвазири Ҳукумати Федератсияи Русия Д.Медведев таъкид намуд, ки сохтмони НОБ-и Роғун аз ҳисоби буҷаи Федератсияи Русия ғайримақсаднок аст. Бинобар ин НОБ-и номбурда бо низоми тиҷоратӣ бояд сохта шавад.[1]

Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 августи соли 2007 он шартномаро бо ширкати «Русал» бекор карда, азм кард, ки ин нерӯгоҳро бо маблағи худ месозад. Бо ҳамин мақсад Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи обии барқии

---

[1] Медведев Д. Рогун должен быть коммерческим проектом //Азия-Плюс. - 2006. 7 дек.

Роғун» таъсис ва оинномааш 15 апрели соли 2008, бо сармояи 116 млн сомонӣ тасдиқ гардид. Соли 2009 ҳадди ин сармоя ба 6 млрд сомони расонида шуд. Аз ҳисоби буҷаи 2007 ба ин мақсад 50 млн. доллари амрикоӣ, соли 2008–130 млн сомонӣ, соли 2009-533 млн сомонӣ, соли 2010-650 млн. сомонӣ (148 млн доллари амрикоӣ) ҷудо гардид. 24 июни соли 2014 сармояи оиномавии НОБ Роғун дар ҳаҷми 12 млрд сомонӣ муайян гардид.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 январи соли 2010 бо фурӯши саҳмияҳои НБО Роғун шурӯъ карданд. Президенти Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи ин воқеаи муҳим, 15 январи соли 2010 ба мардуми Тоҷикистон бо чунин суханон муроҷиат намуд: «Ҳоло майдони сохтмони ин иншооти барои мамлакати мо тақдирсоз ба корзори заҳмати созанда, майдони ҳиммату ҷавонмардӣ, арсаи озмоиши нангу номус ва гузашта аз ин, ба ғояи миллии мо,табдил ёфтааст».[2]

Мардуми Тоҷикистон муроҷиати Президенти ҷумҳуриро хуш пазируфтанд. Умуман аз тарафи ташкилотҳо ва шахсони алоҳида аз ҳисоби фурӯши саҳмияҳои НБО Роғун, мувофиқи маълумоти соли 2015 қариб 860 млн сомонӣ ҷамъ карда шуд.[3]

Бо сабаби он, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сохтмони-НОБ-и Роғун сохт муқобилбаромада, аз минбарҳои баланди байналхалқӣ дар бораи хавфнокии он сухан мегуфт, аз соли 2011 то августи соли 2014, бо хоҳиши ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки умумиҷаҳонӣ тадқиқоти байналхалқии онро ташкил намуд. Дар тадқиқи он 70 нафар мутахассисониҷаҳонӣ ширкат вар-

---

[1] Эргашева З. Определен уставной капитал «Рогунской ГЭС» //Азия-плюс. - 2014. - 17 июля.

[2] Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон. - Душанбе, 2010. – С. 7, 16.

[3] Азия Плюс. - 2015. – 24 июл.

зиданд. 1 сентябри соли 2014 ҳисоботи гурӯҳҳои экспертӣ нашр гардид, ки натиҷааш мусбат мебошад.[1]

Зарурияти сохтмони НОБ-и Роғунро ба инобат гирифта, бо қарори ҳукумат аз 3 январи соли 2014 дар давраи сохтмон овардани масолеҳи заруриро аз андоз озод намуданд.[2] Феврали соли 2015 барои идома додани сохтмони НОБ-и Роғун тендер эълон карданд. 15 июли соли 2015 Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми вохӯрӣ бо фаъолони шаҳри Роғун бори дигар таъкид намуд, киояндаи мо аз НОБ-и Роғун во-бастагӣ дорад ва мо онро якҷоя месозем.[3]

Чуноне дар Паёми Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 23 январи соли 2015 таъкид гардидааст, дар даҳ соли охир, бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат, ба ин самт аз тамоми манбаъҳо 13,4 млрд сомонӣ равона карда шудааст.[4] Пӯшида нест, ки як қисми он барои сохтмони НОБ-и Роғун равона гардидааст.

Сохтмони ***Нерӯгоҳи обии барқии Сангтӯда*** ҳам ҳанӯз соли 1985, яъне дар замони Шӯравӣ ба нақша гирифта шуда буд. Соли 1987 ҳукумати Иттифоқ барои ин сохтмон 3 млн. сӯм ҷудо кардааст. То аввали асри ХХ 20% – и маблағ аз худ карда шуд. Он вақт сохтани танҳо як адад неругоҳ дар назар дошта мешуд. Минбаъд (соли 1993) он лоиҳа ба ду – Сангтуда – 1 ва Сангтӯда – 2 тақсим карда шуд.

***Нерӯгоҳи обии барқии Сангтӯда-1.*** Аз соли 1996 сар карда ҳукумати ҷумҳурӣ зарурияти неруи барқро ба инобат гирифта, барои сохтани ин нерӯгоҳ, ки иқтидораш 670 м. кВт мебошад, ҳар сол аз буҷаи давлат 1-2 млн. доллариамрикоӣ ҷудо кард. Зарур буд, ки барои сохтмо-

---

[1] Всемирный Банк: все о Рогуне //Народная газета. - 2015. - 15 февр.
[2] Азия Плюс. - 2015. – 24 июл.
[3]AvestaTj. 15.07.2915.
[4] Народная газета. - 2015. - 28 янв.

ни ин нерӯгоҳ ҳар сол ҳадди ақал 30-40 млн. доллари амрикоӣ ҷудо карда шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин имкониятро надошт. Танҳо аз соли 2005 дар қисми Сангтуда-1 корҳои сохтмонӣ ҷоннок гардид.Ҳанӯз феврали он сол барои сохтани иншоот ҷамъияти саҳомӣ бунёд шуд. Хароҷоти умумии сохтмон – 482 млн доллари амрикоӣ муайян гардид. 75% саҳмияҳоро тарафи Русия («ЕЭС Русия») соҳиб шуд, 25% – и боқимонда ҳиссаи Тоҷикистон мебошад. Минбаъд даромади ин нерӯгоҳ аз рӯи ҳамин саҳмияҳо тақсим мегардад. Моҳи апрели ҳамон сол сохтмонинеругоҳ оғоз гардид. 15 декабрисоли 2006 дар ҷои сарбанди ин неругоҳ маросими бастани дарёи Вахш бо роҳитарконидани соҳилҳо барпо гардид.20 январи соли 2008 агрегати якӯм ва 1 июли соли 2009 агрегати охирон 4-уми нерӯгоҳи обии барқии Сантӯда – 1 ба кор даромад. Иқтидори солонаи истеҳсоли барқи ин неругоҳ 2,7 млрд кВт мебошад.

Сохтмони ***Нерӯгоҳи обии барқии Сангтуда – 2***-ро Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ӯҳдадорад. 20 февралисоли 2006 маросимисохтмонинерӯгоҳи обии барқии Сангтуда–2 оғоз гардид, киқтидори ду агрегати он ҳамагӣ 220 м. квт мебошад. Хароҷоти умумии ин иншоот 220 млн доллари амрикоӣ буда, 180 млн. доллари онро Ҷумҳурии Исломиии Эрон ба ӯҳда гирифтааст, 40 млн. доллари дигар ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. НОБ-и Сангтӯда-2 мувофиқи нақша бояд соли 2010 ба истифода дода мешуд. Аммо бо сабабҳои гуногун корҳои сохтмонӣ кашол ёфт. 5 сентябри соли 2011 агрегати якум ва сентябри соли 2014 агрегати дуюми он ба кор дароварда шуд.

Баъди баистифода додани он, Ҷумҳурии Исломии Эрон нерӯгоҳро 12,5 сол бояд истифода барад, ки инро усули «Биотӣ» меноманд. Баъди он нерӯгоҳи обии барқииСангтуда – 2 пурра ба ихтиёри Ҷумҳурии Тоҷики-

стон мегузашт. Вале ҷамъияти «Барқи Тоҷик» қарзи худро ба ҷамъияти Сангтӯда-2, дар ҳаҷми 40 млн доллари амрикоӣ пӯшонида натавонист. Бинобар ин моҳи марти соли 2014, аз ҳисоби ин қарз мӯҳлати истифодабарии Эрон боз ду сол зиёд, яъне ба 14,5 сол муайян гардид.

Ба ғайр аз сохтани нерӯгоҳҳои нави обии барқӣ, инчунин таъмиру таҷҳизонидани нерӯгоҳҳои обии барқии дар замони шӯравӣ сохташуда ҳам дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ мебошад.

***Нерӯгоҳи обии барқии Норак*** иншооти бузургтарини энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо он ҳар як тоҷикистонӣ мефахрад. Ин иншоотиазим дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ сохта шуда буд. Агрегати якуми он соли 1972 ва охирин – 9-умсоли 1979 ба кор даромад. Иқтидори он 2.7 млн кВт ба ҳисоб мерафт. Зиёда аз 73% истеҳсолиқувваи барқи замони истиқлолиятро ҳамин нерӯгоҳ медод. Маҳз бо шарофати ҳамин неругоҳ заводиарзизи тоҷикмунтазам фаъолият кард. Чуноне таъкид намудем, барои аз ҳолати душвори иқтисодии солҳои 90-уми асри XX баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз нерӯгоҳи обии барқии Норак ва заводи арзизи тоҷик нақши бузург бозиданд.

Бо сабаби он ки баъзе таҷҳизоти НОБ-иНорак зиёда аз 40 сол фаъолият кард, таъмири мукаммал, ё худ иваз намудани онҳо зарур гардид. Соли 2008 оиди ин масъала байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ шартнома имзо гардида, бонк барои амалӣ намудани ин мақсад 54,7 млн. доллари амрикоӣ ҷудо кард. Ҳиссаи ҷамъияти «Барқи тоҷик» 12,2 млн доллар мебошад. Бисёре аз таҷҳизоти зарурӣ аз Франсия, Италия, Испания ва Олмон оварда шуд. То авгути соли 2015 қариб ҳамаи корҳои таъмиру ивазкунии таҷҳизоти неругоҳ асосан ба охир

расиданд.[1]

***НОБ-и Қайроқум***, иборат аз 6 агрегат дар дарёи Сир бо иқтидори умумии 126 МВТ, соли 1957 бакордаромад. Он дар як шабонарӯз қариб 3 млн. кВт соат (солона қариб 700 млн кВт соат) барқ истеҳсол мекунад. Дар натиҷаи фаъолияти зиёда аз 50 сола таҷҳизоти ин нерӯгоҳ таъмирталаб гардида буд.Бинобар ин 21 ноябр соли 2012 байни ҷамъияти «Барқи тоҷик» ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд шартномаи грантӣ дар ҳаҷми 569,3 ҳаз. евро, барои омӯхтани ин нерӯгоҳ имзо гардид. Маблағи умумии азнавбарқароркунии НОБ-и Қайроққум дар аввал дар ҳаҷми 76 млн. доллари амрикоӣ муайян гардид, ки аз он 50 млн. долларашро Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, боқимондаашро ташкилотҳои дигари молиявии ҷаҳонӣ ба ӯҳда гирифтанд. Вале баъдтар маблағи хароҷоти умумии ин нерӯгоҳ ба 158 млн. евро расид. Дар давраи аввали азнавбарқароркунӣ ният доштанд, ки иқтидори НОБ-ро аз 126 то 142 МВТ расонанд. Дар натиҷаи пурра аз нав барқарор намудан ва таҷҳизонидан иқтидори умумии нерӯгоҳ 48-50 МВТ зиёд шуда, то ба 176 МВТ расид.[2]

***НОБ-и Сарбанд,*** бо иқтидори 240 МВТ , дар муддати солҳои 1956-1962 дар дарёи Вахш сохта шуд. Дар ин нерӯгоҳ ҳам фарсудашавии таҷҳизот дар натиҷаи фаъолияти 60сола ба назар мерасид. Азнавбарқароркунии НОБ-и Сарбандро Бонки Осиёи Рушд ва Ҳукумати Тоҷикистон ба ӯҳда гирифтанд. Ҳиссаи грантии бонки набурда 136 млн. доллари амрикоиро ташкил мекунад. Ҳукумати Тоҷикистон ӯҳдадор шуд, ки овардани таҷҳизоти ин неругоҳро аз ҳама намуд андозҳо озод мекунад. Давраи азнавбарқароркунии ин нерӯгоҳ солҳои

[1]Азия -плюс. - 2015. – 13 авг.
[2]Чоршанбиев П. $ 75 млн. пойдут на Кайракумскую ГЭС // Азия – Плюс. - 2014. - 31 июл.

2014-2021-ро дар бар мегирад. Дар натиҷаи азнавбарқароркунӣ иқтидори умумии он 15 МВТ зиёд шуда ба 252 МВТ мерасад.[1]

***Нерӯгоҳҳои хурди обии барқӣ***ҳам барои ҷумҳурии кӯҳсори мо заруранд. Зеро, дарёҳои нисбатан хурде, ки аз ноҳияҳои гуногуни кӯҳӣ мегузаранд, имконияти сохтани чунин нерӯгоҳро доранд ва онҳо барои бо барқ таъмин намудани маҳаллаҳои дурдасти аҳолинишин хеле муҳим мебошанд. Дар ҷумҳурии мо то соли 2003 ҳамагӣ 21 адад НОБ-и хурд фаъолият ва 30 млн. кВт соат қувваи барқ истеҳсол мекард. Аз он 17 ададаш дар замони соҳибистиқлоли бунёд гардида буданд.

29 сентябри соли 2006 нақшаи дарозмуддати ҳукуматӣ барои то соли 2020 тасдиқ гардида буд, ки мувофиқи он дар дарёҳои кӯҳииТоҷикистон сохтани боз 71 адад нерӯгоҳи хурду миёнаи обии барқӣ, бо иқтидори умумии 480 млн 571 ҳаз. кВт соат дар назар дошта шудааст.[2] Чуноне аз баромади Президенти мкамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи васеи Ҳукумати ҷумҳурӣ, аз 16 январи соли 2013 маълум мешавад, то 1 январи ҳамон сол шумораи умумии НОБ-ҳоихурд ба 282 расиданд. Вале аз онҳо 62 ададашон дар ҳолати корношоям буданд.[3] Соли 2012 НОБ-и хурди ҷумҳурӣ ҳамагӣ 44 млн.986 ҳаз. кВт соат барқ истеҳсол карданд, ки аз нақшаи тасдиқгардидаи соли 2006 хеле кам мебошад.

***Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2»*** низ дар самти энергетика яке аз иншооти муҳиммебошад, ки он низ аз тарафи мутахассисони Хитойӣ, бо маблағгузории давлати Хитой сохта мешавад. Ба сохтмони он ширкати Хитойии ТВЕА охири соли 2009 вааввали соли 2010 оғоз намуд.

---

[1]Азия-плюс. Азия Плюс. - 2015. – 19 март.
[2] Манонов Б. Правительство постановило… // Азия-Плюс. - 2006. - 5 окт.
[3]Народная газета. - 2013. - 23 янв.

10 январи соли 2014 агрегати якум ва 13 сентябри ҳамон сол агрегати дуюм, яъне ҷамъ навбати аввали маркази барқу гармидиҳӣ, ки иқтидораш 100 МВТ мебошад, ба фаъолият шурӯъ кард. Бояд то моҳи декабри соли 2016 сохтмони навбати дуюми марказ ба итмом расад. Он гоҳ иқтидори умумии маркази барқу гармидиҳӣ ба 400 МВТ мерасад. Инчунинмарказ 270 г . кал. гармӣ ҳам медиҳад. Ҳоло дар марказ 1600 нафар коргарону мутахассисон фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 300 нафарашон шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд.[1]

***CASA-1000***– лоиҳаи хатти баландшиддати барқиест, ки ба воситаи он қувваи барқро аз Тоҷикистону Қирғизистон ба давлатҳои Афғонистон ва Покистон мекашанд. Хатти барқии ин лоиҳа дар аввал 750 км буда, арзишаш тахминан 970 млн. доллари амрикоиро ташкил менамуд. Мибаъд, ин рақамҳо тағйир ёфтанд.

Ҳанӯз соли 2007 роҳбарони чор давлат: Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон ҳуҷҷатеро имзо намуданд, ки мувофиқи он дар амалӣ намудани ин лоиҳа ҳамкорӣ мекунанд. Лоиҳаи иқтисодию техникии онро ширкати канадагии «CNC Lavalin»соли 2011 ба анҷом расонид. Мақсади лоиҳа: дар давраи ҳозира, ки ҳам Тоҷикистон ва ҳам Қирғизистон дар фаслҳои тирамоҳу зимистон аз нарасидани барқ душворӣ мекашанду, вале дар фасли тобистон бошад барқ хеле зиёдатӣ мебошад, барқи зиёдатиро ба давлатҳои Афғонистону Покистон гузаронанд ирсол намоянд. Умуман ин хатти баландшиддати барқӣ имконият медиҳад, ки дар як сол то 5 млрд. кВт соат қувваи барқ ба фурӯш бароварда шавад.[2]

Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи Casa-1000-ро дастгирӣ намуд ва розӣ аст, ки сохтмони онро маблағгузорӣ кунад. Моҳи

---

[1] Чоршанбиев П. Под покровительством Поднебесной //Азия-Плюс. - 2014. - 18 сент.

[2]Сирожев Б. Рогун и CASA – ключи от таджикской энергонезависимости? //Азия-Плюс. - 2014. - 30 янв.

марти соли 2014 бонк ба ин мақсад 526,5 млн. доллари амрикоӣ ҷудо кард. Аз ин миқдор барои Тоҷикистон 45 млн. доллар ҳамчун грант муайян карда шудааст. Ин дафъа муайян гардид, ки дарозии хатти барқ 1,2 ҳаз. км-ро ташкил хоҳад кард. Арзиши лоиҳа бошад ба 1,17 млрд. доллари амрикоӣ расид. Бинобар ин, ба ғайр аз Бонки Ҷаҳонӣ боз Бонки Исломии Рушд ва Агентии ИМА доир ба Рушди Байналхалқӣ низ омодаанд, ки дар маблағгузорӣ ин лоиҳа иштирок намоянд.[1]

Аввали соли 2014 намояндагони Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон дар шаҳри Стамбули Туркия ҷамъ омада, ба қароре омаданд, ки барои амалӣ шудани лоиҳаи Casa-1000 шурӯъ намоянд ва то охири соли 2018 онро ба итмом расонанд. 24 апрели соли 2015 аъзоёни Шӯрои байниҳукуматии Casa-1000 шартномаи генералиро имзо карданд, ки ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб меравад.[2]

Умуман, ба истифода додани хатти баландшиддати Casa-1000 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад. Зеро, оби зиёдатии баҳри Норак, ки бефоида ҷорӣ мешуд, минбаъд дар фасли тобистон низ барои ҷумҳурӣ фоидаи зиёд меорад.

***Нафту газ*** дар соҳаи энергетика мақоми асосиро ишғол мекунанд. Аммо ҷумҳурии момахсусан дар замони истиқлолият бо сабаби дар дохилиҷумҳурӣ кам будани ин ду навъи сӯзишворӣ душворӣ мекашад. Газу нефти дохилӣ тақрибан 2-5% талаботро қонеъ мегардонаду халос. Моҳи марти соли 2001 гази Хоҷа Сартез баистифода дода шуд, киин ҳолати таъминишаҳрҳоиКӯлоб, Қӯрғонтеппа, Сарбанд ва ноҳияи Колхозободро беҳтар намуд. Соли2002 дар ҷумҳурӣ 16 ҳаз. тонна нафт ва 33 млн. $м^3$

---

[1]Азия Плюс. - 2015. – 28март.

[2]Раҷабзода С. CASA-1000. Созишномаҳои асосӣ ба имзо расиданд //Ҷумҳурият. - 2015. 29 апр.

газ истеҳсол карда шуд. Дар шаҳри Конибодом ва Балҷувон заводҳои хурди коркардинафт бакор даромаданд, ки иқтидори ҳар кадоми онҳо даряк сол 10ҳаз. тонна нафт мебошад.

Истеҳсоли нафт, якҷоя бо конденсати газ дар ҷумҳурӣ дар солҳои минбаъда чандон наафзуд. Аз ҷумла, агар соли 2007 истеҳсоли онҳо ҳамагӣ 25,9 ҳазор тоннаро ташкил дода бошанд, пас соли 2009 – 26,2 ҳазор тонна; соли 2011-28,3ҳазор тонна; соли 2012-29,8ҳазор тонна ва соли 2013 ҳамагӣ 27,3 ҳазор тоннаро ташкил додааст. Истеҳсоли газ бошад, дар солҳои охир хеле кам шудааст, ки ин гуна ҳолатро рақамҳои зерин нишон медиҳанд: соли 2007 – 17,4 млн $м^3$;соли 2009 – 19,9 млн $м^3$; соли 2011-18,5 млн $м^3$; соли 2012-11,1 млн $м^3$ ва соли 2013 ҳамагӣ 3,8 млн $м^3$-ро ташкил додаанд.[1]

***Ангишт***. Захираи ангишти ҷумҳурӣ хеле бузург аст. То ба имрӯз 17 кони бузурги онро муайян кардаанд. Аммо шароити кӯҳӣ, набудани роҳҳо, нарасидани маблағ, техника ва ғайра истифодаи ангишти ватаниро хеле душвор гардонид. Ҳанӯз моҳи октябри соли 1997 Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ «Дар бораи чораҳои инкишоф додани саноати ангишти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1998-2010» қабул гардида буд. Дар асоси ин қарор ҳанӯз соли 2001 дар ҷумҳурӣ бояд 1.140 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда мешуд. Вале, бо сабабҳои ишорагардида ин нақша ҳамагӣ 2,5% иҷро гардиду халос.

Истеҳсоли ангишт дар ҷумҳурӣ то соли 2011 чандон назаррас набуд. Масалан, соли 2007-181,4 ҳазор тонна; 2009 – 178,3 ҳазор тонна ва соли 2011-236,4ҳазор тонна истеҳсол кардаанду халос. Минбаъд бошад, истеҳсоли ангишт нисбатан афзуд. Чунончӣ: соли 2012 – 412,0 ҳазор тонна ва соли 2013-515,6 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шуд. Яъне, соли2013 ҳам ба 50%-и нақшаи ҳукума-

---

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. С. 2014. – С. 264.

www.ravshanfikr.tj

тии соли 2001 нарасидааст.[1]

## Вазъи комплекси агросаноатӣ

**Ислоҳоти соҳаи аграрӣ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати кӯҳистонӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, 93%-и ҳудуди онро кӯҳҳо ва ноҳияҳои кӯҳӣ ташкил намуда, ҳамагӣ 7% – и заминҳояш ҳамвору корам мебошанд. Соли 1990 ҳаҷми умумии заминҳои корами ҷумҳурӣ 914 ҳаз. гаро ташкил мекарданд. Зиёда аз 70% қувваи фаъоли меҳнатии ҷумҳурӣ бо кишоварзӣ машғул буд.

Аммо дар солҳои 70-80-уми асри ХХ, ки давраи болоравии иқитисодиёти давлати Шӯравӣ ба ҳисоб меравад, вазъияти ноҳияҳои ҷӯмҳурӣ мавҷудияти баъзе нишонаҳои манфиро низ нишон медод, ки сол аз сол ҳаллаш мураккабтар мегардид. Ин ҳам бошад афзудани шумораи аҳолии деҳот ва бар хилофи он маҳдуд будани ҷойи корӣ буд. Масалан, дар водии Вахш, аввали солҳои 50-ӯми асри ХХ яке аз хоҷагиҳо 100 га замини корам ва 30-35 нафар аъзо-колхозчӣ дошт. Он вақт техника ҳам хеле кам буд. Аксари корҳои саҳроро бо ҷуфти гов ва меҳнати дастӣ иҷро мекарданд. Охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта миқдори аҳолии он хоҷагӣ, нисбат ба солҳои 50-ум 4 баробар зиёд гардид. Акнун ҳамчун аъзои колхоз 120 нафар номнавис шуда буданд. Ҳаҷми замини корам бошад аз пештара камтар, техникаи кишоварзӣ зиёдтар шуд. Яъне, ба ғайр аз фасли ҷамъоварии пахта, аксари мардуми ноҳияҳои пахтакор бекор буданд. Чунин аҳвол барои ноҳияҳои ғайрипахтакор ҳам хос буд. Маҳз ҳамин аҳвол яке аз сабабҳои норозигии мардум ва ниҳоят, яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ гардид.

Зарари ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) барои соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ хеле зиёд буд. Мувофиқи маълумотҳо то 1 январи соли 1995 дар мамлакати мо дар

[1] Ҳамон ҷо.

баробари талафотизиёди ҷонӣ, қисми зиёди намудҳои техника, чорвои ҷамъиятӣ ғорат карда шуда, 1393 деҳа хароб гардиданд, 21.483 га замини корам аз кор баромад.[1] Баъди ҷанги шаҳрвандӣ зарур буд, ки ҳамаи зарарҳоро бартараф намуда, харобиҳоро аз нав барқарор карда, махсусан заминҳои аз кор баромадаро аз сари нав ҳосилхез намуда, ҳосилнокии онҳоро зиёд менамуданд. Вале пеш аз ҳама зарур буд, ки дар ҷумҳурӣ ислоҳоти замин гузаронида шавад.

***Қонун «Дар бораи ислоҳоти замин»*** Зарурияти Қонун «Дар бораи ислоҳоти замин»-ро гузариш ба иқтисодиёти танзими бозорӣ ва дасткашидан аз иқтисодиёти нақшавии давлатӣ ба миён гузошт. Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ талаб мекард, ки ҳамон Қонуни 21феврали соли 1991 «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» дар соҳаи кишоварзӣ ҳам амалӣ гардад, то ин, ки дар соҳаи кишоварзӣ ҳам барои ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият шароит ба вуҷуд овардашавад.

5 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» қабул гардид. Ба он 21 июли соли 1994 ва 4 ноябри соли 1995 баъзе иловаҳо ва тағйиротҳо даровардa шуд. Чуноне, дар ин қонун таъкид мешуд, вазифаҳо ва мақсади асосии ислоҳоти замин дар ҷумҳурӣ «аз муҳайё намудани шароит бароитараққиёти баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар замин, ташаккули иқтисодиёти бисёрсоҳа,истифодаисарфакорона ва ҳифзи замин иборат буда,мақсадаш зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ мебошад».[1]

Дар ҳамин қонун самтҳои асосии ислоҳоти заминро муайян намуда, таъкид мегардид, ки яке аз чунин самтҳо

---

[1]Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. - 1996. – В. 39.

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин. – Душанбе, 2004. – С. 127.

ин «додани замин ба соҳибии якумрии меросии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва ёрирасони шахсӣ, боғдорӣ, обчакорӣ, сохтмон ва истифодаи манзил ба ҳисоб меравад. Инчунин «...азнавтақсимкунии замин дар ҳолатҳои такмилдиҳии колхозҳо, ғайридавлатӣ ва хусусигардонии савхозҳо ва дигар корхонаҳои давлатӣ» гузаронида мешавад.[2]

Мувофиқи тағйироту иловаҳое, ки ба ин қонун 4 ноябри соли 1995 дароварда шуд, ба масъалаи азнавтақсимкунии замин дахл намуда, таъкид мегардад, ки аз ҳисоби заминҳои «истифодашаванда ва ғайриоқилона истифодашаванда» фонди махсуси замини мақоми ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ (ҳукумати ноҳия) – ро ташкил намоянд. Ин фонд, минбаъд «ба манфиати самаранок истифода бурдани замин» аз нав тақсим карда шавад.[3]

Қонуни номбурда зарурияти Кодекси нави заминро ба миён овард, ки мувофиқи он шаклҳои нави заминдории ба замони иқтисодиёти бозорӣ ҷавобгӯй қонунӣ гардонида шаванд.

***Шаклҳои замин.*** Муносибати заминдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) ҷумҳурӣ, кодекси замин ва дигар қонунҳои расмии мамлакат ба танзим дароварда мешавад. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 13-и Конститутсияи ҷумҳурӣ дар мамлакат «замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад».[4]

Албатта шаклу хусусиятҳои хоси заминдорӣ дар кодекси замин васеътар шарҳ дода мешавад. Дар мамлакати мо то 14 марти соли 1992 Кодекси замини замони

---

[2] Ҳамон ҷо. – С. 128
[3] Ҳамон ҷо. – С. 127.
[4] Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 10.


www.ravshanfikr.tj

шӯравӣ амал мекард. Минбаъд, дар замони истиқлолият, мувофиқи шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисмҳои дар ҷумҳурии мо амалкунандаи он, баъзе тағйироту иловаҳо дохил карда шуд ва он то 13 марти соли 1996 фаъолият кард.

13 марти соли 1996 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Мувофиқи он тамоми заминҳои ҷумҳурӣ бо ба назар гирифтани таъиноти мақсаднокашон ба 7 шакл, ё худ гурӯҳи зерин тақсим шуданд:

1) заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

2) заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот);

3) заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар;

4) заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ;

5) заминҳои фонди давлатии ҷангал;

6) заминҳои фонди давлатии об;

7) заминҳои захираи давлатӣ.[1]

Аз як шакл ба шакли дигар гузаронидани замин дар асоси тартиботи муқаррар намудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ амалӣ мегардад. Мувофиқи Кодекси номбурда истифодабарандагони замин дар шароити ҷумҳурӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шуда метавонанд.

Дар моддаи 10-и Кодекс чунин таъкид гардидааст: «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд заминистифодабарандагони якумдараҷа ва дуюмдараҷа бошанд. Заминистифодабарандагони якумдараҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳуқуқи истифодаи бемӯҳлат, мӯҳлатнок ва ё меросии якумраи заминро доранд. Заминистифодабарандагони дуюмдараҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки қитъаҳои заминро дар асоси шарт-

---

[1]Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 7.

www.ravshanfikr.tj

номаи иҷора истифода мебаранд».[1]

Дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси замин истифодаи бемӯҳлат, меросии якумра, мӯҳлатнок ва иҷораи замин дар алоҳидагӣ шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла, фарқияти онҳо чунин таъкид гардидааст: замине, ки пешакӣ мӯҳлати истифодааш муқаррар карда нашудааст «истифодаи бемӯҳлат эътироф карда мешавад». Ё худ замине, ки ба истифодаи меросии якумра «ба шахсони воқеӣ ва коллективҳои шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ дода мешавад». Қитъаи замине, ки ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба истифодаи мӯҳлати муайян дода мешавад, истифодаи мӯҳлатноки замин ҳисоб мешавад. Мӯҳлатнокии чунин заминҳо метавонад «кӯтоҳмуддат – то се сол ва дарозмуддат – аз се то даҳ сол бошад». Қитъае, ки заминистифодабарандагони якумдараҷа ба мӯҳлати муайян ба иҷора медиҳанд «иҷораи замин» ном дорад. Чунин шартнома ба мӯҳлати то 20сол баста мешавад ва таъиноти мақсадноки замин тағйир намеёбад.[2]

Дар моддаи 64 Кодекси замин мафҳум ва таркиби заминҳои таъиноти кишоварзӣ чунин шарҳ дода шудааст: «заминҳои таъиноти кишоварзӣ тамоми заминҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ истифода мешаванд». Чунин заминҳо аз заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, заминҳои партов, заминҳои алафдарав ва чарогоҳҳо, инчунин заминҳое, ки дар онҳо роҳҳои дохилихоҷагӣ, коммуникатсияҳо, обанборҳо, иншооти гидротехникӣ ва биною иморатҳо воқеъ буда, барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди аввали маҳсулоти кишоварзӣ истифо-

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 13 – 14.

[2] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оиди ба замин. – С. 14 – 15.


www.ravshanfikr.tj

да мешаванд, иборат мебошанд.[1]

***«Заминҳои президентӣ».*** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳое, ки мувофиқи фармонҳои Президенти ҷумҳурӣ Э. Раҳмон барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон тақсим карда доданд, дар байни мардум номи «заминҳои Президентӣ» ном гирифт. Албатта, ба ҳама маълум буд, ки мақсади ин фармонҳо тақсим карда додани замин ба хоҷагиҳои алоҳидаи хусусӣ, зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Фармонҳои аввали Президенти мамлакатЭ. Раҳмон «Дар бораи ҷудо кардани 50 ҳазор га замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон» 9 октябри соли 1995 имзо гардид. Фармони дуюм 1 декабри соли 1997 бо мақсади ҷудо гардидани боз 25 ҳазор га замин имзо шуд. Яъне, дар асоси ин фармонҳои Президенти ҷумҳурӣ барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон ҳамагӣ 75 ҳазор га замин ҷудо гардид. Дар асоси ин фармонҳо ташкилотҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ вазифадор карда мешуданд, ки то оғози мавсими корҳои баҳории соли оянда (яъне, то 1 феврал) миқдори муайяншударо аз заминҳои обӣ ва лалмии корам ҷудо намоянд. Ҳаҷми заминҳое, ки ҷудо мешуд, ба тарзи зайл муайян гардида буданд: аз заминҳои обӣ – то 0,15 га; аз заминҳои лалмӣ – то 0,50 га.[2]

Шахсоне, ки «заминҳои Президентӣ» гирифтаанд ҳақ надоштанд, ки дар чунин заминҳо, аз ҷумла барои истиқомат ё худ иншооти хоҷагию фарҳангӣ сохтмон кунанд, дарахтҳои мавҷударо бурранд ва ғайраҳо. Дар ҳар ду фармон таъкид мегардид, ки ҳангоми дар муддати як сол аз рӯи мақсаднок истифода нагардидани замин, чунин заминҳо аз соҳибонашон гардонида, яъне мусодира

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 42.

[2] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оиди ба замин. – С. 146 – 147, 157 – 158.

карда мешаванд.[1]

Ба вуҷуд омадани «заминҳои Президентӣ» дар ҷумҳурӣ аз як тараф ислоҳоти аграриро боз ҳам васеътар намуд, аз тарафи дигар ташаккулёбии моликияти хусусиро ҷонноктар кард ва ниҳоят, барои беҳтар гардидани вазъи орзуқаворӣ кӯмак расонид.

**Барҳам додани ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ.** Муассисаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ, ки дар замони Шӯравӣ, вобаста ба хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ (яъне колхозу савхозҳо) ташаккул ёфтанд, ба иқтисодиёти бозорӣ ҷавобгӯ набуданд.Бинобар ин, бо оғози гузариш зарурияти ислоҳоти муассисаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ ба миён омад. Вале бо сабабҳои ноустувории вазъи дохилӣ, яъне ҷанги шаҳрвандӣ, то миёнаи соли 1996 оиди ин масъала ҳуҷҷатҳои зарурӣ қабул нагардиданд.

25 июни соли 1996 фармони Президенти ҷумҳурӣ Э. Раҳмон «Дар бораи ислоҳоти ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ» ба имзо расид.

Мақсади асосии ин ҳуҷҷат самаранок истифода намудани захираҳои заминиву обии ҷумҳурӣ ва зиёд кардани маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Барои амалӣ намудани ин мақсад дар асоси ҳамон фармон дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумитаи захираҳои замин ва заминсозӣ ташкил карда шуд, ки он минбаъд 14 марти соли 2001 ба Кумиати давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.

Мувофиқи фармони номбурда супориш дода мешуд, ки «ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар шаклҳои ташкилие, ки ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ мувофиқ мебошанд, табдил

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 146-157.

дода шаванд».[1] Барои амалӣ намудани талаботи ин фармон Комиссияи давлатӣ оид ба ислоҳоти ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ таъсис ёфта, низомномаи ислоҳот қабул карда шуд.

Дар Низомномаи ислоҳоти ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ, ки 25 июни соли 1996 қабул гардид, ба он 15 апрели соли 2003 ва 15 апрели соли 2004 тағйирот ворид карда шуда, роҳҳои ислоҳот таъкид гардид.Аз ҷумла, дар боби 3-юми Низомнома таъкид карда шудааст, ки «корхонаҳо бо хоҳиши аъзои коллективи меҳнатӣ метавонанд ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), коллективӣ ё корхонаҳои муштарак, кооперативҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, рафоқату ассотсиатсияҳо, ки ба истеҳсоли кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин хизматрасонии агросервисӣ, таъминот, фурӯш ва ғайраҳо таъмин мекунанд, табдил дода шаванд».

Инчунин дар Низомнома таъкид гардидааст, ки «агар маҷлисҳои коллективҳои меҳнатии корхонаҳо дар хусуси нигоҳ доштани шакли пештараи хоҷагидориашон қарор қабул намояд, онҳо аз нав ба қайд гирифта шуда, мутобиқи қонунгузории ҷорӣ ба онҳо замин вобаста карда мешавад. Дар айни замон бояд ҳуқуқи корманд барои бе розигии коллективи меҳнатӣ ё маъмурият хориҷ шуданаш бо ҷудо кардани қитъаи замин ва ҳиссаи амвол бечуну чаро таъмин карда шавад».[2]

Фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 25 июни соли 1996 ва Низомномаи ба он дахлдор, минбаъд барои васеъ гардидани ислоҳоти замин як таккони ҷиддие гардид. Баҳри амалӣ намудани ин ислоҳот фармонҳои дигар ҳам бароварда шуданд.Аз ҷумла, мувофиқи фармони 27 июли соли 1998 барои соҳибони замин ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ

---

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оиди ба замин. . – С. 148.

[2] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 151 – 152.

www.ravshanfikr.tj

«Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин» ва «Шаҳодатнома ба саҳми замин» пешниҳод гардид.[1]

Бо мақсади васеъ намудани ислоҳот дар соҳаи аграрӣ 9 июни соли 1999 фармони дигари Президент баромада буд, ки дар асоси он то 30 марти соли 2000-умислоҳоти 160 ташкилоту корхонаи кишоварзӣ дар назар дошта мешуд. Фармони дигар, аз 2 феврали соли 2001 талаб мекард, ки то 31 декабри ҳамон сол боз ислоҳоти 120 ташкилоту корхонаҳои кишоварзиро гузаронанд. Дар асоси Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 1 октябри соли 2002 талаб карда мешуд, ки то 31 декабри соли 2005, давра ба давра,таҷдиди сохтори 225 ташкилоту корхонаи кишоварзиро таъмин карда, мувофиқи тартиботи муқарраршуда ба ҷои онҳо хоҷагиҳои ғайридавлатӣ, аз он ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ё худ дигар шаклҳои хоҷагидориро, мувофиқи нақшаи пешниҳодгардида ташкил намоянд.[2]

Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ баъди фармони 25 июни соли 1996 колхозу савхозҳо, ки хоси ҷамъияти сотсиалистӣ буданд, дар ҳолати ногувор монданд. Онҳо дигар ба кӯмаки давлатӣ на танҳо умед намебастанд, балки ислоҳот, аниқтараш барҳамхӯрии худро интизор буданд.Масалан, агар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 206 колхоз, 362 савхоз ва 19 межхоз мавҷуд бошанд, дар солҳои душвори 1991 – 1996, ба ҷои онҳо хоҷагиҳои нисбатан хурд бунёд гардиданд. Суръати камшавии колхозҳо, махсусан солҳои 2002 ва 2004, савхозҳо бошад, соли 2001 хеле зиёд буд. Ниҳоят охири соли 2005 ҳамагӣ миқдори колхозҳо – 12 адад, савхозҳо – 46 ва межхозҳо – 3 ададро ташкил медоданду халос.[3]Соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон охирон 6 адад колхозу совхозҳо барҳам дода шуданд.

---

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 192.

[2] Таджикистан: 15 лет государственной независимости. Стат. сб. – Душанбе, 2006. – С. 225. 281.

[3] Ҳотамов Н.Б. Асари номбаршуда. – С. 85-86.


www.ravshanfikr.tj

Аммо ҳангоми реструктуризатсия ва хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ ба камбудиҳои зиёд роҳ дода шуд. Пеш аз ҳама, то расидани маъракаи ислоҳот, аниқтараш то барҳам додани колхозу савхозҳо, молу мулки онҳо, махсусан техника, чорво ва ғайра ғорат карда шуданд. Ҳангоми тақсими замин қитъаҳои ҳосилхез бештар насиби онҳое гардид, ки бо кишоварзӣ ҳеҷ муносибате надоштанд.

***Натиҷаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ.*** Дигаргуниҳое, ки дар соҳаи аграрии ҷумҳурӣ гузаронида шуданд, тамоми ҷабҳаҳои ин соҳаро дар бар гирифтанд. Дар натиҷаи ислоҳоти пай дар пай колхозҳо, савхозҳо ва межхозҳо оҳиста – оҳиста мақоми худро аз даст доданд ва дар шароити мамлакат шакли нави хоҷагидорӣ – хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба вуҷуд омада, инкишоф ёфт. Хоҷагиҳои аҳолӣ, кихоҷагиҳои шахсии ёрирасони наздиҳавлигиро дар бар мегирифт, низ тараққӣ карда, онҳо рақобати боғдорию обчакориро ба вуҷуд оварданд.

Дар соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2000-ӯм давраи аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра дар натиҷаи ислоҳоти махсус оид ба замин гузаронидашуда, шакли истифодаи замин ба куллӣ тағйир ёфт. Масалан, соли 1991 ҳиссаи замини ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ 95,3% ва хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ бошад 4,7% – ро ташкил медоданд. Соли 2000-ӯмхоҷагиҳои шахсии аҳолӣ то 24,2% зиёд гардид. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки соли 1991 ҳануз вуҷуд надошт ва соли 1992 ҳамагӣ 0,1% – ро ташкил медод, соли 2000 – ум ҳиссаи заминаш то 15% расид. Хоҷагиҳои шахсии ёрирасони аҳолӣ бештар дар хоҷагиҳои наздишаҳрӣ инкишоф ёфтанд.

Соли 1996 дар соҳаи аграрии ҷумҳурӣ соли пастравӣ ба ҳисоб меравад. Аз соли 1997 дар ин соҳа нисбат ба соли пешина, пай дар пай пешравӣ эҳсос мегардад. Аммо дар соҳаи пахтакорӣ, ки ҳанӯз ҳам яке аз соҳаҳои асоси-

тарини ин соҳа ба ҳисоб меравад, пастравӣ то соли 1999 хос буд. Аз соли 2000 – ум сар карда дар соҳаи пахтакорӣ, нисбат ба соли пешина, истеҳсол зиёд шуд. Вале то соли 2015 истеҳсоли пахта ба дараҷаи соли 1991 нарасид.

Ислоҳотҳои соҳаи аграрӣ дар ҷумҳурӣ масъалаҳои зиёдро ба миён овард.Зеро, дар замони шӯравӣ колхозу савхозҳо ва межхозҳо сари вақт аз тарафи давлат бо маблағ, техника, нуриҳои минералӣ, кадрҳои зарурӣ ва ғайра таъмин карда мешуд. Акнун чунин хоҷагиҳоро барҳам дода, ба ҷои онҳо ҳазорҳо хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ба вуҷуд оварданд. Як қисми хоҷагиҳои деҳқонӣ тавонистанд дар шароити нав ҳам ба муваффақият ноил гарданд. Вале аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ ба мушкилоти зиёде гирифтор шуданд.

Албатта, пӯшида нест, ки мақсади ислоҳоти соҳаи аграрӣ, чуноне аллакай таъкид намудем, ин халос шудан аз хоҷагиҳои зароровар, бо роҳи тақсим намудани замини ин хоҷагиҳо, ноил гардидан ба ҳосили баланди кишоварзӣ ва ғайра буд. Аммо ин ислоҳот ҳанӯз ҳам соҳаи аграриро аз бӯҳрон набаровардааст. Бо андешаи академик Н.Қ. Қаюмов вазъи носолими иқтисодии ҷумҳурӣ, аз як тараф, таъсири бӯҳрон бошад, аз тарафи дигар, натиҷаи «бе асос ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим намудани хоҷагиҳои калоне, ки ҳанӯз фоиданок буданд», ба ҳисоб меравад.[1]

20 – 21 феврали соли 2007 дар шаҳри Хуҷанд конференсияи марказҳои ҳимояи ҳуқуқ барпо гардид, ки дар он натиҷаи ислоҳоти заминро дар ҷумҳурӣ муҳокима намуданд. Бо андешаи иштирокчиёни он конференсия, ислоҳоти замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон охири соли 2006 ба итмом расидааст. Аммо натиҷаи нодурусти ҳалли замин боиси норозигии қисми зиёди деҳқонон гардидааст.

---

[1] Қаюмов Н.К. Таджикистан в ВТО: раелии и перспективы // Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт. - 2004. - № 4. – С.32.

Зеро, дар натиҷаи чунин ҳал намудани замин аксари деҳқонон безамин монданд. Бинобар ин конференсия ба хулосае омад, ки «ҷамъбасти аввалаи ислоҳоти замин дар Тоҷикистон нигоҳи ҷиддиро талаб мекунад». Зеро, чунин холат ба нохушиҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад.[1]

Дар натиҷаи «ислоҳот колхозу савхозҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нодуруст гузаронида шудаанд. Ба бисёр хоҷагиҳо аз савхоз ва колхозҳо танҳо замин ва қарз монд.[2]

***Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).*** Оғози ташкилшавии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соли 1990 хос бошад ҳам, вале то соли 1992 онҳо ба расмият даровварда нашуданд. Ба расмият даровардани онҳо соли 1992 оғоз гардид, аммо то соли 1996 суръати ташкилшавии чунин хоҷагиҳо хеле суст буд. Аз ҷумла, дар ҳамин давра дар ҳудуди ноҳияҳои вилоятиҚӯрғонтеппа ҳамагӣ 68 хоҷагии деҳқонӣ ташкил шуду халос. Ҳамон вақт замини дар ихтиёри онҳо гузоштташуда 2,123 га ё худ 0,7% заминҳои корамро ташкил медод. Вале дар ҳамон давра суръати ташкилёбии чунин хоҷагиҳо дар Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон зиёдтар буд. 1 июни соли 1995 дар ин мулкҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 947 адад расид. Замини дар ихтиёри онҳо гузошта 2253 га, ё худ 14% заминҳои корами вилояти мухторро ташкил медод. Сабаби маҳз дар ин давра, дар ВМКБ зиёд ташкил ёфтани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар он аст, ки чунин хоҷагиҳои хусусӣ аз тарафи фонди Оғохони IV аз ҳар ҷиҳат кӯмаку дастгирӣ медиданд. Аз ҷумла, ин фонд деҳқононро бо тухмӣ, маводи сӯхт, нуриҳои минералӣ таъмин менамуд. Фонд инчунин совхозҳоро ҳавасманд менамуд, ки заминҳои бекорхобида-

[1] Земельная реформа оставила в проигрыше многих дехкан //Азия – Плюс. – 2007. – 7 марта.
[2] Кадиров А. Реформа прошла с ошибками //Азия – Плюс. – 2007. - 25 янв.

ро ба деҳқонон, ба мӯҳлати дароз иҷора диҳанд.[1]

Агар суръати ба вуҷуд омадан ва афзудани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) – ро дар ҳудуди ҷумҳурӣ таҳлил намоем, дар ҳақиқат, дараввал, бунёди онҳо хеле суст буд. Масалан, соли 1992 адади умумии онҳо дар ҷумҳурӣ 31 хоҷагӣ бошад, пас соли 1993 ҳамагӣ ба 35 хоҷагӣрасид. Яъне, дар муддати як сол ҳамагӣ 4 адад хоҷагии деҳқонӣ зиёд шуду халос. Вале, суръати афзоиши онҳо солҳои 1995, 1997, 1998, 2000, 2002, 2005, 2008, 2010, 2012 хеле зиёд буд. Аз ҷумла, адади умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) соли 2005 ба 23101 хоҷагӣ расид, замини ба ихтиёрашон гузашта 2,380,6 хазорга буда, ба ҳисобимиёна 103,1 га-ро ташкил менамуд. Соли 2010 бошад шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба 51.372 адад расид. Замини ба ихтиёри онҳо гузашта: 682,7 ҳазор гаро ташкил дод, ки ба ҳисоби миёна 52,2 га рост меояд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) соли 2013-87,6 ҳазор адад ва соли 2014 – 108,0 ҳазор ададро ташкил доданд. Албатта дар давраи аввал қисми ками заминҳои ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дода шуда заминҳои обӣ буда, қисми зиёдро заминҳои лалмӣ, махсусан талу теппаҳо ташкил менамуданд. Минбаъд чунин ҳолат ислоҳ гардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гарчанде оғози ташкил намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), чуноне таъкид намудем, соли 1990бошад ҳам, аммо Қонун «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» хеле дер, 10 майи соли 2002 қабул гардид. Дар моддаи 3 – юми он мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба таври зайл муайян карда шудааст: «Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд – хоҷагии деҳқонӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти худро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ гардонида, ба меҳнати шахсии як нафар ё аъзои оила, шахсони

[1]Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо: 1996. – В. 38.

дигар, ки маҳсулоти кишоварзиро якҷоя истеҳсол мекунанд, асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва амволи дигари ба аъзои хоҷагии деҳқонӣ тааллуқ дошта ташкил медиҳад».[1]

Қонун ба деҳқонон ҳуқуқ медиҳад, ки шаклҳои зерини хоҷагиро бунёд кунанд: 1) хоҷагии деҳқоние, ки ба соҳибкории инфиродӣ асос ёфтааст; 2) хоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ сурат мегирад ва он дар заминаи моликияти якҷоя аст; 3) хоҷагии деҳқоние, ки дар шакли оддӣ дар заминаи моликияти умумии ҳиссагӣ ташкил шудааст ва ба шартномаи фаъолияти якҷоя асос ёфтааст.[2]Шахсоне, ки дар хоҷагии деҳқонӣ аз рӯи шартнома кор мекунанд, ба ҳайати он хоҷагӣ дохил намешаванд.

Чуноне Қонун муайян намудааст, ҳар як шаҳрванди ҷумхурӣ «ҳуқуқ дорад хоҷагии деҳқонӣ ташкил кунад».Ҳар як чунин хоҷагӣ «сохтор ва тарзи истеҳсолотро бо назардошти манфиатҳояш мустақилона муайян мекунад ва метавонад ба ҳар гуна навъи фаъолияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, машғул шавад». Инчунин дар ҳамин ҷо таъкид гардидааст, ки «дахолат ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ба ғайр аз асосҳоипешбининамудаи қонунгузорӣ, манъ аст».[3]

Дар моддаи 11 – и Қонун, ки ба меъёри додани қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ бахшида шудааст, сараввал таъкид гардидааст, ки «қитъаи замин ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифодаи меросии якумра барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ» дода мешавад. Ба ин мақсад ду меъёрҳои зерини додани қитъаи за-

---

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 66.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 67 – 68.
[3] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин. – С. 67.

мин муайян гардидааст: 1)заминҳои ташкилотҳои кишоварзӣ бо меъёри миёнаи саҳми замин дар инташкилот ба ҳар як аъзое, ки ҳуқуқи саҳми замин дорад ва 2) аз заминҳоифондимахсус ба меъёримиёнаи ноҳиявии (шаҳрии) саҳми замин ба ҳар як аъзои қобили меҳнат, ки хоҳиши ташкилкардани хоҷагии деҳқонӣ дорад.

Фонди махсуси замин, ки барои ташкил кардани хоҷагии деҳқонӣ муайян шудааст, аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроияи ноҳиявӣ ёхуд шаҳрӣ, аз ҳисоби заминҳои зайл ташкил карда мешаванд: 1) заминҳое, киаз истифода баромадаанд ё ба гурӯҳи заминҳои камарзиш гузаронида шудаанд; 2)заминҳои захиравӣ; 3) заминҳои ҳамаи категорияҳо, ки аз рӯимақсадимуайян истифода бурда нашудаанд; 4) заминҳои барои истеҳсолотикишоварзӣ додашуда, ки дар муддати як сол истифодабурда нашудаанд, инчунин заминҳои бароимақсадҳои ғайрикишоварзӣ додашуда, ки дар муддати ду сол истифода нашудаанд; 5) заминҳои ташкилотҳои хоҷагиичангал, ки аз дарахту буттазор холӣ ҳастанд ва барои истифода даристеҳсолоти кишоварзӣ мувофиқанд; 6) заминҳои ташкилотҳоикишоварзие, ки самаранок истифода намешаванд; 7) заминҳои хоҷагиҳоидеҳқоние, ки фаъолияташон қатъ гардидааст; 8) заминҳои нав азхудкардашуда. Барои гирифтани ин қитъа заминҳои ошкоршуда розигии заминистифодабарандагон талаб карда намешаванд.[1]

Мувофиқи моддаи 14 – и ин Қонун «шаҳрвандоне, ки хоҳиши ташкил кардани хоҷаги деҳқониро доранд, аз ҷумла онҳое, ки аз дигар ноҳияҳо (шаҳрҳо) барои зиндагии доимӣ кӯчида меоянд, барои гирифтани қитъаи замин ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи ноҳияи (шаҳри) маҳалли воқеъшавии қитъаи замин ариза дода, дар он

[1] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи оид ба замин. – С. 70 – 71.

далелҳои заруриро меоваранд».[2]

Ҳамин тавр Қонуни 10 майи соли 2003 аз ҳар ҷиҳат фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) – ро дар ҷумҳурӣ муайян намуд. Миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошад дар мамлакат сол аз сол меафзояд.Ҳиссаи онҳо ҳам дар истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ зиёд мешавад.

***Техникаи кишоварзӣ.*** Ҳеҷ ҷои шубҳа нест, ки дар шароити имрӯза зиёдшавии маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳолати бо техника ва нуриҳои минералӣ таъмин будани ин соҳа сахт вобастагӣ дорад. Аммо ҳолати бо техникаи замонавӣ таъмин будани кишоварзони ҷумҳурӣ хеле ташвишовар аст. Барои муқоиса ба далелҳои зерин менигарем: соли 1990дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори умумии тракторҳо – 37,537 адад буда, 85% онҳо коршоям буданд. Соли 2002 миқдори умумии тракторҳо – 22792 адад буда, 45%-и онҳо коршоям буданду халос. Яъне, ин далелҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки соли 2002 нисбат ба соли 1990 миқдори камшавии умумии тракторҳо қариб 1,7 баробар, миқдори тракторҳои коршоям бошад қариб ду баробар кам шудаанд.[1] Аввали соли 2005 бошад дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ зиёда аз 11 ҳазор тракторҳои коршоям ба қайд гирифта шудаанд, ки мӯҳлати фаъолияти онҳо ҳам, ба ҷои 10 соли муайяншуда 25 – 30 сол мебошад. Бо хамин сабаб, дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла шудгори замин, ба ҷои 10 – 20 рӯз, дар 1 – 2 моҳ гузаронида мешавад. Ба ғайр аз ин, шудгори замин ба ҷои 30 – 40 сантиметри зарурӣ, дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 15 – 20 сантиметрро ташкил менамояду халос.[2] Бегуфтугӯ чунин ҳолати коркарди замин ба хосилнокии он таъсири манфӣ мерасонад.

---

[2] Ҳамон ҷо. – С. 71 – 72.

[1] Соибназаров С., Муродов А., Дарингова Ф. Развитие аграрного сектора и государственная поддержка сельхозпроизводителей //Паём. Таджикистан и современный мир. - 2003. – № 2 (3). – С.29.

[2] Хлопковые страдания //Азия – Плюс. – 2005. – 6 окт.

Далелҳои овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки имрӯзҳо барои аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) техникаи нави кишоварзӣ, бо сабаби гаронии нархашон дастнорас аст. Техникаи кӯҳнаи кишоварзӣ ҳам, ки на ба ҳамаи хоҷагиҳо расидааст, бо сабаби гаронии нархи таҷҳизот, маводи сӯхт, равғанҳои молиданӣ ва ғайра ба тарзи зарурӣ истифода намешавад.

Дар соҳаи кишоварзӣ ташвишовар он аст, ки то ҳол ҳолатикамшавии шумораи тракторҳо мушоҳида мегардад. Чунончӣ: агар шумораи онҳо соли 2007 – 17.295 ададро ташкил намоянд, пас соли 2009 – 14.477 адад; соли 2011-13.015 адад; соли 2012-12.222 адад ва соли 2013-11.003 ададро ташкил намудаанд.[1]

Бо мақсади бо техники таъмин намуданикишоварзон ҳанӯз соли 2007 бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг» ташкил карда шуд. Мақсад аз ин ба таври иҷораи молиявӣхизмат расониданба хоҷагиҳо, новобаста аз шакли хоҷагидорӣ ва таъмини онҳо бо техникаю таҷҳизоти кишоварзӣ мебошад. Барои беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ дар 33 шаҳру ноҳия марказҳои хизматрасонии техникӣ ба монанди «Тоҷикселхозтехника»-и собиқ таъсис доданд. Ба хоҷагиҳо имконият дода шуд, ки бо мақсади техникаю таҷҳизотродар ҳолати хуб нигоҳ доштан, баъди пардохти маблағи иҷора онро хусусӣ гардонанд. Аммо,новобаста аз ҳамаи ин тадбирҳо,дар охири соли 2015 дар ҷумҳурӣ 18.331 адад трактори универсалӣ ва шудгоркунанда, 1773 адад комбайни ғалладарав намерасид.[2]

***Ҳолати низоми обёрӣ.***Соҳаи дигаре, ки кишоварзӣ аз он сахт вобастагӣ дорад, ин низоми обёрӣ мебошад. Дар

---

[1]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014. - С. 289.
[2]Фирӯз М. Тоҷикагролизинг. Камбудиҳо пӯшида намонданд //Ҷумҳурият. - 2015. - 24 ноябр.

шароити ҷумҳурии мо низоми обёрӣ тамоми сохтмонҳои обёрикунанда: каналҳо, дюкерҳо, насосҳо, заҳбурҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Мувофиқи маълумотҳо дар ҷумҳурӣ аз замони шӯравӣ 2400 истгоҳҳои насосӣ мавҷуд буда, 40% заминҳои корам бо тарзи обёрии мошинӣ обшор карда мешаванд. Мураккабии масъала дар ин соҳа дар он аст, ки аз 448 истгоҳи бузурги насосӣ 127 адад, ё худ 30% истгоҳи каскадӣ буда, онҳо обро ба 5 – 7 зина боло, ба баландии 250 – 300 метр мебароранд.[1]Фаъолияти мунтазами онҳо маблағӣ зиёдро талаб мекунад. Аммо, дар муддати солҳои 1992 – 2001, барои нигоҳдории низоми обёрии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 5 – 6% – и маблағи муайяншударо ҷудо кардаанду халос. 30% – и низоми обёрии мамлакат таъмирталаб буд.[2]

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки умуман вазъи низоми обёрии мамлакат эътибори ҷиддиро талаб мекунад. Зеро, аз як тараф нарасидаин об ба киштзорҳо таъсири манфӣ расонад, аз тарафи дигар, нодуруст, ё худ аз меъёр зиёдистифода гардидани об ҳам зараровар аст. Масалан, маҳз нодуруст истифода гардидани об сабабгори боло гирифтани обҳои зеризаминӣ, аз ҷумла обҳои намакнок шуданд. Дар натиҷа дар ҷумҳурии камзамини мо ҳаҷми заминҳои шӯр сол аз сол зиёд мегардад. Чунончӣ, агар соли 1990 миқдори чунин заминҳо 106,8 ҳазор га бошад, пас соли 1999 ба 145,3 ҳазор га расидааст.[3] Сababи чунин ҳолат, аз як тараф нодуруст истифода бурдани об, аз тарафи дигар харобгардидани заҳбурҳо, ё худ умуман набудани заҳбурҳо мебошад.

---

[1] Соибназаров С., Муродов А., Дарингова Ф. Развитие аграрного сектора и государственная поддержка сельхозпроизводителей //Паём. Таджикистан и современный мир. – 2003. .№ 2 (3). – С.29.

[2] Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. 2003г. – В. 19, 24.

[3] Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. 2003г. – В. 22.

Дар ҷумҳурӣ баъзан аз кор баромадани хатҳои обгузар, обхезиҳо ва ғайра боиси зарарҳои зиёд мешуданд. Масалан, соли 2004 дар ноҳияи Ёвон, дар натиҷаи аз кор баромадани хати обгузари (дюкери) Лойқасой 2-3 моҳ қариб 10 ҳазор га замини корам бе об монд. Ё худ, моҳиимюни соли 2005 боло шудани сатҳи оби дарёи Панҷ ба хоҷагиҳои ноҳияи Мир Саиди Ҳамадонӣ 53 млн. доллари амрикоӣ зарар овард, ки чунин офати табииро ҷумҳурӣ тахминан дар муддати 80 сол надида буд. Дар натиҷаи обхезӣ 11,509 шаҳрванд зарар диданд, 133 ҳавлиҳои истиқоматӣ тамоман вайрон гардиданд, 412 км роҳҳои мошингард, се адад кӯпрӯкҳо, иншооти соҳилӣ, 771 га заминҳои корам хароб шуданд.[1]

Ҳамаи ин ҳодисаҳоводор менамоянд, ки дар ҷумҳурӣ минбаъдҳамба низомиобёрӣ ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ диққати ҷиддӣ дода шавад.

***Муҳоҷирати дохилӣ.*** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият ҳам, мисли пештара муҳоҷирати дохилии аҳолӣ идома дошт ва онро ба ду давра тақсим кардан мумкин аст: то соли 2002 ва баъди соли 2002. Фарқияти ин давраҳо дар он аст, ки дар давраи аввал муҳоҷирати дохилӣ стихиявӣ ё худ маҷбурӣ сурат мегирифт. Зеро, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз он ноҳияҳое, ки алангаи ҷанг фаро гирифта буд, махсусан аз ноҳияҳои водии Вахш, як қисми мардум маҷбур шуда буданд, ки ба ноҳияҳои вилояти Суғд, гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб, бештар ба Душанбе муҳоҷират намоянд. Як қисми онҳо баманзилҳои бобоии худ, ба ноҳияҳои кӯҳӣ, ки як вақтҳо аз он ҷо муҳоҷир кардашуда буданд, кӯчида рафтанд. Дар натиҷа, дар ин давра азхудкунии заминҳои бекорхобидаи ноҳияҳои кӯҳӣ хеле авҷ гирифт.

Ба давраи дуюм муҳоҷиратинақшавии дохилӣ хос аст. Дар ин давраҳукумати ҷумҳурӣ ба нақша гирифта буд, ки

---

[1] 2005-й в лицах и событиях // Азия-Плюс. - 2005. - 29 дек.


www.ravshanfikr.tj

дар ноҳияҳои Носири Хусрав (собиқ ноҳияи Бишкент) 9,380 га заминҳоибекорхобидаро ба кордарорад. Оиди ин масъала 5 сентябри соли 2002 Ҳукуматиҷумҳурӣ қарорро «Дар бораи барномаи аз нав барқарор намудан ва инкишоф доданииқтисодиёт ва иҷтимоиёти ноҳияи Бишкенти вилояти Хатлон дар солҳои2003 – 2007» қабул намуд. Мувофиқи ин барнома дар давраи аввал аз ноҳияҳои Роштқалъа, Шӯрообод, Кӯлоб ва Исфара 375 оила (1751 нафар) кӯчонида оварда шуданд. Онҳоро дар ҷойҳои муайяншуда ва хонаҳоисохта ҷойгир намуда, ба ҳар оила 0,30 га замини корам ва 1500 сомонӣ қарзидарозмуддати имтиёзнок доданд.[1]

Соли 2005 ба ноҳияи Носири Хусрав боз 579 оила аз ноҳияҳои Шаҳритус, Ҷилликул, Восеъ, Бохтар ва ғайра кӯчида омаданд. Ба онҳо ҳам дар ҳаҷми 0,30 га замини корам ҷудо карда шуд. Вале аксари ин гурӯҳи муҳоҷирон, бо қувваи худ, бо кӯмаки ҳокимияти маҳаллӣ, ҷамоатҳо ва ғайра хонаҳои истиқоматӣ бунёд карданд. Аммо оиди муҳоҷирон на ҳамаи супоришҳо иҷро гардиданд. Аз ҷумла, дар шаҳрчаи навбунёди муҳоҷирон – Фирӯза, набудани оби нӯшокӣ, боло гирифтани оби зеризаминӣ ва ғайра боиси норозигии муҳоҷирон гардид. Дар натиҷа, аз миқдори умумии муҳиҷирони ин ноҳия 143 оила ба манзилиаввалаашон баргаштанд.[2]

***Истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ.***Дар соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли пахта, ғалла, картошка ва ғайра мақоми асосиро ишғол менамоянд. Аз ҷумла, дар замонишӯравӣ Тоҷикистон яке азҷумҳуриҳои асосии истеҳсоли пахтаба ҳисобмерафт. Маҳз дар натиҷаи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, аз худ намудани заминҳои нав ва ғайра соли 1980 истеҳсоли

---

[1] Раҳмонов Ҳ. Необходим объективный подход //Азия – Плюс. - 2005. - 22 дек.

[2]Ҳамон ҷо.

пахта дарҷумҳурӣ бори аввал аз як миллион тонна гузашта буд. Ҳосилнокии пахта он сол аз ҳар га 32,8 сентнерро ташкил дод. Вале, минбаъд ҷумҳурӣ азҷиҳати истеҳсоли пахта ҳеҷ ба нуқтаи соли 1980 расида натавонист ваистеҳсоли ин махсулот сол аз сол кам шуд. Масалан, соли 1990 истеҳсоли пахта дарҷумҳурӣ – 842,2 ҳазор тонна (ҳосилнокӣ 27,6 сентнер)-ро ташкил доду халос. Аз соли 1992, бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ, истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ сол аз сол боз ҳамкам шудан гирифт. Масалан, агар соли 1992 дар ҷумҳурӣ 513, 2 ҳазортонна пахта (аз ҳар нектар – 18,0 сентнер) истеҳсол карда шуда бошад, пас соли 1999 – 313,1 ҳазор тонна (ҳосилнокӣ – 12,7 сентнер) истеҳсол карда шуд. Яъне, дар ҷумҳурӣ соли 1999 , дар истеҳсолипахта соли пастарин ба ҳисоб меравад. Танҳо аз соли 2000 – ум дарҷумҳурӣ истеҳсоли пахта каме зиёд шуд ва соли 2004 то 556, 8 ҳазор тонна (аз ҳар га 19,1 сентнерӣ) расид. Вале солҳои 2005 (447,9 ҳазор тонна) ва 2006 (438,1 ҳазор тонна) истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ боз кам шуд. Соли 2009 он ҳатто ба 296,0 ҳазор тонна кам шуд, ки ин нуқтаи камтарин мебошад. Аз соли 2010 вазъият дар пахтакорӣ каме беҳтар шуд. Он сол 310,6 ҳазор тонна; соли 2011 – 416, 5 ҳазор тонна; соли 2012 – 417, 9 ҳазор тонна; соли 2013 – 392,8 ҳазор тонна ва соли 2014-372,7 ҳазор тонна пахта истеҳсол карда шуд.[1]

Сабабҳои асосии кам шудани истеҳсоли пахта ин нарасидани техникаи замонавии кишоварзӣ ва гаронии нархи онҳо, гаронии нархи маводҳои сӯхт, нуриҳои минералӣ, паст шудани ҳавасмандии деҳқони пахтакор, паст шудани ҳолатҳои милеоративии замин, гаронии қарз ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, дар муддати солҳои 1992 – 2006 ҳосилнокии пахта аз ҳар га аз 12,7 то 19,3 сентнерро ташкил мекунаду халос. Ҳол он, ки

---

[1] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С. 96

дар шароити ҷумҳурии мо истеҳсоли пахта танҳо ҳангоми расидани ҳосилнокии он аз ҳар га ба 20-25 сентнер фаидаовар шуда метавонаду халос. Аз ин ҷост, ки қарзи деҳқони пахтакор сол аз сол зиёд шуда, аз соли 1996 то соли 2008 548 млн доллари амрикоиро ташкил намуд, ки бо номи «шартномаи фючерсӣ» маълум буд. Мувофиқи фармони Президенти ҷумҳурӣ Э. Раҳмон, аз 30 майи соли 2009 ҳамаи он қарзи деҳқонони пахтакор аз эътибор соқит карда шуд.

Ба ғайр аз ин, пахтаи ҷумҳурӣ бештар ҳамчун ашёи хом фурӯхта мешавад. Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 12 – 15% – и он кор карда мешаваду халос. Ҳол он, ки агар ҳамаи пахтаи ватанӣ дар дохили ҷумҳурӣ коркард шуда ҳамчун матои тайёр ба фурӯш бароварда шавад, он вақт фоидааш чор баробар зиёд мешавад.

Маҳсулоти дигаре, ки истеҳсолаш дар ҷумҳурӣ сол аз сол мақоми асосиро ишғол мекунад, ин **ғалла** ба ҳисоб меравад. Зеро, дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, бо сабаби ба яке аз маконҳои пахтаи Иттифоқ табдил ёфтани ҷумҳурӣ, зарурияти ғаллаи ҷумҳурии мо аз ҳисоби Иттифоқ таъмин мегардид. Акнун, баробари барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ чунин тақсимот аз байн рафт.

Баъди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз натиҷаи истеҳсоли ғаллаю ғалладонаи мамлакат бехатарии хуроквории ва некӯаҳолии мардум сахт вобастагӣ дошт. Агар ба далелҳо назар афканем, дар ин соҳа вазъи мамлакати мо дар солҳои аввали истиқлолият хеле душвор буд. Масалан, мувофиқи нишондоди олимондараҷаи талаботба ғалла дар мамлакат 1,5 млн тонна буд. Аз ин 1 млн. тонна барои хӯрокворӣ ва 500 ҳазор тонна барои хӯроки чорво. Аммо, соли 1994 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 220 ҳазор тонна ғалла истеҳсол карда шуду халос, ки ин дараҷаи камтарин ба ҳисоб меравад ва ҳосилнокӣ ҳам дар он сол аз ҳар га то 9 сентнерӣ расида буд. Ҳол он, ки дар ҷумҳурӣ соли 1990 – 318 ҳазор тонна ва 1991 –

304,3 ҳазор тонна ғалла истеҳсол карда шуда буд. Бегуфтугӯ ба ҳолати соли 1994 таъсири ҷанги шаҳрвандӣ бештар дида мешавад.

Истеҳсоли ғаллаи ҷумҳурӣ аз соли 1996 нисбатан рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Дар ин сол 548,2 ҳазор тонна ғалла истеҳсол карда шуд, ки ин нисбат ба солҳои 1990 – 1991 хеле зиёд буд. Солҳои 2002-2005 муваффақияти ин соҳа боз ҳам назаррастар шуд. Чунончӣ, агар соли 2002 дар ҷумҳурӣ 700,7 ҳазор тонна ғалла ва ғалладона истеҳсол карда шуда бошад, пас соли 2005 он ба 934.9 ҳазор тонна расид, ки ин аз ҳар га 19,5 сентнерро ташкил мекунад. Дар солҳои охир, ба ҷуз соли 2011, дар ҷумҳурӣ истеҳсоли ғаладона ва лӯбиёӣ афзуд. Аз ҷумла: соли 2009 – 1.294,5 ҳазор тонна; соли 2010 – 1.261,1 ҳазор тонна; соли 2011 – 1.098,2 ҳазор тонна; соли 2012 – 1.232,6 ҳазор тонна; соли 2013 – 1.392,6 ҳазор тонна ва соли 2014 – 1.317,8 ҳазор тонна ғаллаю ғалладона истеҳсол карда шуд.

Барои ноил гардидан ба таъминоти пурраи маҳсулоти ғаллаи ватанӣ пеш аз ҳама зарур аст, ки ҳосилнокӣ дар соҳа баланд бардошта шавад. Вале аксари майдонҳое, ки дар солҳои аввали истиқлолият барои кишти ғалладона ҷудо карда мешуданд, заминҳои камҳосил ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, соли 1994 барои кишти ғалладона зиёда аз 300 ҳазор га замин ҷудо карда буданд, ки ин 23%-и ҳамаи заминҳои корами ҷумҳуриро ташкил менамояд. Аммо аз ин миқдор 60% – ро заминҳои лалмии камҳосил ташкил медоданд. Минбаъд, аз ҳисоби заминҳои ҳосилхези обӣ, ки барои кишти пахта муяйян шуда буданд, заминҳои ғалладона зиёд гардид ва ҳамин ҳолат барои зиёд шудани истеҳсоли ғалладона ва ҳосилнокии он сабаб шуд.

Таҳлили ҳолати хоҷагиҳои ғаллакор аз он далолат медиҳанд, ки ҳанӯз дар ин соҳа на ҳамаи имкониятҳо истифода гардидаанд. Чунончӣ, соли 2003 дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна ҳосилнокӣ аз ҳар га:ғалла 19,8 сентнер; дони ҷуворимакка – 37,7 сентнер, биринҷ – 34,6 сентнерро таш-


www.ravshanfikr.tj

кил доданд. Ҳол он, ки худи ҳамон сол хоҷагиҳои пешқадами ҷумҳурӣ – ғалла – 50 – 70 сентнерӣ, дони ҷуворимакка – 80 – 90 сентнерӣ ва биринҷ – 70 – 75 сентнерӣ ҳосил гарифтаанд.[1]

Умуман, соҳаи ғаллакории ҷумҳурӣ дар аввали асри XX1 нисбат ба солҳои 1990 – 1991 муваффақиятҳои назаррас ба даст овард. Яъне, нисбат ба он давра, соли 2014 дар мамлакат зиёда аз ҷаҳор баробар зиёд ғалладона ва лӯбиёӣ истеҳсол карда шуд. Ҳосилнокӣ ҳам дар ин соҳа беш аз 50% зиёд гардид. Ин ҷо фақат фаромӯш набояд кард, ки то соли 1991 барои истеҳсоли ғалладона, чуноне таъкид кардем, бештар заминҳои лалмӣ ва камҳосили обӣ ҷудо карда мешуд. Минбаъд чунин муносибат оҳиста-оҳиста тағйир ёфт. Ҳиссаи заминҳои ҳосилхез ҳам дар соҳаи ғаллакорӣ зиёд шуд. Вале вазъи бехатарии хӯроквории мамлакат талаб мекунад, ки дар ин соҳа минбаъд ҳам диққати ҷиддӣ дода шавад. Бо роҳи баланд бардоштани ҳосилнокӣ мардуми ҷумҳуриро бо ғалладонаи ватанӣ пурра таъмин намудан имконпазир аст.

***Картошкапарварӣ.*** Дар замони истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ соҳаи картошкапарварӣ, дар қатори истеҳсоли ғалладонагӣ, ба муваффақияти бузург ноил гардид. Пӯшида нест, ки дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ як ҳиссаи талаботи аҳолии ҷумҳурии мо аз ҳисоби картошкаи Русия таъмин карда мешуд. Новобаста аз ин, дар ҷумҳурӣ соли 1990 – 207,0 ҳазор тонна картошка истеҳсол карда шуд. Ҳосилнокӣ бошад дар он солҳо, аз ҳар як га 143,4 ва 141,1 сентнериро ташкил медод.

Ба зарурияти картошкапарварӣ нигоҳ накарда, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ин соҳа ҳам то соли 1996 рӯ ба пастравӣ ниҳод. Аз ҷумла, соли 1996 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 107,7 ҳазор тонна картошка истеҳсол карда шуд, ки ин

---

[1] Солиев Х.Х. Проблема экономического роста и сокращения бедности в Таджикистане //Иқтисодиётии Тоҷикистон: Стратегияи тараққиёт. – 2004. – № 3. – С.13.

ҳосили камтарин дар замони истиқлолияти мамлакат ба ҳисобмеравад. Ҳосилнокӣ бошад дарин сол 102,0 сентнерро ташкил дода буд. Аз соли 1997 истеҳсоли картошка дар ҷумҳурӣ сол аз сол зиёд шуд ва соли 2005 он ба 555,0 ҳазор тонна расид, ки ин нисбат ба соли 1991 аз се баробар ҳам зиёд аст. Ҳосилнокии картошка, аз ҳар га ба 196,2 сентнер расид, ки ин нисбат басоли 1991 қариб 50% зиёд аст.

Солҳои минбаъда истеҳсоли картошка дар ҷумҳурӣ зиёд шуд. Аз ҷумла: соли 2009 – 690,9 ҳазор тонна ; соли 2010 – 760,1 ҳазор тонна; соли 2011 – 863,1 ҳазор тонна; соли 2012 – 991,0 ҳазор тонна; соли 2013 – 1.115,7 ҳазор тонна ва соли 2014 – кам шуда, то 853,7 ҳазор тонна фаромад. Ҳосилнокии картошка соли 2013 ба 247,3 сентнер расид.[1] Яъне, чуноне аз далелҳои оварда маълум мешавад, соли 2013 нисбат ба 1990 қариб 5 баробар зиёд картошка истеҳсол карда шудааст.

Муваффақияти соҳаи картошкапарварӣ дар натиҷаи меҳнати зарбдоронаи истеҳсолкунандагон, чораҳои қатъии роҳбарияти мамлакат ва кӯмаки башардӯстонаи ташкилотҳои байналхалқӣ ба даст омад.

***Чорводорӣ*** дар шароити Ҷумхурии Тоҷикистон як соҳаи сердаромад шуда метавонад. Зеро, шароити кӯҳӣ ва серобии мамлакат барои ин соҳа имконияти хеле хубро муҳайё намудаанд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда ин соҳа ҳанӯз ҳам талаботи рӯзафзуни мардумро бо гӯшт ва маҳсулоти шири ватанӣ таъмин карда наметавонад.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи чорводории ҷумҳурӣ зарари зиёд расонд. Масалан, агар саршумори гӯсфандон соли 1990 – 2,461,8 ҳазор сарро ташкил намояд, пас он соли 2000-ум то 1472,2 ҳазор сар кам шуд. Яъне, саршумори гӯсфанд дар муддати 10 сол зиёда аз 1 млн сар кам шудааст. Саршумори буз бошад, соли 1990 – 830,1 ҳазор сар

[1] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С. 96


www.ravshanfikr.tj

буд ва соли 1998 то 667,6 ҳазор сар кам шуд. Чорвои калони шохдор соли 1990 – 1351,5 ҳазор сарро ташкил медод ва соли 2000 то 1,036,7 ҳазор сар паст фаромад.

Соли 2006 саршумори чорвои калони шахдор ба 1371,9 ҳазор сар расид, ки ин на танҳо ба дараҷаи соли 1990 мебошад, балки аз он ҳам каме зиёд аст. Минбаъд саршумори чорвои калони шохдор дар ҷумҳуӣ мунтаззам зиёд шудааст. Чунончӣ: соли 2009 – 1.829,9 ҳазор сар; соли 2010 – 1.896,9 ҳазор сар; соли 2011 – 2.015,3 ҳазор сар; соли 2012 – 2.043,7 ҳазор сар; солии 2013 – 2.099,1 ҳазор сар ва соли 2014 – 2.130,4 ҳазор сарро ташкил намудааст.[1]

Саршумори гӯсфанд бошад соли 2006 ба 1893,4 ҳазор сар расид, ки ин нисбат ба соли 1990 ҳанӯз хеле кам буд. Дар солҳои минбаъда саршумори гӯсфанд ҳам дар ҷумҳурӣ мунтаззам афзуд. Масалан: соли 2009 – 2.617,3 ҳазор сар; соли 2010 – 2.728,5 ҳазор сар; соли 2011 – 2.894,4 ҳазор сар; соли 2012 – 2.959,5 ҳазор сар; соли 2013 – 3.097,5 ҳазор сар ва соли 2014 – ба 3.226,9 ҳазор сар расидааст. Саршумори буз аллакай соли 2006 хеле зиёд шуда ба 1.160,2 ҳазор сар расид. Дар солҳои минбаъда саршумори буз зиёд шуда бошад, ҳам аммо на ба дараҷае, ки саршумори гӯсфанд афзудааст. Аз ҷумла, зиёдшавии саршумори буз дар солҳои минбаъда чунин будааст: соли 2009 – 1.582,7 ҳазор сар; соли 2010 – 1.665,6 ҳазор сар; соли 2011 – 1.724,3 ҳазор сар; соли 2012 – 1.773,0 ҳазор сар; соли 2013 – 1.826,1 ҳазор сар ва соли 2014 – 1.829,7 ҳазор сар расидааст.[2]

Ба ғайр аз ин бояд ба хотир дошт, ки то соли 1991, яъне дар замони шӯравӣ ҳиссаи асосиро чорвои ҷамъиятӣ, чорвое, ки дар ихтиёри колхозу савхозҳо буданд, ташкил медод. Соли 2010 баробари барҳам додани охи-

---

[1] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015 – С. 99.
[2] Тоҷикистон: 15 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ. – С. 292 – 297; Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С. 98-99.

рин колхозу совхозҳо ин соҳа низ аз байн рафт. Бинобар ин, ҳиссаи хоҷагиҳои шахсӣ сол аз сол зиёд шуд. Чунончӣ, мувофиқи маълумоти 1 январи соли 2005 дар ихтиёри хоҷагиҳои шахсӣ – 87,5% – и чорвои калони шохдор, аз ҷумла 93,5% – говҳои ҷушоӣ, 74% бузу гӯсфанд қарор дошт.[1]

Агар вазъи соҳаи чорводории мамлакатро бо афзоиши шумораи аҳолӣ муқоиса намоем, пас ин соҳа ҳам минбаъд диққати ҷиддӣ ва беҳбудиро мехоҳад.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи паррандапарварӣ то ба ҳолати нестшавӣ расида буд. Чунончӣ, агар соли 1990 дар ҷумҳурӣ – 7,516,3 ҳазор сар парранда ба қайд гирифта шуда бошад, пас он соли 1997 то ба 198 ҳазор сар кам шудааст. Умуман соли 1997 дар ин соҳа соли пасттарин ба ҳисоб меравад. Аз соли 1998 сар карда паррандапарварӣ дар ҷумҳурӣ ҷоннок шуда, ба зиёдшавӣ рӯ ниҳод. Ниҳоят соли 2006 саршумори парранда дар ҷумҳурӣ ба 2,451,2 ҳазор сар расид, ин қариб 33%-и саршумори соли 1990-ӯмро ташкил менамояд. Соли 2014 саршумори мурғ дар ҷумҳурӣ ба 5.290,1 ҳазор сар расидааст.[2]

### Нақлиёт ва сохтмони роҳҳо. Алоқа.

***Хусусигардонӣ дар соҳаи нақлиёт.*** Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусигардонӣ дар соҳаи нақлиёт танҳо нақлиёти автомобилиро фаро гирифт. Он ба нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан дахл надошт. Дар ҳудуди собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ хусусигардонии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ соли 1990, бо роҳи ба коллективҳои меҳнатӣ, ба иҷора додани чунин корхонаҳо, ё худ ба ташкилотҳои кооперативӣ ё кооперативию давлатӣ гузаронидани онҳо шурӯъ гардид. Дар ҷумҳурии мо бошад, дар ин соҳа ғайридавлатигардонӣ соли 1991 оғоз

[1] Социально-экономическая информация. – Душанбе, 2005. – С. 292 – 293, 297; Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С. 99.
[2] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015 – С. 99.

шуд.

То оғози ғайридавлатигардонии нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 3 ҳазор паркҳои нақлиёти автомобилии (АТП) калон, миёна ва хурд мавҷуд буданд. Аз он 67 ташкилот барои истифодаи умум буда, талаботи хоҷагии халқ ва мардумро дар масъалаи боркашонӣ иҷро мекарданд. Боқимонда, қариб 3 ҳазор адад паркхои нақлиёти автомобилии (АТП) идоравӣ мавҷуд буданд.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 оиди гузариш ба шакли нави моликият ва иқтисоди бозорӣ аввалин қадамҳо гузошта шуд. Барои солҳои 1991 – 1992 барномаи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ тартиб дода шуда буд, ки он 551 иншоот, аз ҷумла 33 ташкилоти нақлиёти автомобилиро бо арзиши 3 млрд сӯм (бо пули ҳамон вақт) дар бар мегирифт.Аммо то 1 декабри соли 1992 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3 ташкилоти нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати иҷоравӣ гузаронида шуда, 3 ташкилоти дигар фурӯхта шуд. Дар ҳамин давра аз ҳисоби ташкилотҳои нақлиёти автомобилӣ инчунин воситаи нақлиёт, ки мӯҳлати хизматашон гузаштааст, ба ронандаҳо фурӯхта шуданд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибони воситаҳои нақлиёт зиёд зарар диданд. Зеро, аксари намудҳои гуногуни нақлиёт ё ғорат карда шуданд, ё сӯзонда шуданд, ё ба яғмо бурданд. Аввали асри XX1 хусусигардонӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ асосан ба итмом расид.

***Кашонидани мусофирон ва бор ба воситаи нақлиёт.*** Дар шароити ҳозира дар тамоми давлатҳое, ки мӯътадил тараққӣ карда истодаанд, кашонидани мусофирон ва бор хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳалли ин масъалаҳо дар

---

[1] Бойгонии ҷории Маркази тадқиқотҳои стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. 1992. – В. 6 – 51.

ҷумҳурии мо аз фаъолияти нақлияти ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ вобастагӣ дорад. Дар замони то истиқлолдар ҷумҳурии мо ҳар се шакли нақлиёт хуб фаъолият мекард. Вале дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар соҳаи кашонидани мусофирон вакашонидани бор бесарусомониҳои зиёд дида мешуд. Аниқтараш, дар ин соҳаҳо як низоми муайяни ҳисобу китоби дурустро мушоҳида кардан душвор аст. Аммо ин ҳама маънои онро надорад, ки минбаъд дар ҳама соҳаҳои нақлиёт душвориҳо зуд бартараф карда шуданд. Баръакс, душвориҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, ки минбаъд идома доштанд, ба соҳаи нақлиёт ҳам таъсири манфӣ расониданд. Аз як тараф шумораи нақлиёти ҳавоӣ, вагону паравозҳо, ҳатто автомобилҳои боркаш кам мешуданд, аз тарафи дигар бо сабабҳои гуногун ҳаракати онҳо баъзан қатъ карда мешуданд. Масалан, соли 2001 аз 11 сентябр то 6 декабр ҳаракати поезди Душанбе – Астрахан қатъ карда шуд, ки аз ин Роҳи оҳани Душанбе – 9,364 ҳазор сомонӣ зарар дид.

Баъди ба амал омадани ваҳдати миллӣ, чун дар тамоми сохтори мамлакат, дар соҳаи нақлиёт ҳам низоми муайян ҷорӣ гардид ва дар натиҷа шумораи мусофироне, ки аз шаклҳои гуногуни нақлият истифода мебурданд ва боркашонӣ сол аз сол меафзуд. Масалан, соли 2004 дар ҷумҳурӣ ба воситаи тамоми намудҳои нақлиёт 361 млн. нафар одам кашонида шуд, ки ин назар ба соли 2003 – 136,1% зиёд аст. Аз миқдори умумии нишондодашуда – 129,0 млн нафар ба воситаи нақлиёти ҷамъиятӣ кашонида шудаанд, ки ин 35,7% хаҷми умумиро ташкил менамояд. Аз ҷумла, соли 2004 аз нақлиёти роҳи оҳан – 700,5 ҳазор нафар мусофир истифода намуданд, ки ин назар ба соли 2003 – 26,3% зиёд буд. Аз шумораи умумӣ – 208,9 ҳазор нафар, ба хатти масофаи дур, аниқтараш ба шаҳрҳои гуногуни Русия сафар карданд, ки ин нисбат ба соли 2003 – 3,1% мусофир кам аст. Ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ соли 2004 – 556,3 ҳазор нафар мусофирон кашонида шуд, ки

назар ба соли 2003 – 27,7% зиёд аст. Ба воситаи тамоми намудҳои нақлиёти автомобилӣ (ба ғайр аз таксиҳо) соли 2004 – 337,9 млн нафар ба мусофир хизмат расонида шуд, ки ин назар ба соли 2003 – 13,9% зиёдаст.[1] Дар солҳои охир мусофиркашонӣ хеле зиёд гардид. Масалан, он соли 2013 ба 545,0 млн. нафар ва соли 2014 ба 556,9 млн. нафар расид.[2]

Дар ҷумҳурӣ соли 2004 ҳамагӣ – 41975,3 ҳазор тонна бор кашонида шудааст. Аз ҷумла, ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ – 4,0 ҳазор тонна, ё худ зиёда аз 4,9 % нисбат ба соли 2003; ба воситаи роҳи оҳан – 12 279,6 ҳазор тонна, ё худ нисбат ба соли 2003 4,5% зиёд; ба воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки дар ихтиёри Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ буд, 2,114,8 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 2003 – 5,5% кам мебошад.

Соли 2004 ҳиссаи нақлиёти автомобилие, ки дар ихтиёри Вазорати нақлиёт буд, дар ҳаҷми умумии бори ба воситаи ин намуди нақлиёт кашонидашуда, ҳамагӣ 7,1% – ро ташкил менамуду халос.[3]Чунин далел шаҳодати он аст, ки дар он сол дар боркашонии нақлиёти автомобилӣ ҳиссаи нақлиёти автомобилии Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ хеле ночиз буда, баръакс ҳиссаи дигар вазорату ташкилотҳо, ки нақлиёти автомобилии боркаш доштанд, инчунин нақлиёти автомобилии шахсӣ хеле зиёд мешавад.

Дар солҳои минбаъда боркашонӣ дар чумҳурӣ махсусан меафзояд. Чунончӣ: соли 2009 – 56.862,8 ҳаз. тонна; соли 2010 – 59.327,4 ҳаз.тонна; соли 2011 – 61.6556,6 ҳаз. тонна; соли 2012 – 68.399,4 тоннаро ташкил намудааст. Дар боркашонӣ мақоми асосиро нақлиёти автомобилӣ бозидааст. Зеро соли 2009 аз микдориумумӣ – 42.315,1 ҳаз. тонна ва соли 2014 – 67.600,9 ҳаз. тонна ба воситаиавто-

---

[1]Социальное экономическое положение Республики Таджикистана за 2004 год. – Душанбе, 2005. – С. 168 – 169.
[2] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С. 109.
[3] Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С. 165 – 167.

мобилҳо кашонида шудааст. Ҳиссаи **роҳи оҳан**бошад дар ин ҷода сол аз сол кам мешавад. Масалан, ҳиссаи нақлиёти роҳи оҳан дар миқдори умумии боркашонии соли 2009 – 14.545,5 ҳаз. тонна бошад, пас он соли 2014 то 6.807,7 ҳаз. тонна кам шудааст.[1]

Вале ба ҳамаи душвориҳои иқтисодӣ нигоҳ накарда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар солҳои охир, шумораи воситаҳои нақлиёт, пеш аз ҳама автомобилҳои сабукрав зиёд шуд. Масалан, мувофиқи далелҳои раёсатиБозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) солҳои 2003 – 2005 ҳолати зиёдшавии шумораи нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин будааст: соли 2003 – 188 ҳазор адад; соли 2004 – 205 ҳазор адад ва соли 2005 – 215 ҳазор ададро ташкил намудаанд. Яъне, дар ҷумҳурӣ, дар муддати се сол (солҳои 2003 – 2005) миқдори нақлиёти автомобилӣ 27 ҳазор адад зиёд шудааст. Ё худ, соли 2005 танҳо дар шаҳри Душанбе 30 ҳазор адад нақлиёти автомобилӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар вилояти Хатлон – 52 ҳазор адад, аз ҷумла, дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб – 30 ҳазор адад (50% – и он танҳо дар шаҳри Кӯлоб) ба қайд гирифта шудааст. Чунин афзудани ададе нақлиёти автомобилӣ барои вилояти Суғд, вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои тобеи марказии ҷумҳурӣ ҳам хос аст.[2]

Агар дар 6 моҳи аввали (январ – июн) соли 2012 ба ҷумҳурӣ, барои фурӯхтан 27,3 ҳазор мошини сабукрав ворид шуда бошад, пас дар шаш моҳи аввали соли 2013 – 38,1 ҳазор адад мошини сабукрав ворид гардидааст.[3]

Хулоса, дар ҷумҳурӣ, дар соҳаи нақлиёт ҳанӯз ҳам дар кашонидани мусофирон ва бор ба давраи солҳои 1990 – 1991 нарасида бошанд ҳам, пешравии нақлиёти автомобилӣ назаррас аст.

---

[1]Ҳамон ҷо. – С.107.
[2] Ҳотамов Н.Б. Асари номбаршуда. – С. 113.
[3] Азия-Плюс. – 2013. – 30 июл.

***Сохтмони роҳҳои автомобилгард. Нақбҳо.*** Албатта иқтисодиёти мунтазами мамлакат аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати роҳҳо вобастагӣ дорад. Зеро, алоқаи иқтисодии байни ноҳияҳо маҳз ба воситаи роҳҳо амалӣ мегардад. Далелҳои мавҷуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки умуман вазъи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ ҳатто дар аввали асри XXI ҳам қаноатбахш набуданд. Чунончӣ, мувофиқи маълумоти соли 2006 дар ихтиёри собиқ Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ 13747 км роҳҳои автомобилгард будааст. Аз ин ҳисоб 4,782 км. роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ буда, 8,965 км роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта ҳисоб мешуданд. Дар ин сол вазъи умумии ин роҳҳо чунин баҳогузорӣ шудааст: 20% – дар ҳолати миёна; 48% – дар ҳолати бад ва 32% дар ҳолати ғайриқаноатбахш. Дар қисми охирин, аз ҷумла: 323км. роҳҳое, ки ҳама вақт сангрезӣ таҳдид мекунад; 168,2 км. роҳҳое, ки тармафаройӣ таҳдид мекунад; 106,6 км. роҳҳое, ки дар фасли зимистон яхбандӣ фаро мегирад ва 66,9 км роҳҳое, ки селу борон таҳдид мекунад. Ба ғайр аз ин, аз 2167 кӯпрук, ки дарозии умумиашон 36,979 метр мебошанд, 15%-ашон дар ҳолати ғайриқаноатбахш буда, 35%-ашон таъмирталаб буданд.[1]

Пӯшида нест, ки сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилгарду кӯпрукҳо хароҷоти зиёдро талаб мекунанд. Аммо ҳолати хазинаи ҷумҳурӣ барои амалӣ кардани ин корҳо имконият намедод. Бо ҳамин сабаб, дар ин соҳа бештар сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд. Ҳаҷми маблағи умумие, ки дар сохтмону таъмири роҳҳо, купрӯкҳо ва ғайра дар ҷумҳурӣ сарф гардидааст, гуногун мебошад. Дар муддати солҳои 1993 – 1998 барои сохтмону таъмири роҳҳо, кӯпрукҳо ҳамагӣ 652714,55 ҳазор сомонӣ сарф шудааст. Соли 2005 бошад чунин хароҷот 1.6651.882 ҳазор

---

[1] Шодиев М. Роҳ ва нақлиёт дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. - С. 3

www.ravshanfikr.tj

сомониро ташкил дод.[1]

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад гузоштааст, ки ҳар чи зудтар мамлакатро аз бумбасти коммуникатсионӣ барорад. Барои амалӣ шудани ин мақсад сохтмони роҳи байналхалқии Душанбе – Кӯлоб – Хорӯғ – Кулма – Қароқурум аҳамияти бузурги ҷаҳонӣ дорад.

Нақшаи ***роҳи автмобилгарди Мурғоб – ағбаи Кулма***-сохтмони 32,6 км. роҳро дар бар мегирад, ки он роҳҳои мавҷудаи Помири Шарқиро бо сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой мепайваст. Ин роҳ агарчанде дар баландии 4,300 метр аз сатҳи баҳр сохта шавад ҳам, вале бо сабаби нисбатан камбориш будани минтақа, роҳи навбунёди автомобилгард тамоми сол фаъолият карда метавонад. Лоиҳаи сохтмон асосан аз тарафи Бонки Рушди Исломӣ маблағгузорӣ карда шуд. Як ҳиссаи нисбатан ками маблағгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ҷудо гардид. Ҳаҷми хароҷот – 12.293.822,50 доллари амрикоӣ муаяйн шуда буд. Мувофиқи нақшаи аввала ин сохтмон бояд 1 ноябри соли 2000 ба итмом мерасид..

Корҳои сохтмони роҳи автомобилгарди Мурғоб – ағбаи Кулма 25 майи соли 2000 оғоз гардид ва то 6 феврали соли 2003 давом кард. Яъне, 6 феврал роҳ ба кор даромад ва нуқтаи сарҳадии Кулма ҳам кушода шуд. Баъди ба итмом расидани корҳои сохтмонӣ ширкати хориҷии «ЭНТЕС» 12 адад техникаҳои замонавии сохтмони роҳҳоро ба маъмурияти нақлиёти Помир бахшид.[2]

Ба истифода додани ин роҳ пеш аз ҳама барои мардуми Помири Шарқӣ аҳамияти махсуси иқтисодӣ дошт. Зеро, баъди ин воқеа, ба ин гӯшаи дурдасти Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитой овардани молҳои талаботи рӯзафзуни мардум зиёд гардид ва нархи онҳо дар шаҳра-

---

[1] Шодиев М. Роҳ ва нақлиёт дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С. 12 – 13.

[2] Ҳотамов Н.Б. Асари номбаршуда. – С.117.

ки Мурғоб нисбат ба шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 2 – 3 баробар арзон шуд.

***Роҳи автомобилгарди Шкев-Зиғар***, ки аз 37,83 км иборат аст, барои ҷорӣ намудани алоқаи доимии ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон бо ноҳияҳои маркази ҷумҳурӣ муайян шуда буд. Хароҷоти умумии ин роҳ 31,75 млн. доллари амрикоиро ташкил намуд, ки он аз тарафи Фонди Кувайтии Рушди Иқтисодии Араб – 16,25 млн доллари амрикоӣ; Фонди ОПЕК Барои Рушди Байналхалқӣ – 4 млн доллари амрикоӣ; Фонди Рушди Саудӣ – 6 млн, доллари амрикоӣва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5,5 млн доллари амрикоӣ маблағгузорӣ шудааст.

Дар тендери эълонгардида ширкати туркии «Ояк Иншаат» ғолиб омад. Январи соли 2002 сохтмони роҳи автомобилгарди Шкев – Зиғар сар шуд ва 2 январи соли 2005 корҳои сохтмонии ин роҳ асосан иҷро гардид. Вале бартараф намудани норасоиҳо то 12 ноябри соли 2006 давом кард.

Ҳамин тавр бо сохта ба истифода додани роҳи автомобилгарди Шкев – Зиғар рафтуомади доимии мардуми ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои маркази ҷумҳурӣ барқарор гардид.

***Роҳи автомобилгарди Шоғон – Зиғар*** аз ду навбат иборат буд. Навбати аввалсохтмони 5,5 км.роҳро дар бар мегирифт, сохтмонаш 11 апрели соли 2003 сар шуд ва 28 майи соли 2005 ба итмом расид, бартараф намудани камбудиҳои роҳ то моҳи майи соли 2006 давом кард. Хароҷоти сохтмони ин роҳ қариб 12,2 млн доллари амрикоиро ташкил намуд, ки аз ин қариб 10 млн доллари амрикоӣ қарзи Бонки Рушди Исломӣ ва зиёда аз 2,3 млн. доллари амрикоӣ ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ оиди сохтани навбати дуюми роҳи автомибилгарди Шоғон – Зиғар аллакай моҳи марти соли 2005 омода ва ҳаҷми умумии хароҷот – 15,9 млн дол-

лари амрикоӣ мӯайян шуда буд. Бонки Рушди Исломӣ барои ин сохтмон 13770 ҳазор доллари амрикоӣ ҷудо кард. Аммо ширкати сохтмонии туркӣ «ТЕКАР», ки навбати якумро ҳам сохта буд, барои сохтани навбати дуюми роҳ 19,2 млн. доллар, яъне аз нақша 35% зиёд талаб кард. Баъди ин ширкати дигари сохтмонии туркӣ «Ояк Иншаат» даъват гардид. Аммо ин ширкатро шартҳои андоз, ки аз кодекси соли 2004 – и андоз бармеомад, хуш наомад. Бинобар ин масъала тӯл кашид.

Тобистон соли 2013 дар шаҳри Алма – Атои Қазоқистон гуфтушуниди байни вазири нақлиёти Тоҷикистон бо намояндаи минтақавии Бонки Рушди Исломӣ ба амал омад. Ҳангоми гуфтушунид масъалаи сохтмони навбати сеюми роҳи мошингардӣ Шоғон-Зағар, яъне роҳҳои байни Шӯрообод – Шоғон, инчунин Кӯлоб – Қалъаи Хумб муҳокима гардид.

24 июли соли 2015 дар натиҷаи зиёд об шудани барф ва омадани сел дар ҳудуди ноҳияи Дарвози Тоҷикистон, пеши дарёи Панҷро сангу шағал баст. Дар натиҷа оби дарёи Панҷ дар ҳудуди ноҳия аз ҳолати муқаррариаш5 метр боло баромад, ки он боиси дар зери об мондани 200 метр шоҳроҳи мошингарди Кӯлоб – Дарвоз, дар ҳудуди деҳаи Курговат гардид. Бо ҳамин сабаб шоҳроҳи Душанбе – Хоруғ, ба воситаи Кӯлоб, муваққатан баста шуд. Ин офати табиӣ зуд бартараф гардид. Шоҳроҳ дар ҳолати муқаррарӣ ба кор даромад.

***Дар роҳи автомобилгардии Душанбе – Қӯрғонтеппа – Дангара – Кӯлоб*** таъмири 80 км роҳ, барқарор намудани кӯпрук аз болои дарёи Вахш (наздикии деҳаи Қизилқалъа) ва дигар корҳои сохтмонӣ дар назар дошта шуда буд. Ба ин мақсад 26,8 млн доллари амрикоӣ мӯайян карда шуд, ки аз он 20 млн. долларашро Бонки Рушди Осиёӣ ба ӯҳда гирифт. Ба корҳои сохтмонӣ ширкати итолиёвӣ ҷалб гардид. 22 январи соли 2003 корҳои сохтмонии ин роҳ оғоз гардид ва соли 2006 он асосан

иҷро гардид.

Барқарор намудани ***роҳи автомобилгарди байни Душанбе ва сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон***, яке аз вазифаҳои асосии баромади Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бумбасти коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Барои ин барқарор намудани ***роҳи автомобилгардӣ Душанбе – Ҷиргатол – Саритош*** (сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон) зарур буд. Иҷроиши ин вазифа ба се марҳила тақсим карда шуда буд. Дар марҳилаи аввал барқарор намудани роҳи автомобилгарди Ваҳдат – Обигарм (73 км), бо чор адад кӯпрукҳо, таъмири роҳҳои автомобилгарди Душанбе – Ваҳдат, Обигарм – Нуробод ва ғайра дар назар дошта шуда буд. Маблағи хароҷот – 23,6 млн доллари амрикоӣ муайян шуда буд, ки аз ин 15 млн. доллараш ҳиссаи Бонки Рушди Осиё ва 6 млн. доллараш Хиссаи Фонди ОПЕК мебошад. Иҷроиши ин корҳо ба ӯҳдаи ширкати «Синахайдро» гузошта шуд. Корҳои барқарорсозӣ дар ин роҳҳо 20 ноябри соли 2005 оғоз гардид ва бояд дар муддати 38 моҳ иҷро гардад.

17 ноябри соли 2005 шартнома оиди маблағузории навбати дуюми ин роҳ, дар ҳаҷми 39,5 млн. доллари амрикоӣ имзо гардид, ки 30 млн. доллараш ҳиссаи Бонки Рушди Осиё ва 9,5 млн. доллараш ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин навбат беҳтар намудани ҳолати истифодабарии 89 км. роҳҳои автомобилгарди марказӣ ва 60 км. роҳҳои маҳаллӣ дар назар дошта шудааст.

**Нақбҳо.** Сохтмону таъмири роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ зарурияти сохтани якчанд нақбҳоро ба миён оварданд. Зеро, аз нимаи фасли тирамоҳ то баҳор алоқаи ноҳияҳои марказӣ ва шимолии ҷумҳурӣ ба воситаи роҳи автомобилгард қатъ мегардид. Чунин ҳолат барои ҷумҳурӣ сараввал зарурияти сохтани нақби «Истиқлол»-ро ба миён гузошт, ки он дар аввал бо номҳои нақби «Уштур» ва «Анзоб» ҳам маълум буд.

Сохтмони **нақби «Истиқлол»,** дарозиаш 5,2 км ҳанӯз соли 1989 оғоз гардида буд. Аммо, минбаъд бо сабабҳои маълуми ногувори ҷумҳурӣ, он ба вақти номаълум мавқуф гузошта шуд. Танҳо, баъди беҳтар гардидани вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ, аз соли 2003 сохтмони нақб идома дода шуд. Тендерро ширкати эронӣ «Собир Интернешнл» ба даст даровард ва маблағгузории онро, дар ҳаҷми 31 млн. доллари амрикоӣ (аз ин 10 млн. доллараш дар шакли грант) ҳукумати Эрон ба ӯҳда гирифт. 23 марти соли 2006 маросими кушодашавии ин нақб барпо гардид. Дар ин рӯз гурӯҳи намояндагони ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Эрон бори аввал бо мошинҳо, аз қисми ҷанубӣ ба қисми шимолии нақб гузоштанд. Дар баромадгоҳи қисми шимолии нақб меҳмононро мардуми ноҳияи Айнӣ истиқбол намуданд.[1]

Аммо дар нақби «Истиқлол» корҳои бартараф намудани норасоиҳо минбаъд ҳам идома ёфт. Аз ҷумла солҳои 2014 – 2015 корҳои таъмиру такмили ин нақб идома дода шуд. Аз 22 июн то 25 сентябри соли 2015 ҳаракати нақлиёт аз нақб маҳдуд гардид. Барои анҷоми ин корҳо ҳар ду тараф-Тоҷикистон ва Эрон 3 млн. долларӣ, ҷамъ 6 млн. доллари амрикоӣ ҷудо карданд. 25 сентябри соли 2015 маҳдудияти гузариши нақлиёт аз нақб бардошта шуд. Вале корҳои бартараф намудани норасоиҳо ҳанӯз ҳам давом дорад.

11 июли соли 2006 ба сохтмони **нақби «Шаҳристон»** шурӯъ карданд. Маблағгузори асосӣ ва мутахассисон хитоӣ буда, аксари коргарон маҳаллиён ба ҳисоб мерафтанд. Ин нақб 27 октябри соли 2012 ба истифода дода шуд.

5 сентябри соли 2006 сохтмони **нақби Озодӣ, собиқ Шар-Шар** (дарозиаш – 2224 метр) оғоз гардид, ки иҷроиши онро низ сохтмончиёни хитоӣ ба ӯҳда доштанд. Маблағгузорӣ низ аз тарафи ҶХ Хитой буд. Сохтмони ин нақб соли 2009 ба итмом расид ва нақб 3 сентябри ҳамон

---

[1]Ҳотамов Н.Б. Асари номбаршуда. – С. 122-123.

сол ба фаъолият шурӯъ *кард*.

15 марти соли 2010 сохтмони **нақби Хатлон (Чормағзак)** оғоз гардид, ки дарозиаш 4450 м. мебошанд. Хароҷоти умумиаш қариб 70 млн. доллари амрикоӣ буда, қисми асосии маблағи сохтмон ва мутахассисон аз ҳисоби Хитой мебошанд. 1 октябри соли 2013 нақб ба таври расмӣ кушода шуд.[1]

Умуман сохтан ва таъмири роҳҳои номбурдаи автомобилгард ва нақбу кӯпрукҳо минбаъд барои пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурии мо аҳамияти махсус доранд.

***Роҳи оҳан.*** То истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи оҳани он аз ду қисми зерин иборат буд: шӯъбаи душанбегӣ ва минтақаи ленинободӣ (ҳоло суғдии) шӯъбаи фарғонагии роҳи оҳани Осиёи Миёна. 17 августи соли 1994 дар асоси базаи душанбегӣ ва минтақаи ленинободӣ, бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурӣ Роҳи оҳани Тоҷикистон ташкил ёфт. Барои Роҳи оҳани Тоҷикистон солҳои 90-уми асри XX умуман солҳои душвор ба ҳисоб меравад. Зеро, ба ин соҳа аз як тараф барҳамхӯрии Итиҳоди Шӯравӣ ва аз тарафи дигар ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он бештар таъсири манфӣ дошт. Аз ҷумла, роҳи оҳани 149 километраи Қӯрғонтеппа – Сангтӯда – Данғара – Фархор – Восеъ – Кӯлоб мебоист дар муддати солҳои 1991-1996, аз ҳисоби буҷаи итифоқ сохта мешуд, ки амалӣ нашуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлобро ба эътибор гирифта, новобаста аз душвориҳои иқтисодӣ ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ, ҳатто соли 1993 қарори идома додани ин сохтмонро қабул кард. Албатта вазъи ҷумҳурӣ ба суръати сохтмон халал мерасонид. Бинобар ин, танҳо 7 сентябри соли 1998 навбати аввали ин роҳ: Қӯрғонтеппа – Сангтӯда – Данғара сохта ба истифода дода шуд. 1 сентябри соли

---

[1] Азия-Плюс. – 2013. – 01окт.

1999 сохтмони навбати дуюми ин роҳ: Данғара – Олимтой – Қурбоншаҳид – Кӯлоб ба итмом расид.

Умуман вазъи душвори роҳи оҳани Тоҷикистон то соли 2002 давом кард. Танҳо аз ҳамин сол сар карда дар ин соҳа беҳбудӣ эҳсос гардид. То ин вақт қарзи роҳи оҳани мамлакат аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (СНГ) ба 36,1 млн. доллари амрикоӣ расида буд. Аз ин миқдор қарз, роҳи оҳани мамлакат дар муддати солҳои 2002 – 2005 тавонист 24,6 млн. долларашро баргардонад ва қарзи 5,5 млн. доллари Ҷумҳурии Федеративии Олмонро пӯшонад. Илова ба ҳамаи ин дар муддати кӯтоҳ оиди сохтан ва таъмири лавозимоти роҳи оҳан як қатор завод ва сехҳо ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, 9 сентябри соли 2003 дар Сарбанд заводи истеҳсоли шпалаҳои роҳи оҳан ба кор даромад. Ба ғайр аз ин сехи рангуборкунӣ дар заводи таъмири вагонҳои Маҳрам, сехи таъмири вагонҳои мусофирбар дар истгоҳи Роҳатӣ ва ғайраҳо ба кор даромаданд.[1]

Дар натиҷаи беҳтар гардидани вазъи роҳи оҳан хатти ҳаракати поездҳои мусофиркаш ҳам зиёд шуд. Аз ҷумла, ба поездҳои мусофирбари Душанбе – Астрахан, аз 5 октябри соли 2002 поезди мусофиркаши Кӯлоб – Астрахан, аз 5 майи соли 2004 Хуҷанд – Астрахан илова гардиданд. Баъдтар ин поездҳои мусофиркаш самти ҳаракати худро аз Астрахан то Масква давом доданд.

Соли 2005 поездҳои мусофиркаш дар як ҳафта ба 7 самти гуногун ҳаракат карда, дар як сол ба зиёда аз 600 ҳазор нафар мусофирон хизмат расонидаанд. Аммо ҳиссаи роҳи оҳан дар мусофиркашонӣ, махсусан дар солҳои охир хеле кам шудааст. Чунончӣ, ҳамагӣ ба воситаи роҳи оҳан мусофирон кашонда шудаанд: соли 2009-0,7 млн. нафар мусофир; соли 2010-0,6 млн нафар; соли 2011-0,6 млн. нафар; соли 2012-0,5 млн. нафар ва соли 2013 ҳамагӣ

---

[1]Таджикская жилезная дорога. – Душанбе, 2005. – С. 22-27.

0,5 млн. нафар мусофирон аз роҳи оҳан истифода карданд.

Албатта роҳи оҳан дар кашонидани борҳои гуногун мақоми асосиро мебозид. Зиёда аз 90% борҳои ба давлатҳои дигар алоқаманди ҷумҳурӣ маҳз ба воситаи роҳи оҳан кашонида мешуд. Дар соли 2005 ҳаҷми борҳои кашонидашуда қариб 12 млн. тоннаро ташкил намудааст. Вале минбаъд ҳиссаи роҳи оҳани ҷумҳурӣ дар ин самт ҳам сол аз сол кам шудан гирифт. Масалан, боркашонӣ бо роҳи оҳан (ҳамагӣ): соли 2009-14.546,0 ҳаз. тонна; соли 2010-10.445,0 ҳаз. тонна; соли 2011-9.257,0 ҳаз. тонна; соли 2012-8.405,0 ҳаз. тонна ва соли 2013-6.735,3 ҳаз. тоннаро ташкил додааст.

Дар соли 2005 дарозии умумии хатҳои роҳи оҳани Тоҷикистон 950,7 км – ро ташкил медод, ки аз ин 697,9 км – хати асосӣ буда, боқимонда хатҳои истгоҳӣ ва фаръӣ мебошанд. Дар ин муддат дар ихтиёри роҳи оҳани Тоҷикистон 291 адад вагонҳои мусофиркаш, 1760 вагонҳои боркаш ва 57 адад тепловозҳо буданд. Дар тамоми хатҳои роҳи оҳани ҷумҳурӣ 33 адад истгоҳ ва 26 вакзалҳои роҳи оҳан воқеъ гардида буданд.

Ин ҳама гувоҳии он, аст, ки вазъи роҳи оҳани ҷумҳурӣ сол аз сол беҳтар шуда истодааст. Аз ҷумла, танҳо соли 2012 ҷамъ 400 адад вагонҳои гуногун харида шуд. Моҳи июли соли 2013 дар ихтиёри Роҳи оҳани Тоҷикистон 2269 адад вагонҳои боркаш, 436 адад вагонҳои мусофирбар ва 56 адад тепловозҳо буданд.[1]

***Нақлиёти ҳавоӣ.*** Аз сабаи он, ки ҷумҳурии мо мамлакати кӯҳӣ ба ҳисоб меравад, барои осон гардонидани рафту омади мардум нақлиёти ҳавоӣ аҳамияти махсус дорад. Аз ин рӯ, аллакай солҳои 50-80-уми асри XX нақлиёти ҳавоӣ ба яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқи мамлакат табдил ёфта буд. Махсусан, солҳои 70-80-ӯм маркази ҷумҳурӣ –

---

[1] Азия-Плюс. – 2013. – 22июл.

шаҳри Душанбе, қариб бо ҳамаи шаҳрҳо ва ноҳияҳои мамлакат алоқаи ҳавоӣ дошт. Ҳатто мувофиқи ҷадвали зимистонаю аввали баҳор (аз 1 январ то 30 апрели соли 1987) аз Душанбе танҳо ба шаҳри Хуҷанд 16 хатсайр мавҷуд буд, аз ҷумла 7 хатсайрро самолётҳои ТУ-134 иҷро менамуданд. Ҳар рӯз ба шаҳрҳои Москва 3 – 4 хатсайр, Самарқанд – 5 хатсайр, Тошканд – 2 хатсайри самолётҳои калонҳаҷми ТУ-154 ҳаракат мекарданд.

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фонди Иттифоқ миқдори хеле ками самолётҳо расиду халос. Бисёре аз мутахассисони ин соҳа аз ҷумҳурӣ рафтанд. Ин ҳама хатти ҳавоии мамлакатро ба ҳолати ногувор гузошт.

Соли 1992 Ширкати давлатии авиатсионии «Тоҷикистон» ташкил ёфт ва 1 марти ҳамон сол самолётҳои ҷумҳурӣ бо ҳамин нишон парвоз карданд. Ҳамон сол шӯъбаи хориҷии ширкат бунёд гардид, ки он барои ташкил намудани хатсайрҳои авиатсионии шаҳрвандӣ дар муддати кӯтоҳ хатти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳуриҳои Исломии Покистон, Афғонистон, Эрон, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Арабистони Саудӣ, Ҳиндустон, Туркия ва ғайра ба роҳ монд.

Солҳои 1995-1996 бо кӯмаки ширкатҳои хориҷӣ ва маблағгузорони гуногун майдони ҳавоии Душанбе таъмир карда шуд. Минбаъд, майдонҳои ҳавоии шаҳрҳои Хуҷанд ва Кӯлоб, бо чунин кӯмак аз таъмир баромаданд. Фурудгоҳҳои ин шаҳрҳо бо асбоб ва таҷҳизоти навтарин мӯҷаҳҳаз гардиданд. Майдонҳои ҳавоии онҳо имконият пайдо карданд, ки бузургтарин самолётҳои мусофиркаш, ба монанди ТУ-154, Ил-76, Боинг ва ғайраҳоро қабул намоянд.

Ҳамаи ин дигаргуниҳо имконият доданд, ки авиатсияи шаҳрвандии Тоҷикистон низ дар миқёси байналхалқӣ барои худ роҳ пайдо кунад. Аз ҷумла соли 2005, фурудгоҳҳои Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб, дар асоси шарт-

номаҳои тарафайн, ки фурудгоҳҳои байналхалқӣ ҳисоб мешаванд, бо 15 ширкатҳои авиатсионии Федератсияи Русия, Хитой, Қирғизистон, Эрон ва Афғонистон парвози мунтаззамро ба 24 самт ташкил намуданд. Ин ҳама аз ояндаи хуби хатти ҳавоии ҷумҳурии мо дарак медиҳад.

Умуман дар солҳои охир дар боркашонии ҳавоӣ дигаргунии ҷиддӣ ба амал наомада бошад ҳам, аммо дар мусофиркашонӣ ҳолати зиёдшавӣ мушоҳида мегардад. Чунончӣ: соли 2009-0,7 млн. нафар мусофир; соли 2010-0,8 млн. нафар; соли 2011-0,8 млн. нафар; соли 2012-1,0 млн. нафар ва соли 2013-1,1 млн. нафар мусофирон кашонда шудаанд.[1]

***Алоқа.*** То барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои низоми нисбатан хуби алоқаи электронӣ, радио ва оинаи нилгунба ҳисоб мерафт. Алоқаи почта тамоми ҳудуди мамлакатро фаро гирифта буд. Дар шаҳрҳо ва ноҳияву маҳалҳо зиёда аз 400 истгоҳи автоматии телефонӣ фаъолият мекард. Қариб ҳамаи колхозу совхозҳо бо телефонҳои дохилӣ таъмин буданд. Инчунин бисёре аз онҳо васоити радиошунавонӣ ҳам доштанд. Охири соли 1991 миқдори умумии мавҷпаҳнкунандаҳои телевизионӣ ба 400 адад расида буд. Иқтидори радиомавҷҳо, ки дар мавҷҳои миёна ва дур паҳн мегардиданд, қариб 600 квт-ро ташкил медоданд.

Умуман, дар ҷумҳурӣ дар ҳудуде, ки мавҷи барномаи якуми телевизионии Иттиҳоди Шӯравӣ паҳн мегардид, 80% аҳолӣ ва ҳудуде, ки барномаи якуми телевизионии ҷумҳурӣ фаро мегирифт 76% аҳолӣ зиндагӣ мекарданд. Баъзе аз деҳаҳои ноҳияҳои Айнӣ, Ғончӣ, Ҷиргатол, Зафаробод, Ашт, Масчо, Ҳисор, Ленин (ҳозира Рудакӣ) ва ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон аз имконияти тамошои оинаи нилгуни ҷумҳуриявӣ маҳрум буданд. Ё худ 93-95%-и аҳолии ҷумҳурӣ имконияти шунидани радиоро до-

---

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014. – С. 309-310.

штанд.[1] Албатта чунин ҳолат барои мамлакати кӯҳистонӣ чандон бад набуд.

Дар замони ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи алоқа зарари зиёд дид. Зеро, на танҳо аз ҷумҳурӣ бештар мутахассисони ин соҳа рафтанд, балки дар ноҳияҳое, ки ҷанги бародаркуш фаро гирифта буд, молу мулки соҳаи алоқа ғорат карда шуд. Хатти телефонҳои маҳаллии зиёда аз 60 ҳазор муштариён аз кор баромаданд. Аммо, ба ҳамаи душвориҳои замони ҷанг нигоҳ накарда, дар ҷумҳурӣ, дар ноҳияҳое, ки амалиёти ҷангӣ мерафт, шӯъбаҳои гуфтугӯии телефонии байнишаҳрӣ ва байналхалқӣ мунтазам фаъолият намуданд. Маҳз дар ҳамин давраи душвор, дар шаҳри Душанбе, дар шафати Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ, дар асоси таҷҳизоти электронӣ аввалин нуқтаи байналхалқии телефонӣ сохта ба истифода дода шуд.

Собиқ Вазорати алоқаи ҷумҳурӣ барои баровардани маркаҳои почта кӯшид. Дар натиҷа моҳи майи соли 1992 аввалин маркаи почтавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровварда шуд. Бо мақсади минбаъд ба танзим даровардани ин соҳа моҳи октябри соли 2001 ташкилоти ягонаи давлатии «Марказӣ марка»-ро ташкил намуданд. Дар натиҷа дар ҷумҳурӣ то аввали соли 2006 қариб 400 намуди маркаҳои почтавӣ бароварда шуданд, ки онҳо соҳаҳои гуногуни мамлакат: фарҳанг, илм, саноат ва ғайраро инъикос менамуданд.

Ҳанӯз дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ зарурияти дуруст ба роҳ мондани фаъолияти радио ва телевизион ба миён омад. Барои ин қарори соли 1996 баровардаи Ҳукумати ҷумҳурӣ «Оиди чораҳои ташкил намудани низоми алоқаи телекоммуникатсионӣ» аҳамияти махсус дошт. Дар асоси

---

[1] Саъдиев Ш.С. Роль средств массовой информации и пропоганды в воспитании молодежи (1976-1986гг.). Дисс… кан. ист. наук. – Душанбе ,1990. – С. 166.

ин қарор стансияҳои радифи мавҷи телевизионӣ сохта шуд, ки дар асоси шакли рақамӣ, ба воситаи аппарати кайҳонии Федератсияи Русия «Горизонт» фаъолият мекард. Ин ҳама имконият дод, ки аллакай охири соли 1996 мардуми шаҳри Хоруғ аввалин бор аз тамошои барномаи оинаи нилгуни Тоҷикистон (ТВТ) баҳравар гарданд. Аз ҳамон лаҳза дар ҷумҳурӣ хатти радифи оинаи нилгуни миллӣ инкишоф ёфт. Нуқтаҳои қабули радифӣ дар ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшонт, вилоятҳои Суғду Хатлонва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузошта шуданд. Ба ғайр аз ин, истгоҳҳои мавҷӣ имконият доданд, ки барномаҳои миллии оинаи нилгуни Тоҷикистон дар тамоми минтақаи шимолии курраи замин, аз Япония то Олмон намоиш дода шаванд.

Соли 2002 дар ҷумҳурӣ барномаи мақсадноки инкишофи ойинаи нилгуни миллӣ – «Мавҷи Сомон – 2005» қабул шуд, ки он пурра иҷро гардид. Дар нуқтаҳои гуногуни ҷумҳурӣ даҳҳо мавҷпаҳкунакҳои иловагӣ гузошта шуданд. Умуман шумораи мавҷпаҳкунакҳои амалкунандаи оинаи нилгун дар ҷумҳурӣ ба 500 адад расид.[1]Ин ҳама имконият дод, ки тамоми мардуми мамлакат аз барномаҳои оинаи нилгуни ҷумҳурӣ баҳравар шаванд.

Дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ яке аз воқеаҳои муҳимтарин ин сентябр соли2005 ташкил шудани студияи нави оинаи нилгун «Сафина» («ТВС») ба ҳисоб меравад. Моҳи сентябри соли 2006 студияи нави махсус барои наврасон – «Баҳористон» ба фаъолият шурӯъ кард. Ин студияи сеюмини оинаи нилгуни ҷумҳурӣ мебошад. Соли 2015 студияҳои «Варзиш» ва «Синамо» таъсис дода шуданд. Дар замони истиқлолият дар ҳамаи марказҳои вилоятӣ ва дар баъзе ноҳияҳои ҷумҳурӣ студияҳои маҳаллии оинаи нилгун бунёд гардиданд.

---

[1] Бойгонии ҷории Вазорати алоқаи ҶТ. Связь за период независимости. 2006. – В. 3.

Дар шароити ҳозира мақоми муҳим доштани алоқаи телефониро ба назар гирифта, дар солҳои душвори 1995 – 1996, дар ҷумҳурӣ се стансияҳои телефонҳои рақамии иқтидорашон 18 ҳазор рақам ва тракти рақамииспутникӣ барои30 каналбакордаромаданд. Ин ҳама имконияти гуфтугӯи телефонии байналхалқиробоз ҳамхубтаргардонид.

Соли 1996 Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар бораи ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ намудани соҳаи алоқа қароридахлдор қабулнамуд. Дар асоси он дар ҷумҳурӣ ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушод – «Тоҷиктелеком», киҳамаиташкилотҳоиалоқаителефонирова «Телерадиоком», китамоми соҳаҳоиоинаинилгун варадиошунавиромуттаҳидменамояд,бунёдгардиданд. Инчунин Департаментидавлатии«Почтаи Тоҷикистон», китамомиташкилотҳоиалоқаипочтавии ҷумҳуриромуттаҳидменамояд, ташкил ёфт. Ин ҳама тайғиротҳоимконият муҳайёнамуданд, кидарсоҳаиалоқаҳар чӣбештармуносибатҳоибозорӣ ҷорӣгардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли1996 аввалин литсензиябароифаъолиятимустақилонаиалоқаителефонии алтернативӣдодашудабуд. Аввали соли 2006 шумораионба127 ададрасид. Агар соли 1996 дар ҷумҳурӣ танҳо ягона ширкати алоқаи телефонии дастӣ – «Таджик тел», бо шумораи 79 адад муштариён мавҷуд бошад, пасаввали соли 2006 шумораи ширкатҳои телефонҳои дастӣ ба 10 адад расид, ки ҷамъ дорои 420 ҳазор муштарӣ буданд. Дар ҷумҳурӣ дар ин давра чунин ширкатҳои телефонии дастӣ – мобилӣ ба монанди «Вавилон», «МЛТ», «ТК Мобайл», «Билайн» ва «МТЕКО» мақоми хосаро пайдо намуда буданд. Дар байни онҳо ширкати «Вавилон» мақоми бештарро ишғол мекард. Аввали соли 2007 шумораи муштариёни ин ширкат аз 400 ҳазор адад зиёд шуда буд.

Махсусан дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ низоми интернет ва почтаи электронӣ мақоми муҳимро ишғол намуд. Соли 2004 дар ҷумҳурӣ шумораи истифодабарандагони


www.ravshanfikr.tj

интернет ба 2344 ва истифодабарандагони почтаи электронӣ ба 1.763 адад расида буд.

Соли 2013 дар ҷумҳурӣ шумораи ширкатҳои хизматрасонии нави алоқа ба 17 адад, шумораи умумии муштариёни алоқаи мобилӣ ба 10.912.080 адад ва шумораи муштариёни интернет ба 3.800.453 адад расид. Шумораи муштариёни алоқаи мобилии ҶДММ «Вавилон – мобайл» аз ҳама зиёд 3.425.509 адад, шумораи муштариёни интернет аз ҳама зиёд – ҶДММ «Таком» – 1.138.626 адад мебошанд.[1]

Низоми телеграфии ҷумҳурӣ ҳам хеле такмил ёфт. Ҳанӯз соли 1998 дар шаҳри Душанбе стансияи телеграфии «СТИН», бо иқтидори 320 нуқта ба кор шурӯъ кард, ки он системаҳои кӯҳнашудаи ин соҳаро иваз кард. Соли 200-ӯм, дар асоси шартнома бо ширкати «Билат»-и Исроил, аввалин бор комплектҳои аппаратураи алоқаи рақамии спутники низоми «ДАМА» дар чунин нуқтаҳо: Душанбе (стансияи марказӣ), Қӯрғонтеппа, Шӯрообод, Данғара, Хорӯғ, Дарвоз, Ғарм, Дарбанд, Ҷиргатол, Тавилдара, Ҳуҷанд, Кӯҳистони Масчо, Сағирдашт ва Миёнаду гузошта шуданд. Гузаштан ба низоми «ДАМА» имконияти сифати баланди алоқаи телефонии байнишаҳрӣ ва ноҳияҳои ҷумҳуриро муҳайё намуд.

Махсусан дар солҳои охир барои ба технологияи нави замонавӣ таҷҳизонидани низоми алоқаи телефонӣ диққати махсус дода шуд. Бо қарзи дарозмуддати Бонки Таҷдид ва Рушди Аврупо дар муддати солҳои 2003-2005 зиёда 80% стансияҳои кӯҳнаи телефонӣ ба низоми нави рақамии АТС гузаштанд.

Дар шароити имрӯза ба воситаи почта фиристодан ва қабул кардани асъор ҳам мақоми зиёд пайдо намуд. Оиди ин масъала соли 1997 дар байни давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шартномаи дутарафаимзо

---

[1] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014. – С. 314.

гардида буд. Соли 2000-ӯм Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шартномаро бо давлати Туркия ҳам имзокард.

Почта, мисли пештара барои ба мардум дастрас намудани мактубу барқияҳо, рӯзномаю маҷаллаҳо мақоми муҳим мебозад. Он харобӣ ва зараре, ки барои нуқтаҳои гуногуни алоқа дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ расонида буданд, пурра бартараф карда шуданд. Барои аз марказ фиристодани маводҳои зарурӣ барои ноҳияҳои Суғд ва Кӯҳистони Бадахшон аз ҳавопаймоҳо истифода мебаранд. Маводҳои почта ба навоҳии вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ дастрас мешаванд.

### Тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ

***Тиҷорати дохилӣ.*** Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар соҳаи тиҷорати дохилӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Зеро, то ин давра дар тиҷорати чакана бахши давлатию кооперативӣ ҳукмфармо буданд. Соли 1991 миқдори умумии онҳо ба 10632 адад мерасид. Аз он 3294 адад нуқтаҳои давлатӣ ва 7231ададнуқтаҳои кооперативии истеҳсолӣ буданд.[1] Дар натиҷаи хусусигардонӣ қариб тамоми нуқтаҳои тиҷоратии давлатӣ хусусӣ гардонида шуданд. Бо ташаббуси соҳибкорони алоҳида мағозаю тарабхонаҳо, қаҳвахонаю ошхонаҳои хусусӣ ба вуҷуд омаданд. Соли 2004 дар соҳаи тиҷорат, аз ҳисоби умумӣ аллакай 98,8%-ро сохтори ғайридавлатӣ ташкил менамуд. Соли 2013 бошад шакли ғайридавлатии моликият ба 99,1% расид.

Инкишофи бозорҳо яке аз хусусиятҳои хоси давраи гузариш ва далели тараққии тиҷорати дохилӣ мебошад. Дар муддати хеле кӯтоҳ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бозорҳои мавҷуда, ки қариб ҳама хусусӣ гардо-

---

[1] Таджикистан: 15 лет государственной независимости. Стат. Сб. – С. 420.

нида шуданд, симои худро беҳтар намуданд. Дар баробари бозорҳои мавҷуда бозорҳои нави хусусӣ ба вуҷуд омаданд. Танҳо дар шаҳри Душанбе, дар баробари бозорҳои нисбатан калони мавҷуда, ба монанди бозорҳои «Баракат», «Шоҳмансур», «Саховат», бозорҳои нав, ба монанди «Султони Кабир», «Корвон» «Ҷал-Ҷам», «Пойтахт-90» ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Маҳз дар ҳамин давра дар бисёр маҳаллаҳои аҳолинишини шаҳр низ бозорҳои нисбатан хурди замонавӣ бунёдгардиданд.

Бо сабаби он, ки солҳои 90-уми асри XX дар ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ хеле паст рафт, талаботи рӯзафзуни мардум бештар бо маводҳое, ки аз хориҷи кишвар оварда мешуд, таъмин мегардид. Чунин тиҷорат бештар аз тарафи шахсони алоҳида сурат мегирифт.

Соли 2004 дар байни молҳое, ки дар дохили ҷумҳурӣ ба фурӯш рафтанд 56,1% (ба маблағи 1041,5 млн. сомонӣ) маводҳои хӯрокворӣ ва 43,9% (ба маблағи 815,0 млн. сомонӣ) маводҳои ғайрихӯрокворӣ ташкил намуданд. Дар ин сол ба ҳисоби миёна ба ҳар як нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ 277,3 сомонӣ мол фурӯхта шудааст.[1]

Махсусан дар солҳои охир тиҷорати дохилӣ инкишоф ёфт. Масалан, вазъи гардиши моли чакана дар ҷумҳурӣ чунин буд: соли 2010 – 5.997,7 млн сомонӣ; соли 2011 – 7.425,5 млн сомонӣ; соли 2012 – 9.013,9 млн сомонӣ ва соли 2013 ба 11.311,7 млн сомонӣ расид.[2]

Дар таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо лавозимоти маданию маишии истифодаи тӯлонӣ дар баъзе намудҳои он пешравиҳо ба назар мерасанд. Масалан, ба ҳар сад оила таъмини телевизор чунин афзудааст: соли 2007 – 50 адад; соли 2009 – 87 адад; соли 2011 – 89 адад; соли 2012 – 106 адад; ва соли 2013 – 173 адад. Яъне, соли 2013 нисбат ба соли 2007 таъмини аҳолӣ бо телевизорҳо зиёда аз се ба-

---

[1] Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за 2004 год. – Душанбе, 2005. – С. 172 – 173.
[2]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014. – С. 381.

робар афзудааст. Вале, агар соли 2007 ба ҳар 100 оила 19 адад яхдон ва сармодон, 3 адад мошини ҷомашӯӣ рост ояд, пас соли 2013 ба 23 адад яхдон ва сармодон, 8 адад мошини ҷомашӯӣ рост меояду халос, ки хеле кам аст.

***Тиҷорати хориҷӣ.*** Ташкили мустақилонаи тиҷорати хориҷӣ яке аз нишонаҳои истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин самти тиҷорат яке аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ мебошад. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои мувофиқи талаботи байналхалқӣ ташкил намудани ин соҳа, як қатор ҳуҷҷатҳои зарурии меъёрӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, соли 1993 Қонун «Дар бораи равобити иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки он на танҳо равобити иқтисодии хориҷӣ, балки сиёсати арзӣ ва қарзии ҷумҳуриро низ муайян кард.

Нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX дар тиҷорати хориҷии Тоҷикистон ҳиссаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ бештар буд ва соли 1991 он 80% – ро ташкил дод. Аз миёнаи он солҳо ҳиссаи мамолики Аврупои Ғарбӣ оҳиста – оҳиста инкишоф ёфт. Масалан, соли 1995 аз ҷумҳурии мо 210490,3 тонна маҳсулот бароварда шуд, ки 161544,2 тоннааш ба мамлакатҳои Аврупо рост меояд. Албатта дар байни молҳое, ки аз Тоҷикистон бароварда мешуд, мақоми асосиро арзиз (алюминий) ва нахи пахта ташкил медоданд. Аз ҷумла, соли 1995 ҳиссаи давлатҳое, ки арзизи (Тоҷикистонро харид намудаанд, чунин аст: Нидерландия – 54,1%, Белгия – 13,2%, Финляндия – 7,16%, Англия – 5,8% ва ғайраҳо. Он сол нахи пахтаи Тоҷикистонро давлатҳои зерин харид карданд: Швейтсария – 16,9%, Русия – 11,8%, Литва – 8,2% ва ғайра. Ҳамон сол аз Тоҷикистон ба миқдори умумӣ 2334 ҳазор тонна пӯст бароварда шудааст. Харидорони асосии ин маҳсулот Туркия, Афғонистон, Эрон, Покистон буданд.[1]

---

[1]Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисоботҳо. 1995. – В.8.


www.ravshanfikr.tj

Дар байни молҳое, ки соли 2004 аз Тоҷикистон бароварда шуд боз мақоми асосиро арзиз ва нахи пахта ташкил намуданд. Дар ин ҷода ҳиссаи давлатҳои харидор чунин аст: Нидерландия – 41,4%, Туркия – 15,3%, Швейтсария – 6,9%, Ӯзбекистон – 7,2 %, Латвия – 7,1, Русия – 6,6% ва ғайра.

Аз мамолики хориҷӣ ба Тоҷикистон бештар маводи сӯхт, ғалла, орд, шакар, равғанҳои истеъмолӣ, қолинҳо, молҳои гуногуни саноатӣ, сохтмонӣ ва ғайра ворид гардиданд. Аз ҷумла, соли 1995 маҳсулоти нафтӣ аз Русия – 109042,9 тонна, аз Ӯзбекистон – 13477,6 тонна; бензин аз Туркманистон – 26046,6 тонна, аз Қазоқистон – 16294,98 тонна оварда шуданд. Танҳо дар даҳ моҳи он сол ба ҷумҳурии мо 279148 тоннағалла ва 87479 тонна орд овардаанд. Инчунин, ҳамон сол ёрии башардӯстона низ 15340 тонна ғалла ва 57980 тонна ордро ташкил дод.

Агар барои муайян кардани дараҷаи тиҷорати хориҷии Тоҷикистон назар афканем, пас маълум мешавад, ки дар солҳои охир содирот кам шуда, воридот хеле афзудааст. Масалан, содирот: соли 2007 – – 1.468,1 млн. доллар; соли 2009 – 1.010,3 млн. доллар; соли 2010 – 1.194,7 млн. доллар; соли 2011 – 1.257,3 млн. доллар; соли 2012 – 1.359,7 млн. доллар; ва соли 2013 – 1.161,8 млн. долларро ташкил додааст. Ё худ соли 2007 содирот ба мамлакатҳои ИДМ – 228,9 млн. доллар, ба мамлакати дигар – 1.239,2 млн. доллар; соли 2013 бошад, ба малакатҳои ИДМ – 232,4 млн. доллар, ба мамлакатҳои дигар 929,4 млн. долларро ташкил додаасту халос. Сабаб, хеле паст фаромадани нархи арзиз (алюминий) ва нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Воридот бошад: соли 2007 – 2547,2 млн. доллар; соли 2009 – 2.569,5 млн. доллар; соли 2010 – 2.656,9 млн. доллар; соли 2011 – 3.206,0 млн. доллар; соли 2012 – 3.778,4 млн. доллар ва соли 2013 – 4.150,7 млн. доллари амрикоиро ташкил намудааст. Яъне, дар соли 2013 ҳиссаи воридот аз содирот

зиёда аз 3,5 баробар афзудааст.[1]

## Маблағгузории (инвеститсияи) хориҷӣ ва корхонаҳои муштарак

***Маблағгузории хориҷӣ***. Инвеститсия – ин гузориши сармояи молиявӣ, материалӣ ва ё интеллектуалӣ (ақлӣ) дар ягон соҳа, бо мақсади дар оянда ба даст овардани фоида ба ҳисоб меравад. Дар ҷумҳурии мо барои ҳар чӣ тезтар ба анҷом расонидани давраи азнавбарқароркунии хоҷагии халқ, махсусан барои сохтмони корхонаҳои азим маблағгузории дохилӣ хеле нокифоя аст. Бинобар ин, барои ба анҷом расонидани ин вазифаҳо маблағгузории хориҷӣ хеле зарур мебошад.

Барои ҷалб намудани маблағгузории хориҷӣ, пеш аз ҳама, вазъи мамлакат мӯътадил буда, нуқтаҳои маблағталаб бояд диққати соҳибони чунин маблағро ба худ ҷалб карда тавонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар ин самт муҳайё намудани асосҳои қонунӣ ҳанӯзсоли 1992Қонун «Дар бораи инвеститсияи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гадида буд.Аммо ҷанги шаҳрвандӣ ва хоҷагии халқи харобгардида маблағгузорони хориҷиро аз мо дур кард. Вале дар замони ҷанги шаҳрвандӣ низ ҳамин, ки гуфтушуниди байни тоҷикон азояндаи нек – сулҳ дарак медод, баъзеташкилоти молиявии байналхалқӣ ба Тоҷикистон кӯмаки молиявии худро пешниҳод менамуданд. Аз ҷумла, 8 майи соли 1996 Фонди Байналмилалии сармоя ба Тоҷикистон 22 млн долари амрикоӣ пешниҳод намуд. Дар соли имзои сулҳи байни тоҷикон – соли 1997зиёда аз 20 маблағгузорони хориҷӣ шартномаҳои фючерсиро ба маблағи 75 млн. доллари амрикоӣ имзо карданд.

Имзои созишномаи байни тоҷикон обрӯ ва эътибори

---

[1]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014. - Душанбе, 2015. - С. 317.

Тоҷикистонро дар байни ташкилотҳои байналхалқии ҷаҳонӣ зиёд намуд. Ин ташкилотҳо минбаъд ба ҷумҳурии мо ҳамчун ба мамлакати нисбатан ором менигаристанд ва бе ягон хавф маблағгузорӣ менамуданд. Аз ҷумла, соли 1998 ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ барои Тоҷикистон қариб 160 млн. доллари амрикоӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карданд.

Соли 2000 вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат беҳтар гардид. Дар мамлакат Комиссияи оштии миллӣ вазифаи худро шарафмандона иҷро намуд ва Парламенти ду палатагӣ ташкил ёфт. Бо ба муомилот баровардани пулӣ миллӣ – сомонӣ (соли 2000) пеши роҳи беқурбшавии пул низ гирифта шуд. Чунин ҳолатҳои мусбат аз назари маблағгузорони хориҷӣ дар канор намонд. Соли 2000-ум дар ҷумҳурӣ 13 лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ, дар ҳаҷми 190 млн доллари амрикоӣ амалӣ мегардид. Моҳи майи соли 2003 дар шаҳри Душанбе ҷамъомади мамлакатҳои кӯмакрасон (донорҳо) барпо гардид, ки дар он намояндагон аз 17 мамлакат ва 30 ташкилоти байналхалқӣ иштирок намуданд.Дар он ҷамъомад, бо мақсади дар ҷумҳурӣ маҳдуд намудани камбизоатӣ, ваъда доданд, ки ба миқдори умумӣ – 900 млн. доллари амрикоӣ ҷудо менамоянд ва аз ин ҳисоб 700 млн. доллараш ҳамчун кӯмаки бебозгашт мебошад.

25-28 сентябрисоли 2003 дар Душанбе конференсияи байналхалқӣ оиди масъалаи маблағгузории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ тарафи Бонки Исломии Рушд, бо иштироки донорҳо аз мамлакатҳои араб барпо гардид. Дар он 121 соҳибкорон аз мамлакатҳои гуногуни араб, 22 нафар намояндагони Бонки Исломии Рушд ва зиёда аз 300 нафар соҳибкорони Тоҷикистон ҳузур доштанд. Дар хулосаи он барои ҷумҳурӣ соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ, нақлиёт ва туризм самтҳои ояндадор ҳисобида шуд.

Мувофиқи маълумоти соли 2006 Бонки Миллии

Тоҷикистон ҳиссаи ташкилотҳои молиявии хориҷӣ дар маблағгузории Тоҷикистон то ин лаҳзачунин будааст:

***Хазинаи Байналмилалии Асъор*** барои дастгирии Барномаи иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодӣ 226,7 млн. доллари амрикоӣ қарзҳои дарозмуддат ҷудо намуд;

***Бонки Ҷаҳонӣ*** барои дастгирии инфрасохтор, барқ, тандурустӣ, маориф, кишоварзӣ, иҷтимоӣ, дигаргунсозиҳои бунёдӣ, раванди ғайридавлатӣ кардан ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба андозаи 332,9млн. долл. амрикоӣ маблағ ҷудо намуд, аз ҷумла ***Корпоратсияи Байналхалқии Молиявӣ***ба соҳаи хусусӣ то соли 2006 зиёда аз 32,4 млн долл. амрикоӣ маблағгузорӣ намудааст.

***Бонки Таҷдиду Рушди Аврупо*** барои дастгирии соҳаи соҳибкории хурду миёна 59,0 млн. долл. амрикоӣ, ***Бонки Осиёии Рушд*** барои тараққӣ додани соҳаҳои маориф, тандурустӣ, нақлиёт, тармин ва барқарорсозии шабакаҳои барқӣ ба андозаи 240 млн. долл. амрикоӣ, ***Бонки Исломии Рушд*** ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, нақлиёт, энергетика, обёрии заминҳо 108,9 млн. долл. амрикоӣ маблағи қарзӣ ва зиёда аз 23 млн. долл. амрикоӣ грант ҷудо намудаанд.

Ғайр аз бонкҳои номбурда, боз Фонди Саудии Рушд бо мақсади маблағгузории соҳаҳои нақлиёт, тандурустӣ ва маориф 12 млн. долл. амрикоӣ, Фонди Кувайтии РушдиИқтисодии Араб ба соҳаҳои энегетика ва нақлиёт беш аз 29,3 млн. долл амрикоӣ (аз он 0,9 млн. долл. амрикоӣ грант), Фонди Созмони Кишварҳои Содиркунандаи Нафт барои рушди соҳаҳои тандурустӣ, нақлиёт ва маориф зиёда аз 15 млн. долл. амрикоӣ маблағ ҷудо

намудаанд.[1]

Ба ғайр аз грантҳои пешниҳодгардида, танҳо ҳаҷми умумии қарзҳои барои Тоҷикистон ҷудо кардаи 8 ташкилоти байналхалқӣ 1023,8 млн. долл. амрикоиро ташкил менамоянд. Шӯбҳае нест, ки ин маблағҳо барои азнавбарқарорсозӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва фарҳанги ҷумҳурии мо мақоми бузургеро бозидаанд.

Албатта маблағгузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой низ назаррас мебошад. Масалан, барои ҳаҷми умумии чунин маблағгузорӣ аз тарафи давлати Хитой, соли 2006 сафари Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин мамлакат таккони бузург бахшид. Моҳи июни он сол дар шаҳри Шанхай байни ду давлат шартномае имзо гардид, ки мувофиқи он аз тарафи Ҷумҳурии Халқии Хитой се лоиҳаи бузурги ҷумҳурии мо, дар ҳаҷми 603,5 млн. долл. амрикоӣ маблағгузорӣмегардид: 1) Таъмири роҳи автомобилгарди Душанбе – Айнӣ – Истаравшан – Хуҷанд – Бӯстон – Чанак (сарҳад бо Ӯзбекистон); 2) Сохтани хатти баландшиддати 500 киловаттаи барқии «Ҷануб – Шимол» ва 3) Сохтани хатти баландшиддати барқии «Лолазор – Хатлон». Хароҷоти умумии ин лоиҳаҳо дар ҳаҷми 640 млн. долл. амрикоӣ муайян шуда буд. Яъне, ҳиссаи боқимонда дар ҳаҷми 36 млн. доллар ба ӯҳдаи ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд.[2]

Аввали соли 2007 дар Тоҷикистон 51 лоиҳаиинвеститсионӣ, бо маблағи умуми 1 млрд. 358 млн. долл. амрикоӣ татбиқ мегардид. Ин худ гувоҳи он аст, ки фазои инвеститсионӣ дар ҷумҳурӣ беҳтар шудааст.

---

[1]Бойгонии ҷории Бонки Миллии Тоҷикистон. Фаъолияти Бонки Миллии Тоҷикистон ва рушди низоми бонкӣ дар с. 1992-2005. - 2006. – В. 61-62.

[2]Бизнес и политика. – 2006. - 6 авг.; Пирназаров Н. Самое сильное звено //Азия-Плюс. - 2006. - 21 сент.; Азия – Плюс. – 2006. – 22 июн.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда сармоягузории хориҷӣ дар ҷумҳурии мо сол аз сол афзуд, ки онро аз рӯи рақамҳои зерин муайян кардан мумкин аст: соли 2007 – 1.030.079,6 ҳаз. доллар; соли 2008 – 1.753.107,1 ҳаз. доллар; соли 2009 – 2.105.049,2 ҳаз. доллар; соли 2010 – 2.370.099,2 ҳаз. доллар; соли 2011 – 2.637.145,9 ҳаз. доллар; соли 2012 –3.385.453,5 ҳаз. доллар ва соли 2013 – 4.110.698,6 ҳаз. доллари амрикоиро ташкил додааст. Чуноне аз ин далелҳо маълум мешавад сармоягузории хориҷӣ дар соли 2013 нисбат ба соли 2007 қариб 4 баробар афзудааст. Дар байни мамлакатҳои ИДМ то аввали соли 2013 сармояи мустақими Русия – 971.139,7 ҳаз. доллар, дар байни мамлакатҳои хориҷӣ ҳиссаи Эрон – 300.132,1 ҳаз. доллар; ҳиссаи Хитой – 227.565,4 ҳаз. доллари амрикоиро ташкил менамояд.[1]

***Корхонаҳои муштарак.***Яке аз роҳҳои ба мамлакат бештар ворид гардидани ҳаҷми маблағгузории хориҷӣ ин бунёди корхонаҳои муштарак ба ҳисоб меравад. Ҳеҷ ҷои шӯбҳа нест, ки бисёр ташкилотҳо ва сармоядорони хориҷӣ барои бунёди чунинкорхонаҳо ҳавасманд мебошанд. Аммо дар ин самт ҳам мӯътадилии авзои мамлакат, фоидаовар будани ҳамон соҳае, ки корхонаи муштарак сохта мешавад; ҳолати таъмин будан бо ашёихом, қуваи барқ, газ ва ғайра сахт вобастагӣ дорад. Пӯшида нест, ки дар солҳои охир маҳз нарасидани қувваи барқ, газ ва ғайра яке аз сабабҳои асосии суст инкишоф ёфтани корхонаҳои муштарак гардидааст.

Дар Тоҷикистон аввалин корхонаҳои муштарак аллакай соли 1991 ба вуҷуд омадаанд. Шумораи чунин корхонаҳо дар ин сол 58 ададро ташкил намуданд. Ҳатто соли 1992, ки нимаи ин солро ҷанги шаҳрвандӣ дар бар мегирад, 181 адад корхонаҳои муштарак ба қайд гирифта шуданд. Минбаъд миқдори чунин корхонаҳо кам гардиданд.

---

[1]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2015. – С. 226, 237.


www.ravshanfikr.tj

Масалан соли 1993 – 34 адад ва соли 1994 – 37 адад корхонаҳои нави муштаракро ба қайд гирифтанду халос.

Дар Тоҷикистон солҳои 1991 – 1995 мувофиқи руйхат ҳамагӣ 249 адад корхонаҳои муштарак мавҷуд буданд. Аз онҳо 33 ададашон барҳам хӯрда, 216 ададашон мавҷудияти худро нигоҳ дошта бошанд ҳам, аммо фақат 30%-и онҳо фаъолият карданду халос. Дар корхонаҳои ба қайд гирифташуда, маблағгузорон аз 39 давлатҳои ҷаҳон ҳисса гузоштанд. Вале аз ҳисоби корхонаҳое, ки фаъолият мекарданд ҳамагӣ 5 ададашон танҳо бо истеҳсолот машғул буданд. Яъне, фаъолияти аксарияти он корхонаҳоро хариду фурӯши маҳсулот ташкил медод. Аз корхонаҳои ба қайд гирифташуда 118 ададашон дар шаҳри Душанбе ҷойгир буданд. Аз миқдори умумии корхонаҳо 66 адад, ё худ 30,5%-ро корхонаҳои якҷоя бо афғонҳо бунёдкардашуда ташкил медоданд.

Агар ба ҳолати инкишофи корхонаҳои муштарак дар солҳои 1991 – 2005 назар афканем, пас соли 1996 бештар, яъне 283 адад корхона ба вуҷуд омадааст. Аммо минбаъд, ададӣ онҳокам шуда, соли 2002 ҳатто бо 101 адад паст фаромадааст. Соли 2004 – 162 ва соли 2005 – 121 адад корхонаҳои муштарак ба қайд гирифта шуданд.

Дар байни корхонаҳои муштарак, яке аз аввалинҳо корхонаи муштараки Тоҷикистону Британия «Зарафшон» мебошад, ки он моҳи июли соли 1994 бунёд гардидааст. Ҳангоми бунёд51%-и сармояи оинномавӣ ба Тоҷикистон ва 49%ба Британия тааллуқ дошт. Бонки Миллии Тоҷикистон дар солҳои нашъунамои ин корхона ҳар моҳ қариб 35кг. тилло ба хазинаи худ ворид мекард. Аммо, минбаъд бо сабаби аз як тараф дар хока кам гардидани ҳиссаи тилло ва аз тарафи дигар дар бозори ҷаҳонӣ паст фаромадани нархи он, корхона як муддат фоида надод.[1]

---

[1] Тутубалина Р., Эргашева З. Куда делось золото реки Зеравшана? //Азия-Плюс. – 2006.

Ё худ 20 июни соли 2006 дар заминаи собиқ заводи «Тоҷикгидроагрегат» корхонаи муштараки Тоҷикистону Эрон «Тоҷирон» бунёд гардид. Ин корхона дар асоси таҷҳизоти аз Эрон овардашуда тракторҳои гуногун мебарорад. Он аввалин тракторро моҳи июли соли 2006 баровард. Дар ташкили сармояи оинномавии ин корхона51% – ҳиссаи Эрон ва 49%ҳиссаи Тоҷикистон мебошад. Ин корхона метавонад дар як сол то 3 ҳазор адад трактори гуногун барорад.

Дар солҳои минбаъда дар Тоҷикистон афзудани ҳиссаи корхонаҳои муштаракро дар истеҳсоли маҳсулот мебинем. Чунончӣ: аз тарафи чунин корхонаҳо маҳсулот истеҳсол карда шудааст: соли 2007 – дар ҳаҷми 211.513 ҳаз. сомонӣ; соли 2009 – 272.733 ҳаз. сомонӣ; соли 2010 – 459.611 ҳаз. сомонӣ; соли 2011 – 705.713 ҳаз. сомонӣ; соли 2012 – 729.973 ҳаз. сомонӣ; ва соли 2013 – дар ҳаҷми 619.430 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.[1]

Умуман умед аст, ки баробари фаровон гардидаги истеҳсоли барқ ва гази худӣ миқдори корхонаҳои муштарак ҳам меафзоянд.

### Андоз ва андозбандӣ

***Дигаргунсозиҳо дар низоми андоз.***Андоз дар ҳар гуна давлат воситаи асосии ғанӣ гардонидани буҷаи он ба ҳисоб меравад. Низоми андоз ё худ андозситонӣ ба танзим даровардани андоз аз муайян кардан то ситонидани он дар ин ё он соҳаҳоро дар бар мегирад. Бинобар ин низоми андоз аз сиёсати пешгирифтаи давлат сахт вобастагӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробари ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият, зарурияти даровардани тағйиротҳои ҷиддӣ дар низоми андози мамлакат ба миён омад. Зеро, низоми пешина хоси ҷамъияти сотсиалистӣ буд ва ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ, ки ба шаклҳои

---

[1] Омори солонаи ҶТ. Соли 2013. - Душанбе, 2014. – С. 252.


www.ravshanfikr.tj

гуногуни маликият асос ёфтааст, ҷавобгӯ набуд. Аз ин рӯ, бо мақсади мувофиқи талаботи мамлакати соҳибистиқлол ба танзим даровардани низоми андоз, ҳанӯз соли 1990 ба ҷои ташкилотҳои собиқаи соҳаи андоз дар ҳайати Вазорати молияи ҷумҳурӣ Инспексияи андози ҷумҳурӣ таъсис ёфт. Моҳи январи соли 1992 он ба Саруправленияи андозҳо, 4 майи соли 1995 ба Кумитаи андози назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Инчунин дар ҳайати он Политсияи андоз ташкил ёфт. Дар натиҷа дар солҳои 1991 – 1992 маъмурияти ягонаи марказонидашудаи низоми андози ҷумҳурӣ ташкил карда шуд.

Соли 1992 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунро «Дар бораи асосҳои низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул намуд. Дар асоси ҳамин қонун як қатор қонунҳои дигар оиди намудҳои гуногуни андоз қабул ва ҷорӣ карда шуданд.

Аз 6 январи соли 1992 дар ҷумҳурӣ андозҳои зерин муайян карда шуданд: 1) Ба ҷои андоз аз гардиш ва андоз аз фурӯш, андоз аз арзиши изофа; 2) аксизӣ; 3) андоз аз даромад; 4) пошлинаи давлатӣ; аз 9 январи он сол – андоз аз соҳибони нақлиёт ва моҳи марти ҳамон соландоз аз замин ҷорӣ карда шуд. Умуман шаклҳои андоз дар ҷумҳурӣ зиёд шуда, соли 1994 шумораи онҳо ба 45 намуд расид. Вале аз байни онҳо солҳои 1992 – 1993 андоз аз арзиши изофа 28%-и ҳиссаи умумии андозҳоро ташкил намуд.

20 июли соли 1994 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунро «Дар бораи асосҳои низоми андоз» қабул кард. Мувофиқи он барои Тоҷикистон 30 намуди андози ҷумҳуриявӣ ва 15 намуди андозҳои маҳаллӣ муайян гардид. Аммо новобаста аз зиёд будани шаклҳои андоз мисли пештара ҳиссаи асосиро андоз аз арзиши изофа – аз 30 то 37%, андоз аз даромад – аз 25 то 30% – ро ташкил доданд. Аз 1 январи соли 1997 оиди маҳсулотҳое, ки аз

ҷумҳурӣ барои фурӯш бароварда мешаванд, ба монанди – арзиз, нахи пахта, тамоку, пилла ва ғайраҳо, ба ҷои андоз ва арзиш изофа, аксиз, андоз аз маҳсулотҳои ба хориҷа содиротшаванда, андози ягонаи махсус аз фурӯши маҳсулоти номбурда ҷорӣ гардид.[1]

12 ноябри соли 1998 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин Кодекси андози ҷумҳуриро қабул кард. Дар асоси ин Кодексдар ҷумҳурӣ шумораи андозҳо аз 45 адад то 17 адад кам карда шуд, ки аз он 14 намуд андозҳои ҷумҳуриявӣ ва 3 намуд андозҳои маҳаллӣ ҳисоб мешуданд.

3 декабри соли 2004 Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Қонунро барои қабули **Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон** имзо гузошт ва он аз 1 январи соли 2005 амалӣ гардид. Дар асоси ин Кодекс дар мамлакат 19 намуди андоз муайян карда шуд, ки аз он 15 намуд андози умумиҷумҳуриявӣ ва 4 намуд андози маҳаллӣ мебошанд. Яке аз нуқтаҳои фарқкунандаи Кодекси нави андоз аз Кодекси андози соли 1998 дар он аст, ки дар Кодекси нав барои кишоварзон ба ҷои 6 намуди андоз, андози ягона муайян карда шудааст.

Минбаъд, ба Кодекси андоз қариб ҳар сол, солҳои 2006, 2007, 2008, 2009, 2010 ва соли 2011 тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. 5 сентябри соли 2012 Кодекси-нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Мувофиқи моддаи 6-уми он дар ҷумҳурӣ 10 намуди андоз (8 намуд андозҳои умумидавлатӣ ва ду намуд андозҳои маҳаллӣ) муайян шудааст. Ба **андозҳои умумидавлатӣ** дохил мешаванд: 1) андоз аз даромад; 2) андоз аз фоида; 3) андоз аз арзиши илова; 4) аксизҳо; 5) андози иҷтимоӣ; 6) андоз барои захираҳои табиӣ; 7) андоз аз истифодабарандагонироҳҳои автомобилгард; ва 8) андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминии аввалия. Ба **андозҳои маҳаллӣ**

[1] Ҳотамов Н.Б. Асари номбаршуда. - С. 167-169.

дохил мешаванд: 1) андоз аз воситаҳои нақлиёт ва 2) андоз аз молу мулки ғайриманқул.[1]

Агар барои солҳои минбаъда ҳам ба вазъи андоз назар афканем, ҳамоно андоз аз арзиш илова (ААИ-НДС) дар ҷойи аввал меистад. Чунончӣ: соли 2009 ҳаҷми он – 1.722 млн. сомонӣ (8,4% даромади буҷаи давлатӣ); соли 2010 – 2053 (8,3%), соли 2011 – 2805 (9,3%); соли 2012 – 3.402 (9,4%); соли 2013 – 4.132 (10,2%); соли 2014 – 5.152 млн. сомонӣ (11,3%)-ро ташкил дод.[2]

Ин ҳама гувоҳи он аст, ки андоз ва андозситонӣ дар шароити Тоҷикистон башакли муайян даромадааст ва ҷавобгӯи талаботи ҷумҳурии соҳибистиқлол аст.

***Кодекси гумрук.*** Дар ҷумҳурӣ ҳанӯз соли 1991 андози гумрукӣ ҷорӣ гардид. Кодекси гумруки Тоҷикистон ҳам ба мисли Кодекси андоз зинаҳои гуногуни такмили худро гузаштааст. Аз ҷумла, ҳанӯз 4 ноябри соли 1995 **аввалин Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон** қабул карда шуд. 3 декабри соли 2004 Президент Эмомалӣ Раҳмон Кодекси дуюми гумруки ҷумҳуриротасдиқ намуд, ки он аз 1 январи соли 2005 ба фаъолият даромад. Мувофиқи банди 340-уми ин Кодекс ба андозҳои гумрукӣ дохил мешаванд: андози гумрукӣ; андоз аз арзиши изофа, ки ҳангоми гузаронидани мол аз сарҳади гумрукии Тоҷикистон ситонида мешавад; аксиз, ки ин ҳам ҳангоми гузаронидани мол аз сарҳади гумрукӣ ситонида мешавад.

Минбаъд ба Кодекси гумруки ҷумҳурӣ ҳам солҳои 2006, 2007, 2008, 2011, 2012, 2013 ва 2015 тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Дар Кодекси амалкунандаи гумрукӣ ҳамон се намуди пардохтҳои гумрукӣ, вале бо таҳрири нав, ба тарзи зайл муайян гардидааст: боҷи гумрукӣ; андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида

[1]Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – С. 8.
[2]Тоҷикистон дар рақамҳо. Соли 2015. – С.132.

мешавад; ва аксиз, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад.[1]

Ҳамин тавр қабули кодексҳои гумрук – ин ташаккули яке аз рукнҳои асосии иқтисодии давлати соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

### Вазъи иҷтимоӣ ва муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ

***Вазъи иҷтимоӣ.*** Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар ҳаёти иҷтимоии мардуми ҷумҳурӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тақсимоти синфии замони шӯравӣ, ки аз синфи коргару деҳқон ва зиёиён иборат буд, ба дигагунии куллӣ дучор шуда, ҳайати иҷтимоии ҷомеа ба табақаҳои нави иҷтимоӣ тақсим шуд.

Албатта дар замони шӯравӣ ҳам тафриқа байни табақаҳои ҷомеа вуҷуд дошт, вале хеле ночиз буда, шаҳрвандони ҳамаи табақаҳо зери ҳимояи давлат қарор доштанд.

Мувофиқи хулосаи намояндагони Созмони Миллали Муттаҳид, ки вазъи иҷтимоии ҷумҳуриро дар охири соли 2006 таҳлил намуданд, дар мамлакати мо дар ин марҳила гурӯҳи хеле хурди одамон, ҳамагӣ 2%, қариб тамоми боигарии миллиро соҳибӣ мекарданд. Қариб 60%-и аҳолииҷумҳурӣ аз нарасидани маводи хӯрока дар азоб буданд.[4]Дар соли 2009 қариб 170 адад ширкатҳо ҳамчун андозсупорандагони калони мамлакат ҳисоб мешуданд.[1] Аҳолии камбағали ҷумҳурӣ асосан аз ҳисоби собиқ коргарон ва колхозчиён иборат буд ва онҳо дар охири солҳои 90-уми асри XX зиёда аз 80%-и аҳолиро ташкил доданд. Чунин ҳолат то соли 2000-ум давом кард. Зеро дар ин давра шумораи бекорон хело афзуд, нархи маҳсу-

---

[1]Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. –С. 340.

[4] Бухари-заде Н. ООН уполномчена оценить //Азия – Плюс. - 2006. - 23 нояб.

[1] Сайфуллоева А. Как выжить Таджикистану среди акул мирового «алого» бизнеса? //Азия – Плюс. - 2009. 1 июл.

лот боло рафт, аммо, ҳаҷми маош ва нафақа ночиз монд. Албатта, ба ҳамаи ин таъсири манфии ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он низ дида мешавад. Ҳарчанд аз аввали солҳои 2000-ум ҷоннокшавии баъзе соҳаҳои истеҳсолот мушоҳида мегардад, вале соли 2002 ҳам сатҳи камбағалӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз хеле баланд буд. Дар он сол, мувофиқи хулосаи намояндагони СММдар ҷумҳӯрӣ 86%-и аҳолиро камбағалон ташкил менамуданд.[2]

Соли 1991 дар Тоҷикистон ба сари як нафар аҳолӣ ба миқдори 550,1 доллари амрикоӣ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) рост меомад. Дар натиҷаи паст рафтани истеҳсолот ММД дар миёнаи солҳои 90-уми асри XX се баробар кам шуд. Минбаъд, баробари мӯътадил гардидани вазъият дар ҷумҳурӣ ҳиссаи ММД ҳам зиёд гардид. Масалан, соли 1998 он 172,2 доллари амрикоӣ, соли 2000 – 189 доллар ва соли 2003-236,6 доллари амрикоиро ташкил намуд. Ҳарчанд ин рақами охириндар муқоиса бо дигар ҷумҳӯриҳои Осиёи Миёна аз ҳама паст буд, вале он аз ҷоннокшавии истеҳсолоти ҷумҳурӣ далолат медод.

19 июни соли 2002 Маҷлиси Намояндагони ҷумҳурӣ Дурнамои паст намудани камбизоатӣ дар мамлакатро қабул намуд, ки он аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ омода карда шуда буд. Дар роҳи амалсохтани ин дурнамо комёбиҳои назаррас ба даст оварда шуд. Дар ин самт ташкилоту фондҳои хориҷӣ ҳам ба Тоҷикистон кӯмакҳои пулию молӣ расониданд. Дар натиҷа соли 2005 нисбат ба соли 2002 дар мамлакат камбизоатӣ 22% кам гардида, 64%-ро ташкил дод. Соли 2009 бошад дар ҷумҳурии мо камбизоати то 50% паст фаромадааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзхои аввали оғози ҷанги шаҳрвандӣ кӯмаки башардӯстонаи мамлакатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқиро мегирифт. Дар рафти ҷанг ҳам чунин кӯмак қатъ нагардид. Баъди ҷанг ҳам он

[2] Азия – Плюс. – 2005. - 27 окт.

идома ёфт. Аз ҷумла, соли 2001 мамлакатҳои ҷаҳон ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба ҷумҳурии мо ба ҳаҷми 82,7 млн. доллари амрикоӣ кӯмаки башардӯстона расониданд. Соли 2002 бошад чунин кӯмак аз 41 мамлакати ҷаҳон, ба ҳаҷми 107,2 млн. доллари амрикоӣ ирсол шуд. Соли 2004 аз 38 мамлакати хориҷӣ кӯмак дар ҳаҷми 65,1 млн доллари амрикоӣ расонида шуд.

Соли 2004 кӯмаки башардӯстонаи ба ҷумҳурӣ омода 64 ҳаз. тоннаро ташкил дод, ки аз ин орд – 45,6 ҳаз. тонна, равғани растанӣ – 3,1 ҳаз. тонна, гандум – 1,9 ҳаз. тонна,инчунин дигар маводҳои хӯрока, пойафзол, либос, доруворӣ, лавозимоти тиббӣ, нақлиёт, маводҳои сӯхт ва ғайраҳо ташкил доданд. Ҳиссаи мамлакатҳо дар ин кӯмак чунин буд: ИМА – 55,5%, Латвия – 10,9%, Нидерландия – 2,5%, Дания – 2,3%, Эрон – 1,61%, Франсия – 1,3%, Олмон – 0,9%, Аморати Муттаҳидаи Араб – 0,9%, Туркия – 0,6%, Англия – 0,6%, Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ) – 0,4%. Аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил СНГ: Русия – 8,7%, Қазоқистон – 8,6%, Ӯзбекистон – 0,7%, Қирғизистон – 0,6%, Украина – 0,5% ва ғайраҳо.[1]

Чунин кӯмаки башардӯстона ба ҷумҳӯрии мо минбаъд ҳам расид. Аз ҷумла, соли 2009 чунин кӯмак ба миқдори 6 млн. доллари амрикоӣ расидааст. Дар ин сол кӯмакҳои башардӯстона асосан аз маводҳои сохтмонӣ, хӯрока ва либос иборат буда, аз кишварҳои Русия, Қазоқистон, Белорус, Туркия, Ҳиндустон, Чехия, Словакия, Австрия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба Тоҷикистон фиристода шуд.[2] Танҳо моҳи январи соли 2010 Тоҷикистон аз 16 мамлакати ҷаҳон, ба миқдори 3.822 ҳазордоллари амрикоӣ кӯмаки башардӯстона гирифт. Аз ҷумла, ғалла ба ҳаҷми 307 ҳазор доллар, доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ

---

[1]Хотамов Н.Б. Асари номбурда. – С. 248.

[2]Мо чӣ қадар кӯмаки башардӯстона гирифтем? //Тоҷикистон. - 2010. - 4 февр.

ба маблағӣ 971 ҳазор доллар мебошад. Дар ин кӯмакҳиссаи ИМА – 48,3%, Малайзия – 20,1%, Латвия – 9,3% ва ғайра мебошад.[3] Моҳи феврали соли 2010 аз Туркманистон ба истгоҳи роҳи оҳани Душанбе ба маблағи бештар аз 500 ҳазор доллари амрикоӣ кӯмаки башардӯстона омода расид.[4] Танҳо моҳи январ – феврали соли 2010 аз 23 мамлакатҳои ҷаҳон ба ҷумҳурии мо ба маблағи умумии 15,8 млн доллари амрикоӣ кӯмаки башардӯстона омада расидааст.[5]

Маҳз ҷоннокшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ имконият муҳаё намуд, ки дар мамлакат сафи бекарон кам гардад. Дар соли 2004 сафи бекорон то ба 30-33% кам гардид.

Албатта дараҷаи зиндагии мардум аз ҳаҷми маош, даромади хоҷагӣ ва нафақа сахт вобастагӣ дорад. Бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ва харобии иқтисодиёт ҳаҷми онҳо дар солҳои 90-уми асри XX хело ночиз буданд. Бисёр вақт ташкилоту идораҳоҳамон маблағи ночизро ҳам дода наметавонистанд. Танҳо баъди ҷоннокшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ин самт ҳам вазъият оҳиста-оҳиста беҳтар гардид. Масалан, моҳи ноябри соли 2004 ҳисоби миёнаи маош дар соҳаи истеҳсолот – 80,30 сомонӣ, соҳаи ғайриистеҳсолӣ – 320,90 сомониро ташкил дод. Аз ҳама маоши кам дар хоҷагии ҷангал – 22,52 сомонӣ, корманди тиббӣ – 23,93 сомонӣ дар як моҳ буд. Ҳамон вақт маоши баландтарин – 320,90 сомонӣ аз кормандони молия ва қарз буд.

Аз 1 апрели соли 2006 дар Тоҷикистон ҳадди ақали маош ва нафақа 66% зиёд шуда, 20 сомонӣ, ё худ 6,5 доллари амрикоиро ташкил дод. Дар натиҷа, дар соҳаи истеҳсолӣ ҳадди баланди маош – 316,60 сомонӣ (барои сохтмончиён) ва ҳадди пасттарини маош – 37,67 сомонӣ

---

3 Нам помогли на 4 миллиона //Азия – Плюс. - 2010. - 17 февр.
4Тоҷикистон. - 2010. - 25 февр.
5 Чоршанбиев П. Нам помогли на 15,8 млн. //Азия-Плюс, 2010. -17 март.

(ба кормандони соҳаи ҷангал) расид. Минбаъд маоши кишоварзон ба ҳисоби миёна 39,66 сомониро ташкил дод. Дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ бошад, ҳадди баланди маош – 485,83 сомонӣ (барои соҳаи молия ва қарз), ҳадди ақали маош барои соҳаи санъат – 79,11 сомонӣ, барои соҳаи маориф – 98,32 сомонӣ ташкил намуд. Аз 1 июли соли 2008 ҳадди ақали маош аз 20 сомонӣ (5,8 доллари амрикоӣ) то 60 сомонӣ (17,8 доллари амрикоӣ) зиёд карда шуд. Аз 1 июли соли 2010 ҳадди ақали маош ва нафақа 33% зиёд карда шуд, яъне он 80 сомониро (18 доллари амрикоӣ) ташкил дод.

Бо сабаби он ки аксари аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ карда, ба кишоварзӣ машғуланд, аз пешравии ин соҳа дараҷаи зиндагии мардуми деҳот сахт вобастагӣ дорад. Албатта дар солҳои охир дар бисёр ноҳияҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд. Аммо дар аксари ноҳияҳои пахтакор вазъият ногувор буд. Бо сабаби аз маблағгузорон (миёнаравҳо) қарздор будани ин хоҷагиҳо, деҳқонон ҳарчанд меҳнат мекарданд, вале дар аксари хоҷагиҳои пахтакор ҳосили зарурӣ ба даст наоварда, сол аз сол қарзашон зиёд мешуд ва ба ҷойи маош, бо гирифтаниғӯзапоя қаноат мекарданд.

Дар ин ҷода, соли 2008 аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон ба қарзи пахтакорон маратория эълон карда шуд ва моҳи майи соли 2009 он қарзҳоро бекор карданд. Ин ҳама аз он ҳидоят мекунад, ки зиндагии мардуми деҳот – кишоварзон рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст.

Моҳи январи соли 2010 «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳӯрии Тоҷикистон барои солҳои 2010-1012» қабул гардид, ки он Барномаи миёнамӯҳлати амалигардонии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 буда, самтҳои асосии рушди иҷтимоиюиқтисодии мамлакатро дар ин давра бо дар назардошти таъсири бӯҳрони молиявию

иқтисодии ҷаҳонӣ муайян менамояд.[1]

Масъалаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо ҳама вақт дар мадди назари ҳукумати ҷумҳурӣ мебошад. Чуноне, 30 январи соли 2010 Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, танҳо соли 2009 «дар мамлакат дар маҷмӯъ 185 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис ва барқарор карда шуданд». Ба ғайр аз ин дар ин сол «ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд ва оилаҳои камбизоат ба андозаи беш аз 36 миллион сомонӣ ҷубронпулӣ… расонида шуд».[2]

***Муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ.***Дар таърихи халқи тоҷик муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ ҳатто пеш аз замони шӯравӣ ҳам вуҷуд дошт. Чуноне маълум аст, қисме аз мардуми Бухорои Шарқӣ, махсусан мардуми ноҳияҳои водии Рашт, барои кор ба водиҳои Фарғона, Зарафшон ва ғайра мерафтанд. Дар замони бозсозӣ ҳам вақте, ки корхонаҳои саноатӣ паси ҳам аз кор монданд, пеш аз ҳама мутахассисони русзабон, баъди онҳо мутахассисони маҳаллӣ низ ҷумҳурии моро тарк намуданд. Муҳоҷират дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣхело боло гирифт ва минбаъд низ идома ёфт.

Муайян намудани миқдори аниқи муҳоҷирони хориҷии меҳнатӣ то ҳанӯз муяссар нагардидааст. Солҳои 90-уми асри XX муҳоҷират бештар характери стихиявӣ дошт. Минбаъд аз тарафи мақомоти гуногуни ҳукуматӣ оиди муайян намудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ баъзе чораҳо андешида шуд. Мувофиқи ин маълумотҳо, шумораи умумии муҳоҷирони хориҷии меҳнатӣ, ки ба корҳои муваққатӣ аз доираи ҷумҳурӣ берун рафтаанд, моҳи сентябри соли 2001 – 206 718 нафар, феврали соли 2002 – 165376 нафар, августи соли 2003-347562 нафарро ташкил намудаанд. Аз миқдори умумии муҳоҷирони хо-

---

[1]Садои мардум. - 2010. 3 февр.
[2] Садои мардум. - 2010. 3 февр.

риҷии меҳнатии соли 2003-96,9% (336754 нафар) ба Федератсияи Русия; 1,4% (4870 нафар) ба Қирғизистон; 0,7% (2382 нафар) ба Қазоқистон; 0,2% (630 нафар) ба Украина; 0,7% (2448 нафар) ба ҷумҳуриҳои дигари ИДМ (СНГ); 0,1% (478 нафар) ба мамлакатҳои берун аз доираи ИДМ-ро ташкил намудаанд. Аз ҳисоби умумии муҳоҷирати хориҷии он сол 33,3%-ро муҳоҷирон аз вилояти Суғд, 30,7%-ро аз вилояти Хатлон, 4,4%-ро аз ВМКБ, 5,2%-ро аз шаҳри Душанбе, 26,4%-ро аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташкил намудаанд.[1]

Ҳарчанд аз аввали асри XXI вазъи иқтисодии ҷумҳурии мо сол аз сол беҳтар шуд, ҷойи кор ва ҳаҷми маош афзуд, вале шумораи муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ ҳам зиёд гардид. Масалан, мувофиқи маълумоти расмӣ соли 2005 бо мақсади кор аз ҷумҳурӣ 412 ҳазор нафар шаҳрвандон рафтаанд.[2] Мувофиқи маълумоти 1 феврали соли 2007 миқдори умумии муҳоҷирони меҳнатие, ки аз Тоҷикистон танҳо дар ҳудуди Федератсияи Русия меҳнат мекардаанд аз 700 то 800 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Мувофиқи фаъолияташон ҳамаи муҳоҷирони хориҷии меҳнатиро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Муҳоҷирати меҳнатии мавсимӣ, яъне фаъолияти меҳнатии муваққатии шаҳрвандони Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди ҷумҳӯрӣ аз моҳи март то ноябр давом мекунад;

2. Муҳоҷирати меҳнатии давомнок, ки зиёда аз як сол давом мекунад. Дар байни муҳоҷирони меҳнатии ҳар ду гурӯҳ ҳам мардҳо мақоми асосиро ишғол менамоянд, ки аз нисф зиёдашон ҷавонон мебошанд.

Аввали соли 2007 муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳудуди Федератсияи Русия маҳдуд карда шуд. Мувофиқи миқдори

---

[1]Бойгонии ҷории Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти ҶТ. Ҳисобот. 2004. –В.17.

[2] Азия – Плюс. - 2005. 29 дек.



www.ravshanfikr.tj

(квотаи) муайянкардаи ин давлат, ки аз 15 январи он сол ҷорӣ шуд, барои Тоҷикистон то 600 ҳазор нафар муайян карда шуд. Яъне, ҷумҳурии мо метавонист то ба ҳамин миқдор муҳоҷирони меҳнатиро ба ҳудуди ин давлат фиристад. 29 марти соли 2007 бо мақсади ба танзим даровардани муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ намояндагии вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия кушода шуд. Новобаста аз маҳдудиятҳои тарафи Русия, чуноне роҳбари бахши равобити хориҷии Русия аввали соли 2010 ба хотир овард, соли 2009 ба миқдори умумӣ 954.000 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон вориди ин мамлакат шудаанд.[3]

Муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои гуногун, махсусан дар Федератсияи Русия меҳнат карда, натанҳо худашонро мехӯронанд ва мепӯшонанд, балки як миқдор маблағи муайянро барои таъмини оилаашон ба Тоҷикистон мефиристанд. Ҳаҷми чунин маблағ бошад низ сол аз сол меафзояд. Масалан соли 2006 аз Русия ба Тоҷикистон 600 млн. доллари амрикоӣ (1,8 млрд сомонӣ) фиристода шуд. Маблағи соли 2007 аз Русия ба Тоҷикистон фиристодашударо қариб 2 млрд доллари амрикоӣ ҳисоб мекунанд. Соли 2008 бошад, мувофиқигуфтаи ҷонишини сарвари Хизмати муҳоҷиратии Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ Шариф Усмонов, чунин маблағ 2,5 млард доллари амрикоиро ташкил намудааст.[1] Мувофиқи маълумоти дигар ҳаҷми умумии чунин маблағҳоба 2 млрд. 670 млн доллари амрикоӣ расидааст, ки он ба 52%-и ММД – и ҳамонсолаи ҷумҳурӣ баробар аст. Ҳол он, ки дар он сол даромади арзиз (200 ё 300 млн доллари амрикоӣ) ва нахи пахта (127 млн доллари амрикоӣ), ҷамъ 327 ё 427 млн.

---

[3] Тоҷикон дар Русия 1 миллион нафар шуданд? // Тоҷикистон. - 2010. - 25 февр.

[1] Хамробоева Н., Чоршанбиев П. Мигранты подкинули полтора миллиарда долларов //Азия – Плюс. - 2009. - 7 окт.

доллари амрикоиро ташкил намудаанду халос.[2] Ба тамоми душвориҳои бӯҳрони молиявии соли 2009 нигоҳ накарда, дар ин сол аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷумҳурӣ 2 млард доллари амрикоӣ маблағ омадааст.[3] Ҳол он, ки дар ин сол беш аз 100 ҳазор муҳоҷирони меҳнатӣ музди меҳнаташонро гирифта натавониста ба ватани худ-Тоҷикистон баргашта натавонистаанд.[4] Тахминан 100 – 150 ҳазор нафари дигар бо сабабҳои гуногун, аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргашта буданд.

Аммо новабаста аз гуногунии рақамҳои овардашуда, онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки имрӯзҳо вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурии мохеле пеш рафтааст. Бинобар ин ҳам ҳукумати ҷумҳурӣ аз як тараф барои беҳтар намудани шароити меҳнатии муҳоҷирон бо ҳукумати он давлатҳо, махсусан Русия, гуфтушунидҳо ба сомон расонида, аз тарафи дигар дар худи ҷумҳурӣ низ барои зиёд намудани ҷойи корӣ, барои касбомӯзӣ ва забономӯзии ҷавонон кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳад.

Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон давра ба давра дар шаҳрҳои гуногуни Федератсияи Русия шуда, бо муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ бевосита мулоқотҳо барпо менамояд, аз ҳолу аҳволи онҳо аз наздик шинос мешавад. Ин гуна иқдом на танҳо ҳамватанони дар муҳоҷирати меҳнатӣ будаи моро рӯҳбаланд менамояд, балки барои баланд бардоштани сатҳи худшиносӣва ватандӯстии онҳо низ аҳамияти махсус дорад.

Ҳамин тавр, далелҳои дар боло овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки 25-соли соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳаёти иҷтимоию иқти-

---

[2] Сайфуллоев А. Как выжить Таджикистану среди акул мирового «алого» бизнеса? //Азия – Плюс. - 2009. - 1 июл.

[3] 2 миллиард доллари мардикорони тоҷик //Тоҷикистон. - 2010. - 21 янв.

[4] Зуҳуров Ш.: 100 ҳазор муҳоҷирон ба ватан барнагаштанд //Тоҷикистон. - 2010. - 21 янв.

содӣ чандон роҳи ҳамвор набудааст. Солҳои 90-уми асри XX бо сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ иқтисодиёти ҷумҳурӣ давра ба давра паст рафта, боиси вазнинии вазъи иҷтимоии мардум гардид. Аз охири он солҳо пастравии баъзе соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ боздошта шуд ва аз аввали асри XXI қариб дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, махсусан саноат ва кишоварзӣ пешравии назаррас мушоҳида гардид.

Дар муддати 25 соли истиқлолият мардуми Тоҷикистон бисёр душвориҳоро паси сар намуда ба замони нави иқтисодӣ – иқтисодиёти бозорӣ марҳила ба марҳила ворид шуда таҷриба пайдо намуда, дар баъзе самтҳо, аз ҷумла дар соҳаи соҳибкорӣ паст кардани дараҷаи камбизоатӣ дар мамлакат ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд. Дар бунёди роҳҳо, корхонаҳои нав, кабудизоркунӣ ва умуман беҳтар намудани муҳити зист муваффақиятҳо зиёданд. Агар ба симои имрӯзаи шаҳри Душанбе назар афканем дигаргуниҳоро дар тамоми самтҳои иқтисодию иҷтимоӣ эҳсос менамоем, ки аксари кулли онҳо маҳсули аввали асри XXI мебошанд. Чунин дигаргуниҳоро дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакатамон мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин пеш аз ҳама натиҷаи меҳнати қаҳрамононаи мардум, оромӣ ва пойдории сулҳу ваҳдат мебошад.

Маҳз дар аввали асри нав амалӣ гардидани мақсадҳои асосии дар назди давлат гузоштаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон: аз бумбасти комуникатсионӣ баровардани мамлакат, бехатарии озуқаворӣ ва таъмини энергетикӣ ба ҳеҷ кас пӯшида нест. Сохтани роҳҳои замонавӣ то сарҳади Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Чин, ва Афғонистон аҳамияти бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ дорад. Зеро, ин роҳҳо мамлакати моро бо ин давлатҳо пайваст ва ба бозори ҷаҳонӣ баровард, ба равобати иқтисодии дохилии мамлакатамон таккони ҷиддӣ дод. Зеро ин роҳҳо ва нақбҳо алоқаи қариб тамоми ноҳияҳоро

бо маркази ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе мунтазам намуд. Ҳол он ки, аз ҷумла дар фасли зимистон на танҳо роҳи заминии ноҳияҳои вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон балки вилояти Суғд ҳам бо маркази мамлакат қариб вуҷуд надошт. Дар масъалаи таъмини озуқаворӣ бошад, дар мамлакат истеҳсоли ғалла, картошка ва мева ба дараҷаи баланди худ расид.

Пӯшида нест, ки бехатарии энергетии мамлакати мо аз бисёр ҷихат аз сохтан ва ба истифода додани Нерӯгоҳи барқии обии Роғун сахт вобастагӣ дорад. Ҳарчанд дар замони истиқлолият неругоҳҳои барқии обии Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, маркази гармдиҳии Душанбе-2ва як қатор неругоҳҳои хурди барқӣ сохта шуданд, ба истифода додани НБО-и Роғун,на танҳо таъмини аҳолӣ бо барқ, балки ба кор даровардани корхонаҳои нав ва муҳайё намудани ҷойҳои нави кории доимӣ ба ҳисоб меравад. Хулоса, ба истифода додани НБО-и Роғун ба пешравии иқтисодии мамлакат таккони ҷиддӣ дода, вазъи зиндагии мардумро беҳтар мегардонад.

Бо сохтани НБО-иРоғун, барои ҷумҳурии мо шароит муҳайё мегардад, ки ба илму техникаи пешқадами замона такя намуда, дар асоси пахта ва арзизи ватанӣ ва қувваи кории арзони дохилӣ, молҳои рақобатпазири ҷаҳонӣ истеҳсол намоем. Дар натиҷа мамлакати мо аз бозори молфурӯшии давлатҳои хориҷӣ ба давлати содироткунандаи молҳои тайёр табдил меёбад. Ин ҳама дар баробари бо ҷойи корӣ таъмин намудани қисми асосии аҳолӣ имконият муҳайё менамояд, ки сатҳи зиндагии мардум баланд бардошта шавад. Пӯшида нест, ки имрӯзҳо сиёсати иқтисодию иҷтимоии Ҳукумати мамлакат, бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат,Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамин самт равона карда шудааст.

## РУШДИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз байн рафтани ИҶШС таъсири манфӣ расонид. Ҷанги шаҳрвандӣ ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ зарари калон овард. Аз ҷумла ба ҳаёти мадании аҳолии ҷумҳурӣ. Мактабҳои миёна, клубҳо ва китобхонаҳо ғорат карда шуда, театрҳо ва дастаҳои эҷодӣ аз фаъолияти худ бозмонданд. Як қисми таҷҳизоти муассисаҳои илмӣ низ ғорат карда шуданд. Рафторҳои ваҳшиёна нисбат ба муассисаҳои динӣ ва ёдгориҳои моддӣ дар ин солҳо мушоҳида шуда буд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аксарияти кормандони барҷастаи соҳаи фарҳанг, санъат ва илм ҷумҳуриро тарк намуданд, ки ин сабаби бениҳоят паст гардидани ҳаёти фарҳангӣ, маънавӣ ва иқтидори зиёии кишвар шуд.

Пас аз ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, аҳолии кишвар бо як қатор мушкилиҳои ҷадид рӯ ба рӯ гардид. Ноустувор будани вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар, ба он оварда расонд, ки эҳтиёҷоти инсонӣ дар зери таъсири идеологияи бозоргонӣ қарор гирифт. Дар охири асри 20 ва ибтидои асри 21 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бӯҳрони арзишҳои фундменталӣ ба вуҷуд омад, ки дар радд намудани идеалҳои пешина, аз байн рафтани тафаккури муқарраршуда ифода мешуд ва оқибат таъсири манфии худро ба фарҳанги халқи тоҷик оварда расонд. Таъсири воситаҳои ахбори омма ва электронӣ идеалҳои нави моддӣ (истеъмол, дастрас будани иттилоот, майл ба истиқлолияти иқтисодӣ ва ғайра) ва маънавиро (демократия, таҳаммулпазирӣ, плюрализм, озодии сухан ва ғайра) ба вуҷуд овард.[1]

Таъсири манфии маънавиёти бегона ба маданияти оммаи

---

[1]Каримова Р.Н. Культура Таджикистан годы независимости (1991-2011гг.). – Душанбе, 2013. – С.4.

насли наврас зарари худро меорад. Олами маънавии халқи тоҷик дар зери фишори манфӣ монда, суръати коста гардидани маънавиёти халқ ва бӯҳрони ҷомеа тез шуд.

Бо мақсади суст гардонидани таъсири омилҳои беруна барои рушди маданият ва таъсиси шароити муътадил баҳри ҳаёти маънавӣ дар Тоҷикистон аз тарафи давлат чорабиниҳои васеи гуногун гузаронида мешаванд. Дар ин ҳолат танҳо идеяи умумимиллӣ дар асоси арзишҳои умумитаърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик метавонист ҷомеаи парокандаро муттаҳид намояд.

Ин пеш аз ҳама ҳамчун давлати миллии мустақил қонунӣ гардонидани Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шароити нави таърихӣ раванди муносибатҳои этномаданиро дар ҷомеа тезонид. Пас аз пошхӯрии ИҶШС майли ҷудошавии намояндагони минтақаҳои гуногун афзуд. Дар ин шароити мураккаб ҳукумати ҷумҳурӣ ба фарҳанг такя менамуд, чунки фарҳанг омили бузурги идеологӣ мебошад.[1]

Дар солҳои тайёрӣ ба гузаронидани ҷашни 1100 солагии таъсиси давлати Сомониён, расман барномаи эҳёи ғояи миллӣ, расму оин ва фарҳанги халқи тоҷик эълон карда шуд. Барномаи эҳёи маънавӣ ва дар баробари он амнияти фазои маънавии Тоҷикистон баҳри рушди соҳаи маориф, санъат, адабиёт, илм, иқтидори зеҳнӣ ва алоқаи хайрхоҳонаи эҷодии байналхалқӣ равона карда шуда буд. Дар ин самт оид ба рушд ва таблиғоти анъанаҳои мусиқиимиллӣ ба монанди «Шашмақом» ва «Фалак», ҷашни зодрӯзи кормандони барҷаставуарбобони илм, адабиёт ва санъат, ҷашни шаҳрҳои Тоҷикистон – 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, дохил намудани шаҳри Душанбе ба рӯйхати пойтахти маданияти исломӣ ва ғайра (дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО) чорабиниҳои васеъ баргузор шуданд.

---

[1] Каримова Р.Н. Культура Таджикистан годы независимости (1991–2011гг.). – Душанбе, 2013. – С.8.


www.ravshanfikr.tj

Ҳамин тавр, идеология ва методологияи нави азнавсозии ҷомеа тартиб дода шуд, ки он асоси ташаккулёбии тафаккури ватандустӣ ва арзишҳои маънавиро дар бар гирифт.

Фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои 90-и асри 20 сершакл буда, вобаста аз давраҳои таърихӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамуд: пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ, дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз ҷанг. Масалан, агар пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ фарҳанг дар зери таъсири ғояҳои коммунистӣ қарор дошт, дар рафти ҷанг бошад фармоиши қувваҳои нави давлатиро иҷро менамуд. Пас аз ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ фарҳанг дар шакли муътадил қарор гирифта, функсияи муттаҳидкунандаи тарафҳои гуногуни этникӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро иҷро менамуд.

Тавлиди нави маданияти пас аз шӯравӣ дар шароите ба вуҷуд омад, ки арзишҳои эстетикии давраи сотсиалистӣ дар ҷомеа то ҳол таъсири калон дошт. Печ дар печ будани тамоюли тафаккури наву куҳна дар ҳаёти рӯзмарра ва соҳаи идеология ва дин элементҳои кӯҳнапарастӣ, ноумедӣ ва ақлнорасиро ворид менамуд.

Аз байн рафтани иделогияи коммунистӣ дар байни мардум эҳсосоти холигии маънавӣ ва ахлоқиро ба вуҷуд овард. Бӯҳрони маънавӣ як қисми ҷомеаро ба роҳи тақлид ба арзишҳои соддаи маданияти шарқӣ ва ғарбӣ тела намуда, дар ҷомеа ҳисси истисмори миллиро, маҳдудият ва бадбиниро тавлид менамуд. Дар байни омма ақидаҳои ғайриилмӣ оид ба мавзуъҳои фарҳангӣ паҳн шуда буданд, ки асоси таърихӣ ва хусусиятҳои хоси пешрафти Тоҷикистони муосирро надоштанд. Ҷоҳилият дар ин соҳа дар саҳифаҳои гуногуни рӯзномаҳои сиёсӣ ва идеологӣ мушоҳида карда мешуд. Ин вазъ дар навбати худ ноумеди аз ояндаи миллати худ хусусан дар насли наврас ба вуҷуд овард.

Дар солҳои оянда якчанд мушкилиҳои умқӣ дар

сохтори сиёсии ҷомеа маълум гардид. Гарчанде дар соли 1997 Маҷлиси Олии ҶТ Қонун «Дар бораи фарҳанг»[1] ва Консепсияи рушди фарҳанг (соли 2005) қабул карда буд дар кишвари мо системаи ягонае, ки ҳаёти маданиро гуногун намояд набуд. Сухан равона шудааст доир ба ҳифз ва парвариши маданияти баланди маънавию-ахлоқии халқи тоҷик, барқарор намудани риштаидавоматии рушди фарҳангӣ, ки доимо дар зери таҳдиди кандашавӣ қарор дошт. Маълум аст, ки маданияти миллӣ имконияти барқарор намудани нуфузи пештараи худро дар ҷомеа ва рушди минбаъда дар асоси муколима доир ба гузашта ва ҳозираи миллат дорад. Хело муҳим мебошад, ки мо мулоҳиза намоем то кадом андоза аз намунаи маданияти таърихии худ дур шавем то, ки алоқаи таърихӣ канда нашавад ва ҳамзамон бо давраи муосир низ ҳамқадам бошем. Зарур мебошад, ки мувозинати анъанавӣ ва арзишҳои маънавии муосир дар чорчӯбаи маданият нигоҳ дошта шавад.

Ин мушкилот аз сабаби паст будани маблағгузорӣ дар соҳаҳои маорифу фарҳанг бо раванди хело суст ҳалли худро меёфт. Ин яке аз сабабҳое буд, ки алоқаи пай дар паи эволютсияи маданӣ қурбони фаромушхотирии иҷтимоӣ гардид. Аммо бар зидди фаромушхотирии таърихӣ ҳамеша муқовимат нишон медиҳад муттасилӣ, ки бо воситаи анъанаҳои ахлоқию одобӣ хислатҳои тағирнашавандаи рӯҳи халқро ифода медиҳад. Ин хислатҳо дар давраи гузашта ва муосир дар маданияти халқ таҷассуми ёфтаанд. Дар охири солҳои 90-и асри XX ин хислатҳо ба инобат гирифта эҳё шуданд.

Дар соҳаи маданият афзудани маблағгузорӣ аз ҷониби давлат ба ин раванд мусоидат менамуд. Масалан, дар соли 1991 баҳри рушди соҳаи фарҳанг аз буҷаи давлат 77,9

[1] Садои мардум. – 1997. – 13 дек.

млн. руб. (маблағи давраи шӯравӣ) ҷудо карда шуда буд, ки 1,6 % буҷаи умумӣ мебошад,[1] дар соли 1996 – 1,1 млн. руб. (пули тоҷикӣ) (1,5 %[2]), дар соли 2000-ум – 6,3 млрд. руб., ё худ 2,4% аз буҷаи умумии давлат буд. Дар маҷмӯъ аз буҷаи давлат барои соҳаи маданият мабалағҳои зерин ҷудо карда шуданд: Вазорати фарҳанг – 57,7 млн. руб., радио ва телевизион – 4,3 млрд. руб., матбуоти даврӣ ва нашриёт – 732,7 млн. руб., барои дигар чорабиниҳо дар соҳаи фарҳанг – 1,2 млрд. руб.[3] Дар соли 2003 дар ҶТ барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ-умумӣ, солимгардонӣ ва маданӣ 23025,1 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда буд, ки 3,9% буҷаи давлатро ташкил мекард.[4]

Дар соли 2010 ба соҳаи маданият 214 млн. сомонӣ ё ки 60 % зиёд нисбат ба соли 2009 маблағ ҷудо карда шуда буд.[5] Маблағгузорӣ дар соҳаи фарҳанг дар солҳои 2006-2011 зиёда аз 14 маротиб зиёд гардид. Ҳамагӣ дар солҳои 2001-2011 барои гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоӣ-маданӣ дар ҷумҳурӣ 936,0 млн. сомонӣ сарф карда шуд.[6]

Дар ин давра корҳои барқарор ва таъмир намудани консерваторияи миллӣ, театри опера ва балети ба номи Айнӣ, театри драмавии ба номи Лоҳутӣ, комплекси давлатии «Кохи Борбад», «Кохи Тоҷикистон», «Кохи Ҷомӣ», қасри маданият дар ВАКБ ва дар дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар, як қатор мамнӯъгоҳ, аз ҷумла дар

---

[1] Народное хозяйство Республики Таджикистан в 1991г. Стат. Сб. – Душанбе, 1992. – С. 9.

[2] Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. 1997. ПРООН. – Душанбе, 1998. – С. 92.

[3] Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. 1997. ПРООН. – Душанбе, 1998. – С. 68.

[4] Финансы Таджикистана. – Душанбе, 2004. – С.23, 27.

[5] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj

[6] Гаффоров Б.В. Особенности преобразования культурно-просветительных учреждений в Республике Таджикистан (2001-2011гг.) //Вестник ТНУ (серия гум. наук). – Душанбе, 2014. – №3/1 (128).

Ҳулбук, Саразм, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ба анҷом расида буд. Дар шаҳри Душанбе Китобхонаи нави Миллӣ ва Осорхонаи Миллӣ бунёд шуданд.

Дар маҷмӯъ дар солҳои 1990-ум кормандони соҳаи фарҳанги Тоҷикистон шакли кори идеологӣва масъалаҳои ташкилии худро аз нав дида баромаданд. Масалан, дар фаъолияти муассисаҳои эҷодӣ дар асоси плюрализм хислатҳои нави кордонӣ ва якдигарфаҳмӣ пайдо шуд, ки баҳри рушди адабиёт, санъат ва меъморӣ мусоидат намуда, дар назди устодони эҷодкор як фазои васеъро густариш дод.Бисёр намояндагони зиёиёни бадеӣ дар ҳаёти маданӣ иштирок варзиданд, аксарият бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ, сармоягузорони гуногун, продюсерҳо ва метсенатҳо. Аз соли 1995 сар карда Вазорати фарҳанг ва Намояндагии барномаи рушди СММ оид ба таҳкими сулҳ ва боварӣ бо мақсади пайдо намудани ҷавонони боистеъдод чорабиниҳои гуногунро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мегузаронанд. Октябри соли 1999 ба муносибати дар иҷлосияи 52-ми ассамблеия Генералии СММ эълон намудани соли 2000-ум ҳамчун соли байналмиллалии фарҳанги ҷаҳон, Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон бо қарори худ ҳайати милии кумитаро оид ба гузаронидани соли байналмилалии фарҳанги ҷаҳон тасдиқ намуд. Моҳи ноябри соли 1999 Президенти кишвар боз як қарор баровард, ки мувофиқи он ҶТ ба конвенсияи Берн оид ба муҳофизат намудани асарҳои бадеӣ, ки 9 сентябри соли 1886 ба имзо расида буд ва дар шаҳри Париж 24 июли соли 1971 аз нав дида баромада шуда буд, бо даровардани тағйиротҳо аз 28 сентябри соли 1979 қабул карда шуд, ҳамроҳ шавад.[1] Аз 1 январи соли 2000-ум ба он нависандагоне, ки дорои унвони «Нависандаи халқии Тоҷикистон» мебошад, моҳона

[1] Народная газета. – 1999. – 26 нояб.

мувофиқи 50 долл. ИМА муқаррар гардид.[1]

Раванди демократикунонӣ ба давлати мо имконият дод, ки бо ҷомеаи ҷаҳонӣ самаранок ҳамкорӣ намуда, баҳри рушди фарҳанг ташкилотҳои бонуфузро ба монанди ЮНЕСКО, фонди Оғо-Хон, ЮНИСЕФ, ТАСИС, Бунёди Сорос ва ғайра ба худ ҷалб намояд.

Аз сабаби яку якбора коста шудани маблағгузорӣ дар солҳои 1990, иттифоқҳои эҷодӣ функсияи васоятии худро дар ширкатҳои саноатӣ ва аграрӣ бударо аз даст доданд. Нашр ва теъдоди рӯзнома ва маҷаллаҳо ба монанди «Садои Шарқ» ва «Помир» хеле кам шуд. Зиёиёни бадеӣ аз ғанӣ намудани китобхонаҳо, офариниши галерея дар муссисаҳои саноатӣ ва ташкил намудани кинофестивали халқӣ даст кашидан. Дар ҳамин солҳо нашри филмҳои бадеӣ дар киностудияи «Тоҷикифилм» паст шуд, чандин солҳо театри ҷавонон ба номи М. Воҳидов аз фаъолият боз монд, оркестри симфонии филармонияи давлатӣ барҳам хӯрд, репертуари эҷодӣ дар тамоми тетрҳои кишвар заиф гардид. Анҷумани иттифоқҳои эҷодӣ кам гузаронида мешуданд.

Ба ин мушкилиҳо нигоҳ накарда, фарҳанги пас аз шӯравии тоҷик дар охири асри XX ва аввали асри XXI бо хусисиятҳои хоси худ: эҳтиром ба халқи худ, ҳурмати шахсият ва интихоби озодаи ӯрушд мекард. Дар ин шароит тақсимоти ҳукумати сиёсӣ ва маънавӣ афзуд, ки таъсири он дар ташаккули идеали нави шахсият ва истиқлолияти он инъикос ёфт. Асолат ва истеъдод роҳнамои эҷодии маданӣ гардид.

**Театр**. Дар баробари рушди адабиёт дар санъати театр низ дигаргуни ворид мешуд. Як навъ шакли театри нав коркард карда шуд, ки бо ҳаёти иҷтимоӣ алоқаи зич дошт, аудиторияи демократии худро дошт, репертуари

---

[1] Бизнес и политика. – 1999. – № 47.

худ, мактаб актерии худ бо як сабки нав бозӣ ва тарзи ошкор намудани образ. Чунин коллективҳои театрӣ шуданд – театри тамошобини ҷавон «Ахорун»,театри драмавии рус ба номи В. Маяковский ва театри ҷавонони ба номи М. Воҳидов ва инчунин театри мусиқавӣ-драмавии ба номи К. Хуҷандӣ.

Аммо дар солҳои аввали истиқлолият санъати театрӣ дар ҳолати ғамангез буд. "Театрҳои тоҷик дар солҳои 1992-1993 – ба гуфтаи тақиқотчӣ – мувaққатан фаъолияти худро боздоштанд. Пароканда будани дастаҳои эҷодии театрҳои ҷумҳурӣ барои рушди фарҳанги театр монеа буд. Бад шудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон, ба сатҳи маънавияти мардум таъсири манфӣ расонид.»[1] Иштироки аҳолӣ дар намоишҳои театррӣ якбора паст шуд, ки ин хоси давраи гузариш буд. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 15 театр фаъолият мекард, ки онҳоро 1,2 млн. тамошобин ташриф оварда буд, дар соли 2003 шумораи театрҳои ҳамон монд, вале онҳоро 451 ҳазор тамошобин ташриф овард, ки ин нишондод се маротиба паст шуда буд.[2] «Бо вуҷуди ин – мегӯяд муҳаққиқ – дастаҳои эҷодӣ тадриҷан фаъолияти худро барқарор намуданд. Дар онҳо нерӯҳои ҷавон ворид шуданд, мавзӯъҳо репертуари театр тағйир ёфт – муаллифони бештар рӯй оварданд ба драмаи зеҳнӣ, маҳз дар ҳамин давра драматургҳои миллӣ ва гурӯҳҳои театрии ба инъикоси таърихи халқи тоҷик машғул шуданд. Таърихӣ будани мавзуъҳои театри муосир хусусияти хоси рушди он мебошад.[3]

Дар соли 1994 дар ҷумҳурӣ ба таври васеъ 680-солагии олим, файласуф, шоир ва мутафаккир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҷлил гашт. Барои ҷашнгирии ин санаи таърихӣ конференсияҳо, семинарҳо ва баҳсҳои илмӣ

---

[1] Табаров М. Театр и независимость. – Душанбе, 2010. – С. 141.
[2] Народное хозяйство Республики Таджикистан в 1991г. – С. 96; Бойгонии Кумитаи омори назди Ҳукумати ҶТ. Раёсати фарҳанг. – В.4.
[3] Табаров М. Театр и независимость. – С. 3-5.


www.ravshanfikr.tj

бахшида шуда буданд, корҳои мутафаккир ба алифбои сириллик гардонида шуданд. Бисёр асарҳо дар бораи зиндагӣ ва осори шоир чоп шуданд. Давраи темуриён, ки пур аз низоъ буд ва ҳаёти серташвиши мутафаккир-диққати театр вадраматургияро ба худ ҷалб кард.

Драманавис О. Раҳмон асари «Имтиҳон ва қасос»-ро офарид, ки сюжеташро аз достонҳои халқӣ гирифт. Режиссёр Д. Убайдуллоев – спектакли театри мусиқавӣ-ҳаҷвии Кӯлоб ба номи С. Вали-зода «Ҳокими бузург»-ро эҷод намуд.[1]

Дар соли 1999 қариб ҳамаи театрҳо бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён спектакл тайёр намуданд. Ҳамин тариқ, дар Театри академии ба номи А. Лоҳутӣ таҳти роҳбарии режиссёр Ф. Қосимов песаи М. Бахтӣ «Шоҳ Исмоили Сомонӣ " ба роҳ монда шуд, дар театри вилоятии шаҳри Хуҷанд нахустнамоиши спектакли М.Хоҷаев «Саади Сайхун» дар зери роҳбарии И. Саломов гузаронида шуд. Дар театри академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ операҳои Т. Сатторов «Рустам ва Суҳроб» ва Т.Шаҳидӣ «Амир Исмоили Сомонӣ» нишон дода шуд.[2]

Дар баробари ин, гурӯҳҳои театрӣ идомаи кори худро дар нишондодани шоҳасарҳои классикии ҷаҳон дар саҳнаи театр мебинанд – аз ҷумла, «Се хоҳарон»-и Антон Чехов, «Медея»-и Еврипид, «Гамлет»-и Шекспир, балети Штраус «Валси калон», ва ғайра. Дар он давра аз ҳама бештар мардум ба театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ, театри драмавии ба номи В. Маяковский ва театри тамошобини ҷавони «Аҳорун» ташриф меовард.[3]

Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар давоми ин вақт таъсиси робитаҳои байналмилалро ба роҳ монда буд. Инак дар моҳи майи соли 1998 дар театр фестивали

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 43-44.
[2]Театр ва истиқлол. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 163.
[3] Табаров М. Театр и независимость. – С. 25.

байналмилалии «Ҳамоҳангии ҷаҳон» кушода шуд, ки дар он дирежёри америкоӣ Ч.Ансбакер иштирок варзид, ки ҳамзамон директори бадеии фестивали мазкур буд.

Фаъолияти сайёҳии театрҳо идома дошт. Дар соли 1998 артистони театри драмавии Хуҷанд ба номи А. Пушкин спектаклҳои сайёҳиро дарҚазон, Екатеринбург, Бугулма ва Тюмен дар соли 2001 – дар шаҳри Санкт-Петербург гузаронданд. Ҳайати театри тамошобини ҷавон "Аҳорун" дар Полша, Русия ва Белгия сафари ҳунарӣ дошт. Дар соли 1999 дар фестивали театрҳои Эрон «Аҳорун» бо спектакли "Юсуф", ки дар асоси асари Дж. Румӣ омода шуда буд баромад кард. Дар Эрон ин театр бо медали тиллоии «Ҳумайнӣ» сарфароз гардид.[1]

Дар бисёр фестивалҳои байналмилалӣ намоишҳои саҳнавии режиссёрҳои театри тоҷик бо муваффақият гузаронида шуд. Дар соли 2009 театри драмвиии руси ба номи В. Маяковский Лауреати ҷоизаи Русия ба номи Кирилл Лавров шуд.[2] Дар соли 2011 театри давлатии ҷавонони ба номи М. Воҳидов дар ҷашнвораи байналмилалии театрҳои касбӣ «Вохӯриҳо дар Русия» дар шаҳри Санкт-Петербург бо спектакли Антон Чехов "Се хоҳарони " баромад намуд. Дар ҳамон сол театри мазкур дар фестивали байналхалқӣ дар шаҳри Уляновск бо спектакли «Нидо» баромад кард.[3] Бо ба кор омадани рижиссёри нав Б.Абдураззаков дар театри драмавии вилоятии Хуҷанд дар репертуар дигаргуниҳо ворид шуданд. Намоишҳои майли миллӣ, серҳаракати драмавӣ, воқеоти психологии хислатҳои қаҳрамонон вамухолифати умқи даруниро ба худ гирифтанд. Спектакли «Хоби муши паррон», ки соли 2000-ум дар озмӯни театри Осиёимарказии ш. Бишкек нишон дода шуд, соҳиби Гран-при гардид.

---

[1] Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги ҶТ. Раёсати корҳои хориҷӣ.
[2] Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги ҶТ. Раёсати корҳои хориҷӣ.
[3] Ҳамон ҷо.

Дар ҳамон сол ҳайти театр ба Олмон барои иштирок дар озмӯни «Роҳи Бузурги Абрешим» даъват шуда буд.[1] Дар соли 2008 спектакли Б. Абдураззоқов «Ҳашт монологи занҳо» дар Фаронса дар озмӯни байналхалқии «Баҳори Париж» нишон дода шуд.[2]

Дар соли 2010 театри ҳаҷвӣ-мусиқавии ба номи К. Хуҷандӣ дар III-юмин озмӯни байналхалқии театрҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ баро нишон додани спектакли Н.Табаров «Шикасти ташнагӣ» бо тӯҳфаи «Беҳтарин корӣ драмавӣ» мукофонида шуд ва беҳтарин иҷрокунандаи нақши зан ҳунарманди шоистаи ҷумҳурӣ З.Туйчиева эътироф карда шуд.[3]

Дар ҳамон сол театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов соҳиби мукофти асосии фестивали «Шери тиллоӣ» гардид, ки он дар ш. Львов аз 1 то 7 октябр баргузор шуда буд. Театр спектакли Н.Табаров ва М.Мировро «Чашмони бародари киёмати»-ро пешниҳод намуд. Дар кори фестивал беҳтарин театрҳои Молдова, Полша, Венгрия, Австрия, Россия, Шотландия, ИМА, Украина ва Тоҷикистон иштирок намуданд.

Аз 11 то 20 апрели соли 2012 дар Тоҷикистон сеюмин фестивали байналхалқии театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл» гузаронида шуд. Ташкилкунандаи ин чорабини Вазорати фарҳанги Тоҷикистон бо дастгирии молиявӣ ва иттилоотии агентии Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва филиали Институти Тоҷикисониии «Ҷамъияти кушод» буд. Дар фестивал театрҳои лӯхтак аз Арманистон, Озарбайҷон, Беларусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Татарстон, Ӯзбекистон Ирон ва Туркия иштирок варзиданд. Аз номи Тоҷикистон ду театр – театри «Лӯхтак» ва театри лӯхтаки ш. Чкаловск баромад мекард. Ҳамчунин ду театрро Рос-

---

[1] Бойгонии ҷории Институти фарҳанг ва иттилоотиВазорати фарҳанги ҶТ Раёсати корҳои хориҷӣ.
[2]АИМТ «Ховар». – 2008, 29 августа.
[3] Содружество. – 2010. – 15 июн.

сия муаррифи намуд – Новосибирск ва Оренбург. Театри лӯхтаки Қирғизистон ба номи Жангазиев дар Душанбе ва театри давлатии лӯхтаки ш. Оренбург дар Қурған-Теппа эҷодиёти худро пешниҳод намуданд.

Дар соли 1995 гузаронидани фестивали ҳарсолаи ҷуҳуриявии санъати театрии «Парасту» ва фестивали минтақави тетатрҳои Осиём Марказии «Наврӯз», ки нахустин бор дар соли 1988 ба роҳ монда шуда буданд эҳё гардид.

Ин фестивалҳо баҳри рушд ва эътирофи дастовардҳои ҳайати театрҳо дар Тоҷикистон мусоидат намуд. Аммо бинобар ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон, гузаронидани фестивалҳо чор сол қатъ шуд. Пас аз эҳёи фаъолияти фестивалҳо бо сабабҳои ноустувор будани вазъисиёсӣ ва иқтисодӣ, қарор қабул карда шуд, ки ҳар ду сол як маротиба фестивал бояд гузаронида шавад.[1]

Бисёре аз арбобони театри Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият ғолибони ин озмӯн шуданд, аз ҷумла, режиссёри калони театри «Аҳорун» Ф. Қосимов, барои дар саҳна нишон додани асари А. Фирдавсӣ «Шоҳнома» соҳиби Гран-при гардид, режиссёри театри драмавии вилоятии Хуҷанд Б.Абдураззоқов барои кори беҳтарини режиссёр дар спектакли «Шаҳраки мо»-и Уайлдлер Тронтон дар коркарди Фарзона соҳиби мукофот гардид. Дар соли 1999 мукофоти Гран-прии фестивал ба Театри академии ба номи А. Лоҳутӣ барои песаи Г.Абдулло «Фарёди ишқ» режиссер Х.Майбалиев дода шуд. Беҳтарин кори рижессёрӣ ин спектакли театри вилоятии Хуҷанд дар асоси асари Т. Зульфиқоров, ки аз ҷониби режиссёрБ. Абдураззақов коркард карда шуд эътироф гардид. Дар соли 2009 дар фестивал ҳайати эҷодии театри драмаи руси ба номи В. Маяковский ба тамошобинон спектакли «Ишқи аввали Хоҷа Насреддин» пеш-

[1] Эдгар Е. Режиссерское искусство Таджикистана 80-х и 90-х годов XX в. - 2004. Автореф. дисс... канд. искусств. - Москва, 2004. – С.14.

ниҳод кард режиссёри асосӣ Б. Миралибеков пиесаи Т. Зулфиқоров.[1] Аз 23 то 30 марти соли 2011 дар фестивали рақобатпазири "Парасту", ки мавзӯи асосии он 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ҷойҳои аввалро спектакли"Рӯдакӣ"-и С. Улуғзода, коргардон артисти халқии ИҶШС Ҳошим Гадоев ва спектакли «Ишқи парӣ»-и Т. Мамадризоев коргардон режиссёри театри давлатии драмаи руси ба номи В. Маяковский Б. Миралибеков гирифтанд. Инчунин дар фестивал иштирок намуданд: дастаи эҷодии театри драмавӣ-мусиқавии Данғара (ҷойи сеюм), кормандони театри ҳаҷвӣ-мусиқавии ба номи С. Вализодаи ш. Кӯлоб, театри давлатии драмавии мусиқавии ба номи Т. Фозиловаи ш. Конибодом, театри давлатии драмавии русии ба номи А. Пушкини ш. Чкаловск.[2]

Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ «Навруз-2011» бо иштироки коллективҳои Афғонистон, Қазоқистн, Қиргызистон, Тоҷикистон ва Туркманистон гузаронида шуд.

Тестри тамошобини ҷавон «Ахорун» бо намошҳои худ ба тамоми ҷаҳон боз як бори дигар саргаҳи театри миллиро нишон дод, театри анъана ва симо, фалсафа ва суфизм. Намоишҳои «Исфандиёр» (1995) ва «Даҷол» (1997) аз ҷониби Ф. Қосимов ва дар асоси назми классикии тоҷики-форсӣ офарида шудаанд, ки ҳамчун кушиши режиссёр доир ба фаҳмидани сабабҳои тақсим шудани миллат.[3]

Дар охирон кори худ – «Корол Лир» (2003) режиссёр

---

[1] Электронный ресурс – www.asiaplus.tj

[2] Натиҷаи фестивал-озмуни «Парасту – 2011» //Новости Таджикистана. URL: http://www.toptj.com/News/2011/04/04/podvedeny_itogi_respublikanskogo_festivalya_konkursa_professional_nykh_teatrov_parastu_2011.

[3] Табаров М. Независимость и проблемы развития театра /Очерки теории и истории культуры и искусства таджикского народа. – Вып. 4 – 2010. – С. 465.

матни шеърҳои классикаи форсизабони асри Х А. Фирдавсиро бевосита бо трагедияи Шекспир пайваст намуд. «Ҷустуҷуи эҷодии Ф. Қосимов – менависад тадқиқотчи – бо раванди эҳёи милли дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи тоҷик ҳамоҳанг гардид. Маҳз бо туфайли фаъолияти эҷодии ӯ театри тоҷик мутавозан ҳам шакли миллиро ба худ гирифт ва ҳам бо дастовардҳои раванди театри ҷаҳонӣ ҳамроҳ гардид, ки сарҳади мустаҳками байни халқҳо ва фарҳанги онҳоро аз байн мебурд».[1] Ин намоиши Ф. Қосимов давраи ба охир расидани таъсиси мактаби милии режиссёрииточик мебошад.

**Санъати кино**. Вазъияти нави иҷтимоӣ дигаргуниҳои табииро ба санъати кино ворид намуданд. Таъғирот дар сюжет, пайдошудани қаҳрамонҳои типи нав, тасвири баёнии нав – ин раванди табиӣ, ки дар эстетикаи кино тоҷик ҷой доранд. Дар филмҳои нав таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҳақиқии ҳаёт инсон, инъикоси воқеии ҳаёт, одди будани мавзуъ ва сюжет, руй овардан ба анъанаҳои халқ ва ғайра дида мешавад.

Киностудияи асосии ҷумҳурӣ «Тоҷикфилм» гарчанде то ҳол статуси давлатӣ дошта бошад дар воқеъ худмаблағгузора аст.

Бо сабаби набудани бозори харид дар ҷумҳурӣ ва берун аз он, нарасидани техникаи ҳозиразамон, набудани ташаббуси эҷодӣ-иқтисодӣ киностудия дар бӯҳрони вазнин қарор дорад. «Ин вазъиятро ба инобат гирифта «Тоҷикфилм»маҷбур шуд, ки шумораи коргарони штатиро аз 550 то 130 кас кам намояд. Ин маънои онро дошт, ки мутахассиони баланд ихтисос аз ин соҳа рафтанд, барои тайёр намудани чунин мутахассис тақрибан 10 – 15 сол вақт меравад.»[2] Бо сабаби набудани маблағгузорӣ дар

---

[1] Эдгар Е. Режиссерское искусство Таджикистана 80-х и 90-х годов ХХ века. - 2004. – С.7.

[2]Анализ ситуации в области культуры и искусства в Республике Таджикистан. – С. 16–18.

«Тоҷикфилм» режиссёрҳо, актёрҳо, рассомон ва операторҳои боистеъдод ба хориҷи кишвар рафтанд, аз ҷумла – В. Аҳадов, Ю. Юсупов, П. Ахматов, С. Қурбонов ва ғайра.

Дар солҳои 1993-1995 кинематографи ватанӣ филмҳои режиссёри боистеъдод Б.Содиқов «Ҷазира», «Ҷосус» ва «Ал-Бухорӣ»-ро ба экран баровард.[1]

Боқимондаи мутахассисони кино дар киностудияҳои гуногун муттаҳид мешуданд, ки яке аз он киностудия «Синамо» буд. Дар ин ҷо бо дастгирии молиявии иттиҳодияи қазоқистонӣ «Катарсис» ва киностудияи Ӯзбекистон, филмҳои бадеӣ «Офати бегона»-и Ф. Абдуллоев, «Муҳаббати чанд асра»-и М. Қосимова, ки дар фестивалҳои байналхалқии Ҷопон ва Олмон нишон дода шуданд, офарида шуданд. Дар соли 2001 продюсер ва режисёр-постановщик Р. Нуралиев бо ҳамроҳии кинематографистони Ҳиндустон филми бадеии «Сорванец»-ро ба навор гирифтанд.[2]

Дар ибтидои солҳои 1990 нахустин филмҳои Б. Худойназаров ба навор гирифта шуданд. Дар соли 1999 сеюмин филми ӯ «Падари моҳтобӣ» ба экран баромада дар 12-ҳум фестивали Токио мукофоти «Барои ҳалли бадеӣ» соҳиб гардид.[3] Дар соли 2000-ум дар 11-мин кинофестивали Россия «Кинотавр» мукофоти махсуси «Гули тиллоӣ»-ро ба даст овард.[4]

Дар охири соли 1999 премераи филми бадеии «Чор тарафат кибла»-и режиссёр-дебюдант М.Мухаммадиева нишон дода шуд.[5] Дар соли 2008 филми нави бадеии режиссер М.Исмоилов «Иштибоҳ», ки дар телестудияи «Симои мустақили Тоҷикистон» ба навор гирифта шуда буд низ пешкаши тамошобинон гардид ва дар соли 2009

---

[1] Вечерний Душанбе. – 1998. – 13 февр.
[2] Азия-Плюс. – 2001. – 7 сент.
[3] Дайджест. – 1999. – 19 нояб.
[4] Вечерний Душанбе. – 2000. – 23 июня.
[5] Дайджест. – 1999. – 3 дек.

филми бадеии С.Қодирӣ «Нишони зиндагӣ» ба экран баромад.[1]

Дар соли 2001 филми режиссер Д.Усманов «Парвози ору» дар фестивалҳои гуногун зиёда аз бист гран-при сазовор гардид.[2]

Дар соли 2005 филми бадеии «Беватан»-и режиссери Г.Муҳаббатова сазовори якчанд ҷоизаҳо шуд. Аз ҷумла, дипломи кинофестивали байналхалқии Москва «Аннаи Муқаддас», ҷоизаи тиллоии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якумин Фестивали байналмилалии кинои мусулмонӣ "Барои гуманизм дар санъати синамо», мукофоти «Барои муносибати инсонӣ нисбати башарият» дар VII-мин кинофестивали байналхалқии «Шарқ-Ғарб» (Боку), як ҷоизаи махсуси ҳакамони барномаи «Дебют»-и кинофестивали байналмилалии "Кинои нави асри XXI» (Смоленск).[3]

Аз соли 2004 бо дастгирии молиявии Ҷамъияти Кушоди Институти – Бунёди Мадад дар Ню-Йорк ва Будапешт инчунин Агентии оид ба рушд ва ҳамкории Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар ду сол фестивалҳои байналмилалии синамо «Дидор» гузаронида мешаванд, ки дар он синамогарони Осиёи Марказӣ филмҳои худро пешниҳод мекунанд.[4]

Барномаи кинофестивал одатан филмҳои кӯтоҳмуддат ва пурра, ҳуҷҷатӣ, таълимӣ, анимационнӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Мувофиқи анъана кинофестивали «Дидор» диққати махсусро доир ба омӯзиши вазъи филмбарорӣ дар бахши кишварҳои форсизабон – Эрон, Афғонистон ва албатта Тоҷикистон равона мекунад.

Кинофестивал як навъ ҷойгоҳ барои муҳокимаи

---

[1] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj.
[2] Вечерний Душанбе. – 2001. – 24 авг.
[3] Ҳамон ҷо – 6 янв.
[4] Ҳамон ҷо. – 2008. – 13 сент.


www.ravshanfikr.tj

масъалаҳои мубрами синамои муосир мебошад ба монанди омӯзиш дар соҳаи синамо, озодии эҷодӣ, мушкилоти ҳамгирой ва ҳамкории фаъолияти синамогарони ҷавон дар Осиёи Марказӣ, таъсиси як фонди умумиминтақавӣ барои амалӣ намудани беҳтарин лоиҳаҳои синамогарони ҷавон.

Ин кинофестивал аз рӯи анъана аз 12 то 16 октябр гузаронида мешавад. Маросими ба охир расидани ҷашнвора махсус ба Рӯзи кинои тоҷик мувофиқа карда шуд.

Дар соли 2005 дар экранҳо аввалин филми коргардони ҷавони тоҷик Д.Раҳматов «Овора» баромад, ки дарҳол ғолиби дилҳои тамошобинон гардид. Ин тасоддуфи набуд. Дар ҳамон сол филми «Овора» сазовори ҷоизаҳои байналмилали гардид – дипломи ҷашнвора «Аннаи муқаддас» (Москва), мукофоти Президенти Ҷумҳурии Тотористон «Барои гуманизм дар санъати синамо», якумин ҷашнвораи синамои исломии байналхалқӣ «Минбари тиллоӣ» (Қазон), Гран-прии II-юмин ҷашнвораи кишварҳои Осиёи Марказӣ « Парвози эҷодӣ» ва дигарон.[1]

Дар соли 2006 бо мақсади эҳё гардонидани синамои тоҷик Ҳукумати Тоҷикистон Барномаи рушди синамои тоҷикро қабул кунонд. Пас аз ин барои офаридани филмҳо аз ҷониби давлат маблағҳо ҷудо мешуданд ва теъдоди филмҳои баровардашуда ҳар сол 3-4 адад афзуданд.[2]

Дар соли 2007 дар I-мин ҷашнвораи байналхалқии Иссиқ-қули кишварҳои иштирокчиёни ШОС О.Маликов барои филми «Роҳ ба Москва» ва С.Қодирӣ барои филми бадеӣ «Маҳдӣ» диплом гирифтанд.[3]

Дар солҳои 90-ми асри 20 киностудияи «Тоҷикфилм» филмҳои ҳуҷҷатиро мунтазам ба навор мегирифт, ки ак-

---

[1] Гаджиева А. Главный розыгрыш – мое рождение //Tajikair, 2010. – С.46.
[2] Народная газета. – 2009. – 12 янв.
[3] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj.

сарияташ ба тамошобинон мақбул афтод. Ҳамин тавр, филми ҳуҷҷатии О.Шарипов «Летовка» бо Гран-прии кинотелефоруми байналхалқии Москва сазовор гардид, филми Н.Раҳмонов «Посира» бо мукофоти дуюм дар ҷашнвораи байналхалқии Юнон сазовор гардид. Филмҳои Г.Дзалаев «Сарез» ва Ф.Абдуллаев «Бозгашт» бо ҷоиза ва дипломҳо мукофнида шуданд.[1]

Бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён ва 70-солагии киностудияи «Тоҷикфилм» дар экран як силсила филмҳои ҳуҷҷатӣ бароварда шуданд. Дар ин кори муҳим иштирок варзиданд режиссёрҳо Т.Ҳамидов, А.Тураев, Ю.Юнусов, М.Мансурхоҷаев ва В.Восихов, стсенаристон Г.Эльбаум, Д.Раҳматов, банаворгирон Г.Дзалаев, З.Исраилов, Г.Ортиқов ва дигарон.[2]

Дар давраи пас аз шӯравӣ кинотеатрҳои Тоҷикистон рӯ ба таназзул оварданд. Теъдоди тамошобинон низ кам шуданд. Масалан, агар дар соли 1991 дар кишвар 1252 кинотеатр фаъолият мекард ва дар онҳо 29,8 млн. кас ташриф оварданд,[3] пас дар соли 1995 – 713 кинотеатр (429 ҳазор кас),[4] дар соли 1999 – 216 кинотеатр (122 ҳазор кас). Дар соли 2009 – 67 кинотеатр (5,4% нисбат ба соли 1990) – 58 ҳазор кас (0,2% нисбат ба соли 1990).[5]

**Санъати мусиқӣ.** Дар солҳои 1990-ум дар соҳаи фарҳанги мусиқии Тоҷикистон таъғиротҳои калон ба вуҷуд омада буд. Аксарияти мутахассиони театри опера, оркестри симфонӣ, мактабҳои мусиқӣ, сарояндагон Тоҷикистонро тарк намуданд. Дар натиҷа гуруҳҳои филармонии оркестрҳои симфонӣ ва камерӣ барҳам хӯрданд. Аз ду оркестри симфонии кишвар ҳамагӣ як қисми хурд дар театри опера боқӣ монд, ки он ҳам аз нарасида-

---

[1] Народная газета. – 2001. – 22 февр.
[2] Бизнес и политика. – 1999. – № 44.
[3] Народное хозяйство Республики Таджикистан в 1991г. – С.96.
[4] Ҳамон ҷо. – С.96.
[5] Таджикистан в цифрах. 2010. – Душанбе, 2010. – С. 75-76.


www.ravshanfikr.tj

ни сарояндагон танқиси мекашад. Дар ин солҳо устодони соҳаи мусиқӣ, ки дар байни эшон оҳангсозон ва сарояндагони машҳур: Ф.Баҳор, С.Орзуманов, С.Кашкарова, В.Финкельберг, В.Ҳазратов, А.Холиқов, Г.Иноятова, А.Латиф-зода, З.Халилова ва дигарон ба дигар ҷумҳуриҳо рафтанд.[1]

Ба вазъи душвори ҷумҳурӣ нигоҳ накарда дар даҳсолаи аввали истиқлолият бастакорон фаъолияти худро давом медиҳанд. Асарҳо асосан барои оркестри камернӣ ва асбобҳои алоҳидаи мусиқӣ офарида мешаванд. Як чанд асрҳои аҷиб дар опера ва симфонияи тоҷик дар эҷодиёти Д.Дустмухамедов, А.Одинаев, Т.Шаҳидӣ, Т.Сатторов, З.Миршакар, К.Ҳикматов ва дигарон дида мешавад. Ин пеш аз ҳама опера барои кӯдакон «Бузаки чингилакпо» – и А.Одинаев, «Биё барфи Бобо»-и Д. Дустмухамедов, «Карлик Нос»-и Т.Шаҳидӣ, эҷодиёти вокалӣ-симфонии Д.Дустмухамедов «Чароғи Сомон» ва «Бародарӣ» (матни Лоиқ), «Ҷашни истиқлол» (матни Гулназар), «Таронаи Ватан (Точикистони ман)» (матниС.Хатлонӣ), А.Одинаев «Самои бахт», «Мо – олами меҳри»-иТ. Саттаров (матниС. Хатлонӣ ва М.Ғоиб) ва дигарон мебошад.[2]

А.Одинаев, З.Миршакар, Т.Саттаров, К.Яҳъёев ва дигарон барои ансамбли скрипка песа менависанд.

Дар театрҳо ва ансамбли мусиқӣ артистони халқии Тоҷикистон Ҷ.Муродов, З.Нозимов, Р.Шалоэр, Б.Негматов, Н.Раҳматова фаъолияти эҷодии худро давом медиҳанд. Дар қатори онҳо артистони ҷавон – П.Юсуфӣ, К.Ҷураева, Х.Хайдаров ва дигарон фаъолият мекунанд.

Дар ин солҳо бисёр сурудҳои эстрадӣ навишта мешу-

---

[1] Кабилова Б. Проблемы музыкального театра в Таджикистане // Сб. докладов Межд. научной конф. «Европейский театр в исламском мире: постсоветские трансформации в театральном искусстве стран Центральной Азии».– Ташкент, 2003. – С. 129.

[2] Кабилова Б. История композиторского творчества в Таджикистане. – Душанбе, 2008. – С. 57.

данд. Дар ин жанри машҳур ва барои халқ мақул бастакорон Х.Абдуллоев, А.Одинаев, Д.Дустмухамедов, К.Яҳяев, Т.Саттаров, К.Ҳикматов, Х.Ниязи, А.Мусаев ва дигарон кор мекунанд. Сарфи назар аз он, ки даҳсолаи мазкур бисёр мураккаб буд ба ҳар ҳол ин давраи ҷустуҷуи роҳи рушд ва инкишофи таҷрибаҳои нав буд. Оҳангсозон кӯшиш менамоянд, ки эҷодиёти худро мукаммал намоянд. Ҳадафҳои эҷодии онҳо ин азнав дида баромадани таърихи гузаштаи халқи худ мебошад. Ин давраи мукаммал гардонидани мусиқии миллии тоҷик мебошад. Дар соли 1998 аз ҷониби шоир Г.Келдӣ матни нави Суруди миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар асоси оҳанги С.Юдаков навишта шуд.[1]

Дар якчанд соли истиқлолият, ки муҳимтарин давраи ташаккули далатдорӣ мебошад, халқи Тоҷикистон ба муваффақиятҳои калон сазовор гардид. Ин пеш аз ҳама ноилшави ба сулҳу салоҳ. Халқи тоҷик пас аз чандин садсолаҳо моҳияти таърихиро дарк намуда зеҳни беназири худро барқарор кард, ки барои худшиносии халқ нақши калон бозид. Ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён ин на танҳо хотираи таърихӣ балки ҳамчун саҳифаи нави сохмони давлатдорӣ дар Тоҷикистон мебошад.[2]

Маҳз ҳамин дастовардҳо дар операи «Шоҳ Исмоил»-и Т.Шаҳидӣ ва«Рустам ва Сухроб»-и Т.Сатторов сароида шуданд. Ду оҳангсози боистеъдоди муосир дар асоси маводҳои таърихӣ асаре офариданд, ки як бори дигар ба якдигарфаҳмӣ ва сулҳ даъват намуданд.[3]

Дар солҳои аввали истиқлолият асарҳое пайдо мешаванд, ки ҳамоҳанги замон ва талаботи инсон мебошанд.

---

[1] Матни аввалаи Гимни давлатии ҶШС Тоҷикистон (1946) ба қалами шоир А. Лоҳутӣ тааллуқ дошт.

[2] Музыка не знает границ (интервью с председателем Союза композиторов Таджикистана А. Низамовым) /Народная газета. – 2002. - 8 май.

[3] Кабилова Б. История композиторского творчества в Таджикистане. – Душанбе, 2008. – С. 38.

Ба руйхати чунин асарҳо дохил мешаванд ораторияи «Ахура Маздо»-и А.Одинаев (1995), бахшида шуда ба чорумин солгарди истиқлолияти ҶТ. Дар оратория эпизодҳои таърихи қадими тоҷикон – давраи зардуштия ва истилои араб нишон дода шудаст.[1]

Кушодашавии Академияи мусиқӣ дар Хуҷанд (1993) ҳамчун ҳодисаи назаррас дар ҳаёти мусиқави ва ҷамъиятӣ буд, ки далели ба вуҷуд омадани боз як муассисаи фарҳангӣ, ки дар худ дорои маркази илмӣ-тадқиқотӣ ва муассисаи таълимӣ мебошад. Аммо Академия мазкур умри дароз надид ва дар таҳкурсии он факултаи санъати мусиқии муосир дар Донишгоҳи Давлатии ба номи Б.Ғафурови ш. Хуҷанд кушода шуд.[2]

Дар соли 2003 як ҳодисаи муҳими фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ рух дод – бунёди Консерваторияи Миллӣ дар базаи факултаи мусиқии Донишкадаи давлатии санъат, ки аз он дар роҳи тарбияи мутахассисони соҳаи мусиқӣ умеди калон доранд.

Дар Консерватория консертҳои солоӣ, камерӣ, мусиқии симфонӣ, фестивалҳои гуногун ва озмунҳо гузаронида мешаванд. Аз соли 2007 дар инҷо мунтазам фестивали байналхалқии оркестрҳои камерӣ «Баҳористон» гузаронида мешаванд, ки дар он мусиқачиёни Россия ва Осиёи Марказӣ иштирок менамоянд. Дар соли 2008 дар фестивали II-юм интер-оркестри симфонӣ таъсис дода шуд, ки он иқтидори фаровони захиравӣ ва эҷодиро истифода мекард. Ин гуна иттиҳодияи таҷрибавии навозандагони кишварҳои гуногун нахустин маротиба на танҳо дар Тоҷикистон балки дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада буд.

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 47.

[2] Кабилова Б. Музыкальная культура Таджикистана в годы независимости. // Материалы научно-теоретической конференции, посвященной 20-летию независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011. – С. 22.

Аз 30 апрел то 3 майи соли 2009 бо ташаббуси Консерваторияи миллӣ ва Вазорати фарҳанги ҶТ, дастгирии молиявии офиси Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд, маркази фарҳангӣ «Бактрия» джаз-фествали байналхалқӣ гузаронида шуд. Дар фестивал ба ғайр аз навозандагони тоҷик (гурӯҳи «Авасто», проект «Мизроб», А.Бақоев, Ҷ.Халилов) боз навозандагони Озарбайҷон, Қирғизистон, Туркменистан ва Ӯзбекистан иштирок варзиданд.

Бо ба даст овардани истиқлолият дар ҳаёти мусиқавии Тоҷикистон бо сабабҳои аз нав дида баромадани арзишҳои маънавӣ таъғиротҳо ба вуҷуд омада буданд. Мероси таърихию-фарҳангии халқ омили асосии нақшавии фарҳанги мусиқавии тоҷик гардид, ки дар худ як чанд самтҳои эҷодиро аз ҷумла фолклорро дар бар гирифт. Мусиқии анъанавии тоҷик объекти омӯзиш ва эҳё гардид. Ҳавасмандкунии бузург барои ин таъсисдодани ансамбли давлатии Шашмақом ва Фалак дар ҷумҳурӣ гардид.[1]

Оид ба рушди санъати Шашмақом дар ҷумҳурӣ фармони Президенти ҶТ баромад. Ҳамзамон як қатор тадқиқотҳо оид ба мусиқии классикии тоҷик нашр гардид. Рӯзи 12 май рӯзи Шашмақом эълон гардид.[2] Дар соли 2009 «Энсиклопедияи Шашмақом» аз нашр баромад.[3]

Аз ҷониби Академияи Мақом албоми «Незримый лик возлюбленной» дар соли 2006 чоп карда шуд, ки барои гирифтани мукофоти муътабари америкоӣ дар соҳаи индустрияи мусиқавӣ «Грэмми» дар номинацияи «Беҳтарин албоми мусиқии анъанавии ҷаҳонӣ» пешниҳод гардид.[4]

Дар ин давра бисёр баромадҳои гастролӣ гузаронида

---

[1] Бо фармонҳои Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон ба дастаҳои Шашмақом (2001) ва Фалак (2002) мақоми давлатӣ дода шуд.

[2] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Др бораи рӯзи «Шашмақом» //Ҷумхурият, 2000.

[3] Донишномаи Шашмаком. /Под ред. Раджабова А. – Душанбе, 2009. – 422 с.

[4]Инициатива Ага Хана в области музыкального творчества в Центральной Азии: URL: http://www.akdn.org/tajikistan_culture_r.asp.


www.ravshanfikr.tj

шуданд дар ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса, Белгия, Австрия, Ҳиндустон, Ирон, Хитой ва дигар мамлакатҳо, ки дар он ҷо санъати мусиқавии анъанавии тоҷикон муаррифи карда шуда шуд.

Дар соли 2001 дар Хуҷанд бо ташаббуси мусиқачӣ-дуторнавоз С.Худойбердиев маркази «Ҳунар» кушода шуд, ки мақсади он эҳё гардонидани санъати анъанавии мақом буд.

Дар солҳои истиқлолият боз як жанри дигаре, ки рушд кард ин Фалак буд. Озмӯнҳои ҷумҳуриявии фалак гузаронида мешуданд, дар косерваторияи миллии Тоҷикистон кафедраи Фалак таъсис дода шуд. Ба ғайр аз ин оид ба Фалак се симпозиуми байналхалқӣ гузаронида шуд. Аз соли 2007 – 10 октябр рӯзи Фалак эълон карда шуд.[1] Дар соли 2007 дар ш.Душанбе ва Кӯлоб мактабҳои Фалак бо иштироки артисти халқии ҶТ Д.Холов кушода шуданд.

Доир ба жанрҳои Шашмақом ва Фалак як чанд конференсия ва сипозиумҳо дар ҷумҳурӣ гузаронида шуданд. Аз ҷумла, фестивал-симпузиуми байналхалқии «Шашмақом дар аввали асри 21»,[2] ва боз се фестивал-симпузиуми байналхалқии «Фалак».[3]

Бо ташаббуси Вазорати фарҳанги ҶТ ва бо дастгирии молиявии Офиси Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ аз 24 то 26 майи соли 2002 Фестивали Байналхалқии санъати тоҷик «Аржанг» гузаронида шуд.

Дар ин фествал иштирок намуданд: сарояндагони сурудҳои халқӣ ва классикии мусиқии тоҷик, ансамлҳои рақсӣ, рассомон, кулолгарон, кандакорон, дӯзандагони миллӣ, устоҳои асбобҳои мусиқӣ, заргарон ва ғайра.

---

[1] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Др бораи рӯзи «Фалак». - 2007. – 8 авг.
[2] Фестиваль соли 2003 дар шаҳри Исфара баргузор шуд.
[3] Фестивал-озмунҳои байналхалқии «Фалак». – Душанбе, 2004: Кулоб, 2006; Душанбе, 2009.

Дар рӯзҳои гузаронидани фестивал «мизи мудаввар» гузаронида шуд, ки дар он оҳангсозони пешбари ҷумҳурӣ, мусиқашиносон, рассомон, мутахассисони кино ва дигарон иштирок арзиданд. Дар рафти суҳбатҳо як қатор мушкилиҳое, ки дар соҳаи фарҳанг ва санъат вуҷуд доранд мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Аз ҷумла, нарасидани кадрҳои баландихтисос ва таҷҳизотҳои техникӣ, маблағгузории хеле ночиз аз ҷониби давлат ва ғайра. Мутахассисон тавонистанд роҳҳои асосии рушди соҳа ва ҳалли мушкилотҳои мавҷударо муайян намоянд. Махсус қайд карда шуд, ки дар эҷодиёт нишонаҳои карахтӣ, набудани нуқтаи диди нав мушоҳида мешавад.

Дар маҷмуъ фестивали «Аржанг» дар муқоиса ба солҳои охир як ҳодисаи муҳим барои рушди минбаъдаи санъати гуногун дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дастаҳои мусиқии муосири эстрадии тоҷик «Западный квартал», «Парем», «Аджам», «Авеста», «Шамс» ва «Мизроб» мухлисони худро пайдо намуданд. Мусиқанавозон санъати мусиқии хос халқии тоҷикиро меофаранд. Мусиқанавозони солҳои 90-ми асри 20 фаромуш намекарданд, ки мусиқӣ бояд оддӣ, зебо ва дастраси халқ бошад.

Алоқаи байналхалқӣ низ фаъолона рушд мекард. Январи 2002 дар Австрия, Олмон ва Нидерландия нахустин аудиоалбоми гуруҳи «Авесто» бароварда шуд. Сабти албом дар студияи звукозаписи машҳури олмонӣ «Double Moon Records» ба роҳ монда шуда буд. Дар соли 2009 гуруҳи «Шамс» ҳамроҳи гуруҳи англисӣ «Мапун Таун» дар Лондон баромад карданд. Ба сарояндагони эстрадаи тоҷик Ш.Сурайё, Б.Ғафурӣ ва Ҷ.Муродов дар Манхеттен-Сентри Ню-Йорк нахустин бор мукофоти Big Apple Music Awards дода шуд. Дар соли 2010 дар Токио бахши-

да ба эҷодиёти оҳангсоз Т.Сатторов консерт дода шуд.[1]

Дар асарҳои Т.Шаҳидӣ «Юсуф ва Зулайхо», «Сиёвуш», операи «Исмоили Сомонӣ» оҳанги халқӣ ва усули мусиқии муосир бо ҳам омехта шуда, дар фестивалҳои мусиқавии байналхалқӣ дар байни навозандагони ҷаҳонӣ эшонро машҳур гардониданд.[2] Дар соли 1999 дар ш.Москва дар толори Калони консерваторияи ба номи Чайковский шабнишинии муаллиф Т.Шаҳидӣ гузаронида шуд, ки дар он асарҳои нави оҳангсоз – «Саҳифаҳои фоҷиаи Фирдавсӣ», консерти № 3 барои фортепиано бо оркестр, сикли вокалӣ «Неки ба Шумо» дар асоси шеърҳои Ҳофиз, Гёте, Пушкин ва дигарон пешкаши табошобин гардид.[3]

Дар соли 2000-ум мукофоти «Лираи тиллоӣ» дар фестивали мусиқавии байналхалқӣ, ки дар ш. Теҳрон баргузор гардид ба ансамбли «Сомон» дода шуд.[4]

Ҳофизи тоҷик овозаш баритон А.Холиқов, ки худ роҳбари бадеии Академияи сурудхонии «Белканто Интернешнл» дар ш. Милан буд, аз солҳои 90-ми асри 20 дар Италия баромад карда ва мухлисони операро бо овозаш мафтун мекунад.[5] Дар ин солҳо ҳунари худро моҳирона нишон медоданд: пианистон Д.Ҳакимова, Г.Иноятова, скрипканавоз А.Ғолӣахметова, вокалистон Б.Маматқулов, А.Мирраҷабов, Р.Дуллоев ва дигарон.

Сентябри соли 2005 дар ш. Душанбе бо дастгирии Президенти ҶТ дар давоми шаш рӯз фестивали байналхалқии гуруҳҳои касбии фолклорӣ-этнографӣ «Овози дилҳо» гузаронида шуд. Дар ин фестивал зиёда аз 10 коллективҳои эҷодӣ аз Тоҷикистон, Россия, ИМА, Ирон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Озарбайҷон ва ғайра иштирок

---

[1] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj.
[2] Народная газета. – 1999. – 26 нояб.
[3] Народная газета. – 1999. – 24 дек.
[4] Народная газета. – 2000. – 3 март.
[5] Народная газета. – 2005. – 16 дек.

варзиданд.[1] Дар рафти кори фестивал ҷомеаи ҷаҳон бо санъат, анъана,маданият ва санъати хоси халқи тоҷик шинос шуд ва дар он фарҳанг ва санъати дигар халқҳои ҷаҳон нишон дода шуд.

Дар соли 2007 дар ш. Душанбе дар консерваторияи миллии Тоҷикистон якумин фестивали байналхалқӣ барои оркестри камерӣ «Баҳористон» гузаронида шуд. Дар ин чорабинӣ оркестри камерии Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва квартети академияи давлатии фарҳанг ва санъати Челябински Федератсияи Россия иштирок намуданд. Дар соли 2008 дар II-мин фестивал презентатсияи захираҳои оркестрӣ ва симфонии консерваторияҳо гузаронида шуд ва дар асоси он оркестри интер-симфонии муттаҳидшуда таъсис дода шуд. Ин гуна формати оркестрӣ ва симфонии муттаҳиднамудани захираҳои консерваторияҳо нахустин маротиба на танҳо дар Тоҷикистон балки дар Осиёи Марказӣ таъсис дода шуд.[2]

Сентябри соли 2010 аввалин бор дар қаламрави пас аз шӯравӣ дар ш. Душанбе фестивали мусиқавии байналхалқӣ «Осмони Иттиҳод» барпо гардид, ки дар он ситораҳои машҳури кишварҳои ИДМ иштирок варзиданд.

**Санъати тасвирии** пас аз шӯравии Тоҷикистон аз давраи гузашта хело фарқ мекунад. Фазои демократия барои рушди он таъсири калон расонид. Ҳам замон санъати тасвирӣ бо дигар кишварҳои ИДМ монандӣ дорад. Ин пеш аз ҳама гуногунӣ ва эклектизми тафаккури хос будан барои ҳама қаламрави пас аз шӯравӣ, рӯй овардан ба арзишҳои миллӣ, майли эҳё намудани таърихи ёдгории халқ ва хоҳиши сабт намудани давраи гузаришро дар матни «анъанаи калони миллӣ» ҳамчун катализатори рушд буд.[3]

---

[1] Вечерний Душанбе. – 2005. – 23 сент.

[2] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj.

[3] Анализ ситуации в области культуры и искусства в Республике Таджикистан. – С. 53.

Дар кишвар ягона иттиҳоди касбие фаъолият менамояд, ки барои рушди эҷодиёт, раванди мусобиқавӣ ва инкишофи ҳаёти бадеӣ мусоидат менамояд ин Иттиҳоди рассомон мебошад, ки фаъолияташ дар асоси қонуни ҶТ «Доир ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ба роҳ монда шудааст.[1]

Дар сайти расмии конфедератсияи байналхалқии иттиҳоди рассомон (МКСХ) сабт шудааст: «Иттиҳоди рассомон дар рушди санъати визуалии Тоҷикистон нақши асосиро мебозад. Иттиҳод бевосита бо масъалаҳои санъат, ташкил намудани намоишҳо,дастгирии фаъолияти эҷодии расомон, таблиғоти кори онҳо сару кор дорад. Маъмурияти иттиҳод дар як сол то бист намоиши персоналӣ ва то даҳ экспозитсияи ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ ташкил мекунад».[2] Асарияти намояндагони ин иттиҳод хатмкунандагони матабҳои ба обрӯии олӣ ва омӯзишгоҳҳо ба монанди институти санъаткории давлатии Москва ба номи В.Суриков, омӯзишгоҳи олии санъатӣ-саноатии Москва (собиқ Строгановское), институти умумииттиҳодии синамоӣ, институти театр, мусиқӣ ва синамоии Лениград ва омӯзишгоҳи санъатии Душанбе ба номи М.Олимов ва ғайра буданд.

Корҳои эҷодии рассомони номдор ба монанди Суҳроб Қурбонов, Сабзали Шарипов, Зуҳур Ҳабибуллоев, Баҳром Исматов, Фаррух Хоҷаев, Мизроб Холлов, Фаридун Негматзода ва дигарон ба рушди минбаъдаи санъати тасвирии Тоҷикистонтаъсири калон гузоштанд.

Дар байни эшон ҷойи махсусро Сабзали Шарипов – суратгар-муҷассамасоз, ки дар усулҳои гуногуни наққошӣ кор мекунад ишғол менамояд. Барои фаъолияти эҷодияш дар назди Ватанба С.Шарипов унвони рассоми халқии ҶТ ва арбоби шоистаи санъати ҶТ дода шуд. Ӯ

---

[1] Закон РТ от 23 мая 1998г., № 644 «Об общественных объединениях».
[2]Союз художниковТаджикистана //МКСХURL: http://confederation-art.ru/ru /index.php?p1=unions&uniid=10

боз лауриати ҷоизаи давлатии Шӯрои азирони ИҶШС ва лауреати ҷоизаи давлатии ҶТ ба номи Рӯдакӣ мебошад.

Эҷодиёти устод дар галерияи Третяков, осорхонаи халқҳои Шарқ дар Москва, дар галереяи Лаҳистон, Венгрия, Ӯзбекистон, Афғонистон, дар коллексияҳои шахсӣ дар ИМА, Швейтсария, Олмон, Австрия, Россия ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон нишон дода шуданд.

Дар давоми фаъолияти эҷодии С.Шарипов як чанд намоишҳо гузаронида шудаанд. Намоиши шахсии рассом «Сиёҳ а Сафед» (1996) давраи ҷанги бародаркуширо дар Тоҷикистон инъикос менамояд. Аз ҳама асарҳои таъсирбахши ҳамин мавзӯъ – «Ҳамдардӣ», «Гургон», «Вақт», триптих «Монеа» бо рангҳои сиёҳ, сурх ва сафед офаридашудаанд. Барои силсилаи расмҳои «Сиёҳ а Сафед» С.Шарипов сазовори ҷоизаи давлатии ҶТ ба номи Рӯдакӣ сазовор гардид.[1]

С.Шарипов ба ғайр аз ин боз ороишгари китоб мебошад. Ороишҳои ӯ дар китобҳои дар бораи Умари Хайём, маҷмуаи шеърҳои Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Урун Кӯҳзод, Сайф Раҳимов,Абдуҳамид Самадов, китоби Тимур Зулфиқоров, маҷмуаи афсонаҳои халқи тоҷик, нашри эпоси ҳиндӣ «Рамаяна» дида мешаванд.

Номи рассоми халқии ИҶШС, рассоми халқии Тоҷикистон, дубора лауреати ҷоизаи давлатии ҶТ ба номи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат ва меъморӣ, Раиси Иттифоқи рассомони ҶТ Суҳроб Қосимов дар ҷумҳурӣ ва берун аз он машҳур мебошад.[2] Асарҳои вай дар осорхона ва галереяи машҳури ҷаҳон намоиш дода шудаанд: дар осорхонаи Метрополитени ИМА, Галереияи Давлатии Третяков, осорхонаи давлатии санъати халқҳои Шарқ дар Москва, дар осорхонаҳои гуногуни Аврупо ва Осиё

---

[1]Фарҳанг ва истиқлол. – С. 47.

[2] Дубинина В. Сухроб Курбанов вновь избран председателем Союза художников //НИАТ «Ховар». URL: http://khovar.tj/rus/archive/28590-s.kurbanov-vnov-izbran-predsedatelem-soyuza-hudozhnikov.html

ва инчунин дар бисёр коллексияҳои шахсӣ.

Хусусиятҳои хоси миллӣ, равшании рангу бор, усули нотакрор дар эҷодиёти С.Қурбонов шавқи самимии мунақидони санъат ва тамошобинони оддиро ба худ ҷалб менамояд.

Дигар наққоши машҳур, рассоми халқии Тоҷикистон, арбоби шоистаи санъат, аъзои ҳақиқии Академияи санъаткории Тоҷикистон Зухур Хабибуллаев мебошад. Шаш асари вай дар галереяи Третяков мебошанд, ки дар байни онҳо тасвири «Қоқ кардани тамоку дар ноҳияи Ғарм» ва «Қайчи задани калони гӯсфандҳо» мебошад.

Баҳром Исматов – рассоми тоҷик, аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, иштирокчии озмӯнҳои байналхалқӣ: «Суруш 2001»ва «Суруш 2002», намоиши байналхалқии санъати тасвирӣ «Санъати миллатҳо», намоишгоҳи «Экология» дар солҳои 2004 ва 2006 дар ш. Москва ва ҳамчунин дар намоишгоҳи байналхалқии санъати тасвирӣ дар ВАКБ, «Арт подвал», ки аз ҷониби маркази фарҳанги Бохтар дар соли 2008 гузаронида мешуд ва ғайра. Дар соли 2003 ва 2005 ӯ дар Беннале Тошкент, дар соли 2006 Беннале Ирон кишварҳои исломӣ.

Дар соли 2011 Б.Исматов ду намоишгоҳи шахсиро ташкил намуд, яке дар Душанбе, дигаре дар Гомел (Белоруссия) дар чорчӯбаи Рӯзҳои фарҳангии ҶТ.[1] Корҳои эҷодии Б.Исматов дар коллексияҳои шахсии Тоҷикистон, Россия, кишварҳои Аврупо ва Осиё қарор доранд.

Боз як рассом, муҷассамасози тоҷик Фаррух Хоҷаев мебошад. Дар корҳои эҷодии худ ӯ рангубори дурахшон, элементҳои декоративӣ, образҳои мифологӣ («Афтидан», «Шутури тиллоӣ») истифода мебарад.

Ба ғайр аз ин ӯ иштирокчии доимии намошгоҳҳои гу-

[1] Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги ҶТ.

ногуни ҷумҳуриявӣ ва намоишгоҳи «ЭКСПО – 94» дар Будапешт (Венгрия) мебошад. Ф.Ходжаев лауреати 1-мин мукофоти Беннали кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ш. Тошкант дар соли 1997 мебошад. Нахустин намоишгоҳи касбии рассом дар соли 2010 дар галлереяи ба номи Валимад Одинаеви коллеҷи бадеии ҷумҳуриявии ба номи М.Олимов гузаронида шуд.

Корҳои эҷодии Ф.Хоҷае дар осорхонаҳо ва коллексияҳои шахсии Тоҷикистон, Россия, Аврупо, Туркия ва ИМА қарор доранд.

Дар солҳои 90-уми асри 20 аҳолии Тоҷикстон, ИМА, Олмон, Ирон, АМА дар намоишгоҳҳо бо муҷассамаҳои А.Бекасиен шинос шуданд, ки идеалҳои фалсафавӣ ва бадеии ҷаҳони муосиро инъикос менамуданд. Аз ҷонибу офарида шудаанд муҷассамаи А.Фирдавсӣ (ҷоизаи давлатии Тоҷикистон), Исмоили Сомонӣ (дар Қурғон-Теппа ва ноҳияи Бохтар ҷойгиранд), А.Ҷомӣ. Дар соли 1992 А.Бекасиен барои офаридани рамзи фестивали театрҳои касбии ҷумҳуриҳои Осиё Марказӣ сазовори Гран-при гардид.[1]

Мавзӯи халқ дар эҷодиёти З.Сайфутдинов «Дастпонаи тиллоӣ», В.Шатаев «Шуълаи охирин», Р.Усмонов «Ситора. Ният кун», А.Миршакаров «Моҳи нав», К.Едгор «Пардози ситораи дур», Ш.Шобуталибов «Шуълаҳои Офтоб» ифодаи равшани худро ёфт.

Дар ин солҳо рассомони бо истеъдоди манзаранавис пайдо шуданд. Онҳо табиати бойи ватани азизи худро дар корҳои худ ифода намудаанд: В.Бабич «Искандар-Кул», А.Хайдаров «Дарёи кӯҳистон», И.Цыбизов «Тавилдара», Г.Сербул «Баҳор дар кӯҳ», В.Чалкин «Варзоб», Ш.Шобуталибов «Раъду барқ дар кӯҳ».

Рассомони симоофар як қатор корҳои эҷодии худро ба ҷашни давлати Сомониён бахшиданд: В.Назаров «Исмо-

---

[1] Дайджест. – 1999. – 2 сент.


www.ravshanfikr.tj

или Сомонӣ», А.Яҳёев «Паннои орнаменталӣ. 1100-солагии давлати Самониён».

Дар Тоҷикистон жанри муосири санъат бо муваффақият рушд мекунад. Истифода намудани анъанаҳои миллӣ пайвастагӣ бо шаклҳои муосири эҷодиёт, захираҳои аудиовизуалӣ, тафаккури бадеӣ ба ин мусоидат менамояд.[1]

Аз 12 по 22 майи соли 2006 дар ш. Душанбе дар колеҷи санъатӣ ба номи Олимов нахустин намоишгоҳи санъати муосир «Параллель» гузаронида шуд.

Пеш аз намоишгоҳ бо дастгирии молиявии офиси Швейтсарӣ оид ба рушд ва ҳамкорӣ семинари 10-рӯза барои рассомони ҷавони тоҷикистонӣ гузаронида шуд. Дар раванди кори эҷодӣ 7 видеофилм ва зиёда аз 10 хэппенинг, инсталлятс ва перформанс офарида шуд. Ҳамаи онҳо дар намошгоҳ пешниҳод карда шуданд.

29 сентябри соли 2007 дар осорхонаи миллӣ ба номи Беҳзод намоишгоҳи санъати муосир нишон дода шуд. Дар он корҳои эҷодии рассомони Тоҷикистон ва Австрия буд. Ғояи асосии намоишгоҳ – ташаккули фазои ягонаи фарҳангӣ-иттилоотӣ байни Аврупо ва Осиё.[2]

Дар намоишгоҳ нишон дода шуд инсталлятси, фотоарт, расмҳои А.Сайфидинов, Р.Сафаров, И.Мамаджанов, С.Шарифӣ, О.Шарифӣ, М.Шарипов, Д.Методжев, Н.Ҳамидов, У.Аҳмадов, Д.Холиков ва дигар муаллифони тоҷик. Бо эҷодиёти худ рассомон таърихи мероси фарҳангии Осиёи Марказиро инъикос намуданд.

Ба муносибати IV-мин вохӯрии вазирони фарҳанги кишварҳои аъзоёни (ШОС) дар ш. Душанбе аз 23 то 26 апрели соли 2007 намоишгоҳи эҷодиёти рассомони тоҷик

---

[1] Додхудоева В. Визуальный проект постсоветского Таджикистана //Очерки истории и теории культуры таджикского народа. – Вып. 4. – Душанбе, 2010. – С. 397.

[2] Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги ҶТ. – 2007.

баргузор гардид.[1] Дар экспозитсия он таъғиротҳое, ки дар фарҳанг ва ҷомеаи Тоҷикистон пайдо шуданд инъикоси худро ёфтанд. Дар намоишгоҳ корҳои эҷодии устодони машҳур С.Шарипов, Д.Расулов, Я.Мамадкулов, З.Довутов, С.Шералиев, М.Носирова ва дигарон барои тамошобинон пешниҳод карда шуданд.

Дар ш. Душанбе дар солҳои истиқлолият як чанд галереяи шахсӣ гузаронида шуд: «Галереяи Суҳроб» рассоми машҳур Суҳроб Қурбонов, «Модиляни» Мизроб Холов, галереяи «Умед» дар колеҷи давлатии санъат ва ғайра. Дар соли 2004 дар Хуҷанд галереяи шахсии Ғафур Ҷураев «Сомонӣ» кушода шуд.[2] Дар соли 2011 дар ш. Душанбе галереяи нави бадеии шахсии «Мино» кушода шуд.[3] Фарҳанги қадим кушода мешавад дар эҷодиёти бадеӣ, самтҳои гуногун, сарвати ботинӣ ва зебоии рӯҳонӣ, истеъдоди нотакрори сарояндагон, ки дар галерея пешниҳод карда шудааст. Хусусиятҳои халқи тоҷик дар тасвир ва маҳсулоти сафолӣ ва ороиши заргарӣ аз Рашт, Хуҷанд, Хатлон, Бадахшон ва ғайра нишон дода шудаанд.

Асосгузори галереяҳо семинар, тренинг, мастер-класси ройгон барои донишҷӯён ва мактабхонон бо иштироки устодони машҳур ва намоишгоҳи корҳои эҷодии рассомон мегузаронан.

Беҳтарин корҳои рассомони муосири тоҷик, ки бо услубҳои гуногун офарида шудаанд дар галереяҳо нишон дода шуданд. Дар галерея ба ғайр аз тасвиру ҳайкалчаҳо боз намунаҳои либоси миллӣ аз минтақаҳои гуногуни

---

[1]Отчет отдела по международным связям Министерства культуры РТ за первый квартал 2007 года. – С.2.

[2] Додхудоева В. Визуальный проект постсоветского Таджикистана. – С. 391.

[3] Назарова С. «Мино» – новая площадка для продвижения искусства Таджикистана //ArtCulture.: URL: http://nm.tj/culture/1474mino-novaya-ploschadka - dlya-prodvizheniya-iskusstva-tadzhikistana.html.

кишвар (чакан, ҷуроби помирӣ), ороишҳои заргарӣ, таҷҳизотҳои рӯзғор, фотоалбомҳои рангоранг оид ба таърихи санъати Тоҷикистон пешбини шудааст.

Дар соли 2001 дар ш. Душанбе маркази санъати тасвирӣ кушода шуд, ки дар он намоишгоҳи алтернативии рассомони тоҷик дар самтҳои гуногун ва жанрҳо – расмкашӣ, графика, кандакорӣ, саффолӣ нишон дода шуд.

Дар соли 2003 дар ш. Қурғон-теппа омӯзишгоҳи бадеӣ кушода шуд. Бо муносибати ҷашнгирии 2500-солагии ш. Кӯлоб дар он ҷо осорхонаи санъат бо толорҳои намоишгоҳӣ сохта шуд.[1]

Бо мақсади нигоҳ доштани асарҳои бадеӣ ва ошкор намудани иқтидори эҷодӣ дар соли 2010 дар кишвар Академияи бадеии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамзамон дар Тоҷикистон намоишгоҳҳои рассомони хориҷӣ бештар гузаронида мешуданд. Масалан, дар соли 2000-ум дар ш. Душанбе дар осорхонаи миллии ба номи Беҳзод намоишгоҳи рассомони Тоҷикистон «Суруш-2000» гузаронида шуд. дар ин ҷо асарҳои М.Бекназаров «Портрети зан», «Малика Собирова», И.Мамаҷанова «Муҷаррад», «Орзӯи кӯдакона», А.Сайфутдинов «Хобҳои рангини аспбон» нишон дода шудаанд. Витражи шакли хурд дар корҳои витражисти ягонаи кишвар Н.Нарзибеков «Гурбаи маккор», «Шоҳбулути рангин» пешниҳод карда шуда буд.[2]

Дар соли 2002 дар осорхонаи миллии ба номи К.Беҳзод бахшида ба 10-солагии таъсисёбии муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Ҳиндӯстон намоишгоҳи гравюраи муосири ҳиндӣ гузаронида шуд. Дар намоишгоҳ корҳои 34 рассоми ҳиндуӣ дида шуд. Эҷодиёти рассомии Қазоқистон, Олмон, Хитой ва дигар давлатҳо нишон дода шуд.

---

[1] Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги ҶТ. – 2003.
[2] Вечерний Душанбе. – 2000. – 11 февр.

**Меъморӣ.** Рушди таърихии ҷомеа шакл, симо ва сохти бадеииншоотҳои маъмуриро муайян менамояд.

Ноустувории сиёсии солҳои 1990 сабаби хуруҷи мутахассисони соҳаи сохтмон ва лоиҳагузорӣ гардид. «Аз 2000 меъморони Тоҷикистон дар соли 1998 ҳамагӣ 500 кас монд, ки аксарияташ аз сабаби мушкилиҳои молиявӣ ихтисоси худро дигаргун сохтанд».[1]

Дар ибтидои солҳои 1990 аксарияти мутахассион аз кишвар баромада рафтанд. Бӯҳрони умқ дар соҳаи сохтмон дар даҳсолаи аввали истиқлолият давом дод. Аммо иқтидори эҷодии кишвар дар охири солҳои 1990 тавонист таназзули соҳаи меъмориро боз дорад ва тадриҷан ихтисоси касбии худро эҳё намояд.[2] Ба ин раванд қарори Парламенти ҶТ аз моҳи майи соли 1997 «Оид ба меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ҶТ» мусоидат намуд. Нақши асосӣ дар офаридани лоиҳои меъморӣ ба чунин мутахассион дода шуда буд: Б.Зуҳритдинов, С.Зухритдинов, Б.Юсупов, Э.Примкулов, А.Акбаров, К.Махмадалиев, Р.Каримов ва дигарон. Маҳз ҳамин гуна мутахассисон дар тамоюли нави шаҳрсозӣ дар кишвар диққати махсус дода ва коркарди эҷодии онҳо дар солҳои охир услуби меъмории шаҳрҳоро ташаккул медиҳанд.

Меъмории пас аз шӯравӣ хусусияти услубҳои омехтагӣ дорад – дар як вақт инкишоф ёфтани як чанд самту томоюл. Аз як тараф дар коркарди лоиҳа ҷустуҷуи асолати миллӣ дида мешавад ва мувозинан аз ҷониби меъморон нисбат ба неомодернизм рағбат пайдо шудааст, ки дар кишварҳои пешрафтаи ғарб хеле руш карда аст. Ин гуна биноҳо бо масолеҳи нав ва технологияи пешрафтаи сохтмонӣ сохта мешаванд, ки симои он иборат аз шакли тоза, конструксияҳои ҳозирамон, набудани суннатгароӣ,

---

[1] Мамаджанова С., Мукимов Р. Союз архитекторов Таджикистана: история становления. – Душанбе, 2012. – С. 96.
[2] Ҳамон ҷо.


www.ravshanfikr.tj

ҳадди ақал дар ороиш. Ҳамчун мисол метавонем овард комлексҳои меҳмонхонаҳои «Ҳайят», «Гранд Отел Азия» ва «Сирена», корпуси маъмурии бонки миллӣ дар ш. Душанбе, бинои фурудгоҳ дар ш. Кӯлоб, бинои филиали Агроинвестбанк дар ш. Данғара.

Дар байни меъморон боз як тамоюли нав хуш пазируфта шуд, ки дар он ҷустуҷуи бо якдигар тамос гирифтани элементҳои муосир ва анъанавӣ дар санъати меъморӣ дида мешавад. Дар ин гуна иншоотҳо майл ба алоқаи меъмор бо анъана пайдо шуд (ҳалли классикии масъалаи фасад, тирезаҳои танги чуқур, пешайвонҳои дохилии хурдакак, шакли боҳашамати берунӣ ва баста будани шакл).[1] Дар ин корҳои эҷодӣ бо таври табии тавъам шудаанд услуби классикӣ ва диди муосир. Дар аввали солҳои 2000-ум дар ин самти усул ба ғайр аз шакли анъанавӣ нишонаҳои меъмории классикии аврупо пайдо мешавад.

Ин гуна тамоюлҳо бештар ба солҳои 30-50-уми асри гузашта хос буданд вақто ки аз меъморон сохтмони иншоотҳои шакли интенатсионалӣ дар зоҳир ва шакли миллӣ дар ботин талаб мекарданд.[2] Ба ин намуд иншоотҳо дохил мешаванд: Қасри миллӣ, комлекси бисёрқаватии истиқоматии «Пойтахт-80», биноҳои китобхонаи миллӣ ва Осорхонаи миллӣ, маркази исмоилия дар ш. Душанбе, маркази миллии ҷамъятӣ-фурушӣ дар Исфара ва ғайра.

Дар даҳсолаи аввали асри 21 меъмории пойтахт сиёсати сулҳонаи давлати тоҷикро инъкос менамуд. Мисоли равшани чунин сиёсат иншоотҳои зерин мебошанд: ёдгории «Ваҳдат» бахшида шудааст ба 1100-солагии давлати Сомониён дар майдони «Дӯстӣ» (1999). Комлексӣ ёдгорӣ ҳамчун ифокунандаи тимсоли ваҳдати миллӣ дар асоси

---

[1] Мукимов Р. Архитектура и градостроительство Таджикистана в годы независимости. – С. 2.
[2]Ҳамон ҷо. – С. 4 .

лоиҳаи лауреати ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат ва меъморӣ, сохтмончии шоистаи Тоҷикистон Б.Зухритдинов, ки қаблан ҳайкалҳои М.Ганди ва Ҷ.Неру дар Ҳиндӯстон,сутуни ёдбуд ва ҳайкалҳо дар Олмон ва дигар кишварҳои ИДМ низ бо лоиҳаи ӯ сохта шуданд.

Дар маркази композтсияи ин ансамбли бузурги меъморӣ-муҷасамӣ, ки дар маркази ш. Душанбе сохта шудааст, гунбази бо тоҷиқирмиз мебошад. Дар мобайни он муҷассамаи баринҷии Исмоили Сомонӣ баландиаш 11,2 м ва дар дасташ кавкаба – рамзи созишномаи миллӣ қарор дорад. Дар зери пояи ҳайкали шашметра толори Протоколӣ барои Президент ва аъзоёни Ҳукуматва осорхона-пантеон бо нусхаи ҳаммонанди ормгоҳои Сомониён дар Бухоро бо баландии 4 м таҷҳизонида шудааст.

Аз аҳамият дур набудани композитсияи ҳайкал харитаи давлати Сомониён мебошад, ки аз кошинкории сангин дар майдони 15х15 метр сохта шудааст.[1] Аз харита тарафи ғарб бо меҳвари асосии ансамбл 3 ҳавз бо 1100 фаввора, ки бо аккомпанементи мусиқавӣ ва бо воситаи копютер идора карда мешавад.[2]

Дар сохтмони муҷассама на танҳо тоҷикистониён иштрирок варзиданд. Муҷассамаи бринҷии Исмоили Сомонӣ дар Москва сохта шуда буд.

Дигар лоиҳаи муҳим – Қасри миллат – резиденстияи расмии Президенти ҶТ, ки соли 2006 сохта шудааст, низ бо меъморони шаҳр дар зери роҳбарии Б.Зухритдинов коркард карда шуд.

Дар наздикии Қасри миллат дар соли 2006 боғе бо ҳайкали классики адабиёти тоҷику-порс Рӯдакӣ кушода шуд.

Дар соли 2011 ба муносибати ҷашнгирии 20-солагии истиқлолияти ҶТ аз ҷониби Президент Э.Раҳмон флаг-

[1] История таджикского народа. -Т. 6. – Душанбе, 2011. – С. 595.
[2] Бизнес и политика. – 1999. – 8 сент.


www.ravshanfikr.tj

шток (чӯби байрақбардорӣ) бо парчами давлатӣ ва обида бо герби давлатии ҶТ бо тантана кушода шуд. Баландии флагшток 165 м ва ҳаҷми парчам 30x60 м расман ба китоби «Рекордҳои Гиннес» ҳамчун баландарин флагштоки ҷаҳон дохил шуд. Обида бо герб дар пояи ҳайкал дар майдони «Дӯстӣ» дар маркази комлекси ёдгории меъморӣ-скулпториии «Ваҳдат» ҷойгир аст.[1]

Кушодашавии маркази Исмоилия бо иштироки Президенти ҶТ Э.Раҳмон ва шоҳзода Карим Оғо Хони IV дар ш. Душанбе дар соли 2009 воқеаи муҳим мебошад.

Нахустин санги марказ дар соли 2003 гузошта шуд аммо сохтмони он пас аз се сол оғоз гардид. Лоиҳаи марказ аз ҷониби меъморони ширакти «Farouk Nurmohamed Design Associates» (Канада) коркард карда шуд. Меъморон кӯшиш намуданд, ки элементҳои меъмории осиёмиёнагиро бо усули неомодернизм пайваст намоянд. Маҳз барои ҳамин коргардони лоиҳа ба Самарқанду Бухоро сафар карда бо меъмории оромгоҳи Исмоили Сомонӣ ва амир Темур рафта шинос шуданд. Дар ороиши бинои дохилӣ кандакории анъанавӣ ва дигар элементҳои хоси меъмории миллӣ истифода шуда буданд. Чор манора баландиашон аз 21 то 25 м ҷой гиранд. Маркази мазкур пас аз иншоотҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ба ҳамин монанд дар Лондон, Лиссабон, Ванкувер, Торонто ва Дубай буда шашумин ба ҳисоб меравад.

Ба таъмир ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии халқи тоҷик аҳамияти калон дода мешвад. Дар солҳои истиқлолият таъмири оромгоҳи А. Рӯдакӣ дар Панҷакент, оромгоҳи файласуф А. Ҳамадонӣ дар Кулоб гузаронида шуд. Олимони тоҷик бо иштироки фаъолонаи мутахассисони байналхалқӣ дар солҳои 2005-2008 дайри буддоии Аҷина Теппа (асри VII–VIII) дар Ҷануби

[1] Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги ҶТ.– 2011г.

Тоҷикистон бударо ҳифз менамуданд.[1]

Таъмири меҳмонхонаи «Душанбе» аз соли 1996 то июни соли 2001 гузаронида шуда буд. Дар соли 1999 вокзали нави роҳи оҳани ш. Кӯлоб ва посёлкаи Чептураи ноҳияи Шаҳринав сохта шуд. Фурудгоҳи ш. Душанбе ва Хуҷанд, майдонҳои назди фурудгоҳ ва роҳи оҳани Душанбе низ таъмир карда шуданд.

Дар бисёр ноҳияҳо в шаҳрҳои кишвар ҳайкалҳои асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ сохта шудаанд. Ба асосгузори адабиёти тоҷик А. Рӯдакӣ дар ш. Душанбе ва Кӯлоб, ба шоир Ҷ. Румӣ дар Қурғон-теппа, ба файласуф Н. Хисрав дар деҳаи Поршнев (ВМКБ), ба қаҳрамони Тоҷикистон Ш. Шотемур дар Хорӯг муҷассамаҳо сохта шуданд.

**Муассисаҳои фарҳангӣ-марифатӣ.** Ноустувории иҷтимоии солҳои 1991–1997 сиёсати нави фарҳангии давлат ба фаъолияти фароғатии аҳолӣ таъсир расонид. Дар сохтори идоракунии фарҳангӣ-маърифатӣ таъғирот ба вуҷуд омада буд. Институти илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ҳамчун звенои асосии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва маркази методии муассисаҳои фарҳангӣ дар сохтори Вазорати фарҳанги ҶТ ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии Институт иборат аз бурдани тадқиқот дар масъалаҳои гуногуни методологӣ, ҷуғрофӣ ва даврии фарҳанг мебошад.

Институт соли 1997 таъсис ёфтааст. То ин давр коллективи тадқиқотӣ дар чорчӯбаи маркази илмӣ-методии эҷодиёти халқӣ ва корҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ҷумҳуриявӣ муттаҳид буд. Таъсисёбии институт кӯшиши муттаҳид намудани иқтидори зеҳнии таҳлилгарону мумайизон ва дар сатҳи сифатан нав бардоштани таъминоти зеҳнии институтҳои давлатӣ буд.

[1] Каримова Р. Культурные взаимоотношения Таджикистана и Японии. – С. 29.

Пас аз ҳамроҳ шудан ба Вазорати фарҳанг, институти мазкур тадриҷан соҳаҳои асосии органҳои идоракунии фарҳанг ҳамчун соҳа: иқтисодиёт ва идоракунии фарҳанг, сотсиологияи фарҳанг, таъминоти иттилоотии соҳаи фарҳанг, сиёсати фарҳангӣ ва ғайра, дар навабати аввал аз нуқтаи назари илмӣ-методӣ ба таваҷҷуҳи худ гирифт.

Дар айни замон дар Институт масъалаҳои назария ва таърихи фарҳанг дар самтҳои гуногун (санъати халқӣ ва касбӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ-маданӣ, технологияҳои нави коммуникатсионӣ) аз ҳар гуна нуқтаи назари методологӣ: фарҳангшиносӣ, таърих, санъатшиносӣ, сотсиология, фалсафа, сиёсат, иқтисодиёт ва ғайра коркард карда мешавад.

Кормандони Институт дар ҳалли масъалаҳои сиёсати фарҳангӣ аз нуқтаи назари миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ иштирок намуда, лоиҳаҳои муассисаҳои маданӣ, воқеаҳои гуногуни фарҳангию адабӣ, намоишҳо, намоишгоҳҳо ва фестивалҳоро коркард мекунанд. Аз ҷониби кормандони Интститут тадқиқотҳои сотсиологӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат мунтазам гузаронида ва натиҷаҳои онҳо дар ҳисобот ва маҷмӯаи илмӣ ворид карда мешаванд. Дар асоси ин ҳисобтҳо ҳар сол мақолаҳои илмӣ, брошюраҳо ва монографияҳо аз чоп мебароянд.

Дар даҳсолаи пас аз шӯравӣ базаи моддӣ-техникӣ ва маблағугзории муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ якбора суст гардид. Агар дар соли 1991 дар кишвар 1433 клуб, 1747 китобхона бо 16,1 млн. нусха китоб, 27 осорхона (450 ҳазор давомот) фаъолият мекард.[1] Дар соли 2003 – 1045 клуб, 1430 китобхона (фонди китоб 13,2 млн. нусха), 39 осорхона (542 ҳазор давомот).[2] Дар соли 2009 – 992

---

[1] Народное хозяйство Республики Таджикистан в 1991г. – С.95, 96.

[2] Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000. – С. 97-98. Архив Комитета по статистике при Правительстве РТ. – Управление культуры. – В. 1-4.

клуб (нисбат ба соли 1991 – 1,4 маротиба кам шуд), 1419 китобхона (фонди китоб 12,7 млн. нусха) ва 43 осорхона.[1]

Ба нақшагирӣ ва сохтмони муассисаҳои нави маданӣ қатъ гардид. Агар дар соли 1990 аз 3 – 2 ҳиси нуқтаҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ клуб ва китобхона надоштанд,[2] дар охири соли 1990 – 80% нуқтаҳои аҳолиниш бе клуб ва китобхона буданд.[3] Нарасидани маблағгузорӣ дар муассисаҳои маданӣ ба хуруҷи мутахассион аз ин соҳа ва ҷумҳурӣ оварда расонд. Теъдоди кормандони соҳаи фарҳанг дар соли 1993 нисбат ба соли 1990 – 20% кам шуд ва музди маоши онҳо аз ҳама пастарин дар хоҷагии халқ гардид.[4]Агар дар соли 2003 ба ҳисоби миёна дар кишвар музди моҳонаи кормандони корхонаҳо ва муассисаҳо 61,8 сомонӣ буд, дар муассисаҳои маданӣ – 41,7%-ро ташкил мекард.[5]

Ихтисори шабакаҳои муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ, фонди китоб дар китобхонаҳо нақши онҳоро дар ҷалб намудани халқи омма ба фарҳангу санъат кам гардонид. Ба ғайр аз ин аксарияти муассисаҳои маданӣ танҳо дар қоғаз вуҷуд доштанд – барои ҳисоботи оморӣ азбаски клубҳо, китобхонаҳо ва кинотеатрҳо ба дигар мақсадҳо истифода мешуданд. Дар дохили онҳо бештар амборҳои гуногун, ошхонаҳо, бар ва ғайра ҷойгир шуданд. Мебел ва фонди китобхонаҳо дуздида шуданд.

Дар айни замон дар шаҳру деҳаҳои ҷумҳурӣ 1330 китобхонаҳои оммавӣ фаъолият мекунанд. Танҳо дар панҷ соли охир 30 китобхонаи нав ба кор даромаданд. Айни замон дар кишвар 120 мағозаи китоб фаъолият мекунад ва

---

[1] Таджикистан в цифрах – 2010. – Душанбе, 2010. – С. 74.
[2] Коммунист Таджикистана. – 1990. – 17 мая.
[3] Курьер Таджикистана. – 1999. – 23 апр.
[4] Республика Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. 1995. – Бишкек, 1995. – С. 38.
[5]Архив Комитета по статистике при Правительстве РТ. – Управление культуры. – В. 4.


www.ravshanfikr.tj

соли гузашта 20 мағозаи нави китоб кушода шуда буд.[1]

Ҳукумати Тоҷикистон дар даҳ соли охир бо мақсади такмил додани фаъолияти китобхонаҳо се барномаи давлатиро қабул намуд – «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои оммавӣ давлатии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2013», «Барномаи рушди китобхона дар ҶТ дар солҳои 2006-2015» ва «Барномаи рушди китобхонаи Миллии ҶТ ба номи А.Фирдавсӣ дар солҳои 2006-2015».[2]Ба ғайр аз ин як қатор чорабиниҳо оид ба ғанӣ гардонидани фондҳои китобхонаи Миллӣ ба номи А.Фирдавсӣ, китобхонаи илмии маркизии ба номи И.Гандӣ, китобхонаҳои вилоятӣ ва шаҳрӣ гузаронида шуд. Дар ин кори муҳим муассисаҳои давлатӣ, шахсони алоҳида, сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷа ва ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ саҳми худро гузарониданд.

Дар соли 2007 дар ш. Душанбе дар китобхонаи шаҳрии ба номи А.Лоҳутӣ нахустин китобхонаи электронӣ дар кишвар кушода шуд.[3]

Дар ҳамон сол бо мақсади баланд бардоштани завқи хондани китоб ҳамчун сарчашмаи нотакрори дониш аз ҷониби Вазорати фарҳанг дар тамоми манотиқи Тоҷикистон аксияи «Корвони китоб» гузаронида шуд. Дар аксия шоирони машҳур, нависандагон ва публисистони кишвар иштирок намуда бо хонандагон вохуриҳои эҷодӣ гузарониданд. Барои дастрас намудани асарҳои нав Президенти кишвар Э.Раҳмон 200 ҳазор сомонӣ ба Вазорати фарҳанг ҷудо намуд.

4 сентябри соли 2007 нахустин санг дар сохтмони бинои нави китобхонаи Миллӣ гузошта шуд. Ин рӯз бо та-

---

[1] Суханронии Президенти ҶТ Эмомали Раҳмон дар ифтитоҳи Китобхонаи Миллии Тоҷикистон. (20 марти 2012). URL: http://www.fergananews.com/news.php? id=18361.
[2] Данные программы упоминаются в Главе 1, параграфе 1.2.
[3] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj.

шаббуси Президент ҳамчун Рӯзи китоб дар ҷумҳурӣ эълон гардид.

Дар соли 2011 ба китобхонаҳои ноҳияҳои Истаравшан, Исфара, Конибодом, Ашт, Рашт, Нуробод 35597 нусха китоб ба маблағи 331904 сомонӣ тӯҳфа гардид. Дар соли охир Фонди Давлатии китобхонаи кӯдакон ба номи М.Миршакар бо 1203 нусха китоб ғанӣ гардид.[1]

Дар маркази вилояти Хатлон сохтмони биноҳои нав барои китобхона ва осорхонаи вилоятӣ давом дорад. Дар соли 2011 Президенти кишвар дар кушодашавии биноҳои нави китобхона ва Қасри фарҳанг дар ноҳияҳои Бохтар ва Ховалинг, китобхона ва осорхона дар ш. Турсунзода, осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ дар ноҳияи Файзобод ширкат варзид.

Ҳамзамон дар клубҳо, хонаи маданият эҷодиёти бадиеии халқӣ рушди худро идома медод. Дар солҳои 1999, 2000, 2002 гуруҳҳои артистони касбӣ ва ҳаваскорон аз тамоми ноҳияҳои ВАКБ дар ИМА, Канада ва Британия Кабир сафари ҳунарӣ карданд. Дар барномаи сафари ҳунарӣ намоиши рассомон, маҳсулоти ҳунарии халқӣ, консерти суруду рақс, фолклори аҳолии Помир ворид гардида буд. Сафари ҳунарӣ аз ҷонибӣ ҷамъияти исмолилия, институти тадқиқоти исмоилия (Лондон) ва ҷамъияти амрикоии исмолилия маблағгузорӣ карда шуда буд.[2]

Бо тантана баромад мекунанд ансамбли рақс «Зебо», «Чаманоро», «Гулшан», театр-студияи «ПаДиДа», ансамбли эҷодиёти халқӣ «Сомон» ва дигарон.

Моҳи июн-июли соли 1999 ва июл-августи соли 2001 дар ш. Душанбе озмӯнҳои фестивалҳои ҷумҳуриявӣ эҷодиёти халқи «Андалеб» гузаронида шуд. Намояндагони аксарияти ноҳияҳои кишвар ба ин озмӯни бонуфуз му-

---

[1] Таджикистан в цифрах. – Душанбе, 2011. – С. 57.
[2] Восточный экспресс. – 1999. – 12 февр. Азия-Плюс. – 2002. – 18 май.


www.ravshanfikr.tj

сиқии классикии халқӣ, суруд, ракс, эҷодиёти халқӣ, спектаклҳоро пешниҳод намуданд. Ғолиби ҷашнвора коллективҳои ноҳияи Фрунзеи ш. Душанбе, Турсунзода, Москваский, Ҳиссор ва Ӯро-Теппа сазовор гардиданд. Беҳтарин намоиши театрӣ аз ҷониби жюрии фестивал ба коллективҳои театрҳои ҳалқии Кофарниҳон, Файзабод, Панҷакент ва дигар ноҳияҳо дода шуд.[1]

Августи соли 1999 дар ш. Душанбе рӯзҳои фарҳанг ва санъати ВАКБ, вилоятҳои Хатлон ва Ленинобод гузаронида шуд. Ҳамин гуна ҷашнвора дар соли 2004 бахшида ба 80-солагии пойтахти Тоҷикистон гузаронида шуд.

Дар давоми ин солҳо рӯзҳои фарҳанг ва санъати Тоҷикистон дар Россия, Белоруссия, Озербойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Олмон, Фаронса, Ҳиндӯстон, Ирон ва дигар давлатҳо бо тантана гузаронида шуд. Ҳунармандони Тоҷикистон эҷодиёти хоси худро пас аз ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ нишон дода ба тамоми ҷаҳон ягона будани маънавиёт ва сиёсати худро изҳор намуданд. Ҳамин тавр, Тоҷикистон дастовардҳои худро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар раванди демократикунонӣ дар ҷомеа намоиш дод.

Дар давраи пас аз шӯравӣ ҷойи муҳимро дар ҳаёти фарҳангӣ-маърифатии ҷомеа осорхонаҳо ишғол менамоянд. Осорхонаҳо на фақат арзишҳои моддӣ ва маънавиро дар худ ҷамъ мекунанд. Онҳо боз корҳои фарҳангӣ-маърифатиро пеш мебаранд: ташкил намудани сайёҳат, гузаронидани лексияҳо, намоишҳо, паҳн намудани адабиёти махсус. Аксарияти осорхонаҳо бо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул мебошанд. Дар назди осорхонаҳо лабораторияҳои таъмирӣ, ҳифзхонаҳои экспонатҳо вуҷуд доранд.

Агар дар соли 1991 дар Тоҷикистон 27 осорхона фаъолият мекард (450 ҳазор тамошобинин), дар соли

---

[1] Народная газета. – 1999. – 22 июл.

www.ravshanfikr.tj

2009 – 43 осорхона фаъолият мекард. Аз теъдоди умумии осорхонаҳо 33-тояш кишваршиносӣ ва санъатшиносӣ, 8-тояш адабӣ, 2-тояш соҳавӣ мебошанд.[1] Осорхонаи шаҳрӣ ва вилоятӣ дар Қурғон-теппа, осорхонаи шоирон, олимон ва арбобони давлати Тоҷикистон: Носири Хисрав, Нусратулло Махсум, Моеншо Назаршоев, Мумин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон кушода шуд.

Муҳимтарин воқеа дар ҳаёти мадании ҷумҳурӣ дар солҳои истиқлолият кушодашавии осорхонаи Миллии антиқаи Тоҷикистон (2001) мебошад. Коллексияи осорхона иборат аз бозёфтҳои бостоншиносӣ аз тамоми мантиқи Тоҷикистон мебошад, ки тамомшобинонро бо таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз давраи ҷамъияти ибтидоӣ то асрҳои миёна дерин шинос менамояд. Дар фонди осорхона зиёда аз 50 ҳазор нигораҳои гуногун – маҷмуаи бостоншиносии осорхона дорои: расмҳои деворӣ, сафолот, металл, аслиҳа, ороиши заргарӣ, нумизматика, ҳайкалҳо, лавозимоти рӯзғор ва ғайра мебошад. «Фонди тиллоӣ»-и осорхона иборат аз ҷавоҳирот заргарӣ, тангаҳои тиллоӣ.[2]

Ифтихори осорхона муҷассамаи «Буддо дар ҳолат нирвана» мебошад, ки дарозияш 12,85 м вазнаш 5,5 тонн мебошад. Ин муҷассама дар рафти ҳафриётҳои бостонии дайри буддоии Аҷинатеппа ёфт шуда буд. Пас аз ҷониби ҳаракати толибон вайрон намудани ҳайкалҳои Буддо дар Бомиён (Афғонистон) муҷассамае, ки дар осорхонаи мо вуҷуд дорад яке аз қадимтарин ва калонтарин ёдгории буддоӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад.[3]

Наққошии ҳайратангез ва нотакрор давраи ибтидои асримиёнагии Панҷакент мебошад. Наққошии ин давра дар осорхонаи Миллии антиқаи Тоҷикистон ва Эрмита-

---

[1] Таджикистан в цифрах. – С. 74.
[2]Бойгонии ҷории Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ. – 2004.
[3] Национальный музей древностей Таджикистана. – С.11.


www.ravshanfikr.tj

жи давлатӣ (ш. Санкт – Петербург) намоиш дода мешвад. Ҳамаи ин шоҳасар бо туфайли таъсисёбии Осорхонаи миллии антиқа моликияти мардуми Тоҷикистон ва боиси тамошо намудани меҳмонони хориҷӣ гардид.[1]

Дар соли 2006 барои таъсис додани комплекси ягонаи осорхона ба бинои наздикӣ Осорхонаи мардумшиносӣ бо 10 ҳазор ашёҳои нотакрор омад.[2] Дар айни замон дар Осорхона аз 10/1 қисмати тамоми ашёҳои вуҷуд буда аз сабаби кам будани майдони толорҳо барои тамошобинон пешкаш шудааст. Дар солҳои истиқлолият намоишҳои Осорхонаи мардумшиносӣ дар Автралия, Ҷопон ва Олмон гузаронида шудаанд. Дар асоси маводҳои Осорхона албомҳои рангоран «Санъати халқии Помир» (2009) ва «Санъати халқии Тоҷикистон» (2011) дар зери таҳрири умумии Р.Масов нашр гардид. Бо дастгрии молиявии ЮНЕСКО базаи электронии экспонатҳо таъсис дода шуд, ки кори баҳисобгирӣ ва нигоҳубинро осон гардонид.[3]

Осорхонаи миллии антиқа ва Осорхонаи мардумшиносӣ дар назди Интситути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои ҶТ фаъолият менамояд.

Яке аз осорхонаи ба худ хоси ҷумҳурӣ Осорхонаи асбобҳои мусиқии ба номи Гурминҷ Завқибеков мебошад, ки соли 1990 дар асоси коллексияи шахсии артисти халқии ҶТ Гурминҷ Завқибеков таъсис дода шуд. Ин шахс коллексияи худро аз давраи ҷавониаш ҷамъ мекард. Дар фонди осорхона зиёда аз 200 экспонатҳо аз тамоми кишварҳои Осиё ҷамъоварӣ шудааст. Экспонатҳои асосӣ бо асбоҳои мусиқавӣ – созҳои торӣ, нафасӣ, камончадор ва

---

[1] Национальный музей древностей Таджикистана. – С.14.

[2] Соли 1949 дар назди Институти таърих, забон ва адабиёт Осорхонаи этнографӣ созмон ёфта буд.

[3]Бойгонии ҷории Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ. Ҳисоботи соли 2008, 2009, 2010, 2011.

зарбӣ нишон дода шудаанд. Коллексияи созҳои торӣ аз ҳама бисёртар мебошад: сетор, дутор, рубоб, танбур ва банджо. Коллексияи созҳои ториро ғижак, гусли, чанг, уд ва ғайра илова менамоянд.[1]

Дар осорхона лавозимтоҳои рӯзғор ва либосҳо вуҷуд доранд, ки умри 300-500 сола доранд. Дар назди осорхона ансамбли фолклорӣ ва эстрадӣ-мардумшиносӣ бо роҳбарии писари Гурминҷ – Иқбол Завқибеков фаъолият мекунад.

**Ҳомигӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ.** Як қатор ташкилотҳои гуногуни ҳукуматӣ, шахсӣ ва ҷамъятии ватанӣ ва байналхалқӣ ҳамчун ҳомӣ, продюссер ва мабалғгузор бо мақсади рушди фарҳанги хоси халқи тоҷикфаъолият менамуданд. Бо мусоидати продюссер С.Саидов, режиссёр М.Муҳаммадиев филми бадеии «Чор тарафат кибла»-ро ба навор гирифт. Моҳи январи соли 2000-ум дар ш. Душанбе дар Осорхонаи миллии ба номи К.Беҳзод намоиши рассомони Тоҷикистон «Суруш-2000» бо дастгирии Фонди Сорос гузаронида шуд.

Ташкилоти ғайридавлатии «Истиқбол» бо сардории шоира Л.Кенҷаева соли 1996 вазифаи худро дар пайдо намудани ҷавонони боистеъдод медид. Дар ҳайати президиуми ташкилот мутахассисон, артистони халқӣ, чеҳраҳои намоёни илму санъат иштирок варзиданд. Дар давраи фаъолияти иттиҳод дар ш. Душанбе Маркази санъат ва назм таъсис дода шуд, дар ноҳияи Ғончӣ ансамбли Кӯдакони шашмақомони ҷавон ташкил карда шуд, дар ш. Истаравшан Филиали ҳунарҳои халқӣ фаъолият мекунад, ки дар он кӯдаконро зиёда аз 50 намуди гулдӯзӣ ва ҳунар меомӯзиданд. Бо ёрии «Истиқбол» расмҳои рассомони ҷавони Тоҷикистон дар маҷаллаҳои амрикоии фонди бадеӣ «Кӯдакон дар санъат»-и Вашингтон, Ню-Йорк ва Флорида чоп шуда-

---

[1]Маркази фарҳангии «Бохтар». URL: http://www.bactria.net/ru/aboutus.html.

анд.[1]

Дар соли 1999 филиали тоҷикии Институти «Ҷамъияти Кушод» – Фонди Мусоидат мегапроекти «Китобхонаи Пушкин» ро амалӣ гардонид. Дар чорчӯбаи мегопроек китобхонаҳои ҷумҳурӣ бо китобҳои нав бо забони русӣ – бадеӣ, кӯдакона, таълимӣ ва илмӣ ғанӣ гардиданд. Танҳо дар соли 2000-ум дар давраи якум ва дуюми мегапроект ба 20 китобхонаи Тоҷикистон 14,5 хазор китоб ва компакт-диск бо маблағи зиёда аз 54 ҳазор долл. ИМА ворид карда шуд.[2]

Дар соли 2000-ум мувофиқи лоиҳаи ташкилоти гуманитарии фаронсавӣ ACTED бо дастгирии Фонди Сорос дар ҶТ ва Ҳукумати Норвегия маркази фарҳангии байналхалқӣ «Бохтар» таъсис дода шуд, ки мунтазам намоишгоҳи аксҳо, консертҳои классикӣ ва халқӣ гузаронида мешавад. Яке аз вазифаҳои асосии фаъолияти марказ – шиноснамоии тамошобинон бо дастовардҳои фарҳанги ҷаҳонӣ, дастгирии санъати хоси халқи тоҷик ва кормандони соҳаи фарҳанги Тоҷикистон мебошад.

Моҳи январи соли 2001 ба осорхонами миллии антиқаи Тоҷикистон барои таъмир ва нигоҳубини яке аз коллексияҳои муҳими қадимаи тамаддуни Осиёмиёнагӣҳамчунин ҳайкали «Буддо дар ҳолат нирвана» 30 ҳазор долл. грант ҷудо шуда буд. Ин грант бо туфайли Барномаи депортаменти давлатии ИМА «Фонди сафир барои нигоҳдории мероси фарҳангӣ» ҷомаи амал пӯшид. Ба ғайр аз ин аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон барои таъмири осорхонаи миллии антиқа ва осорхонаи мардумшиносӣ 300 ҳазор долл. ҷудо карда шуд.

Моҳи июли соли 2001 дар ш. Душанбе ҷашнвораи байналхалқии фолклор гузаронида шуд, ки аз ҷониби комиссияи Миллии ҶТ оид ба ЮНЕСКО ва Вазорати фарҳанги кишвар бо мақсади эҳё гардонидани ҳунари

---

[1] Народная газета. – 1999. – 5 авг.
[2] Азия-Плюс. – 2001. – 26 апр.

халқӣ ба роҳ монда шуда буд. Дар ин ҷашнвора бисёр мухлисони фолклор ва ҳунармандони халқӣ иштирок намуда буданд. Дар гузаронидани ҷашнвора ҳунармандони халқӣ аз томоми гӯшаю канори кишвар ва меҳмонони Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ширкат варзиданд.

Дар солҳои 2001-2004 дар ш. Душанбе аз ҷониби ОБСЕ ва кинофестивали байналхалқии ҳимояии россиягии ҳуқуқҳои инсон «Сталкер» аксияи хайриявии «Ҳафтаи кино оид ба ҳуқуқҳои инсон» гузаронида шуд. Дар рафти ҷашнвора премераҳои филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ режиссёр ва стенаристҳои машҳури хориҷа нишон дода шуд.[1]

Дар моҳи феврали соли 2002 ҳайати кории Ҷопон бо вазъи муассисаҳои фарҳангӣ дар Тоҷикистон шинос шуд. Пас аз ба охир расидани мулоқот Ҳукумати Ҷопон барои харид намудани таҷҳизоти мусиқӣ ва техникӣ, системаи акустикӣ ва сабткунӣ грант ба миқдори 374 ҳазор долл. ҷудо намуд.

Дар соли 2002 дар ш. Душанбе ҷашнвораи фестивали тоҷик «Аржанг» бо дастгирии дафтари швейтсарӣ оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон ва дастгирии молиявии Ҳукумати Швейтсария дар чорчӯбаи барномаи «Фарҳанг ва санъат» гузаронида шуд. Дар саҳнаи «Кохи Ваҳдат» ситораҳои машҳур ва ҷавонони боистеъдоди Тоҷикистон баромад намуданд. Дар чорчӯбаи ҷашнвора консерти мусиқии муосир ва анъанавӣ, классикӣ ва симфонӣ, намоиши эҷодиёти рассомони тамоми манотиқи кишвар, намоиши асбобҳои мусиқавӣ, намоиши муд ва ғайра баргузор гардид. Ҷ.Муродов, Т.Шаҳидӣ, М.Қаюмова ва дигар сарояндагон, раққосон, дизайнерон, рассомон ва оҳангсозони самтҳои гуногуни санъати Тоҷикистони ибтидои асри нав баромад намуданд.

---

[1] Вечерний Душанбе. – 2001. – 19 окт.


www.ravshanfikr.tj

Маркази фарҳангии «Бохтар» барои нигоҳдории мероси маънавӣ ва моддии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Дар чорчӯбаи оид ба ҳимоя ва пешравии мероси бостоншиносӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, Маркази фарҳангӣ «Бактрия» ба чандин лоиҳаҳо якҷоя бо ЮНЕСКО ёрдам менамуд. Марказ лоиҳаи «Gurminj Live»-ро, ки аз ҷониби ташкилоти «Таъмиргарони бе сарҳад» таъсис дода шуд дастгирӣ мекунад. Мақсади лоиҳа иборат аз таъғир додани Осорхонаи асбобҳои мусиқӣ ба номи Гурминҷ Завқибеков ба маркази фарҳанг ва мусиқии зинда.[1]

Саҳми корпусҳои дипломатӣ дар он аст, ки онҳо бо ҳамоҳангӣ бо ташкилотҳои байналхалқии мазкур барои фарҳанги Тоҷикистон дастгирии молиявӣ ва иттилоотӣ мерасонанд. Дар байни онҳо – сафоратхонаи ИМА, Ҷопон, Олмон, Фаронса, Ирон, Хитой, Туркия ва дигарон мебошанд.

**Мероси фарҳангӣ-таърихӣ.** Дар солҳои 90-ми асри 20 вазъи ёдгориҳои таърихии халқи тоҷик дар ҳолати изтироб қарор дошт. Дар давраи шӯравӣ бо дастгирии давлат ҷамъияти тоҷикии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ корҳои муҳимро анҷом медод. Дар давраи муосир ин ташкилоти ҷамъиятӣ аз сабаби набудани маблағ барои таъмир ва барқарор намудани ёдгориҳо дар ҳолати парокандагӣ қарор дошт. Ба ғайр аз ин дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ Ҷамъияти ҳифзи ёдгориҳо ва сохторҳои он дар ҳаҷми 1,5 млн. долл.зарари моддӣ дид.

Надоштани мероси таърихӣ ҳаёти маънавии инсонро бемаънӣ мегардонад, халқе ки гузашти худро фаромуш кард вай оянда надорад. Ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ – бойгарии миллӣ мебошад. Дар Тоҷикистон зиёда аз 40 ёдгориҳое ҳастад, ки аҳамияти ҷаҳонӣ доранд. Дар байни онҳо мамнӯъгоҳи таърихи-фарҳангии Ҳисор (мадрасаи

---

[1]Музыка. //Культурный центр Бактрия. URL: http: //www. bactria.net/ru /music.html.

Кӯҳна ва мадрасаи Нав, масҷиди Сангин, оромгоҳи Маҳмуди Аъзам, дарвозаи гунбази Ҳисор), димнаи Ҳулбук, Тахти-Сангин, Шоҳи Хомуш, дайри буддоӣ Аҷинатеппа ва ғайра мебошад.

Маҷлиси намояндагони МаҷлисиОлии ҶТ 8 феврали соли 2006 таҳти № 251 «Оид ба ҳифз ва истифода намудани иншооти мероси таърихӣ-фарҳангӣ» қонун қабул кард. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъятиро нисбат ба ҳифз ва истифода намудани ёдгориҳои таърихӣ, таъмин намудани нигоҳ дошатни онҳо барои наслҳои оянда, самаранок истифода бурдан барои тадқиқоти илмӣ ва таблиғоти ёдгориҳои таърихӣ барои тарбияи ватандӯстонаи коргарон ба танзим медарорад.

Қонуни мазкур меъёрҳои ҳуқуқиро, ки ба ҳифз ва истифода намудани объектҳои меросии таърихӣ-фарҳангии дар қаламрави Тоҷикистон бударо муайян менамояд.

Мувофиқи моддаи 1: «Мақсади қонуни мазкур иборат аз ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъятӣ дар соҳаи ҳифз ва истифода намудани объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ барои таъмини амнияти пурра, ҳаматарафа ва самаранок истифод намудан ва рушди оянда онҳо мебошад».[1]

Қонун намудҳои ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳанг идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва назорати давлатӣ аз болои ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳанг муайян намуда, иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва шаҳрвандон дар амалӣ намудани чораҳо оид ба ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, ташкили бақайдгирии давлатӣ ва истифодаи ёдгориҳои таърих ва фарҳанг, инчунин тартиби барои барқарорсозӣ ва масъулият барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба

---

[1] Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи иншооти мероси таърихӣ-фарҳангӣ. . – М. 1.

ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои таърих ва фарҳанги худ муайян менамояд.[1]

Боз як икдоми зарурӣ ин қабули Қонун «Дар бораи содирот ва воридоти амволи фарҳангӣ»буд.[2]Мақсади қонун ин нигоҳ доштани мероси фарҳангии халқи тоҷик, ҳифзи моликияти фарҳангӣ бар зидди тасарруф ва пешгирии содироти ғайриқонунӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қонуни мазкур салоҳияти органҳои давлатиро оид ба танзими содироту воридоти моли фарҳангӣ ва назорати содирот ва воридоти онро муайян мекунад; тартиби додани ҳуқуқи содир кардани молҳои фарҳангӣ, гузаронидани экспертизаи давлатӣ оид ба арзишҳои фарҳангӣ, тартиби воридот ва содироти муваққатии моликияти фарҳангӣ, ҳуқуқи шахсӣ доштан доир ба содироти моли фарҳангӣ, тартиби истифода намудани моликияти фарҳангӣ ҳангоми таъхир ё мусодира намудан аз ҷониби мақомоти гумрук ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; пешгири намудан доир ба махзанҳои давлатӣ ворид шудани моликияти фарҳангии ғайриқонунӣ аз дигар давлатҳо воридшуда, дӯздидашуда ё ғайриқонунӣ дастрасшуда ва инчунин пасгардонидани моликияти фарҳангӣ аз нигоҳубини ғайриқонунӣ, намуди ба ҷавобгарӣ кашидан ҳангоми вайрон намудани қонун оид ба содирот ва воридоти моликияти фарҳангӣ.[3]

Дар соли 1992 Тоҷикистон Конвенсияи «Дар бораи ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиии ҷаҳонӣ"-ро тасвиб намуд.[4] Конвесия ба ташаккули Консепсияи мероси

---

[1] Каримова Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991 – 2011гг.) – Душанбе, 2013. – С. 23-24.

[2]Закон РТ от 6 августа 2001г. № 42 «О вывозе и ввозе культурных ценностей» // Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. – 2001г. , №7.

[3] Каримова Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991 – 2011гг.) – Душанбе, 2013. – С. 25.

[4] Конвенция об охране всемирного культурного и природного наследия. Париж, 1972г. (Ратифицирована Республикой Таджикистан в 1992 году).

ҷаҳонӣ ва бартараф намудани тамоми ҳудудҳои сиёсӣ ва ҷуғрофӣ мусоидат менамояд. Конвенсия заминаи ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва молиявии доимро барои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг таъмин менамояд. Ин барнома ҳиссагузории молиявро аз ҷониби давлатҳои иштирокчиён, Фонди мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО, фондҳои кишварҳои-сармоягузор васозмонҳои гуногуни байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ ва инчунин фондҳои шахсии фарҳангиротаъмин менамояд.[1]

Салоҳияти Конвенсия бо ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ ва арзишҳои моддии табиӣ маҳдуд намешавад. Сарвати бузург иборат аз шаклҳои гуногуни мероси ғайримоддии фарҳангӣ: фолклор, санъати суруд ва забонҳо мебошад. Дар феҳристи мероси ҷаҳонӣ зиёда аз 700 объектҳои табиӣ ва фарҳангӣ дар зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон аск ёфтаанд. 11 ноябри соли 2003 аз ҷониби ЮНЕСКО мусиқии классикии тоҷикон "Шашмақом" ҳамчун шоҳасаримероси шифоҳӣ ва ғайримоддии инсоният пазируфта шуд, ки ин иқдом таъсири мусбии берун аз ҷумҳурӣ дошт.[2]

Дар моҳи сентябри соли 2001 бо қарори ЮНЕСКО дар Тоҷикистон 2700 солагии ёдгории қадимаи фарҳанги ҷаҳонӣ – китоби муқаддаси дини зардуштӣ «Авесто»бо тантана ҷашн гирифта шуд. Ба хотири ҷашни мероси маънавии халқиятҳои фосизабон дар ш. Душанбе конфронси байналхалқии ««Авесто» ва тамаддуни ҷаҳон» гузаронида шуд, ки дар он олимони кишварҳои ҷаҳон ширкат варзиданд.[3]

Ташкилоти ЮНЕСКО оид ба такмил додан ва нигоҳубини объектҳои мероси ҷаҳонӣ машваратҳои касбӣ медиҳад. Истиқлолияти давлатҳоро эҳтиром намуда ва бидуни зарар овардан ба ҳуқуқи молу мулки аз ҷониби

[1] Официальный сайт Национальной комиссии РТ по делам ЮНЕСКО.: URL: http://www.unesco.tj/ru.
[2] Дар ҳамон ҷо.
[3] Народная газета. – 2001. – 6 сент.

қонунгузории миллӣ нисбат ба ин мерос, ҷомеаи байналхалқӣ ба кишварҳо дар ҳифзи объектҳои фарҳангӣ ва табиӣ, ки арзишҳои ҷаҳонӣ доранд кӯмак менамояд.[1]

Намунаи ин лоиҳаи «Ҳифзи дайри буддоии Аҷинатеппа дар Тоҷикистон: мероси Роҳи бузурги абрешим " мебошад, ки дар соли 2005 бо дастгирии ЮНЕСКО, Фонди трастовии Ҷопон ва Институти миллии тадқиқотии арзишҳои фарҳангии Токио оғоз гардид. Дар масаъалаи консерватсияи ёдгорӣ комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО, Вазорати фарҳанги ҶТ ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши дар назди АИ ҶТ фаъолона иштирок намудаанд. Дар натиҷаи кори чандин солаи лоиҳа ёдгории Аҷинатеппа дар рӯйхати пешакии мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардид.[2]

Бо дастгирии Бюрои минтақавии ЮНЕСКО ва Вазорати фарҳанги Тоҷикистон боз як лоиҳаи дигар оид ба нигоҳдории мероси фарҳангӣ – «Нигоҳ ва идора намудани коллексияҳои мардумшиносии осорхонаҳои Тоҷикистон» ҷомаи амал пӯшид. Лоиҳаи мазкур як қисми лоиҳаи умумиҷаҳонии ЮНЕСКОоид ба рушди осорхонаҳо ва нигоҳ доштани ҳифзи моликияти фарҳангии манқул, ки дар зери таҳдиди нобудшавӣ қарор доранд мебошад. Ин лоиҳа бо ҳамкории шӯрои байналхалқии осорхонаҳо (ИКОМ) коркард карда шудааст.

Фаъолияти лоиҳаи мазкур баҳри ҳифзи коллексияи мардумшиносии ду осорхонаи муҳими кишвар – осохорхонаи Миллии ба номи К.Беҳзод ва Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ равона карда шуд. Барои беҳтар гардонидани шароити нигоҳ доштани кол-

---

[1] Каримова Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991 – 2011гг.) – Душанбе, 2013. – С. 120.

[2] Каримова Р. Культурные взаимоотношения Таджикистана и Японии. – С. 36.

лексияҳои беҳамто, таъмини таҷҳизоти муосир ва-асбобҳои зарурӣ, аз нав барӯйхатгирии ашёи қимматбаҳо бо базаи нави электронӣ – 99 ҳазор долл. ИМА ҷудо карда шуд. Бо туфайли ин барнома тақрибан 11 ҳазор экспонат беҳтар гардонида шуд.

30 сентябри соли 2009 дар паҳлӯи 76 объекти ҷаҳонии мероси ғайримоддии фарҳангӣ, иди «Наврӯз» ба рӯйхати байналхалқии ЮНЕСКО дохил гардид ва резолютсияи махсус оид ба нигоҳдоштани иди байналхалқии «Наврӯз» қабул шуд. 19 феврали соли 2010 дар 64-мин Конференсияи Генералии СММ бо ташаббуси як қатор кишварҳо аз ҷумла ҶТ, резолютсияи СММ қабул шуд, ки мувофиқи он иди Наврӯз иди тамоми халқиятҳо эълон гардид.[1]

Дар 34-мин иҷлосияи конфронси генералии ЮНЕСКО, ки аз 25 июл то 3 августи соли 2010 дар Бразилия баргузор гардида буд, ёдгории қадими бостонии «Саразм» ҳамчун нахустин мероси таърихии ҶТ ба рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шуда буд.

«Саразм – бошишгоҳи қадимаи кишоварзон (ҳазораи IV-II пеш аз милод) дар соҳили чапи дарёи Зарафшон ва 15 км ғарбтар аз маркази ноҳиявии Панҷакент ҷойгир мебошад. Ба ақидаи бостоншиносон иншоотҳои қасрӣ ва ибодатӣ, ҷамоатӣ ва аҳолинишинӣ, ки хеле хуб боқӣ мондаанд аҳамияти калони таърихӣ ва фарҳангӣ доранд. Дар ҷойи кофтуков ашёи маъданӣ ва сангӣ, ороишот аз сангҳои қимматбаҳо ва гӯшмоҳии коркардшуда ёфт шудаанд.»[2]

Дар маҷмӯъ дар кишвар як ҳазор ёдгориҳои моддии бостонӣ ва 130 ёдгории меъморӣ ёфт ва тадқиқ шудаанд. Аммо дар натиҷаи фаъолияти бепарвонаи инсон се яки онҳо пурра аз байн рафтанд боқӣ мондааш дар ҳолат

---

[1] Официальный сайт Национальной комиссии РТ по делам ЮНЕСКО.: URL: http://www.unesco.tj/ru.

[2] Бойгонии ҷории Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ. - 2010.

вайроншавӣ қарор доранд. Масалан, маркази маъмурӣ ва фарҳангии Хатлони қадим – Ҳулбук мутааллиқ ба давраи Сомониён, Аҷина теппа ва дигарон қисман вайрон шудаанд. Дар қаламравашон зироатҳои гуногун корида хонаҳои истиқоматӣ сохта мешавад. Ҳазамон бо туфайли кушиш ва ғайрати олимон, кормандони фарҳанг ва маориф, бисёр ёдгориҳои таърихӣ нигоҳ дошта шуданд. Танҳо дар соли 1998 бо қувваи Вазорати фарҳанг ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ дар 17 ёдгориҳои таърихӣ-меъморӣ корҳои таъмирӣ гузаронида шуд.[1] Таъмири оромгоҳи Амир Саид Ҳамадонӣ дар Кӯлоб, мадрасаи Мирраҷаб Додхо дар Конибодом, масҷид вамадрасаи Олим Додхо дар Панҷакент, оромгоҳи Холбой Қаро дар ноҳияиВаҳдат, оромгоҳи Ҳоҷа Дурбод дар ноҳияи Шаартуз ба охир расиданд. Дар ш. Душанбе дар базаи масҷиди Ҳоҷи Ёқуб донишгоҳи Исломӣ сохта шуд. Дар сохтмони он беҳтарин ҳунармандони халқии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ширкат варзиданд. Ба муносибати ҷашнгирии 10-солагии истиқлолияти Тоҷикистон Ҳукумати кишвар барои таъмири панҷ ёдгории таърихӣ: Қалъаи Ҳисор, масҷиди Шайх Абдулқосими Гургонӣ ва се мақбара – Ҳоҷи Дурбод дар Шаартуз, мавлоно Обиддин ваТоҷиддин дар Данғара 690 ҳазор сомонӣ ҷудо намуд.[2] Дар соли 1993 дар ш. Тошкант дар озмӯни сохтмонҳои нав лоиҳаи-конспесияи шаҳр-осорхонаи Истаравшан пешниҳод карда шуд, ки бо мукофоти махсуси Иттифоқи меъморони Ӯзбекистон мукофонида шуд.[3]

Моҳи декабри соли 2001 Тоҷикистон ба ҳайати шӯрои машваратии ташкилоти фарҳангӣ ва таълимотии Исломӣ(ISESCO) қабул карда шуд. Барои ин ташкилот

[1] Курьер Таджикистана. – 1999. – 15 апр.
[2] Азия-Плюс. – 2001. – 22 февр.
[3] Народная газета, – 2000. – 14 янв.

масъалаи таъмири қасри ҳокимони Хуттал (асрҳои IX-XI) дар ноҳияи Восеъ, оромгоҳи Ҳоҷа Нахшрон дар ноҳияи Турсунзада, оромгоҳ-мадрасаи Ҳоҷа Машҳад дар ноҳияи Шаартуз, ва инчунин оид ба чоп намудани луғати машҳури тоҷикӣ-форсӣ «Бурҳони қотеъ» Муҳаммад-ҳусейни Бурҳанӣ, ки соли 1652 дар Ҳайдаробод тартиб дода шуда буд, ва «Мунтахаб-ул-луғот»-и Абдурашиди Татавӣ пешниҳод гардид. Дар соли 2002 бо мақсади ни-гоҳубин, истифодаи оқилона ва тарғиботи мероси фарҳангии халқи тоҷик, Ҳукумати Тоҷикистон қарор қабул кард, ки истеҳком, осорхона ва димнаи Ҳулбук (асрҳои IX-XI) ҳамчун мамнӯъгоҳи таърихӣ-фарҳангӣ элон карда шавад.[1]

Фонди дастнависи Тоҷикистон иборат аз тақрибан 10 ҳазор ҷилд ва 50 ҳазор номгӯи дастхатҳои шарқӣ оид ба тибб, риёзиёт, фалсафа, ситорашиносӣ, адабиёт, таърих, масъалаҳои ҳарбӣ ба забонҳои форсӣ, урду, пашту ва арабӣ мебошад. Ҳамаи ин коллексияи дастхатҳои қадим, ки дар давраи антиқа ва асрҳои миёна навишта шудаанд шароити махсуси нигоҳубин ва таъмир талаб менамоянд, ки ин талабот аз сабаби якбора кам шудани маблағгузо-ри ба соҳаи фарҳанг ғайри имкон мебошад. Дар соли 1999 дар китобхонаи Миллии ба номи А.Фирдавсӣ 2211 дастхатҳо нигоҳ дошта мешуданд, дар Интситути мероси хаттии АИ – 6000 дастхат, дар Хона-осорхонаи академик А.А.Семёнов – 311 дастхат, дар китобхонаи университети давлатиипедагогӣ Тоҷикистон – 210 дастхат, дар китоб-хонаи донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон – 311 дастхат, дар китобхонаи вилоятии Суғд – 300 дастхат ме-бошад.[2]

**Компютеркунонӣ ва васоити ахбори омма.** Дар давраи пас аз шӯравӣ соҳаи матбуот, радио ва телевизион

[1] Народная газета. – 2002. – 17 июля.
[2] Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. – 1998. – С. 49.


www.ravshanfikr.tj

бӯҳрони озодии суханро аз сар мегузаронд. Аз сензураи шӯравӣ озод шуда ба сензураи дохилӣ дучор шуд. Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ҳангоме, ки «одами яроқдор» ба кормандони соҳаи мазкур фишор меовард рӯзноманигорон ба хотири таъмини бехатарии ҳаёти хеш маҷбур мешуданд, ки ҳар як сухани худро чен намуда бо ибора ва ишора ҳарф зананд. Тасаддуфи нест, ки дар ин солҳо зиёда аз 60 рӯзноманигор кушта шуда буд.

Бо вуҷуди ин, дар ин солҳо васоити ахбори омма дар ташаккули афкори иттилоотии ҷамъятӣ нақши муҳим мебозиданд. Бо қайд намудани меъёри озодии матбуот ва иттилоот дар Конститутсия ҶТ ҷои арзандаро дар байни кишварҳои демократӣ ишғол намуд. Нақши васоити ахбори омма дар як қатор қонунҳои ҶТ мушаххас нишон дода шуд – «Доир ба матбуот ва дигар васоити ахбори омма» (1990), «Доир ба телевизион ва пахши радио» (1996), «Доир ба сирри давлатӣ» (1996), «Доир ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои ҳаққӣ» (1998), «Доир ба иттилоотонӣ» (2001), «Доир ба иттилоот» (2002), «Доир ба ҳимояи иттилоот» (2002).

Дар солҳои 90-ми асри 20 даҳҳо рӯзноманигоронитоҷикистонӣ сокиниРоссия, ИМА, Канада, Дания, Ирон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо гардиданд. Фаъолияти корию худро дар радиостансияи «Озодӣ» ва «Садои Амрико» (ИМА), «Би-би-си» (Британияи Кабир), «Садои Хуросон» (Ирон), ширкати телевизионии ОРТ (Россия), дар маҷалла ва рӯзномаи «Гудок» ва «Владимирская губерния» (Россия), «Бакинский рабочий» (Озарбайҷон) ва дигар васоити ахбори омма идома доданд.

Дар давраи шӯравӣ ВАО дар масъалаҳои базаи моддӣ-техникӣ, интихоби мутахассис танқиси намекашид аз баски нашриот дар таъминоти пурраи давлатӣ қарор дошт ва фармоиши иҷтимоии Ҳизби Коммунистиро иҷро менамуд. Дар шароити муосир ВАО маҷбур аст, ки аксарияти маблағҳоро бо қувваи худ ё спонсор пайдо намояд.

Бо вуҷуди ин нашри ВАО дар ин солҳо кам нашуд. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 723 китоб бо 10,8 млн. нусха аз чоп баромад ва 134 нашриёти рӯзнома ва маҷалла фаъолият мекард,[1] дар соли 2003 – 230 китоб (0,3 млн. нусха), 270 рӯзнома ва маҷалла, аз онҳо давлатӣ-ҷумҳуриявӣ – 4, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ – 21, мустақил – 13, шахсӣ – 16, соҳавӣ – 53, вилоятӣ-шаҳрӣ-ноҳиявӣ – 67, бисёрнусхагӣ – 22, иттилотӣ-таблиғотӣ – 7 ва ғайра. 7 агентстваи иттилотӣ фаъолият менамуд.[2]

Дар соли 2009 – 389 китоб ва брошюра бо 0,7 млн. нусха, 109 маҷалла бо 0,04 млн. нусхаи солона ва 62 рӯзнома бо 13,4 млн. нусхаи солона аз чоп баромад.[3]

Мақомоти асосии иттилоити давлатии кишвар – агентии миллии иттилоотӣ «Ховар» мебошад. 10 апрели соли 1992 агентии телеграфии Тоҷикистон ба агентии миллии иттилоотӣ дар назди Ҳукумати Тоҷикистон мубаддал гардид. АМИТ «Ховар» – ягона агентии иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ бо статуси расмӣ мебошад. Иттилооти агентӣ ба воситаи маҷалла, рӯзнома, телевизион, радио ва Интернет паҳн мешавад.

Имрӯз Интернет ҳамчун манбаъи дастрас намудани иттилоот мебошад. Дар ҷумҳурӣ сайтҳои зерин фаъолият мекунанд: АИ «Азия Плюс», «TojNews», АИ «Авесто», «Пресса.TJ» ва ғайра.

18 майи соли 2000 дар ш. Душанбе презентатсияи нахустин Интернет-сайти кишвар – www.presclub.tajnet.com. гузаронида шуд. Нахустин маҷаллаи интернетӣ «Тоҷикистони нав», ки дар ду ҳафта як маротиба бо ҳаҷми 25-30 саҳифа бо маводҳои нотакрор ва суратҳои баландсифат нашр мешавад низ пешкаши тамошобинон гардид.[4] Пас аз се сол тамоми мар-

---

[1] Народное хозяйство Республики Таджикистан в 1991г. – С.97.
[2] Азия-Плюс. – 2001. – 22 марта.
[3] Таджикистан в цифрах. – 2010. – С. 76.
[4] Вечерний Душанбе. – 2000. – 2 июн.

казҳои вилоятӣ ва инчунин ташкилотҳои маҳаллӣ, корхонаҳо ва ширкатҳо бо Интернет пайваст шуданд. Дар соли 2005 теъдоди муштариёни шабакаи интернетӣ дар кишвар зиёда аз 26 ҳазор кас гардид, нуқтаҳои интернетӣ то 400 адад расид.[1]

Дар айни ҳол дар кишвар 10 ширкати интернет-провайдерӣ фаъолият менамоянд: «Tarena», «Saturn-Online», «Вавилон-Т», «Интерком», «Истера» ва ғайра.

Васоити ахбори оммаи мустақил дар қатори давлатӣ дар ҳолати рушд қарор доранд. Ҳамчун мисол, нашри Москвагӣ «Чархи гардун» аз соли 2002 ин нахустин қадами матбуоти тоҷик дар бозори берунӣ мебошад. Дар соли 2003 ташкилоти байналхалқии «Хабарнигорони бе сарҳад» ба рӯзноманигорони Тоҷикистон дар қаламрави ИДМ ҳамчун кишвари мусоид доир ба риоя намудани озодии матбуот ҷойи аввалро муайян намуд.[2]

Аммо зиёд шудани теъдоди рӯзнома ва маҷаллаҳо ба баланд бардоштани сифати мақолаҳои чоп шуда мусоидат накард. Матбуоти даврӣ дар он солҳо якранг, забонзада, каммазмун буда дар мақолаҳо танқиди созандагӣ набуд, нусха бардорӣ аз матбуоти хориҷӣ мушоҳида мешуд. Ҳамаи рӯзномаҳо ҳафтаина мебошанд ва имконияти бо суръати тез дастрас намудани иттилоот надоранд. Аз ин сабаб он ахбороте ки дар матбуот чоп мешавад актуалии худро аз даст медиҳад. Гарчанде обунашавӣ ба рӯзнома ва маҷаллаҳо идома дошт дастрас намудани мавод ба аҳолӣ аз сабаби вайрон шудани паёмдонҳо ғайри имкон шуд. Дар ноҳияҳои кӯҳистон дастрас намудани рӯзнома ва маҷаллаҳо аз чанд рӯз то чанд ҳафта ақиб уфтод.

Дар ташаккули афкори ҷамъятӣ, шарҳи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар нақши телеви-

---

[1] Азия-Плюс. – 2006. – 19 янв.
[2] Вечерний Душанбе. – 2003. – 26 сент.

зион хеле калон буд. Моҳи сентябри соли 2005 телеканали «Сафина» ҳамчун дуюмин канали давлатӣ фаъолияти худро оғоз намуд. Акнун телевизиони Тоҷикистон ду барономаи ҷумҳуриявӣ ва барномаи РТР (Россия)-ро пахш менамуд. 98% аҳолии кишвар имконияти тамошо кардани барномаи телевизионӣ пайдо намуданд. Аз соли 1997 сар карда имконияти тамошо кардани барномаҳои ҷумҳуриявиро аҳолии ВМКБ ва дар соли 2000-ум аҳолии ноҳияи Мурғоб пайдо намуданд.

Дар соли 2008 бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон шабакаи давлатии телевизионии «Ҷаҳоннамо» таъсис дода шуд. Пахши шабака аз 5 ноябри соли 2008 оғоз гардид. Дар ибтидо пахши шабака танҳо 60% қаламрави Тоҷикистонро дар бар мегирифт. Минбаъд шабака барномаҳои худро бо воситаи моҳвораи ABS-1 пахш кард.

Дар маҷмӯъ минтақаи пахши телевизиони Тоҷикистон дар соли 2005 дар ВМКБ ва вилояти Хатлон 98%, дар вилояти Суғд – 97, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 99%-ро дар бар гирифта буд.[1] Ин гуна дастовард бо туфайли ба анҷом расидани барномаи «Мавҷи Сомон-2005», ки мувофиқи он дар ин минтақа 120 теле ва радиопахшкунак гузошта шуд мебошад. Ба ғайр аз ин ш. Душанбе ва тамоми вилоятҳои кишвар барномаҳои телевизионии худро пахш менамуданд. Сокинони Душанбе имконият доштанд, ки барноми ОРТ, ки бо воситаи дивизияи 201-ми қуввaҳои мусаллаҳи Россия пахш мешуд тамошо намоянд. Дар қатори телестудияҳои давлатӣ дар соли 2000-ум боз 13 телестудияҳои ғайридавлатӣ фаъолият мекарданд. Аз нимаи дуюми солҳои 1990 телевизиони моҳвора рушд мекард.[2]

Барномаҳои телевизион ва радио шоҳиди он буданд, ки кормандони эҷодӣ дар тайёр намудани мавод оид ба

---

[1] Азия-Плюс. – 2005. – 20 окт.
[2] Бизнес и политика. – 1999. – 6 мая.


www.ravshanfikr.tj

ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар эҳтиёҷ ба ҳунари касбиятӣ доранд. Аз ин норасоии касбӣ бо мақсадҳои ғаразноки худ рӯзноманигорони хориҷӣ истифода мебурданд.

Дар соли 2001 дар кишвар 3 барномаи радио фаъолият мекард. Ҷамъияти аксионерии «Телерадиоком» системаҳои нави радиопаҳнкунии аврупоиро гузошт, ки минбаъд сифати пахши барномаҳои радиои ҷумҳуриявӣ хуб шуд. Дар ноҳияи Данғара ва Хуҷанд мутахассисони Россия таҷҳизоти радиопаҳнкуниро гузоштанд, ки ба воситаи он сокинони ин минтақа барномаи якуми радиои ҷумҳуриявиро гуш мекунанд. Моҳи сентябри соли 2001 ширкати телекоммуникатсионии кишвар «Babilon-T» бо мақсади паҳн намудани иттилоти ҳақиқӣ дар бораи Тоҷикистон радиои тоҷикро ба Интернет пайваст намуд. Дар охири соли 2005 дар тамоми ноҳияҳои кишвар барои пахши барномаи якум ва сеюми радиои ҷумҳурӣ ретрансляторҳои диапазони FM гузошта шуд. Ин имконияти 76,8% аҳолии кишварро бо пахши барномаи радио дар шакли рақамӣ таъмин намояд.[1]

Аммо набудани имконияти техникӣ дар ин давра, лоиаҳои навро оид ба таъсиси барномаҳои шавқовару машҳур дар телевизион ва радио маҳдуд менамояд. Ба ғайр аз ин барои аксарияти аҳолии Тоҷикистон телевизион ва радио ягона манбаъи дастрас ва ройгони иттилоотӣ ва вақти фароғатӣ мебошад. Вазифаи асосии радио ва телевизиони давлатӣ ва ғайридавлатӣ иборат аз таъмин намудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони ҶТ бо иттилооти воқеаҳои муҳими ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-маърифатии дар ҷумҳурӣ ва хориҷа рухдода мебошад.[2] Ҳаҷми асосии барномаи

[1] Азия-Плюс. – 2006. – 19 янв.

[2] Анализ ситуации в области культуры и искусства в Республике Таджикистан. – С. 9.

www.ravshanfikr.tj

фарҳангӣ дар телевизион аз рӯи анъана консерти мусиқӣ ва ансамблҳои рақсӣ, сарояндони алоҳида, ярмаркаҳои ҳунарӣ, намоишҳои санъат ва ғайра мебошад.

«Дар нимаи дуюми солҳои 1990 дар кишвар каналҳои моҳвора ва телевизиони кабелӣ ба кор даромаданд. Роҳи нави замонавии дастрас намудани иттилоот дар охири солҳои 1990 пайвастшавӣ ба шабакаи умумиҷаҳонии Интернет гардид, аммо на ҳама ин имкониятро доранд.»[1]

Дар соли 2002 агенстваи иттилоотии «Ховар» сазовори мукофоти «Гунбази байналхалқии Аврупо» дар номинатсияи «Барои сифат ва бартарият» сазовор гардид.[2]

**Илм**. Дар давраи шӯравӣ дар Тоҷикистон барномаҳои комплексии пешрафти илму техника,нақшаи рушд ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда, консепсияҳои гуногун ва самтҳои асосии рушди хоҷагии халқ коркард карда мешуд. Бо вуҷуди ин дар ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо дастурамали аниқ барои рушди самараноки иқтидори илмӣ-техникӣ ва бозгашти натиҷаовари он набуд. Аз ин рӯ нақшаҳо ба коркарди иттиҳод ва иҷроиши умумӣ ворид карда мешуданд. Дар натиҷа, он нақшаҳои чорабиниҳои илмӣ-техникӣ барои ҷумҳурӣ пешбинишуда натиҷа намедоданд. Ҳамаи ин омилҳо дар қафомонии илмӣ-техникӣ, сатҳи пасти базаи моддӣ-техникӣ ватадқиқотӣ-таҷрибавии илмӣ, бештар дар коркарди илмӣ-тадқиқотии ашёи хом дида мешуд. Қафомонии соҳаи илм ва хизматрасонии илмӣ натанҳо дар нуқсонияти иқтисоди мутамарказ идорашаванда балки дар бесамаранок ба роҳ мондани сиёсати илмӣ-техникӣ дида мешавад. Хоҳиши афзалиятноки он давра дар иҷро намудани сиёсати ягонаи илмӣ-техникии ИҶШС бе назардошти манфиатҳои миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ буд.

---

[1] Каримова Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991 – 2011гг.). – С. 14.
[2] Азия-Плюс. – 2002. – 15 марта.

Бо ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар назди Ҳукумати Тоҷикистон баҳри ҳалли масъалаи қафомонии соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар навбат аввал вазифаи азнав дида баромадан ва диверсификатсияикунонии иқтисодиёти миллӣ бо роҳи баланд бардоштани саноати баланд технологӣ бо ёрии васеъ истифоданамудани омилҳои шиддатнокии саноат аз ҷумла дастовардҳои нави илмӣ-техникӣ дар дохили кишвар ва берун аз он гузошта шуд. Ба ин хотир аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор қарорҳо қабул карда шуд. Аз ҷумла «Доир ба аккредетатсияи давлатии муассисаҳои илмӣ», «Доир ба созишномаи байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Россия дар соҳаи аттестатсиякунонии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии тахассуси олӣ», «Оид ба консепсияи сиёсати илмӣ-техникии давлатии ҶТ», «Оид ба ҷашнгирии 50-солагии таъсисёбии Академия Илмҳои Тоҷикистон» ва ғайра. Дар ин қонунҳо дар назди муассисаҳои илмӣ вазифаи коркард ва татбиқи сиёсати нави илмӣ-техникӣ, бо назардошти имконияти истеҳсолӣ, захираҳои табиӣ ва қуваи корӣ, хусусиятҳои минтақавӣ ва ҷуғрофӣ дар асосӣ иқтидори илмӣ-техникӣ, талаботи рушди қувваҳои истеҳсолӣ гузошта шуд, ки он ба манфиатҳои давлати истиқлол ҷавобгу бошад. Дар соли 1998 Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов қарор қабул кард, ки мувофиқи он маоши академикони Академияи илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ зиёд карда шуд – 70-75 долл. ИМА.[1]

Қарорҳои қабул кардаи Ҳукумат оид ба рушди илм барои оянда дурбинӣ карда шуда буд ва масъалаҳои мубрами рӯзро, ки муассисаҳои илмӣ дар солҳои 1990 рӯ ба рӯ шуда буданд ҳал намекард. Ин пеш аз ҳама – кам будани маблағгузории бюҷавӣ барои тадқиқотҳои илмӣ. Дар соли 1990 дар Тоҷикистон барои соҳаи илм 0,8% аз

[1] Вечерний Душанбе. – 2001. – 30 мая.

бюҷаи солона ҷудо карда шуд.[1] Дар соли 1995 – 0,6%,[2] дар соли 2004 – 0,5% (5560,2 тыс. сомонӣ).[3] Маблағи воридоти ғайрибюҷавӣ дар соли 2001 – 233,8 ҳаз. долл., 4,8 ҳаз. пули олмонӣ ва 20,4 ҳаз. сомонӣ – 58% аз ҳаҷми маблағгузории барои ҳамаи соҳаҳои илм ҷудошуда дар бар мегирифт.

Маблағгузории ночиз дар соҳаи илм ба суст гардидани базаи моддӣ-техникӣ оварда расонд. Якбора паст гардидани музди меҳнат ба хуруҷи мутахассисон аз муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ хусусан ҷавонон оварда расонд. Аз сабаби набудани маблағ барои сафари кории илмӣ, экспедитсия ва корҳои саҳроӣ, адабиёти нави илмӣ, маҷаллаҳо ва мубодилаи иттилоот муассисаҳои илмӣ имконияти пурра иҷро намудани вазифаи худро надоштанд ва асарҳои олимон кам чоп мешуданд. Қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки соли 1996 қабул карда шуда буд «Оид ба тасдиқиқи муқаррарот доир ба фонди Президентии тадқиқоти фундаменталӣ» ӣҷро намешуд. Дар соли 1998 фонди тадқиқоти фундаменталӣ ҳамагӣ 50% маблағҳои аз бюҷаи ба нақша гирифта шударо гирифт.[4]

Маҳдудияти маблағҳои буҷавӣ ба муассисаҳои илмӣ имконияти ба шабакаи компютерӣ воридшавиро дар оғози асри 21 надод, ки ин дар навбати худ барои иштироки олимон дар конфронсҳои гуногуни илмӣ, симпозимҳо, дар гузаронидани тадқиқотҳои фундаменталӣ таъсири манфӣ расонид.

Ба ғайр аз, ин ҷанги шаҳрвандӣ ва ноустувории вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ фаъолияти муассисаҳои илмии Тоҷики-

---

[1] Республика Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. 1995. – Бишкек, 1995. – С. 39.

[2] Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. 1997. – Душанбе, 1997. – С. 49.

[3] Вечерний Душанбе. – 2002. – 10 апр.

[4] Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. 1998. – Душанбе, 1998. – С.51.


www.ravshanfikr.tj

стонро мураккаб гардонид. Дар ҷараёни даргириҳои мусаллаҳона як қисми муассисаҳои илмӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ғайриқонунии силоҳбадаст ғорат карда шуданд. Воситаҳои қимматбаҳои илмӣ, техникаи гуногун, воситаҳои нақлиётӣ, сузишворӣ, хатҳои кабелӣ, шабакаҳои гармдиҳии биноҳо дӯздида шуданд. Ҳаҷми умумии зарари моддӣ танҳо барои Академияи илмҳои ҶТ дар давоми 1,5 сол (1992 – нимаи аввали соли 1993) 400 млн. рублро дар бар гирифт.[1] Теъдоди муассисаҳои машғулияти тадқиқотии илмӣ дошта дар соли 2004 – 1,6 маротиба кам шуда 59 муассиса боқӣ монд, аз он 49 ИИТ ва 10 мактаби олӣ.[2]

Яке аз масъалаи душвортарини он давра нигоҳ доштани кадрҳо буд. Пас аз эълон намудани истиқлолияти Тоҷикистон аксарияти мутахассион ба дигар давлатҳо рафтанд. Ин ҷараён то охири солҳои 1990 идома ёфт. Сабабҳои асосии ба дигар давлатҳо рафтани мутухассион ва олимони соҳаҳои гуногун дар ноустувор будани вазъи сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, коҳиши нуфузи илм, бунбасти касбӣ, кам шудани вазъи иҷтимоӣ дар ҷомеа, бадшави шароити зиндагӣ, сатҳи пасти музди меҳнат буд. Дар натиҷа дар соли 2000 таъминоти муассисаҳои илмӣ бо кадрҳо дар ҷумҳурӣ 30-46% кам шуд.[3]

| Ҳамагӣ олимон бо фаъолияти асосии илмӣ-техникӣ, аз онҳо дорои унвони илмӣ: | 1990 | 1995 | 2000 | 2004 |
|---|---|---|---|---|

[1] Бойгонии Академияи илмҳои ҶТ. Ҳисоботи соли 1993 г. – В. 3.
[2] Статистический ежегодник. Республика Таджикистан. 2004. – С.43; Архив Комитета по статистике при
[3] Таджикистан. Отчет по человеческому развитию. 1997. – Душанбе, 1997. – С.49.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 8542 | 3062 | 4644 | 3384 |
| Доктори илм | 121 | 105 | 351 | 324 |
| Номзади илм | 1148 | 551 | 1137 | 964 |

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар соли 2004 нисбат ба соли 1990 шумораи умумии кормандони соҳаи илм 2,5 маротиба кам шуд, шумораи номзадони илм – 1,2 маротиба. Дар баробари ин тамоюли кам шудани шумораи докторони илм дар нимаи аввали солҳои 90-ми асри 20, баръакс дар соли 2004 – 2,7 маротиба зиёд шуд.

Таъғироти асосӣ дар таркиби миллии кормандони илмӣ рух дод. Даҳсолаи пас аз шӯравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ сабаби аз ҷумҳурӣ рафтани зиёиёни илмии миллатҳои ғайри бумӣ гардид. Дар соли 1990 вазни қиёсии миллатҳои ғайри бумӣ дар таркиби умумии кормандони илмӣ 32,4% буд, дар соли 2000-ум – 11,4%,[1] яъне 3 маротибкам шуд.

Чун дар солҳои гузашта раванди асосии тайёр намудани мутахассиони дараҷаи олӣ ба воситаи аспирантура мегузашт – рӯзона ва ғоибона. Ин шакли таълимро ҳазорҳо одамон дар институтҳои гуногуни илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои илмии кишвар аз сар гузарониданд. Дар соли 1990 дар аспирантура 501 кас таҳсил мекард, дар соли 1995 – 626, дар соли 2004 – 870. Ҳамзамон танҳо 21%-и дохилшудагон аспирантураро хатм намуданд. Ва танҳо 16,5% онҳо рисолаи худро дар вақташ ҳимоя карданд.[2] Камбудӣ дар тайёр намудани аспирантон вобастагӣ дошт аз паст будани музди маоши аспирантон, ки онҳо маҷбур буданд, ки ба зиёни вақт ва илми худ бахри ҷустуҷӯи даромади иловагӣ вақт сарф намоянд, суст будани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои илмӣ, нарасидани роҳбарони илмии

[1] Азия-Плюс. – 2001. – 12 апр.
[2] Статистический ежегодник. Республика Таджикистан. – С. 46.

баландихтисос, рӯякӣ гузаронидани аттестатсияи аспиратон, фаъолияти сусти шӯроҳои дисертатсионӣ. Дар соли 2005 дар ҶТ 29 шӯрои диссертатсионӣ фаъолият мекард, ки нисбат басоли 2004 – 11-то камтар буд. Дар 8 шӯро (ДДМТ – оид ба илми риёзиёт, биокимиё, ДДТТ – оид ба физиология ва биохимия, ДТТ – оид ба теплофизика ва ғайра) ягон ҳимояи рисолаи илмӣ гуазаронида нашуд.[1]

Дар соли 2010 дар аспирантураи АИ ҶТ 264 кас таҳсил мекард аз ҷумла 132 кас дар шӯъбаи ғоибона. Дар шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона 107 зан таҳсил мекард. Дар шӯъбаи докторантура 6 кас аз онҳо 3 зан.[2] Ҳамзамон кадрҳои тайёршудаи насли нав фаъолона ба коркарди масъалаҳои муҳим дар соҳаҳои гуногуни илм ворид шуданд. Дар солҳои 1998-2000 тақрибан 30 олими ҷавон дар чорчӯбаи ҳамкории байналхалқӣ дар конфронс ва симпозиумҳои гуногун ширкат варзиданд, муддати таҷрибаҳосилкуниро дар Олмон, Британия Кабир, Фаронса, Ҷопон, Шветсия, Венгрия, Ирон, Ҳиндӯстон ва дигар давлатҳо гузаштанд.[3] Бо мақсади баланд бардоштани эътибори илм дар байни ҷавонон Ҳукумати ҶТ стипендияи моҳонаи аспирантон то 60 сомонӣ зиёд гардонида шуд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият як қисми кормандони кормандони соҳаи илм масъалаи дар ҷумҳурӣ таъсис намудани Комиссияи атестатсионии олӣ оид ба таъмин намудан бо унвонҳои илмӣ бардошта шуда буд. Ҷамъияти илмӣ ва Ҳукумати кишвар ин масъаларо дастгирӣ накард.

Ба ғайр аз ин бо мақсади сифатнок омӯзонидани

---

[1] Бюллетень аттестационной комиссии РТ по аттестации научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации. 2006. – №.7. – С. 7-8.

[2] Электронный ресурс. – www.khovar.tj.

[3] Народная газета. – 2001. – 26 апр.

кадрҳои илмӣ дар соли 1996 Ҳукумати Тоҷикистон қарори «Оид ба аз нав тасдиқнамудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ»-ро қабул кард. Дар ин қарор тавсия дода шудааст, ки олимони аз соли 1992 ҳимоя карда шуда аттестатсияи иловагиро гузаранд. Ин ба он далел асоснок шуда буд, ки дар давраи ҷанги шаҳрандӣ дар шӯроҳои диссертатсионии ИИТ ва мактабҳои олӣ рисолаҳои бениҳоят суст тасдиқ мешуданд.

Бӯҳрони иқтисодӣ ва хуруҷи мутахассисони баландихтисосс зарурияти гузаронидани таҷдиди сохторӣ дар Акакдеимия илм, институтҳои соҳавӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ, мактабҳои олӣ, ки дар он нерӯҳои илмӣ ҷалб карда шудаанд ба миён оварда буд. Баъзе муасисаҳои илмӣ бекор карда мешуданд ва дар ҷойи онҳо дигар муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ пайдо мешуданд. Дар соли 2004 Маркази тадқиқоти стратегӣ назди Президенти ҶТ, Интститути муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ АИ ҶТ, Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ АИ ҶТ, Институти экологияи АИ ҶТ, Институти илмҳои гуманитарӣ филиали Помири АИ ҶТ ва ғайра таъсис дода шуд. Дар вилояти Суғд маркази илмии Хуҷанд таъсиси дода шуд. Аз мактабҳои олӣ Донишгоҳи Россия-тоҷикӣ (славянӣ), Донишгоҳи андоз ва ҳуқуқ, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ, Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ва ғайра таъсис дода шудаанд.

Дар назди Академия илмҳо Шӯрои ҳамоҳангсозии корои илмӣ, Кумита оид ба истилоҳот, Шӯъбаи тайёрии кадрҳои илмӣ, нашриёти «Дониш», китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандӣ, шаш осорхона (Осорхонаи миллии антиқаи Тоҷикистон, осорхонаи мардумшиносӣ, осорхонаи ёдгории С.Айнӣ, М.Турсун-зода, А.Лоҳутӣ, М.Раҳимӣ) фаъолият мекунанд.

Дар маҷмӯъ бо вуҷуди мушкилиҳои объективӣ ва субъективӣ, кадрҳои илмӣ тадқиқотҳои худро барои ҷумҳурӣ дар соҳаҳои ҷамъиятӣ, фундменталӣ ва фанҳои


www.ravshanfikr.tj

амалӣ идома медоданд. Фаъолияти онҳо оид ба масъалаҳои тадқиқӣ фан ва роҳи татбиқи амалӣ бештар системанок ва комплексӣ буданд. Дар соли 1995 ба маблағи 55 млн. рубл. корҳои илмӣ-техникӣ ба анҷом расонида шудаанд. Дар соли 1999 – 948 млн. руб., яъне 17,2 маротиба зиёдтар.[1]

Дар соли 2009 аз ҷониби олимони Акакдемияи илмҳо 1182 асарҳои илмӣ, 119 монография, маҷмӯаҳо ва брошюраҳо, 1063 мақола аз онҳо 890 – дар ҷумҳурӣ, 91 – дар маҷаллаҳои кишварҳои ИДМ, 82 – дар давлатҳои хориҷа чоп шудаанд.[2]

Дар ибтидои соли 2010 дар муассисаҳои илмии АИ ҶТ 948 кормандони илмӣ кор мекарданд, аз ҷумла 138 доктор ва 320 номзади илм, 37 академик, 44 член-корр. Дар аспирантураи АИ ҶТ 281 кас ва дар докторантура 7 кас таҳсил менамуданд.

Дар нимсолаи аввали соли 2010 аз ҷониби олимони АИ ҶТ зиёда аз 400 асар, 20 монография ва маҷмӯа, 350 мақола аз чоп баромад. Аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни хориҷӣ баҳри гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ба муассисаҳои илмии АИ ҶТ 80 ҳазор долл. ИМА (350 ҳазор сомонӣ) ворид гардид. 60 ҳазор сомонӣ мувофиқи шартномаҳои хоҷагӣ ва аз фуруши маҳсулоти хеш ворид шуд.[3]

Бо мақсади такмил додани фаъолияти тадқиқотӣ 16 сентябри соли 2010 Ҳукумати Тоҷикистон оид ба гузаронидани ислоҳот дар сохтори маъмурии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ қарор қабул кард. Мувофиқи ин қарор Институти геология ва Институти сохтмони муқовимати сейсмикӣ ва сейсмологияи АИ ҳамчун Институти геология ва сейсмология муттаҳид карда шуданд; Институти ботаника ва Институти физиологияи растанӣ ва генетикӣ

---

[1] Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – С.44.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 9.
[3] Электронный ресурс. – www.khovar.tj.

– Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АИ; Институти давлат ва ҳуқуқва Институти фалсафа ба номи А.Баҳовудинов – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ; Институти демография ва Институти иқтисодӣ – Институти иқтисодӣ ва демографияи АИ; Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ ва Институти забон ва адабиёт ба номи А.Рӯдакӣ – Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи АИ ҶТ. Ба ғайр аз ин дар Академия илмҳо таъсиси Маркази рушди иннаватсионии илм ва технологияи муосир ва комиссияи олии атестатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ва дараҷаи унвондиҳӣ пешбинӣ шудааст.[1]

Дар шароити истиқлолияти Тоҷикистон кӯшишҳои олимон баҳри рушди технологияи ивазкунандаи воридот равона шуда буд. Дар ин самт бо муваффақият кор карданд тадқиқотчиёни институти Физико-техникӣ (дастгоҳҳои креогенӣ ва лазерӣ, гелиоколлекторҳо), Институти кимиё (алюминии дараҷаи тозагии махсус, шишаи моеъ, арматураи баста), Институти гастроэнтерология (доруворӣ).[2] Саҳми олимон дар рушди физиология, биохимия, генетика, биотехнологияи растенӣ муҳим мебошад.

Рушди минбаъдаи бо сифат дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ба вуҷуд омад. Усулҳои тадқиқотҳои таърихӣ таҷдид шуд ва дар асоси он асари фундаменталии шаш ҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» (ҷилди I, II, V, VI) аз чоп баромад. Дар илми фалсафа воқеаҳои глобалии ҷамъиятӣ ва таърихӣ таҳлил шуда истодаанд. Аз ҷониби ҷомеашиносон оиди вазъ ва фаъолияти тафаккури ҷамъиятӣ дар давраи муосир маълумотҳо пешниҳод шудаанд. Иқтисодчиён ба омӯзиши стратегияи таъминоти сиёсати мо-

---

[1] Электронный ресурс. – www.toptj.com.
[2] Народная газета. – 2002. – 16 окт.


www.ravshanfikr.tj

лиявӣ ва пулию қарзӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар оғоз намуданд. Стратегияи давлатӣ дар рушди соҳаи иҷтимоии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.[1]

Ҳамкории байналхалқии олимони Тоҷикистон идома дошт. Аксарияти онҳо бо мақсади таҷрибаомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси худ ба кишварҳои гуногуни ҷаҳон рафта, дар симпозиум, конфронс ва гузаронидани экспедитсияҳои илмии муштарак фаъолона иштирок намудаанд. Дар гузаронидани экспедитсияҳои бостоншиносӣ ба Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ давлати Олмон кӯмак менамояд. Дар соли 2001 дар ш. Душанбе конфронси байналхалқии «Таҷрибаи таърихии сулҳофарӣ дар Тоҷикистон» гузаронида шуд. Дар ҳамон сол дар ш. Хоруғ конфронси байналхалқӣ оид ба масъалаҳои рушди минтақаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ дар асри XXI гузаронида шуд. Ин конфронс бо ташаббуси ҳукумати ВАКБ, институти биологии Помир ва донишгоҳи Хоруғ бо дастгирии молиявии ташкилотҳои хориҷӣ ба роҳ монда шуд. Дар соли 2002 дар ш. Душанбе симпозиуми байналхалқии «Саҳми тоҷикон дар тамаддуни ҷаҳон» гузаронида шуд.

Дар соли 2001 Академияи илмҳои ҶТ узви комилҳуқуқи Ассотсиатсияи академияи илмҳои кишварҳои осиёимиёнагӣ гардида ба олимони кишвар имконияти васеъ намудани алоқа, самаранок истифода намудани интиқоли технологияи нав ва иттилоти илмӣ, гузаронидани тадқиқотҳои муштарак ба даст овард. Бо шӯъбаи Новосибирски Академиия илмҳои Россия ва ҳамкорони хитоӣ оид ба корҳои муштарак дар соҳаи геология, бо олимони Кореяи Ҷанубӣ – оид ба микроэлектроника, бо олимони Покистон – оид ба омӯзиши дастхатҳои қадимаи шарқӣ

---

[1] Народная газета. – 2002. – 30 окт.

шартномаҳо баста шудаанд.[1]

Аз соли 1998 олимони Тоҷикистон бо туфайли пайвастшаӣ ба почтаи электронӣ ва аз соли 2000-ум бо шабакаи Интернет имконияти васеи баромадани ба арсаи байналмиллалӣ пайдо намуданд. Дар натиҷа аз соли 1998 то соли 2001 ба фонди АИ воридоти ғайрибюҷавӣ қариб 100 маротиба зиёд гардид. Дар ин давра қариб 20 олимон аз ҳисоби грантҳо ва дигар намуди дастгирии молиявӣ дар ҳаҷми зиёда аз 40 ҳазор долл. сафарҳои хорҷӣ доштанд. Грантҳои калонро гирифтанад: аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон – институти илмӣ-тадқиқотии акушерӣ ва гинекологӣ барои гузаронидани корҳо оид ба ташхиси муосир ва табобати касалиҳои гинекологӣ (50 ҳазор долл.), аз ҷониби Вазорати энергетикаи ИМА – институти физико-техникӣ барои тадқиқот оид ба гузаронидани мониторинги обҳои калонтарин дарёҳои ҷумҳурӣ (11 ҳазор долл.), аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон – Институти таърих, бостоншинос и ва мардумшиносии ба номи А.Дониш (300 ҳазор долл.)[2] ва ғайра. Дар соли 2010 аз ҷониби Швейтсария ба Академияи илмҳои Тоҷикистон ҳафт дастгоҳи сейсмологӣ туҳфа карда шуд.[3]

Дар соли 2008 байни Тоҷикистон ва Россия созишнома оид ба таъсис ва фаъолияти маркази байналхалқии илмӣ-тадқиқотӣ «Помир-Чакалтой», ки баҳри таъсиси ташкилоти байналхалқии байниҳукуматӣ барои гузаронидани тадқиқотҳои ядроӣ ва астрофизикии нурҳои кайҳонӣ баста шуд.[4]

Тадқиқотҳои илмӣ дар мактабҳои олӣ низ гузаронида мешаванд: Донишгоҳои Россия-тоҷикӣ (славянӣ), донишгоҳи андоз ва ҳуқуқ, донишгоҳи ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ, Академияи Вазорати корҳои дохилии ҶТ

[1] Вечерний Душанбе. – 2002. – 30 авг.
[2] Вечерний Душанбе. – 2002. – 7 июня; Дар ҳамон ҷо. – 2003, – 24 янв.
[3] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj.
[4] Российская газета. – 2008. – 1 сент.

ва ғайра.

Барои таъсис додани системаи самараноки дастгирии давлатӣ ва рушди илм, дар соли 2006 қарори Ҳукумати ҶТ қабул карда шуд, ки мувофиқи он Стратегияи ҶТ дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 тасдиқ гардид. Ҳадафи Стратегия иборат аз: тезонидани таъсисёбии инфрасохтори иннаватсионӣ ва амалӣ гардонидани он, ихтирои технологияиҳои рақобатпазири аз ҷониби истеҳсолот, тиҷорат, соҳибкорон дархост карда шуда, нуфузи баланд ва ҷолибияти нуфузи кори илм, ташкил намудани шароити мусоид оид ба тайёр намудани кадрҳои ҷавони олимон ва мутахасссисон, рушди маориф ва фарҳанг, баланд бардоштани иқтидори зеҳнии ҷомеа то як дараҷае, ки пешравии кишварро мусоидат менамояд ва ҳадафи Стратегияи Миллии рушди Тоҷикистон то соли 2015 ҷомаи амал мепушад.[1]

Зиёиёни илмӣ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа фаъолона иштирок намуда роҳи дурусти ҷустуҷуи ғояҳои пешрафта ва усули тадқиқотҳои илмиро муайян менамуд.

**Рушди озодии виҷдон.** Пас аз пошхӯрии ИҶШС дар ташаккули фарҳанг нақши дин зиёд гардид. Таъсири ғояҳои динӣ ба ҳаёти маънавии инсон, бунёди ҷамъият мустаҳкам гардид. Асоси маънавии фарҳанги пас аз шӯравии Тоҷикистон дини Ислом гардид.

Тоҷикистон – ягона кишваре дар минтақаи Осиёи Миёна мебошад, ки дар он фаъолияти ҳизбҳои динӣ иҷозад дода шудааст. Аммо дар қатори он таблиғоти ғояҳои экстремистӣ, дахолат ба корҳои давлатӣ, даъват бо роҳи зурӣ сарнагун кардани сохти конститутсионӣманъ карда шудаанд.

Дар ин шароит фарҳанг як қисми теосентризм мегардад. Дар соли 2010 раванди бақайдгирии масҷидҳо, ташкилотҳои динӣ дар кишвар ба охир расид. Дар натиҷа

[1] Народная газета. – 2006. – 23 июня.

332 масҷиди ҷомеа, 3334 масҷиди панҷвақта ва 27 масҷиди марказӣ статуси расмӣ гирифтанд. Боз 500 масҷиди ғайриқайдӣ фаъолият мекунанд.

Ба ғайр аз ин дар кишвар 74 ташкилотҳои динии ғайриисломӣ фаъолият мекунанд – колисои Православии Рус, ҷамоати яҳудён дар назди каниса, ҷамоати «Шуури Кришна», калисои Румӣ-католикӣ, калисои «Адвентистони рӯзи ҳафтум», калисои «Евангелистони насрониҳо-баптисто», калисои Лютеранӣ, маркази мубаллиғони корреягии «Сонмин» ва ғайра.[1]

Аксарияти аҳолии Тоҷикистон (97%) пайрави дини Ислом мебошанд, қисми каме пайрави дини насронӣ ва пайравони дигар динҳо як чанд ҳазор.

Дар Тоҷикистон маркази Исломӣ таъсис дода шуд, ки он фаъолияти тамоми ташкилотҳои исломии кишварро мувофиқа менамояд. Мақоми олии марказ шӯрои уламо мебошад, ки масъалаҳои баҳсталаби мусулмонҳоро дида мебарояд. Омода намудани кормандони соҳаи дин барои масҷидҳо дар дӯши Донишгоҳи Исломии Тоҷикистон ба номи Термезӣ мебошад. Дар ин донишгоҳ 700 донишҷӯ таҳсил менамоянд, 3 мактаби миёнаи динӣ (дар Хуҷанд, Конибодом, Қурғон-Тепа) ва 16 мактаби динӣ дар манотиқи гуногуни кишвар фаъолият менамоянд.[2]

Дар баробари тамоюли рушди мусбии озодии виҷдон дар кишвар як чанд мушкилиҳо низ вуҷуд доранд. Танҳо дар ш. Душанбе дар соли 2010 зиёда аз 80% масҷидҳо қайди расмӣ надоштанд. Аксарияти кормандони динӣ ҷабҳаҳои ҳуқуқиро намедонистанд, ки фаъолияти онҳо мухолифи қонунҳои кишвар буд.

Маълум аст, ки мунокишаҳои асосашон масъалаи динӣ сабаби асосии ба вуҷуд омадани ҷангҳо мебошад. Дар давраи пас аз шӯравӣ дар Тоҷикистон низ зидди-

---

[1] Электронный ресурс. – www.asiaplus.tj.
[2] Народная газета. – 2009. – 15 янв.

ятҳои динӣ вуҷуд доштанд. Баъзе намояндагони радикалии Ислом нисбати калисоҳои насрониҳо, хонаҳои ибодат ва маркази мубаллиғони корреягии «Сонмин» амалияти террористӣ мегузаронданд. Аз дигар тараф зиддиятҳои дохили исломӣ низ мушоҳида карда мешуд (зиддият байни радикалон ва мӯътадилон), ки ҳамчун омили муҳим дар ба вуҷуд омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар шудаанд.

Дар охири солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ташкилотҳои ғайриқонунии динӣ ба вуҷуд омаданд. Яке аз онҳо ҳизби реаксионӣ-радикалии исломӣ «Ҳизб-ут-Таҳрир» мебошад. Ҳадафи ҳизби мазкур сарнагун карданисохти конститутсионӣ дар ҷумҳурияҳои Осиёмиёнагӣ ва таъсис додани хилофати бузарги исломӣ мебошад. Ҳизби мазкур аз нуқтаи назари экстремизми сиёсӣ фаъолият мекунад – пахши асарҳои чопӣ, ки дар он фитнаангезӣ ва душмании динӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ дида мешавад. Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар доир ба бартарфсозии ячейкаҳои ҳизби мазкур корҳои оперативӣ мебаранд. Дар солҳои 2000-2004 зиёда аз 700 аъзоёни ин ҳизб ҳабс карда шуданд.[1]

Дар соли 2009 Суди Олии ҶТ оид ба баста шудани фаъолияти ҳаракати динии экстремистӣ «Салафия» дар ҷумҳурӣ қарор қабул кард. Ин иқдом ба хотири ҳимоя намудани сохтори конститутсионӣ, мустаҳкам намудани бехатарии кишвар ва пешгирӣ намудани барангехтани кинаю адовати байни миллатҳо ва динҳо равона карда шуда буд. Ҳамчунин дар чорчӯбаи ин қонун воридоти адабиёти динӣ ва дигар маводҳое, ки ғояҳои салафияро таблиғ менамуданд манъ карда шуданд. Иттилоот дар бораи теъдоди аъзоёни салафия гуногун мебошад: аз 2-3 ҳазор то даҳҳо ҳазор.[2]

---

[1] Боевой дозор. – 2004. – 15 авг.
[2] Аргументы и факты. – 2009. – №. 51.

Афзудани нуфузи дин дар Тоҷикистон муносибати байни дину давлат тайғир намуд. Дин таъсири худро дар сиёсати берунии давлат мерасонад. Давлат дар навбати худ бо мақсади баланд бардоштани обрӯи худ дар арсаи байналмилалӣ ҳурмати худро нисбати дин ва эҳсоси динии мардум зоҳир менамояд. Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Конфронси Исломӣ мебошад, ки давлатҳои пайравони ислом бударо муттаҳид менамояд. Аз ҷумҳурӣ ҳар сол ба Арабистони Саудӣ мумсулмонон ба хотири ҳаҷ мераванд. Дар соли 1993 қариб ҳазор кас ва соли 2010 – 5,5 ҳазор кас ҳаҷ кардаанд.[1]

**Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.** Ба рушди минбаъдаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар давраи пас аз шӯравӣ вазъи ноустовори сиёсӣ ва кам будани маблағ таъсири манфӣ расонид.

Ба ин нигоҳ накарда кор дар ин самт идома меёфт.Дар охири солҳои 90-ми асри 20 сексияҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои умумӣ, миёна ва олии махсус фаъолият менамуданд.

Дар соли 1994 Тоҷикистон ба сафи ҳаракати Олимпӣ қабул карда шуд ва баъд ба дигар ташкилотҳои байналхалқии варзишӣ:футбол, гуштинги озод, самбо, гуштинги юнонӣ-румӣ, таэквон-до, варзиши сабук ва ғайра.

Дастовардҳои варзишгарони Тоҷикистон назаррас буд. Шогирди варзиши тоҷик А.Абдувалиев дар соли 1992 чемпиони бозиҳои олимпӣ дар Испания ва соли 1993 чемпиони ҷаҳон оид ба гурзандозӣ гардид.

Аз аввали солҳои 1990 чемпиони ҷаҳон, Аврупо ва Осиё аз Тоҷикистон 30 кас шуд (таэквон-до, самбо, гуштинги озод, шашкаи байналхалқӣ, бозии шоҳмот дар байни нобинон,гуштинги русии «Слада», гурзандозӣ) се каси онҳо чемпиони дукарата шуданд: О.Муродов (гуштинги русии «Слада»), Д.Сайфиддинов ва Т.Султонов

[1] Электронный ресурс – www.asiaplus.tj.


www.ravshanfikr.tj

(таэквон-до).

Аз 14 то 20 октябри соли 2003 дар майдони марказии ба номи Фрунзе V бозиҳои осиёи марказӣ гузаронида шуданд. Зиёда аз 700 варзишгарони Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қиргизистон, Туркманистон дар 10 намуди варзиш мусобиқа намуданд.

Дар соли 2004 дар бозиҳои олимпии Афина дастаи варзишии Тоҷикистон ҷойи мукофотиро ишғол накард. Лекин дар соли 2008 дар бозиҳои олимпии Пекин медали нуқрагиро Ю.Абдусаломов (гуштинги озод), медали биринҷиро – Р.Бокиев (дзю – до) соҳиб гардиданд.

Сол аз сол варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ бо муваффақият иштирок мекунанд. Дар соли 2009 варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои байналхалқи 91 медали гуногунро соҳиб шуданд. Дар нимсолаи аввали соли 2010 варзишагрони тоҷик 98 медал аз ҷумла 35 тиллоӣ, 28 нуқрагӣ ва 35 бринҷиро ба ватани худ овარданд. Се маротиба бо медали тиллоӣ Д.Назаров (гурзпартоӣ) мукофонида шуд, М.Чориева дар мусобиқаи бокси Осиё дар байни занҳо бо медали тиллоӣ ва бо медали бринҷӣ дар бозиҳои олимпӣ дар Лондон дар соли 2012 мукофонида шуд. Р.Боқиев (дзю-до) дар бозии Ҷоми Ҷаҳон медали тиллоиро дастрас намуд, А.Аҳмадов чемпиони мутлақи Осиё оид ба таэквон-до гардид. Варзишгарони тоҷик дар чемпионати Осиё соҳиби 37 медал аз ҷумла тилло – 12, нуқра – 12, биринҷӣ – 7 гардиданд.[1]

Дар маҷмӯъ фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои аввали пас аз шӯравӣ бо мушкилиҳои гуногун рӯ ба рӯ шуд: фаъолияти театрҳо қатъ гардид, муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва илмӣ, мактабҳои миёна ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ коста шуданд, аксарияти мутахассисони баландихтисос берун аз ҷумҳурӣ макон гирфтанд. Қисми

[1] Электронный ресурс – www.asiaplus.tj.

боқимондаи зиёиён, муаллимон, олимон дар ҳолати бад зиндагонӣ мекарданд. Танҳо пас аз ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ фарҳанги Тоҷикистон рӯ ба тараққиёт овард. Ҳар сол аз буҷаи давлат барои пешрафти фарҳанг маблағҳои калон ҷудо мешаванд, мактабҳои нав сохта мактабҳои кӯҳна таъмир карда мешаванд. Шумораи хонандагон дар мактабҳо меафзояд, мактабҳои олии нав ва миёнаи-махсус сохта мешаванд. Илм аз ҳолати карахтӣ баромада, зиёиён ва васоити ахбори умум озодии суханро ба даст оварданд.


www.ravshanfikr.tj

# МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин марҳилаи ташаккулёбии истиқлоли миллӣ ба рушди соҳаи илму маориф ва нерӯҳои ақлонии мамлакат аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳли илму маориф ва қувваҳои солими зеҳниро хазинаи тиллоии миллат номида, дар ҳама кору пайкор, ҳолатҳои тақдирсозу душвор, ниятҳои наву таърихӣ ва ҳалли муҳимтарин масоили ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ аз фикру ақоид, хулосаҳои илмӣ, донишу таҷриба ва таклифу пешниҳодоти онҳо самаранок истифода менамояд.

Ҳанӯз дар ибтидои соли 1993 дар ҳафтаномаи «Садои мардум» мақолаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Ҳадафи сиёсати мо манфиати мардум аст» интишор ёфта буд, ки дар бахши «Мо ба чи гуна ислоҳот ниёз дорем», омадааст: «Набояд фаромӯш намуд, ки ҳеҷ гуна ислоҳот ҳатто ислоҳоти аз ҳама воқеӣ низ, агар пурқувват намудани дастгирии илму техника яке аз фишангҳои асосиаш ба шумор наравад, амалӣ нахоҳад гашт. Нигоҳ доштани афзалияти ҳамешагии маориф, илм ва фарҳанг вазифаи муҳимтарини мо бояд бошад. Бо ин мақсад зарур аст, ки ба таври қонунӣ дар сатҳи Шӯрои Олӣ барои аз даромади миллӣ ба инкишофи илму маориф ва фарҳанг ҷудо гардидани маблағи зарурӣ муайян карда шавад»[1].

Баҳори соли 1994 дар анҷумани нахустини ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон

---

[1] Раҳмонов Э. Ҳадафи сиёсати мо манфиати мардум аст //Садои мардум. - 1993. - 22 февр.

созандагони фардои Ватанро ба бунёдкорию пешрафт даъват намуда, таъкид кард, ки Давлату ҷомеа ояндаи неки худро ба пешравии соҳаи маориф, ба тайёр намудани мутахассисони варзидаи дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мепайванданд, зеро бе пешравии ин соҳа беҳбудии иктисоди, инкишофи фарҳанг ва ташаккули шахсияти дорои олами бойи ботиниро тасаввур намудан имконнопазир аст.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамояд, ки таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик аз қалами сеҳрофарини олимону адибони оламшумул, китобҳои базму разм, диловарию қаҳрамонӣ, одобномаҳои беназир, дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасанаи гузаштагони пурифтихори халқҳои ориёинажод, аз пирӯзию нокомиҳои аҷдодони мо сабти ҷовидонӣ дорад, аз ин рӯ, эҳтирому арҷгузорӣ ба ин манбаи ибратбахшу омӯзанда ва фалсафаи ҳастиофарин вазифаи муқаддаси ҳар як сокини соҳибнанги диёр аст.[1]

Таъсиси хазинаи асъор барои инкишофи илму маориф, таъмини имтиёзҳои аввалиндараҷа ба соҳаи илму маориф ва фарҳангу тандурустӣ, такмил ва рушди тарбияи кадрҳо дар мактабҳои олии мамлакат, ҷиҳати таҳсилу таҷрибаомӯзӣ ба хориҷи кишвар фиристодани ҷавонони лаёйатманд, таъсиси мактабҳои хусусӣ ба хотири рушди райобати озоду дарёфти хурдсолони боистеъдод, тарайииёти матбуоту нашриёт ва баланд бардоштани ҳайии йалами ходимони илм, адабиёту санъат ва эҷодкорону нававарон аз муҳимтарин самтҳои сиёсати пешгирифтаи Эмомалӣ Раҳмон аст.

Барои тарбия ва ба воя расонидани созандагониояндаи ҷомеа миллати мо тамоми имконоту заминаҳои маънавӣ, равонию ахлойӣ ва таърихиро дорад.

---

[1] Раҳмонов Э. Истиқолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 205-210.

Дар мулоқот бо фаъолони маорифи ҷумҳурӣ 28 августи соли 1995 Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ба миён омадани ниёзи ҷиддииислоҳоти мактабу маорифро ҷиҳати дарёфти мароми истиқлолияти давлатӣ талаби марҳилаи сифатан созандаи пешрафт маънидод намуда, афзуд, ки замони такмили низоми таълиму тарбия ва мактабу маориф дар заминаи сарвати бебаҳои маънавӣ, ахлоқию фарҳангӣ ва бо назардошти имконияту тақозои даврони муосиру арзишҳои умумибашарӣ фаро расидааст.

Сарвари давлат бо мақсадирушди соҳа, таъсису ташкили мактабу литсейҳои замонавиро амри манфиатбахш номида, аз 1 сентябри соли 1995 ба оғози фаъолияти Литсей-интарнати ҷумҳуриявии наврасони лаёқатманд мусоидат намуд, ки он таҳти парастории Президенти ҷумҳурӣ қарор дошта, ин ҷо аз кулли манотиқи сарзамин бачагони қобилиятнок фаро гирифта шуданд. Ин муассисаи таълимӣ зери сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Вазъи таълиму тарбия дар ин муассисаи таълимӣ сол то сол беҳтар мегардад. Хонандагон дар кафедраҳои таълимгоҳ бо корҳои тадқиқотиву эҷодӣ машғул шуда ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ омодагӣ мегиранд.

Мусоидат ба чопи китоб, таъмини синфхонаҳо бо маводи техникию аёнӣ, технологияи муосири компютерӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо, пардохти саривақти и маош, бо имтиёзҳои нав таъмин кардани омӯзгорону устодон тариқи имкониятҳои мақомоти маҳаллӣ, ба хусус ҷудо кардани замин ва дигар масъалаҳои вобаста ба рушди мактабу маориф ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи Сарвари давлат қарор гирифтааст.

Қабули қонуни забон, ки дар муҳокимаи он аҳли зиёи мамлакат саҳми фаъолу назаррас доштанд, муҳокима ва қабули консепсияи мактаби миллӣ, ки низоми таълимиро аз вазъи қолабӣ ва нусхабардорӣ раҳо карда, ба ар-

зишҳои миллӣ раҳнамун гардонид, инчунин қабули «Қонун дар бораи маориф» аз ҷумлаи тадбирҳои сари-вақтию таконбахш пазирой шуданд.

Тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстию худ-шиносии миллӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва якпор-чагии сарзамин, бархурдорӣ аз дастовардҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ ҳамчун идомаи мантиқии хирадмандию эҷодкории номбардорони миллати куҳандиёр ба талабо-ти имрӯзи ҷомеа мутобиқ гардонида шуд.

Дар ибтидои асру ҳазораи нав бо назардошти пешрафти босуръати илму техникаи муосир, раванди глобализация ва интеграцияи кишварҳо ба омӯзиши за-бонҳое, ки дар саросари олам ҳамчун воситаи муомилот эътироф шудаанд, афзалият дода мешавад.

Имрӯз дар қатори омӯзиши забони давлатӣ дар муас-сисаҳои томактабӣ, макотиби таҳсилоти умумиву касбӣ ба омӯзиши забонҳои русию англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ мароқи хоса зоҳир карда мешавад.

Таъмини синфхонаҳо бо технологияи компютерӣ ва дигар воситаҳои айёнии техникию таҷрибавӣ таҳти назо-рати шахсии роҳбарияти олимақоми кишвар қарор до-шта, ин иқдом аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳо, созмону муассисаҳои ғайридавлатию хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ дастгирӣ ёфт. иқдом

Бо мақсадиҷалби ҳарчи бештари духтарони маҳаллӣ аз манотиқи кӯҳистон дар донишгоҳу донишкадаҳо квотаҳои президентӣ ҷудо гардида, ин амал самараҳои нек овард. Ҳавасмандии донишҷӯёни макотиби Олӣ ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо таъсиси стипендияи Президентӣ омили муҳими болоравии сатҳи донишу малакаи онҳо гардид.

Тайи солҳои 1997–2015 ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 16009 нафар донишҷӯ, аз ин миқдор 9554 духтар ва 6476 писар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи суҳбат (беимтиҳон) қабул

гардиданд.Дар ин муддат зиёда аз 8349 нафар духтарону писарон (5923 нафар духтар ва 2426 нафар духтар) тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро хатм намуда, тибқи роҳхат ба ҷойи истиқомати худ барои кору фаъолият фиристонида шуданд. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 5090 нафар (2608 нафар духтар ва 2482 нафар писар) бо муваффақият таҳсил доранд.

Бояд таъкид кард, кисоҳаи таҳсилоти олии касбӣ низ дар қатори дигар соҳаҳои маориф рушди тозаи худро пайдо намуд. Афзоиши шумораи муассисаҳои таълимӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ яке аз дастовардҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аст. Агар дар соли 1992 дар ҷумҳурӣ 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо теъдоди 70600 нафар донишҷӯ (21900 духтар) фаъолият мекарда бошад, пас дар соли 1997 ин теъдод ба 25 бо 76700 нафар (20000) донишҷӯ расид ва дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ 38 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 167660 нафар донишҷӯ (аз ҷумла 53217 духтар) фаъолият менамояд. Дар ин муассисаҳои таълимӣ агар соли 1991 – 1835 нафар номзади илм ва 226 доктори илм фаъолият намуда бошад, пас имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ 2594 номзади илм ва 549 доктори илм ба донишҷӯён дарс мегӯянд.

Таъсиси филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.Ломоносов дар шаҳри Душанбе, Донишкадаи энергетикии Москва ва Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва» аз иқдомҳои наҷиби даврони истиқлолият мебошад.

Барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣҚонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари зинаи таҳсилоти олии касбӣтаҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Зиёиёни мамлакат бо эҳсоси масъулияти баланди саҳмгузорӣ дар пешрафту ободонии кишвар, дар тадбирҳои сиёсӣ иштироки фаъолона доранд. Миёни тағйиру иловаҳое, ки тариқи раъйпурсӣ 22 июни соли 2003 ба Конститутсия ворид карда шуд, масъалаи дар қатори таҳсили ҳатмии ройгон имконияти ташкили хизматрасонии пулакии таълимӣ ва тиббӣ байни аҳолӣ ҷонибдории омӣ пайдо кард.

Аксари барномаҳои дарозмӯҳлати давлатӣ, ба хусус стратегияи паст гардонидани сатҳи камбизоатӣ маҳз ба хотири таъмини некуаҳволии намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ, равнақи кори муассисаҳои илмию фарҳангӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти нерӯҳои зеҳнии сарзамин амалӣ шуда истодаанд.

Ҳар сол бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 25-то 40 дарсади маошу нафақа баланд бардошта мешаванд, ки дар маҷмӯъ ин иқдом ба кормандони илму маориф ва аҳли зиё таалуқ дорад. Солҳои 2000–2005 андозаи номиналии музди миёнаи меҳнати кормандон соҳаи маориф 6,9 маротиба афзуда, аз 11 сомонӣ дар соли 2000 ба 76,3 сомонӣ дар соли 2005 баробар шуд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаи маориф соли 2010 ба 279 сомонӣ ва дар соли 2014 ба 699 сомонӣ баробар шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000 – 6,5 маротиба ва нисбат ба соли 2005-ум 9,1 маротиба зиёд аст.

Солҳои охир бо татбиқи лоиҳаи ҳамкорӣ ва ҷалби сармоя таъмини мактабиён бо китобу дастурҳои таълимӣ беҳтар гардид. Ҳар сол аз хазинаи эҳтиётии Президенти ҷумҳурӣ барои мактабҳои минтақаҳои гуногуни кишвар, чопи китоб, харидории технологияи компютерӣ маблағҳои муайян ҷудо карда мешаванд.

Ҳукумати Тоҷикистон вазъи таълиму тарбия ва сифати тайёр кардани кадрҳоро дар Донишгоҳҳои тиббӣ, кишо-


www.ravshanfikr.tj

варзӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ, бизнес ва сиёсат, славянӣ ҳамчунин сифати таълиму тарбияро дар коллеҷҳои тиббии шаҳрҳои Кӯлобу Хуҷанд, иҷрои Консепсияи сиёсати давлаттии илмию техникиро дар Академияи илмҳо, Вазоратҳои маориф, кишоварзӣ, саноат, тандурустӣ, иҷрои банди 1 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07. 1999, №250 «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди аӣали подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар Академияи илмҳо мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор дода, ба вазорату идораҳои дахлдор ва муассисаҳои таълимӣ барои беҳбуд бахшидани вазъи таълиму тарбия ва пешрафти илм пешниҳодҳои муҳим манзур намуд.

Назорати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи компютеркунонии мактабҳои асосӣ ва миёнаи таҳсилои умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007» дар маркази диқати Ҳукумати Тоҷикистон қарор гирифтааст.То соли соли 2003 мактабҳои ҷумҳурӣ соҳиби қариб 4000 компютери ҳозиразамон шуданд. Дар 20 мактаб генераторҳои дизелӣ ва дар 150 мактаб хатҳои озоди барӣ барои кори компютерҳо ташкил ёфт. Агар соли 2002 ба як компютер 250 хонанда рост ояд, дар соли 2003 ба як компютер 110 хонанда рост меояд. Аз миқдори умумии компютерҳо 520 компютер аз фонди захиравии Президенти кишвар ба мактабҳо дода шудааст. Дар шаҳри Душанбе, шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Данғара иҷрои Барномаи компютеркунонӣ бомуваффақият ҳал шуда истодааст. [1]

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 2054 бинои муассисаи таълимӣ бо маблағи 1 млрд. 991 млн. 55 ҳазор сомонӣ бунёд ва азнавсозӣ гардид, ки дар натиҷа бештар аз 444

[1]Шарипов А.А. Мактабҳои олии Тоҷикистон. – С.85.

ҳазор ҷойи нишаст фароҳам оварда шуд. Дар ин замина қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008, № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008–2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ қарор доранд» қабул гардид, ки барномаи мазкур сохтмону азнавсозии 804 бинои муассисаи таълимиро бо маблағи умумии 590 млн. сомонӣ дарбар мегирад. Бо мақсади амалигардонии барномаи зикргардида дар ин давра корҳои муайяне ба анҷом расонида шуда, зиёда аз 665 бинои муассисаи таълимӣ азнавсозӣ гардид, ки иҷрои барнома 83 дарсадро ташкил медиҳад.

Нақшаи қабул ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол пурра иҷро мегардад. Танҳо дар соли 2003 ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24276 нафар, аз ҷумла 10547 нафар (43,4%) дар гурӯҳҳои буҷетӣ ва 13729 (56,6%) нафар дар гурӯҳҳои шартномавӣ қабул шуданд. Қабули донишҷӯён нисбат ба соли 2002 дар гурӯҳҳои буҷетӣ 1172 ва дар гурӯҳҳои ғайрибуҷҷетӣ 3551 нафар зиёд аст.Агар дар соли 2002 иҷрои нақшаи қабули духтарон ба мактабҳои олӣ Тибқи квотаи президентӣ 94 фоизро ташкил дода бошад, (аз 664 нафар 626 нафар қабул шудааст), дар соли 2003 аз 619 нафар 606 нафар духтарон ба факултаҳои гуногуни мактабҳои олии ҷумҳурӣ қабул шуданд, ки 98 % иҷрои нақшаи давлатиро ташкил медиҳад.

Аз тариқи барномаи АКСЕЛ 45 нафар хонанда ва 7 омӯзгори забони англисии мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ҷиҳати таҳсил ва такмили ихтисос ба ИМА сафар карданд. Дар доираи созишномаҳои дуҷониба 25 нафар донишҷӯёни тоҷик ба донишгоҳҳои Ҷумҳурии Туркия, 15 нафар ба Донишгоҳи байналмилалии муштараки Қирғизистон-Туркия дар шаҳри Бишкек, 4 нафар ба Ҷумҳурии Халқии Хитой ва 2 нафар муаллимони забони англисӣ ба курсҳои такмили ихтисос ба Япония роҳхат

гирифтанд. Бо роҳхати Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Тоҷикистон 9 нафар донишҷӯён ба Академияи гумрукии Россия барои таҳсил фиристонида шуданд.

Натиҷаи қабули соли таҳсили 2015–2016 ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷи кишвар бори дигар собит намуд, ки теъдоди довталабон–шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол зиёд мегардад. Агар қабули довталабон дар соли 2011 ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷи кишвар 1211 нафар ва соли 2014-ум – 3685 нафар бошад, ин шумора дар соли таҳсили 2015–2016-ум4512 нафарро ташкил дод.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шӯъбаи илм ва маорифи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.01.2003. №17 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002 ва вазифаҳо барои соли 2003»-ро асосан таъмин намуд.

Дар соли 2003 Идораи аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 муассисаи таълимиро аз ташхиси литсензионӣ гузаронида ба 10 муассиса дар бораи фаъолият литсензия дода, ба 5 муассисаи дигар барои ба талабот ҷавобгӯ набудани заминаи моддӣ, техникӣ ва кадрӣ литсензия доданро мувофиқ надонистааст.

Пас аз Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи комиссияи босалоҳияти ҳукуматӣ «Барномаи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. 2-юми декабри со-

ли 2003 №508 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи мазкурро тасдиқ намуда вазорату идораҳо ва мақомоти идоракунии маҳаллиро паи иҷрои он сафарбар намуд.

Масъалаи сохтмону таъмири мактабҳо ва бо таҷҳизот таъмин намудани онҳо яке аз проблемаҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад. Имрӯз барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 591982 ҷои нишасти иловагӣ лозим аст. Ҳар сол дар арафаи соли нави таҳсил аз ҳисоби маблағҳои карз ва ҳиссагузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мактабҳои нав ба истифода дода шуда, қисми дигарашон аз таъмири асосӣ баровазда мешаванд.

Бонки умумиҷаҳонӣ таъмири асосии бинои мактабҳои № 82 ва №92-и шаҳри Душанберо барои 2349 хонанда, Бонки Исломии Рушд сохтмони бинои 7 мактаби нотамомро анҷом дода, бо таҷҳизоти навтарин барои 5248 хонанда ба истифода дод. Бонки Рушди Осиёӣ бошад, аввалин 52 мактаби таҳсилоти умумиро дар вилоятҳои Суғду Хатлон аз таъмири асосӣ баровазда, ба истифода дод. Дар ҳамин давра аз ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф як қисми мактаби шаҳраки Балҷувон барои 200 хонанда ва қисми бинои мактаби марказии ноҳияи Мӯминобод барои 270 ҷои нишаст ба истифода дода шуд.

Сафоратхонаи Ҷопон бинои мактаби таҳсилоти умумии раҳами 62-шаҳри Душанберо таъмири асосӣ намуда, бо мизу курсӣ таъмин намуд. Ба ин мақсад 45000 сомонӣ масраф шудааст. Сафоратхонаи мазкур инчунин барои таъмири мактаби миёнаи раҳами 20 49000 сомонӣ ва барои мактаби миёнаи раҳами 9-и пойтахт 69000 доллари амрикоӣ ҷудо карда, барои сохтмони мактаб дар ноҳияи Фрунзе 47000 доллар ҷудо намуд.

Дар оғози соли таҳсили 2003 бинои нави мактаби асосии №199 дар ҳудуди шаҳраки Навободи ноҳияи Рӯдакӣ барои 330 хонанда аз ҳисоби сарвари хоҷагии деҳқонии «Хуршед» Хуршед Машрабов, сарвари заводи пахтато-

закунии ноҳия Аброр Ҳамроев ба истифода дода шуд. Мактаб бо таҷҳизоти навтарин ҷиҳозонида шудааст. Чунин мисолҳо зиёданд ва ин аз натиҷаи ҳамкории Ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои байналхалӣии дар Тоҷикистон амалкунанда ба даст омадааст.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ», «Дар бораи сиёсати ҷавонон», «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Дар бораи илм ва прогресси илмӣ – техникӣ», қабул гардиданд, ки нуктаҳои асосии қонунгузориро дар соҳаи маориф муайян менамоянд.

Аз ин рӯ, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» тағйиру иловаҳо дохил карда, моҳи майи соли 2004 онро дар таҳрири нав қабул намуд. Дар ин давра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи мактаби миллӣ», «Консепсияи тарбия», «Консепсияи касбинтихобкунӣ», «Консепсияи миллии таҳсилот», «Стандартҳои давлатии таҳсилот», «Низомномаи муассисаҳои таълимӣ» ва дигар санаду ҳуҷҷатҳоро дар бораи ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф қабул намуд.

Ба ҳамаи душвориҳои иктисоди, нигоҳ накарда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми маблағгузориро ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷаи давлат ва сармоягузорони хориҷӣ сол то сол зиёд менамояд.

Агар соли 1992 аз ҳисоби буҷаи давлат барои нигоҳдорӣ ва инкишофи соҳаи маориф 6975,6 млн рубли русӣ, соли 1993 56738,3 млн. рубли русӣ маблағ ҷудо шуда бошад, соли 2000-ум ҳаҷми он ба 41,6 ҳазор сомонӣ, соли 2003 ба 111,8 ҳазор сомонӣ, соли 2004 173, 5 ҳазор сомонӣ, соли 2005 бошад, ба 250 млн сомонӣ расонида шуд. Соли 2006 ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳа 336 млн. сомонӣ пешбинӣ шуд, ки ин нисбат ба соли 2000-ум 294,4 миллион сомонӣ зиёд аст. Ба замми ин дар ду соли охир

аз ҳисоби фонди эҳтиётии Президенти кишвар барои соҳаи маориф боз зиёда аз 20 миллион сомонӣ маблағҳо ҷудо карда шудаанд. Аз ҳисоби инвеститсияҳои хориҷӣ барои инкишофи соҳа зиёда аз 24 миллион доллари амрикоӣ ҷудо гардида, то соли 2008 аз ҳисоби йарзҳои хориҷӣ ва дастгирии созмонҳои байналмилалӣ боз чор барномаи дигар бо маблағи 81,713 ҳазор доллари амрикоӣ амалӣ мешавад.[1]

Ба маҳдудияти имкониятҳои молиявӣ нигоҳ накарда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000-ум сар карда, ҳиссаи маблағгузориро ба соҳаи маориф аз ҳисоби маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ аз 2,3 фоиз то 3,5 фоиз расонид ва ҳаҷми маблағгузорӣ дар соли 2005 нисбат ба соли 2004 – 44 фоиз афзуд.

Дар давраи то соли 2009 Тибқи ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф ва Нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009, инчунин барномаҳои давлатии: компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007; такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014; тайёр кардани кадрҳои соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010 маблағгузорӣ барои соҳаи маориф меафзояд.

Ин ҳама имконият дод, ки дар ҷумҳурӣ 28 мактаб барои 9653 хонанда сохта ва ба истифода дода, 126 муассисаи таълимӣ дар минтақаҳои ҷангзада барқарор карда, дар як қатор ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ 292 муассисаи таълимӣ тармим гардида, сохтмони бинои нотамоми 6 мактаб ва хонаи кӯдакони маҳаллаи «Танобчӣ»-и ноҳияи Темурмалик анҷом ёбанд ва бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардо-

---

[1] Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (25 апрели соли 2008). – Душанбе: Ирфон. – С. 36.

нида шаванд.

Аз ҳисоби қарзҳои Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё сохтмон, таъмир ва барқарорсозии мактабҳо, биноҳои шӯъбаҳои маориф дар ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Ёвони вилояти Хатлон, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ва ноҳияҳои Файзобод, Роғун, Нуробод, Рашт, ва ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ таъмир шуданд.

Аз ҳисоби қарзҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки рушди Осиё, Хазинаи байналмилалии ОПЕК, маблағҳои буҷаи давлатӣ аз 153 номгӯй китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ (таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)97 номгӯй китоб бо теъдоди 8 млн, 237 ҳазор нусха бо маблағи 26 млн. 351 ҳазору 430 сомонӣ нашр гардидаанд.

Дар натиҷа вазъи таъмини хонандагони синфҳои 1-IV ва V-IX (таълим бо забони тоҷикӣ) бо китобҳои дарсӣ беҳтар гардид. Ҳоло боз 16 номгӯй китоби дарсӣ дар дасти чоп аст.

Тибқи Барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007 дар 1272 мактаб синфҳои компютерӣ ташкил карда, бо 7431 адад техникаи ҳозиразамони компютерӣ муҷҷаҳҳаз гардиданд.

Дар оғози соли 2006 бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 320, вилояти Суғд 510 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур 711 техникаи компютерӣ фиристода шуд.

Сол то сол теъдоди хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ меафзояд. Агар соли таҳсили 1992-1993 дар 3320 мактаби таҳсилоти умумӣ 1272,7 ҳазор нафар хонанда таҳсил мекарда бошанд, соли таҳсили 2006-2007 шумораи мактабҳо ба 3735 ва хонандагони онҳо ба 1 млн 661 ҳазору 912 нафар расидааст.

Суръати афзоиши аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад, ки то соли

2015 шумораи умумии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба 2 млн 250 ҳазор нафар мерасад. Ва ин дар вазъе ба амал меояд, ки ҳоло дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷои нишаст намерасад. Қариб як миллион нафар хонандагон дар бастҳои дуюму сеюм таҳсил мекунанд, 1549 мактаб ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад, бинои 248 мактаб дар ҳолати садамавӣ қарор дорад, инфраструктураи соҳаи маориф хароб гардида, дар мактабҳо мизу курсӣ, таҷҳизоти таълимӣ-лабораторӣ намерасад. Ҳатто дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе шумораи хонандагон дар ҳар синф аз меъёри муқарраркардашуда зиёд аст.

Мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ба 60 номгӯи китоби дарсӣ эҳтиёҷ доранд. Вазъи таъмини хонандагони мактабҳои таълимашон ба забонҳои ӯзбекӣ, қирғизӣ ва туркманӣ боз ҳам бадтар аст. Барои таъмин намудани ҳамаи хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ боз 313 номгӯй китоб таҳия ва чоп кардан лозим аст.

Аз ҷумлаи китобҳои дарсӣ ва 19 номгӯй барои хонандагони синфи 8-9. Аз 16 номгӯй барои хонандагони синфи 10-ум 8 номгӯй ва аз 16 номгӯй барои хонандагони синфи 11, ҳамагӣ ду номгӯй китоб ба табъ расидаасту халос. Хусусан вазъи таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ аз фанни забони русӣ, Асосҳои давлат ва ҳуқуқ, Адабиёти тоҷик барои синфҳои 10-11 хело ташвишовар аст.

Вобаста ба иҷрои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014 як қатор чораҳои судманд андешида шудаанд. Дар нақшаи таълими мактабҳои таҳсилоти умумӣ миқдори соатҳои ҳафтаина аз забони русӣ барои синфҳои 2-4 ва синфҳои 10-11 як соатӣ зиёд карда шуд. Ҳоло дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз синфи 2 то синфи 11 забони русӣ ва аз синфи 3 то синфи

11 забонҳои хориҷӣ таълим дода мешаванд. Соли таҳсили 2005-2006 дар 34990 синфи 1634 мактаби (43,9 фоиз) таҳсилоти умумӣ забони англисӣ таълим дода мешавад. Дар онҳо 802344 нафар (48,2 фоиз) хонанда таҳсил мекунанд, ки ин нисбат ба соли таҳсили гузашта 26086 нафар зиёд аст.

Дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ нақшаи таълими мактабҳои таҳсилоти умумӣ чор маротиба (соли 1994, соли 2000, соли 2004 ва соли 2005) таҷдиди назар гардида, он ба талаботи давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, ягона ва дунявӣ мувофиқ кунонида шуд.

Ба нақшаи таълими соли таҳсили 1994-1995 ва то соли 2000-ум аввалин маротиба мафҳумҳои таълими ҳамгиро ва таълими тафриқа, мактаби типи нав ворид гардидаанд. Тибқи дониш, маҳорат ва хоҳиш хонандагон ба равияҳои таълим ҷудо карда мешаванд. Ҳоло дар 983 мактаб машғулиятҳо аз рӯи равияҳои гуманитарӣ, табиию риёзӣ ҷорӣ гардида, ба онҳо 440928 нафар (26,5 фоиз) хонанда ҷалб карда шудаанд.

Ба нақшаи таълими мактабҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба талаботи давру замон омӯзиши фанҳои Асосҳои давлат ва ҳуқуқ, Асосҳои техникаи компютерӣ, Технологияи информатсионӣ, экология ворид гардида, сарбории ҳафтаинаи хонандагон 122 соат кам карда шуд. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004 «Дар бораи Нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009» барнома ва китобҳои дарсӣ бо назардошти талаботи меъёрҳои байналмилалӣ таҳия мегарданд. Дар ин замина муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Кӯлобу Ёвони вилояти Хатлон, Хуҷанди вилояти Суғд, Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияи Ваҳдат ба усули нави идора ва маблағгузорӣ барои ҳар хонанда гузаронида шуданд. Лоиҳаи Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 таҳия гар-

дида, ба Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо фаъолони соҳаи маориф (28 августи соли 1995) дар шаҳри Душанбе Литсей – интернати Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳоло дар он қариб ҳазор нафар хонанда аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд. Ин муассисаи таълимӣ зери сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Вазъи таълиму тарбия дар ин муассисаи таълимӣ сол то сол беҳтар мегардад. Хонандагон дар кафедраҳои таълимгоҳ бо корҳои тадқиқотиву эҷодӣ машғул шуда ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ омодагӣ мегиранд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 76 гимназия ва 55 литсей фаъолият доранд ва дар онҳо зиёда аз 55 ҳазор нафар хонандагон таҳсил менамоянд. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ ба 47 адад ва шумораи хонандагони онҳо ба 14 ҳазор нафар расидааст.

Заминаи моддӣ-техникии литсей-интернатҳои муштараки тоҷикӣ-туркӣ мустаҳкам буда, ҷараёни таълиму тарбия, сатҳи дониши хонандагони онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ аст. Аз шумораи умумии 1418 нафар хатмкунандагони онҳо 97 фоизашон ба муассисаҳои таҳсилоти олии бонуфузи дохили кишвар ва давлатҳои хориҷи дуру наздик дохил шуда, таҳсил менамоянд. Таи даҳ соли охир 42 нафар хонандагони ин литсейҳо дар озмунҳои байналмилалӣ ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро ишғол карданд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ шаш литсейи муштараки тоҷикӣ-туркӣ ва 1 мактаби байналмилалӣ амал менамоянд, ки 1874 хонандаро ба таълиму тарбия фаро гирифтаанд. Солҳои охир дар раванди таълиму тарбия ва идоракунии ин муассисаҳои таълимӣ тағйироти куллӣ ба амал омад.

Ба Нақшаи таълими ин таълимгоҳҳо омӯзиши ҳатмии

забони тоҷикӣ, таърихи халқи тоҷик ва географияи Тоҷикистон ворид карда шуд. Дар мудирияти кулли литсейҳои муштарак муовини мудир, дар литсейҳо муовини аввал ва муовин оид ба корҳои тарбия, мураббиҳо аз ҳисоби мутахассисони тоҷик таъин гардидаанд: Барои фанҳое, ки бо забони англисӣ таълим дода мешаванд муаллим – лаборантҳо таъин карда шуданд.

Дар баробари писарон аз соли таҳсили 2000-2001 сар карда қабули духтарон низ ба ин муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуд. Ҳоло аз шумораи умумии хонандагони ин литсейҳо 326 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Мудирияти кулли литсей-интернатҳои муштараки тоҷикӣ-туркӣ соле зиёда аз 2,5 миллион доллари амрикоӣ барои мустаҳкам кардани заминаи моддию техникӣ ва ободонии ин таълимгоҳҳо сарф менамояд.

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 55 ҳазор нафар кӯдакон ятиму бепарастор ва 25 ҳазор оилаҳо бесарпараст монданд. Чунин ҳолат ба афзудани шумораи мактаб-интернатҳо дар ҷумҳурӣ боис шуд. Агар соли таҳсили 2001-2002 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 51 мактаб – интернат бо фарогирии 9623 нафар кӯдак фаъолият дошта бошад, пас шумораи онҳо ҳоло ба 73 адад ва теъдоди тарбиятгирандагон қариб ба 11 ҳазор нафар расидааст.

13 мактаб-интернат мақоми ҷумҳуриявӣ дошта, онҳо барои кӯдакони иллатҳои ақлию ҷисмонидошта махсус гардонида шудаанд.

Мувофиқи супориши Президенти ҷумҳурӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тақвияти ҳимоя ва ғамхорӣ ба кӯдакони ятим ва тартиби қабули ятимон ба муассисаҳои таълимӣ» ва «Барномаи давлатӣ оид ба дастгирӣ ва таъминоти моддии ятимхонаҳо, мактаб-интернатҳои ятимону бепарасторон» таҳия шуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гар-

дидааст. Корҳои лоиҳакашӣ оид ба сохтмони Литсей интернати Президентӣ барои кӯдакони ятим дар шаҳри Қӯрғонтеппа идома дорад. Фонди майсадноки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити молиявӣ барои ҳаёти мустайилонаи ятимон таъсис дода шуд. Қабули имтиёзноки ятимон ба муассисаҳои олии ҳарбӣ, коллеҷи тиббӣ ва дигар муассисаҳои олии касбӣ ҷорӣ гардид.

Омӯзиши вазъи имрӯзаи мактаб-интернатҳо нишон медиҳад, ки аксар тарбиятгирандагони онҳо аз оилаҳои камбизоатанд, ё яке аз волидонро надоранд. Ҳоло барои мувофиқ кунонидани ин муассисаҳои таълимӣ ба талаботи майоми мактаб-интернат корҳо идома доранд.

Муассисаҳои тарбияи томактабӣ дар тарбияи коллективии кӯдакон ва омода сохтани онҳо ба мактаб роли калон мебозанд. Мутаассифона, ин зинаи таълиму тарбия дар солҳои гузариш ба ийтисоди бозорӣ хело коҳиш ёфт. Ба сабаби нарасидани маблағ бисёр корхонаю ташкилот, колхозу совхозҳо аз нигоҳ доштани муассисаҳои томактабӣ даст кашиданд ва онҳоро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ супориданд. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳам нарасидани маблағро барои нигоҳ доштани ин муассисаҳо баҳона карда, биноҳои онҳоро ба ташкилотҳо ва шахсони алоҳида фурӯхтанд. Аз ин рӯ шумораи муассисаҳои томактабӣ нисбат ба соли 1991-ум 452 адад ва шумораи тарбиягирандагон дар онҳо 79603 нафар кам шуд. Ҳоло дар 492 кӯдакистони ҷумҳурӣ 67192 нафар кӯдак тарбия меёбанд, ки ин ҳамагӣ 5,3 фоизи кӯдакони синни томактабиро ташкил медиҳад.

Дар як қатор ноҳияҳо, аз қабили Варзоб, Ховалинг, Мӯъминобод, ягон муассисаи томактабӣ бойӣ намондааст. Набудани муассисаҳои томактабӣ дар як қатор ноҳияҳо, дучанд кам гардидани шумораи онҳо дар ҷумҳурӣ, барҳам ёфтани гурӯҳҳои тайёрии кӯдакон ва

гурӯҳҳои рӯзашон бардавом дар мактабҳо боиси коҳиш ёфтани ҷараёни таълиму тарбия ва сатҳи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ гардидааст.

Муассисаҳои берунazмактабии тарбиявӣ дар самаранок ташкил кардан ва гузаронидани вақтихолии хонандагон берун аз дарс роли калон мебозанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 73 муассисаи таҳсилоти иловагӣ (берунazмактабӣ) амал мекунад. Дар онҳо 41644 нафар хонанда дар маҳфилҳои техникҳои ҷавон, табиатдӯстон, варзишгарон, санъатдӯстон, сайёҳон ва ғайра ба машғулиятҳо фаро гирифта шудаанд.

Ҳар сол гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии хонандагон аз фанҳои таълимӣ, озмунҳои ғунчаҳои санъат, техникҳо ва сайёҳон, рассомони ҷавон, конференсияи аъзоёни Академияи хурди фанҳо боиси сол то сол болоравии сатҳи дониш ва маҳорату малакаи хонандагон мегардад.

Дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ таҳсилоти миёна ва олии касбӣ инкишоф ёфт. Дар пешравии ин самти таҳсилот қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъди хатми мактаби олӣ» таъсири мусбат расонд.

Шумораи муассисаҳои олии касбӣ аз 13 адади соли таҳсили 1991-1992 ба 38 адад (29 мактаби олӣ ва 9 филиал) ва шумораи донишҷӯён аз 69,3 ба 118,4 ҳазор нафар расидааст. Дар ин давра шумораи таълимгоҳҳои олӣ қариб се баробар ва шумораи донишҷӯён 1,7 баробар афзуд.

Соли 1992-1993 қисми зиёди донишкадаҳои омӯзгорӣ ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дода шуданд. Ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мақоми Донишгоҳи миллӣ дода шуд. Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев табдил ёфт. Соли 1992 дар шаҳри Хоруғ низ Донишгоҳи давлатӣ ташкил гардид.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

техникумҳои сохтмон, индустриалии шаҳри Душанбе, Техникуми энергетикии Қӯрғонтеппа ва техникуми кишоварзии ноҳияи Бохтар ба коллеҷҳои назди Донишгоҳи техникӣ ва Донишгоҳи кишоварзӣ, омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб ба коллеҷҳои назди донишгоҳҳои ин шаҳрҳо табдил дода шуданд. Дар заминаи омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа коллеҷҳои мустайил таъсис ёфтанд. [1]

Дар давраи солҳои 1992-2005 лоиҳаи ҳуҷчатҳои меъёрию ҳуқуқиизерин таҳия гардида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, дастраси кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гардиданд. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996); тартиби, коркард, тасдиқ ва амалӣ намудани Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ (1996), Стардарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ; Низомномаи Шӯрои илмии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996); Низомномаи Шӯрои ректорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995); Низомнома дар бораи факултетҳои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996); Низомнома дар бораи Шӯрои илмии факултаҳои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996); Низомномаи тартиби ишғол кардани вазифаҳои ҳайати омӯзгорони мактабҳои олии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996); Низомнома оид ба тартиби гузвронидан, барқароркунӣ ва хориҷкунии донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997); Низомнома дар бораи комиссияҳои имтиҳоноти давлатии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995); Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии

[1]Шарипов А.А. Муассисаҳои олии таълимӣ дар Тоҷикистон. – Хуҷанд: Варорӯд, 2002. – С. 23-25.


www.ravshanfikr.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999), Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999); Низомнома дар бораи магистратура дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000); Низомномаи олимпиадаи донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2004) ва ғайра.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1996-2000-ум наӣшаҳои таълимии муасиссаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро ба системаи бисёрзинагии таҳсилот мувофиқ кунонид. Вобаста ба ин наӣшаҳои таълимӣ (зиёда аз 140 ихтисос) ва Стандартҳои давлати таҳсилот таҳия ва тасдиӣ карда шуданд.

Бахри ба низом даровардани раванди таълим дар мактабҳои олии омӯзгорӣ Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Ӣ. Ҷӯраев наӣшаҳои таълимии намунавиро таҳия ва тасдиӣ намуданд. Аз соли 1997 сар карда, мактабҳои олии омӯзгории ҷумҳурӣ фаъолиятро аз рӯи накшаҳои таълимии ягонаи бисёрзинагӣ шурӯъ намуданд.

Солҳои аввали истиӣлолият Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи душвори ҷумҳуриро ба назар гирифта, дар минтақаҳо барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии шаҳри Душанбе комиссияҳои сайёри қабул ташкил намуд.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама сола барои қирғиззабонҳои ноҳияҳои Ҷиргатол ва Мурғоб бахри дохил шудан ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Ӣирғизистон имтиҳонҳои қабул ташкил менамояд. Вазорат ҳамасола дар асоси гуфтушунидҳо бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон 25 нафар қирғиззабонҳои ноҳияҳои Ҷиргатол, Мурғобро барои таҳсил ба мактабҳои олии Қирғизистон фиристода, 25 нафар тоҷикзабонҳои Ҷумҳурии Қирғизистонро ба мактабҳои олии шаҳри Душанбе ва шаҳри Хуҷанд қабул менамояд. Вазо-

рати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1997 (4 нафар), 1998 (4 нафар) туркманзабонҳои ноҳияи Ҷиликӯлро низ барои таҳсил ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Туркманистон мефиристод.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда мешавад.

Аз соли 1997 сар карда, бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон мактабҳои олии ҷумҳурӣ духтарони деҳоти дурдасти ҷумҳуриро Тибқи квотаи Президентӣ қабул менамоянд. Соли 2003 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомнома оид ба қабули духтарони деҳоти дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тибқи сӯҳбат (беимтиҳон) ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар мушовараи худ тасдиӣ намуд.

Дар тайёр кардани мутахассисон вобаста ба талаботи ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Тибқи квотаи Президентӣ барои солҳои 2001-2005» таъсири мусбат расонид.

Аз соли 1997 то ҳол ба мактабҳои олии кишвар 3898 духтарон аз деҳоти дурдасти ноҳияҳои кӯҳистон қабул шуда, 383 нафари онҳо соҳиби таҳсилоти олӣ гардиданд. Ҳоло Тибқи квотаи Президентӣ дар муассисаҳои олии касбӣ боз 2741 нафар духтарон ва 178 нафар писарон таҳсил менамоянд.

Вобаста ба талаботи хоҷагии халӣи ҷумҳурӣ тайёр намудани мутахассисон аз рӯи 110 ихтисос дар муассисаҳои олии касбӣ ба роҳ монда шудааст. Аз сабаби набудани имкониятҳои таълимӣ ва кадрӣ мутахассисон аз рӯи 85 ихтисоси боӣимонда дар хориҷи кишвар тайёр карда мешаванд. Аз соли таҳсили 2005-2006 дар таълимгоҳҳои олии омӯзгорӣ тайёр кардани мутахассисон аз

рӯи 2-3 фан ба роҳ монда шуд.

Барои ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ ҷиҳати гузаштан ба системаи кредитии таълим Донишгоҳи давлатии тиҷорат ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун донишгоҳҳои таҷрибавӣ интихоб гардида, ҳоло таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба гузаштан ба системаи кредитии таълим идома дорад.

Дар ин давра стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аспирантҳо зиёд карда, стипендияҳои Президентӣ муйаррар карда шуданд. Баҳри таъмири хобгоҳҳои аспирантон ва донишҷӯён чораҳои судманд андешида шудаанд. Ин имконият медиҳад, ки сатҳи дониши донишҷӯён баланд бардошта, ҷавонони лаёйатманд ҳарчи бештар ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷалб карда шаванд.

Дар давоми солҳои 1996-2005 Департаменти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар самти аттестатсия, иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ амалӣ менамояд.

Қабули созишномаҳо «Оид ба ҳамкории илмию техникии Иттиҳоди давлатҳои мустақил», «Дар бораи робитаи бевоситаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳамкории илмию техникӣ», «Оид ба якҷоя истифодабарии объектҳои илмию техникӣ аз тарафи иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустайил» аз 13 марти соли 1992; Созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ аз 12 феврали соли 1997; «Созишномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти умумӣ ва касбии Федератсияи Россия оид ба таҳсилот» аз 18 марти соли 1997; «Протоколҳои №1 ва №2 «Оид ба консултатсияи байни Вазорати таҳсилоти умумӣ

ва касбии Федератсияи Россия ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 июни соли 1997; «Протоколи байни Вазорати таҳсилоти умумӣ ва касбии Федератсияи Россия ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ оид ба иштироки экспертҳои Россия дар вақтиаттестатсияи кормандони илмию педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 марти соли 1997 барои инкишофи илми педагогӣ дар Тоҷикистон хуб мусоидат карданд.

Аз соли 1999 сар карда ҳуҷҷатҳои кормандони илмию педагогии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи таҳсилоти олӣ аз мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, барои гирифтани унвонҳои илмии профессорӣ ва дотсентӣ ба Вазорати маорифи Федератсияи Россия фиристода мешаванд.

Дар солҳои 1999-2000 –ум 26 ҳуҷҷати профессорӣ ва 42 ҳуҷҷати дотсентӣ, соли 2001 16 ҳуҷҷати профессорӣ ва 25 ҳуҷҷати дотсентӣ, соли 2002 15 ҳуҷҷати профессорӣ ва 44 ҳуҷҷати дотсентӣ, соли 2003 17 ҳуҷҷати профессорӣ ва 38 ҳуҷҷати дотсентӣ, соли 2004 8 ҳуҷҷати профессорӣ ва 29 ҳуҷҷати дотсентӣ ва соли 2005 то моҳи май 8 ҳуҷҷати профессорӣ ва 23 ҳуҷҷати дотсентӣ аз мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида ба Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия фиристода шуданд.

Бо мақсадиҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои илмӣ соли 2000-ум Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ «Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ» барқарор гардид, ки ҳар сол бо номи гузаронида шуда, дар онҳо зиёда аз 50-60 корҳои илмӣ муҳокима мешаванд. Соли 2006 –ум озмун ба соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ бахшида мешавад.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома оид ба тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ

дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии тобеи Вазорати маориф ва Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ ба кормандони муассисаҳои илмӣ ва илмию педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия ва тасдиқ намуд.

Маблағгузории корҳои илмию тадқиқотии фармоишӣ сол то сол меафзояд. Масалан, барои иҷрои мавзӯъҳои фармоишии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001-ум 32829 сомонӣ, соли 2002-юм 59198 сомонӣ, соли 2003-юм 70000 сомонӣ, соли 2004-ум 117579 сомонӣ ва соли 2005 241298 сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Миқдори мавзӯъҳои фармоишие, ки ба ҳалли проблемаҳои соҳаи маориф (методикаи таълим ва тарбия, иқтисодиёт, идоракунӣ) бахшида шудаанд, афзуд. Соли 2005 боз 16 мавзӯи нави дигар оид ба методикаи таълими фанҳои алоҳида ба Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиӣ, техникӣ, тиббӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ барои экспертиза пешниҳод гардид.

Дар асоси натиҷаи корҳои илмию тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон монография, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, рисола ва мақолаҳои зиёде ба чоп расиданд.

Солҳои охир шумораи қабул ба аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии тобеи вазорат афзуд.

Соли 2003 89 нафар аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи вазоратро хатм намуданд. 13 нафар аспирантони хатми имсола ва солҳои пешин рисолаи номзадӣ ва 8 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуданд.

Соли 2004-ум ба аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи вазорат аз рӯи 30 ихтисос 90 нафар аспирантон қабул карда шуданд. Дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Хоруғ барои 13 ҷой 49 нафар довталабон ҳуҷҷат супориданд.

Соли 2004 77 нафар ҷавонон аспирантураҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазоратро хатм намуда, 6 нафари онҳо пеш аз мӯҳлат дифои рисолаҳои номзадӣ карданд. Худи ҳамин сол 35 нафар хатмкардагони имсола ва солҳои пешини муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тобеи вазорат рисолаҳои номзадӣ ва 10 нафар устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тобеи вазорат рисолаи докторӣ дифоъ намуданд.

Ҳоло дар аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илми Вазорати маориф 291 нафар (155 нафар рӯзона ва 136 нафар ғоибона) ва дар докторантура 5 нафар таҳсил мекунанд.

Ҳар сол дар ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз 10 конференсия ва семинарҳои илмии устодон ва донишҷӯён баргузор мегарданд.

Соли 2002-юм бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Дар назди Академияи илмҳои педагогӣ Шӯрои диссертатисонии дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01.-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот амал менамояд.

Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ ба тадқиқи масъалаҳое шурӯъ намуд, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ бошанд ва дар инкишофи таълиму тарбия амиӣ мадад расонанд.

Кормандони Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ 68 барномаи таълимӣ, 46 китоби дарсӣ, 160 дастури методӣ, 50 монография, 500 маҷолаи илмию методӣ ва 7 маҷмӯаи илмӣ ба табъ расониданд.

Дар ҳайати кадрҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Ба ҷои мутахасси-


www.ravshanfikr.tj

сони ботаҷрибаи зиёда аз 30 ҳазор нафар хатмкардагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи касбӣ ба мактабҳо ба кор омаданд. Ин ба сатҳи таълиму тарбия таъсири манфӣ расонид.

Агар соли 1992 аз 97,4 ҳазор нафар омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ 76, 4 фоизашон таҳсилоти олӣ ва 4,8 фоизашон таҳсилоти олии нопурра дошта бошанд, соли 1993 20,5 фоиз, 1994 23,5 фоиз, соли 1997 34,1 фоиз, соли 1999 31,5 фоиз ва соли 2000-ум 31,1 фоизи омӯзгорон бо таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ фаъолият доштанд.

Бо мақсадинигоҳдорӣ ва ҳавасманд намудани кормандони соҳаи маориф Президенти кишвар иброз доштанд: «То замоне, ки мо барои аҳли илму маориф, зиёиён, онҳое, ки офаранда, парваранда ва муҳофизи маънавиёт, ахлоӣ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоистае муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро ба дараҷае, ки мебояд, баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст».

Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 ноябри соли 1995, таҳти раӣами 671 «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани шароити манзилӣ ва коммуналию маишии кормандони маориф» ва 10 ноябри соли ҳамон сол таҳти раӣами 675 «Дар бораи баъзе чораҳои пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии кормандони маориф» қарор қабул намуд. Тибқи ин қарорҳо манзили дар ихтиёри коркунони педагогӣ, кормандони илмӣ ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, муассисаҳои баланд бардоштани ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо, кормандони нашрияҳои педагогӣ ба таври ройгон ба онҳо дода шуд. Онҳо аз пардохти маблағ барои истифодаи об ва ӣувваи барӣ озод карда шуданд. Ба кормандони соҳаи маориф инчунин ёрдампулии табобатӣ, ҷубронпулӣ барои харидани нашрияҳои даврӣ, рухсатии дарозмуддати пулакӣ барои табобат муӣаррар карда шуд. Соли 2004 омӯзгорони

www.ravshanfikr.tj

мактабҳои деҳот аз пардохти андоз аз замини наздиҳавлигӣ озод карда шуданд.

Ҳаҷми маоши кормандони соҳа зиёда аз даҳ маротиба баланд бардошта шуд. Дар ин давра зиёда аз 2000 нафар кормандони соҳа бо унвонҳои фахрӣ ва ордену медалҳои ҳукуматӣ ва зиёда аз 2,5 ҳазор нафар бо мукофотҳои соҳавӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Бо мақсадитаъмин кардани мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ дар ноҳияҳои Нуробод, Йабодиён, Мастчоҳ, Ҷилликул, Ҷиргатол, Турсунзода, Роғун, Ванҷ омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ таъсис дода шуданд. Омӯзгороне, ки ихтисоси омӯзгорӣ надоштанд, ба ин омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва шӯъбаҳои ғоибонаи мактабҳои таҳсилоти олӣ ҷалб карда шуданд.

Ҷорӣ намудани қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии кишвар Тибқи квотаи Президентӣ ва дар асоси Созишномаҳои байнидавлатӣ ва шартномаҳои дуҷониба миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва маорифи Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Йирғизистон ҳар сол 100 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои таҳсил ба ин кишварҳо фиристонида мешаванд.

Ин имконият дод, ки сифати кадрҳои омӯзгорӣ қадре беҳтар гардад. Аммо эҳтиёҷ ба кадрҳои омӯзгорӣ ҳанӯз боӣӣ мемонад. Соли таҳсили ҷорӣ мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба 9397 нафар мутахассисон эҳтиёҷ доранд. Ин нишондод дар вилояти Хатлон-3886 нафар, вилояти Суғд-1904 нафар, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 841 нафар, шаҳри Душанбе 128 нафар, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ 2638 нафарро ташкил медиҳад.

Ба ҷои кор ҳозиршавии мутахассисон дар ҷумҳурӣ 48, 7 фоиз, дар вилояти Хатлон-43,8 фоиз, вилояти Суғд 53,5, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 46,0 фоиз, шаҳри Душане 47,9 фоиз ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 61,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар муассисаҳои таълимӣ асосан, норасоии омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ, физика

ва математика, химия ва биология, таъриху география, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ҳарбӣ ба мушоҳида мерасад.

Қабули Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, Барномаи компютеркунонии мактабҳои асосӣ ва миёна, Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, инчунин Нақшаи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар кардани квотаи Президентӣ барои қабули ҷавонписарон ва духтарон аз ноҳияҳои дурдаст ва тайёр кардани мутахассисон Тибқи шартномаи Ҳокимияти иҷроияи мақомоти давлатии маҳаллӣ ва мактабҳои олӣ имконият медиҳад солҳои наздик проблемаи бо мутахасссисон таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳалли худро ёбад.

Аз соли таҳсили 2005-2006 гузаштани муассисаҳои олии касбӣ ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ, баланд шудани маоши кормандон ва такмил додани сатҳи тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ, муҳайё кардани шароити мусоиди кор ва истироҳат барои мутахассисони ҷавон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ба баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи насли наврас мусоидат намуданд.

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҷумҳурӣ, хусусан, дар соҳаи маориф, ба қатори масоили афзалиятнок ворид гардид.

То имрӯз бо кишварҳои хориҷӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расидаанд: Созишнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 6 маи соли 1996; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 10 январи соли 1997; Созишнома миёни Вазорати

маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маълумоти умумӣ ва касбии Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 18 марти соли 1997; Созишнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 5 апрели соли 2000; Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Йазоӣистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 13 июни соли 2000; Созишнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Халӣии Хитой аз 1 феврали соли 2002; Тафоҳумнома оид ба ҳамкориҳои омӯзишӣ, тадқиқотӣ ва технологӣ байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати улум, таҳӣиӣот ва фановарии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз 30 апрели соли 2002; Тафоҳумнома оид ба ҳамкорӣ миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати омӯзиш ва парвариши Ҷумҳурии Исломии Эрон аз 17 октябри соли 2002; Созишнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Украина оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 9 апрели соли 2003; Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Полша оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм аз 27 майи соли 2003; Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи миллии Ҷумҳурии Индонезия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 1 ноябри соли 2003; Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 13 майи соли 2004; Барномаи иҷро байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Полша дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм барои солҳои 2004-2006 аз 27 сентябри соли 2004; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои

маориф, фарҳанг, илм ва техника аз 27 апрели соли 2005; Тафоҳумнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Монтанаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз 1 майи соли 2005; Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Арманистон оид ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 30 июни соли 2005.

Лоиҳаҳои созишномаҳо ва шартномаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф бо вазоратҳои дахлдори Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Малайзия, Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам, Ҷумҳурии Маҷористон, Ҷумҳурии Чехия, Ҷумҳурии Гурҷистон таҳия гардида, ҷиҳати мувофиқа ва тасдиӣ ба мақомоти дахлдори ҷумҳурӣ ва кишварҳои зикргардида пешниҳод карда шудаанд.

Дар тӯли солҳои 2000-2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созишномаҳои зерин, ки дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Кумитаи ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодии Евроосиё, ки дар соҳаи маориф ба имзо расидаанд, ҳамроҳ гардид: Созишнома оид ба тартиби таъсис ва фаъолияти филиалҳои мактабҳои олӣ дар давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 28 сентябри соли 2001; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус, Ҳукумати Ҷумҳурии Йазоӣистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар хусуси эътирофи мутаӣобила ва баробар донистани ҳуҷҷатҳои таҳсил, дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳо аз 24 ноябри соли 1998; Созишнома дар бораи фароҳам овардани ҳуӣуӣҳои баробар ба шаҳрвандони кишварҳои аъзои Шартнома дар хусуси таъмиӣи ҳамгироӣ дар соҳаҳои иктисоди ва башардӯстӣ аз 29 марти соли 1996 барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ, ки 24 ноябри соли 1998 дар шаҳри Москва ба имзо расидааст (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2000 №68); Созишнома оид ба ҳамоҳангсозии литсензионии фаъолияти таълимӣ,

аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 29 ноябри соли 2001; Созишнома оид ба табодули иттилоот дар соҳаи маорифи кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 31 майи соли 2001; Созишнома дар хусуси барои шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фароҳам овардани имконияти таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мувофиқи шартҳои барои шаҳрвандони ин давлатҳои таъингардида, инчунин дар бораи ҳифзи иҷтимоии хонандагон ва кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 16 апрели соли 2004; Созишнома дар хусуси эътирофи мутақобила ва баробар донистани ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти миёна (умумӣ), таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёна (махсус)-и касбӣ аз 16 апрели соли 2004.

Дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ ва Тибқи бурсияҳои таҳсилии аз ҷониби вазоратҳои дахлдори кишварҳои хориҷӣ ҷудогардида, дар давраи аз соли 1994 то соли 2005 ба мактабҳои олии 13 давлати хориҷӣ 1014 нафар шаҳрвандони тоҷик барои таҳсил фиристода шуданд.

Дар ин муддат 67 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки тайи солҳои 1992 – 1997 ҷиҳати таҳсил ба Ҷумҳурии Исломии Эрон рафта буданд, дар Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври расмӣ номнавис карда шуданд.

Тибқи барномаҳои ҳамкорӣ бо Шӯрои амрикоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ (АКСЕЛС) дар зарфи солҳои 1992-2005 361 нафар хонандагон, 55 нафар донишҷӯён ва 69 нафар магистрҳои ҷумҳурӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои таҳсил ба мӯҳлатҳои гуногун фиристода шуданд, 28 нафар муаллимони забони англисӣ дар Амрико аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд. Дар доираи ин барнома ба 50 нафар муаллимони забони англисии мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ маводи таълимӣ ва таҷҳизоти техникӣ дар ҳаҷми 2 ҳазор доллари

амрикоӣ дода шуд. Инчунин, 63 нафар хонандагону донишҷӯён ба Ҷумҳурии Федеролии Олмон барои таҳсил фиристода шуданд.

Дар ин давра Вазорати маориф масъалаи таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дод. Имрӯз дар 17 донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ аз 25 кишвари хориҷӣ 1846 нафар донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 2005 дар муқоиса бо соли 2004 84 нафар донишҷӯёни хориҷӣ ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёдтар қабул гардидаанд.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои муфид бо Сафорати Федератсияи Россия дар Тоҷикистон ба Вазорати маориф беш аз 260 ҳазор нусха китобҳои дарсӣ ва 75 баст маводи электронии таълим барои мактабҳои таълимашон бо забони русӣ ба таври ройгон ворид гардид.

Намояндагони ҷумҳурии мо дар озмунҳои байналмилалии «Россия ва забони русӣ дар ҳаёти ман», ки дар шаҳрҳои Ереван ва Алмаато баргузор гардиданд, фаъолона ширкат варзида, соҳиби ҷойҳои аввал гардиданд. Инчунин, солҳои 2003-2005 беш аз 30 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба шаҳри Москва, ба лагери тобистонаи омӯзиши забони русӣ фиристода шуданд.

Тибқи банди 12-и Тафоҳумнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати улум, таҳқиқот ва фановарии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз 22 то 29 майи соли 2004 ҳайати кории эронӣ бо роҳбарии муовини вазири улум, таҳқиқот ва фановарии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаноби Ҳодии Хоникӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари корӣ намуд, ки зимни он паҳлӯҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадидастгирии соҳа, ҷалб намудани маблағгузории хориҷӣ

ва ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ гардонидани фаъолияти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ бо як қатор созмонҳои байналмилалии муйими Тоҷикистон ва берун аз он оид ба ҳамкорӣ созишномаҳо ва шартномаву тафоҳумномаҳо ба имзо расондааст.

То соли 2005 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз 23 созмонҳои байналмилалӣ робитаи ҳамкорӣ дошт. Натиҷаи ҷамъбасти ҳисоботҳо нишон дод, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷии муйими Тоҷикистон барои рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ дар соли 2000-ум дар ҳаҷми 1 млн. 563 ҳазору 107 доллари амрикоӣ, 293 ҳазору 977 евро ва 48 ҳазору 681 сомонӣ, дар соли 2001-ум 7 млн. 851 ҳазору 51 доллари амрикоӣ, 263 ҳазору 192 евро ва 2 млн.526 ҳазору 484 сомонӣ, дар соли 2002-ум 9 млн. 332 ҳазору 315 доллари амрикоӣ, 256 ҳазору 754 евро ва 49 ҳазору 21 сомонӣ, дар соли 2003-юм 13 млн.235 ҳазору 725 доллари амрикоӣ ва дар соли 2004 –ум 9 млн. 754 ҳазору 987 доллари амрикоӣ ва 80 ҳазору 990 евро маблағгузорӣ карда шудааст.

Бо дастгирии молиявии лоиҳаи Барномаи ЮСАИД/ПИКС ва дастгирии шарикони ӯ, ба хусус, Созмони «Наҷоти кӯдакон»-и Амрико, таъмири 16 бинои синфҳои ибтидоии мактабҳои такягоҳии ба лоиҳаи Барномаи ЮСАИД/ПИКС шомил буда дар ноҳияҳои Колхозобод, Хуросон, Ҳамадонӣ ва Ғончӣ анҷом ёфт, ки маблағи умумии он 61 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дод.

Дар чорчӯбаи ҳамкорӣ бо Фонди байналмилалии системаҳои интихоботӣ (IFES) ҳамкориҳо идома ёфта, 500 нафар омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар омӯзиш (тренинг) аз рӯи барномаи «Маърифати шаҳрвандӣ» бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим иштирок намуданд.

Барои дастгирии моддии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба

Созмони ҳамкориҳои техникии Олмон (ГТЦ) барномаи инвеститсионӣ пешниҳод карда шуд, ки он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъйул даниста шуд, ки мувофиқи он дар солҳои 2003-2004 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Федеролии Олмон барои рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон дар ҳудуди беш аз 1 миллион евро ва то соли 2010 ҷамъ беш аз 5 милион евро маблағ ҷудо хоҳад гардид.

Дар ҳамкорӣ бо Хазинаи байналмилалии системаҳои интихоботӣ дастури таълимии «Шаҳрвандӣ ва иштирок дар идоракунӣ» ҳамчун маводи иловагӣ барои истифода дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ таҳия ва чоп гардид.

Аз тариқи Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО барои гирифтани грантҳо 6 лоиҳа омода ва пешниҳод карда шуданд. Ин грантҳо Тибқи барномаҳои «Девори бузурги Чин» ва «Хираяма – Роҳи Абрешим» аз ҷониби ЮНЕСКО пешниҳод гардидаанд.

Соли равон ҳамкорӣ бо шӯъбаи тоҷикистонии Институти «Ҷомеаи кушода» – Бунёди Мадад (Хазинаи Сорос) натиҷаҳои дилхоҳ дод: бо дастгирии созмони мазкур чопи маҷаллаи «Мактаб ва ҷомеа» дар се моҳ як маротиба ба роҳ монда шуд ва дар шакли замима ба ҳар як шумораи ин маҷалла ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ – меъёрии соҳаи маориф бо теъдоди 4 ҳазор нусха нашр гардиданд.

Соли 2003 дар чорчӯбаи барномаи Оби тоза гурӯҳи муштараки кории вазорат ва ЮНИСЕФ самаранок фаъолият намуда, барои татбиқи барномаи санитарӣ, гигиена ва оби нӯшокӣ дар 200 мактаби таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонид. Аз ҷумла, оиди ин мактабҳо шабакаи иттилоотӣ ба кор шурӯъ намуда, дастурҳои методӣ нашр гардиданд ва дар як қатор мактабҳо сохтмони биноҳои ёрирасон ба анҷом расид. Тибқи барномаи гурӯҳи корӣ китобчаи «Таблиғи тозагӣ ва гигиена ба воситаи мактабҳо» чоп карда шуд.

Дар чорчӯбаи ин барнома дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд форумҳои вилоятӣ ва моҳи августи соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми ҷумҳуриявии бачагонаи оби тоза баргузор гардиданд, ки дар онҳо зиёда аз 1300 нафар хонандагони мактабҳои ҷумҳурӣ ширкат варзиданд.

Дар ин давра 8 ҷаласаи сармоягузорони соҳаи маориф бо иштироки намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, аз йабили Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, ЮСАИД, Хазинаи Сорос, Хазинаи Оғохон, ЮНИСЕФ ва дигар созмонҳои бонуфузи хориҷӣ доир гардид, ки дар онҳо масъалаи рушди соҳаи маориф баррасӣ ва ҳаллу фасл шуданд.

Дар ин давра ба Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Япония (JICA) оид ба беҳтар намудани вазъи соҳа 5 лоиҳаи инвеститсионӣ пешниҳод карда шуд. Аз ҷумла, барои дастгирии шӯъбаи забони японии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон пешниҳодоти мушаххас манзур гардид.

Тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №16.1/10-6 аз 26.02.2005 рӯзҳои 6-8 июни соли 2005 дар Меҳмонсарои ҳукуматии минтақаи «Пугус» Форуми IY кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Йазойистон оид ба таҳсилот баргузор гардид. Дар кори он роҳбарони вазоратҳои маорифи кишварҳои Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Йазойистон, Вазири маорифи вилояти Самараи Федератсияи Россия, сардорони намояндагиҳои минтақавии ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, корпусҳои дипломатӣ, созмонҳои байналмилалии муйими Тоҷикистон ва созмону ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ иштирок намуданд. Дар Форум масъалаҳои ҳалталаб ва раванди ислоҳоти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати ҷалби маблағҳои хориҷӣ ба соҳа пешниҳодоти мушаххас манзур гардиданд.

Дар доираи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003, №508 «Дар бораи та-

сдиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» як қатор корҳои амалӣ ба анҷом расиданд. Аз 24 то 26 июни соли равон дар якҷоягӣ бо Сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Конфронси муаллимони забони англисии кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид. Дар кори он 117 нафар муаллимони забони англисӣ аз хориҷи кишвар ва зиёда аз 70 нафар муаллимони забони англисии мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олии ҷумҳурӣ ширкат варзиданд.

Бо мақсадиичрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, № 291 «Дар бораи Нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009» ва татбиқи барномаи «Таҳсилот барои ҳама» ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки моҳи майи соли 2006 дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Сифати таҳсилот ҳамчун пояи рушди устувори кишварҳои Осиё ва минтақаи Укёнуси Ором» конфронси байналмилалӣ доир карда шавад. Ба кори он аз ҳамаи кишварҳои минтақа намояндагони соҳаи маориф даъват карда мешаванд. Мақсад аз баргузории чунин як конфронс ошноӣ ба пешравиҳои кишварҳои аъзои минтақадар бахши маориф мебошад. Ин пешниҳод аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Намояндагии минтақавии ЮНЕСКО дар шаҳри Бангкок ҷонибдорӣ гардид.

Бо мақсади ба низом даровардани таҳия, нашр ва мубодилаи китобҳои дарсӣ тадбирҳои ҷиддӣ андешида мешаванд. Барои чопи китобҳои дарсӣ, бачагона ва барномаҳои таълимӣ, харита ва харитаи контурӣ агар соли 2000-ум 152060 сомонӣ ҷудо гардида бошад, пас соли 2005 785688 сомонӣ равона гардидааст.

Муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмоновро ба кӯдакони ятиму бепарастор, «ҳаргиз шуморо хору зор шудан намемонам ва ҳеҷ гоҳ дар танҳо-

иву бесоҳибӣ намегузорем» тарбиягирандагони интернатҳои ҷумҳурӣ ва ҳамаи ятиммондагон ҳамчун ғамхории падаронаи Сарвари давлат қабул намуданд.

Сохтмони литсей-интернати Президентӣ барои кӯдакони ятими ҷумҳурӣ, қабули имтиёзноки онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва коллеҷҳои ҷумҳурӣ, қабули Барномаи махсуси Президентӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии ятимон ва таъсиси Фонди ҷамъиятии мақсадноки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нав додани тартиби ба расмият даровардани фарзандхонии ятимон, дастгирии давлатӣ ва таъминоти моддии ятимхонаҳо аз дилсӯзиву ғамхории ҳамарӯзаи Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин табақаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад.

## ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ё худ Помир, минтақаи кӯҳистон дар Осиёи Миёна мебошад, ки ҳудуди Помиру Олой, Помири шарқӣ (Мурғоб) ва қисмати ғарбии онро дар бар гирифта, бо дараҳои жарфи дарёгузар ҷудо шудааст. Дар ҳудуди қисмати шимолӣ асосан қирғизҳо ва дар қисми ғарбӣ, дар водиҳои шохобҳои дарёи Панҷ, халқҳои камшумори помиризабон – бартангиҳо бо гурӯҳи маҳаллии рошорвиҳо, вахониҳо, ғорониён, ишкошимиҳо, рӯшониҳо бо гурӯҳи маҳаллии хуфиҳо, шуғниҳо бо гурӯҳи маҳаллии баҷувиҳо ва язгуломиҳозиндагӣ мекунанд.Дар поёноби дарёи Панҷ, дар навоҳии ба истилоҳ пеш аз Помири Ванҷу Дарвоз мардумони маҳаллии тоҷикзабон сукунат доранд,ки мувофиқибаъзе сарчашмаҳои илмии таърихиву забонӣ, мутаносибан ба забони ванҷии қадим ва кадом яке аз забонҳои шарқиэронӣ ҳарф мезадаанд.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 44,5 % масоҳатиҷумҳуриро ишғол мекунад, аммо аз ин фақат 3%барои зисти аҳолӣ, ки шумораи онҳо аз рӯи ҳисоботи охиринто 1 январи соли 2015 214 300 нафарро ташкил медод, мусоид аст. Ин ҷо яке аз қуллаҳои баландтарини дунё, прияххои бузург ва кӯлҳои баландкӯҳ ҷойгиранд. Захираи асосии оби тозаи Осиёи Марказӣ аз Кӯҳистони Бадахшон сарчашма мегирад.

Дурдаст будани вилоят аз марказ, дастнорас будани қисме аз мавзеъҳои аҳолинишин ва роҳҳои душворгузарробитаи фарҳангӣ ва иқтисодии мардуми кӯҳистонро нафақат бо мардуми водиҳои фарох, балки алоқаи байниҳамдигарии онҳоро низ маҳдуд месохт.

Яз як тараф чунин шароит ва аз тарафи дигар зӯроварии бераҳмонаи давлатҳои ҳамсоя боис гардид, ки дар аввали асри XX аҳолии ҳозираи ҳудуди Бадахшони

ғарбӣ базӯр ба15 ҳаз. нафар мерасид.

Чунин изолятсияи ҷуғрофӣ дар тӯли асрҳо аз маркази мутамаддин ба он мусоидат намуд, ки мардуми Помири Ғарбӣ то имрӯз забон ва расму оини қадимии худро, ки дар дигар манотиқи Осиёи Миёна аз байн рафтаанд, нигоҳ доштанд. Ин мардум забонҳо вагӯишҳои ба гурӯҳи забонҳои эрони шарқӣ муносибат доштаро истифода мебаранд.

Вижагии хоси забонҳои помирӣ дар он аст, ки ин забонҳо дар якҷоягӣ бо забонӣ осетинӣ дар Қавқоз давомдиҳандаи фарҳангӣ таърихии забонҳои қадимаи матрук, ки дар замонҳои пеш дар сарзамини васеи Осиёи Марказӣ густариш ёфта буданд (сакӣ (скифӣ), суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ), маҳсуб мешаванд ва ҳамчунин хешигарии наздике бо забони китоби қадимаи мардуми эронинажод – Авасто доранд. Густурдагии васеи ин забонҳо (Тоҷикистон, Хитой, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон) ба соҳаи помиршиносӣ мақоми байналхалқиро ато мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оиди ин масъала дар китобихуд «Назаре ба таърихи тамаддуни ориёӣ» чунин иброз намудааст: «... Имрӯзҳо Тоҷикистон аз ҷиҳати бойгарии забонӣ музеи зиндаи таърихӣ аст. Чанде аз забонҳои қадим, ки шомили гурӯҳи забонҳои шарқи эронӣ мебошанд, дар Бадахшон ва савоҳили болоии дарёи Зарафшон маҳфуз нигаҳ дошта шудаанд. Ин забонҳо хазинаи махсусе барои омӯзиши таърихи забонҳо дониста мешаванд, ки ҳифзу баррасии илмии онҳо бояд муҳайё карда шавад»[1].

Адами васоити коммуникатсионӣ сокинони ин водиҳоро дар муҳити маҳдуди таҳҷоӣ қарор дода буд. Имрӯзҳо сохтмони роҳҳои нав ба роҳ андохта шудааст.

---

[1] Раҳмон Э. Назаре ба таърихи тамаддуни ориёӣ. –Душанбе, 2012. – С. 318.

Сохтмони шоҳроҳи Кӯлоб-Хоруғ-Қулма-Қароқурум, роҳи мошингард тавассути ағбаи Девдара алоқа миёни Бадахшон ва маркази Тоҷикистонро дар давоми сол муҳайё месозад. Тағйироте, ки дар асоси талаботи давраи нави таърихи миллати мо ба вуқӯъ мепайванданд, забонҳои помириро ба тағйироти сифатӣ дучор хоҳад намуд, вале мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, то ин забонҳоро ба сифати бойгарии маънавии миллӣ нигаҳ дошта бошем».

Бояд иқрор шуд, ки танҳо бо дастгирии ҳукумат, пеш аз ҳама, Пешвои миллат,Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳолии вилоят дар солҳои вазнин тавонистанд то як андоза мушкилоти иқтисодиву иҷтимоиро аз сар гузаронанд. Роҳбарияти давлат барои таъминоти аҳолӣ бо озуқа бевосита кӯмак мекард, инчунин барои вусъат додани фаъолияти барномаҳои гуманитарии байналхалқӣ дар ин ҷо шароитҳои мусоид фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, ба шарофати чунин сиёсат дар Бадахшон ташкилоти Фонди Оғохон барномаҳои худро густариш дод. Ин барномаҳои гуманитарӣ ва барномаҳои инкишофи минтақаи кӯҳистон барои аҳолии вилоят яке аз дастгириҳои муҳим гаштанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таи солҳои истиқлолияти ҷумҳурӣ зиёда аз 50 маротиба ба вилоят ташриф овард.

Вохӯрӣ бо намояндагони вилоят, сӯхбатҳои расмию ғайрирасмӣ бо аҳолии ин диёр ҳар дафъа накши намоёни худро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ мегузоштанд.

Аҳолии ин диёр беш аз пеш ба он боварӣ ҳосил кард, ки суханони пешбинонаи сарвари давлат«асри XXI – асри Бадахшон, асри кашфиётҳои бузурги муаммои ин сарзамин», бешубҳа, аллакай дар аввали ин аср амалӣ мегарданд. Кафолати ин ақоид – мардуми меҳнатдӯст, садоқат ба ватани худ, кӯмаки моддӣ-техникӣ ва молиявӣ

аз тарафи ҳукумат барои дар амал ҳал намудани мушкилиҳои манотиқи кӯҳистон буданд.

Дар баробари баъзе пешравиҳои мусбат, ҳанӯз дар ВМКБ шумораи бекорон дар ҷумҳурӣ аз ҳама зиёд буда, стратегияи муназзам барои боло бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳанӯз вуҷуд надорад. Зиндагии бештари аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Аз рӯи Паёми ҳарсолаи президенти ҷумҳурӣ ба аъзои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боварӣ ҳосил гардид, ки таҳияи барномаи ҷумҳуриявӣ оиди паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҳамаи соҳаҳои иктисодиро фаро мегирад ва махсусан, муҳимаш ин аст, ки ҳамаи навоҳӣ ва манотиқи мамлакат назардошт шудаанд. Ҳамин тариқ, аллакай имрӯз дар вилоят корҳои ҳадафмандона барои коркарди самтҳои асосии пешрафти иқтисодиёт назаррасанд. Самти асосӣ дар инкишофи иқтисодиёти вилояттавоноию қудрати энергетикии оби онро хисоб кардан мумкин аст, ки ҳанӯз дар даврони шӯравӣ тавоноии вай дар ҳаҷми даҳҳо млн. кВт муайян гардида буд. Инкишофи ин соҳа нафақат барои бунёди потенсиали истеҳсолӣ дар дохили вилоят дар назар дошта мешавад, балки метавонад соҳаи асосии экспорт гардад, чунки давлатҳои ҳамсояи ВМКБ низ, чун Афғонистон, Покистон, Хитой ба қувваи барқ мӯҳтоҷ ҳастанд.

Барномаи энергетикӣ ду самтро дар назар дорад. Аз як тараф инкишофи нерӯгоҳи барқии хурд, ки пеш аз ҳама истеҳсоли қувваи барқи он барои истифодаи ҳаётӣ-маишии одамон муҳим аст ва имрӯз бо дастгирии ҳукумати мамлакат ва ташкилотҳои байналхалқӣ ин барнома амалӣ гашта истодааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо AKFED (Фонди Оғохон доир ба тарақиёт) бо иттиҳодияи байналхалқии молия ва ширкати энергетикии Швейтсария оиди дар ВМКБ бунёд кардани ширкати хусусӣ барои тараққӣ додан ва истифода намудани сохтори энергетикӣ

музокирот бурданд. Ба имзо расидани ин шартнома ва бунёди ширкати «Помирэнерҷи» то солҳои оянда масъалаи танқисии қувваи баркро дар вилоят аз байн бурд.

Лекин дар бораи барномаҳои нисбатан калон оиди бунёди НБО-и пуриқтидор дар дарёҳои Бадахшон ва истифодаи имкониятҳои энергетикии кӯли Сарез набояд фаромӯш кард. Аз эҳтимолдур нест, ки ин масъала ҳам дарояндаи начандон дур ҳалли худро хоҳад ёфт. Боиси хурсандист, ки сарвари давлат аз минбарҳои баланд дар бораи сохтмони нерӯгоҳҳои «Санобод», «Себзор» ва «Оқсу» ҳарф мезанад.

Доир ба обҳои қаламрави вилоят сухан ронда, ногуфта намонад, ки чашмаҳои минералӣ ва геотермалӣ низ барои истифодабарӣ имкониятҳои калон доранд ва ҳамчунин обҳои тозаи экологӣ, аз ҷумла, обҳои пиряххо, дар бозори дохилӣ ва берунӣ талаботи худро пайдо мекунанд.

Инчунин бояд қайд намуд, ки ҳарчанд 60% захираҳои обии Осиёи Марказӣ аз кӯҳҳои Тоҷикистон, махсусан, аз Кӯҳистони Бадахшон сарчашма мегиранд, лекин онҳо аз тарафи дигар давлатҳо бе гузоштани ягон саҳм дар омӯзишу муҳофизат ва гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи табиӣ дар рӯдхонаҳо ва кӯлҳои Тоҷикистон истифода мешаванд.

Самти дигари ниҳоят ҳаётан муҳими барои пешрафти ВМКБ ин ба кор даровардани кони маъданҳои фоиданок аст, ки шумораи онҳо дар ҳудуди вилоят нисбати дигар манотиқи Осиёи Марказӣ хеле зиёд аст.

Яке аз имкониятҳои амалишаванда ин масъалаи инкишофи саноати истихроҷи маъдан мебошад: сохтани конҳо, корхонаи тозакунии маъданҳо барои истихроҷи ашёи хоми қалъагӣ, ашёи хоми оптикӣ, сангҳои қиматбаҳо ва маснуоти майда, инкишофи саноати масолеҳи сохтмонӣ.

Ба истифода даровардани конҳои маъмули бор, волфрам, тилло, ёқути кабуд, мармар вилоятро нафақат ба дараҷаи худмаблағгузорӣ мебарорад, балки ба буҷети давлат низ саҳми калон мегузорад.

Бисёр конҳо, махсусан сангҳои қиматбаҳо, ҳанӯз дар замон Шӯравӣ истихроҷ мешуданд, аммо ин амал дар мавриди экспедитсияи геологӣ ва тадқиқоти маҳалӣ анҷом меёфт. Дар вилоят сохтори мустақил оиди тадқиқоти маҳаллии конҳо, истихроҷ ва коркарди онҳо вуҷуд надошт ва надорад. Сабаби ин дар он аст, ки дар замони Шӯравӣ натиҷаҳои корҳои кофтуковӣ ва тадқиқоти маҳаллии геологӣ дар худи вилоят маҳфуз нагаштанд.

Дар солҳои 70-уми асри сипаригашта бо вазоратҳои панҷгонаи муттаҳида ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ оиди коркарди кони бор дар мавзеи Оқархари ноҳияи Мурғоб таҳия гардида буд. Лекин ин лоиҳа амалӣ нагашт ва маводҳои корҳои тадқиқотӣ ва худи лоиҳа барои вилоят дастнорас гардиданд. Қисме аз ин маводҳо дар дасти муҳаққиқон ва таҷрибаомӯзони замоне дар ин ҷо фаъолиятдошта монданд, ки имрӯз онҳо дар гӯшаҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маскунанд. Қисми дигар дар бойгонии собиқ Вазорати геологии ИҶШС ва дигар ташкилотҳои ҷумҳуриҳои муштаракулманофеъ маҳфуз гаштаанд.

Бинобар ин, дар солҳои охир роҳбарияти вилоят масъалаи аз нав ҷойгир намудани экспедитсияи тадқиқоти маҳаллии геологии Помирро дар шаҳри Хоруғ ба таври қатъӣ ба миён мегузорад. Ҳалли ин масъала натанҳо барои вилоят, балки барои ҷумҳурӣ низ муҳим хоҳад буд, зеро ба ин восита метавон ҳуҷҷатҳои лоиҳавироаз нигоҳи тадқиқоти конҳо ва ҳам аз лиҳози коркарди саноатӣ, ҳарчи зудтар ва бо ҷузъиёти томаш омода намуд. Ва ин, дар навбати худ, имконияти ҳавасмандӣ ва масъулиятнокии вилоят ва геологҳоро барои амалишавии истифодаи конҳои вилоят зиёд мекунад.

Сейум раванди асосӣ барои инкишофи иқтисодиёти вилоят – тараққӣ додани соҳаи туризмро маҳсуб мешуморем. Нотакрор будани табиати вилоят ва мавқеи геополитикии вай бо якчанд давлатҳо Бадахшонро ҷолиб ва дастраси сайёҳҳониАврупо ваОсиё мегардонад. Ландшафти ба худ хоси Мурғоб, нотакрории манзараи кӯҳҳо, пиряхҳова кӯлҳои баландкӯҳ, дар ҳолати аслӣ боқӣ мондани қалъаҳои таърихӣ, чашмаҳои термалӣ, минералӣ ва шифоӣ, ҳамаи ин барои ҳазорон одамон аз тамоми гӯшаи олам метавонад дастрас гардад. Кӯҳнавардӣ, экотуризм, автотуризм, сайрхати тӯли роҳи абрешим ва дигар намуди сайёҳӣ метавонад даромади асосии буҷети давлат шавад.

Зимнан, ҳалли ин масоил бидуни ба назар нагирифтани масъалаҳои ҳифзи солими экологии минтақа номумкин аст.

Дар солҳои охир доир ба ҳалли масъалаҳои экологӣ корҳои ҷиддӣ бурда мешуданд. Ба мӯҳлати даҳ сол Барномаи экологии вилоятӣ коркард ва қабул шуда буд, ки дар оноиди вусъат доданисарсабзкунии минтақаи кӯҳ, ҷангал ва таъмини ҳифзи олами набототу ҳайвонот чораҳо андешида шуданд. Барои ин маблағҳои муайян, ҳарчанд онҳо ҳоло хеле нокифояанд, ҷудо шуда истодааст.

Имрӯз дар баландкӯҳҳои Помир БоғиМиллии Тоҷикистон, мамнӯъгоҳи Зоркул, парваришгоҳи Музкул фаъолият доранд. Хушбахтона ин ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда соли 2013 бо дастгирии намояндагони тамоми давлатҳо ба осори табиии ЮНЕСКО дохил шуданд. Умед аст, ки ин кор барои вусъат додани ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва дар маҷмӯъ барқарор сохтани тавозуни экологӣ мусоидат мекунад.

Лекин дар ҳалли масоили экологӣ иштироки фаъолонаи ташкилоту фондҳои байналхалқӣ нақши муҳим мебозад. Беш аз ин, кӯҳҳои Бадахшон бо азамату ҷазобати худ, инчунин ба инсоният хатари калонро таҳдид мекунанд. Ба-

рои мисол, кӯли Сарез ва пиряхи Хирсон, ки дар вилоят хеле машҳуранд, ҳар лаҳза метавонанд хатари фалокатборро ба вуҷуд оранд. Зарари аз фаромадани селу тарма, зери об мондани хонаҳои истиқоматӣ ва заминҳои корам аз рӯи ҳисоби миёна ҳар сол то 25-30 млн. доллар мерасад.

Аз ин сабаб барои пешгирӣ намудани чунин хатарҳои табиӣ, бо назардошти нишони баланди сейсмикии минтақа, бояд барномаҳои миллӣ ва маҳаллӣ коркард шаванд. Чунин ақида вуҷуд дорад, ки Помир яке аз ҷолибтарин макон дар гӯшаи дунё буда, барои нигоҳдории беназирии ин минтақа бояд ҳама саҳми худро гузоранд.

Ҳалли ҳамаи ин масъалаҳо бе иштироки ширкатҳои калони молиявӣ ва бонкҳои байналхалқӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар мадди аввал,танҳо масъалаиинкишофи истеҳсолоти маҳсулот дар хоҷагии қишлоқ пешкаш мегардад. Ин бунёд кардани корхонаҳои саноатии барои коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ба истифодадиҳии чашмаҳои минералӣ, маснуоти сангин, махсусан намудҳои гуногуни мармари баландсифат дар мадди назар аст. Инчунин тараққӣ додан ва таҷдиди роҳҳои мошингарди мавҷудбуда, ки солҳои охир дар ҳолати ногувор қарор дошта ба меъёри техникӣ ҷавобгӯ нестанд ва ба таъмири пурра ниёз доранд, аз аҳамаият холӣ нестанд. Дар пеш барои сохтани шабакаҳои меҳмонхонаҳои замонавӣ, идораҳо, тарабхонаву қаҳвахонаҳо, ҷойҳои фароғатӣ ва дигар хизматрасониҳои маишӣ корҳои зиёд интизор аст.

Дар маҷмӯъ, Кӯҳистони Бадахшон на танҳо ба тараққиёт ниёз дорад, балки ба амалигардонии имкониятҳои воқеии худ, чи хеле ки мо дидем хеле зиёданд, мӯҳтоҷ аст.

Ҳамаи ин масоилро, пеш аз ҳама, ба воситаи қабули барномаҳои махсуси миллӣ оиди пешрафти манотиқи кӯҳистон ва инчунин такмил додани санадҳои қонунбарорӣ, тааллуқ ба аҳолии баландкӯҳ, дар амал татбиқ кар-

дан мумкин аст.

Чи тавре, ки дар боло зикр шуд, аз сабаби шароити ниҳоии географӣ ва иқлимӣ доштани вилоят, аҳолии он дар ҳолати на он қадар хуб зиндагӣ ва кор мекунанд, ки ин дар навбати худ ба тараққиёт монеа меорад. Барои ин дар бисёр давлатҳо нисбати чунин манотиқ тартиби имтиёзҳо вуҷуд доранд.

То барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ имтиёзҳо дар намуди ҷубронпулӣ ба маош, аз андози замин озод, 50 % супоридани ҳаққӣ қувваи барқ, ҷубронпулӣ барои масраф аз интиқоли баъзе намудҳои маҳсулоти саноатӣ ва хӯрока нисбати аҳолии ВМКБ истифода мешуданд. Акнун, аҳолии вилоят аз ин имтиёзҳо маҳрум гашта, дар ҳолати ногувор қарор гирифтанд.

Маълум аст, ки имрӯз на ҳамаи намуди имтиёзҳоро пешкаш кардан мумкин аст. Лекин таҷрибаи дигар давлатҳоро ба назар гирифта, имкониятҳои истифодаи чунин имтиёзҳоро, ба мисли аҳолии баландкӯҳро аз андози замин озод намудан ва оилаҳои серфарзандро аз андози даромад озод кардан, бояд аз назар гузаронд. Барои ҳавасманд гардондани пешрафти саноати хурд, бамаврид аст, ки муддати панҷ соли аввали фаъолият онро аз супоридани андоз озод кунанд ва ё то 50 % андозашон ихтисор карда шавад.

Барои коргарони муассисаҳои буҷавӣ, вобаста ба баландии гипсометрӣ, зарур аст, ки ба маош иловапулӣ зам карда шавад.

Ин чораҳо ҳадафӣ набуда, онҳо барои таъмин намудани ягон хел шароити махсус барои аҳолии кӯҳистон назардошт нашудаанд. Мақсади асосӣ аз он иборат аст, ки муҳити зист ва имкониятҳои воқеии сокинони кӯҳистонро бо шароити маскунони манотиқи ҳамвор ба қадре мувофиқ ва мусовӣ кардан аст.

Гуфтан бамаврид аст, ки сабабҳои объективии мутлақ, пеш аз ҳама норасоии замин, ҳокимияти маҳаллӣ ва

ҳукумати ҷумҳуриро маҷбур месозанд, ки барои муҳоҷир намудани қисме аз аҳолии ВМКБ ба дигар манотиқи мамлакат чораҳо андешанд. Азҷумла, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ноҳияи Қубодиён барои вилоят заминҳои васеъ ҷудо гардидаанд. Дар соли 2000 алакай аз Бадахшон 50 оила, ба таври худихтиёрӣ ва бо дастгирии моддиву молиявии ҳамаи зинаҳои ҳукумат ва ташкилотҳои байналхалқӣ, ба ин ноҳия муҳоҷир шуданд.

Лекин ин танҳо қадами маҷбурӣ мебошад, зеро дар сурати таъмин намудани шароити зарурӣ барои пешрафти ин минтақа, ҷойҳои кории зиёдеро бояд таъмин кард, ки муҳоҷирати аҳолиро боз дорад.

Ҳамаи ин чораҳо, барои пешрафти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Кӯҳистони Бадахшон, болоравии сатҳи зиндагии аҳолии он, замина гардидааст ва дар лоиҳаи барномаи таҳияшуда оиди гузаштани вилоят ба худмаблағгузорӣ дароварда шуда ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод гардидааст. Коркарди онҳо, дар навбати худ, барои амалӣ сохтани барнома оиди кам намудани сатҳи камбизоатӣ, инчунин, стратегияи пешрафти ВМКБ то соли 2020 замина мегарданд.

Дар солҳои истиқлолияти миллӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, ВМКБ ба зиддиятҳои мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ нигоҳ накарда, ба натиҷаҳои муайян муваффақ гашт. Расман гузаштан ба иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳуриву вилоят миёни солҳои 1990 оғоз гардида бошад ҳам, дар асл, он баъди ба имзо расидани созишномаи сулҳу ваҳдат дар кишвар (июни соли 1997) ва иҷрои фаъолонаи ислоҳоти иқтисодӣ дар амал татбиқ гардид. Як қатор барномаву қарорҳо оиди масоили ба танзим даровардани пешрафти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ВМКБ қабул карда шуда, барои фаъолияти як қатор барномаҳои башардӯстонаи байналхалқӣ шароити мусоид фароҳам оварданд, ки онҳо, дар навбати худ, барои беҳтар наму-

дани вазъият дар ҷомеа, болоравии сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва ба оғози пешравии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таври таъҷилӣ таъсири худро расонданд.

Ин комёбиҳо асосан дар соҳаи тараққиёти энергетика, нақлиёту алоқа, хоҷагии қишлоқ, илм ва дигар баҳснопазиранд. Ба таври возеҳ, агар соли 1992 буҷети вилоят дар ҳаҷми ночиз – 475,5 ҳаз. сомониро ташкил медод, дар соли 2000 вай ба 4306,3 ҳаз. сомонӣ ва соли 2010 бошад ба 84190,3 сомонӣ расид, ки нисбати соли 2000 19,6 баробар зиёд гашт. Дар маҷмӯъ, бар хилофи ҷумҳурӣ, ВМКБ пурра ба муносибатҳои бозорӣ гузашт. Имрӯз беш аз 99% маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва 98% маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи иқтисоди хусусӣ истеҳсол карда мешаванд.

Соли 1994 ду агрегати амалкунандаи НБО Помир-1 ба истифода дода шуда, соли 2005 сохтмони пурраи он ба итмом расид. Бо ҷалб намудани маблағҳои ғайрибуҷавию хориҷӣ ва сармоягузории хусусӣ дар вилоят 21 НБО-и хурд сохта ба истифода дода шуданд. Инчунин, корхонаҳои амалкунандаи барои коркарди санг, коркарди меваю сабзавот ва корхонаи дӯзандагӣ ба кор даровварда шуданд.

Дар соли 1999 марҳилаи аввали сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб – Дарвоз ба итмом расида, соли 2002 марҳилаи дуйуми он Мурғоб – Кулма анҷом ёфт. Соли 1994 нуқтаи наздисарҳадии Кулма – Қарасу, ки барои ба шоҳроҳи байналхалқии Қароқурум баромаданро таъмин мекард, ба истифода дода шуда, нафақат вилоятро, балки тамомиҶумҳурии Тоҷикистонро аз бумбасти коммуникатсионӣ баровард.

Дар хоҷагии қишлоқи вилоят бо ҷидду ҷаҳд ислоҳот гузаронида шуд. Сохтори корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, ки беманфиат монда буданд, таҷдид гардиданд, замин ва чорвои ҷамъиятӣ бевосита ба деҳқонон ба иҷора дода шуданд, ки ин дар навбати худ натанҳо суст шудани истеҳсолотро дар ин соҳаҳо бозмедошт, балки ҳаҷми маҳсулотро дар муддати кӯтоҳ зиёд намуд. Мазраъҳои

нав ба кор дароварда шуданд, боғҳои нав бунёд гаштанд, саршумори ҳайвоноти хонагӣафзоиш ёфт. Фақат дар се сол (2008-2010) 549 га заминҳои нав аз худ карда шуда, дар масоҳати 212,5 га боғҳои нав поягузорӣ шуданд. Саршумори ҳайвони шохдори калон аз 73,9 ҳаз. сар дар соли 1992 то 103,4 ҳаз. сар дар соли 2010 расид. Ҳамчунин қутосҳо мутаносибан аз 13,4 ҳаз. то 20 ҳаз. сар зиёд шуд. Қутосҳои ноҳияи Мурғоб дар навоҳии дигари вилоят ва навоҳии Ҷиргатол, Ховалинг, Кӯҳистони Мастчоҳ, Балҷувон, Айнӣ низ бо мақсади парвариш мӯътод кунонда шуданд.

Сол аз сол ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ва дигар шохаҳои соҳаи иҷтимоӣ – маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг ва дигарҳо – зиёд шуда истодааст. Масалан, ҳаҷми маблағгузории маориф аз буҷети давлатӣ аз 262,2 ҳаз. сомонӣ дар соли 1992 то 42,2 млн. сомонӣ дар соли 2010 афзуд, ки 161 маротиба зиёд гаштааст; тандурустӣ мутаносибан аз 7,2 ҳаз. сомонӣ ба 19024,2 ҳаз. сомонӣ расид, ки2642 маротиба зиёд.

Авҷи аълои инкишофи вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ВМКБ ба замони пошхӯрии ИҶШС ва анҷоми сохтори нақшавии хоҷагидорӣ (с. 1991) рост омад. Муқоисаи оморӣ бо соли 1991, ба истиснои баъзе ақидаҳои алоҳида,ба фоидаи марҳилаи муосири иқтисоди бозорӣ намебошад. Дар солҳои ислоҳоти иқтисодиёт асосан соҳаҳои саноатӣ, сохтмон, нақлиёт, маориф, тандурустӣ зарари беандоза калон дида, ба пастшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ, афзоиши бекорӣ, шуғли захоири меҳнатӣ, муҳоҷирати аҳолӣ ба дигар навоҳии ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди он оварда расонд. Бемайлон зиёд шудани шумораи муҳоҷирон, аз ҷумлаи ҳамаи категорияҳои сокинони вилоят дар ин бора шаҳодат медиҳад. Ин амал дар ҳаёти вилоят ва сокинони он ҳам роли манфӣ ва ҳам роли мусбӣ мебозад. Тарафи манфии ин амал дар он зоҳир мегардад, ки намояндагонинерӯи ақлонӣ, инҳо мутахассисони варзида, ҷумҳуриро тарк менамоянд. Инҳо

пеш аз ҳама мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои гуногун, ки муҳоҷирати онҳо ба пешрафти вилоят бетаъсир намемонад. Тарафи дигари он ба ҳам омехташавии фарҳангҳо аст. Муҳоҷир чи қадаре ки зиёдтар дур аз ватан монад, ҳамон қадар ӯ аз маданияти таърихии худ дур монда, беихтиёр дар рӯҳияи маданияти бегона ташаккул меёбад. Фарзандони муҳоҷирон солҳои дароз дар тарбияи хешу табори волидайн мемонанд, ки ин ба ташаккули равониву тарзи ҳаёти солими онҳо бетаъсир намемонад. Яке аз сабабҳои дар байни наврасон афзудани ҷинояткорӣ маҳз ба тарбияи кӯдакон бе иштироки волидайн вобаста аст.

Тарафи мусбии ин амал бошад пеш аз ҳама дар интиқоли маблағ аз тарафи муҳоҷирон ба ватан барои таъмини оилаи худ зоҳир мегардад, ки бӯҳрони иқтисодиро пешгирӣ мекунад ва тавозуни гардиши молро дар вилоят мӯътадил медорад. Имрӯз маълум аст, ки ҷараёни интиқоли пул аз тарафи муҳоҷирон ба вилоят қисми зиёди даромади маҳсулоти дохилиро фаро мегирад.

Дар қисмати пешбурди тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят нақшаҳои гуногун дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати вилоят қабул гардидаанд, вале онҳо бо сабаби маҳдудияти ҳаҷми маблағгузорӣ нокифоя иҷро мегарданд. Накшаҳо асосан ба истифодабарии сармоягузории хориҷӣ равона карда шудаанд.

4-уми июли соли 2006 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Барномаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии ВМКБ дар марҳилаи то соли 2015» қарор қабул гардид, ки аз тарафи кумитаи иқтисодиёти вилоят дар ҳамкорӣ бо Институти тадқиқоти иқтисодии Вазорати рушдииқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда буд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баҳри дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷики-

стон аз 4 июли соли 2006, № 289 «Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015»қарори раиси вилоятро аз 29 августи соли 2006, №201 ба тасвиб расонид.

Ҳадафҳои асосии барнома ба кор андохтани иқтидорҳо ва иншооти иқтисодию иҷтимоӣ, афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулот, кор ва хизмат, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб рафта, ба тадриҷ, марҳила ба марҳилаамалӣ шуда истодаанд.

Рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят дар давраи то соли 2015 бо назардошти сол аз сол зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ гашта,мебоист ба беҳтар гаштани вазъи иқтисодию иҷтимоии вилоят асос гузорад.

Дар доираи Барномаи мазкур баҳри ҳарчӣ бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст.

Баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаи саноати сабук ва истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ солҳои наздик ба истифодадиҳии иқтидорҳои нав ва барқарорсозии иқтидорҳои кӯҳна ба нақша гирифта шудааст. Ҷалби ҳарчӣ зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои гузошташуда мебошад.

Баҳолати 1 январисоли 2014 шумораи аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 212,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба нишондиҳандаи дурнамои соли 2015 – и Барнома 96,5 фоизро ташкил медиҳад.

Ба ҳисоби миёна суръати афзоиши аҳолӣ 1,8 фоизро ташкил дода, афзоиши нисбатан ками аҳолии вилоят назар ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба сатҳи пасти таваллуд ва вобастагии манфии муҳоҷират аз вилоят маънидод карда мешавад.

Тибқи нақшаи дурнамои Барнома дар соли 2015 захираҳои меҳнатӣ 123,9 ҳазор нафар, шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда 78,2 ҳазор нафар ва ташкили

1240 ҷойи нави корӣ дар назар дошта шуда буд.

Дар давомисоли 2013 захираҳои меҳнатӣ 91,3 ҳазор нафар, шумораи аҳолӣ дар иқтисодиёт машғулбуда 82,9 ҳазор нафар ва ташкили ҷойҳои нави корӣ 12141 ҷойи кориро ташкил додааст.

Воқеан,ин нишондиҳандаҳо нисбати нақшаи дурнамо дар сатҳи соли 2015 бамаротиб зиёд шудааст. Ҷойҳои нави корӣ бо назардошти ҳамаи соҳаҳозиёда аз 9,7 маротиба афзоишёфтааст.

Аз шумораи умумии ҷойҳои кории таъсисдодашуда ба соҳаи саноат59 ҷой, кишоварзӣ 800 ҷой, сохтмон 5784 ҷой, нақлиёт ва алоқа 591 ҷой, савдо ва хӯроки умумӣ 3197 ҷой ва дигар соҳаҳо 1722 ҷой рост меояд.

Ҷиҳати татбиқи «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони корҷӯ ва бекор давоми соли 2013 тавассути мақомоти дахлдор 17645 нафар бо 33 намуд ихтисос ба касбомӯзӣ, 6176 нафар ба истеҳсоли нуздаҳ намуди маҳсулот ба фаъолияти инфиродӣ фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон дар ин давра 682 нафар бекорон ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалбгардида, ба 748 нафар корҷӯ барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд.

Дарсоли 2013 дар миқёси вилоят 49 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ гузаронида шудаанд, ки дар онҳо 1031 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод гардида, ба 584 нафар роҳхат барои кор дода шуда, 520 нафар бо кор таъмин шуданд. Ҳамчунин, 695 нафар ба касбомӯзӣ ва 263 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифташуданд. Аз тарафи ҳамаи муассисаҳое, ки ба касбомӯзӣ машғуланд дар курсҳои кӯтоҳмуддат ба10265 нафаркасби нав омӯхташуд.

Соҳаи саноат барои рушди иқтисодиёти вилоят яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар таъмин намудани аҳолӣ бо ҷои нави корӣ, самараноку оқилона истифода намудани иқтидори дохилӣ, аз ҷумла ашёи хоми

маҳаллӣ ва дар ин замина баланд намудани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим мебозад.

Мутобиқи нишондоди Барномаи мазкур дар соли 2015 дурнамои ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят бо нархҳои амалкунанда ба маблағи 159,8 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шуда буд. Дарсоли 2013 корхонаҳои саноатӣ ҳамагӣ 63,4млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки ин 39,7 фоизи сатҳи нишондоди нақшаи дурнамои соли 2015-и Барномаро ташкил медиҳад.

Таҳлил нишон дод, ки гарчанде тӯли солҳои сипаригардида ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят бо нархҳои амалӣ тамоюли болоравӣ дошта бошад ҳам, вале дар қиёс басатҳи нишондиҳандаи дурнамои солҳои 2015 – и Барнома кам аст.

Ҳоло дар вилоят 48 корхона васеххҳои хурди саноатӣ фаъолият доранд. Дар давраи фаъолияти Барнома бо дастгирии вазорату идораҳо, ташкилотҳои мададрасон ва ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣдар шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Роштқалъа ва Дарвоз 2 сехи коркарди санг, 6 сехи дӯзандагӣ (дар ноҳияҳои Ванҷ, Роштқалъа, Мурғоб ва шаҳри Хоруғ) ва 2 корхонаи хурди коркарди растаниҳои доруворӣ таъсис дода шуд. Илова бар ин, тӯли ин солҳо сехҳои қаннодӣ ва сангтарошии шаҳри Хоруғ, корхонаи хиштбарорӣ ва сехҳои ҷӯҷабарорӣ, дӯзандагӣ, табақтарошӣ ва коркарди чӯби ноҳияи Ванҷ, сехҳои коркарди меваи хушк, истеҳсолимаҳсулотиширӣ, оби маъданӣ ва истеҳсоли маҳсулоти пластикии ноҳияи Рӯшон, сехҳои бофандагӣ, дуредгарӣ ва бетонрезии ноҳияи Шуғнон ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар ноҳияи Шуғнон бо ташабусси соҳибкор Чиниев Қ. барқароркунии фабрикаи мурғпарварии деҳаи Бунӣ оғоз гардида, корҳо дар ин самт идома доранд. Дар сехҳои коркарди мармари ноҳияи Ванҷ, ҶДММ «Ҷавҳарӣ», ҶДММ «Худоёрбек» ва ҶДММ «Хуҷаназар» – и шаҳри

Хоруғ истеҳсолот маҳсулот ба роҳ монда шудааст.

Дар соли2013 дар истеҳсоли масолеҳи деворӣ 20,0 маротиба, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ 3,4 маротиба, оби маъданӣ 4,0 маротиба қиёс ба нишондоди нақшаи дурнамои соли 2015 Барномаи мазкур таъмин гардид.

Ба дастовардҳои ноилшуда нигоҳ накарда, давоми сол истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ ҳамагӣ 25,2 фоиз, маҳсулоти ҷӯробӣ28,5 фоиз, маҷмӯиоҳану бетон 6,6 фоизсатҳи нишондоди нақшаи дурнамои соли 2015-и Барномаро ташкил дод. Сабаби кам шудани истеҳсоли маҳсулоти номбурда ба маҳдуд будани бозори фурӯш, барҳам хӯрдани фармоишҳои давлатӣ, корношоям ва кӯҳна шудани дастгоҳу техникаи мавҷуда мебошад.

Тӯли ин солҳо нақшаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти сангҳои қимматбаҳои ёқути бойгардонидашуда, тахтасанги мармарӣ, сангрезаи мармарӣ, маҳсулоти бужетерӣ ва гирдшакл, маҳсулоти заргарӣ, нигинаҳои теғадор, коркарди аввалияи пӯст, истеҳсоли чарм, коркарди аввалияи пашм, ресмони пашмин, қолин ва маҳсулоти қолинии пашмин, семент, бетони молӣ, арақ ва шаробҳои ликёрӣ таъмин нагардиданд. Ҳоло барои истеҳсоли аксарияти маҳсулоти зикргардида, аз тарафи соҳибкорон лоиҳаҳои инвеститсионӣ таҳия шуда, ба Вазорати энергетика ва саноат, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ пешниҳод гардиданд.

Ҳамзамон, тибқи нақшаи Барномаи мазкур як қатор лоиҳаҳои сохтмони корхонаҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ, коркарди сангҳои қимматбаҳо ва ороишӣ, масолеҳи сохтмонӣ, индустрияи сохтмонӣ ва саноати сабук ва маҳаллӣ, аз ҷумла корхонаи истихроҷи тилло дар Рангкӯл, кони «Баҷу» – и Рӯшон, истихроҷи нуқра дар Караҷилга, истихроҷи кони турмалинаи полихромии «Мика», таҷдиди фабрикаи коркарди сангҳо – «Лаъл», сохтмони корхонаҳо ҷиҳатикоркарди сангҳо дар

ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, сохтмони заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ванҷ, таҷдиди сех барои истеҳсоли арматура дар шаҳри Хоруғ, корхонаи хурдинамаки ошӣ дар кони Шорбел, корхонаи хурди оби минералӣ дар деҳаҳои Гармчашма, Сист ва Қозидеҳ тавассути ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ва қарзҳои бонкӣ дар назар дошта шуда буданд.

Сабабҳои асосии татбиқ нагардидани лоиҳаҳои мазкур дар сатҳи паст қарор доштани ҷалби сармояи хориҷии мустақим ва робитаю ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ҳамчунин роҳҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузорони ватанию берунӣ мебошад.

Дар ҳудудивилоят кони ангишти Равноби ноҳияи Дарвозягона кони ангишти фаъолияткунанда аст. Истихроҷи ангишт ба зиммаи ҶДММ «ВТИ-Помир» вогузор ва таи чор соли охир ҳамагӣ1461 тонна ангишт истихроҷ шудааст. Аз сабаби мавсимӣ будани роҳимавҷудаи Сағирдашт – Равнов корхонаи мазкур таи ин солҳо пурра фаъолият накардааст.

Мутобиқи нақшаи чорабиниҳои Барнома истихроҷи ангишт соли 2015 дар ин кон ба 22200 тонна дар назар дошта шудааст. Вале, аз ҷониби Ҷамъияти мазкурдар соли 2012 ба миқдори 1100 тонна ва соли 2013 361 тонна ангишт истихроҷ карда шуд, ки ин 6,5 фоизинақшаи иҷрои дурнамои соли 2015-ро ташкил медиҳад.

Барои доимӣ фаъолият намудани кони ангишти Равнов сохтмони роҳи мошингард тавассути Жакдара ба нақша гирифта шуд ва бароитаҳия намудани Лоиҳаи инвеститсионӣ 500 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда, барои омодасозии лоиҳаи мазкур истифода карда шуд. Дар сурати пайдо шудани маблағҳои иловагӣ корҳои сохтмонӣ дар ин самт идома меёбанд. Захираи пешбинишудаи кони Равнов 69,0 млн. тоннаро ташкил медиҳад.

Умуман, дар соҳаи саноат дастгирии молиявии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, бунёду барқарор намудани

корхонаҳои мавҷуда ва бо техникаю технологияи замонавӣ таъмин намудани онҳо, ба талаботҳои стандартӣ мутобиқ намудани инфрасохтори мавҷуда ва ҷалби соҳибкорони ватанию хориҷӣ барои иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣмувофиқи мақсад аст.

***Энергетика.*** Бояд қайд намуд, ки рушди соҳаи энергетикаи вилоят ба зиммаи Ширкати энергетикии Помир вогузошта шудааст. Ширкат тибқи Шартномаи консессионӣ фаъолият намуда, самтҳои афзалиятноки энергетикаи вилоятро интихоб ва маблағҳои инвеститсиониро ҷалб ваамалӣ месозад.

Талафоти қувваи барқ дарсоли 2013 дар миқёси вилоят 13,81 фоизро ташкил дод, ки ин назар басоли 2012 (14,84 фоиз) ба андозаи 1,01 фоиз камтар аст. Ин асосан аз ҳисоби васлкунии ҳисобкунакҳои барқӣ, гирифтани пеши роҳи истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ, таъмири хатҳои интиқол ва зеристгоҳҳо, иваз кардани симҳои луч ба симҳои кабелӣ ба даст оварда шуд.

Дар соли 2013 ба муштариёни барқи вилоят ҳамагӣ ба андозаи 176 млн. 032 ҳазор кВт-соат қувваи барқ фурӯхта шуд, ки ин назар ба соли 2012 ба андозаи 2,4% зиёдтар мебошад.

Истеҳсоли нерӯи барқи ҶСК «Помирэнерҷӣ» 171,8 млн. кВт/с-ро ташкил дод, ки нисбати нишондиҳандаҳои дурнамои соли 2015-и Барнома бошад (256,7 млн. кВт/с) 66,9 фоизро ташкил медиҳад.

Барои баланд бардоштани эътимодияти фаъолияти Шабакаҳои интиқол ва тақсимкунанда ва паст кардани талафотҳои техникӣ дар давоми соли 2013 хатҳои интиқоли барқи 10кВ дар масофаи 22 км ва ХИБ-0,4кВ дар масофаи 30,08 км аз таъмири асосӣ ва 40 адад трансформаторҳои 10-0,4 кВ аз таъмири корӣ ва 80 адад аз таъмири асосӣ баровварда шуданд. Қад-қади хатҳои интиқоли барқи 0,4-10кВ ҳамагӣ дар масофаи 26,9 км аз шохаҳои дарахтон тоза гардид.

Дар соли 2013 ҳамагӣ 2143 муштарии вулусволии Шуғнони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз ҳисоби аҳолӣ ва муассисаҳои маориф ва тандурустӣ аз қувваи барқи Ширкати «Помир Энерҷӣ» бархурдор буданд. Дар ин давра ба муштариёни барқи вулусволии Шуғнони Афғонистон дар маҷмӯъ ба андозаи 2551,3 ҳазор кВт-соат ба маблағи умумии 396298 сомонӣ қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки ин назар ба моҳҳои январ-декабри соли 2012 ба андозаи 64% бештар аст.

Мутобиқи Барнома бунёди нерӯгоҳҳои барқии хурди Чартем, Андарситез, Пастхуф – 1, Паткуноб, Ширг пешбинӣ шуда буданд. Дар ин давра НОБ-и «Ширг-1» бо иқтидори 1260 кВт, «Ширг-2» бо иқтидори 550 кВт, НБО-и хурди деҳаи Гушуни ноҳияи Дарвоз бо иқтидори 32 кВт, НБО-ҳои деҳаи Бардара бо иқтидори 160 кВт ва Чадуд бо иқтидори 35 кВт дар ноҳияи Рӯшон ба анҷом расонида шуда, ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноккунии техникӣ-иқтисодии НОБ-ҳои Санободи ноҳияи Рӯшон ва Себзори ноҳияи Роштқалъаанҷом дода шуданд. Имсол санги асосии сохтмони НОБ-и Себзор аз тарафи Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуд.

Ҳамзамонтавассути маблағҳои грантии давлати Олмон дар ҳаҷми 32 млн. сомонӣ азнавсозии НОБ-и «Оқсу-2» соли 2015 шурӯъ гардид.

Инчунин, тибқи Созишнома байни ширкати Ҷумҳурии Корея ва Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони НБО-и Язгулом бо иқтидори 300 кВт.соат идома ёфта, мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад.

Бо ҷалби маблағҳои соҳибкорон азнавсозии нерӯгоҳи барқи обии маркази ноҳияи Ванҷ дарсоли 2013 бо иқтидори 900 кВтба истифода дода шуд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2

феврали соли 2009 тахти № 73«Оид ба Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» дар ҳудуди ВМКБ сохтмони 16 НОБ-и хурд дар назар аст.

Дар сурати дарёфти сармояи хориҷӣ ва ба пуррагӣ анҷом додани корҳои тарҳрезишуда аҳолии вилоят пурра бо қувваи барқ таъмин гардида, имконияти содироти қувваи барқи изофа ба давлатҳои ҳамсоя пайдо мегардад.

Соҳаи **кишоварзӣ** яке аз самтҳои асосии пешбурди иқтисодиёти вилоят маҳсуб ёфта, дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ нақши муҳимро мебозад.

Дар доираи Барномаи мазкур самтҳои асосии пешбурди сиёсати аграрӣ дар давраи то соли 2015 ба зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2015 ба маблағи 146,3 млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ) дар назар дошта шуда буд. Воқеан, соли 2015 истеҳсолимаҳсулоти кишоварзӣ ба 600,7 млн.сомонӣрасонида шуд, ки дар муқоиса бо нишондиҳандаи соли 2013 4,1 маротиба ва нисбати соли 2012 бошад 5,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2013истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса ба нишондиҳандаи соли 2015-и Барнома, аз ҷумла картошка 57960 тонна ё 129,9 фоиз,сабзавот 21023 тоннаё142,0 фоиз, меваҷот 21853 тонна ё 159,5 фоиз, гӯшт бо вазни зинда 8933 тонна ё 137,4 фоиз,шир 19852 тонна ё 138,8 фоиз, тухм 5327 ҳазор дона ё 123,8 фоиз, пашм 239 тонна ё 119,5 фоиз боло рафта, ғалладона 16450 тоннава асал 118 тонна мутаносибан ба 78,3 фоиз ва 61,4 фоизи сатҳи нишондиҳандаи соли 2015расонида шуд.

Дар ҳамаишаклҳои хоҷагидории вилоят 109479 сар ҳайвони шохдори калон,ки аз он 39964 сарро модагов, 22785 сарро қутос ташкил дода, 354784 сар бузу гӯсфанд, 127755 сар парранда мавҷуд мебошад.

Воқеан, таи солҳои сипаригардида барои беҳтар наму-

дани ҳолати мелиоративӣ, обёрӣ ва азхудкунии заминҳо аз ҳисоби маблағгузориҳои муттамарказ 5163,2 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, 767 га заминҳои нав обёрӣ (аз ҷумла, дар ноҳияҳои Ишкошим 233 га, Ванҷ 205 га, Дарвоз 140 га, Рӯшон 80 га, Мурғоб 93 га ва Роштқалъа 16 га) ва ҳолати мелиоративии 360 га заминҳо беҳтар гардида, 267,9 га боғҳои нав, 115,2 га боғҳои кӯҳна ва 780 га ҷангалзорҳо бунёду барқарор гардиданд.

Яке аз роҳҳои асосии пешрафти соҳаи кишоварзӣ истифодаиоқилонавасамаранокизаминимавҷуда, беҳтарнамуданиҳолатимелиоративиизаминҳоико-рам,азхудкуниизаминҳоинав буда, боинмақсад1125 ададхоҷагиҳои деҳқонӣ бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин гардиданд. Соли 2011 барои азхудкунии заминҳои нави обёришаванда аз буҷаи давлатӣ ба воситаи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 470,0 ҳазор сомонӣ аз ҷумла, обёрии заминҳои нав дар мавзеи Ҷавшангози ноҳияи Рошқалъа ба маблағи 340,0 ҳазорсомонӣ, обёриизаминҳои нав дар ноҳияи Шуғнон 130,0 ҳазорсомонӣмаблағ ҷудо гардида, истифода шуд. Соли 2012 бошад,барои обёрии замини нав дар ноҳияи Шуғнон 200 ҳазор сомонӣ ва соли 2013 низ 200 ҳазор сомонӣ ҷудогардида, сохтмониканал барои обёрии 60 га заминидома дорад. Барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо аз ҳисоби маблағгузории давлатӣбомаблаци 492,0 ҳазор сомонӣ корҳои барқароросозии шабакаҳои обёрӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят анҷомдода шуданд.

Дар соли 2013 барои азхудкунии 100 га замини нав дар мавзеи Вишхарваки ноҳияи Ванҷ бамаблағи700,0 ҳазорсомонӣ корҳои сохтмонӣ анҷом дода шуданд.

Инчунин, бо супориши Президенти мамлакат аз ҳисоби маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон маблағи 1,5 миллион сомонӣ барои соҳилмустаҳкамкунӣ ҷудо гардид. Азҳисоби буҷети маҳаллӣ барои беҳтар

намудани ҳолати мелиоративии заминҳои корами ноҳияҳои вилоят дар ду соли охир 892 ҳазор сомонӣвачалбиинвеститсияиберунӣ маблағи 4495,98 ҳазор сомонӣ барои соҳилмустаҳкамкунӣ истифодабурда шуд.

Ҳамзамон, дар доираи Барномаи мазкур то соли 2015 дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят барои беҳтар намуданиҳолати мелиоративии зиёда аз 700 га заминҳои ғайриқаноатбахш ба нақша гирифта шудааст.Дар натиҷаи самаранок ва оқилона татбиқ намудани чорабиниҳои дар Барномаи мазкур пешбинигардида, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар назар аст.

Тибқи банди 33-и Нақша чорабиниҳо оиди сафари Президенти мамлакатдар соли 2013 ба ВМКБ чораҷӯӣ намудан ҷиҳати беҳтарсозии ҳолати мелиоративии заминҳо, истифодаи самараноки обу замин ва ҳар сол аз худ кардани 200 га замини нав ба нақша гирифта шудааст.

Оид ба рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006 № 514 «Дар бораи тасдиқи Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои2008-2020»қарори Раиси вилоят аз 26 июли соли 2007, № 258 қабул гардида, тибқи он барномаҳои барқарорсозӣ ва азнавсозии хатҳои обгузари маркази шаҳру ноҳияҳо таҳия ва тасдиқ гардиданд. Таи ин солҳо азнавсозии хати обгузари шаҳри Хоруғ ва барқарорсозии хатти маркази ноҳияи Ишкошим ба маблағи 1808,0 ҳазор сомонӣ ба сомон расонида шуд. Тибқи Барномаи маркази идоракунии лоиҳаи барқароркунии иншооти ирригатсионӣ, бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд сохтмону барқароркунии шабакаҳои оби нӯшокӣ дар маркази ноҳияи Рӯшон ба масофаи 7 км ба маблағи 259,34 ҳазор доллари амрикоӣ низ таъмин гардид. Лоиҳаи барқарорсозӣ ва азнавсозии хатти обгузари ноҳияи Дарвоз ба маблағи 2736 ҳазор сомонӣ таҳия гар-

дидааст.

Дар соли 2013 барқарорсозии системаи обтаъминкунии ноҳияи Ванҷ бо арзиши 1512,0 ҳазор сомонӣоғоз гардида, ба ҳолати 1 январи соли 2014 маблағи 500,0 ҳазор сомонӣ дар сохтмони он масраф шудааст.

Хишти аввали сохтмони иншооти обтаъминкунии Боғевдара – Хоруғ моҳи сентябри соли гузашта аз тарафи Президенти мамлакат гузошта шуда, дар марҳилаи аввал аз тарафи Бонки аврупоии Рушд 8,8 млн сомонӣҷудо гардида, ба ҳолати 1 январи соли 2014 ба маблағи 6023 ҳазор сомонӣ корҳои васлкунии қубурҳо анҷом дода шуданд.

Дар деҳаҳои дурдасти ноҳияҳои вилоят, ки чандин сол аз набудани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашиданд, таи солҳои 2007-2013 бо ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ барои 208 деҳаи аҳолинишин ба масофаи 695,8 км хатҳои оби нӯшокӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Дар соли 2012 бо ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ дар 20 деҳа, ки ба оби ошомиданӣ ниёз доштанд, ба масофаи 52,6 километр хатти оби нӯшокӣ бо маблағи 1190 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2013 28 деҳа бо маблағи 2273,2 ҳазор сомон масофаи 101,6 км сохта ба истифода дода шуд.Инчунин, дар ин муддат 5 адад насоси механикӣ барои5 деҳа ба нақша гирифта шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар филиалҳои ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ВМКБ ҳамагӣ 10252 нуқтаҳои телефонӣ вуҷуд дорад. Дар давоми солҳои 2006-2013 дар миқёси вилоят 958 нуқтаи телефонӣ, аз ҷумла дар филиали ноҳияи Роштқалъа 30 нуқта, филиали ноҳияи Ванҷ 8 нуқта, филиали ноҳияи Мурғоб 233 нуқта, филиали ноҳияи Рӯшон 10 нуқта ва филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и шаҳри Хоруғ 677 нуқта насб карда шуданд.

Баҳри таъмин намудани дастрасии иттилоотии саривақтӣ дар қаламрави вилоят хати магистралии нахи нурӣ

(ба ғайр аз ноҳияи Ишкошим) ва ширкатҳои хусусии алоқаи мобилӣ, аз ҷумла «Тселл», «МЛТ», «Билайн», «Вавилон» ва «Телеком технолоҷӣ» дар шаҳри Хоруғ ва дигар марказҳои ноҳияҳои вилоят мавриди истифода қарор дода шуда, шароити истифодаи «Интернет» ва «Почтаи электронӣ» низ фароҳам оварда шудааст.

Барои таъсис додан ва ба роҳ мондани фаъолияти мунтазами сомонаи интернетии Мақомотимаҳалли-иҳокимиятидавлатии вилояттадбирҳои мушаххас андешида шуда, дар асосиҚарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, № 166 «Дар бораи тасдиқи Тартиби талаботи ягона барои Веб-сайт ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии мақомоти давлатӣ»Веб-сайти МИМҲД-ивилояттаъсисдодашуда, ба фаъолият оғоз намуд.

Дар ин давра дар деҳаҳои дурдасти ноҳияиМурғоб ва ҷамоати деҳоти Қозидеҳи ноҳияи Ишкошим шабакаҳои мобилии МЛТ ба фаъолият шурӯъ намуданд, 992 адад телефонҳои бесим насб гардиданд.

Соли 2013 танҳо аз ҳисоби филиали Тоҷиктелекоми вилоят ба мизоҷон ба маблағи 836,7 ҳазор сомонӣ хизматрасонии алоқа иҷро гардид. Ҳаҷми хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад, маблағи 423,3 ҳазор сомониро ташкил дод. Аз 33376 хоҷагиҳои вилоят фақат 8427 хоҷагӣ ба нуқтаҳои телефонӣ бархурдор мебошанд, ки ин 25,2 фоизро ташкил медиҳад.

Мутобиқи нишондиҳандаҳои Барнома дар соли 2015 ҳаҷми боркашонӣ 460 ҳазор тонна ва гардиши бор 111,9 млн.т/км, мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон мутаносибан 2,4 млн. мусофир, 32,0 млн. мус/кмба назар гирифта шудааст.

Дар соли 2013 ҳаҷми боркашонӣ 514,1 ҳазор тоннава гардиши бор 392,8 млн.т/км иҷро гардидааст, ки нисбати нишондиҳандаҳои соли 2015 –и Барнома мутаносибан 111,7 фоиз ва 3,5 маротибаро ташкил медиҳад. Мусофи-

рон 5252,4 ҳазор нафар кашонидашуда, гардиши мусофир 135,0 млн. мусофир/км-ро ташкил дод, ки нисбати нишондиҳандаҳои Барнома мутаносибан 2,1 маротиба ва 4,2 маротибазиёд мебошанд.

***Хоҷагии роҳ.*** Дар вилоят рушди соҳаи роҳдорию роҳсозӣ ба тадриҷ вусъат ёфта, дар ин самт комёбиҳои назаррас ба даст омадаанд, ки баҳри таъмини эҳтиёҷоти шаҳрвандон ва хизматрасониҳои нақлиётӣ, дастрасии ҳамаҷонибаи онҳо ба ин хизматрасониҳо, таъмини шароити бехатар интиқол додани бору мусофирон, ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои нақлиётӣ заминаи мусоиде фароҳам гардида истодааст.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда дар вилоят барои таъмиру нигоҳдориироҳҳо таи солҳои 2006-2013 54,0 млн. сомонӣ маблағ сарф шудааст. Танҳо соли 2010 бароитаъмиру нигоҳдории роҳҳо 7613,1 ҳазор сомонӣ, соли 2011 7626,5 ҳазор сомонӣ, соли 2012 8378,4 ҳазор сомонӣ ва соли 2013 9381,8 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидаст.

Ҳамзамон, таи ҳафт соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ барои сохтмони роҳҳои автомобилгарди вилоят 57,5 млн. сомонӣ маблағ масраф шудааст.

Сохтмони роҳи автомобилгарди Зиғар-Хостав-Шкев бо арзиши 32,1 млн.доллари ИМА мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Мутобиқи созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд марҳилаи дуввуми сохтмони Шогун – Зиғар дар масофаи 9,75 км, ба маблағи 15,9 млн. доллари амрикоӣ анҷом дода шуда, сохтмони марҳилаи сеюми ин роҳ ба масофаи 18,75 км ба арзиши 21 млн. 907 ҳазор доллари амрикоӣ дар арафаи анҷомёбӣ мебошад. Ба ҳолати 1 январи соли 2014 маблағи 31820,0 ҳазор сомонӣ дар сохтмони он истифода карда шудааст. Инчунин, сохтмони 90,2 км роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб оғоз гардида,барои сохтмони марҳилаи якум бо маблағи 92,9 млн. доллари амри-

кой бароисохтмони 40 км роҳи автомобилгарди Шӯро-обод-Шоғун аз соли 2012 то ин ҷониб аз тарафи Ширкати «Кувейт» ва «Туркия» корҳои сохтмонӣ идома доранд. Ҳоло дар асоси ду лоиҳаи нав сохтмони марҳилаи сеюми роҳи мошинагарди Кӯлоб-Қалъаи Хумбва Шоғун-Зиғар ба маблағи 532 миллион сомонӣ идома меёбад.

Бамақсадидарҳолатихубитехникӣнигоҳдоштанироҳҳоиҳудудивилоятсоли 2013 аз ҳисоби маблағгузориҳои мутамарказ маблағи 9381,1 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо истифода карда шуд. Роҳи аҳамияти байналмиллалӣ дар масофаи 2 км аз нав мумфарш шуда, 3779 $м^3$ чуқуриҳо бо дастрас намудани 70 тонна битум аз нав таъмир шуданд. Барои барқарор намудани роҳи мошингарди Ҳиҷез-Равмеди водии Бартанги ноҳияи Рӯшон 464,4 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, корҳои тахту ҳамворкунӣ ва сохтмони 5 адад купрукҳои автомобилгард ба иҷро расонида шуданд.

Аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои таъмири роҳҳои дохилии шаҳри Хоруғ соли 2009800 ҳазор сомонӣ ҷудокарда шуда, 0,78 км роҳ асфалтпӯш карда шуд.Соли 2010 аз тарафи Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навбати аввали роҳ ба маблағи 2623,0 ҳазор сомонӣ дармасофаи 3,3 км асфалтпӯш карда шуд. Соли 2011 корҳо идома ёфта, ба маблағи 2,5 млн. сомонӣ 2,2 км роҳ асфалтпӯш карда шуд.Аз тарафи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ маблағи 139,0 ҳазор сомонӣ барои таъмири чуқуриҳои роҳҳо ҷудо гардида, дар масоҳати 2380 м2 таъмир карда шуданд. Соли 2013 барои азнавсозии роҳҳо ва равшаннамоии кучаҳои марказии шаҳри Хоруғ аз тарафи Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи 5100,0 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, дар масофаи 3,6 км ба маблағи 5012,9 ҳазор сомонӣ роҳҳои шаҳр асфалтпӯш карда шуданд.

Бо мақсади дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани роҳҳои мошингарди ҳудуди вилоят, таъмини корҳои ободонию кабудзоркунӣ соли сипаришуда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣзиёда аз 2550,0 ҳазор сомонӣ равонагардид.

Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамои Барнома сохтмони роҳи автомобилгарди Анҷироби Поён ва таҷдиди роҳи автомобилгарди Хоруғ-Рошткалъа-Тузуқбулоқ то соли 2010 пешбинӣ шуда буд. Дар солҳои 2010-2013 дар барқарорсозии роҳи Рошткалъа-Тузуқбулоқ маблағи 2130 ҳазор сомонӣ истифодакарда шуд. Сохтмони роҳи автомобилгарди Анҷироби Поён дар доираи лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгарди Шӯробод – Шоғун бо дарозии 40 км амалӣ мегардад. Оғози сохтмон дар соли ҷорӣ дар назар дошта шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки солҳои охир тавассути роҳи мошинагарди Дарвоз-Хоруғ-Мурғоб мошинаҳои калонҳаҷми боркаш ҳаракат намуда,вазъи техникии роҳ ва кӯпрукҳоро вазнин гардониданд. Ҳоло кӯпрукҳои мошингузари мавзеъҳои Боғеви ноҳияи Шуғнон, Сурхсангоби ноҳияи Ванҷ, дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Инчунин мавзеъҳои Шикев, Курговад ва Вишхарви ноҳияи Дарвоз, Барчиди ноҳияи Шуғнон ва Алисур, Кунакурғани ноҳияи Мурғоб таъмирталаб мебошанд.

Дар давоми солҳои 2006-2013 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ба ғайр аз сармоягузориҳои хориҷӣ, 612,3 млн. сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шуда, маблағгузориҳои асосӣ дар ҳаҷми 708,5 млн. сомонӣ азхуд карда шудааст.

Таи солҳо 2006-2013 дар вилоят аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 107896 м$^2$ хонаҳои истиқоматӣ,мактабҳоитаълимоти умумӣ барои 14586 ҷои хонанда, беморхонаҳо барои 350 кат, ба истифода дода шуданд, ки дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои дурнамои Барнома мутаносибан 65 фоиз,7,1 маротиба ва 113 фоиз-

ро ташкил медиҳад.

***Сармоягузории хориҷӣ.*** Тибқи барнома бо мақсади амалӣ гардонидани121 лоиҳаи инвеститсионӣ таи солҳои 2006-2010 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ВМКБ ба маблағи 315,9 млн доллари ИМА ва солҳои 2011-2015 ба маблағи 405,1 млн. доллари ИМА сармоягузориҳои хориҷӣдар назар дошта шудааст.

Барои ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти вилоят, дар якҷоягӣ бо соҳибкорони вилоят 24 адад бизнеси нақшаҳоисамти истеҳсолӣ таҳия гардида, барои ба феҳристиягонаи ҷумҳуриявӣ оиди ҷалби сармоягузорӣ ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораиамволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд. Инчунин лоиҳаи сармоягузории «Беҳтар намудани канализатсияи шаҳри Хоруғ ва коркарди партовҳои шаҳр» ба маблағи 12,0 млн. доллари ИМА ва лоиҳаи «Таҷдиди комбинати гӯшту шири шаҳри Хоруғ» ба маблағи 2,2 млн. доллари ИМА таҳия ва ба Бонки Осиёии Рушд пешниҳод гардиданд. Барои ба Барномаи рушди саноат ворид намудани барномаҳои истеҳсолӣ, рӯихати 30 адад нақшаҳои бизнесӣ ба Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонпешниҳод шуданд. Шаш адад лоиҳаҳои бизнесии самти истеҳсолӣ дошта, ба сафорати Ҳиндустони дар шаҳри Душанбе ҷойгир буда пешниҳод гардиданд.Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки дар моҳи августи соли 2013 дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим нахустин Анҷумани байналмиллалии иқтисодӣ дар мавзӯъи «Имкониятҳои сармоягузорӣ барои рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» баргузор гардид.Дар ин Анҷуман 13 адад лоиҳаҳои инвеститсионӣ баррасӣ карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар вилоят аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ 9 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ мавриди татбиқ қарор гирифтанд:

1. *Лоиҳаи таҷдиди соҳаи маориф;*

*2. Лоиҳаи «Рушди устувори соҳаи пахтакорӣ»;*

*3. Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин баҳри тараққиёти устувори соҳаи кишоварӣ;*

*4. Лоиҳаи «Инкишофи истеҳсолоти кишоварзӣ ва идораи ҳавзаю дарёҳо;*

*5. Лоиҳаи сохтмони роҳи Шоғун – Зиғар (марҳилаи 3);*

*6. Лоиҳаи барқарорсозии системаҳои ирригатсионӣ;*

*7. Лоиҳаи таҳкими гумрук ва рушди инфраструктура;*

*8. Лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалаи хумб.*

*9. Лоиҳаи сохтмони иншооти обтаъминкунии Боғев – Хоруғ*

Дар баробариин лоиҳаҳо 12 лоиҳа то давраи ҳисоботӣ пурра ба анҷом расонида шудаанд, ки маблағи умумии ин лоиҳаҳо бо назардошти лоиҳаҳои ба анҷом расида, 117,66 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

*1. Лоиҳаи Фонди каталитикӣ – таҳсилот барои ҳама ва ташаббуси рушди босуръат (марҳилаи 1);*

*2. Лоиҳаи Фонди каталикӣ – таҳсилот барои ҳама ва ташаббуси рушди босуръат (марҳилаи 2);*

*3. Лоиҳаи беҳтар намудани нигоҳдории роҳҳои Тоҷикистон;*

*4. Лоиҳаи сохтмони роҳи Шағон – Зигар (марҳилаи 1);*

*5. Лоиҳаи сохтмони роҳи Шоғун – Зиғар (марҳилаи 2);*

*6. Лоиҳаи иштироки ҷамоатҳо ва ҷорабиниҳои ҷамъиятӣ – иттилотӣ барои беҳбудии сиҳати омма;*

*7. Лоиҳаи ислоҳотисистемаи тандурустӣ;*

*8. Лоиҳаи барқарорсозии Нерӯгоҳи Барқии Обии «Помир – 1»;*

*9. Лоиҳаи сохтмони роҳҳи автомобилгарди Зиғар – Хостав – Шкев;*

*10. Лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгарди Мурғоб – Кулма;*

*11. Лоиҳаи кам кардани хавфи рахнашавии кӯли Сарез;*

*12. Лоиҳаи ислоҳоти системаи маориф.*

Ба Барномаи давлатии грантҳо ва инвеститсияҳо барои солҳои 2014-2016 аз вилоят зиёда аз 20 адад лоиҳаҳо дохил шудаанд ва алоҳида барномаҳо амалӣ шуда истода, қисми дигарашон бо дарёфти сармоя амалӣ мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз мамониатҳои ҷиддӣ барои дарёфт ва ворид сохтани сармояи хориҷӣ ба вилоят ин маҳдудияти рафтуои сармоягузорон ба вилоят мебошад. Аз таҳлили овардашуда бармеояд, ки рафти иҷрои нақшаи пешбинишудаи Барнома дар бахши маблағгузориҳо ва сохтмони асосӣ ба талабот ҷавобгӯ намебошад. Дар давоми ду соли сипаришуда ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои мухталифи вилоят он қадар назаррас намебошад.

Дар соли 2013 сармоягузориҳо аз рӯи манбаъҳои маблағгузориҳо дар ҳамаи самтҳо нисбати соли 2012, ба маблағи 59,9 млн. сомонӣ, аз ҷумла сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36,4 млн. сомонӣ, сармоягузории хориҷӣ ба маблағи 15,2 млн. сомонӣ ва хусусӣ ба маблағи 8,2 млн. сомонӣзиёд гардидааст.

Ҷиҳати дар оянда ҷалб намудани сармоягузорони хориҷию дохилӣ лоиҳаҳои инвеститсионии таҷдиди роҳиавтомобилгардиҚалъаихумб – Хоруғ – Мурғоб – ағбаи Кулмаба маблағи 299,6 млн. долл. ИМА, барқарорсозии роҳи автомобилгарди Хоруғ-Мурғоб-ағбаи Кулма дар минтақаи Ишкошим ба маблағи 243,5 млн доллари ИМА таҳия шуда, барои дарёфти маблағ ба сармоягузорон пешниҳод гардида буд, ки, мутаассифона, ноиҷро монд.

Дар доираи Лоиҳаи ислоҳоти системаи маориф дар ноҳияи Рошткалъа сохтмон, барқароркунӣ ва муҷаҳҳазгардонии 6 мактаби миёна ба маблағи 901,0 ҳазор доллари амрикоӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар доираи татбиқи Лоиҳаи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, ки аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд маблағгузорӣ

гардид, дар ноҳияи Роштқалъа 3 иншооти тандурустӣ ба маблағи 168,3 ҳазор доллари ИМА барқарор ва таҷҳизонида шуд.

Дар доираи лоиҳаи барномаи рушди маблағгузории хурд 25 ҳазор доллари амрикоӣ маблағҳои хурд дода шудааст. Азхудкунии маблағҳо дар доираи Лоиҳаи НОБ-и Помир – 1 (бо арзиши умумии 16 млн. доллари амрикоӣ) барои пӯшонидани фарқи байни тарифҳои пардохти нерӯи барқ барои аҳолии камбизоат сурат мегирифт.

Умуман, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои таъмир, сохтмон, омӯзиш ва муҷаҳҳазгардонии иншооти иқтисодию иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағгузории қарзию грантӣ ва ҳиссагузории мустақими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи ҷамоатчиён 57,5 млн. доллари амрикоӣ истифода карда шудааст.

Аз ҳисоби грантҳо ва кӯмаки техникӣ дар ин солҳо барои татбиқи лоиҳаи инвеститсионӣ оид ба сохтмони кӯпрук дар ноҳияҳои Ванҷ аз ҳисоби Фонди Хазинаи Оғо-Хон 1700 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шуда, он соли 2011 бо маблағи умумии 10950,5 ҳазор сомонӣ сохта шуда, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Дар дурнамо оиди ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар соли 2013 ва параметрҳои асосии дурнамо оиди ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар солҳои 2014-2016 татбиқи лоиҳаҳои зерин пешбинӣ карда шудааст:

– *Сохтмони НОБ-и Пастхуф 1.5 МВтбо маблағи умуми 1,5 млн. доллари ИМА(СМХ);*

– *Сохтмони НОБ-иСанобод бо маблағи умумии 100,2 млн. доллари ИМА (Фонди Оғохон);*

– *Сохтмони НБО-и Себзор10 МВт бо маблағи 12,0 млн. доллари ИМА*

– *Сохтмони НОБ-и Язгулом 8 МВт бо маблағи умумии 24,0 млн. доллари ИМА(СМХ);*

– *Ташкили корхонаи муштарак оид ба коркарди мар-*

*мар дар заминаи корхонаи Лаъли н. Шуғнон бо маблағи умумии 260 млн. доллари ИМА(СМХ);*

- *Коркарди кони шпинели асил дар кони кӯҳи Лаъл н. Ишкошимбо маблағи умумии – 2,0 млн.доллари ИМА(СМХ);*
- *Ташкили корхонаи муштарак дар заминаи кони Икари н. Рӯшон бо маблағи умумии – 26,0 млн.доллари ИМА(СМХ);*
- *Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо маблағи умумии 16,5 млн.доллари ИМА(Фонди Оғохон);*
- *Таҷдиди фурӯдгоҳи шаҳри Хоруғ бо маблағи умумии 40,0 млн. доллари ИМА(Фонди Оғохон).*
- *Беҳтар намудани канализатсияи шаҳри Хоруғ ва коркарди партовҳои шаҳр ба маблағи 12,0 млн. доллари ИМА*
- *Таҷдиди комбинати гӯшту шири шаҳри Хоруғ ба маблағи 2,2 млн. доллари ИМА*

Чуноне, ки қайд карда шуд, яке аз мушкилоти асосӣ барои дарёфт ва ҷалб сохтани сармояи хориҷӣ ба вилоят ин маҳдудияти рафту омади сармоягузорон ба вилоят мебошад. Ба беҳтар гаштани ҳолати роҳҳо нигоҳ накарда, ба шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла сармоягузорон ва сайёҳон ба таври пештара зарур аст, ки барои сафари вилоят ду раводид гиранд. Дар натиҷа қисми зиёди онҳо аз ин сафар ва аз ҳамкорӣ худдорӣ мекунанд.

Ҳаҷми гардиши моли чакана дар соли 2013 (дар ҳамаи соҳаҳои савдо) 82,4 млн.сомонӣ ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 62,3 млн.сомониро ташкил дод, ки нисбати нишондиҳандаи нақшаи дурнамои соли 2015-и Барнома мутаносибан257,5 фоиз ва 124,6 фоиз мебошанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми гардиши моли чакана ва хизматрасонии пулакӣ аллакай аз сатҳи нишондоди нақшаи дурнамои соли 2015 мутаносибан 88,7 ва 21,6фоиз зиёд мебошанд.

Ба истифода додашудани роҳи мошингарди Кӯлоб –

Хоруғ-Кулма, барқарор гардидани тиҷорат бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва таъсиси гузаргоҳҳои гумрукию бозорҳои наздисарҳадӣ бо вилояти ҳаммарзи Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба вазъисоҳибкорӣдарвилоят беҳбудӣбахшида, ҳаҷми муомилоти мол нисбати солҳои пеш афзоиш ёфта, таваҷҷӯҳи сармоягузорон низ ба вилоят зиёд гардида истодааст.

Айни замон дар вилоят 3 бозориназдисарҳадӣ вуҷуд дорад, ки онҳо дар мавзеъҳои Рузвай (Дарвоз)масоҳаташ – 0,28 га, Тем (ш.Хоруғ) – масоҳаташ – 0,38 га, Ишкошим (н. Ишкошим)масоҳаташ – 3 га ҷойгир гаштаанд. Инчунин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарор оиди кушодашавии бозори наздисарҳадии Хумроғии ноҳияи Ванҷ пешниҳод гардид, лекин мутаасифонато ҳоло Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб нарасидааст.

Бо мақсади ташкил намудани нуқтаҳои тиҷоратии наздисарҳадии мавзеъҳои Лангари ноҳияи Ишкошим, Гунҷибойи ноҳияи Мурғоб қитъаи замин бо қарори-Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо ҷудо шуда, корҳои ташкилӣ идома меёбанд.

Мушкилоти асосие, ки барои рушди савдои наздисарҳадӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин пеш аз ҳама, ба талаботҳои муосир ҷавобгуй набудани инфрасохтори бозорҳо,набудани ҷои нишаст (барои савдо) ва ё ба талабот ҷавобгуй набудани ҷойҳои мавҷуда, набудани анборҳои махсуси нигоҳдории маҳсулот, риоя нагардидани муносибатҳои бозорӣ ва маҳдуд будани реҷаи кории онҳо ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади беҳтар намудани муносибатҳои бозоргонӣ ва ҷалби бештари сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти минтақа Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим» ба тасвиб расид, ки дар доираи он 200 га заминҷудо гардида, дар ҳудуди инфрасохтори он майдо-

ни ҳавоии ноҳия ва майдони қитъаи замин барои сохтмони Терминали байналмилалӣ ҷудо шудааст. Соли 2013 барои сохтмони маъмурият ва инфросохтори минтиқаи озоди иқтисоди аз ҳисоби маблағгузории буҷети давлатӣ зиёда аз 1 млн. сомонӣ ҷудо гардида, корҳо идома доранд.

***Туризм***. Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои даромаднок маҳсуб ёфта,барои рушди иқтисодиёти вилоят мусоидат менамояд.

Шароити иқлимии ВМКБ барои рушди соҳаи туризм мувофиқ аст ва кӯҳҳои сар ба фалак, ҷойҳои таърихию фарҳангӣ, табиати нотакрор ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таваҷҷӯҳисайёҳонро ба худ ҷалб намудааст.

Тибқи нишондоди нақшаи дурнамои соли 2015–и Барнома шумораи туристони воридшавандаи дохилӣ 2500 нафар ва берунӣ то 3,0 ҳазор нафар ва даромад аз хизматрасонии туризми дохилӣ400,0 ҳазор сомонӣ ва берунӣ 100,0 ҳазор сомонӣ дар он пешбинӣгардидааст.

Баҳри ҷалби сайёҳон ба вилоят моҳи июли соли ҷорӣ дар фасли тобистон дар шаҳри Хоруғ фестивали туристии «Боми ҷаҳон» гузаронида шуда,дар он ҳунармандон ва санъаткорони ҷумҳуриҳои ҳамсоя, аз ҷумла, аз ҷумҳуриҳои Хитой, Қирғизистон, Афғонистон ва Қазоқистон ширкат варзиданд. Дар ин фестивал маҳсулоти ҳунарӣ ва савғотӣ пешкаши сайёҳон гардонида шуданд.

Ба ғайр аз ин, соли 2012 дар ноҳияи Мурғоб бо дастгирии ташкилоти ғайридавлатии «Қиргиз Ати» фестивали «Ат Чабиш» гузаронида шуд, ки дар он сайёҳон аз намоишҳои маҳсулоти ҳунарии ноҳия дидан намуданд.

Бо дастгирии МСДСП-и Хазинаи Оғохон қариб дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят (дар ноҳияи Дарвоз 4 адад, Рӯшон 23 адад, Роштқалъа 5 адад, Шуғнон 3 адад, Ишкошим 10 адад ва дар ноҳияи Мурғоб 4 адад)меҳмонхонаҳои хурд (ҳомстей) барои қабули

сайёҳон ташкил карда шудаанд. Дар меҳмонхонаҳо сайёҳон метавонанд маҳсулоти ҳунарҳои мардумиро харида гиранд ва ҳатто бо тарзи тайёр кардани он аз наздик шинос шаванд.

Айни ҳол дар вилоят мушкилоти зиёд барои рушд додани соҳаи туристӣ ҷой доранд. Ин пеш аз ҳама, менеҷменти заиф,фарсудашавии фондҳои асосии дар иншооти инфраструктураи туристӣ, ба таври кофӣ набудани корҳои рекламавию тарғиботию ташвиқотӣ, ҳуҷҷатнигорӣ (бахусус гирифтани 2 раводид дарДушанбева дарВМКБ) гузаштани сайёҳон тавассути Кулма (танҳо барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва Хитой иҷозат асту халос) мебошанд. Инчунин ба ҳисобгирии омори расмӣ воридоти туристони дохилию хориҷӣ ва хизматрасонӣ ба онҳо қаноатбахш набуда, беҳбудӣ металабад. Тибқи банди 7-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011 № 264 «Дар бораи ҳисоботи раиси ВМКБ оид ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди эълон намудани ВМКБ минтақаи озоди туристӣ супориш дода шудааст. Вале пешниҳоди Кумита дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурӣ то ҳоло дастгирӣ нашудааст.

Дар доираи татбиқи Барнома ба соҳаи **рушди соҳибкорӣ** дар вилоят диққати ҷиддӣ дода мешавад. Рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ» зери назорати қатъӣ гирифта шуда, дар мадди аввал барои ҳамаҷониба санҷидани вазъи соҳа, мувофиқи имконият бартараф намудани мушкилот, ҳамаҷониба дастгирӣ намудани соҳибкорон ва муҳайё намудани шароит барои рушди минбаъдаи соҳа, чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Дар назди Раиси вилоят Шӯрои машваратӣ оиди ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорон оиди рушди бахши хусусӣ таъсис дода шудааст.

Дар вилоят 233 корхонаи хурдва 2639соҳибкорони инфиродӣфаъолият доранд. Аз ҷумла, дар соҳаи саноат 6 адад сехи хурдинав ба кор даровварда шуд.

Дар соли 2013 барои дастгирӣ ва рушдисоҳибкорӣ тавассути бонкҳои вилоят зиёда аз 145,7миллион сомонӣ қарз дода шудааст.

Таи солҳои охир дар вилоят зиёда аз 50 музояда гузаронида шуда, 23 ададиншоотҳои моликияти давлатӣва 107 адад воситаи нақлиёти қаблан истифодашуда ва техника ба фурӯш баровварда шуда, аз он ба буҷет 409,3 ҳазор сомонӣ ворид гардид.

Дар соли 2011 10 адад иншоот ва 12 адад техникаи қаблан истифодашуда, бо нархи 63336 сомонӣ фурӯхта шуда, маблағ аз фурӯш пурра ба буҷаи вилоят ворид карда шуд.

Дар соли 2012 бошад,3 адад иншоот ва 10 адад техникаи қаблан истифодашуда бонархи 34292 сомонӣ фурӯхта шуд, маблағ аз фурӯш пурра ба буҷаи вилоят ворид шуд.

Дар соли 2013 5 маротиба музояда гузаронида шуд, ки дар он 13 адад иншоот бо маблағи 58376 сомонӣ ба фурӯш баровварда шуда, бо маблағи 62313 сомонӣ фурӯхта шудаанд.

Тӯли солҳои сипаригардида барои рушди соҳаи соҳибкорӣ мувофиқи қарордоди байни роҳбарияти вилоят ва округи Қошғари Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шаҳри Хоруғ ярмаркаи фурӯши молҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой барпо гардид. Ҳамчунин, соҳибкорони вилоят дар Ярмаркаи байналмилалӣ дар Қошғар иштирок намуданд. Иштироки васеи соҳибкорон дар намоишгоҳҳо имконият медиҳад, ки ба вилоят техникаю технологияи нав ворид гашта, инкишофи соҳаҳои гуногуни саноат ба роҳ монда шавад.

Яке аз чорабиниҳои муҳими сиёсӣ – иқтисодӣин гузаронидани «Форуми сармоягузорон ва донорҳо «Памир-Инвест-2011-2013» буд, ки дар он дар соли 2011 – 167

нафар ва дар соли 2013 – 200 нафар иштирок намуданд. Ин форумҳо тибқи Барномае, ки аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда буданд, гузаронида шуданд.

Яке аз самтҳои муҳиме, ки сиёсати давлат ба он нигаронида шудааст, **рушди соҳаҳои иҷтимоӣ** мебошад. Дар доираи Барномаи мазкур то соли 2015 чорабиниҳои зиёд ба нақша гирифта шудааст, ки дар амал татбиқ гардидани онҳо метавонад дар рушди иқтисодиёти вилоят такони ҷиддӣ диҳад.

***Тарбияи кадрҳо.*** Раванди тайёр намудани кадрҳо, яке аз омилҳои муҳими стратегияи давлат ба ҳисоб рафта, ҳарчи бештар қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни соҳаҳои мухталифииқтисодиёти миллӣ ба мутахассисони таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, такмил ва ислоҳоти низоми ворид шудан ба фазои ягонаи меъёрҳои байналмилалии таълимӣ мақсади асосии он мебошад.

Бо мақсади тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ҳамасола тавассути квотаи президентӣ аз ҳисоби хонандагони болаёқати оилаҳои камбизоати вилоят ба муассисаҳои олии ҷумҳурӣ донишҷуён қабул карда мешаванд.

***Маориф.*** Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамои Барнома дар соли 2015 дар вилоят шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ 4093 нафар, миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ 2252, шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ2252, шумораи муаллимон 9072 нафар, таъмин будан бо муассисаҳои томактабӣ (1000 кӯдак синни томактабӣ) 25,0 ҷой ва бо муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба (1000 хонанда) 880 ҷой пешбинӣ шудааст.

Дар асл бошад,соли 2013 шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ 1497 нафар ё 33,8 фоиз, шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3200 нафар ё 17 маротиба зиёд, шумораи муаллимон 5323 нафар ё 58,6


www.ravshanfikr.tj

фоиз, таъмин будан бо муассисаҳои томактабӣ (1000 кӯдакони синни томактабӣ) 23 ҷой ё 92 фоиз ва муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба (1000 хонанда) 865 ҷой, ё 98,2 фоизи нишондиҳандаҳои соли 2015-и Барномаро ташкил медиҳад.

Тӯлисолҳои 2006-2013 дар ҳамкорӣ бо Хадамоти маорифи Оғохон дар ВМКБ 102 адад «Маркази рушди барвақтии кӯдак» таъсис дода шуд ваба ин марказҳо 2040нафар кӯдакон бо теъдоди 156 нафар кормандони соҳавӣ шомил шуданд.

Ҳамзамон,таи ин солҳо 134 мактаб бо теъдоди 772 синфхона барои 18095 ҷои нишаст дар вилоятсохта ба истифода дода шуд.

Дар давоми панҷ сол барои мактабҳои вилоят 362849 китобҳои дарсию таълимӣ дастрас гардид ва дараҷаи таъминоти онҳо бо китобҳои дарсӣ ба 87 фоиз расид. Ҳамаи мактабҳои вилоят пурра бо мизу курсӣ, таҷҳизоти муосири техникӣ ва маводҳои таълимӣ таъмин карда шудаанд.

Дар соли 2011 барои мактабҳои вилоят 12 номгӯй китобҳои дарсӣ бо теъдоди 15828 нусха дастрас гардида, дар 15 адад муассисаҳои соҳаи маорифи вилоят корҳои сохтмонӣ, таъмир ва азнавсозӣ анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, мактаби Президентӣ барои 640 ҷой дар шаҳри Хоруғ, хобгоҳи омӯзишгоҳи касбии техникии деҳоти Навобод барои 200 ҷой ва бинои маъмурии Донишкадаитакмилииихтисоси муаллимонба истифода дода шуданд.

Соли 2012 бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки Сарвари давлат Мактаб-интернати умумиҷумҳуриявииноҳияи Рӯшон барои 640 нафарба истифода дода шуда, айни замон дар он 232 нафар хонандагони ятиму бепарастор вааз оилаҳои камбизоат таҳсил доранд.Дар ноҳияҳои вилоят соли 2012 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣсохтмони 9 мактаб бо 76 синфхона барои 1248 ҷойи талаба ба маблағи 5698

ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ анҷом дода шуданд. Дар ноҳияи Ванҷ мактаб бо 10 синфхона барои 240 ҷой бо арзиши 1256,7 ҳазор сомонӣ ва буғхонаи мактаби маркази ноҳияи Мурғоббо арзиши 400 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар соли 2013 бошад дар вилоят 5 мактаби замонавӣ бо 55 синфхона барои 738 ҷойи талаба бо маблағи 5798,2 ҳазор сомонӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд.

Дар ин давра 60 адад мактабдар ҳудуди вилоят ба шабакаи Интернет пайваст гаштанд. Ҳамзамон, дар муассисаҳои таълимии вилоят 2270 компютер,400 принтер ва 251 синфхонаҳои компютерӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доранд.

***Тандурустӣ.***Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамои соли 2015-и Барнома шумораи 1859 кат,иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳҳо 846 қабул дар як баст, миқдори муассисаҳои тиббӣ 344 адад, миқдори хонаҳои тиббӣ 190 адад, шумораи кормандони тиббӣ 2192 нафар, таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ: бо катҳо дар беморхонаҳо 75,7, бо духтурон 17,9 духтур, бо кормандони миёнаи тиббӣ 69,2 корманди миёнаи тиббӣ ва бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ 34,4 қабул дар як баст дар назар дошта шуда буд, ки пурра амалӣ нагардид.

Соли 2013 шумораи кат дар беморхонаҳо1985 адад, ё 106,7 фоиз,миқдори муассисаҳои тиббӣ341 адад, ё 99,1 фоиз, шумораи кормандони тиббӣ 3189 нафар, ё 145,4 фоиз, бо катҳо дар беморхонаҳо 128,5 фоиз,духтурон 139,6 фоиз ва бо кормандони миёнаи тиббӣ 136,7 фоиз нисбати нишондиҳандаҳои соли 2015-и Барнома иҷро шуданд.

Воқеан, яке аз масъалаҳои ташвишовар ин фавти модару кӯдак мебошад, ки дар соли 2012 фавти модар 2 нафар (соли 2011 – 3 нафар), фавти кӯдаки то яксола 37 нафар (2011 – 50 нафар), фавти кӯдаки аз 1 то 5 сола 16 (соли 2011 – 22 нафар) нафарро ташкил дод.

Дар соли 2013 фавти кудакони то 1 сола 28 нафар ва кӯдакони аз 1 то 5 сола 12 нафар ба қайд гирифта шудааст.

Сабабҳои асосии фавти модару кӯдак ин нарасидани мутахассисони соҳаи бемориҳои занона дар сатҳи ноҳияҳо, риоя накардани фосилаи таваллуд, ба ташхису табобат фаро гирифта нашудани ҳомиладорони гурӯҳи хавфдор, занони ҳомиладоре, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ бо бемориҳои сироятӣ бармегарданд, кӯдаконе, ки аз модарони дорои бемориҳои камхунӣ ва дигар бемориҳо бо иллатҳои гуногуни модарзодӣ таваллуд мешаванд, мебошанд.

Ҳамзамон, нарасидани мутахассисони дороимаълумоти олӣ дар муассисаҳои тиббию профилактикӣ, хусусан дар ноҳияҳои Мурғоб, Роштқалъа, Шуғнон, Ишкошим ва Дарвоз боиси нигаронӣ аст.

Айни замон муассисаҳои тиббии вилоят ба 98 нафар мутахассисони дорои маълумоти олӣ ниёз доранд.

Бо мақсади амалӣ намудани Барномаи истеҳсоли маводҳои доруворӣ ва иловагиҳои фаъоли биологӣ дар заминаи ашёи маҳаллӣ, бахусус растании ангат, Корхонаи воҳидии давлатии коркарди гиёҳҳои шифобахши «Помир»-и назди Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикфарминдустрия»-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Корхонаи мазкур маводҳои дорувориро бо иқтидори солонаи зерин: равғани ангат – 169 литр; балзами ангат – 100 литр; шарбати ангат – 1820 литр, нӯшобаи олу – 1185 литр ва нӯшобаи хуч – 4408 литр истеҳсол менамояд.

Дар давраи амалӣ гардидани Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ маркази тибби оилавии вилоят самаранок фаъолият намуда, барои вусъат бахшидан ба ҷараёни тайёр намудани духтурони тибби оилавӣ маркази тибби оилавӣ ба Маркази таълимии клиникии тибби оилавии ВМКБ табдил дода шуд. Дар давраи фаъолияти худ мар-

каз аллакай 28 духтури тибби оилавӣ ва 18 ҳамшираи шавқатро тайёр намудааст.

Дар ноҳияҳои Ишкошим, Шуғнон ва Мурғоб марказҳоипешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои вируси норасоии масъунияти одам (ВИЧ-СПИД) таъсис дода шуд. Дар соли 2011 зимни ташрифи Президенти мамлакат хишти аввали таваллудхонаи вилоятӣ гузошта шуда соли 2015 он мавриди баҳрабардорӣқарор гирафт. Бо ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ14 адад бунгоҳҳои тиббӣдар ноҳияҳои Рӯшон ваИшкошим ба маблағи 272,6 ҳазор сомонӣ аз таъмир бароварда шуданд.

Бароитаъминирушдиминбаъдаисоҳа соли 2012 бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони филиали Маркази ҷумҳуриявии хариди доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба маблағи 1 млн. сомонӣ, сохтмонибиноимаъмуриХадамотиназоратидавлатии фаъолиятифармасевтӣ ва озмоишгоҳи вилоятӣ бамаблағи1 млн. сомонӣ анҷомёфта,бамаблағи 696 ҳазор сомонӣ таҷҳизоти тиббии замонавӣ бамуассисаҳоитиббиивилоятдастраскардашуд. Боҷалбимаблағҳои ғайрибуҷетӣсохтмони беморхонаи бемориҳои сили вилоятбо маблағи 4 170 ҳазорсомонӣанҷом ёфта,маркази ташхисии минтақавӣ ба маблағи 1090 ҳазор доллари ИМА аз таъмир бароварда шуда,бо таҷҳизоти муосири тиббӣташхисӣтаъмин кардашуд. Ҳамзамон7 муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббии ноҳияҳо аз таъмири асосӣ бароварда шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ ҷиҳозонда шуданд.

Соли 2013 сохтмони Беморхонаи вилоятии бемориҳои сил барои 45 кати хоб бо маблағи 10 млн. сомонӣ ба анҷом расонда шуда, он бо таҷҳизоти ҳозиразамон мавриди истифодақарор гирифт.Сохтмони бинои шӯъбаи таваллуди беморхонаи вилоятӣ бо маблағи 5220 ҳазор сомонӣ аз тарафи Дирексияи сохтмони иншоотҳои ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонидома ёфта, айни замон 1195,4 ҳазорсомонӣ ё худ 23

фоизимаблағи ҷудошуда истифода шудааст.

Бо дастгирии бевоситаи Хадамоти тандурустии Хазинаи Оғохон Маркази минтақавии ташхисӣ дар назди беморхонаи вилоятӣ бо таҷҳизоти тиббии муосири ташхисӣ ба маблағи 850 ҳазор доллари амрикоӣҷиҳозонида шуда,ба кор шурӯъ намуд.

***Шуғли аҳолӣ.***Дар миқёси вилоят аз ҳисоби ба кор даровардани заминҳои бекорхобида, бунёди боғҳои нав, ташкили сехҳои хурди истеҳсолӣ ва рушди соҳибкорӣ дар соли сипаришуда 12141 ҷойи нави корӣ таъсис додашуд.

Муассисаҳои таълимии давлатӣ ва байналмилалӣ, аз қабили Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, литсеи техникии №77, ташкилоти мададгори мудофиа, филиали фонди Рупонӣ дар шаҳри Хоруғ, намояндагии Имдоди Хумайнӣ дар ВМКБ ба касбомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯи бозори меҳнати муосир машғуланд. Соли 2013 аз тарафи ҳамаи муассисаҳо дар курсҳои кӯтоҳмуддат 10605 нафар ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар давоми соли 2013 дар миқёси вилоят 49 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ гузаронида шудаанд, ки дар онҳо 1031 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод гардида, ба 584нафар роҳхат барои кор дода шуда, 520 нафар бо кор таъмин, 695 нафар ба касбомӯзӣ ва 263 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифташуданд.

***Фарҳанг.*** Айни ҳол, дар вилоят 146 муассисаҳои клубӣ, аз ҷумла 3 маркази фарҳангӣ – фароғатӣ, 7 адад хонаи фарҳангии ноҳиявӣ, 54 адад хонаи фарҳангии деҳот, 69 адад клуби деҳотӣ, 18 адад клуби сайёр фаъолият карда истодаанд.

Инчунин, дар вилоят 185 китобхонаи оммавӣ, 10 осорхона,5 театр, 10 адад мактабҳои санъат,аз он 3 мактаби мусиқӣва 1 адад маркази эҷодиёти халқ, 2 адад хонаи методии вилоятӣ, 1 адад хонаи методии шаҳр ва ноҳияҳо,6 адад ансамбли «Навои Бадахшон», 8 адад ансамбли «Тарона ва рақси мардумӣ» мавҷуданд.

ТибқиБарнома дар шаҳри Хоруғ театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Меҳрубон Назаров ва қасри фарҳангги ноҳияи Дарвоз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозӣ гардида, қасрҳои фарҳангии ноҳияҳои Ишкошиму Роштқалъа аз таъмири асосӣ баровварда шуданд. Сохтмони қасрҳои фарҳангии маркази ноҳияи Рӯшон, ҷамоати деҳоти ба номи Гадолиеви ноҳияи Роштқалъа, хонаи фарҳангии ҷамоати деҳоти Техарви ноҳияиВанҷ ба истифода дода шуданд.

***Табъу нашр.*** Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамои соли 2015-и Барномашумораи рӯзномаҳо 14 номгӯй ва теъдоди нашри 500,0 ҳазор нусхаро дар бар мегирад. Иҷроиш мутаносибан 8 номгӯй ва 110,0 нусхаро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иҷроиши шумораи рӯзномаҳо 57,1 фоиз ва теъдоди нашр 22,0 фоизро ташкил медиҳад.

Сабаби кам гардидани шумораи рӯзномаю маҷаллаҳо дар вилоят инкӯҳна, фарсуда ва ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набудани базаи моддӣ-техникӣ ва таҷҳизоти чопии КВД матбааҳои вилоятба вуҷуд омадааст.

***Телевизион ва радиошунавоӣ.***Фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои радио ва телевизион дар солҳои охир, махсусан, доираи намоишу шунавонидани барномаҳо васеъ гардидааст вапахшимавҷҳоирадио ва телевизион идома дода мешаванд.

Аз ин лиҳоз, талабот оиди таъмини ҳарҷӣ бештари аҳолии вилоят ҷиҳати гирифтани иттилооти дақиқи ҳамарӯза афзоиш ёфта, эҳёи радиоҳои маҳаллии шаҳрию ноҳиявӣ ба воситаи мавҷ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бандҳои ноиҷрои Барнома, ки бояд то соли 2015 дар якҷоягӣ бо вазорату кумитаҳои ҷумҳуриявӣ бо ҷалби маблағгузориҳои мустақими хориҷӣ ба иҷро расонда мешуданд, инҳо мебошанд:

*Соҳаи саноат*

- ташкилисех оид ба истеҳсоли арматура дар шаҳри

Хоруғ;

- ташкили корхонаи хурд оиди истеҳсоли нӯшокӣ ва равғаниангат дар шаҳри Хоруғ;
- ташкили корхона оидикоркардипашм, истеҳсоли ресмонипашмӣ вамаҳсулот дар шаҳри Хоруғ (коркарди 378 тонна пашминошуста дар як сол);
- ташкили корхона оиди коркарди ашёи пӯст ва коркарди он даршаҳри Хоруғ (коркарди 7400 дона ашёи пӯст ва истеҳсоли 610ҳазор дм 2 дар як сол);
- сохтмоникорхонаи нав оид ба коркарди сангҳо дар ноҳияи Дарвоз (бо иқтидори истеҳсолии 70 ҳазор дона масолеҳи бужутерӣ ва гирдшакл);
- сохтмони заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ванҷ (бо иқтидори 20 ҳазор тонна семент дар як сол);
- таҷдиди корхонаи «Хрустал» оиди коркарди сангҳо (бо иқтидори плитаи мармарӣ 35 ҳазор м2, блокҳои мармарӣ 5,5 тонна, хокаи мармар 3 ҳазор тонна);
- ташкили корхонаи хурд оиди коркарди мева ва сабзавот дар деҳаи Шпати ноҳияи Рӯшон;
- ташкили корхонаи муштарак дар заминаи кони «Икар» ноҳияи Рӯшон;
- сохтмони корхона оиди истихроҷи тилло дар кони «Баҷу»ноҳияи Рӯшон;
- ташкили корхонаи муштарак оид ба истихроҷ ва коркарди ашёи мармар дар заминаи корхонаи «Лаъл» ноҳияи Шуғнон;
- ташкиликорхонаи хурди оби минералӣ дар деҳаҳои Гарм-чашма, Сист, Қозидеҳи ноҳияи Ишкошим;
- коркардикони шпинели асил дар кони «Кӯҳи Лаъл» (истеҳсоли шпинел – 50 ҳазор карат, клиногумит – 1,2 кг);
- сохтмони корхонаи нав оид ба коркарди сангҳо дар ноҳияи Ишкошим (бо иқтидори истеҳсолии 80 ҳазор дона масолеҳи бужутерӣ ва 50ҳазор дона сангҳои теғакунонидашуда);

- комбинати маъдантозакунӣдар кони бори Ак – Архар;
- ташкили корхонаи хурд оид ба истеҳсоли намаки ошӣ дар кони Шорбел;
- сохтмони корхонаи нав оид ба коркарди сангҳо дар ноҳияи Мурғоб (бо иқтидори истеҳсолии 50 ҳазор гр ёқути бойгардонидашуда).

*Соҳаи энергетика*

- сохтмони НБО –и Курговад 0,4 МВт;
- сохтмони НБО-и Паткуноб 0,5 МВт;
- сохтмони НБО – и Чартем 14 МВт дар ноҳияи Шуғнон;
- оғоз намудани бунёди сохтмониНБО – и Себзор (10 мВт) дар ноҳияи Роштқалъа;

*Соҳаи геология*

- тадқиқот вакоркарди скаполити асили дар кони «Кукурт»;
- ташкили корхона оиди истихроҷитилло дар конҳои Рангкул;
- ташкили корхона оиди истихроҷи нуқра дар кони Кара-Ҷилга;
- истихроҷи кони турмалинаиполихромии « Мика» (бо истеҳсоли солонаи кӯҳӣ – 1731 ҳаз. м3);
- сохтмони корхона оиди истихроҷи нуқра дар кони «Оқчилга»;

*Рушди иқтисодиёти ВМКБ дар ду соли охир*

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони аҳолии вилоят 31июли соли равон иброз дошт, ки Ҳукумати кишвар пайваста азму талош дорад, ки бо татбиқи нақшаву барномаҳои рушд пешрафти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла Кӯҳистони Бадахшон таъмин карда шавад. Танҳо давоми се соли охир, таъкид дошт Роҳбари давлат, – барои рушди вилоят беш аз як миллиарду 700 миллион сомонӣ равона карда шудааст. Дар ин давра аз

буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии буҷети вилоят ва пардохи нафақа зиёда аз 600 миллион сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои асосии марказонидашуда барои сохтмони иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ 223 миллион сомонӣ равона карда шудааст. Дар зарфи солҳои истиқлолият дар қаламрави вилоят 25 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 1 миллиард сомонӣ мавриди амал қарор гирифта, аз онҳо то имрӯз татбиқи 17 лоиҳа дар ҳаҷми зиёда аз 280 миллион сомонӣ ба анҷом расидаанд. Аксарияти ин лоиҳаҳо ба амалӣ гардидани се ҳадафи стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ равона шудаанд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар соли 2014дарвилоят аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар 284 иншоот ба маблағи зиёда аз 400 млн сомонӣ, ки зиёда аз 80 фоизашро маблағгузории давлатӣ ташкил медод, корҳои сохтмонӣ ва таъмиру азнавсозӣ анҷом дода шуда, 136 иншоот бо арзиши умумии 202,3 млн. сомонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Корҳои созандагиюбунёдкорӣ дар соли равон боз вусъати тоза пайдо намуданд. Айни замондар 198 иншооти хурду бузургкорҳои сохтмонӣ бо маблағгузории қариб 200 млн сомонӣ идома доранд ва бо иштироки бевоситаи Роҳбари давлат9 иншооти аҳамияти иҷтимоию иқтисодидошта бо арзиши90 млн сомонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ҳаҷми даромади буҷети маҳаллӣ пайваста зиёд гардида, ба дастгирии соҳаҳои афзалиятнок, бахусус,бахшҳои иҷтимоӣ диққати асосӣ равона карда мешавад.

Агар соли 1992 буҷети вилоят 476 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2000-ум он ба 4 млн 306 ҳазор, соли 2005-ум 28 млн. 249 ҳазор ва имсол бошад, зиёда аз 207 миллион сомонӣ тасдиқ гардидааст, ки ба-

рои пешрафти бонизоми босуботи соҳаҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.Яъне буҷети вилоят нисбати соли 1992 ба андозаи400 маротиба ва нисбати соли 2000-ум қариб 46 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми даромадҳои худии буҷети маҳаллии вилоят дар панҷ соли охир 2,2 маротиба зиёд гардид.

Иҷрои нақшаиқисмидаромадибуҷети вилояттанҳо дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ аз рӯи даромадҳои худи буҷети вилоят ба андозаи 117,6 фоиз таъмин гардид (нақша 24651696 сомонӣ, иҷро 29001570 сомонӣ)таъмин гардид. Дар ин давра маблағҳои мақсаднок 95,7 фоиз (нақша 90492000 сомонӣ, иҷро 86583160 сомонӣ) ба буҷети маҳалӣ ворид шуданд.

Барои ба иҷро расониданиталаботҳои мазкури Барнома, тараққиёти афзалиятноки иҷтимоӣ-иқтисодии ВМКБ ва аз бӯҳрон баровардани он амалигардонии чорабиниҳои зерин дар солҳои минбаъда ба мақсад мувофиқ аст.

1. Барои дар ҳаёт татбиқ намудани қарорҳои қабул гардидаи Ҳукумати ҶТ оид ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят дар давраи то соли 2015 ва дигар нақшаҳои соҳавӣ бояд кӯшиши зиёд ба харҷ дод.

2. Барқарор намудани фаъолияти мунтазами корхонаҳои саноатии қаблан сохташуда: корхонаи коркарди санги «Хрустал» дар ноҳияи Ванҷ ва «Лаъл» дар ноҳияи Шуғнон, фабрикаи мурғпарварӣ дар қишлоқи Буни, фабрикаи дӯзандагӣ, заводи оҳану бетон, заводи нон ва устохонаҳои таъмиру механикӣ дар шаҳри Хоруғ ва ғайра.

3. Бо мақсади таъмин намудани талаботи аҳолӣ ва идораю муассисаҳо бо сӯзишворӣ мебояд истеҳсоли ангиштсангро дар кони Равноб ба роҳ монд. Аз рӯи тасниф ин ангиштсанг ба тамғаи ГЖ (газӣ, равғанин) бо калориятнокии 7575 ккал/кг тааллуқ буда, бо ибораи дигар ангиштсанги баландсифат мебошад. Азхуд намудани ин қисмат метавонад аз рӯзнома масъалаи бо сӯзишворӣ таъмин намудани талаботи вилоят бо сӯзишвории кон-


www.ravshanfikr.tj

дикционии истеҳсоли худии нисбатан арзон дар муқоиса бо сӯзишворие, ки аз хориҷ ба вилоят интиқол мегардад, аз миён бардорад.

4. Дар марҳилаи ҳозира дар вилоят истихроҷ ва коркарди пурраи ашёи сангҳои ранга дар асоси вусъатдиҳӣ ва азнавсозии фабрикаи «Хрустал», фабрикаи «Лаъл», ташкил намудани филиали онҳо дар навоҳии Ванҷ, Мурғоб, Роштқалъа ва Ишкошим яке аз корҳои амалишаванда ва дастрас мебошанд. Истеҳсоли рӯйкашҳои мармарӣ, тахтасангҳои зебу зиннатӣ, маҳсулоти маросимӣ, хокаи мармарӣ, молҳои ниёзи мардум аз сангҳои рангин бояд натанҳо дар эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ, балки барои содирот ба мамолики дигар равона гардида бошанд.

5. Дар асоси масолеҳи сохтмонии кашфшудаи маҳалӣ ташкил намудани истеҳсоли семент, хишт, оҳак ва дигар масолеҳи бинокорие, ки ба вилоят аз дигар навоҳии ҷумҳурӣ ворид шуда, арзиши он гарон меафтад. Барои ин сохтмони заводҳо бо иқтидори миёна барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аз қабили семент, хишт, конструксия ва қисмҳои оҳану бетонӣ ба мақсад мувофиқ аст. Истеҳсоли маҳсулот нафақат барои қонеъ гардонидани талаботи бозори худӣ равона карда шавад, балки барои савдо дар бозори наздисарҳадӣ низ ташкил карда шавад, то ки равобити нақлиётӣ-иқтисодӣ бо давлатҳои ҳамҷаворвусъат ёбад.

6. Дар вилоят аз нав барқарор намудани артелҳои заршӯӣ (то с. 1950) аз ҷумла дар конҳои хомрезаи тиллои Рангкул ва Сауқсой, нуқра дар Туқузбулоқ, Оқҷилга ва дигарон ба мақсад мувофиқ аст. Артелҳо аз нуқтаи назари ғунҷоиши камтарини захиравӣ ва соддатарин воситаи истеҳсолӣ хоҷагиҳои дорои самаранокии баландтарин маҳсуб меёбанд. Онҳо барои харидани таҷҳизоти гаронбаҳо ва сарфиёти ҳуҷҷатӣ маблағгузориҳои калонро талаб намекунанд. Артел метавонад дар ҷое, ки бунёди конҳои калон манфиатбахш нестанд, тилло ва нуқраро дар конҳои хурде, ки захираашон аз 1 тонна камтар аст,

истихроҷ намояд. Барои хоҳишмандоне, ки бо фаъолияти заршӯӣ барои истихроҷи оҳанҳои қиматбаҳо мехоҳанд машғул шаванд, бояд лисензия дода шавад.

7. Дар алоқамандӣ бо барқароршавии ҳаракати шабонарӯзии нақлиёти автомобилӣ байни вилоят ва навоҳии ҷануби мамлакат, бо мамолики ҳамсарҳади Чин, Қирғизистон, Афғонистон ва дар оянда Покистон, афзоиши рӯзафзуни боркашонӣ ва мусофиркашонӣ аз ҳамаи самтҳо дар шаҳри Хоруғ ва марказҳои ноҳияҳои ҷудогона таъсис додани сехҳои таъмир ва хизматрасонии техникии автомашинаҳо, техникаи сохтмону роҳсозӣ ва маишӣ ба мақсад мувофиқ аст.

8. Дар асоси истифодабарии маҳсулоти чорводории маҳалӣ пӯст ( на кам аз 100 ҳаз. дона ҳар сол) ва пашм и нахи холис то 200 тонна ташкил кардани корхонаҳо барои истеҳсоли пӯстин, борхалтаҳои мардонаву занона ва барои хоҷагӣ дастпӯшаку пойафзоли чармин; корхонаҳо барои тозакунии ибтидоии пашм ва истеҳсоли ресмону калобаҳои пашмӣ, ки барои истеҳсоли масолеҳи ҷӯроб, дастпӯшак ва масолеҳи трикотажӣ. Ҳозир ба ғайр аз истифодабарии ҳиссаи ночизи захираҳои ин ашё барои эҳтиёҷи рӯзмараи аҳолӣ боқимонда бефоида аз даст меравад.

9. Дар асоси истифодабарии гиёҳҳои шифобахши маҳаллӣ (беш аз 220 намуд) сохтмони заводи фармасевтӣ барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр зарур аст. Заводро дар асоси фоидаи тарафайн бо ширкатҳои ҳавасманди хориҷӣ, масалан, Чин ва Ҳиндустон, ки дорубарорӣ соҳаи пешрафтаи онҳост, сохтан мумкин аст. Дар замони Шӯравӣ сохтмони заводи фармасевтӣ ба нақша гирифта шуда, майдончаи сохтмонии он дар шаҳри Хоруғ ҷудо карда шуд, вале аз сабаби пошхӯрии ИҶШС лоиҳа амалӣ нагардид.

10. Дар асоси истифодаи меваи фоиданоки ангат, ки ҳар сол аз он то 450-500 т. ва настаран 90-100 т. мева тайёр кардан мумкин аст, ташкил намудани корхонаҳо ба-

рои истеҳсоли шарбату равғани нӯшокӣ ва муоличавӣ. Дар марҳилаи байнифаслии солиқтидори корхонаҳоро барои консервакунонии меваю сабзавот истифода бурдан мумкин аст.

11. Дар заминаи Институти биологии Помир АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси лабораторияи илмӣ барои коркарди гиёҳҳои шифобахши худрӯи радиолаи гулобӣ бо паҳнкунии минбаъдаи он дар вилоят ва таҳияи технологияи парвариши он дар шароити миёнакӯҳӣ. Мисли кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки решаи мардумгиёҳро,парвариш карда даромади зиёд мегиранд, дар шароити Помир низ радиолаи гулобиро, ки аз ҷиҳати таъсири манфиатбахши худ байни дигар растаниҳои хоҷагии қишлоқ беҳамто аст, бояд чун зироати кишоварзӣпарвариш кард.

12. Помир бо чашмаҳои зиёди минералӣ ва шифобахши худ машҳур аст, ки онҳо батаври бояду шояд истифода намешаванд. Чашмаҳои минералӣ ҳамчун оби шифобахш ва нӯшокӣ дастрас буда, обҳои термалиро бошад барои истироҳатгоҳҳои муоличавӣ истифода намудан бамаврид аст. Обҳои минералӣ ва термалии Помир бо хусусиятҳои муоличавӣ ва пешгирикунандаи бемориҳо аз обҳои Қафқоз бартарӣ дошта, истифодаи онҳо ба манфиати мардум шарт ва зарур аст.

Баландкӯҳии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Помир, дорои захираҳои зиёди инсонӣ, ашёи хом, обӣ, истироҳатгоҳ, биологӣ ва растанӣ мебошад, ки онҳо натанҳо дар ҳудуди минтақа, балки дар миқёси дунявӣ арзиши калон доранд.

Рушди манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон бо хусусиятҳои табиӣ-иқлимии онҳо, шароити ниҳоии муҳит ва таъсири он ба солимии инсон, дурӣ аз марказҳои аз ҷиҳати иқтисодиёт мутараққӣ, масоили нақлиёт ва алоқа, мушкилоти ташкили базаи моддӣ-техникӣ дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг алоқаманд аст.

Нарасидани воситаҳои гармидиҳӣ, чарондани ному-

раттаби ҳайвонот ба нестшавии майдони тезкану ҷангал ва харобшавии алафзору эрозияи обу хок оварда расонд.

Бадшавии вазъи экологӣ дар минтақа дар ҳамбастагӣ бо сарбории афзуншавандаи таъсири инсонӣ, мушкилоти гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ зарурияти ҷумҳурӣ роҳҳои нав дар ҳаҷми вазифаҳои рӯзмарраро пеш овард, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиии манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон, омӯзиши мунтазам ва мониторинг, таҳия ва амалисозии чорабиниҳо оиди рушди устувори онҳо мусоидат мекунад.

Барои таъмини рушди устувори манотиқи кӯҳистон истифодаи оқилонаи захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, об ва замин, ашёҳои минералӣ ва истироатгоҳҳоро аввалиндараҷа бояд шинохт.

– барои ҳалли масоили энергетикӣ фаъолгардонии кор оиди истифодаи сарчашмаҳои алтернативии неруҳо; неруи офтоб, неруи шамол ва обҳои гарм зарур аст;

– сифати корҳои тадқиқотӣ ва муҳандисӣ, ҳангоми сохтмони неругоҳҳои хурди барқии обӣ, беҳтар карда шуда, НБО-ҳои хурди мавҷуда аз таъмир бароварда шуда мавриди истифода қарор гиранд;

– ҳамкории тарафайни марказҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва ташкилотҳои дигар, ки ба омӯзиши манотиқи кӯҳистон сару кор доранд, вусъат дода шавад;

– масъалаи таъсиси системаи ягонаи иттилоотии Осиёи Марказӣ доир ба омӯзиши ҳудудҳои кӯҳӣ дастгирӣ карда шавад;

-барномаҳои махсус оиди ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ, масъалаҳои экологӣ ва баланд бардоштани фарҳанги экологии аҳолии минтақаҳои кӯҳистон таҳия карда шавад;

– тадқиқоти комплексии масъалаҳои навъсозии экосистемаҳои табиӣ ва таъсиси базаи компютерии маълумотҳои экосистемаба роҳ монда шавад;

– нашри даврии нашрияҳои (булетенҳои) иттилоотӣ доир ба масоили экологӣ, захираҳои табиӣ ба роҳ монда,

ба барномаҳои таълимии донишгоҳҳо масоили истифодаи неъматҳои табиӣ дар манотиқи кӯҳистон дохил карда шавад;

– барномаи илмии рушди манотиқи баландкӯҳ бо ба ҳисоб гирифтани имкониятҳо ва масъалаҳои воқеии онҳо таҳия ва қабул карда шавад;

– Ҳукумати ВМКБ барномаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ, беҳтар намудани шароити иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ, лоиҳаҳои барномаҳои рушди соҳаҳои мухталиф, дар мадҳи аввал таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, коркард ва фурӯши маҳсулот, инфрасохтор барои инкишофи туризм таҳия намоянд;

– Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати ВМКБ додани лисензия ва иҷозатнома барои кор дар ҳудуди минтақаҳои кӯҳистон ба экспедитсияи илмӣ, шахсони воқеӣ ва сайёҳонро ба низом даровварда, масъалаи вазъи ногувори ҳайвоноти нодири ба китоби Сурх дохилшуда, ҳисоби саршумори онҳо, қабл аз ҳама гӯсфанди Марко Поло ва морхурро дида бароянд. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, масъалаи кам кардани шикори ҳайвоноти нодир, фароҳам овардани шароит барои қатъиян манъ кардани шикори ғайриқонунӣ баррасӣ намоед. Додани лисензия барои шикор ё доштани намудҳои нодири ҳайвонот дар мувофиқа бо АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад;

– аз Кумитаи давлатии заминсозӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсида шавад, ки гузаронидани инвентаризацияи захираҳои замини ВМКБ-ро тезонида, ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ пешниҳод оиди пурзӯр намудани чораҳои ҷазо барои вайрон намудани Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр намояд;

– бо мақсади баланд бардоштани самаранокии амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳои мухталиф, баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва маъсулияти ВМКБ дар ҳалли масоили истифодабарии захираҳои табиӣ дар ҳудуди худ, ба

роҳ мондани ҳамкории бевосита бо сармоягузорони хориҷӣ, мувваҷатан ба вилоят додани истиқлолияти бештар дар истифодабарии захираҳои табиӣ, додани лисензия барои шикор, ҳуқуқи пеш бурдани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, додани шиносномаҳои хориҷӣ ва визаҳо, ки тибқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дида баромада шавад;

– ташкилотҳои байналмиллалӣ ва хазинаҳое, ки дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон фаъолият доранд, имконияти кушодани намояндагони худро дар ҳудуди ВМКБ дида бароянд, то ки бо мушкилиҳои аҳолии минтақаҳои баландкӯҳ чуқуртар ошно гардида, сифату самараи татбиқи чорабиниҳои аввалиндараҷаро таъмин намоянд.

## СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## (солҳои 1991-2016)

Раванди ислоҳоти иҷтимоӣ, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ (ИҶШС) дар солҳои 1980-ум оғоз ёфта буд, ба сиёсати хориҷӣ низ таъсир намуд. Дар ин раванд барои баланд бардоштани нақши ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар идоракунии давлат, минҷумла, соҳаи сиёсати хориҷӣ аҳамияти муҳим дода мешуд. Дар иртибот ба ин тирамоҳи соли 1989, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии (ҶШС) Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ барқарор карда шуд, ки вазифаи он вобаста ба воқеияти нави дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ ташаккулёбанда муайян мешуд. Аз 12 маи соли 1944 вазифаи идораи сиёсати хориҷиро дар ҶШС Тоҷикистон Комиссариати Халқии корҳои хориҷӣ ва аз соли 1946 бошадВазорати корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон иҷро

мекард.[1]

Аз соли 1990 ҶШС Тоҷикистон ба ҳайси субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ баромад мекунад, ки он дар Изҳорот оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар сессияи дуюми Шӯрои ОлииҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 қабулшуда чунин дарҷ гардидааст: «ҶШС Тоҷикистон муносибатҳои мустақимро бо давлатҳои хориҷӣ ба татбиқ расонида, бо онҳо шартномаҳои хусусияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмию техникӣ дошта мебандад, мубодилаи мушовирони дипломатӣ, консулӣ, намояндагиҳои тиҷоратиро анҷом медиҳад, дар ҳолати зарурӣ дар фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ иштирок менамояд. ҶШС Тоҷикистон ҷонибдори мабдаҳои маъмули эътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳалли кулли ихтилофот бо роҳҳои сиёсӣ буда, ҳуқуқ, озодӣ ва истиқлолияти кулли халқҳо ва кишварҳоро эҳтиром мекунад, ба дӯстӣ, бародарӣ ва рушди минбаъда дар кулли ҷаҳон кӯшиш ба харҷмедиҳад».[2]

Зимни он ба назар гирифтан зарур аст, ки раванди ташаккулёбии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ин давра дар вазъияти бӯҳрони тезутундшавии иҷтимоию сиёсӣ сурат мегирад: шароити торафт мураккабшавандаи иқтисодӣ якҷоя бо тезутундшавии ихтилофоти иҷтимоӣ, қавмию-ҳудудӣ шиддат меёбад. Воқеан, аз моҳи феврали соли 1990 оғоз карда, ҷумҳурӣ ба сӯи ҷанги шаҳрвандӣ мерафт. Ба ғайр аз ин, сохтмони низоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон бо мушкилотҳо ва душвориҳо дучор мешавад, ки бар ҳар яке аз ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқӣ хос буд. Ба онҳо, дар навбати аввал, мавҷуд набудани док-

---

[1]Қонун оид ба таъсиси Комиссариати Халқии иттиҳоди ҷумҳуриявии ҶШС Тоҷикистон //Дипломатияи Тоҷикистон. Бюлеттени иттилоотӣ. - 2002. – С. 173.

[2]Изҳорот оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон. 24 августи с.1990. – Душанбе. – 1990.

тринаи худии оид ба сиёсати хориҷӣ, норасоии муассисаҳои хориҷӣ (сафоратхонаҳо, консулигариҳо, намояндаҳои тиҷоратӣ) шомил буданд.

Марҳалаи нав дар таърихи фаъолияти байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 оғоз меёбад. Асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар Баённома оид ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шудааст: «Дар муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳайси субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ баромад карда, дар фаъолияти худ барои ба даст овардани сулҳи пойдор, маҳв кардани яроқи заррaӣ, роҳ надодан ба истифодаи неруи ҳастаӣ дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофот дар байни давлатҳои соҳибистиқлол, ҳамкориро дар байни онҳо барои ҳалли масоили ҷаҳонӣ, ки дар назди инсоният истодааанд, инкишоф медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон худро барои ба имзорасонии мустақими тавофуқномаҳо ва шартномаҳои дуҷониба ва ҳамаҷонибаи баробарҳуқуқ ва ба манфиати тарафайн, ки манфиатҳои ягон давлатҳои соҳибистиқлолро халалдор намесозад, бо кулли шарикон бе ҳеҷ гуна шарту шароити қаблӣ кушода эълон мекунад».[1]

Дар охири соли 1991 ва аввали соли 1992 раванди эътирофи расмии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон сурат гирифт. Тоҷикистон аз ҷониби зиёда аз 40 давлат эътироф карда шуд.[2] Илова бар ин, сафарҳои расмӣ ва кории намояндагони кишварҳои пешрафтаи минтақа ва ҷаҳон ба кишвари мо оғоз гардид. Аммо, ҷанги шаҳрвандие, ки баҳори соли

---

[1] Эъломия дар бораи соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дипломатияи Тоҷикистон. Бюллетени иттилоотӣ. – 2002. - № 2. – С. 175.

[2] Саидов З., Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. – Душанбе, 2005. – С. 404.

1992 ба вуқӯъ пайваст, ба зудӣ ҳамаи ин дастовардҳоро дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ таҳти шубҳа гузошт. Дар ин замон баъзе намояндагиҳои хориҷӣ, ки то ин вақт дар Душанбе ифтитоҳ ёфта буданд, ба ихтисор кардани шумораи дастгоҳи худ сар карда, ҳатто фаъолияти худро умуман қатъ намуда кишварро тарк мекарданд. Масалан, 24 октябри соли 1992, ҳангоме ки қисмҳои Ҷабҳаи Халқии Тоҷикистон барои ба даст овардани муассисаҳои давлатӣ дар шаҳр кӯшиш намуданд, аз Душанбе ҳайати шахсии сафоратхонаи Амрико дар Тоҷикистон бароварда шуд.

Муносибатҳои тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари кишварҳо ба таври сареъ то ба сифр поин фаромад. Мавқеи нисбатан собитро дар муносибатҳо дар ин давра Федератсияи Россия ишғол менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки ин новобаста аз адами консептсияи возеҳи сиёсати хориҷии худи Россия дар ин давра ва алорағми мавқеи аврупосентристии роҳбарияти онвақтаи кишвар ба вуқӯъ мепайваст. Ҷойи махсуси Тоҷикистон дар миёни давлатҳои осиёимиёнагӣ ҳам бо вазъияти бесуботи Афғонистон ва ҳам бо равандҳои мубориза таҳти шиори динӣ барои ҳокимият дар кишвар аз ҷониби Оппозитсиюни муттаҳидаи тоҷик дар аввали солҳои 1990 вобастагӣ дошт. Роҳбарияти либералию демократии Федератсияи Россия дар ин давра ташвиши бештареро нисбати дурнамои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо намудани давлати теократӣ ва ҳамчун оқибати ин раванд – исломишавии ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Миёна, ва баъд аз он Поволже ва Урали Ҷанубӣ, Сибир ва Кавказ зоҳир мекард. Аз ин рӯ, аз ҷониби роҳбарияти Федератсияи Россия қарор қабул карда шуд, ки тибқи он дар Тоҷикистон дивизияи 201-уми тирандозӣ (аз декабри соли 1991 то соли 1992 – дар ҳайъати қушӯнҳои ИДМ), объекти қушӯнҳои кайҳонии «Окно» дарНорак ва ташкил додани Гурӯҳи қушӯнҳои сарҳадии Россия нигоҳ дошта мешу-

данд. Омилҳои зикршуда самти асосии муносибатҳои байнидавлатиро байни Россия ва Тоҷикистон, ки барои соли 1997 хос буд, яъне соҳаи низомию сиёсиро муқаррар намуданд. Новобаста аз ин, дар маҷмӯъ нимаи аввали солҳои 1990-ум дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон бо адами вектори муайяни аз нуқтаи назари сиёсат асосноккардашудаи инкишоф тавсиф карда мешавад ва метавонад ҳамчун марҳалаи ташаккули системаи муносибатҳои сиёсии хориҷӣ дар шароити истиқлолияти воқеӣ дониста шавад.

Нишонаҳои аввалинро дар самти сиёсати хориҷии давлат дар маърӯзаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар сессияҳои Ассамблеяи Генералии СММ дар солҳои 1993-1997 дарёфт кардан мумкин аст. Масалан, 30 сентябри соли 1994 дар сессияи Ассамблеяи Генералии СММ дар Ню-Йорк Эмомали Раҳмон изҳор намуд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои аввалинро ба ҳайси субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ мегузорад. Ман бо қаноатмандии амиқ зикр менамоям, ки мо овози баробарро дар ҳамкории миллатҳо ба даст овардем ва дарк менамоем, ин ҳуқуқи мӯътабар ба ӯҳдаи мо вазифаҳои муҳимро вомегузорад».

Дар худи ҳамин суханронӣ Президент Эмомали Раҳмон маротибаи якум афзалиятнокии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои ИДМ зикр намуд. Дар айни ҳол ӯ изҳор намуд, «аҳамияти ҳарду самти фаъолияти мо дар доираи ИДМ барои Тоҷикистон баланд аст. Сухан дар бораи муносибатҳо бо Россия ва давлатҳои осиёимарказӣ меравад».[1] Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, инчунин ИМА дар қатори давлатҳое номида шуданд, ки ба Ҳукумати Тоҷикистон

[1]Саидов З., Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. – Душанбе, 2005. – С. 404.

дар давраи ибтидоии ҷанги шаҳрвандӣ нисбатан дастгирии зиёд намуданд.

Изҳороти Президенти Тоҷикистон аз минбари СММ ақидаи қаблан баёншударо оид ба афзалиятнокии рушди муносибатҳои байналхалқӣ дар фазои баъдишӯравӣ барои Тоҷикистон тасдиқ намуд: «Тоҷикистон ба таҳким намудани муносибатҳои байнидавлатӣ дар доираи ИДМ ва қабл аз ҳама, бо Россия диққати махсус медиҳад. Россия кишвари абарқудрати ҷаҳонӣ мебошад, ҳалқаи мустаҳкамкунандаи Иттиҳоди мо мебошад. Ва мо дар Тоҷикистон рушди минбаъдаи худро бо роҳи бунёдкорӣ бе муноисибатҳои байнидавлатии солим, инкишофёбандаю пурарзиши байни Россия ва Тоҷикистон тасаввур карда наметавонем».[1]

Дар худи ҳамин ҷо масъалаи амният, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман барои минтақа ниҳоят муҳим буд, ёдрас карда шуд, ки бо бесуботии низомию сиёсӣ дар Афғонистон вобаста буд. Масъалаи мазкур дар идомаи солиёни дароз ҳамчун яке аз масоили марказии байналхалқӣ барои Тоҷикистон боқӣ монд. Зикр намудан лозим аст, ки Тоҷикистон масъалаи Афғонистонро доимо таҳти назар қарор медошт ва аллакай дар оғози солҳои 1990-ум онро ҳамчун таҳдиди дар миқёси ҷаҳонӣ дошта таъриф додааст: «Моҷарои афғон худ Ҳамоноюли хатарноки ба вуҷуд омадани воҳидҳои ҷуғрофии худсарро эҷод менамояд, ки метавонанд ба пойгоҳи терроризми байналхалқӣ, интишори бемуҷозоти аслиҳа ва моводи мухаддир табдил ёбад».[2]

Тоҷикистон якумин шуда аз кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Мусоҳиба бо мухбири рӯзномаи «Россия» Ю.Кушко. //Тысяча лет в одну жизнь Сб. выст., интервью и статей). – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.253.

[2] Раҳмонов Э.Ш. Суханронӣ дар сессияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ, Ню Йорк, 30 сентябри с. 1994 // Тысяча лет в одну жизнь (Сб. выст.). – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.18.

Ҳамоноюлоти геополитикии табдилдиҳии Афғонистонро ба сарназараи хатари глобалӣ дуруст пайхас намуд, ки инсоният онро баъди фоҷиаи 11 сентябри соли 2001 дарк намуд: «Чунин менамояд, ки моҳияти инфиҷории моҷарои ба эътидолнаовардашуда дар Афғонистон аз таҳти назари ҷомеаи ҷаҳонӣ дур афтодааст. Мо амиқ мӯътақид ҳастем, ки Ҳамоноюлоти пухта расидаи моҷаро на танҳо ба бехатарии кишвари мо, балки ба кулли минтақа хатар дошта, таконҳои харобиовари бӯҳрони глобалиро дар худ ниҳон доранд».[1]

Дар ҳамин ҷо накши махсуси Россияро дар таҳкими моҷароҳои минтақавӣ дар фазои баъдишӯравӣ зикр намуда, Эмомали Раҳмон ғояи геополитикии «Аврупои бузург»-ро бо ба он шомил намудани кишварҳои Осиёи Миёна инкишоф дод: «СММ метавонад барои инкишофи ғояи Аврупо дар иртибот ба фазоҳои наву калони Аврупо кӯмак расонад, ки ҳудуди онҳо тибқи назари дигарон, аз нуқтаи назари геополитикӣ аз Владивосток то Ванкувер, аз Дублин то Душанбе, аз Мурманск то Малта тӯл кашидаанд».[2]

Яке аз самтҳои муҳим дар роҳи пеш гирифтаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои якуми истиқлолият пайвастшавии он ба ҷаҳони исломӣ мебошад. Дар ин минвол, илова бар барқарор намудани муносибатҳои дуҷонибаи дипломатӣ бо кишварҳои ҷаҳони исломӣ, иқдоми муҳим ин дохил шудани Тоҷикистон ба узвияти Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ) гардид. Чи тавре, ки Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии VII-уми давлатҳо ва ҳукуматҳои СКИ дар Касабланка зикр намуд: «ҷумҳурии мо дар партави рушди ҳамкории фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ бо кишварҳои Созмон саҳми арзандаи худро ба рушди фарҳанги исломӣ мегузорад.

[1] Ҳамон ҷо – С.27-28.
[2] Ҳамон ҷо.

Муҳим мешуморам зикр намоям, ки тоҷикон дар рушди фарҳанги исломӣ нақши муҳимро бозидаанд»[1].

Дар байни кишварҳои ҷаҳони исломӣ афзалияти инкишофи муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, бо кишвари анъанаи фарҳангию таърихии наздик ва давлате, ки саъю кӯшиши зиёде ба танзими гуфтушуниди байни тоҷикон ба харҷ додааст, ба мушоҳида мерасад: «Далели он, ки Эрон имконоти иқтисодии комил, нуфуз ба кишварҳои минтақат дорад ва он, ки Тоҷикистон метавонад яке аз шарикони муҳими тиҷоратӣ ва иқтисодии он шавад, аз ҷониби мо низ барои таҳкими минбаъда ва амиқ намудани муносибатҳо бо ин кишвари дӯст саъю кӯшиш ба харҷ дода мешавад».[2]

Ҳамин тариқ, дар идомаи солҳои аввали мавҷудияти Тоҷикистони соҳибистиқлол афзалиятҳои геополитикӣ муайян шуда самтҳои асосии роҳи сиёсати хориҷии кишвар ташаккул ёфтанд. Онҳо қабл аз ҳама дар рушду нумӯи муносибатҳои дуҷониба ва чандҷониба бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил зоҳир ёфта буданд. Дар иртибот ба ин муносибатҳо бо Федератсияи Россия, инчунин бо кишварҳои минтақаи осиёимиёнагӣ – Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон сурат мегирифт. «Равобити мустаҳками Тоҷикистон бо ИДМ натанҳо бо робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешакӣ муайян шудаанд. Маълум аст, ки ИДМ аз моҳи декабри соли 1991 дар як дараҷа мебоист фурӯпошии ногузири Иттифоқи Шӯравиро ба танзим меовард. Дар давраи ташаккули ин Иттиҳод равандҳои якҷояшавӣ ва

---

[1]Раҳмонов Э.Ш. Суханронӣ дар вохӯрии VII-уми давлатҳо ва ҳукуматҳои СКИ. Касабланка, 14 октябри с. 1994 // Тысяча лет в одну жизнь (Сб. выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.192.

[2] Раҳмонов Э.Ш. Ҷавобҳо ба саволҳои нашриёти Британияи кабир «Мировой государственный деятель», январи с. 1996 // Тысяча лет в одну жизнь (Сб. выст. речей, интервью и статей). – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.192.

ҷудошавӣ дар кулли фазои ИДМ каму беш якранг сурат мегирифт. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буд, ки дар ин раванд инчунин дар Иттиҳод ҷойи худро муайян намояд. Роҳбарияти сиёсии ҷумҳурӣ бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар ин муносибат мавқеи воқеӣ ва солимро ишғол намуд, Тоҷикистон ба зудӣ қарор қабул намуд, ки роҳи наздикшавӣ ва ҳамгироиро пеш гирад. Ин қабл аз ҳама бо далели манфиатҳои аслии худи ҷумҳурӣ ба миён омада буд. Он гоҳ, дар оғози соли 1993, новобаста аз он, ки Таоҳуднома оид ба бехатарии дастаҷамъӣ баста шуда буд, итминони комил оид ба кафолати бехатарии дохилию хориҷии кишвар вуҷуд надошт. Инчунин возеҳан маълум буд, ки Тоҷикистон бо нерӯҳои худӣ сарҳадҳои берунии худро таъмин карда наметавонист. Илова бар ин, зарурати ҳар чи зудтар бартараф намудани оқибатҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ва тавсеа бахшидани робитаҳои анъанавиро дар фазои баъдишӯравӣ тақозо мекард. Ин ва дигар омилҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор сохт, ки самти афзалиятнокро ба кишварҳои ИДМ интихоб намояд».[1]

Лозим ба ёдоварист, ки афзалиятнокии муносибатҳои байналхалқии Тоҷикистон ва Россия натанҳо бо мавҷудияти ИДМ вобаста буд, балки инчунин бо таърихи чандасринаи ин муносибатҳо, ки то ба давраи давлати Сомониён ва Руси Киевӣ мерасиданд.

Муносибатҳои дипломатии миёни Тоҷикистон ва Россия 8 апрели соли 1992 барқарор карда шуда буданд. Асоси вайроннашавандаи ҳуқуқии рушди ҳозира ва оянда, инчунин амиқ шудани робитаҳои ҳаматарафа, ҳамкории муттафиқонаи ду халқ ва давлати ба ҳам дӯст дар бунёди мустаҳками шартномавӣ қарор гирифтааст, ки санади асосгузорандаи он Шартнома дар бораи дӯстӣ,

---

[1] Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации. – Душанбе: Авасто, 2004. – С. 529-530.

ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила, ки такмили худро дар Шартномаи оид ба ҳамкории иттифоқии байни Федератсияи Россия ва Тоҷикистон зикр ёфта ба асри XX1 нигаронида шудааст, 16 апрели соли 1999 баста шуд.

Новобаста аз он ки бо ба даст овардани истиқлолият ҳарду давлат муносибати худро ба ташаккули сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба таври қатъӣ тағйир доданд, нишонаҳои нави сиёсати хориҷӣ муайян гардиданд. Аммо ба ин нигоҳ накарда муносибатҳои Тоҷикистон ва Руссия моҳияти собитона касб намуда Ҳамоноюл ба ҳамоҳангсозии пайвастаи кӯшишҳо, ки барои баҳамназдиккунии ду кишвар равона карда шудаанд, доштанд.

Зикр кардан лозим аст, ки самти афзалиятноки сиёсати хориҷии ду давлат инкишофи муносибатҳо бо кишварҳои ИДМ чи дар асоси дуҷониба ва чи дар доираи Иттиҳод ва ташкилоти дигар бо иштироки онҳо ба шумор мерафт. Интихоби асосии геостратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати Россия ҳал карда шуд. Россия дар навбати худ инчунин дар миёни шарикон Тоҷикистонро ҳамчун шарики эътимоднок ва пешгӯшаванда ҷудо мекунад.[1]

Вазъияти моҷароангези дар минтақа дар таҳти таъсири омилҳои таҳдидҳои нав ба вуқӯъ оянда, афзоиш додани кӯшишҳои якҷояи ҳарду кишварро дар самти ба танзим даровардани моҷароҳои минтақавӣ ва муқовимат нишон додан ба истилоҳ таҳдидҳои нави давраи муосир, ки аз ҷониби терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва яроқ, ҷинояткории фаромиллӣ ба вуҷуд омадааст, тақозо мекунад.

Равобити сиёсии Тоҷикистон бо Россия аз оғози рушди мустақил дар он асос сохта мешуданд, ки танҳо мусолеҳа ва осоиштагӣ дар минтақа метавонанд фазои мувофиқро барои рушд ва раванди минбаъдаи ҳамкории давлатҳои

---

[1] Лавров С.В. Россия – Таджикистан: новый этап взаимовыгодного сотрудничества //Парламентская газета. – 2005. – 25 ноября.

www.ravshanfikr.tj

минтақа фароҳам оварад.[1]

Дар оғоз ҳузури қушӯнҳои рус дар Тоҷикистон барои он боқӣ монданд, ки дар идомаи соли 1992 Москва идоракуниро аз болои он қисмҳои шӯравие, ки аллакай дар Тоқикистон вуҷуд доштанд (дивизияи тирандозии 201-ум ва сарҳадбонон), ба ӯҳда гирифта буданд. Ҳузури қисмҳои низомии мазкур дар Тоҷикистони баъдиҷангӣ ҳуқуқан бо аҳдномае сурат гирифт, ки дар байни ду кишвар 25 маи соли 1993 дар Москва баста шуд ва он ба ҳузури онҳо статуси қонуниро дар доираи ҳуқуқи байналхалқӣ дод.

Вазъияти низомию сиёсии бавуҷудомада дар Тоҷикистон дар тӯли солҳои 1992-1998, ки бо амалиётҳои ҷангии қатънашаванда байни нерӯҳои ҳукуматӣ ва гурӯҳҳои мухолифини дорои самти мухталифи сиёсӣ фарқ мекард, дар ниҳояти кор моҳият, мазмун ва самтҳои равобити байни ҶТ ва ФР, афзалияти робитаҳои низомию сиёси байни ду кишварро муайян карданд. Ҳадафи ҳамкории низомию сиёсӣ таъмини субот ва амният дар Тоҷикистон мусоидат дар танзими сиёсии моҷарои байни тоҷикон гашт.

Пойгоҳи ҳуқуқии равобити дуҷонибаи низомию сиёсӣ, ки дар аввали соли 1992 гузошта шуда буд, асосан дар моҳи маи соли 1993 ташаккул ёфт. Ҳамчун санади асосӣ дар ин ҷода Созишномаи оид ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки дуҷониба аз 25 маи соли 1993 ба шумор меравад.[2]

Ба ғайр аз Муоҳадаи зикршуда, санадҳои асосӣ, ки муҳтавои ҳамкории низомию сиёсиро муайян месохтанд,

---

[1]Шарипов А.А. Таджикско-российские отношения: состояние и перспективы //Таджикистан и современный мир. – Вестник, 2003. – № 2. – С.17.

[2]Сборник двусторонних договоров, соглашений и других нормативно-правовых документов в области военного сотрудничества, заключённых РФ в 1992-1993 гг. с государствами бывшего Союза СССР. – Москва: Военно издательство, 1994. - С.171-178.

Муоҳадаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи низомӣ, оид ба муносибати байниҳамдигарии эътилофӣ, ки ба асри XXI нигаронида шудааст, оид ба мавқеи ҳуқуқии қисмҳои низомии ҚМ ФР дар ҳудуди Тоҷикистон, Шартномаҳо оид ба статуси ҳуқуқии мавҷудияти пойгоҳи низомии ҚҲ ФР дар ҳудуди Тоҷикистон ва қушӯнҳои сарҳадии Россия дар Тоҷикистон, оид ба таъминоти тиббӣ, молиявӣ ва моддию техникии хизматчиёни низомӣ ва қисмҳом низомии ФР дар ҶТ, оид ба тартиби гузаштани хизмати низомӣ, тайёр намудани кадрҳои афсарӣ баро ҲҲ ҶТ, оид ба ҳамкории низомию техникӣ, оид ба ба фиристодани мушовирон ва мутахассиони низомӣ ба ҶТ, оид ба мушовири калони низомӣ ва ғайра, ҳамагӣ – 18 санад ба имзо расида буд.

Дар ин санадҳо усулҳои асосии рушду нумӯи равобити Россияю Тоҷикистон – баробарӣ, эҳтироми дуҷонибаи соҳибстиқлолият, дахолатнопазирӣ ба умури дохилаи ҳамдигар, мусоидати дуҷониба ва адолат баён ёфтаанд. Зимни ин, дар санадҳои мазкур амалҳои мутобиқшуда дар арсаи байналхалқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти сиёсати хориҷӣ, ҳамкорӣ барои ба танзим даровардани моҷараҳои минтақавӣ, машваратҳои дуҷониба ҳангоми сар задани ҷанг ё таҷовуз пешбинӣ карда шуда буданд. Дар ҳамин ҷо ӯҳдадории Россия барои расонидани кӯмаки зарурӣ ба раванди оштикунонӣ дар Тоҷикистон ва бо ин мақсадҳо фаъолона ҳамкорӣ кардан бо кишварҳои дигар, СММ, САҲА зикр шуда буданд. Дар айни ҳол, мавқеъҳои ба ҳам мувофиқ ва наздик оид ба масоили муҳими байнлхалқӣ, зарурати мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар сиёсати хориҷӣ чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омаданд. Ба ғайр аз ин, ҷонибҳо ӯҳдадор шуданд, ки дар таъмин намудани мудофиаи якҷоя дар асоси Аҳдномаи амнияти дастаҷамъона (ААД) фаъолона ҳамкорӣ намоянд, ки он ҳамчун кафолати муҳимтарини таъмини амнияти давлатҳо – иштирокчиён

баррасӣ мегардид.

Яке аз унсурҳои муҳимтарини муносибатҳои ҶТ ва ФР Таоҳуднома оид ба ҷойи ҳуқуқии Қушӯнҳои марзбони Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, мебошад, ки 17 ноябри соли 1993 ба имзо расид.[1]

Гурӯҳи марзбонони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор сохтан ва рушди Қушӯнҳои марзбони Тоҷикистон, қисмҳо ва ҷузъу томҳое, ки вазнинии хизматро дар марз адо мекунанд, доимо кӯмаки пурарзиш мерасонд. Дар тӯли Ҳамономи ин солҳо таҷрибаи нодири ҳамкории идораҳои дифоӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти марзбонии ду кишвари мо ҷамъ карда шуд.

Мактаби ҷангии мардонагиро дар ҳайъати Гурӯҳи марзбони Россия садҳо шаҳрвандони Тоқикистон гузаштанд, ки имрӯз дониш ва малакаи худро ба ҳайси хизматчиёни низомии нерӯҳои миллии марзбони мо истифода бурда истодаанд». [1]

Унсури дигари муҳим дар рушди равобити низомию сиёсии ҶТ ва ФР табдил ёфтани ДМТ 201 ба пойгоҳи низомӣ«ҳамчун шакли нави ҳузури низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»буд.[2] Қарордод ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Россия дар моҳи апрели соли 1999 ба имзо расида буд. Ин раванд то 17 октябри соли 2004 идома ёфт, вақте ки ифти-

---

[1] Результаты оперативно-случо.бной деятельности пограничного управления в РТ в 1993 – 2005 гг. //Бойгонии ҷории маркази матбуоти Управленияи сарҳадии Россия дар ҶТ.

[1] Рахмонов Э.Ш. Выступление на торҷо.ственном собрании, по случаю завершения деятельности Пограничной группы ФСБ РФ в Республике Таджикистан. г. Душанбе, 19 октября 2005 г. Пресс-релиз Пресс службы Пограничной группы ФСБ РФ в РТ. Октябрь 2005 г. – С.1.

[2] Россия – Таджикистан: новые горизонты сотрудничества. Масква. – Душанбе, 2006. – С.29.


www.ravshanfikr.tj

тоҳи ботантанаи пойгоҳ баргузор гардид, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «омили сулҳ ва субот дар минтақа» арзёбӣ шуд.[3]

Нуктаи муҳим дар муоҳада оид ба Пойгоҳи низомии Россияи 201 (ПНР) Нерӯҳои Мусаллаҳи ФР дар ҶТ он аст, ки ҷониби Тоҷикистон, ҳангоми сар задани таҳдиди бехатарӣ ва томияти ҳудудии ҷумҳурӣ метавонад моликияти манқули ба истифодабарии муваққатии ба Пойгоҳи низомии Россия интиқолдодашударо истифода барад, ки он шомили «307 воҳидҳо, минҷумла: мушакию тӯпхонагӣ – 106; зиреҳпӯшӣ – 127; техникаи автомобилӣ – 59; моликияти низомию техникӣ – 15» мебошад. [4]

Унсури махсуси ҳамкории низомию техникии Тоҷикистону Россия таоҳуднома оид ба нуқтаи оптикию электронии (НОЭ) «Окно» дар Норак маҳсуб меёбад. Ҷойгиршавии ҷуғрофии ин маҷмӯъ дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дастгоҳи кайҳониро, ки аз ҳар гуна полигони ҷаҳон ба мадор бо баландии 2000 м бароварда шудааст, ҳанӯз дар чархзании аввалини ҳаракати он, кашф намояд. Тибқи таъйиноти зоҳирӣ маҷмӯъ хизматрасонии объектҳои кайҳонии дар мадори паст парвозкунандаро бо баланидии парвоз 120-2000 км таъмин менамояд. Кори маҷмӯа пурра автоматӣ кунонида шудааст.

Дар амал НОЭ «Окно» муроқабаи кайҳони дурро таъмин менкунад, ки низоми мушобеҳи ИМА онро бо кӯмаки чаҳор истгоҳ, ки дар тӯли экватор ҷойгир шудаанд, ба иҷро мерасонад.

Ба ғайр аз вазифаҳои низомӣ НОЭ «Окно» имкон медиҳад, ки санҷиш ва истифодабарии дастгоҳҳои кайҳонии ватанӣ, ки ба мадори баланд бароварда мешаванд, таъмин намояд. Ҳамчунин барои мониторинги фазои кайҳонӣ дар чаҳорчӯби татбиқи Барномаҳои байнал-

---

[3] Ҳамон ҷо. – С.30.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 31.

халқӣ оид ба муроқабаи объектҳои хурдҳаҷми кайҳонӣ, ки дар навбати аввал ба парвозҳои идорашаванда таҳдид мекунанд, истифода бурда мешавад. [1]

Ба таоҳудоти сершумор, чӣ дар шакли дуҷонба ва чӣ дар чаҳорчӯби ИДМ, нигоҳ накарда ҳамкории иқтисодӣ байни Москва ва Душанбе, аз лаҳзаи барқароршавии равобити дипломатӣ, дар таҳти сояи ҳамкории низомию сиёсӣҷой гирифта буд. Лекин дар вақти охир Ҳамоноил барои тақвияти ҳамкории иқтисодии бисёрҷанбаю барои тарафайн манфиатнок ба назар мерасад.

Далели асосии фаъолнок гардидани равобити тиҷоратию иқтисодии ду кишвар ба эъдидол омадани вазъияти дохилисиёсӣ дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1998-2003 мебошад, ки барои фаъолияти тиҷоратии дохилӣ ва равобити сиёсии беруна шароити мусоид фароҳам овард.

Мавриди ҳалкунанда дар рушди равобити тиҷоратию иқтисодӣ ба имзо расидани Таоҳуднома оид ба ҳамкории стратегии дутарафа дар соҳаи истихроҷи нафт, ки 15 маи соли 2003 зимни сафари раиси мудирияти ҶСК «Газпром» А.Б. Миллер сурат гирифта буд, ба ҳисоб меравад. Ин санад дурнамоҳои миқёсан бузурги коркарди саноатии нақбҳои газро дар Тоҷикистон боз кард.

Марҳалаи дигар ба имзо расидани шарномаҳои миқёсан калон дар соҳаи нерӯи барқии обӣ гашт. Дар ҷараёни сафари расмии Президени Россия В.В. Путин ба Душанбе дар моҳи октябри соли 2004 як қатор таоҳуднамаҳои дуҷониба дар соҳаи иқтисод ба имзо расиданд, ки тибқи онҳо имкон ба вуҷуд омад, ки масъалаи қарздории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Федератсияи Россия ба маблағи қариб 300 млн. доллар ба танзим даровварда шавад.

Ҳангоми ба имзо расидани Таоҳуднома байни Ҳукумати ФР ва Ҳукумати ҶТ оид ба танзими қарздории

---

[1]Россия – Таджикистан: новые горизонты сотрудничества. Масква. – Душанбе, 2006. – С.32.


www.ravshanfikr.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Федератсияи Россия аз рӯи қарзҳои давлатӣ аз 9 декабри соли 2002 оид ба қабл аз мӯҳлат баргардонидани қарз тасмим гирифта шуд, ки ба унвони қисми ин қарз, ба моликияти Федератсияи Россия нуқтаи оптикию электронии «Норак», ки дар моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешуд, интиқол дода шавад, ва қисмати боқимондаи қарзро (50 млн. доллари ИМА) ба сохтмони НОБ-и Сангтӯда – 1 сармоягузорӣ карда шавад.

Самти дигари равобити тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон ва Россия ҳамкории васеи байниминтақавӣ гашт.

Дар ҳоли имрӯз ҳамкории тиҷоратию иқтисодии мустақимро бо Тоҷикистон 57 субъектҳои Федератсияи Россия ба анҷом мерасонанд. То ҳол дар Тоҷикистон 100 корхона бо иштироки сармояи Россия сохта шудаанд.

Ҷанбаи дигари равобити Россия ва Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ ба шумор меравад. Тибқи арзёбиҳои мухталиф, теъдоди шаҳрвандони Тоҷикистон, ки муваққатан барои кор ба Федератсияи Россия мераванд, аз 400 ҳазор то зиёда аз як миллион нафар дар як сол тағйир меёбад. Шуғли асосии муҳоҷирони меҳнатӣ сохтмон, тиҷорат дарбозорҳо, кор дар хоҷагии қишлоқ мебошад.

Вале кор карда нашудани қонунбарории муҳоҷиратӣ дар Россия, инчунин аксар вақт амалияи ба иҷро расонидани он, як қатор мушкилотро, ки бо афзудани муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар ҳудуди Федератсияи Россия вобаста мебошанд, нигоҳ медорад.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангию башарӣ низ миёни ҳарду халқҳо ҷойи муҳимро ишғол менамояд ва ба маводи ҳамкории стратегӣ мувофиқат менамояд. Талошҳои умумӣ, дар навбати аввал, барои нигоҳ доштани фазои

илмию фарҳангии давлатҳо равона карда шудаанд.[2] Марҳалаи нави ҳамкории фарҳангӣ оғози худро аз Рӯзҳои фарҳангии Россия , ки дар моҳи апрели соли 2004 дар Тоҷикистон гузашт, мегирад. Шаҳодати дигари равобити фарҳангии тавсеаёбандаи байни ҳарду кишвар Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Россия, ки 6-8 октябри соли 2005 дар Москва гузашт, маҳсуб мешавад, ки дар он даҳҳо дастаҳои эҷодӣ, садҳо ҳунармандон ва мусиқичиёни беҳтарин иштирок намуданд. Аҳамияти чунин равобитро арзёбӣ намуда, Президенти ФР В.В.Путин зикр намуд, ки «фарҳанги кишвари ҳамшарикро дониста мо бо якдигар боз ҳам наздиктар мешавем, аз ҳама муҳимтараш – равобити худро бо эътимод пурра месозем, ки бидуни он на дар иқтисод ва на дар сиёсат пешравӣ кардан мумкин нест.

Аҳамияти ин соҳаро дарк намуда, сарварони кишварҳо эъломия ва созишномаро дар бораи ҳамкории гуманитарии давлатҳои ИДМ ба имзо расониданд». [1]

Ҷойи махсусро дар соҳаи равобити Россия ва Тоҷикистон Донишгоҳи Славянии Росссияву Тоҷикистон ишғол менамояд, ки соли 1996 ифтитоҳ ёфт. Ҳоло дар синфхонаҳои он аз рӯи барномаҳои таълимии Россия қариб ду ҳазор донишҷӯтаҳсил мекунанд. Ҳамин тариқ, равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Россия бо бисёраҷбҳагӣ ва тавсеаёбӣ фарқ намуда, Ҳамоноили устувор ба амиқшавиро дар кулли соҳаҳо доро мебошад.

Дар бораи афзалиятҳо дар равобити дуҷониба дар чаҳорчӯби ИДМ сухан карда, ба ғайр аз Россия лозим аст, ки афзалияти равобити сиёсӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои Осиёи Миёна (Марказӣ)зикр шавад.

Умумияти манофеи таърихӣ ва фарҳангӣ, мавҷудияти

---

[2] Саидов З. Асари номбурда. – С. 56.

[1]Дни таджикской культуры в России. Информационный бюллетень Посольства Республики Таджикистан в Российской Федерации 2005 г. – № 2. – С.7.

якҷояи халқҳое, ки дар минтақа сукунат доранд ва дар ҳайати Империяи рус ва ИҶШС дар давраи дароз шомил буданд, ҳамзистии якҷояи миллатҳои унвонӣ дар ҳудуди кишварҳои ҳамсоя – ҳамаи ин робитаҳои зич, бисёрҷабҳа ва устувор ва аксаран истиқрорёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Қазоқистон муайян мекард.

Дар миёни гурӯҳи мазкур тавсифи мураккабтарро равобит бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон доро мебошад. Дар солҳои истиқлолият даҳҳо масоили равобити дуҷониба бо ин кишвар дар асоси ҳуқуқӣ гузошта шуда буданд. 4 январи соли 1993 Таоҳудномаи калонмиқёс оид ба дӯстӣ байни ду кишвари ҳамсоя ба имзо расид. Ин Таоҳудномаи калонмиқёси аввалин оид ба дӯстӣ буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвари хориҷӣ баъди ба даст овардани истиқлолият баста буд. Вохӯриҳои бисёркаратаи сарвари давлат Э. Раҳмон бо симоҳои аввали давлати Ӯзбекистон барои ҳалли масоили зиёди сиёсию иқтисодӣ мусоидат намуданд. Зикр кардан зарур аст, ки дар айни замон дар ин равобит зуҳуроти муайяни номатлуб ба мушоҳида мерасиданд. Масалан, ВКХ ҶТ дар соли 1995 зикр намуд, ки «Равобит бо Ҷумҳури Ӯзбекистон бо саъю талоши ҳарду ҷониб барои танзими масоили баҳснок, қабл аз ҳама – моликиятӣ ва вазифаҳои қарзӣ фарқ мекарданд. Зикр кардан лозим аст, ки на бо иродаи ҷониби Тоҷикистон Ҳамоноил барои ба арсаи сиёсат кашидани ин масоил ба мушоҳида мерасад. Ҳамин тавр, дар идомаи Ҳамономи сол монеаҳо аз пеши таҷдиди алоқаҳои мӯътадили ҳавоӣ, роҳиоҳанӣ ва автомобилӣ, махсусан мусофиркашонӣ, байни ду кишвар бардошта нашуда буданд, ки ин дар навбати худ бо созишномаҳо ва таоҳудот мухолиф мебошад. Паиҳам қатъ кардани манобеи барқ барои ба таври мӯътадил фаъолият кардани маҷмӯи халқию хоҷагии ҷумҳурӣ мушкилот ба вуҷуд оварда ба он зиёни иқтисодӣ мерасонанд. Дар давраи гузашта мулоқоти пре-

зидентҳои ҳарду кишвар дар Нукус дар чаҳорчӯби конфронс оид ба Арал баргузор гардид. Дар моҳҳои октябр ва декабр дар Тошканд гуфтушунидҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар сатҳи ҷонишинҳои аввал ва ҷонишинҳои сарвазирони ҳарду кишвар мутобиқан баргузор гардиданд. Умеди он, ки равобити ҳарду кишвар ба эътидол меояд, асос дорад». [1]

Аз ин лаҳза сар карда ба равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон «дар сатҳи минтақавӣ аҳамияти аввалия дода мешуд».[2]

Аммо охири солҳои 1990-ум дар равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷунбишҳои мусбӣ наовард. Чи тавре, ки дар санадҳои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон «ба пойгоҳи ҷиддии шартномавию ҳуқуқӣ нигоҳ накарда, дар равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон пешравиҳои ҷиддӣ мушоҳида карда намешавад, баръакс, бо ташаббуси ҷониби Ӯзбекистон, дар тартиби яктарафа қатъ гардидани ҳамкориҳо дар ҳамаи самтҳо ба вуҷуд омада истодааст.

Ба ғайр аз он, аз ҷониби мақомоти расмии Ӯзбекистон ба таври даврӣ вазъият дар марзи ҳарду кишвар барқасд муташанниҷ гардонида мешуд. Реҷаи шадиди бавуҷудомада дар ҳифзи сарҳадот маънои инҳисори иқтисодии ҷумҳурии моро дошт. Поймолкунии ошкорои ҳуқуқ ва шаъну шарафи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар ҶӮ бо корҳои хидматӣ мебошанд, ёки ҳангоми мурур ба воситаи ҳудуди он ба кишварҳои сеюм сафар мекунанд, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ӯзбекистон ба шакли низом даромадааст». [3]

---

[1] Отчёт о деятельности МИДа Республики Таджикистан в 1995 г., 7 марта 1996 г. – С.4. Бойгонии ҷории ВКХ.
[2] Отчёт о деятельности МИДа Республики Таджикистан в 1996 . – С.3. Бойгонии ҷории ВКХ.
[3]Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД Республики Таджикистан в 1997 г. – С.9.

Мавқеи ҷониби Ӯзбекистон дар чаҳорчӯби мақомоти оинномавӣ ва соҳавии ИДМ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ баъзан моҳияти ғайридӯстона мегирифтанд ва ба ташаббусҳои ҶТ монеа эҷод мекарданд, минҷумла дар масоили воридшавии ҷумҳурии мо ба Иттиҳоди Гумрукии ИДМ, Шӯрои иқтисодии байналмилалии Осиёи Марказӣ ва масоили дигар.

Амалҳои мазкур ва мушобеҳи онҳо аз ҷониби Ӯзбекистон натанҳо пиёдасозии зиёда аз 30 санадҳои дуҷонибаи баимзорасидаро мушкил мегардонданд, ҳатто баъзан вайронкунии мустақим ва қасдани муқарраароти онҳо, минҷумла амалан кулли моводи Шартномаро оид ба дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ, ки байни кишварҳои мо дар моҳи январи соли 1993 ба имзо расида буданд, мебошанд.

Ҷониби Тоҷикистон, аҳдофи ҳифз кардан ва тақвият бахшидан ба гиреҳҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии некро байни мардумони мо, ҳамчун вазифаҳои шарномавии ба ӯҳдаи худ гирифта, инчунин манфиатҳои амниятиро дар минтақа ба роҳбарӣ гирифта, бо роҳҳои дипломатӣ мунтазам чорабиниҳоро оид ба коҳиш додан ва бартараф намудани ташаннуҷ дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чораҳоро меандешид.

28 сентябри соли 1997 дар ш. Тирмиз вохӯрии кории намояндагони Ҳукуматии ҶТ ва ҶӮ баргузор гардид, ки дар он масоил ва вазъият дар марзи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва чораҳо оид ба танзим овардани онҳо, инчунин ташкили ҳамкорӣ дар байни сохторҳои қудратии ҳарду кишвар баррасӣ шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои вохӯрӣ як қатор таоҳудот дар соҳаи фаъолияти онҳо ба даст оварда шуданд.

Бо таваҷҷуҳ ба мавқеи ҷуғрофию геополитикии Ӯзбекистон, саҳми сиёсию иқтисодӣ дар минтақа, робитаҳои таърихии мардуми кишварҳои мо, инчунин вежагиҳо ва махсусияти равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар шароити тавсеаи мустақили онҳо, саъю та-

лошҳои минбаъдаи дипломатии онҳо дар самти мазкур ба самти бартараф намудани муташанниҷ гаштани муносибатҳои ҳарду кишвар ва омода намудани шароити мувофиқ барои нигоҳ доштани ҳамсоягии нек, ба роҳ мондан ва амиқ сохтани ҳамкории манфиатнок Ҳамонаркуз дода шуда буданд.

Хосатан, маҳз дар соли 1997 бори аввал худдарккунии гуногунтаркибаи ташаккулёфтаи возеҳи Ӯзбекистон ба унвони воҳиди геополитикӣ намоён мегардад: «Бинобар мавқеияти геополитикии худ Ӯзбекистон дар минтақае ҷойгир шудааст, ки дар он ҷо низоми амнияти дастаҷамъӣ ба роҳ монда нашудааст, ки дар навбати худ далели ба вуҷуд омадани таҳдид мебошад.

Зиёда аз он, кишвари мо қисми минтақае мебошад, ки дар он ҷой манфиатҳои Россия, Хитой ва Ҳиндустон, кишварҳои Шарқ ва Ғарб бархӯрд менамоянд. Дар ҳақиқат, дар ҷои васли ин марказҳои ниҳоят пурнерӯи авруосиёии ташаккулёбанда қарор гирифта, ки бидуни шак чеҳраи асри ХХ1-ро муайян хоҳанд кард, ҳудуди кишвари мо, кулли минтақа ҳамчун объекти манфиатҳои чунин кишварҳои муқтадири ҷаҳони исломӣ, ба мисли Туркия, Покистон, Эрон ва Арабистони Саудӣ боқӣ хоҳад монд». [1]

Дарки возеҳи мавқеияти «васатӣ» – и осиёимарказӣӮзбекистонро ба дарки ҳаммаънои нақши абарқудрати минтақавӣ ва таҳмили онро дар равобити худ бо кишварҳои ИДМ, минҷумла бо ҳамсоягони осиёимарказии худ водор месозад: «Ташаккулёбии давлатҳои мустақили ба дараҷаи кофӣ устувор дар минтақа, ки имкони иҷрои нақши сипари минтақавиро доранд, комилан ба манфиатҳои геополитикии Россия мутобиқ мебошанд, вале бо хароҷоти назаррасе барои он...

[1] Каримов И. Узбекистан на пороге XXI века: угрозы безопасности, условия и гарантии прогресса. – М., 1997. – С.303-306.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон комилан омода аст, ки ин рисолати наҷибона ва таърихиро иҷро намояд ... шарики мустақил ва пурнерӯро ёфтан бештар арзонтар аст, магар ин ки «бародари худро таъмин кардан» ва «дар чаҳорчӯби иттифоқчии хурдӣ нигоҳ доштан». Ба иборати дигар, беҳтар он аст, ки бо шарики қудратманд ва устувор кор доштан, магар ин, ки бо иттифоқчии хурд». [2]

Маҳз эътирофи Ӯзбекистон худро ҳамчун иҷрокунандаи нақши абарқудрати минтақавӣ ба ин кишвар имконият дод, ки тирамоҳи соли 1998 ҳаракати ҷудоихоҳиро дар Тоҷикистон, ки полковник М.Худойбердиев онро роҳбарӣ мекард, дастгирӣ намояд, ки ӯ кӯшиши ғасби ҳокимиятро дар шимоли Тоҷикистон карда буд. Тибқи изҳороти Ҳукумати Тоҷикистон «кӯшиши табаддулоти низомӣ-давлатӣ»«аз ҷониби тарафдорони собиқ фармондеҳи бригадаи зудамал полковник Худойбердиев» ба амал оварда шуда буд.[3] Тибқи иттилооти ҷониби Тоҷикистон, омодасозии исёнгарон дар урдӯгоҳҳои махсуси дар ҳудуди Ӯзбекистон – дар вилояти Ҷиззахи Ӯзбекистон гузаронида шудааст, ки оид ба ин далелҳои раднопазир мавҷуданд.

Аз ҳудуди ҷумҳурии ҳамсоя исёнгарон бо шумораи то 1300 н. ба ҳудуди вилояти Суғд ҳуҷум карда, фурудгоҳи вилоятӣ, биноҳои маъмурии Хуҷандро ғасб намуда ба қисми низомии нерӯҳои ҳукуматӣ ҳамла намуданд».[4] Тибқи изҳороти Додситони кулли Тоҷикистон С. Шарипов, «аз ҷониби тарафдорони М.Худойбердиев бо дастгирии собиқ сарвазир А. Абдулоҷонов кӯшишҳои исён ва таорузоти зиддиҳукуматӣ дар солҳои 1995, 1996 ва 1997 ба вуқӯъ пайвастанд ва ҳамеша баъди шикаст як

---

[2] [1] Каримов И. Узбекистан на пороге XXI века: угрозы безопасности, условия и гарантии прогресса. – М., 1997. – С.64-65.

[3] Мятеж в Чкаловске // Красная звезда. – 1999. – 5 нояб.

[4] Мятежники шли от соседей // Красная звезда. – 1998. – 13 нояб.

қисми он дар Ӯзбекистон паноҳ меёфтанд».[5] Дар натиҷаи исёнҳои М.Худойбердиев зиёда аз 100 н. кушта ва қариб 700 нафар маҷрӯҳ гардиданд, зиёни калон ба хоҷагии халқи Тоҷикистон расонида шуд.[6]

Дар Тоҷикистон, дар иртибот ба ин воқеа, ба мавқеи Ҷумҳурии Ӯзбекистон баҳои ҳаммаъно дода шуда буд: «...далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин кишвар, мутассифона, нерӯҳое ҳастанд, ки ба гегемонизм кӯшиш доранд ва мехоҳанд, ки кишварро ба абарқудрати минтақавии дар Осиёи Марказӣ ҳукмрон табдил диҳанд». [1]

Дар соли 1998, ба манзури коҳиш ва бартараф намудани ташаннуҷ, ки дар солҳои охир дар равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба мушоҳида мерасид, барои таҳвили он ба маҷрои ҳамсоягии нек, ҳамкории дуҷониба дар асоси усули гиромидошти истиқлолият, соҳибистиқлолии давлатӣ, баробарӣ ва адами даxолат ба умури дохилии ҳамдигар таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешуд.

Дар натиҷа соли 1998 бо фаъолнок гаштани робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон тавсиф ёфт. Чунончи, 4 январи соли 1998 Президент Э. Раҳмон аз Ӯзбекистон боздиди расмӣ ба анҷом расонд, ки дар он ҷо чор созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расиданд, ки соҳаҳои мухталифи муносиботи сиёсию иқтисодиро дарбар мегиранд.[2]

Дар нимаи аввали сооли 1999 ба дипломатияи тоҷик муяссар гардид, ки як қатор масоили равобити иқтисодиро байни ҳарду давлат ба танзим дарорад. Ҳамин та-

---

[5] Ҳамон ҷо.

[6]Х-я сессия Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Мятеж М. Худойбердыева – первый на повестке. Вне регламента и в жесточайшем накале: Сессия будет беспрецедентной //Бизнес и Политика. – 1998. – 12 нояб.

[1] Рахматуллаев А. Региональный гегемонизм не имеет будущего //Бизнес и политика. – 1998. – 12 нояб.

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о работе МИДа Республике Таджикистан за 1998 г. Душанбе, январь 1999 г. – С.6.

рик,моҳи январи соли 1999 дар Тошканд, зимни бозиди кории Сарвазири ҶТ Я. Азимов, Созишнома оид ба ҳисоббаробаркунии дуҷониба барои ҳамлу нақли борҳо ва газ дар соли 1999 ва қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Зимни боздиди сарвазири ҶТ Я.Азимов дар Тошканд моҳи апели соли 1999 Созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодабарии оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ дар соли 1999, инчунин Протокол оид ба натиҷаҳои гуфтушунидҳо, ки дар онҳо ҳаллу фасли кулли маҷмӯи масоили тиҷорию иқтисодӣ, минҷумла гумрукӣ, марзӣ, заминӣ, масоили интиқоли транзитӣ ва дигар ҷанбаҳои равобити дуҷониба ба имзо расиданд. Дар баробари ин, бо айби ҷониби Ӯзбекистон дигаргунии назаррасе барои татбиқ намудани Протоколи мазбур ба вуҷуд наомад ва масоили мавҷуда ҳалли худро наёфтанд.

26 май дар ш. Хуҷанд байни кишварҳо Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва психотропӣ ба имзо расид.[3] Ба ин нигоҳ накарда, равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба таври возеҳ дар миёнаи соли 1999 муташанниҷ гашт, вақте ки қисмҳои мусаллаҳи Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИӮ), ки дар ҳудуди Тоҷикистон дар ҳайъати ҷузъу томҳои ИМТ буда дар солҳои 1997-1998 аз Афғонистон бароварда шуда буданд, иқдоми баргаштанро ба ватани худ карданд.

Кор инчунин бо он шакли ҷиддӣ мегирифт, ки чораҳои шадиди таъқиботие, ки дар ҳудуди Ӯзбекистон нисбати ҷонибдорони созмонҳои ифротгарои исломӣ дар нимаи аввали соли 1999 иттихоз карда мешуд, боиси фирор кардани қисмати аксари онҳо, инчунин аъзоёни оилаҳои онҳо, ба минтақаи Қаротегин (Рашт)-и Ҷумҳурии

[3] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИДа Республики Таджикистан за 1999 г. Душанбе, январь 2000 г. – С.5.

Тоҷикистон гашт: то охири июли соли 1999 дар маҳаллҳои зисти гурӯҳи ноҳияҳои Ғарм, ба ҳадди ақалл, 1009 (189 оила) фирорӣ аз водии Фарғона ҷамъ омаданд.[1]

Дар охири июли соли 1999 гурӯҳи калони ҷангиёни ҲИЎ, ки аз якчанд сад одам иборат буда муваққатан дар ноҳияи қасабаи Ҳоит қарор доштанд, кӯшиши гузаштанро ба ҳудуди Ҷумҳурии Ўзбекистон тавассути ноҳияи Баткени Қирғизистон карданд. Ҳадафи ин амалиёти мусаллаҳ дар ҳудуди водии Фарғона таъсис додани давлати исломӣ буд. Нерӯҳои низомии Ўзбекистон маҷбур шуданд, ки ба моҷаро дахолат намоянд ва марзро бо Қирғизистон баста авиатсияи ҳуҷумкунандаро ба кор бурданд. Зимни ин, зарбаҳои мушакию гулӯлавӣ инчунин бе мувофиқаткунӣ бо ҷониби Тоҷикистон, ба ҳудуди Тоҷикистон зада шуд, ба он ҷойҳое, ки ба фикри ҷониби Ўзбекистон ҷангиёни ҲИЎҷамъ омада буданд.[2]

Аз рӯи натиҷаҳои маъракаи низомии соли 1999 дар ҳудуди вилояти Оши Қирғизистон қариб 100 нафар ҷангиёни ҲИЎ ва тақрибан ҳамин қадар сокинони осоишта кушта шуданд, вале қисмҳои мусаллаҳи ин ташкилот ба ворид шудан ба ҳудуди Ўзбекистон муваффақ нагаштанд.

Дар равобити дуҷониба бо Ўзбекистон дар соли 2000-ум таваҷҷуҳи зиёд ба масоили коҳиш додан ва бартараф намудани ташаннуҷ, ки дар идомаи солҳои охир дар равобити дуҷониба мушоҳида мешуд, инчунин ба гузариши мунтазами онҳо ба маҷрои ҳамсоягии нек ва ҳамкории муфид зоҳир карда мешуд.

Чорабиниҳои мазкурро дар дараҷаи муайян муяссар гашт, ки дар нимаи аввали соли 2000-ум татбиқ карда шавад, ки бо фаъолнокии робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ўзбекистон, минҷумла дар сатҳи олӣ ва баланд

---

[1] Информ. сообщение // ИНТЕРФАКС. – 1999., – 23 июля.
[2] Информ. сообщение МИД Республики Таджикистан. Департамент информации. Пресс. – 1999 г., – 16 августа.


www.ravshanfikr.tj

тавсиф ёфта буд.

Дар ин ҷо боздиди кории Президент Э. Раҳмонро ба Тошканд моҳи апрели соли 2000-ум барои иштирок дар мулоқоти кории роҳбарони давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон зикр кардан зарур аст, ки аз рӯи натиҷаҳои он Таоҳуднома «Оид ба амалҳои якҷоя дар мубориза бар зидди терроризм, тундравии сиёсӣ ва ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ» ба имзо расид.

Аз дидгоҳи рушди равобити ҳамсоягии нек инъикоси мусбиро боздиди аввалини расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.А. Каримов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июн дошт, ки дар ҷараёни он байни сарварони ду давлат мубодилаи муфассали афкор оид ба вазъияти ҳолии робитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҳарду кишвар оид ба мушкилоти минтақавӣ ва дигар масоили муҳим барои ҳарду ҷониб ба вуқӯъ пайваст.

Аз рӯи натиҷаҳои мулоқоти Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар Душанбе дар сатҳи олӣ пакети санадҳои муҳими дуҷонибаи байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ аз рӯи ҷанбаҳои мухталифи ҳамкорӣ, ба мисли Таоҳуднома «Оид ба дӯстии абадӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон», Тафоҳумнома «Оид ҳудудгузории марзи давлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон», Таоҳуднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Оид ба баргардонидан» ва як қатор дигар санадҳо ба имзо расиданд. [1]

Дар айни замон, ба дигаргуниҳои назарраси мазкур дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон нигоҳ накарда, зоҳиран заминаҳои мувофиқ барои ба эътидол овардани онҳо, дар самти мазкур ҳоло ҳам баъзе мушкилот вуҷуд дорад. Масалан, масоил оид ба таҷдиди алоқаи ҳавоӣ миёни Душанбе ва Тошканд, фароҳам овардани шароити мувофиқ барои мурури аҳолии ноҳияҳои назди-

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 2000 год. Душанбе, январь. – 2001 г. – С. 9.

марзии ҶТ тавассути дидбонгоҳҳои гумрукӣ, оид ба фаъолнок намудани фаъолияти комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷорию иқтисодӣ дар қисмати ӯзбекстонии он ҳал нашуда боқӣ монданд.

Мушкилоти мазкур дар идомаи соли 2004-ум ҳамин тавр ҳалли худро наёфтанд, гарчанде ки аз рӯи аксари онҳо, минҷумла оид ба масоили алоқаи ҳавоӣ, аз ҷониби Тоҷикистон барои ба имзорасонӣ ба Вазорати умури хориҷии Ӯзбекистон санадҳои лозима омода карда интиқол дода шуд.

Махсусан бояд зикр кард, ки ҳадафи ҷониби Ӯзбекистон оид ба созмондиҳии мулоқоти гурӯҳҳои кории қисми тоҷикистонии Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба масоили фарҳанг, ҳифзи саломатӣ, маълумоти олӣ бо намояндагони сохторҳои мушобеҳи Ӯзбекистон ҷавоби худро дар худи Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон намеёбад».[2]

Як навъ ташаннуҷ дар масоили марзбандӣ ва ҳудудсозии сарҳадоти давлатӣ, гузаргоҳи транзитӣ, инчунин сафари байниҳамдигарии шаҳрвандон ба ноҳияҳои наздимарзӣ ба мушоҳида мерасанд.

Дар ҳоли имрӯз пойгоҳи шартномавию ҳуқуқии равобити дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз миқдори зиёди санадҳо (зиёда аз 70 созишнома ва таоҳудномаҳо), ки қисмати аксари онҳо аз ҷониби ВКХ ҶТ дар соли 2000 омода шуда буданд, таркиб ёфтааст. Дар баробари ин, чи тавре ки ВКХ ҶТ зикр менамояд: «вобаста ба махсусияти робитаҳои дуҷонибаи ҶТ ва ҶӮ раванди пиёдасозии санадҳои қабулшуда тӯл мекашад ва ба талаботе, ки аз ҷониби равобити ҳарду кишвар илқо намешавад, мутобиқат намекунад».[3]

---

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 2000 год. Душанбе, январь. – 2001 г. – С.10.

[3] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД Республики Таджикистан за 2000 год. Душанбе, январь. – 2001 г. – С.10.

Ба ҳадди аксар адами пешравӣ дар равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соли 2000 бо муташанниҷ шудани вазъият дар марзи ҳарду давлатҳо вобаста буд, ки бо кӯшиши нави ҷангиёни ҲИӮ барои ба ҳудуди Ӯзбекистон рахна задан ба миён омада на танҳо аз ҷониби вилояти Оши Қирғизистон ба водии Фарғона, балки инчунин ба ҳудуди Сурхандарёи Ӯзбекистон дар ноҳияи кӯҳии душворгузари макони қаторкӯҳи Ҳисор, дар болооби дарёи Тӯпаланг ба вуҷуд омада буд. Мутобиқи арзёбии мутахассисон дар маъракаи соли 2000-ум ба ҳудуди Қирғизистон ва Ӯзбекистон 7-8 ҳаз. ҷангиён ворид шуда буданд.

Моҳи сентябри соли 2000 ҲИӮ аллакай амалиётҳои ҳабиро дар ноҳияи Бостонлиқи Ӯзбекистон дар наздикии ш. Тошканд мебурд. Агарчанде, ба ақидаи коршиносон, пайдо шудани ҷангиёни суршумори ҲИӮ бевосита дар гирду атрофи пойтахти Ӯзбекистон ба мавҷудияти мухолифати қудратманд ва хуб созмондодашуда дар дохили ин кишвар ишора мекунад.

Равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар идомаи соли 2001 дар маҷмӯъ як дараҷа муташанниҷ боқӣ мемонд. Аз ҷониби нерӯҳои низомии Ӯзбекистон минагузории марзҳои сарҳадоти Тоҷикистон ва Ӯзбекистон идома меёфт, ки баъзан боиси талафоти ҷонӣ мешуд.

Маҷмӯи масоили баҳсталаб мавҷуд дар миёни ҳарду кишвар амалан ҳалли худро наёфта буданд: оид ба танзимдарории моликият аз рӯи хатҳои интиқоли барқ ва пойгоҳҳои кӯтал, оид ба таҷдиди сохтори қарзи давлатии Тоҷикистон аз Ӯзбекистон, оид ба ифтитоҳ ва фаъолияти нуқтаҳои гумрукӣ ва наздимарзӣ, транзити борҳои махсус тавассути ҳудуди Ӯзбекистон ва як қатор масоили дигар.

Реҷаи шадиди воридшавӣ, хориҷшавӣ, қарор доштан ва мурури транзитии шаҳрвандони Тоҷикистон тавассути ҳудуди Ӯзбекистон боқӣ мемонд. Зимни ин, далелҳои ба эътибор нагирифтани муқаррароти Созишномаи амалкунанда оид ба сафарҳои дуҷонибаи шаҳрвандон, ки 16

майи соли 2000 ба имзо расида буд, аз ҷониби Ӯзбекистон ҷой дошт.

Аз ҷониби ВКХ ҶТ кор аз рӯи таъйини ҳудуд ва нишон додани он сарҳадоти давлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фаъолона гузаронида мешуд, ки зимни он Комиссияи байниҳукуматӣ кор мекард. Дар соли 2001 панҷ мулоқоти гурӯҳҳои топографӣ ва ҳуқуқӣ, ки дарҷараёни он ҳарду ҷониб ба тарзи назаррас барои ҳалли вазифаҳои вобаста ба тавсиф ва ба зикр гирифтани марзҳои сарҳадоти давлатӣ ба пеш рафтанд.

Дар соли 2001 бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор боздидҳо ва мулоқотҳо дар сатҳҳои мухталиф ба манзури ҷустуҷӯи роҳҳо ва механизмҳои ҳаллу фасли масоили мавҷудаи ҳамкории дуҷониба сурат гирифтанд. Чуночи январи соли 2001 ба Тоҷикистон гурӯҳи кории Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои таҳия намудани санадҳо оид ба ҳисоббаробаркуниҳои дуҷониба барои ҳамлу нақли борҳо, интиқоли газ дар соли 2001 ва истифодабарии захираҳои обӣ ташриф овард. [1]

Боздиди ҷавобии намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Сарвазии ҶТ О. Оқилов ба Тошканд моҳи феврали соли 2001 баргузор гардид. Аз рӯи натиҷаҳои он Созишнома миёни Ҳукуматҳои ҶТ ва ҶӮ«Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодабарии оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ дар соли 2001» ва «Оид ба ҳисоббарориҳои дуҷониба барои ҳамлу нақли борҳо ва расонидани захираҳои моддию техникӣ дар соли 2001 ва қарзи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расиданд.

Ҷойи махсусро дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар охири соли 2001 ҳаллу фасли мушкилоти ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо вобаста аз ҷониби ИМА гу-

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ.Отчёт о деятельности Министерства иностранных дел Республики Таджикистан за 2001 г. Душанбе, январь 2002 г. – С.6.

заронидани амалиёти «Озодии шикастнопазир» ишғол намуд. 19 ва 26 сентябр Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон ва Президенти Ӯзбекистон телефонӣ гуфтугӯ карданд, ки зимни он маҷмӯи масоили бо вазъият дар Афғонистон ва атрофи он, зарурати таъмини кӯмаки башардӯстона ба аҳолии осоиштаи азияткашидаи ин кишвар баъди амалиётҳои террористӣ дар ИМА, таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҳамоҳангсозии амалиётҳо, мубодилаи иттилоот ва гузаронидани машваратҳо аз рӯи хатти мубориза бо нерӯҳои ифротгарои байналмилалӣ муҳокима шуданд. [2]

Натиҷаҳои боздиду гуфтушунидҳо боз як бори дигар нишон доданд, ки мавқеи роҳбарони ҳарду кишвар аз рӯи масоили дуҷониба, байналмилалӣ ва минтақавӣ мувофиқат мекунанд, манфиатнокии дуҷониба дар барқарор сохтан ва рушди равобити дӯстона ва ҳамсоягии нек вуҷуд дорад. Дар изҳороти якҷояи аз рӯи натиҷаҳои боздиди мазкур бадастомада роҳҳои асосноки ҳаллу фасли кулли масоиле, ки дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон сабт ва муайян карда шуданд, зикр шуда буданд. Барои ҷониби Тоҷикистон асос фароҳам омад то тахмин занад, ки мушаххасан кор карда баромадани роҳбурдҳои дар Изҳорот муайяншуда ва татбиқи воқеии онҳо имкон медиҳад, ки равобити ҳамсоягии некро дар миёни ду кишвар ва халқҳои ҳамсоя барқарор карда шаванд.

Ангезаи асосиро ба ҷараёни ба эътидол омадани равобити ҳарду кишвар натиҷаҳои боздиди расмии Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмон аз Ӯзбекистон дар охири соли 2001 ба вуҷуд овард. Табиист, ки кор дар самти Ӯзбекистон дар соли 2002 ба тариқи асосӣ барои татбиқ кардани роҳбурдҳое равона шуда буд, ки дар Изҳороти якҷояи

---

[2] Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. – Душанбе: Авесто, 2006. – С. 268.

Президентҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъйин шуда, аз рӯи натиҷаҳои боздиди кории расмии Э. Раҳмон ба Тошканд моҳи декабри соли 2001 қабул шуда буд. Татбиқи воқеии роҳҳои асосноки ҳаллу фасли кулли масоили дар Изҳорот таъйиншуда, ки дар равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон вуҷуд доранд, имкон дод, ки Ҳамоноили вақтҳои охир ба эътидол омадани равобитро бо ин кишвари ҳамсоя тақвият диҳад.

Дар соли 2002 манзараи фаъолнок гаштани боздидҳо ва робитаҳои корӣ дар сатҳи олӣ ва баланд, инчунин дар сатҳи вазирони идороти мухталиф ба мушоҳида мерасид. Иштироки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.Каримов дар саммити КОМ дар Душанбе (октябри соли 2002), Раиси Маҷлиси Миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ М.Убайдуллоев ва С. Хайруллоев дар мулоқоти якуми намояндагони кишварҳои аъзои КОМ дар Тошканд (ноябри соли 2002), боздиди Сарвазири Ҷуиҳурии Ӯзбекистон У.Султонов аз Душанбе (августи соли 2002) ва Сарвазири Ҷумҳури Тоҷикистон О.Оқилов аз Тошканд (декабри соли 2002), инчунин вазирони дигари ҳарду кишвар барои солимгардонии фазои тафоҳум, тақвияти ҳамсоягии нек ва ҳаллу фасли амалии масоили зиёди моҳияти дуҷониба дошта мусоидат карданд. Созишнома оид ба дидбонгоҳҳои мурур тавассути марзи давлатӣ, Созишномаи протоколии оид ба транзити борҳои дараҷавӣ ба имзо расида эътибор пайдо карданд. 23 август Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи симо ба имзо расид, ки эътибор пайдо кардани он гузаронидани маросимҳои дохилидавлатиро тақозо дорад.

Дар соли 2002 дар равобит бо Ӯзбекистон инчунин қисман масоили таъйини ҳудуд ва нишон додани марзи давлатӣ пеш рафтанд. Дар натиҷаи кори фаъолнок, ки дар чаҳорчӯби Комиссияи якҷоя анҷом гирифт, Таоҳуднома оид ба сарҳадоти давлатии ҶТ ва ҶӮ таҳия ва ба имзо расонида шуд.

Воқеаи муҳим дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷаласаи якуми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба масоили ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, ки 23 августи соли 2002 дар ш. Душанбе шуда гузашт, маҳсуб меёбад. Аҳамияти ҷаласаи мазкур бо ин далел меафзояд, ки дар протоколи ниҳоӣҷонибҳо масоили мураккаби мавҷудаи дар равобити дуҷонибаи худро сабт намудаи роҳҳои ояндадори ҳаллу фасли онҳоро таъйин намуданд. Ин ба масъалаи муносибатҳои моликиятӣ аз рӯи хатти интиқоли барқ (ХИБ), ҳамлу нақли транзитии борҳои махсус ва маҳсулоти таъйиноти низомӣ тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин ташкили корхонаҳои якҷоя ва ҷалби сармоягузориҳо тааллуқ дорад.

Ба ин нигоҳ накарда ҳанӯз масъалаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва алоқа дар татбиқнамоии Созишнома оид ба рафтуомадҳои дуҷонибаи шаҳрвандон, дар таъйини ниҳоии ҳудуд ва нишон додани сарҳадоти давлатӣ ба мувофиқат наомада боқӣ мемонданд. [1]

Мутаассифона зикр кардан лозим аст, ки ба чораҳои аз ҷониби ВКХ ҶТ ва сафоратхонаи он дар Тошканд барои таҳвили равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба маҷрои ҳамсоягии неки ҳақиқӣ иттихозшаванда нигоҳ накарда, роҳбарияти Ӯзбекистон то он вақт мавқеи ба дараҷаи кофӣ дурушт ва эҳтиёткорона дар муносибот бо Тоҷикистонро пеша карда идома медод.

Равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тағйироти калонро аз сар нагузарониданд ва дар давраи солҳои 2003-2004 ҳамчун ба дараҷаи кофӣ муташанниҷ ва ба таври том ба хусусияти муносиботи дуҷонибаи ду кишвари ҳамсояи ҳаммарз, ки ба ҳамон як Созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ дохиланд, ҷавобгӯ набуданд.

Баҳори соли 2005 вазъияти сиёсӣ дар водии Фарғона

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности Министерства иностранных дел Республики Таджикистан за 2002 г. Душанбе, январь 2003., – С.8.

дар ҳудуди Ӯзбекистон якбора муташанниҷ гашт, ки 13-15 май ба изтироби мусаллаҳона дар ш. Андиҷон оварда расонид.

Аз ҷониби роҳбарияти Ӯзбекистон натанҳо ба ин ҳодисаҳо, балки инчунин ба сиёсати ИМА дар минтақа баҳои қатъӣ дода шуд, ки ба муташанниҷ гаштани вазъият дар ҷумҳурӣ мусоидат кардааст. Хулосаҳои ҳаммаъно оид ба ин мавзӯъ аз ҷониби роҳбарияти Ӯзбекистон, ки баъди он сурат гирифт, ба талаби хориҷ кардани пойгоҳи ИМА аз ҳудуди он ва амалан тағйир додани хатти сайри сиёсати хориҷии кишвар ба самти сохторҳои ИДМ, СҲШ ва Россия табдил ёфт. Объективона ин ҷараён барои ба эътидол омадани равобити Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мусоидат мекунад.

Дар низоми равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо давлатҳои минтақаи Осиёи Миёна, ҷойи дуюмро баъди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷумҳурии Қирғизистон ишғол менамояд.

Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон, ки дар соли 1992 барқарор шуданд, дар маҷрои ҳамсоягии нек ва дӯстии суннатӣ рушд меёфтанд. Ҳарду ҷониб омодагии пурраро дар рушди минбаъдаи онҳо, робитаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравиро аз рӯи дастгирии масоили дуҷониба зоҳир мекарданд.

Дар баробари ин дар равобити байнидавлатии ҳарду кишвари ҳамсоя як қатор масоил, ки барои ҳарду ҷониб мушкилот эҷод мекарданд, вуҷуд доштанд ва то ҳол вуҷуд доранд. Ин, қабл аз ҳама, масъалаи заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди марз бо Қирғизистон (89 ҳаз. га), ки дар замони шӯравӣ аз ҷониби хоҷагиҳои он ба ҳайси чарогоҳ ва ҷои киштукор истифода мешуданд. Ҷониби Қирғизистон мавҷудияти мушкилоти мазкур ва зарурати ҳаллу фасли онро инкор намекард. Ин мушкилот мероси таърихӣ ва натиҷаи то охир мутобиқ нашудан, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳои байнал-

халқии равобит дар сарҳадоти давлатӣ ҳангоми марзбандии ҳудуд дар Осиёи Миёна дар солҳои 1924-27 мебошад. Марзҳои баҳснок ва ба мувофиқат нарасидаи ҳудуди байни макони аҳолинишини Ворух, Чоркӯҳ (қасабаи Октябрский)-ноҳияи Исфараи ҶТ ва Оқсойи вилояти Баткени вилояти Баткени ҶҚ маҳсуб меёбанд. Ҳолати мушобеҳ дар самти Хуҷанду Лайлак низ ҷой дорад. Майдони умумии марзҳои мазкур тибқи баъзе ҳисобҳо 34 ҳаз. гектарро ташкил медиҳад, аз рӯи ҳисобҳои дигар – 52 ҳаз., ки масъалаи мансубияти онҳо асоси ихтилофоти мавҷударо миёни ҷонибҳо ташкил додааст. Дар натиҷаи марзбандии ҳудудии солҳои 1924-27, махсусан, тибқи Қарордоди ҷаласаи Пленуми Средазликвидпром аз 17 марти соли 1925, аз ҶШС Қирғизистон ба манфиати ҶШС Тоҷикистон боист 37,2 ҳаз. замин, асосан марзҳои Ворух, ки дар айни замон мустақиман бо ҳудуди ноҳияи Исфараи вилояти Ленинобод пайваст мешуд, гузаронида мешуд. То соли 1942 марзҳои мазбурро аҳолии деҳаҳои Ворух ва Октябри ноҳияи Исфара истифода мебурданд. Дар соли 1942 бо далели аз нав барқарор шудани баҳсҳо дар тӯли 6-7 соли минбаъда ин марзҳо истифода намешуданд. Дар соли 1949 муҷаддадан тавсифи сарҳадоти ҳарду кишвар дар марзи мазкур тартиб дода шуд, ки тибқи он ба ҷониби Тоҷикистон боист 50 ҳаз. га, ва ба ҷониби ҶҚ 4,5 ҳаз. га замин мегузашт. Ба супоршоти бисёркаратаи ҳукуматҳои ҳарду ҷумҳурӣ нигоҳ накарда ба хадамоти заминсозӣ ва комиссияҳои баробарҳуқуқи ташкилшаванда, дар тӯли солҳои 1949-85, масъала ҳаллу фасли худро наёфт. Ҳамин тариқ, дар натиҷи гуфтушунидҳои Президентҳои ҳарду кишвар Э. Раҳмон ва А.Акаев аз вазъияти сарбастаи ба вуҷуд омада дар масъалаи марзӣ дар ноҳияи Исфара, Хуҷанд – Баткен, Лайлак, ки имкон дод таоҳуднома оид ба асосҳои равобити байнидавлатӣ миёни ҶТ ва ҶҚ ва маҷмӯи санадҳое, ки равобити байнидавлатиро дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва фарҳанг ба танзим ме-

дарорад, ба имзо расонида шавад.[1] Барои татбиқ намудани Таоҳуднома оид ба асосҳои равобити байнидавлатӣ миёни ҶТ ва ҶҚ, ки моҳи июли соли 1996 ва феврали 1997 ба имзо расида буданд, Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон аз рӯи баррасии масоили дуҷониба, ки аз шаш гурӯҳ ташкил буданд, созмон дода шуд: оид ба масъалаҳои наздимарзӣ, молиявӣ; иҷтимоию иқтисодӣ; масоили алоқа; нақлиёт, роҳҳо; муҳоҷират; мубориза бо ҷинояткории муташаккил ва терроризм. Дар ҳайъати кории гурӯҳ оид ба масоили наздимарзӣ созмон додани зергурӯҳҳо оид ба масоили истифодаи замин пешбинӣ шуда буд. Гурӯҳҳои корӣ масоили мушаххасро аз рӯи ҷамъи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ, масоили нақлиёт ва ғайраро кор карда мебаромаданд. Дар маҷмӯъ, бо оғози кори Комиссияи мазкур, раванди рушди равобити Тоҷикистон ва Қирғизистон нишонаҳои возеҳро дар самти тавсеа ва такмили ҳамкории муфид дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғ. соҳиб мешавад. Дар соли 2000 дар равобити дуҷониба баъзе Ҳамоноюлоти коҳиши суръати рушди онҳо, махсусан аз ҷиҳати тиҷоратию иқтисодӣ ба мушоҳида расиданд, ки, эҳтимолан, бо сабаби вазъияти бесуботи нимаи дувуми ҳамин сол дар ноҳияҳои ҷанубии Қирғизистон ба вуҷуд омада буданд.[1]

Дар соли 2001 аз ҷониби ВКХ-и ҶТ кори зиёд барои кор карда баромадани консепсияи ягона оид ба масоили обию энергетикӣ байни ҳарду кишвар ба анҷом расид. Пешниҳоди мувофиқ инчунин ба унвони Раиси вилояти Суғд аз дар мавзӯи дарёфти имконияти ифтитоҳи бозори бисёрсоҳавӣ дар ҳудуди вилоят бо мақсади ташкил кардани шароити мусоид барои тавсеаи ҳамкорӣ ва беҳтар намудани фаъолияти ҳаётии шаҳрвандони ҳарду кишвар,

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт деятельности Министерства иностранных дел РТ в 1996 г. Душанбе, 1997. – С. 3-4.
[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности Министерства иностранных дел РТ за 2000 г. – Душанбе, 2001 . – С.8.


www.ravshanfikr.tj

ки дар ноҳияҳои наздимарзӣ зиндагӣ мекунанд, ирсол гардид. «Зикр кардан зарур аст, ки дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳанӯз ҳам масоили нозуки ҳалнашудаи марзӣ боқӣ мемонад. Ба равобити неки ҳарду кишвар ҳодисаҳо ва бархӯрдҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта миёни сокинони ноҳияҳои наздимарзии ҳарду ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бо мақсади ба анҷом расонидани кори самаранок аз рӯи таъйини ҳудудҳо ва нишон додани марзи давлатӣ миёни ҶТ ва ҶҚ, инчунин барои таҳияи Созишнома оид ба марзи давлатӣ миёни ҳарду кишвар, Комиссияи муштараки давлатӣ фаъолият мебарад, ки дар чаҳорчӯби он дар соли 2001 кор гузаронида намешуд.»[2]

Дар баробари ин, таваҷҷуҳ ва танзими ҳар чи сареътарро муайян сохтани статуси муҳоҷирон аз ҳисоби сокинони Тоҷикистон, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон иқомат мекунанд, тақозо мекард. Масъалаи мазкур, ба назари ВКХ ҶТ, метавонист ҳаллу фасли худро баъди ба имзо расидани Созишнома оид ба тартиби соддашудаи тағйири шаҳрвандӣ аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон, ки барои истиқомати доимӣ ба Қирғизистон кӯчидаанд, дарёфт кунад. Дар соли 2002 пойгоҳи ҳуқуқии равобити Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки аз 46 санад дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ иборат буданд, бо Созишнома миёни ҶТ ва ҶҚ оид ба шаҳрвандони Тоҷикистон додани ҳуқуқи хориҷ шудан бо тартиби содда карда шуда аз шаҳрвандии ҶТ ва ба ӯ додани шаҳрвандии ҶҚ бо тартиби содда карда шуда пурра карда шуд. Дар равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳури Қирғизистон мавҷудияти мушкилоте, ки бо вуҷуд доштани марзҳои умумӣ, истифодабарии якҷояи ҳавзаҳои дарёӣ, системаи энергетикии муштарак,

---

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности Министерства иностранных дел РТ за 2001 г. - Душанбе, 2002г. – С.9.

шабакаи роҳҳои автомобилӣ ва роҳиоҳанӣ алоқамананд, инчунин аҳамияти фаъолнок гардонидани фаъолияти дипломатияи тоҷикро дар ин самт илқо мекунад. Масоили таъйини ҳудудҳо ва нишон додани марзи давлатии ҶТ ва ҶҚ тибқи меъёрҳои байналмилалии хатҳои ҳудудгузоранда дар сарҳадот, ки дар қаринаи равобити Тоҷикистоу Қирғизистон калидӣ мебошанд, ба таври даврӣ боиси афзоиши ташаннуҷ дар муносибатҳои дуҷонибаи сокинони ноҳияҳои наздимарзӣ мегарданд. Бо ин мақсад Ҳайати вакилони муштарак оид ба таъйини ҳудудҳо ва нишон додани марзи давлатӣ фаъолият мекунад. Дар муносибот бо Қирғизистон як гурӯҳ масоил, ки бо об ва истифодабарии замин алоқамананданд, боқӣ мондаанд. Ҳанӯз дар соли 1997 миёни кишварҳо шартнома оид ба он, ки ҷонибҳо дар асоси баробарҳуқуқӣ амалҳои якҷонибаи азхудкунии хоҷагидории марзҳои мувофиқат нашудаи заминро то анҷоми ҳамаи корҳо аз рӯи таъйини ҳудудҳо ва нишон додани марзи давлатӣ роҳ намедиҳанд. Аммо амалҳои мушобеҳ дар ноҳияҳои наздимарзии дурдасти ҷониби қирғиз ҷой доранд. Дар мавзӯи гурӯҳи мазкури масоил инчунин масъалаи заминҳоеро, ки барои истифодабарии дарозмуддат ба Тоҷикистон интиқол дода шуда мӯҳлати иҷораи онҳо ба охир расидааст, зикр кардан зарур аст. Дар партави Қарордод оид ба баргардонидани ин заминҳо ба ихтиёри Ҷумҳури Қирғизистон, ки Ҳукумати ҶҚ қабул карда буд, мушкилоти шаҳрвандони ҶТ-ро, ки дар ин заминҳо зиндагӣ мекунанд, моликияти ғайриманқули онҳо, инчунин дар он ҷой фаъолият бурдани мақомоти ҳокимияти маҳаллии Тоҷикистон аҳамият пайдо карда, таваҷҷуҳро тақозо доранд. Дар соли 2002 инчунин ҳодисаҳо муҳоҷиркунонии ташкилнашудаи қирғизҳои қавмӣ аз ҷумлаи шаҳрвандони ҶТ бо кӯмаки симоҳои алоҳида, ки дар нақши эмиссарони расмии Бишкек баромад мекунанд, ҷой доштанд, ки ба унвони омили як дараҷа афзу-

дани ташаннуҷ дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қирғизистон хизмат кард.[1]

Дар моҳи январи соли 2003, дар иртибот бо 10-солагии истиқрори муносиботи дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мубодилаи паёмномаҳо миёни сарварони ҳарду давлат сурат гирифт. Дар он орзуи ҳарду ҷониб барои дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни кишварҳои мо – «рушди тавсеаёбандаи муносибот чӣ дар шакли ҳамкории чандҷониба, чӣ дар шакли дуҷониба дар ҷанбаҳои мухталифи муносиботи байнидавлатӣ» зикр шуда буд.[2]Равобити Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон дар системаи муносиботи минтақавии байнидавлатӣҷойи махсусро ишғол менамояд. Онҳо 17 январи соли 1997 истиқрор шуда зуд тавсеа наёфтанд ва ҳаҷми ба онҳо дар тӯли солҳои охир хосро соҳиб нагаштанд – солҳои аввал фақат бо ҳаҷми на он қадар калони тиҷорати байниҳамдигарӣ, расонидани башардӯстонаи ғалладона ва иштироки нерӯҳои низомии Ҷумҳурии Қазоқистон дар Иддаи Нерӯҳои Сулҳовар, ки дар Тоҷикистон ҷой дода шуда буданд, маҳдуд мегаштанд. Танҳо дар соли 2000 аз ҷониби Тоҷикистон «тавсеаёбии рушди мусбӣ, ки моҳияти шарикии стратегиро ба худ касб карда буд, ба мушоҳида расид».[1]

Робитаҳои тиҷоратию иқтисодии миёни ҳарду кишвар ба таври назаррас эҳё гаштанд, ки дар гардиши тиҷорати хориҷии афзуда аз сатҳи соли 1991 ба 3,1 баробар ифода ёфт. [2]

Дар арафаи соли 2001 равобити байнидавлатии

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 2002 г. - Душанбе, 2003. – С.10.

[2] Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. – Душанбе: Авасто, 2006. – С.435.

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 2000 г. - Душанбе, 2001. – С.10.

[2] Ҳамон ҷо – С.11.

Тоҷикистон ва Қазоқистон аллакай ба пойгоҳи ҷиддии шартномавию ҳуқуқӣ такя мекард, ки аз 50 санади дар тӯли 9 соли қаблӣ ба имзо расида иборат буданд. Санадҳои миёни ҳарду кишвар қабул шуда ба самтҳои муҳими ҳамкорӣ тааллуқ дошта пойгоҳи боэътибори ҳуқуқиро барои тақвият бахшидани ҳамкории дуҷониба таъмин мекарданд. [3]

Дар соли 2001 дар чаҳорчӯби кори комиссияи байниҳукуматӣ муяссар гашт, ки муҳовараи ҳарду кишварро оид ба масоили истифодабарии муштараки захираҳои обию энергетикӣ фаъолнок карда шавад. Дар ҷараёни гуфтушунид моҳи марти соли 2001 ҳарду ҷониб масоили истифодабарии маҷмӯи захираҳои обию энергетикии Нарини обанборҳои шаршараи Нарин дар соли 2001 муҳокима намуда аз рӯи шартномаи мазкур лоиҳаи Созишномаро кор карда баромаданд. [4]

Дар натиҷаи гузаронидани кори мақсаднок миёни Ҳукумати ҶТ ва намояндагии ҶҚ Созишнома оид ба таҷдиди назар нисбати қарзи давлат, ки аз ҷониби Ҳукумати Қазоқистон ба Ҳукумати Тоҷикистон дода шуда буд, созишнома ба имзо расид. Моҳи маи соли 2002 маҳдудияти муваққатии қаблан дохил карда шуда бекор карда шуд. Табодули мол миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон дар тӯли 11 моҳи соли 2002 37 млн. 872 долларн ИМА-ро ташкил дод. Аз маблағи ишорашуда 35 млн. 612 доллари ИМА ба саҳми содиротии кишвари бошиш рост меояд, ва 2 млн. 260 ҳаз. доллари ИМА – ба саҳми содиротии Тоҷикистон. Нисбат ба давраҳои қаблӣ табодули амвол миёни ҳарду кишвар дар соли 2002 якчанд маротиба афзоиш ёфт.

Соли 1995 бо як қадар фаъолнокшавии равобит байни

[3] Вместе, рука об руку. - Душанбе: Шарки озод, 2002. – С. 8.
[4] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 2001 г. - Душанбе, 2002. – С.11.


www.ravshanfikr.tj

ТоҷикистонуТуркманистон, тавассути иштироки Ашхобод дар ташкил ва гузаронидани даври 5-уми гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба танзим даровардани моҷаро хотирмон буд. Ҳангоми боздиди корӣ аз Туркманистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масоили ҳамкории муфид, минҷумла масъалаи расондани гази табиӣ, фирориҳои тоҷик дар ҳудуди Туркманистон ҳаллу фасли худро ёфтанд.[1]

Оид ба робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркманистон дар соҳаи сиёсӣ зикр кардан зарур аст, ки то айни замон ягон санади асосгузор оид ба асосҳои равобит баста нашудааст, ки ба раванди рушди ҳамкори муфид миёни ҳарду кишвар таъсири манфӣ мерасонд. Равобити сиёсии ҳарду кишвар дар айни замон тавассути Протокол оид ба ҳамкорӣ миёни ВКХ ҶТ ва ВКХ Туркманистон, Протокол оид ба машваратҳо миёни ВКХ ҶТ ва ВКХ Туркманистон, Тафоҳумнома оид ба фаъолияти Сафоратхонаи ҶТ дар Ашхобод ва Сафоратхонаи Туркманистон дар Душанбе ба танзим дароварда мешаванд. Дар асоси санадҳои мазкур робитаҳои нисбатан хуб миёни идороти сиёсати хориҷии кишварҳо ба роҳ монда шудаанд. Мувофиқат кардани мавқеҳои ҷонибҳо аз рӯи масоили минтақавӣ ва байналмилалӣҷой дорад. Тоҷикистон ва Туркманистон дар чаҳорчӯби мақомоти оинномавӣ ва соҳавии ИДМ, дар як қатор созмонҳои байналмилалӣ, дар масоили таъмини амният дар Осиёи Марказӣ, ҳаллу фасли моҷарои миёни тоҷикон, баргардонидани фирориҳои тоҷик ба Ватан ва соҳаҳои дигар бомуваффақият ҳамкорӣ мекунанд. Бо таваҷҷуҳ ба хусусияти рушди Туркманистон, хислати бетарафонаи самти сиёсати хориҷии он, захираҳои бузурги сӯзишворию энергетикӣ, мавқеи ҷуғрофию геополитикӣ, самтҳои афзалиятноки

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ в 1995 г. – Душанбе, 1996 . – С.4.

ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ИДМ, дар ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ, дар масоили таъмини амният дар Осиёи Марказӣ, дар мавзӯи Афғонистон, дар соҳаи иқтисодиёт – ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёти транзитӣ, тиҷорат, маҷмӯи сӯзишвориию энергетикӣ ва дигар соҳаҳо ба назар мерасанд. Дар соли 2002 ВКХ-и Тоҷикистон на танҳо бо «хосияти ғайримунтазам ва лаҳзаина» – муносибот миёни ҳарду кишвар, балки инчунин бо «як навъ дурии Туркманистон аз ҳамкории дуҷониба дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ, ки ҳарду ҷониб аъзоёни онҳо мебошанд», хотирмон буд.[2]

Чи хеле ки ВКХ Тоҷикистон зикр намуд, чунин ҳолати умур дар равобити Тоҷикистон ва Туркманистон бо он алоқаманд аст, ки аксари мақсадҳои баёншуда оид ба тавсеа бахшидан ва таъмиқи ҳамкории дуҷониба дар амал бо иқдомҳои ҷиддӣ дастгирӣ намеёбанд, дар ҳоле, ки ҳамкории муфид миёни ҳарду кишвар заминаи мувофиқ ва ба дараҷаи кофӣ имконоти васеи захираҳои истифодашударо доро мебошад. Омили асосие, ки ба сатҳи муносиботи ҳарду кишвар таъсири бевосита мерасонад, адами пойгоҳи кофии ҳуқуқӣ барои ба роҳ мондани робитаҳо ва рушди ҳамкорӣ аз рӯи самтҳои мухталиф мебошад. Имрӯз пойгоҳи шартномавию ҳуқуқии равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо Туркманистон бо пакети иборат аз 18 санад, ки аксарияти онҳо хусусияти байниҳукуматӣ ва идоротӣ доранд, муаррифӣ шудааст. Ба ғайр аз ин, баъзе аз онҳо (6 санад) амали худро қатъ намуданд, зеро, ки онҳо ба мӯҳлати шартшуда баста шуда буданд. Дар муносибот бо Туркманистон як қатор имконоти захиравии истифоданашуда инчунин барои зиёд гардонидани ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷоратиюиқтисодӣ мавҷуд ҳастанд.

---

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 2002 г. - Душанбе, 2003 . – С.11.


www.ravshanfikr.tj

Ҳамин тариқ, дар равобити Тоҷикистон ва Туркманистон имконоти зиёди ҳамкории муфид дар соҳаҳои ниҳоят мухталиф маҳфуз мемонад, ки метавонанд ҳам дар чаҳорчӯби робитаҳои дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ ба татбиқ расанд.

Равобити Тоҷикистон бо кишварҳои дигари ИДМ бо фаъолнокии камтар ба мушоҳида расида ва рушди худро танҳо дар соҳаҳои алоҳида ёфтанд.

Дар феврали соли 1994 Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Киев боздиди корӣ дошт. Дар ҷараёни боздид ӯ бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкорӣ миёни ҳарду кишвар дар сатҳҳои мухталиф мулоқотҳо гузаронида ду санад – Протокол аз рӯи натиҷаҳои гуфтушунидҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Д.Х. Каримов ва Сарвазири Украина В.А. Масола ва Созишномаи тиҷоратию иқтисодӣ барои соли 1995 – ро имзо гузошт. [1]

Аз феврали соли 1999 дар Киев Намояндагии тиҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории худро оғоз намуд.[2]

Марҳалаи муҳим дар рушди равобити Тоҷикистон ва Белоруссия ба фаъолият оғоз кардани Комиссияи белоруссиягию тоҷикистонӣ оид ба ҳамкории тиҷорию иқтисодӣ гашт. «Таоҳуднома оид ба дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Белоруссия» муҳокима гардид.[3]

Моҳи апрели соли 2000-ум Президенти Ҷумҳурии Белорус А.Г. Лукашенко аз Тоҷикистон боздиди расмӣ ба ҷо овард, ки бо имзо расидани якчанд санади муҳим дар соҳаи равобити сиёсӣ ва тиҷоратию иқтисодӣ хотирмон буд.[4]

---

[1] Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан. - Душанбе: Авасто, 2006. – С.9.
[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 1999 год. - Душанбе, 2000 . – С.4.
[3] Ҳамон ҷо. – С.5. .
[4] Ҳамон ҷо.

Муносиботи дуҷонибаи Тоҷикистон бо минтақаҳои дигари фазои баъдишӯравӣ дар давраи истиқлолият инчунин рушду нумӯи зиёдро, ба мисли равобит бо Федератсияи Россия ва кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна, касб накард.

Ҳамин тариқ, муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Закавказия дар маҷмӯъ «дар марҳалаи ҷустуҷӯи нуктаҳои ҳамоиши манфиатҳо ва механизми татбиқнамоии онҳо боқӣ монданд».[5]

Миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои назди Балтик равобити дуҷониба дар ҳолати эътирофи ҳамдигар, «ки бо он алоқаманд аст, ки давлатҳои мазкур мехоҳанд бештар Ҳамоноюли худро асосан ба Аврупо маҳфуз нигоҳ доранд» қарор доштанд.[6]

Равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Исломии Афғонистон дар давраи солҳои 1991-2005 бо мураккабӣ,баъдтар бо ташаннуҷ, ки бо ҳолати дохилисиёсӣ дар ҳудуди ҳамсояи ҷанубии мо хос буд,фарқ мекарданд. Сарҳади ниҳоят тӯлкашида (1036 км) масъулияти махсусро ба ӯҳдаи сисёсати ҳарду кишвари ҳамсоя нисбат ба якдигар вомегузошт. Дар ин қарина ҳатто амалҳои ҷузъитарини беэҳтиёт ва бемулоҳиза раво дониста намешуд. Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон аз ҷониби худ кӯшиш ба харҷ дод, ки ин сархатро дастгирӣ намояд, ки он натиҷаҳои мусбии худро дод. Созишномаҳои декабри соли 1993 дар Душанбе ба имзо расида ангезаи нав ба робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон фароҳам овард. Ин созишномаҳо дар он давра тасдиқи амалии масири роҳбарияти давлатии Тоҷикистон барои эътирофи қонунӣ будани Ҳукумати Б.Раббонӣ ҳамчун дастгирии ягона ва комилҳуқуқи он саъю талошҳои байналмилалӣ, ки барои ба даст даровардани сулҳи босубот дар ин ки-

---

[5] Ҳамон ҷо. – С.12.
[6] Ҳамон ҷо.

швари ҳамсоя равона шуда буданд.[1]

Фаъолнокшавии ҳаракати «Толибон» дар Афғонистон ва муборизаи шадид барои ҳокимият дар кишвар равобити дуҷонибаро, ки бе ин ҳам бинобар ҳузури ҲНИТ ва чандин даҳҳо ҳазор фирориҳои тоҷик дар ДИА вазнин шуда буд, ниҳоят мураккаб сохт. Чи тавре, ки ВКХ-и Тоҷикистон зикр намуд, «дар муносибат бо ДИА дар соли 1995 тағйирот ба вуқӯъ наомад. Ин дар навбати аввал бо сабаби беҳокимиятӣ дар ин кишвар марбут буд».[2] Вазъият дар солҳои минбаъда боз ҳам мураккабтар гашт. «Тирамоҳи соли 1996, бо суқути Кобул, хавфи амалҳои ғайримасъулонаи толибон ҳамчунин дар ноҳияҳои наздимарзӣ афзоиш ёфт, ки то ҳол маҳфуз боқӣ мемонад. Дар кишвари ҳамҷавор вазъияти ниҳоятан мураккаби низомию сиёсӣ ба вуҷуд омад, ки бо оқибатҳои ғайричашмдошт ҳамроҳ буд. Тоҷикистон мақсаднок шуморид, ки муносиботи худро бо ҳокимияти қонунии кишвар, ки ҳокимияти Президент Раббонӣ маҳсуб меёфт, нигоҳ дорад. Ба манзури дастгирии равобит бо ин кишвар, инчунин расонидани мусоидат барои баргардонидани фирориҳо, Ҳукумати ҶТ дар ш. Толиқон Консулигарӣ ифтитоҳ кард».[3] Бӯҳрони дохилисиёсии шиддатёфта дар ДИА, марбут ба муборизаи ҷонибдорони Ҳукумати қонунӣ бо сарварии президент Б.Раббонӣ бо ҳаракати «Толибон», аллакай дар соли 1998 ба ғасби қисмати аксари ҳудуди кишвар оварда расонд. Аз ҳамин лаҳза то октябри соли 2001 Ҳукумати қонунӣ ҳамагӣ аз 20 то 10% ҳудуди кишварро дар музофотҳои шимолии Афғонистон назорат мекард, ва бар зидди толибон дар музофотҳои Балх, Қундуз, Таҳор, инчунин дар қисмати марказии ки-

---

[1] Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан. – Душанбе: Авасто. – С. 12.

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчёт о деятельности МИД РТ за 1995 год. – Душанбе,1996. – С.6.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 5-6.

швар – Ҳазарҷот амалиётҳои низомӣ мебурд. Дар ин мубориза Ҳукумати қонунии ДИА аз дастгирии доимии сиёсӣ ва низомию техникӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, инчунин як қатор кишварҳои минтақа бархӯдор буд.

Аммо амалиётҳои низомии фаъол дар ДИА, инчунин сиёсати генотсид аз ҷониби толибон нисбати сокинони ғайрипуштунии кишвар, ба пайдоиши фирориҳо дар тасмаи марзии сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Афғонистон оварда расонд. Чи тавре, ки ВКХ Тоҷикистон зикр намуд, «Боиси изтироб, минҷумла хусусияти башарӣ дошта аст, ки дар ҷазирачаҳои дарёбоди дарёи Панҷ зиёда аз 8 ҳазор фирориҳои афғон ҷамъ омадаанд. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналхалқӣ ба онҳо кӯмаки зарурӣ расонида мешавад».[4]

Воқеаи 11 сентябри соли 2011 дар ИМА ҷойгиршавии нерӯҳои геополитикиро дар ҷаҳон ва минтақаи Шарқи Миёна тағйир доданд. Абарқудратҳои пешбари ҷаҳонӣ ба таври қатъӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки парадигмаҳои кӯҳнашудаo нисбати бурдани сиёсати хориҷии худ аз нав дида бароянд, қабл аз ҳама, саъю талошҳои худро дар самти фаъолнок намудани мубориза бо терроризми байналхалқӣ Ҳамонаркуз диҳанд. Ҳаводиси дар Афғонистон рухдода инчунин ба тағйири геополитика дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсир расонданд. Дар як маънӣ ҳамаи ин нисбати Тоҷикистон низ дорои аҳамияти хосе буд. Ба назари ВКХ-и Тоҷикистон, «Якум, онҳо ба истиқрори Ҳамоноюли рушди ҳамкории дуҷониба ва чандҷонибаи Тоҷикистон натанҳо бо давлатҳои Амрико ва Аврупо, балки инчунин бо кишварҳои Осиёӣ, таъсири маънидоронае расонданд. **Дуюм**, ҳаводиси дохилисиёсӣ дар Афғонистони ҳамҷавор ба Ҳамономи ҷаҳон асоснок ва тағйирнопазир будани равишҳои роҳбарияти Тоҷики-

[4] Бойгонии ҷории ВКХ. – С.22.

стонро дар танзими бӯҳрони афғон нишон доданд. **Сеюм**, дар иртибот бо манфиатнокии мавқеи геополитикӣ ва геостратегии худ дар минтақа Тоҷикистон таваҷҷуҳи баланди ҷамъияти ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд, ки дар андозаи муайян дар болоравии нақш ва обрӯю эътибори он инъикос ёфт».[1]

Дар соли 2002 ВКХ-и ҶТ кӯшиш ба харҷ дод то масири роҳбарияти сиёсиро аз рӯи сафарбарии ҷамъияти ҷаҳонӣ ва ҷомеаи байналхалқӣ оид ба батанзимдарории бӯҳрони Афғонистон ва барқарор сохтани Афғонистонро идома диҳад. Иштироки сарвари идораи сиёсати хориҷии ҶТ Т.Назаров дар Конфонси Бонн дар мавзӯи сохмони Афғонистон дар сентяби соли 2002 ва конфронси вазирони корҳои хориҷии кишварҳо-ҳамсояҳои Афғонистон моҳи декабри соли 2002 маҳз бо ҳамин илқо шуда буданд.

Баъди вусули Ҳукумати муваққатии Афғонистон, Тоҷикистон дуюмин шуда баъди Эрон Ҳукумати навро расман эътироф кард ва сафоратхонаи худро дар Кобул дар январи соли 2002 ифтитоҳ бахшид. Бо боздиди кӯтоҳмуддат сарвари Ҳукумати давраи гузариши Афғонистон Ҳамид Карзай ба Душанбе ташриф овард. Аз рӯи натиҷаҳои гуфтушуниди ӯ бо Президент Э. Раҳмон Изҳороти муштарак ба имзо расид, ки дар он ҷонибҳо самтҳои асосии ҳамкориро дар дурнамои наздиктарин муайян намуданд. Дар соли 2002 инчунин сафарҳои вазирони коҳои хориҷӣ, нақлиёт, алоқа ва энергетикаи Тоҷикистон ба Афғонистон ва як қатор вазирони Афғонистон ба Тоҷикистон ба вуқӯъ пайвастанд, ки дар муайян сохтани соҳаҳои мушаххаси ҳамкории Тоҷикистону Афғонистон саҳми муҳим гузоштанд.

Дар соли 2002 пойгоҳи ҳуқуқии равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон, ки дар бисоти худ беш аз 12 санади ҳуқуқӣ (то омадани ҳокимияти ҳаракати «Толи-

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.3.

бон») доштанд, бо панҷ санади нав пурра карда шуд: Изҳороти муштараки Президент Э. Раҳмон ва сарвари Ҳукумати давраи гузариши Афғонистон Ҳ.Карзай; Созишнома миёни ҶТ ва Ҳукумати давраи гузариши ДИА оид ба ифтитоҳи консулигарии ҶТ дар ш. Мазори Шариф ва консулигарии Афғонистон дар Хоруғ; Протоколи тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳамлу нақли автомобилӣ; созишнома оид ба ҳамлу нақли байналхалқӣ; Созишнома оид ба алоқаи ҳавоӣ.[1]

Ба эътидоли умумӣ омадани вазъият дар Афғонистон ва гузариш, асосан, бо раванди барқарорӣ дар ин кишвар, инчунин бо гузариши ҳимояти сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дар июни соли 2005 аз нерӯҳои марзбони Россия ба ихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон хотирмон буд.

Равобити дуҷониба бо Ҷумҳурии Исломии Эрон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти худро дошт ва ҳанӯз дорад, ки бо қаробати фарҳангию таърихӣ ва забонии мардуми тоҷик ва эронӣ марбут аст. Аз замони эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶИЭ дар барқарор намудан ва рушди муносибот бо ҷумҳурии нави мустақил пешсаф буд. Сафоратхонаи Эрон муассисаи аввалини ин навъ буд, ки дар Душанбе ифтитоҳ гашт. Баъдтар, дар пойтахти Тоҷикистон шӯъбаи бонки тиҷоратии эронии «Тиҷорат» ва мағозаи нашриёти давлатии «Ал-Ҳудо» ифтитоҳ ёфт. Вале ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва марбут ба он бесуботии сиёсӣ рушди равобити дуҷонибаро боздоштанд. Ба ин нигоҳ накарда, дар моҳи июли соли 1995 Президенти ҶТ аз Теҳрон боздиди расмӣ кард, ки дар ҷараёни он 12 санад ба имзо расид. Дар моҳи август дар Душанбе дар тӯли солҳои барқарории ҳокимияти қонунӣ дар Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷии ҶИЭ Али Акбар Вилоятӣ ташриф овард. Дар ш.Теҳрон аз

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. – Душанбе, 2003.

июли соли 1995 Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кард. Чи тавре ки дар ин давра ВКХ Тоҷикистон зикр намуд, рушди муносиботи дуҷониба бо ҶИЭ бо баъзе масъалаҳое, ки коркарди возеҳу равшан ва супоришоти директивро тақозо доштанд, вобаста буданд. Дар иртибот ба ин, мақсаднок аст, ки таваҷҷуҳи асосиро ба тавсеаи ҳамкории иқтисодӣ дар асоси манфиати тарафайн равона карда шавад. Ҷониби Эрон дар тӯли соли 1995 аз нуқтаи назари ҳамкории иқтисодӣ, дар маҷмӯъ, бо идома додани омӯзиши имконот машғул буд. Баъди боздид аз ин кишвар дар сатҳи олӣҷониби эронӣ бо як қатор пешниҳодот оид ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ин кишвар баромад кард, ки манзур аз ин имконияти пайдошудаи истифодабарии роҳи оҳани Туркманистон – бандарҳои халиҷи Форс буд.[1] Зимни ин, дар равобити дуҷонибаи ҳарду кишвар мушкилоте боқӣ монда буданд, ки бо дастгирии ИМТ аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон марбут буд. Дар ин хусус ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки «Дар соҳаи рушди равобити сиёсӣ ва башарӣ бо ин кишвар онҳо боз якчанд муддат эҳтимолан таҳти таъсири мавқеи кишвари Эрон нисбати танзими масъала бо мухолифон боқӣ монанд».[2]

Дар тӯли соли 1996 равобит бо ҶИЭ дар марҳалаи коркарди нақшаҳои тавсеабахшии онҳо дар сатҳи сифатан нав маҳфуз монда буданд. «Ҳамкории иқтисодӣ бо Эрон бошад, ба касби хусусияти мубодилаи назарҳо оғоз мекунад. Дар соли 1996 содироти ҶТ ба Эрон 1714493 доллари ИМА, ва воридот – 10461 837доллари ИМА-ро ташкил дод.»[3] Дар айни замон, аз ҷониби ВКХ-и ҶТ бори якум зикр карда шуд, ки «Дар равобити иқтисодии ҳарду кишвар дар айни ҳол баъзе дурнамоҳо кушода мешаванд.

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ в 1995 г. - Душанбе. – С.6
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳамон ҷо. – С-5.

Имконоти ҷалби сармояҳои ин кишварҳо барои сохтмони чунин объектҳои муҳим, мисли роҳи автомобилии Кӯлоб-Дарвоз, НБО-и Сангтӯда пайдо шуданд».[1]

Ҳолати мушобеҳи умур инчунин дар соли минбаъда, соли 1997, боқӣ монд, ки дар он вақт ВКХ-и Тоҷикистон зикр карда буд: «Дар равобит бо Эрон, ба мисли соли қаблӣ, муҳокимаи имконоти ҳамкорӣ нисбат ба худи ҳамкорӣ бештар сурат мегирад. Чунин мавқеъ аслан ба муносибат бо Эрон хос нест, ки эҳтимоми муайянро бо мушаххасияти эҳсосшаванда боис мешавад. Вале, ба далели он ки бо Эрон робитаҳои бисёрсола ва гуногунсатҳа пойдор ҳастанд, тасаввуроти бенатиҷагии равобит аз нуқтаи назари ба роҳ мондани ҳамкории муфид ба вуҷуд меояд».

Дар тӯли ду соли минбаъда равобит миёни Тоҷикистон ва Эрон ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ нашуд. Вазорат фақат зикр менамуд, ки «Таҳлили ҷараёни татбиқи санадҳои ба таври муштарак қабулшуда нишон медиҳад, ки дар равобити Тоҷикистону Эрон дурнамои калон мавҷуд аст, махсусан дар чунин соҳаҳо ба мисли энергетикаи обӣ, саноати нассоҷӣ, саноати сабук ва ғ.»[2]

Танҳо дар соли 2002 дар равобити Тоҷикистон ва ҶИЭ ҷунбиши мусбӣ ба мушоҳида расид. Дар моҳи июли соли 2000 барои иштирок дар саммити кишварҳо-аъзоёни ЭКО Президенти ҶТ аз Эрон боздид кард. Дар чаҳорчӯбаи ин сафар Э.Ш.Раҳмон бо Президенти Эрон ҲоҲамонӣ мулоқот кард. Таваҷҷуҳи зиёд ба рушди минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ зоҳир карда шуд. Натиҷаи мулоқот бо додани қарз ба маблағи 25 млн. доллари амрикоӣ аз ҷониби Эрон ба Тоҷикистон анҷом ёфт. Дар ҷараёни гуфтушуниди ҳарду давлат инчунин масоиле, ки

[1] Ҳамон ҷо.

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 1999 г. – Душанбе, 2000. – С.10.



www.ravshanfikr.tj

ба вазъияти ДИА ва умуман ба минтақа тааллуқ доштанд, баррасӣ шуданд.[1]

Дар соли 2001 равобит бо Эрон ҳам дар самти кӯчонидани саъю талошҳои асосӣ ба густурдани ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ва ҳам дар масоили амнияти минтақавӣ, ки ғолибан бо вазъият бо Афғонистон, ки бо далели оғози амалиёти «Озодиии қатънопазир» дар ин кишвар дар октябри соли 2001 марбут буд, сурат мегирифтанд».[2]

Бо иштироки фаъол дар фаъолияти эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ, ҳарду кишвар равиши тағйирнопазир ва мавқеи асосӣ оид ба танзими бӯҳрони Афғонистон Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти сиёсии он ҷонибдории пайвастаи худро аз мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ ва манфиатнокии зиёд дар амният ва босуботии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъкид намуданд. Дар соли 2002 равобити Тоҷикистону Эрон Ҳамоноили гузаришро барои ба роҳ мондани ҳамкории муфиди дуҷониба доштанд. Боздиди расмии Президенти ҶИЭ таваҷҷуҳи зиёдро барои мустаҳкам намудани эътимоди дуҷонибаи ҳарду кишвар, фаъолнокунонии эҳсосшавандаи фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон зоҳир намуд. Боздид инчунин аз дидгоҳи пурра намудани пойгоҳи ҳуқуқии мавобити Тоҷикистону Эрон бо 14 санади нави ҳуқуқӣ пурмаҳсул буд.[3]

Барои рушди ҳамкории тиҷорию иқтисодии ҳарду кишвар дар ин давра нақши муҳимро ифтитоҳи алоқаи ҳавоии мустақими Душанбе – Теҳрон, инчунин баргузор намудани маъразҳои молҳои эронӣ дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми соли 2002 бозиданд. Рушди равобити

---

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 2002 г. – Душанбе, 2003.– С. 15.
[3] Ҳамон ҷо. – С.16.

Тоҷикистон ва Эрон дар давраи минбаъда аз як тараф бо таъмиқи муносибот миёни ҳарду кишвар, марбут бо қаробати фарҳангию таърихӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар, бо тағйир ёфтани вазъияти байналхалқӣ дар минтақаи Шарқи Миёна, ки баъди воридшавии қуваҳои НАТО ба Афғонистон ва амалиёти блоки мазкур дар Ироқ дар баҳори соли 2003, ки ба истилои кишварҳо ва ҷанги шаҳрвандии дарозмуддат оварда расонд, марбут буд. Зуҳури бештари барҷастаи яке аз омилҳо иштироки васеи Эрон дар сохтмони НБО-и Сангтӯда-2 буд. Якҷоя бо Тоҷикистон ин лоиҳа дар соли 2005 ба иҷрошавӣ оғоз шуд. Эрон 180 млн. доллари ИМА (саҳми Тоҷикистон – 40 млн.долл) маблағгузорӣ намуд. Иқтидори лоиҳавии НБО-и Сангтда-2 220 мВт-ро ташкил хоҳад дод, ки имкон медиҳад дар як сол 1 млрд. кВт. энергияи барқ истеҳсол карда шавад. Даромади НБО, баъди ба истифода додани он, дар муддати 12,5 сол ба Эрон тааллуқ хоҳад дошт. Инчунин ба нақша гирифта шудааст, ки дар ҷараёни сохтмони НБО-и Сангтуда-2 ХИБ-и Тоҷикистон-Эрон-Афғонистон (Сангтӯда-Машҳад тавассути ҳудуди Афғонистон) сохта мешавад, ки ба воситаи он ба шаҳрҳои шимолии Афғонистон, инчунин ба шарқи Эрон нерӯи барқ интиқол дода мешавад.[1]

Лоиҳаи дигари калони дар соҳаи энергетикаи обӣ бо иштироки Эрон барномаи сохтмони ҳашт НБО-ҳои хурд дар дарёи Зарафшон шуд, аз ҷониби Корхонаи муштараки (КМ) Тоҷикистону Эрон «Роҳи Корвон-Кӯҳруд, дар чаҳорчӯби барномаи дарозмуддати таҳияшудаи Ҳукумати Тоҷикистон оид ба сохтмони НБО-ҳои хурд дар соли 2006, Эрон ба сохтмони НБО-ҳои хурд дар ноҳияҳои Айнӣ, Турсунзода, Нуробод, Балҷувон ва Шаҳринав 10

[1] Давлатов З. Иранцы начали возводить здание ГЭС Сангтуда-2 //Азия плюс. – 2007. – 23 авг.

млн. долл. ИМА маблағгузорӣ мекунад.[1] Бинобар он ки Ҳамоноили асосӣ дар омили дуюми равобити Тоҷикистон ва Эрон ташаннуҷи афзоишёбандаи низомию сиёсӣ дар минтақа гашт ва марбут бо моҷарои низомии идомаёбанда дар Афғонистон, истилои Эрон, инчунин (аз оғози соли 2006) бо таҳдидҳои Эрон аз ҷониби ИМА вобаста бо барномаи зарравии он, Тоҷикистон кӯшишҳои дипломатиро бо мақсади коҳиш додани ташаннуҷ дар атрофи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар кулли самтҳои мазкур ба харҷ дод.

Равобити Ҷумҳури Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар феврали соли 1992 истиқрор ёфта буданд. Зикр кардан зарур аст, ки дар равобити дуҷониба бо ҶМХ Тоҷикистон «мерос» – и таърихи дошт, ки аз масоили ҳалнашудаи Россия ва Тоҷикистони охири асри XIX боқӣ монда буданд. Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар соли 1991 хатти сарҳади давлатии шӯравию Хитой мавҷуда, ки қисми он марзаи 509 километраи марзи Тоҷикистону Хитой дар Помир гашт, эътироф намекард. Чи тавре ки ВКХ-и Тоҷикистон зикр кард, ҶМХ ба масоҳати на камтар аз ҳафт як ҳиссаи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон даъво дошт.[2]

Аниқтараш ҶМХ ба масоҳати ВМБК дар се қитъа даъво доштанд:

1) дар минтақаи д. Маркансӯ;

2) Қуллаи Каразак

3) Қитъаи «Помири Шарқӣ», ки қисмати калони ноҳияи Мурғоб, то қисмати ғарбии д. Аличурро дарбар мегирифт. Майдони умумии ҳарсе қитъаҳо 22,4 ҳаз.км. мураббаъроро ташкил медод.

Фаҳмост, ки Ҷумҳури Тоҷикистон бо маҳрумшавӣ аз

---

[1] Таджикско – Иранский настрой восемь малых ГЭС // Факты и комментарии. – 2007. – 9 авг.

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ в 1995 г. – Душанбе. 1996. – Март. – С.7.

чунин масоҳати васеъ, қабл аз ҳама, аз захираҳои канданиҳои фоиданок дар қаъри онҳо розӣ шуда наметавонист. Дар охири соли 1995 зимни гуфтушунид бо ҷониби Хитой «мавқее, ки ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон бо назардошти воқеиятҳои ташаккулёбанда посухгӯ мебошад, кор карда шуд».[1]

Дар баробари ин, ҷониби Тоҷикистон зикр кард, ки «дар ҷиҳати дуҷониба ҶМХ мавқеи бетарафии мусбиро аз рӯи масоили Тоҷикистон ишғол намуда, зимни ин ба танзими ҳамкории самаранок дар соҳаҳое, ки манфиат меорад, такя менамояд. Қобили зикр аст, ки ҷониби Хитой, чун қоида, густариши ҳамкории муфидро бо омилҳои ғайрииқтисодии фаъолияти мо вобаста намекунад». [2]

Ба дараҷаи зиёд барои ҳаллу фасли мушкилоти марзӣ имзои созишномаи байниҳукуматӣ оид ба меъёрҳои эътимод дар минтақаи сарҳадӣ, ки апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхай ба вуқӯъ пайваст, хидмат намуд. Созишномаи аз ҷониби намояндагони Хитой, Россия, Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон ба имзо расида ба кори «Панҷгонаи Шанхай» оғоз гузошт, ки дар тӯли якчанд сол масъалаи таъйини ҳудуд ва нишон додани марзи сарҳади шӯравию Хитойиро ҳаллу фасл намудааст. Барои баланд рафтани сатҳи нави равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон инчунин боздиди давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмон аз ҶМХ хидмат намуд, ки дар ҷараёни он мулоқотҳо ва мусоҳибаҳои ӯ бо Раиси ҶМХ Тсзян Тсземин, Раиси ВСНП ҶҶМ Тсяао Ши, сарвазири Шӯрои давлатӣ Ли Пэн, ходимони дигари давлатӣ баргузор гардиданд, ки дар онҳо масоили муҳими таъмиқи ҳамкории дуҷониба миёни ҳар-

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ в 1995 г. – Душанбе. Март. 1996. – С.7.
[2] Ҳамон ҷо.

ду кишвар муҳокима шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои боздид ҳафт санади байниҳукуматӣ ба имзо расиданд».[1]

Ба арафаи соли 1996 инчунин оғози истиқрори робитаҳои мустақими иқтисодии минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва ҶМХ тааллуқ дорад. Дар иртибот ба ин, боздидҳои дуҷонибаи ҳайати вакилони ВМБК бо сарварии Раиси вилоят А.Ниёзмуҳаммаедов аз Ноҳияи Мухтори Синзяни Уйғуристон (НМСУ)-и Хитой ва ҳайъати вакилони бо сарварии ҷонишини раиси Ҳукумат дар музофоти мазкури Хитой Ли Дунхай аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, «бо мақасди ба роҳ мондани ҳамкории тиҷорию иқтисодӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилӣ тавассути ағбаи Қулма ташкил карда шуданд. Ба туфайли чорабиниҳои қабулшудаи дипломатӣ дар декабри соли 1996 созишнома миёни Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶМХ оид ба муваққатан кушодани гузаргоҳи тиҷоратии Қулма дар марзи ҳарду кишвар баста шуд».

24 апрели соли 1997 дар ш. Москва дар сатҳи баланд Созишномаи панҷҷонибаи байнидавлатӣ оид ба ихтисори нерӯҳои мусаллаҳ ва аслиҳа дар минтақаи марзӣ, ки идомаи мантиқии Созишномаи Шанхай оид ба меъёрҳои эътимод дар минтақаи сарҳадӣ буд, дар амри таъмини босуботӣ ва амният дар минтақа аҳамияти калон дошт.

Аҳамияти ҷиддиро инчунин ҳаллу фасли масоили коркарди минбаъдаи масъалаи барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаётан муҳими сохтмони роҳи автомобилии тавассути Қулма бо баромадан ба шоҳроҳи Қароқорум доро буд. Бо ин мақсад 16 июли соли 1997 аз ҷониби ҳайати вакилони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва НМСУ-и ҶМХ ба мавзеъ омада Протокол оид ба таъйини нуқтаи пайвастшавии роҳи автомобилии сохташаванда ба имзо расид. Ин амр ҳаллу

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 10-11.
[1] Ҳамон ҷо. – С.11.

фасли масоили суръат бахшидани сохтмони он ва истифодабарии минбаъдаи онро ба таври назаррас тақвият бахшид. Моҳи феврал Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарори ҳукуматӣ оид ба ташкили тиҷорати наздисарҳадӣ ва суръат бахшидан ба таҳияи лоиҳаҳои сохтмони роҳи автомобилӣ ба Хитой тавассути ағбаи Қулма имзо кард. Қарори мазкур дар ҳудуди ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ ташкили тиҷорати наздисарҳадиро бо ҶМХ пешбинӣ карда буд. Дар иртибот ба ин сарвари давлат ба мақомти дахлдори давлатӣ супориш дод, ки бо намояндагони ҶМХ масоили ифтитоҳи дидбонгоҳи мурури соддакардашуда, маконҳои тиҷорати наздисарҳадӣ, тартиби убури сарҳадот ва ғ. мувофиқ карда шаванд. Дар ҷанбаи ҳамкории иқтисодии Тоҷикистону Хитой далели муҳим ҳал намудани масъала оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додани қарзи давлатӣ аз ҷониби ҶМХ ба шумор мерафт, ки тибқи Протоколи дар моҳи ноябри соли 1997 ба имзо расида, барои таҷдиди корхонаи Ҳамонокубарории Душанбе пешбинӣ шуда буд. Дар октябри соли 1997 ба Душанбе аз ҶМХ 15 автобусҳои шаҳрӣ ворид шуд, ки дар як вақт мутахассисони Хитой барои ташкили кӯмак барои истиофдабарии онҳо омаданд. Дар миёни ҳайати вакилони сершумори ҶМХ, ки дар тӯли соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, ҳайати вакилони институтҳои илмӣ-таҳқиқотии назди ВКХ ва Шӯрои давлатии ҶМХ-ро махсус зикр кардан лозим аст.[1]

Дар соли 1998 ҶМХ ба Тоҷикистон ба маблағи 100 млн. юан ва кӯмаки башардӯстона ба маблағи 54 млн. юан барои харидории автобусҳои мусофиркашонӣ, ва 65 млн. юан ҳамчун қарз ҷудо кард, ки қисмати асосии он

[1] Абдуллаев З. Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. – Душанбе, 2005. – С. 421.

барои корхонаи муштараки «Ришта» дар ноҳияи Ҳисори Тоҷикистон пешбинӣ шуда буд. Дар моҳи июн аз Тоҷикистон ҳайати вакилони тиҷорию иқтисодии Хитой бо сарварии ҷонишини вазири тиҷорат ва ҳамкории хориҷии ин кишвар боздид намуд. Дар моҳи август аз ҶМХ ҳайати вакилони Кумитаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон боздид ба анҷом расонид. Дар ҳамин сол гуфтушуниди Тоҷикистону Хитой аз рӯи масоили сарҳадӣ идома дода шуд. Кишварҳо барои бастани созишномаи байнидавлатӣ оид ба марзҳои сарҳадии ба мувофиқат расида наздик шуданд. Дар моҳи октябр гузаргоҳи тиҷоратии пешакӣ тавассути ағбаи Қулма бо назардошти ташкили ҳаракат дар соли 1999 ифтитоҳ гардид.[1]

Лаҳзаи таърихӣ дар муносибрти Тоҷикистон ва ҶМХ боздиди дӯстонаи Президенти Тоҷикистон аз Пекин ба шумор меравад, ки дар соли 1999 сурат гирифт. Дар ҷараёни боздид ба имзо расиданд: Баённомаи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶМХ оид ба рушди минбаъдаи муносиботи ҳамсоягии нек, дӯстона ва ҳамкорӣ; Созишнома оид ба сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Хитой, оид ба алоқаи автомобилӣ, оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва сӯиистеъфода аз онҳо, маводи психотропӣ ва назорат аз рӯи прекурсорҳо. Қабл аз боздиди мазкур гуфтушунидҳои душвор, вале бомуваффақияти дар идомаи сол баргузор гардида оид ба сарҳади Ҳайати вакилон бо намояндагони Хитой аз рӯи бартараф намудани ихтилофоти мавҷуда миёни ҶМХ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба тасвияи статус-кво оид ба марзҳои мувофиқатнашудаи сарҳадоти давлатӣ сурат гирифта буд. Ба ғайр аз ин, барои ҳаллу фасли ин масъала нақши мусбиро боздиди ҷонишини котиби Шӯрои давлатии ҶМХ Тсян Тсичэн аз Душанбе дар моҳи июни соли 1999 бозид, ки дар ҷараёни он дар як

[1] Ҳамон ҷо. – С. 430.

вақт бо имзои Созишнома оид ба ҳамкории техникию иқтисодӣ, ҳолатҳои статус-кво барои ҳарду ҷониб мақбул мулоҳизаронӣ карда шуд, ки барои ба имзо расидани Созишномаи лозима оид ба сарҳади давлатӣ миёни ҶМХ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард.[1]

Равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Хитой дар соли 2000-ум бо шиддат рушд меёфтанд. Аз 3 то 5 июли соли 2000-ум бозиди давлатии Раиси Ҷумҳури Мардумии Хитой ҷаноби Тсян Тсзяэмин аз Душанбе баргузор гардид, ки дар ҷараёни он бо мақсади тавсеаи минбаъдаи пойгоҳи шартномавию ҳуқуқии миёни ҳарду кишвар созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ миёни Додситонҳои ҳарду давлат, Изҳороти муштарак (дар сатҳи баланд) ва як қатор санадҳои дигар ба имзо расиданд. Дар ҷараёни омодасозии боздид ҷониби Хитой фаҳмонданӣ буд, ки барояш ҳаллу фасли сарҳад масъалаи муҳим мебошад. Дар ин шароит дар моҳи апрели соли 2000-ум ҷониби Хитой барои дар ш. Душанбе гузаронидани машваратҳо дар сатҳи коршиносон икдом намуд. Дар ҷараёни машваратҳо ҳарду ҷониб мавқеъи худро, ки дар ҳалли масъала аз ҳамдигар ниҳоят дур буданд, татбиқ намуданд. Чи тавре ки ҷониби Тоҷикистон зикр намуд, «Аз дидгоҳи сиёсӣ миёни ҳарду кишвар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва некхоҳӣ ташаккул ёфтааст. Барои равобити иқтисодӣ ва ғайра бошад, тибқи усули манфиати дуҷониба, ҳоло ҳам захираҳои зиёде барои такомулбахшӣ мавҷуданд». [2]

Дар моҳи июли соли 2000-ум ба Душанбе ҳайати вакилони округи низомии Ланаҷоу ташриф овард, ки ба маблағи 5 млн. юан кӯмаки беғараз расонд. Дар маҷмӯъ ҷониби Хитой дар тӯли нимсолаи аввали соли 2006 ба Тоҷикистон ба маблағи 30 млн. юан, бо назардошти қар-

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 1999 г. – Душанбе, 2000. – С. 8.

[2]Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 2000 г. Душанбе, январь 2001 . – С-21.


www.ravshanfikr.tj

зи таҷдиди сохторишуда – 67 млн., кӯмаки беғаразона ра-сонд. [1]

Дар ҷараёни боздиди расмии Вазири корҳои хориҷии ҶТ Т. Назаров аз Хитой дар моҳи июни соли 2001 масоили дурнамои рушди равобити дуҷониба дар партави ҳалли ниҳоии масъалаи сарҳадии миёни ду кишвар боқӣ монда ба таври муфассал муҳокима карда шуданд. Воқеаи муҳим дар дурнамои ҳамкории муфид ба анҷомрасии сохтмони роҳи автомобилии Мурғоб-Қулма маҳсуб меёбад. Аз дидгоҳи сиёсӣ воқеаи муҳим дар равобити Тоҷикистон ва Хитой дар соли 2001 ҳаллу фасли ниҳоии масъала оид ба гузаштани хатти сарҳади давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой мебошад.[2]

Воқеаи муҳимтарин дар равобити Тоҷикистон ва Хитой дар соли 2002 ҳаллу фасли ниҳоии масъалаи сарҳадӣ бо Хитой мебошад, ки бо ба имзо расидани созишномаи иловагӣ оид ба сарҳади Тоҷикистон ва Хитой дар ҷараёни боздиди Президенти ҶТ Э. Раҳмон ва ҶМХ дар моҳи майи соли 2002 анҷом ёёт. Аҳамияти боздид натанҳо бо имзои Созишномаи иловагӣ муайян мегардад, балки инчунин бо он ки он равобити шарикии стратегӣ ва сатҳи баланди эътимодро миёни Тоҷикистон ва Хитой тақвият бахшид, дурнамоҳои васеъро барои ҳамкории муфид боз кард. Он бо санадҳои нави ҳуқуқӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф пурра карда шуд. Дар моҳи декабри соли 2002 аз самти Помири Шарқӣ марзбонони россиягӣ барои ҳифзи сарҳади Тоҷикистону Хитой ворид карда

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 23.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 16.
23 Масум У. Суровая правда Мургаба //Азия- Plus. – 2003, 27 февраля.
24 Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 2001 г. – Душанбе, январь, 2002. – С.21.
[2]Цзинь Юйлун. Китай-Таджикистан: расширенние торгово-экономического сотрудничества. Перспективы развития торгово-экономического сотрудничества между КНР и РТ //Бизнес и политика. – 2003. – 20 июня.

шуданд. Ҳифзи 509-километраи гурӯҳи марзбонони Мурғоб ба ихтиёри хадамоти марзбонии Тоҷикистон гузашт.

Дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Хитой ҳолати ҳамкории тиҷорию иқтисодӣ дар соли 2002 ба сатҳи баланди ҳамкории сиёсӣ, ки миёни ҳарду кишвар дар ин давра барқарор шуда буд, мутобиқат намекард. Сабаби асосии чунин ҳолат адами роҳҳои мустақими нақлиётӣ, ки кишварҳои моро пайваст мекунанд, мебошад. Ҳамин тариқ, аз рӯи ҳолати то 31 октябри соли 2002 гардиши тиҷорати хориҷӣ миёни ҶТ ва ҶМХ камтар зиёда аз 10 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки аз ҷумла, ба саҳми содирот 4,9 млн. долл. ИМА, воридот – 5,1 млн.долл. ИМА рост меояд (барои мисол, гардиши тиҷорати хориҷӣ миёни Хитой ва Қирғизистон дар соли 2001 119 млн. долл. ИМА –ро ташкил дод).

Кӯмакҳои беғаразонае, ки аз ҷониби Ҳукумати Хитой бисёркарата дар тӯли солҳои истиқлолият ба Тоҷикистон расонида мешуд, дар соли 2002 ба маблағи 144,55 млн. юани Хитой расиданд.

Равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ таърихи дуру дароз дорад ва робитаҳои бисёрасраи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро доро мебошанд. Барқарор намудани робитаҳои бисёршакла бо Ҳиндустон, Покистон ва Шри Ланка, ки дар замони ҳокимияти шӯравӣ қатъ гардида буданд, дар солҳои истиқлолият махсусиятҳои худро нисбат ба равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои Осиё доро мебошанд.

Ҷумҳурии Исломии Покистон аз ҷумлаи ҳамсояҳоест, ки муттасил барои тавсеабахшии равобит бо Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар давраи солҳои 1992-1995 боздиди роҳбарони баландмартабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин кишвар баргузор гардиданд Аз соли 1992 дар Душанбе сафоратхонаи Покистон амал мекунад.

Ҳарду кишвар дорои имкониятҳои васеъ барои ҳамкорӣ буданд, махсусан дар соҳаи энеретика ва саноати нақлиётӣ. Аммо дар ин ҷо, масъала бо он ҳолат мураккаб мегардид, ки интиқоли нерӯи барқ бояд тавассути ҳудуди Афғонистон сурат мегирифт, вале дар он ҷо ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш намегардад. Лекин соҳаҳои дигари ҳамкорӣ низ мавҷуд ҳастанд, ки ҷустуҷӯ дар ин самт идома дорад.[1]

Дар соли 1996 муносибот бо Ҷумҳурии Исломии Покистон мушкилоти муайянеро аз сар гузаронид, ки бо сабаби бӯҳрони сиёсӣ дар Покистон, инчунин бо ихтилофи мавқеи Тоҷикистон ва ин кишвар аз рӯи мавзӯи Афғонистон ба вуҷуд омада буданд. Қобили зикр аст, ки ин мушкилот ошкоро зуҳур намеёфт. Аз дидгоҳи иқтисодӣ Покистон манфиатдор аст, ки бо Тоҷикистон робитаҳои густурдаро ба роҳ монад. Дар ин росто дар соли 1996 оид ба имконияти сохтмони роҳи автомобилии Покистон-Хитой-Тоҷикистон гуфтушунидҳо гузаронида шуданд. Аз дидгоҳи сиёсӣ, дар моҳи октябри соли 1996 ба Тоҷикистон сафири махсуси Сарвазири Покистон ташриф овард, ки аз ҷониби Президети кишвар пазируфта шуд. Ба вазифаи сафири махсус, асосан, масъаалаи тавзеҳи мавқеи Покистон аз рӯи масъалаи роҳ дохил буд. Дар моҳи августи соли 1996ҶТ оид ба ифтитоҳи намояндагии тиҷоратӣ дар Покистон қарор қабул намуд.[2]

Дар соли 1997 дар равобити Тоҷикистон ва Покистон бинобар пардохти қарзи давлатӣ, ки аз қониби Ҳукумати Покистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда буд, ташаннуҷ сар зад. Чи тавре, ки ВКХ Тоҷикистон зикр намуд, «ҷониби Покистон ҷавобро оид ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бастани

[1] Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации. Душанбе, 2004. – С. 539-540.

[2]7Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ в 1996 г. – С.6.
Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ в 1996 г. – С.6.

созишнома оид ба таҷдиди сохторӣ намудани ин қарз ба таъхир меандозад». [1]

Дар ҷараёни боздиди роҳбари идораи сиёсати хориҷии Тоҷикистон Т.Назаров аз Покистон дар соли 1998 таваҷҷуҳи махсус ба танзими масъалаи Афғонистон зоҳир карда шуд. Дар ҳамин сол дар равобити Тоҷикистону Покистон ягон тағйироти назаррас ба вуҷуд наомад, масъалаи таҷдиди сохтор намудани қарз бошад, ҳаллу фасли худро наёфт. [2]

Дар соли минбаъдаи 1999 равобити Тоҷикистон ва Покистон инчунин ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ нашуданд: «фаъолнокии сиёсӣ дар муносибот бо Покистон ба як дараҷа коҳиш ёфт, ки ба назари мо, бо ҷустуҷӯи роҳҳои ба танзим овардани вазъият дар Афғонистон, бо равиши ташаккул ва ояндаи статуси Ҳукумати ин кишвар марбут мебошад».[3]

Фаҳмост, ки ҳаллу фасли масоили мазкур ба далели дастгирии нерӯҳои мухолиф дар Афғонистон аз ҷониби ҳарду кишвар: Эътилофи коалитсияи Шимолӣ – аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаракати «Толибон» – аз ҷониби Покистон ниҳоят мушкил гардида буд. Дар соли 2002, замоне ки ба истиқрори муносиботи дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Покистон даҳ сол пур шуд, ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки ҳолати воқеии равобит ба имконоти баланди мавҷуда ва талаботи асосӣ посухгӯ нест.[4] Ба сабабҳои асосии роҳҳои ташаккулёфтаи

---

[1]Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТза 1997г. – Душанбе, 1998. –С. 17.

[29] Саидов З., Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной Арене. – Душанбе , 2005. – С. 430.

[3] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 1999г. – Душанбе, 2000. – С-17.

[4] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 1999г. – Душанбе, 2000. – С-16.

умур ишора намуда, ВКХ-и кишвар таъкид намуд, ки: «Равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Покистон аз соли 1994 оғоз намуда, бинобар омили доимии масъалаи Афғонистон ҳамоно дар ҳолати рукуд боқӣ мемонд. Ин ҳолатро то як дараҷа муяссар гардид, ки дар ҷараёни боздиди расмии сарвари Ҷумҳурии Исломии Покистон Парвиз Мушарраф аз Душанбе дар аввали июни соли 2002 ба эътидол оварда шавад. Баъди боздид Ҳамоноил ба сӯи барқароршавии равобит миёни ду кишвар дар ҳамон ҳаҷме, ки онҳо дар соли 1994 расида буданд, ба мушоҳида мерасид. Умеди комилан муайяни барои ба роҳ мондани робитаҳои дарозмуддати иқтисодӣ бо Покистон ба назар мерасад».[1]

Ҷунбишҳои назаррас дар равобити дуҷониба бо ташкил додани Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Покистон дар моҳи октябри соли 2002 оид ба ҳамкории тиҷорӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ ба даст оварда шуданд. ВКХ-и Тоҷикистон дар иртибот ба ин зикр намуд, ки «Лозим аст, ки таваҷҷуҳ ба аҳамияти начандон ками дурнамои истифодабарии имконоти иқтисодии Покистон барои Тоҷикистон бо назардошти мавқеияти геостратегӣ тавъам бо нуфузи муқтадире, ки ҳам дар минтақа ва ҳам дар кулли ҷаҳони исломӣ паҳн мешавад, зоҳир карда шавад».[2]

Дар баробари ин, ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки «мавқеи Покистон аз рӯи масоили алоҳидаи минтақавӣ мушкилоти муайянеро ба миён меоварад».[3]

Дар тӯли солҳои минбаъда равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо Покистон дар сатҳи поинтар нисбат ба он, ки аз кишварҳои ҳамсояи дигари дорои имконоти зиёди робитаҳои тиҷорию иқтисодӣ ва ҳамкории фарҳангӣ

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 17.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 1999г. – Душанбе, 2000. – С.1.

умедвор шудан мумукин буд, боқӣ мемонад. Дар дараҷаи муайян ин бо мавқеи духелаи Покистон дар танзими масоили Афғонистон вобаста бошад, аз ҷониби дигар бо он, ки ҳудуди ин кишвар ҳамчун яке аз марказҳои ифротгароии мазҳабӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳон боқӣ мемонад.

Рушди равобити Тоҷикистону Ҳиндустон дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд марҳалаҳоро аз сар гузаронид, ки ҳам бо рушди дохилии кишварҳои мазкур ва ҳам бо тавсеаёбии вазъияти байналхалқӣ дар минтақа марбут буд. Сафоратхонаи Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Душанбе соли 1993 ифтитоҳ ёфт, вале дар бораи фаъолнокшавии равобити дуҷониба миёни ҳарду кишвар мумкин аст фақат аз соли 1995 сухан ронд, ки ба он боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Деҳлӣ шаҳодат медиҳад. Дар ҷараёни боздид як қатор санадҳои муҳим, аз ҷумла, Баённома дар бораи рушд ва таъмиқи муносиботи дӯстона миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Созишнома оид ба ҳавасмандкунӣ ва дифои сармоягузориҳо, ба имзо расиданд. [1]

Дар соли 1996 ВКХ Тоҷикистон таъкид намуд, ки «Ҷумҳурии Ҳиндустон дар ҷанбаи сиёсӣ, татобуқ ва қаробати мавқеъҳоро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи як қатор масоили минтақавӣ ва байналхалқӣ кашф менамояд. Дар соли 1996 Ҳиндустон ба Тоҷикистон ба маблағи 5 млн. долл. ИМА қарз ҷудо намуд». [2] Моҳи августи ҳамон сол, Ҳукумати Тоҷикистон оид ба ифтитоҳи намояндагии тиҷоратии ҷумҳурӣ дар Ҳиндустон қарор қабул намуд. [3]

---

[1] Саидов З., Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. – Душанбе, 2005. – С.409.

[2]Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 1999г. Душанбе, январь 2003. – С-17.

[3] Саидов З.Сабуров А.Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. Душанбе, 2005. – С.412.


www.ravshanfikr.tj

Дар соли 1997 «як қадар фаъолнокшавии ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳангу таҳсилот аён шуданд. Барои густурда шудани ин татбиқи амалии созишномаи миёни ҳарду кишвар дар чаҳорчӯби мубодилаи фарҳангӣ барои солҳои 1996 – 1998, ки дар доираи он ба Тоҷикистон олмиони шинохта, намояндагони системаи таҳсилоти Ҳиндустон ташриф оварданд, инчунин дар Ҳиндустон тайёрии забонию дипломатиро мутахассисон аз кишвари мо ба таври мунтазам мегузаранд, сурат гирифтанд». [1]

Ангезаи нав ба равобити Тоҷикистону Ҳиндустон дар соли 2001 сурат гирифт, замоне, ки аз 9 то 12 майи соли 2001 боздиди расмии Президент Э. Раҳмон аз Ҷумҳурии Ҳиндустон баргузор гардид. Дар ҷараёни боздид мулоқот ва гуфтушунидҳо миёни роҳбарони ҳарду давлат, Сарвазир ва Раиси палатаи болоии парламенти Ҳиндустон баргузор гардиданд. Боздид бо ба имзо расидани санадҳои ниҳоят ҷиддии ҳуқуқии зерин анҷом ёфт: Изҳороти муштараки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба усулҳои муносибот; Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба муносиботи ҳуқуқӣ аз рӯи корҳои ҷиноятӣ; Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, маводи психотропӣ ва прекурсорҳо; Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҲукуматиҶумҳури Ҳиндустон оид ба алоқаи ҳавоӣ, инчунин созишномаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории техникӣ ва тиҷорию иқтисодии дарозмуддат дар соҳаи саноат.[2]

Дар соли 2002 Ҳамоноили рушди равобити ҳарду кишвар дар соҳаи амният ва дифоъ ба мушоҳида расид:

---

[1] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 2002г. – Душанбе, январь 2003. – С-17.

[2] Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за январь 2002. – С. 15-16.

боздидҳо ва робитаҳои кории фиристодагони вазоратҳои дифоъ ва амнияти ҳарду кишвар аҳамият пайдо намуданд. Вале ВКХ-и Тоҷикистон зикр намуд, ки «Дар сатҳи корӣ ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ миёни ду кишвар, ки бояд нақши калидиро дар равобити Тоҷикистону Ҳиндустон мебозид, рушд наёфта буд. Вале ба ин нигоҳ накарда, дар охири соли 2002 дар Ню-Деҳлӣҷаласаи якуми комиссияи муштараки Тоҷикистону Ҳиндустон аз рӯи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва техникӣ баргузор гардид».[1] Дар солҳои минбаъда равобити Тоҷикистону Ҳиндустон бо устуворӣ ва тавсеаёбии шаклҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои дигар, минҷумла дар соҳаи низомию техникӣ фарқ мекарданд. Ҳамин тариқ, бо кӯмаки ҷониби Ҳиндустон таҷдиди пурраи аэродроми низомии «Айнӣ» дар канори ш. Душанбе гузаронида шуд.[2]

Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо Туркия ва кишварҳои арабӣ дар давраи солҳои 1993-2015 инчунин дар шаклҳои мухталифи муҳовараи сиёсӣ ва робитаҳои иқтисодӣ рушду нумӯ карданд.

Рушди муносибот бо кишварҳои ҷаҳони араб, асосан, ба мобайн ва охири солҳои 1990 рост меояд. Дар моҳи ноябри соли 1996 дар Москва созишнома оид ба ҳамкорӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мисри Араб дар соҳаи фарҳанг ва илм ба имзо расид. Қобили зикр аст, ки ин санад созишномаи аввалини байниҳукуматӣ мебошад, ки миёни ҳарду кишвар ба имзо расида буд. Дар соли 1996 бори аввал дар таърихи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, намояндагиҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар Аморати Муттаҳидаи Араб ва Давлати Қувайт ифтитоҳ ёфтанд. [3]

Яке аз натиҷаҳои муҳими боздиди расмии Президенти

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 18.

[2] Хамрабаева Н. Загадочный визит //Азия-Плюс, 2007. – 8 февр.

[3]Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ в 1996 г. – Душанбе, 1997. – С.10.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Арабистони Саудӣ дар соли 1997 ба Тоҷикистон додани қарзи бефоиз аз ҷониби Бонки Исломии Рушд дар ҳаҷми 16,7 млн. долл. ИМА барои рушди ҳифзи саломатӣ ва таҳсилот дар кишвар ба шумор мерафт. Ҳамон сол Тоҷикистон бо Шоҳигари Арабистони Саудӣ санади махсусро оид ба тартиби вориди ҳоҷиён – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҳаҷ ба ҷойҳои муқаддаси Ислом ба Макка сафар мекунанд, ба имзо расонид. [1]

Моҳи майи соли 1996 Фонди рушди иқтисодии Қувайт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёдгузории техникию иқтисодӣ ва ба ҷузъиёт кашидани лоиҳаи қитъаи Хостав-Шкеви роҳи автомобилии Кӯлоб-Қалъаи Хумб (қариб 500 ҳаз.долл. ИМА) грант ҷудо намуд. [2]

Дар маҷмӯъ, равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо ҷаҳони араб то соли 2005 рушди васеъро касб накард ва бо боздидҳои лаҳзаина ва саҳми хурди гардиши амвол хислат пайдо карданд.

Муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ИМА ҳамеша ҷойи махсусро дар афзалиятҳои сиёсати хориҷии ҶТ ишғол мекард. Миқёси таъсир, нақши пешбар дар системаи муносибатҳои ҷаҳонӣ, суръатҳои баланди рушди иқтисодию иҷтимоӣ – ҳамаи ин ба таври табиӣ сиёсати хориҷии ИМА-ро ба омили калидӣ барои ҳар як давлат ва умуман барои низоми байналхалқӣ табдил медиҳад. Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ дар муддати дароз ҳамчун объектҳои дуюмдараҷаи таваҷҷуҳи ИМА қарор доштанд. Аммо нисбати Тоҷикистон зикр кардан лозим аст, ки сабаби ин қисман дар воқеаҳои бавуҷудомада дар ҷумҳурӣ ниҳон аст. Фоҷеаи

---

[1] Саидов З., Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. Душанбе, 2005, с. 422.

[2]Бойгонии ҷории ВКХ. Отчет о деятельности МИД РТ за 1996 г. – С. 9.

умумимиллии ҷанги шаҳрвандӣ ба обрӯи байнлахалқии Тоҷикистон зарари ҷиддӣ расонд, раванди истиқрори онро ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ боздошт.

Тоҷикистон дар марҳалаи сохтмони баъдимоҷароии осоишта қарор дошт, қабл аз ҳама ниёз барои ба роҳ мондани ҳаёти осоишта ва берун омадан аз бӯҳрони амиқи иқтисодӣ дошт. Бо мурури пурқудрат шудани давлатдорӣ сиёсати Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ хусусияти бештар мувозиро ба худ касб кард. Хатсайри иқтисодии озод ва зарурати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди равобити тиҷоратию иқтисодӣ ва сиёсӣ бо кишварҳои Ғарб, минҷумла бо Иёлоти Муттаҳида мусоидат намуданд.

Дар давраи истиқрори равобити дуҷониба миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати ИМА 11 санад дар соҳаи тиҷорию иқтисодӣ ва 6 санад дар соҳаи ҳамкории низомию техникӣ ва дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир баста шуда буданд. Дар ҷаҳорчӯби татбиқи Созишнома оид ба мусоидат ба сароягузорӣ дар ҷумҳурӣ нӯҳ корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Амрико ва ҳашт корхонаҳое, ки пурра ба сармоягузорони амрикоӣ тааллуқ доранд, амал мекунанд.[1]

Робитаҳои иқтисодӣ миёни Тоҷикистон ва ИМА дар солҳои 1992-1993 ба татбиқшавӣ оғоз карданд. ИМА ба Тоҷикистон, ки дар ҳудуди он ҷанги шаҳрвандӣ сар зада буд, расонидани кӯмаки башардӯстонаро оғоз намуданд. Ин кӯмак мардуми зиёдро аз гуруснагӣ ва фақр наҷот дод. Дар солҳои нахустини рушди Тоҷикистони мустақил, то солҳои 1997, ИМА ҳаҷмҳои назарраси гардиши амвол бо ин кишвар доштанд. Дар маҷмӯъ чӣ суръати инкишоф ва чӣ вазни хоси тиҷорати амвол миёни ки-

---

[1]Ятимов С.С. Динамика отношений Республики Таджикистан и США //Таджикистан и современный мир. //Вестник. – 2007. – №1. – С. 22.

шварҳо ба пасту баландшавии назаррас дучор мешуданд. Вазни хоси мубодилаи амвол миёни ИМА ва Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии гардиши тиҷори хориҷии кишвар дар соли 1993г.-2,7%, дар соли 1994 – 5,7%, дар соли 1995 – 2,6%, дар соли 1997 – 0,5%, дар соли 2000– 0,1%, дар соли 2004– 3,8%, дар соли 2005 – 0,5% – ро ташкил дод.[1]

Давраи солҳои 2007-2010 барои дипломатияи тоҷик бо пешравии ҷиддӣ дар соҳаи робитаҳои байналхалқӣ бо даҳҳо кишварҳои ҷаҳон, инчунин дар кор дар ҳайъати созмонҳои байналхалқӣ ва иттиҳодияҳо хотирмон шудааст. Иқдоми ҷиддӣ дар равобити ду кишвар ба имзо расидани барномаи ҳамкорӣ миёни ВКХ ҶТ ва ВКХ Россия дар соли 2008 мебошад. Онҳо инчунин барои рушди робитаҳои иқтисодии дуҷониба бо ФР гузошта шуданд. Ба истифода додани НБО Сангтӯда-1 дар соли 2009 ҳамчун тазоҳури иродаи сиёсӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ба татбиқ расонидани ӯҳдадориҳои ба худ гирифтаи ФР мебошад. Ба анҷом расонидани сохтмони ин нерӯгоҳи барқӣ лоиҳаи аз ҳама муқтадири энергетикӣ дар фазои ИДМ мебошад.

Соли 2008 марҳалаи муҳиме дар рушди равобити тиҷоратию иқтсодии ҶТ ва Эрон гашт: созишнома дар суръат бахшидани сохтмони НБО Сангтӯда 2-и хатти баланшиддати интқиоли барқи Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон, инчунин якчанд муассисаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон ба даст оварда шуд. Моҳи марти соли 2009, ҳангоми боздиди Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон аз Теҳрон, бо ҷониби Эрон Барномаи дуҷониба оид ба ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2009-2015 ба имзо расид, ки ба ғайр аз сохтмони НБО Сангтӯда-2, ба анҷом расонидани корҳо дар нақби «Истиқлол», оғози сохтмони НБО-и Шуроб ва НБО-ҳои хурд, нақби «Чормағзак» ва як қатор лоиҳаҳои

---

[1] Умаров Х.У. Таджикистан и США: Экономические связи (состояние, проблемы, возможности) //Таджикистан и современный мир //Вестник. – 2007. – № 1. – С. 41.

дигарро пешбинӣ мекард.[1]

Дар чаҳорчӯбаи стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи МарказӣҶФ Олмон дар идомаи солҳои 2008-2010 дар татбиқ намудани лоиҳаҳо дар соҳаи волоияти қонун, таҳсилот, рушди устувори иқтисодиёт, ҳифзи сарҳадот ва мубориза бо интиқоли маводи мухаддир, инчунин энергетика ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуд. Минҷумла, Олмон барқарорсозии ОРУ-220-и НБО-и Норакро бо маблағи умумии 25 млн. евро ба анҷом расонида истодааст. Коршиносони олмонӣ лоиҳаи мустақилонаи НБО-и Зарафшонро ба анҷом расониданд ва тасдиқ намуданд, ки сохтмони НБО-и мазкур ягон таъсири манфӣ ба муҳити зист, обёрӣ ва таъмини кишварҳои ҳамсоя бо об нахоҳад дошт.[2]

8 августи соли 2008 миёни Тоҷикистон ва Фаронса созишнома оид ба сохтмони терминали нави аэропорти байналхалқии Душанбе дар давоми ду сол ба даст оварда шуд. Худи ҳамон сол Фаронса ба ҶТ ба маблағи 17 млн. евро ба мӯҳлати 35 сол қарз дод, ки аз ҷумла 25 млн. евро қарзи имтиёзнок буда, барои сохтмони терминали мазкур равона карда шуд.[3]

Самти муҳимтарин дар рушди равобити Тоҷикистону Амрико дар давраи солҳои 2007-2010 ҳамкорӣ оид ба рушди зербинои нақлиётии ҶТ буд. Чунончи, моҳи августи соли 2007 ифтитоҳи пули «Дӯстӣ» аз болои дарёи Панҷ ба вуқӯъ пайваст, ки аз ҷониби муҳандисони низомии амрикоӣ сохта шуда, Панҷи Поёнро бо Бандари Шерхон пайваст кард. Моҳи январи соли 2009 миёни ҶТ ва ИМА созишнома оид ба интиқолиборҳои ғайрини-

---

[1] Дипломатия Таджикистана вчера и сегодня. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.101-102.

[2] Дипломатия Таджикистана вчера и сегодня. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 144.

[3] Ҳамон ҷо. – С.149.



www.ravshanfikr.tj

зомии ИМА тавассути ҳудуди Тоҷикистон ба Афғонистон ба даст оварда шуд. Созишномаи мазкур интиқоли ҳафтаинаи аз 50 то 200 контейнер борҳои ғайринизомиро пешбинӣ мекард.[1]

Дар соли 2008 мубодилаи амвол миёни ҶТ ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой зиёда аз 978 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки афзудани онро нисбати соли 2007 ба ҳаҷми 170%нишон медиҳад. Ҳоло Хитой ҷойи намоёнро дар панҷгонаи шарикҳои фаъолтарини тиҷоратии ҶТ ишғол менамояд. Дар айни замон дар ҳудуди Тоҷикистон қариб 50 лоиҳаҳои якҷоя дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба татбиқ расида истодааст. Бо дастгирии Ҳукумати ҶМХ барномаҳои бузургӣ умумиллӣ, ки ба рушди иқтисодии кишвари мо равона карда шудааст, ба анҷом расида истодааст. Арзиши умумии он зиёда аз 600 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Бинобар ҳамкории муфид миёни кишварҳо, лоиҳаҳои мӯҳташами барқарорсозии роҳи мошингарди «Душанбе-Чанак», кашидани хатти интиқоли барқи «Шимол-Ҷануб» ва «Лолазор-Хатлон» ба татбиқ расид. Ҳамкории ҳарду кишвар инчунин дар соҳаҳои низомӣ, ҳифзи ҳуқуқ, фарҳанг, таҳсилот ва ғ. рушд карда истодааст. Миёни ҶТ ва ҶМХ Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Хитой оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ амал мекунад.

Соли 2011 сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар доираи сиёсати «дарҳои кушод» ва бисёрҷабҳа пеш рафт. Дар ин сол Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон 11 маротиба сафарҳои давлатӣ, расмӣ ва кориро ба 10 мамлакат анҷом дод. Сафари якум ба Ҷумҳурии Исломии Покистон аз 7 то 9-ми марти соли 2011 анҷом пазируфта, дар натиҷа изҳороти дуҷониба ва 3 созишнома дар соҳаҳои тандурустӣ, аграрӣ, варзиш ба имзо расиданд.

Аз 26 то 27 марти соли 2011 Президенти кишвар Э. Рахмон ба хотири ширкат дар ҷашни Наврузи байнал-

[1] Ҳамон ҷо. – С.161-162.

миллалӣ дар шаҳри Теҳрон қарор дошта, дар ин ҷо бо роҳбарони давлатҳои ҳавзаи Навруз мулоқот анҷом дод ва бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон М.Аҳмадинажод масъалаи ҳамкориҳо, аз ҷумла ба итмом расонидани НОБ-и Сангтуда-2, сохтмони заводи семент ва се беморхонаро арзёбӣ намуданд.

Дар ин сол сафари Президенти мамлакат Э.Рахмон ба Аврупо аз 6 то 15 июн хотирмон буд. Дар шаҳри Страссбург Э.Рахмон бо Котиби Генералии Шӯрои Аврупо Торберн Янгланд вохурӣ анҷом дод, ки дар натиҷа Конвенсияи эътирофи маълумоти олии ҶТ дар Аврупо ба имзо расида, Эъломияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Аврупо қабул карда шуд. Дар доираи ин сафар Э.Рахмон дар Брюссел ва Люксембург бо Президенти Парламенти Аврупо Ежи Бузек, бо Президенти бонки Сармоягузории Аврупо Филипп Мейштадт, баъдан бо Гертсоги Бузурги Люксембург Анри Албер Габриел ФеликсМари, Президенти Палатаи Намояндагони Люксембург Лаурен Мазар, Сарвазири Люксембург Ж.К. Юнкер мулоқот гузаронида, бо Шоҳигарии Люксембург 4 аҳднома ба имзо расонид.

Дар доираи ҳамин сафар Э.Раҳмон дар шаҳри Вена бо Президенти Ҷумҳурии Австрия Х. Фишер ва раиси парлумониАвстрия Б. Прамер мулоқоти расмӣ анҷом дод ва якчанд Созишнома дар мавриди андозбандӣ, ҳамкорӣ байни Кумитаҳои олимпии ду кишвар ва ғайра ба имзо расонид. Дар шаҳри Сант – Пёлтен Э. Раҳмон бо фаъолияти ширкати Войс Хайдро ошно гашт. Дар анҷоми ин сафар Э.Раҳмон бо ҳайати намояндагии Тоҷикистон дар Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ дар шаҳри Вена ширкат намуд.

Рӯзҳои 11-12 июн Э.Раҳмон бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Венгрия ташриф оварда, бо Президенти Венгрия Пол Шмидт вохурда, ба 5 ҳуҷҷати расмӣ доир ба ҳамкорӣ имзо гузошт.


www.ravshanfikr.tj

Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳо-аъзоёни Созмони Ҳамкории Шанхай рузҳои 14-15 июни соли 2011 дар шаҳри Остона баргузор шуда, дар он Президенти кишвар Э.Раҳмон ширкат ва суханронӣ намуд.

Сафари Президенти мамлакат Э. Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки 24-25 июни соли 2011 баргузор шуд. Дар доираи ин сафар сарвари давлат Э.Раҳмон дар конфронси байналмиллалии «Ҷаҳон алайҳи терроризм» ширкат намуд. Дар баромади хеш дар ин форуми ҷаҳонӣ сарвари давлат бори дигар мавқеи мустаҳками Тоҷикистонро бар зидди терроризм таъкид сохт.

Дар ин сол сафари расмии ПрезидентиҶТ Э. Раҳмон ба Ҷумҳурии Федералии Олмон хотирмон буд. Дар ҷараёни ин сафар Э.Раҳмон бо Президенти ҶФ Олмон Кристиан Вулф, кантслери федералӣ А.Меркел, раиси парламент ва дигар ашхоси расмӣ мулоқот гузаронид.

2 сентябри соли 2011 Президенти Федератсияи Россия Д.Медведев бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф овард, ки дар натиҷа якчанд ҳуҷҷати ҳамкорӣ ба имзо расид.

Соли 2012 барои сиёсати хориҷии Тоҷикистон соли пурсамар буд. Дар ин сол Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон ба 12 давлати ҷаҳон бо 16 сафари давлатӣ, расмӣ ва корӣ сафар кард, ки дар натиҷа даҳҳо шартномаҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла, танҳо бо Федератсияи Россия 6 Созишнома, ба имзо расиданд, ки дар таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва серҷабҳаиҶумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо қадами устувор буд.

Бо супориши Президенти мамлакат Э. Раҳмон дар соли 2013 Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон контсептсияи нави сиёсати хориҷии кишварро таҳия намуд, ки давоми сиёсати дар соли 2003 пешгирифтаи Тоҷикистон бо номи «сиёсати дарҳои кушод» муаррифӣ шуда буд. Дар ин сол муносибатҳои Тоҷикистон бо мамолики Аврупои Ғарбӣ, ИМА ва мамлакатҳои минтақаи ҷануби Осиё

таҳким ёфтанд.

Соли 2014 Президенти кишвар, Э. Раҳмон бо ду сафари корӣ ба ҶХХ, се сафари корӣ ба Федератсияи Россия, бо сафарҳои расмӣ ба Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва шоҳигарии Баҳрайн ва бо сафари давлатӣ ба Малайзия ташриф овард. Бахусус сафарҳои корӣ ба ҶХХ барои Тоҷикистон муҳим буданд, зеро дар натиҷаи ин сафарҳо ҳуҷҷатҳое ба имзо расиданд, ки вориди тақрибан 100 млрд. доллари ИМА-ро ба иқтисодиёти кишвари мо имконпазир сохтанд.

Муҳимтарин воқеаи соли 2015 дар муносибатҳои хориҷии мамлакат сафари тулонии Президенти ҷумҳурӣ Э. Раҳмон ба давлатҳои Аврупои ғарбӣ дар фароварди ин сол буд, зеро ин сафар мавқеи Тоҷикистонро дар ин минтақа хеле боло бурда, бо бисёр давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо муносибатҳо таҳким ёфтанд. Инчунин сафарҳо ба Ҷумҳурии Исломии Покистон, Туркманистон ва Алҷазоир хотирмон буданд.

Ҳамин тариқ, ҳамкории байналхалқии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои дуҷониба ва серҷониба дар низоми робитаҳои хориҷии кишвар дар давраи истиқлолият нақши муҳимро амалӣ сохт.


www.ravshanfikr.tj

# МУНДАРИҶА

***Пешгуфтор*................................................ *3***

***Тоҷикистон дар роҳи ҳифзи истиқлолият***
*(А. Ғафуров)*............................................... *7*

***Ризоияти миллӣ ва истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон*** *(Р. Абулҳаев)*....................................... ***48***

***Дигаргунсозиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)*** *(Н.Б. Ҳотамов)*. ................................................. ***127***

***Рушди фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият*** *(Н.М. Назаршоев, Р.Н. Каримова)*............................................................ ***228***

***Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ*** *(А. Шарифзода)* ....................................... ***304***

***Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он дар замони истиқлолият*** *(Қ. Хоналиев, Ш. Юсуфбеков)*....... ***341***

**Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)** (*В.В. Дубовитский)*.......................... **393**

**Мундариҷа**.................................................... **463**